Муҳтарам ҲОТАМ

ПОМИР:
ТАЪРИХИ ГУМШУДА

Помир Кремли умумиҷаҳонӣ, биҳишти Эдем, яке аз се сарзамини муқаддаси дунё ва ҷойгоҳи нузули Нахустодам аст.
Н. Фёдоров

Душанбе
«Адиб»
2018

https://bikhon.tj

ББК 63.3 (2Тоҷик) + 63, 5 (Тоҷик) +84 Тоҷик 7-5
Ҳ-83

Китоби мазкур бо дастгирии молиявии устоди арҷманд МАҲМУДҶОН ШАРИФОВ ба нашр расидааст.

Муқарриз:
номзади илмҳои таърих *Н. Давлатбеков.*

Муҳаррирон:
номзади илмҳои фалсафа *И. Саидов ва Ш. Маҳмадрасулов*

Ҳ-83 **Муҳтарам Ҳотам. «Помир: таърихи гумшуда»** *(пажӯҳиши таърихӣ)*. – Душанбе, «Адиб», 2018, 592 саҳ.

Помир сарзамини пурасрорест, ки кушодани розҳои таърихии он то кунун муяссар нагардидааст. Донишмандони зиёд аз кишварҳову замонҳои гуногун ин сарзаминро биҳишти гумшуда, сарзамини муқаддас, ҷойгоҳи нузули Нахустодам – ҳазрати Одам, Нахустмеҳани башарият донистаанд, ки ин гуфтаҳо воқеияти комил доранд. Муаллифи китоб асрори таърихии Помирро мавриди пажӯҳиш қарор дода, маводеро пешниҳод менамояд, ки то имрӯз ба илми ориёишиносӣ дастрас набуд.

ISBN 978-99947-2-515-1

© Нашриёти «Адиб», 2018

https://bikhon.tj

БАДАХШОН

Диёри домани гардуни гардон,
Диёри чашмаву руди хурӯшон,
Ҳавои кӯҳсорат атр-афшон,
Бадахшон, эй Бадахшон, эй Бадахшон!

Ту яктоӣ, дигар ҳамто надорӣ,
Беҳин парвардаи Парвардигорӣ,
Қадамҷои бузургони диёрӣ,
Барои мо биҳишти ёдгорӣ.

Ту меҳроби ҷаҳони бостонӣ,
Сарои ростини ростонӣ,
Ба роҳи Каҳкашон ту остонӣ,
Ту сарбайти суруду достонӣ.

Бувад дар доманат Маҳтобу Парвин,
Бувад ангуштарат аз лаъли рангин
Саросар кӯҳсорат қасри симин,
Ту ҳастӣ ёдгори ёди ширин.

Хаёлам меравад сӯят парафшон,
Ҳамеша, хоҳамат, бошӣ гулафшон,
Бувад дар ҷону дил меҳрат дурахшон,
Бадахшон, эй Бадахшон, эй Бадахшон!

Муҳтарам Ҳотам

https://bikhon.tj

ОРЕ, ТАЪРИХИ ГУМШУДА!

Помир ва кӯҳҳои он 10 ҳазор сол пеш назар ба ҳолати имрӯзаашон тақрибан 700-800 метр дар сатҳи пасттар (чанде ҳам ҷанубтар) воқеъ гашта буданд. Иқлимаш низ назар ба имрӯз гармтар буд. Кӯлҳояш фаровон буданду ҷараёни рудҳояш хеле ором. Дар атрофи Помир баҳре бо номи Кшарода, ё ки Лаванода (баҳри Оби шӯр) воқеъ гашта буд, ки бо баланд шудани сатҳи кӯҳҳо аз байн рафта, рудҳои Сурхобу Хингоб, Панҷу Косаруд (Гёз-дарё, дар водии Сарикӯл)-ро бар ҷой гузошт. Бо сабаби дар иҳотаи баҳр воқеъ буданаш Помир Ҷамбудвипа, яъне ҷазира ё қитъаи Ҷамбу ном дошт. Аз ҷумлаи 6 қитъа-ҷазираи дигари ориёӣ – Куша, Шака, Краунча, Шалмалӣ, Гомеда ва Пушкара ин ҷойгоҳ сарзамини муқаддас, кишвари минуӣ, маркази дунё, нофи замин дониста мешуд. Дар тасаввури мардуми он даврон роҳи Биҳишт аз болои кӯҳи Меру – кӯҳи ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ оғоз мегардид… Зимнан бояд гуфт, ки мутобиқи назари чанде олимон вожаи Помир аз номи ҳамин кӯҳ – упаМеру, (яъне паҳлуи Меру, атрофи Меру), тасмия шуда, баъдан бо ихтисори овозҳои аввалу охир (у)Памер(у) ба шакли Помир баргаштааст.

Ориёиҳои нахустин дунёро иборат з се қисмат – лока медонистаанд, ки инҳо Тирялока – Дунёи поёнӣ (соҳилҳои ҷанубии руди Панҷ – М.Ҳ.) Мадҳялока – Дунёи миёна (соҳилҳои шимолии руди Панҷ –М.Ҳ.) ва Урдҳвалока – Дунёи болоӣ (водии Фарғона ва шимоли он – М.Ҳ.) ном доштаанд. Ҷамбу ва ё Ҷамбудвипа – Помир дар қисмати Дунёи миёна мавқеият доштааст. Мувофиқи маънидоди шореҳони «Маҳабҳарата» Ҷамбу номи дарахти себе будаааст. Бояд зикр кард, ки ривояти дарахти Ҷамбу ҳамчун «Дарахти ҷаҳонӣ» (Мировое древо) ба асотири аксари халқҳои дунё аз ҳамин ҷо бунёд ёфтааст.

Мувофиқи ташреҳоти адабиёти ориёӣ Мадҳялока (дунёи миёна,) шакли мудаввар дошта, қитъаи (ҷазираи) Ҷамбудвипа (яъне Помир – М.Ҳ.) дар маркази он ба шакли доирашакл ҷойгир шудааст. Дар адабиёти мазкур омада-

https://bikhon.tj

аст, ки шакли қитъаи Ҷамбудвипа, мисли чархи гардуна, мисли гули нилуфар гирд аст, мудаввари гӯшадор аст, мисли кулчақанд аст ва ғайра. Кӯҳи Меру (кӯҳи Исмоили Сомонӣ) дар миёни он ҳамчун меҳвар қарор дорад. Ин кӯҳ дар маркази Ҷамбу воқеъ гашта, он низ мутобиқан маркази дунёро ташкил медиҳад. Меру – Сумеру, яъне Меруи неку низ ном дорад.

Ин сарзамин мулкҳоеро дар бар мегирифт, ки ба он аз самти шарқ – қаторкӯҳи кунунии Сарикӯл, аз ҷониби шимол – соҳилҳои чапи рудҳои Қизилсу (водии Алай) ва Сурхоб (водии Рашт), аз самти ғарб водии руди Хингоб (аз пайвастшавӣ бо руди Сурхоб то ноҳияи Тавилдара) ва водии руди Панҷ (аз ноҳияи Қалъаи хумб то сарчашмаи руди Вахондарё) ва дар ҷануб аз самти ғарбии қаторкӯҳи Шохдара то самти ҷанубии қаторкӯҳи Сарикӯл шомил мешуданд. Дар чанд ҷойи ин қитъа-ҷазира, масалан дар ағбаи Хобуруботи кунунӣ, роҳи хушкӣ вуҷуд дошт, ки онҳоро пули хушкӣ меномиданд.

Дар сарчашмаҳои гуногун кӯҳи Меру (Исмоили Сомонӣ) ҳамчун бузургтарин кӯҳи ҷаҳон, маркази дунё, меҳвари замин, тири замин, шоҳи кӯҳҳо, мақари эзадон, ҷойгоҳи биҳишт тасвир ёфта, ҷинсияти он аз сангу металлҳои қиматбаҳо қаламдод шудааст. Асотири ориёҳиндӣ ба ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ таъсири амиқи худро гузошт ва тавассути ойини буддоӣ ба кишварҳои дигар, аз ҷумла Тибет, Хитой, Бирма Непал, Муғулистон, Япония Қалмиқия, Якутия ва ғайра паҳн гардид. Дар миёни ин халқҳо ҷазира-қитъаи Ҷамбу ба шаклҳои Дзамбулинг, Ҷамбул, Замбу, Замбул, Замбудиб, Зобул, инчунин кӯҳи Меру ба гунаҳои Меру, Сумеру Сумер, Сумбур, Сомер, Семер ва ғайра тағйири шакл кардааст. Мутобиқи назари бисёр донишмандон Шумер низ аз шакли Сумеру (Меруи нек) тасмия гардидааст.

Дар дини бонпо Олмолунг – маркази кишвари Тоҷик, ки дар Помир воқеъ буд, сарзамини муқаддас маҳсуб мегардад. Дар динҳои ориёҳиндӣ ва буддоӣ биҳишти Браҳма ва шаҳри эзади Индра дар болои кӯҳи Меру (кӯҳи Исмоили Сомонӣ) дониста мешавад. Дар дини зардуштӣ низ биҳишт дар болои қуллаи баланди Албурз – Ҳукарё (он низ қуллаи

https://bikhon.tj

Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ.) тасвир ёфта, як нӯги пули Чинвод дар болои ин қулла ва нӯги дигараш дар болои қуллаи Арзур Грева (қуллаи ба номи Ибни Сино) гуфта шудааст.

Бояд зикр кард, ки мафҳуми сарзамини биҳиштии «шимол», «самти шимол», «кӯҳҳои шимолӣ», ки дар адабиёти халқҳои гуногун зиёд истифода бурда шуда, аз ҷониби олимон ба мавқеиятҳои гуногун, аз ҷумла ба Карони шимоли Россия ва соҳилҳои уқёнуси Яхбастаи шимолӣ айният дода мешавад, аслан ҳамин минтақаро дар назар дорад. Яъне дар сарзаминҳои ҷанубии Ҷамбу, хусусан, Бҳарата (Ишкошиму Вахон), ки дар ҷануби кӯҳи Меру воқеъ ҳастанд, асарҳои «Маҳабҳарата», «Ригведа» ва ғайра эҷод ёфта, дар онҳо ин кӯҳ ва атрофи он сарзамини биҳиштии шимол номида мешуд. Оре, шимоле, ки кӯҳи муқаддаси Меру сар ба осмон кашида, дар болои он биҳишти Браҳма ва шаҳри Индра воқеъ гаштаанд, аз ҳамин ҷо номгузорӣ гардид. Орзуи бошандагони Бҳарата он буд, ки баъди реҳлат аз дунёи равшан ин биҳишт ва ин шаҳр насибашон кунад. Қисмати шимолии Помир, самти шимолии кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки водиҳои кунунии Лахшу Олойро дорад, Аряварта ном дошт. Ҳиндуҳо ба Ҳинд муҳоҷират карда, ба ёди меҳани нахустинашон кишвари худро Бҳарата ва қисмате аз шимоли онро Аряварта номгузорӣ карданд.

Шамбала, ки тамоми олимони бахши таърихи ориёиҳои қадим дар суроғи он пажӯҳиш бурдаанд, дар қисмати шимолии руди Сита, ҳоло руди Танимас, воқеъ будааст. Достонҳои «Гурӯғлӣ»-и тоҷикӣ ба Шамбала – Чамбули Мастон бахшида шудаанд. Ҳамин тариқ, биҳиштҳои гумшудаи Олмолунг, Илаврит, Сварога, Браҳма, Индра, Эдем (Адан), Эронвиҷ (Чинводпул) дар ин минтақа татбиқ мегарданд.

Мувофиқи тазаккури аллома Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» ва навиштаҳои донишмандони дигар ориёҳиндуҳо аз ҳудудҳои Осиёи Миёна тақрибан севуним ҳазор сол пеш аз ин муҳоҷират намуда, дар ин муҳоҷираташон асарҳои «Ригведо», «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Пурон»-ҳо, «Қонунҳои Ману» ва бисёр асарҳоеро бо худ бурданд, ки таърихи эҷоди онҳо аз 3 то 8 ҳазор сол пеш тахмин гардидааст. Ҷиҳати ҳаққи меросдорӣ, агар имтиёзи ҳиндуҳо

https://bikhon.tj

дар ҳифзу нигоҳдошти ин ёдгориҳо беш бошад, имтиёзи тоҷикон дар он аст, ки асарҳои мазкур дар сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои атрофи он аз ҷониби аҷдоди муштараки ориёиҳо, аз ҷумла тоҷикон, эҷод гардидаанд. Аз ин лиҳоз дар ин асарҳо ҷуғрофиёи Осиёи Миёна, аз ҷумла сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои ҳамҷавор мавриди тасвир қарор гирифтааст. Дар ин асарҳо дар баробари тасвири манзараҳои ҷуғрофияи Осиёи Миёна, бисёр таъбиру вожаҳои тоҷикӣ вуҷуд доранд, имрӯз дар забони тоҷикӣ роиҷ ҳастанд.

«Ригведо» – риг – суруд (ҳоло дар забони тоҷикӣ ба шакли рок вуҷуд дорад), веда – дониш, чакома (ҳоло дар таркибҳои сарвода, устовад боқист) маҷмӯаи сурудҳо бахшида ба эзадон ва муқаддасоти ориёиҳои қадим мебошад. Бобҳои он «мандал», яъне доира ном доранд, ки ин вожа имрӯз дар забони мо дар шакли – манд дар таркибҳои донишманд, арҷманд боқист. Дар «Авасто» кишвари даҳум Харахвати ном дошта, баргашти Сарасвати мебошад, ки дар «Ригведо» тавсиф ёфтааст. Сома дар «Ригведо» нӯшобаи муқаддас буда, дар «Авесто» ба шакли ҳома зикр шудааст ва вожаи моҳ баргашти овозӣ ва табдили шаклии ҳамин вожа аст. Ин гуна мисолҳо зиёданд. Мутобиқи навиштаи муҳаққиқи таърихи ориёиҳо Эмомалӣ Раҳмон Ригведо дар Осиёи Миёна тадвин шудааст[1].

«Маҳабҳарата» иборат аз 18 китоб буда, аз – маҳа – бузург (ҳоло дар забони тоҷикӣ ба шакли меҳ) ва бҳарата – бархурд (бҳарата ҳоло дар забони тоҷикӣ тақрибан ба 15 маъно боқист, ки баҳор, бародар, бар, бор ва ғайра дар он шумор буда, аммо дар ин китоб ба маънои бархӯрд – пайкор омадааст) таркиб ёфтааст. Ин асар саргузашти шоҳони ориёӣ ва ҷанги бародарзодаҳо – Кавравҳо ва Пандавҳоро дар бар мегирад, ки имрӯз дар Тоҷикистон деҳаҳои Каврак ва Пандовчӣ аз номи онҳо тасмия гардидаанд. Инчунин бо номи шоҳону паҳлавони ин китоб номҳои зиёде боқист, ки Андармон, Арҷинак, Шамбарӣ ва ғайра дар он шуморанд.

«Қонунҳои Ману». Ману нахустодами ориёиҳои ҳинд до-

[1] Эмомалӣ Раҳмон, «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» саҳ. 22-34

https://bikhon.tj

ниста мешавад. Маъноияш мард буда, бо ҷонишини «ман» дар забони тоҷикӣ, ки дар нахуст он низ маънои «мард»-ро дошт, ҳаммаъност. Ману ё Манӯш аз аҷдоди Фаридун ва Манучеҳр буда, дар исмҳои Манӯшон, Манижа боқӣ мондааст. Қисмати марказии кӯҳи Тяншан дар «Ҳудуд-ул-олам», «Сурат-ул-арз» ва ғайра кӯҳи Манӯш ном дорад, ки бо номи Ману иртибот мегирад.

«Рамаяна» саргузашти Рама ва ҳамсараш Сита буда, рӯйдодҳои он низ дар ҳудудҳои Осиёи Миёна ба вуқӯъ пайвастаанд. Рама имрӯз дар шаклҳои ром, оромӣ, ромиш дар забони тоҷикӣ вуҷуд дошта, номи ҳамсараш Сита, ки маъноияш ҷӯяк мебошад, дар таркиби шудгор (ситакор – шитакор – шудгор, яъне ҷӯяккор) вуҷуд дорад. Дар ин асар ҷуғрофиёи Осиёи Миёна тасвир ёфта, яке аз муҳаққиқони рус руди Ҷахшарт (Яксарт)-ро руди асосии ин асар донистааст. Номи кишвар Сарайю, ки дар «Рамаяна» зикр гардидааст, ба қавли донишманди тоҷик Пянков ба шакли Харайва дар «Авесто» зикр шудааст.

«Шримад Бҳагаватам» «Стхананг Сутра…» ва дигар асарҳо ҷуғрофиёи кишварҳои ориёӣ, 7 кишвари ориёиҳиндӣ, аз ҷумла Помир, Фарғона ва дигар минтақаҳои ҳамҷаворашонро дар бар мегиранд.

Баъди муҳоҷирати орёҳиндуҳо ба саҳна ориёириҳо ворид мегарданд. Сарзаминҳои ориёэриҳо низ ҳафтто буданд, ки кишвари марказии он Хванирас ном дошт. Дар Хванирас (Хунирас, Эроншаҳр) кишварҳои ориёӣ-эронии ғайритуронӣ воқеъ гашта буданд, ки он аз қаторкӯҳҳои Фарғонаву Сарикӯл дар шарқ то хатти Хуҷанд – Самарқанд – Тирмиз дар ғарб ва аз руди Сир дар шимол то руди Панҷ дар ҷанубро фаро мегирифт. Помир дар Хванирас воқеъ буда, аз самти шарқияш бо Хуросон ҳамҳудуд буд. Каюмарс дар Эронвиҷ – Аряварта – водии Олой арзи ҳастӣ кард. Хванирас ва шаш кишвари атрофаш ҷойгоҳи Пешдодиёну Каёниён ва дигар сулолаҳои шоҳони эронӣ буданд. Охирин шоҳи ин минтақа Ҳумой духтари Баҳман ва набераи Исфандиёр буд. Ҷамбу баъдан ба шакли Замбул ва Зобул баргашт, ки Зобули таърихӣ ва Систон нахустин дар ҳамин ҷойгоҳ воқеъ гашта буданд. Зимнан бояд гуфт, ки соҳилҳои

https://bikhon.tj

рости руди Панҷ дар муқобили водии Фарғона ҷануб ё Нимрӯз дониста шуда, дар шумори сарзаминҳои Зол ва Рустами Дастон шомил буданд. Ошкор нашудани чунин нозукӣ нагузошт, ки ҷуғрофиёи кишварҳои ориёӣ ба таври воқеӣ шинохта шавад.

Бо муҳоҷирати ориёиҳо, баъди гузаштани ҳазорсолаҳо номҳои ин минтақаҳо дигар шуданд. Аксари ин номҳо дар Эрони кунунӣ ва минтақаҳои ҳамҷавораш номгузорӣ гардиданд. Ҷуғрофияи асливу нахустини ориёиҳо дар нахустмеҳанашон аз ёдҳо фаромӯш шуд.

Ҳоло низ бисёр олимони кишварҳои дунё бо тахмину фарзия ҷойгоҳи нахустини ориёиҳоро дар шарқи Осиёи Миёна медонанд. Мо дар китобҳои худ «Эрони гумшуда» ва «Ҳинди гумшуда» тамоми сарзаминҳои дар «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар асарҳои ориёӣ зикршударо дар мавқеияти наву аслиашон татбиқ кардаем. Дар китоби мазкур сукунати, ба истилоҳ, ориёҳиндуҳо ва ориёэрониҳо дар Помир ба таври мушаххас мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, кишварҳо, руду дарёҳо, баҳрҳои гумшуда, кӯҳҳову дигар мавзеъҳо, ки дар асарҳои «Ригведо», «Маҳабҳарата», «Пурон»-ҳо, «Рамаяна», «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва ғайра масвриди тасвир қарор ёфтаанд, дар ҳудудҳои кунунии Помир ва дар баъзе мавридҳо барои пурра намудани далелу мисолҳо дар минтақаҳои ҳамҷавори ин сарзамин айнияти воқеӣ дода шудаанд.

Масъалае, бештар дар миёни донишмандони ин бахш баҳсу андеша барангехтааст, масъалаи ба кадом даврон нисбат ёфтани сукунати онҳо дар Осиёи Миёна мебошад. Санаҳои миёна ва охири ҳазораи 2 то солшуморӣ санаест, ки аксари донишмандон онро қабул кардаанд. Вале далелҳо тақозо менамоянд, ки ин сана 8-10 ҳазор сол пеш аз ин будааст. Масалан тибқи солномаҳои «Маҳабҳарата» Варанаси, ки ба Варенаи чаҳоргӯша, зодгоҳи Фаридун (тақрибан дар наздикии Иссиқкӯли кунунии Қирғизистон) дар «Авесто» айният мегирад, ҳанӯз 12 300 сол пеш вуҷуд дошта будааст… Дар «Маҳабҳарата» тақрибан сад насли шоҳон номбар карда мешаванд, даврони умумии онҳо зи-

https://bikhon.tj

ёда аз 3 ҳазор солро ташкил медиҳад ва он ҳам то муҳоҷираташон аз сарзаминҳои Осиёи Миёна ва ғарби Хитой.

Агарчи бо гузаштани ҳазорсолаҳо иқлими Помир тағйир ёфт, баҳри атрофи он Лаванода аз байн рафт, кӯлҳои зиёде хушк шуданд, оби рӯдҳову дарёҳо коҳиш ёфт, кӯҳҳо қадре баландтар шуданд, иқлим чанде сардтар гардид, номи рудҳову кӯҳҳо ва дашту дараҳо дигар шуд, аммо ҳоло низ бисёр хусусиётеро, ки дар адабиёти ориёӣ нисбати табиату иқлими ин ҷо зикр гардидааст, пайдо кардан мумкин аст. Ин ҷониб, сарфи назар аз он ки боре ҳам ба Помир нарафтаам, дар асоси харитаву нақшаҳо татбиқ кардани айнияти кӯҳҳо ва воҳидҳои ҷуғрофии Помир бароям чандон душворӣ надошт. Аммо, ба ҳар ҳол, барои дақиқтар намудани айниятдиҳии воҳидҳои ҷуғрофии ин минтақа як пажӯҳиш ё экспедитсияи илмӣ дар маҳал зарур аст…

Азбаски дар китоб кӯшиши ба таври мушаххас ҳал намудани мушкилоти илмии татбиқи сукунатгоҳҳои ориёиҳои аввалия дар минтақаи Помир ва сарзаминҳои ҳамҷавораш бори нахуст амалӣ мешавад, ҳангоми айниятдиҳии кӯхеву руде ва ё мавзее, эҳтимол, саҳве ба амал омада бошад. Аммо, дар маҷмӯъ, муаллиф бо итминони комил хонандаашро ба сайри биҳишти гумшуда даъват менамояд.

Дар фарҷом мехоҳам ба устоди арҷманд Шарифов Маҳмудҷон, ки дар нашри китоб кӯмаки молиявӣ расонданд, сидқан изҳори сипосу ихлос намоям. Зеро дастнависи китоби мазкур чандин сол мунтазири дастгирии чунин як марди сахо буд.

Ҳамчунин ба муқарриз, номзади илмҳои таърих Ниёзбек Давлатбеков муҳаррирон – номзади илмҳои фалсафа Исматулло Саидиён, Шерзамон Маҳмадрасулов, директори матбааи «Нашри Мубориз» Аваз Камолов барои кӯмакашон дар таҳриру тасҳеҳ ва нашри ин китоб изҳори сипос менамоям.

https://bikhon.tj

ПОМИР – НАХУСТМЕҲАНИ БАШАРИЯТ

Дар илми таърих ва мардумшиносӣ истилоҳи Нахустмеҳани башарият вуҷуд дорад, ки олимон чанд минтақаи Аврупову Осиёро ба он нисбат додаанд. Қисмате аз олимони дигар онро ба нахустмеҳани ориёӣ, нахустмеҳани халқҳои славянӣ ва дигар халқҳо ҷудо кардаанд. Дар шумори сарзаминҳое, ки ба нахустмеҳани башарият нисбат дода мешаванд, истилоҳи «Помир ва атрофи он» мавқеи хоса ва ҷонибдорони зиёд дорад. Назарияи нахустмеҳани пешориёиҳои Ҳинду Ирон ва Аврупо дар ҳудудҳои Помир ва атрофи он аз миёнаҳои асри 19 шурӯъ шуда, баҳси он то имрӯз идома дорад.

Дар асри XIX олими барҷастаи соҳаи забон, профессори донишгоҳи Оксфорд Макс Мюллер дар асоси омӯзиши пешзабон, ки аз он баъдан чунин забонҳое ба мисли юнонӣ, санскрит, лотинӣ, германӣ ва дигар забонҳои қадим ба вуҷуд омадаанд, ба хулосае омад, ки халқиятҳои ориёӣ муҳоҷирати худро аз ҳудудҳои Помир дар ҳазораи II то солшуморӣ оғоз намуда будаанд. Гурӯҳе ба ғарб, ба Аврупо, гурӯҳе ба Ҳинд ва Эрон ҳаракат карданд. Тасвироти нахустмеҳани ориёиҳои дар «Ригведо», «Маҳабҳарата» ва «Авесто» ҳеҷ шубҳаеро боқӣ намегузоранд, ки ин нахустмеҳан Помир ва сарзаминҳои атрофи он будааст.

Маълумот роҷеъ ба Помир дар навиштаҷоти мисриёни қадим, ориёҳиндуҳо, ориёэрониҳо, Ҳеродот, Страбон, Плиний, Эратосфен, Диодор Ситсилийский, Птоломей, Куртсий Руф, Арриан, дар Ветхий завет, навиштаҳои сайёҳони хитоӣ, форсу араб ва бисёр олимони дигар зикр гардидааст. Дар асоси омӯзиши матнҳои гуногун, муаллифи асарҳои бисёрҷилда Карл Риттер тахмине пешниҳод намуд, ки мутобиқи он Помир на танҳо меҳани шохаи халқиятҳои ориёӣ,

https://bikhon.tj

балки тамоми башарият арзёбӣ мегардад. Дар иртибот бо далелҳои зиёд назарияи маркази ягонаи тамаддуни ҷаҳонӣ ба миён омад, ки дар нахуст хоси ориёиҳо буда, аз он ҷо ин пештамаддун мавҷосо ба тариқи доираҳои маданӣ-таърихӣ дар натиҷаи муҳоҷират ё ба тариқи ҳамҷояшавии тоифаҳо ба дигар гӯшаҳои дунё паҳн гардида, ҳар як мавҷи нав ҷои мавҷи куҳнаро ишғол менамуд.

Назарияи «тасаллути ориёӣ» аз ҷониби тамоми олимони намоёни аврупоии охири асри XIX ва оғози асри XX Потт, Лассен, Гримм, Шлейхер, Моммсен ва дигарон гарм истиқбол гирифта шуд, аммо пас аз он ки фашистони Германия онро ҳамчун силоҳи ҳадафҳои идеологии худ қарор доданд, муддати тӯлонӣ дар бораи он хомӯширо авло донистанд ва ё зери қалами танқид гирифтанд.

Солҳои сиюм экспедитсияҳои немисҳо ба Помир ташкил карда шуд, ки дар баробари омӯзиши олами ҳайвоноту наботот, худи мардуми Помир низ мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтмони ҷисми онҳо ҷиҳати дар Германия ба вуҷуд овардани насли ориёиҳои асил мавриди омӯзишу андозагирӣ қарор гирифт, зеро онҳо чунин мешумориданд, ки сифатҳои беҳтарини бузургӣ ва шарофати инсонии тамоми башарият маҳз ба ориёиҳо, ҳиндуаврупоиҳо вобаста мебошад. Чунин экспедитсияҳо ба Помир ва Тибет пай дар пай то соли 1943 идома доштанд. Онҳо ба Мюнхен барои «таҳқиқоти илмӣ» аспҳои «ориёӣ» ва замбӯрҳои асалеро оварданд, ки гӯё асалҳои «ориёӣ» ҷамъ мекардаанд. Мурофиаи Нюрнберг фаъолияти ҷиноятқоронаи фашистонро маҳкум намуд. Дар баробари ин рамзи свастика, ки онҳо дар ҷараёни экспедитсияҳояшон аз Помиру Тибет оварда буданд, манъ карда шуд. Свастикаи эзадӣ, ки дар ин гӯшаҳо аз давраи неолит арзи ҳастӣ намуда, ба тамои дунё паҳн гардида буд, сиёҳ карда шуд. Ҳамин тариқ, муқаддасоту маданияти ориёӣ солиёни дароз ба дасти фаромӯшӣ супурда шуд.

https://bikhon.tj

Иоанн Горненский мегӯяд, ки «Боми дунё», ки Помирро чунин ҳам ном мебаранд, бисёр асрори ниҳон дорад, ки ҳанӯз дар замони мо низ кушода нашудаанд. Зеро Помир ва Ҳимолой имрӯз низ барои муҳаққиқон дастнорас мебошанд. Муаллифи асар муътақид аст, ки Помир нахустмеҳани куҳани ориёиҳо буда, онҳо аз ин ҷо ба бисёр кишварҳои дигар муҳоҷират кардаанд.[1] Антропологи (мардумшинос) машҳури фаронсавӣ Катрефаж гаҳвораи башариятро дар фалоти баланди Помир донистааст.

Яке аз олимони шинохта В.М. Флоринский гуфтааст, ки ҳама дастовардҳои фарҳангӣ, ҳама арзишҳои моддиву маънавии аҳолии қадим маҳсули дастранҷи мустақилонаи худи онҳо набуда, аз нахустмарказе, ки барои тамоми башарият умумӣ буд, гирифта шудаанд. Аз ҳамин маркази тамаддун якчоя бо муҳоҷирати халқҳо санъати эҷоди ашёи гуногун, ҳамчунин андешаҳо, донишҳо, завқу одоти мардум паҳн гардид. Ин муҳаққиқ ба натиҷае расидааст, нахустмеҳани башарият, ҳадди ақал, гурӯҳи ориёӣ – халқҳои сокини байни рудҳои Сирдарё ва Омударё, кӯҳдоманҳои Помир ва Тяншан будаанд. Дар ҳамин ҷойгоҳ ҷудошавии нажоди ягона ба ду гурӯҳ: ғарбиву шарқӣ ба амал омад. Ориёиҳои ғарбӣ ба ҳавзаи баҳри Миёназамин рафта, дар он ҷо маданияти қадимаро бунёдгузорӣ намуданд. Тоифаҳои шарқии ориёӣ, ки бо номҳои скифҳо ё сарматҳо машҳур буданд, дар Сибири ҷанубӣ маскун гардида, «шоҳигарии қӯрғонӣ»-и қадимро ба вуҷуд оварданд. Ин аҳолӣ, ба ақидаи ӯ, аҷдоди халқи рус буданд. Дар асрҳои нахустини солшуморӣ аҳолии славянӣ (ориёиҳои шимолӣ, скифҳо, хуннҳо) дар сароғи заминҳои беҳтар ба ҳудудҳои кунунии аврупоии Россия кӯчиданд ва ҷойҳои холишудаи онҳоро қабилаҳои туркиву муғулӣ ишғол намуданд.

[1] Иоанн Горненский «Тайны Памира», Издательство: Вече, 2002.

https://bikhon.tj

Пажӯҳишҳои олимон собит менамояд, ки тамоми минтақаҳои кунунии Тоҷикистон, водии Фарғона, қисмати ғарбии Хитой ва дигар минтақаҳои ҳамҷавор нахустмеҳани ориёҳои аввалия будааст, ки тақрибан дар оғози ҳазорсолаи II қабл аз солшуморӣ бо сабабҳои гуногун қисмате аз онҳо ба сӯи Ҳинд ва кисмати дигаре ба сӯи минтақаҳои шимолӣ, шимолу ғарби Осиё ва қораи Аврупо муҳоҷират намуданд. Пайдоиши вожаи «ҳиндуаврупоӣ» аслан ба ҳамин давраи муҳоҷират иртибот мегирад. Баъди чанд садсолаи дигар аз ин минтақаҳое, ки зикраш рафт, акнун дар замони, ба истилоҳ, «Авесто»-ӣ дуввумбора муҳоҷирати бузурге ба амал омад. Ин дафъа низ қисмате аз ориёиҳо ба сӯи минтақаҳое, ки қаблан зикр шуд, муҳоҷир шуданд, вале қисмати асосии ориёиҳо ба сӯи сарзаминҳои кунунии Ирону Афғонистон, Туркманистон, Қафқоз ва ғайра кӯч бастанд. Бо вуҷуди ин қисмате аз ориёҳо дар ҳамон нахустмеҳани худ боқӣ монданд, ки имрӯз тоҷик ном доранд…

Тавре дида мешавад, дар қиссаву асотир ва китобҳои аксари халқҳои дунё маҳалҳое тасвир карда мешаванд, ки сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои атрофи он, аз ҷумла Помир, дар назар дошта шудааст. Яъне бо итминон метавон гуфт, ки ин халқҳо сарзаминҳои мазкурро аз ёддошти он аҷдодашон ҳифз намудаанд, ки дар бомдоди таърих дар нахустмеҳани худ сукунат доштаанд. Тавре маълум аст, халқҳо аз нахустмеҳани худ муҳоҷират намуда, дар меҳани баъдиашон номҳои маҳал, кӯҳу дарё, кӯлҳову даштҳои он нахустмеҳанро дубора номгузорӣ мекарданд.

Муҳаққиқи таърих ва ҷуғрофияи халқҳои Осиёи Миёна М.В. Лавров низ роҷеъ ба пайдоиш, мавқеият ва нахустмеҳани ориёиҳо навиштааст: «Тибқи маълумоти қадими ведоӣ ва ориёӣ ҳамаи халқҳо аз Помир баромадаанд. Як шохаи халқҳое, ки аз Помир пайдо шудаанд, – ин халқҳои Аврупо мебошанд. Шохаи дуввуми халқҳо ҳиндуҳо, шохаи саввум – эрониҳо ва шохаи чаҳорум – тоҷикон

https://bikhon.tj

мебошанд».[1] «Тоҷикон сокинони бумии ин сарзамин (яъне Осиёи Миёна – М.Ҳ.) қобили таваҷҷуҳи хоса ҳастанд. Онҳо ба гурӯҳи эрониён тааллуқ доранд ва тибқи маълумотҳо дар ин ҷойҳо нахустин шуда, аз кӯҳҳои Помир фуруд омада, муқим шуда буданд ва забони онҳо забони муқаддаси «Авесто» буд. Аз рӯи чеҳра тоҷикон ориёии асиланд».[2] Роҷеъ ба чунин умумияти пайдоиши ориёиҳо дар китоби «История таджикского народа» омадааст: «… дар давраи муайяни таърихӣ аҷдоди эрониҳои қадим ва ҳиндуҳои қадим ягона буда, ҳамчунин дар яке аз минтақа зиндагӣ мекарданд, бо як забон гап мезаданд ва як тоифаи ҳиндуавропоиро (ё ки ориёиро) ташкил медоданд. Ба ақидаи аксари олимон дар ҳудудҳои ҳазораҳои III-II ё дар нимаи аввали ҳазораи II то солшуморӣ дар миёни онҳо ҷудоӣ ба амал омадааст… Ҳам забонҳои эронӣ, ҳам забонҳои ориёҳиндӣ шохаҳои оилаи забонҳои бузурги ҳиндуаврупоӣ ба шумор мераванд, ки ба он оила забонҳои славянӣ, германӣ, романӣ, келтӣ, юнонӣ арманӣ ва дигар забонҳо шомил мебошанд. Дар замонҳои қадим аз умумияти ҳиндуавропоии аҷдоди ҳалқҳое, ки ҳоло ба забонҳои гуногуни ҳиндуаврупоӣ гап мезананд, нахустмеҳани умумиву ягона доштанд».[3]

Помир ё кӯҳҳои баланд, ки дар он ҷо қад афрохтаанд, мисли Меру, Алборҷӣ (Элбруси Гургонӣ), Hara Barjat ё Hala (бо модӣ) Barjat, Aryaratu (Арарат), Pere des pays, «падари кишвар ва замин» ном доштаанд. Дар асотири скандинавӣ Асгард ва Идавёлл дар маркази Замин дониста мешаванд. Мексикоиҳои қадим чунин мешумориданд, ки гаҳвораи башарият дар шимоли дуродур, дар болои кӯҳҳои бисёрбаланди абрнок, ки эзади Тлалок иқомат дорад, воқеъ гаштааст.

Дар мавридҳо зикр шуда, ки қабл аз муҳоҷират садҳо тираву табори, ба истилоҳ ориёӣ, бо номҳои гуногун вуҷуд до-

[1] Лавров М.В. «Туркистан, География и История края». М. 1914, с. 25.
[2] Ҳамон ҷо, с. 121.
[3] Коллектив. «История Таджикского народа», ч. 1, с. 181.

https://bikhon.tj

штанд, ки онҳо дар ҳамин ҳафт хиттаи калон сокин гашта буданд. Ҳар яке аз ин хиттаҳо (ҷазираҳо) дар навбати худ ба чандин ҷазираҳои хурд тақсим мешуданд. Дар даврaҳои гуногуни таърих сокинони қисмати зиёди аз ин кишварҳо (ҷазираҳо) бо номи мулки худ дар саросари ҷаҳони ҳамонвақта маълум ном бароварда будаанд. Муайян намудани мавқеияти дақиқи ҷуғрофии ҳар як аз ин двипаҳо бисёр печидагиҳои таърихи тоҷикон ва умуман ориёиҳоро мекушояд.

Олим ва файласуфи намоёни рус Николай Федорович Федоров (1829-1903) нахустмеҳани башарият ва оромгоҳи Нахустпадар (Ҳазрати Одам)-ро дар Помир медонист. Вай Помирро нахустмеҳани башарият ва тамоми халқҳо, инчунин ҷойгоҳи муқаддас эълон намуда буд. Лев Толстой ифтихор дошт, ки «дар як замон бо чунин шахс зиндагӣ мекард». Ф.М. Достоевский афкори ӯро «ҳамчун аз они худӣ мехонд». Файласуф Соловёв, М.Горкий, Тсиолковский ӯро бо суханҳои нек ёдоварӣ намудаанд. Федоров таълим медод, ки падару модар сабабгори асосии зиндагии кас ба шумор мераванд ва ҳар шахс дар навбати худ сабабгори ҳастии насли оянда мегардад. Дониши нахустини башарият ҳамин аст. Ҳар як шахс бояд бо ёрии Худованд худро комил созад, насли худ, аҷдоди худ, хонаводаи худро бояд шиносад ва эҳтиром кунад, – мегуфт ӯ. «Зинда гардонидани падарҳо ва бобоён» – ин суханҳо дар навиштаҳои Федоров зиёд вомехӯранд. Зинда гардонидан, эҳё намудани бобоён, яъне номҳои онҳоро аз фаромӯшӣ раҳо додан аст. Ана ҳамин аст, дарки аслии дунё. Тамои башарият барои Федоров як хонаводаи бузург аст, ки онҳоро аҷдоди муштарак ва тақдиру қисмати ягона ба ҳам пайванд кардааст. Халқ ҳам шахсият ба шумор меравад, аммо бузург, дастаҷамъӣ ва талаботи халқ низ мисли талаботи шахс аст, зеро мустақилияи худро собит намуда, мутассилӣ, идоматдиҳии шахси наздик – падар, бобо, бобокалонро, ки маҳз дар ҳамин гӯшаи замин бо ҳодисаҳои хоси табиӣ, тарзи хоси забонӣ, равонӣ, воситаи

https://bikhon.tj

фикр кардан ва дарк кардани ҷаҳони ягона зиндагӣ ба сар бурдааст, собит кардан аст, – изҳор доштааст Федоров.

Барои Федоров пул ва сарватпарастӣ бегона буд. Фикрҳои ӯ дар бораи динҳо низ аҷибанд. «Боварӣ ба Худои тамоми падарҳо. Худои Одам ва ҳама нахустпадарҳо дини асосӣ ба шумор меравад. Дигар ҳамааш хиёнат ба Худо ва нахустпадари худ аст», – гуфтааст ӯ.

Номи ин одамро муддатҳои тӯлонӣ пардаи ниҳонӣ ва хомушӣ пӯшонда буд. Вай шинохтатарин, дӯстдоштатарин ва дар баробари ин шахсияти пурасрори Москваи охири асри 19 буд. Николай Николаевич Федоров – файласуфи рус дорои қисмати аҷибе буд. Олиме буд, ки нахустин шуда изҳор намуд, ки Помир нахустмеҳани башарият мебошад ва ҳамаи халқҳо бояд барои ҳадафҳои умумӣ муттаҳид шаванд, – гуфтааст яке аз муҳаққиқон Николай Захарчев.

Нахустмеҳани башарият ҳамчун хатти сурхи яке аз асарҳои фалсафии ӯ «Фалсафаи кори умумӣ»-ро ташкил додааст. Федоров ду маркази тамаддуни ҷаҳонӣ – маркази Кайҳонии ҷаҳон – ин кӯҳи Меру ва меҳвари сайёраи Замин – Помирро шинохтааст. Ин олими рус дар фалсафаи ҷаҳонӣ нахустин шуда, назареро пешниҳод намуд, ки мутобиқи он маркази Руҳонии ҷаҳон Помир мебошад. Помир, мутобиқи ҷаҳонбинии ин файласуф, ин биҳишти собиқ (гумшуда – М.Ҳ.), (Боғи Эдем), (Адан – М.Ҳ.) мебошад. Помир Эдем (Адан, Адн, Ирам – М.Ҳ.) ва Ноди (аз Ленорман), яъне биҳишт ва кишвари рондашудагон, меҳан (гаҳвора) ва оромгоҳи Нахустпадар аст. Помир намунаи Кремлҳо (аз қадимтарини онҳо Бобулӣ, Ошурӣ, Модӣ – Форсӣ то навтарин-нашон) ва Мутлақият аст, – гуфтааст ӯ. Вай Помирро ҳамчун гаҳвораи башарият дониста, дар ин мавзӯъ ба баъзе маълумотҳои илмии замони худ такя кардааст.

Мутобиқи ривоятҳои қадим Нӯҳ ҳангоми тӯфони бузург турбати Ҳазрати Одамро ба ин ҷо оварда будааст. Аз назари ин олим маҳз дар ҳамин ҷо, дар Помир, гузаштагони фаромӯшшудаи халқиятҳои ориёӣ ва ғайриориёӣ дар хок

https://bikhon.tj

хуфтаанд. Масъалаи таҳқиқоти Помир бо мақсади ҷустуҷӯи «нахустмеҳани башарият» аз ҷониби Н.Ф. Федоров дар анҷумани Х ҳафриётшиносӣ дар Рига соли 1896 пеш гузошта шуда буд.

Таърихи сакралии Помирро ҳамчун яке аз нуқтаҳои барномарезишудаи кайҳонӣ, ки дар он ҷо маркази гумшудаи таърих ва пештаърихи бисёрқутбаи башарият ҷойгоҳи нав пайдо кардааст, таҳлил намуда, Федоров гуфтааст: «Асоси таърихи умумихалқии Помирро худи забонҳое ташкил медиҳанд, ки бо он забонҳо халқҳое ҳарф мезанад, ки баромади худро фаромӯш карда, аммо ривоятҳоеро ки мансубияти қавмии худро дар бораи ҷойҳое, ки аҷдоди онҳо зиндагӣ кардаву аз олам гузаштаанд, ҳифз кардаанд». Маркази тамоми «оромгоҳи аҷдодон», яъне ҷойҳои аз ҳама сакралии бо хотираҳои наслҳо алоқаманд худи Помир ба шумор меравад. Дар бораи Помир сухан гуфта, Н.Ф.Федоров гузориши ҳиндуаврупоии халқҳои Аврупоро таъкид намуда, ҷойгоҳи баромади онҳоро ба таври мушаххас таъйин кардааст: «Помир ва атрофи он».

Дар бораи нақши Помир дар таърихи умумибашарӣ сухан гуфта, файласуф Федоров таъкид менамуд, ки ба тамоми ҷангҳо дар атрофи Помир хотима дода шавад, то ки оромгоҳи аҷдоди башарият нороҳат нашавад. Тирамоҳи соли 1899 Федорови 70-сола ҳамроҳ бо шогирдаш Петерсон ба Помир, ба зиёрати оромгоҳи Нахустпадар (Ҳазрати Одам – М. Ҳ) ба сафар мебарояд. Вай дар Помир мактуби машҳури худро ба В. Кожевников навишта, дар он суроғаи худро «дар доманаи Парапомиз, дар сарҳади миёни Ирон ва Турон» ишора мекунад.

Н. Федоров ҳанӯз сад сол пеш сарҳади воқеии миёни Эрону Туронро дар қисмати шарқии Помир муайян карда буд. Ӯ яке аз нахустинҳо буд, ки вожаи Помирро аз кӯҳи Меруи (Упамеру) адабиёти ориёҳиндӣ ташреҳ намуд. Ӯ буд, ки Помирро дар баробари Фаластин ва Византия (Рум) ҳам-

https://bikhon.tj

чун яке аз се ҷойгоҳи муқаддаси дунё муаррифӣ кард ва Кремли ҷаҳон номид.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки мутобиқи назарияи ностратикии пешзабон макрооилаи забонҳои халқҳои Авросиё ва Африка, ки баъдан, дар оғози асри XX пешниҳод гардида, дар асарҳои олими Шӯравӣ В.М. Иллич-Свитич ба назарияи илмии муътамад табдил ёфт, меҳани пешзабони халқҳои Авроосиё ва Африка маҳз дар ҳамин ноҳияи Осиё таъин гардидааст.

БИҲИШТИ ГУМШУДА

Биҳишт гум шуд, чор дарё муаммост:
охир биҳишт куҷост?
Аммо ин савол бидуни посух аст.
Деличи калонӣ

Ориёиҳо бе асоси воқеӣ ва далелҳои дар маврид вуҷуддоштаи заминиву кайҳонӣ ватани худро биҳишт ва маркази дунё гуфта наметавонистанд. Дар «Авесто» аз дигар сарзаминҳо беҳтар дониста шудани Ориёно низ бар он чи дар ин маврид гуфта шуд, асос ёфтааст. Назари биҳишт дониста шудани мавқеияти сарзаминҳои ривоятии Олмолинг, Шамбала, Арйаварта, Илаврит ва Эронвиҷ дар баъзе адабиёти асрҳои баъдӣ дер боз боқӣ мондааст. Масалан, Ибни Батутта гуфтааст, ки: «Аз паҳлӯи Хоразм яке аз чаҳор руде, ки аз биҳишт сарчашма мегиранд – руди Ҷайҳун ҷорист». Ин чаҳор руди бузург – Сирдарё, Амударё, Торум ва Синд аз ҳудудҳои ҳамҷавор сарчашма мегиранд ва кишварҳое, ки мо дар бораашон суҳбат кардем, низ дар ҳамин минтақа ҷой доштаанд. Дар «Библия» дар бораи боғи биҳишт ва яке аз чаҳор руди он – Ҷайҳун омадааст: «Ва худованд Худо боғе дар Адан ба тарафи Машриқ шинонд; ва он Одамро, ки сиришта буд, дар он ҷо гузошт. Ва наҳре аз Адан берун

https://bikhon.tj

меомад... Ва аз он ҷо ба чаҳор шохоб тақсим мешуд... Ва номи наҳри дуюм Ҷайҳун аст».[1] Адан ҳамчун биҳишт дар адабиёти меросии тоҷику форс зиёд мавриди ёдоварӣ ва тавсиф қарор гирифтааст, ки ин як байти Хоҷа Ҳофиз мисолест аз он:

Биҳишти Адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пои хумат яксар ба ҳавзи Кавсар андозем.

Тавре дар бобе аз ин китоб зикр шудааст, Ямани аслӣ ва Адан дар нахуст дар қисматҳои шарқии Помир воқеъ будаанд.

Дар анъанаи адабиёти шарқ руди Сайҳун – Сирдарё низ яке аз чаҳор дарёи биҳиштӣ ном бурда шудааст. Масалан, Фазлуллоҳ Рӯзбеҳони Хинҷӣ (Исфаҳонӣ) дар «Меҳмонхонаи Бухоро» ном асараш роҷеъ ба Сирдарё чунин гуфтааст: «Ва наҳри Сайҳун аз анҳори арбаани (чоргонаи) олам аст, ки дар баъзе аҳодис марвист, (ривоят шудааст, ки) аз биҳишт меояд. Ва манбаи зулоли эшон хоки анбарсиришти ҷовидон аст. Ва он наҳрро дар забони аҳли он билод Оби Хуҷанд гӯянд».

Тавре тахмин меравад, чанде аз рӯйдодҳои «Библия» ва «Қуръон» шарқи Осиёи Миёна ва атрофи он ба амал омада будаанд. Аз ҷумла, мавқеияти кӯҳи Қоф (ҳоло Тяншан – М.Ҳ.), шабеҳияти рӯйдодҳо дар нисбати ҳазрати Нӯҳ дар «Библия» ва «Қуръон»ғрор бо Ману зикр кардан мумкин аст.

Омӯзишу пажӯҳиши бисёр адабиёт далолат бар он менамоянд, ки Боғи Ирам, Биҳишти Адан (Адн) ва биҳишти ривоятии адабиёти халқҳои Аврупо Адам (Эдем) айниятиҳамдигаранд. Дар «Ғиёс-ул-луғот» ҷазираи Адан дар Яман дониста шудааст. Аммо дар баъзе адабиёт боғи Аданро низ бо ҷазираи Саранделп яке гуфтаанд. Ишораи «тарафи Машриқ» дар «Библия» ва таҳлили чандин хусусиёти дигар

[1] «Библия», нашри тоҷикӣ., Стокголм, 1992, с. 17.

https://bikhon.tj

адабиётҳо далолат бар он менамоянд, ки он мавқеияте дар назар дошта шудааст, ки бо мавқеияти мавриди таҳқиқи мо қароріёфта айният дорад. Далели дигар он аст, ки Ямани аслӣ нахуст дар водии Сарикӯл воқеъ гашта буд.

Ҷангҳои миёни бародарон Салм, Тур ва Эраҷ ба он хотир буд, ки ин минтақаи биҳиштӣ ба Эраҷ писари хурдии Фаридун бахш гардид. Афросиёб низ Кангдижи машҳурашро ба ҳамин хотир дар ин минтақа – самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл сохта буд. Баъди шикаст хӯрдан дар ҷанг бо Кай Хусрав ӯ бояд ба самти Хутан ба дарунтари кишвари худ фирор мекард, вале ба хотири пайдо намудани роҳи биҳишт ба ҳудудҳои сарзаминҳои эронӣ – ба соҳили кӯли Чайчаст (Қаракӯл – М.Ҳ.) омада, дастгир ва кушта мешавад. Кай Хусрав низ дар ҳамин минтақа дар барф рафта нопадид гардид. Сом писари навзодаш Золро на ба хотири нобуд кардан ба кӯҳи Албурз (кӯҳи Ҳинд) – ба ин минтақа оварда танҳову бекас мегузорад, балки умедвор аст, ки дар ин минтақаи биҳиштӣ ба ӯ кӯмак мерасад. Симурғи ба кӯмаки ӯ расидаро донишманди эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ Мурғи оҳанин – киштии сайёравӣ гуфтааст.

Дар достони «Хирадномаи Искандарӣ»-и А. Ҷомӣ омадааст, ки Искандар ба мамлакате мерасад, ки дар он на шоҳ буду на гадо, ҳама мардумаш серу пур ва шоду хандон. Оё Ҷомӣ дар ин достон ба ҳамон биҳишти ривоятӣ ишора накардааст? Муҳаққиқини Юнони Қадим навиштаанд, ки Искандари Мақдунӣ орзу дошт, ки он биҳиштро дарёбад. Ӯ ба ин ҳадаф ба сӯи кишварҳои Шарқ лашкар кашид. Ба қавли муҳаққиқи таърихи номҳои тоифаҳо ва кишварҳо Р.А. Агеева (1990) аврупоиён дар даврони асримиёнагӣ биҳишти рӯи замин Эдем (Адан)-ро дар ҳудудҳои шарқии Осиё тахмин менамуданд. Дар Юнони қадим бовар доштанд, ки биҳишт дар яке аз қуллаҳои баланди Осиёи Шарқӣ ҷой гирифтааст. Ба қавли муаллифи мазкур роҳиби асримиёнагӣ Меффрет изҳор доштааст, ки Василии валӣ ва Амврасии

https://bikhon.tj

валӣ ба ӯ ваҳйе оварданд, ки тибқи он биҳишт дар яке аз қуллаҳои баланди кӯҳҳои Осиёи Шарқӣ вуҷуд дорад. Дар яке аз дастнависҳои маҳфуз дар Осорхонаи Британиё гуфта шудааст, ки тӯфон (обхезӣ) аз он рӯ ба ин биҳишт беасар монд, ки вай дар миёни замину осмон дар фосилаи 40 сажени баҳрӣ болотар аз қуллаи баландтарини кӯҳҳо қарор дорад. Дар «Авесто» низ омадааст, ки биҳишт дар яке аз қуллаҳои кӯҳи ҳампаҳлӯи баландтарин қуллаи кӯҳи Ҳара Баразайт – Ҳукар (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ) ҷой дорад. Шаҳри ҷовидонон Амарватӣ низ, ки дар адабиёти ориёҳиндӣ тасвир ёфтааст, дар болои ҳамин қулла воқеъ гашта будааст. Қиссаи машҳури «Қишлоқи тиллоӣ», ки онро Мирсаид Миршакар ба назм даровардааст, аз сарзамини зебову обод, мардуми хушбахт ва биҳишти рӯи замин дар минтақаи мазкур нақл мекунад...

Дар асотири келтӣ, ирландӣ ин кишварҳо бо сифатҳои кишвари занҳо (муқоиса шавад бо Ҳаруми Фирдавсӣ, Аримази Аррион) Аввалон (abal – ирландӣ – себ, муқоиса шавад бо себ аз «Қишлоқи тиллоӣ») ёд шудааст. «Кӯҳи яхбаста»[1], кишвари дарёҳои шир ва соҳилҳои шарбатӣ, «Кишвари Хуршед» (аз Ф. Бэкон), «Замини муқаддас» (Епископ Холл), «Дарё-река» (А.Н. Пыпин) – ин сифатҳоенд, ки ба сифатҳои дар адабиёти ориёӣ тасвирёфта шабеҳият ёфтаанд. Дар эҷодиёти шифоҳии славянҳои шарқӣ кишвари устуравие бо номи Вырий ё Ирий ном бурда мешавад. Дар китоби «Этимологический словарь словянских языков» ин вожа ба маънои аігіа «кишвари ориёҳо» омадааст.[2] Ба қавли Агеева Б.А. Успенский ин вожаро ҳамгунаи вожаи «рай» – «биҳишт» донистааст.[3] Дар миёни осетинҳо кишвари ривоятие бо номи «Ир» ва «Эрон» вуҷуд дорад. Дар асотири славянӣ низ кишвари афсонавие бо номи Беловоде (Сафедоб)

[1] Мартон, 1956, с.18.
[2] Этимологический словарь словянских языков», т. 2, с. 138.
[3] Агеева Б.А. 1982, с.144.

https://bikhon.tj

вуҷуд дорад, ки он низ мисли Шамбала кишвари як замоне гӯё воқеъӣ будааст.

Шамбала, Тула (Фула), Ҷазираи Сафед, Агарти ва дигар сарзаминҳои ривоятӣ ба хонандаи аврупоӣ кайҳо боз маълум аст. Аммо ҳарчанд ки аксари ин ривоятҳо баромади ориёӣ (ориёҳиндӣ ва ориёэронӣ) дошта бошанд ҳам, хонандаи тоҷик аз онҳо камтар огоҳӣ дорад. Барои хонандаи рус ва аврупоӣ чунин хизматро қабл аз ҳама Е. Блаватская ва Н. Рерих ба ҷой оварда буданд. Дар Аврупо Шамбала бо лақабҳои «Кишвари абадзиндаҳо», «Шоҳигарии муғҳо», «Кишвари устодони бузург», «Маркази ниҳонии дунё», «Маҳзари тамаддуни кайҳонӣ», «Мероси тамаддуни гумшуда», «Шарнири замон», «Кишвари бузурги бародарии Сафед», «Ҷойгоҳи равшанӣ – биҳишти гумшуда дар замин» «Дунёи камолот ва орзуҳои башарӣ» ва ғайра ном бурда мешавад. Тибетшиносони машҳур чунин мешуморанд, ки Шамбала кишвари воқеӣ буда, дар шимол ва ё шимолу ғарби Ҳиндустон воқеъ гаштааст. Н. Рерих, олими италиявӣ Ҷ. Туччи, онро дар назди дарёи Торим – шимоли биёбони Такла-макон, Хитой, Астеин дар назди Кайлас – Тибети ғарбӣ тахмин намудаанд. Соли 1627 сайёҳони иезуитӣ Стефан Каселла ва Ҷон Кабрал ҳангоми сафарашон ба Бутан дар барои мавҷудияти Шамбала, ки дар шимоли Ҳинд воқеъ буда, бо кишвари дигар SOC (Татаристон) ҳамсарҳад будааст, шунидаанд.[1]

Биҳишти заминии Хитой на танҳо ҳамчун маркази Замин тасвир мегардад, балки ҳамчун қасри зериосмонии Шан-ди дониста мешавад. Ин қаср, тавре тасвир мешавад, дар зери ситораи Қутбӣ ҷойгир буда, баъзан қасри Марказӣ низ номбар мегардад. Бисёр эҳтимол аст, ки номи таърихии «шоҳигарии миёна» дар нахуст муқаддас буда, аз он вилояти миёнае ёдоварӣ менамуд, ки аккадиҳо Аккад, ҳиндуҳо Илаврит, эрониҳо Хванирас, норвегиҳо Идавёлл меноми-

[1] Рерих Ю.Н. «Калачакра.

https://bikhon.tj

данд. Тамоми халқҳо анъанаи марбут ба биҳишт, бо ҷойгоҳи саодати азалӣ, ҷойгоҳи бегуноҳӣ ва ҳаловати вуҷуд дорад». Дар Хитой чунин ҷойгоҳ Кун-лун ном дорад, ки он низ дар Қутби шимол гуфта шудааст.

Мувофиқи навиштаҷоти Курма Пурана як вақтҳо дар Баҳри шимолӣ, ки соҳилҳояш ба ҳудудҳои Тибет мерасидаанд, ҷазирае вуҷуд дошт, ки «Швета-двипа» ва ё «Ҷазираи Сафед» номида мешуд ва дар он ҷазира ҷовидонон зиндагӣ мекарданд. Ба гуфтаи ин манбаъ дунёи ҷисмонии ҷовидонон бо маҳзари эзадон пайвастагӣ дошт ва сокинони он дар ду олам зиндагӣ мекарданд: яке дунёи воқеии моддӣ ва дигаре – дунёи руҳонӣ. Мабнӣ бар ривоёти тибетӣ Ҷазираи Сафед ягона ҷоест, ки тақдири дигар двипаҳоро аз сар намегузаронад; вайро на бо об, на бо оташ нобуд карда намешавад, зеро вай Замини Ҷовидон аст.

Баъзе муҳаққиқин, аз ҷумла, В.В. Соболев Шветадвипаро ба Эронвиҷ айни ҳам донистаанд, ки ба воқеият баробар намеояд.[1] Плинийи калонӣ – (асри 1 то солшуморӣ) низ дар бораи гипербореиҳо, ки дар ҷангалу марғзорҳо сукунат дошта, бо меваи дарахтон рӯз мегузарондаанд, нақл менамояд. Вай тасдиқ менамояд, ки «меҳвари дунё» дар кишвари онҳост ва дар он ҷо офтоб дар як сол танҳо як бор ғуруб менамояд. Баъзе муҳаққиқин[2] Ориёноро низ кишвари гиперборей номида, Ҷамшед ва кишвари ӯро ба Гиперборея айният додаанд. Воқеан ҳам тамоми тасвирот дар бораи гипербореиҳо ба тасвирот дар бораи Ҷамшед, ки дар «Авесто» ва «Шоҳнома» зикр гардидаанд, ба ҳам мувофиқат менамоянд. Фарғона ва Ориёнои таърихӣ низ дар шумори сарзаминҳои Ҷамшед будаанд ва аз ин рӯ, имкон дошт, ки қиссаи марбут ба даврони серу пур ва «падару писари дар намуд ҳар ду ҳаждаҳсола» дар замони ӯ бештар ба сокинони Шветадвипа тааллуқ дошта бошад.

[1] «Тайна легендарной Гипербореи».
[2] мас. А. Дугин «Коловрат как символ Полюса».

https://bikhon.tj

Дар миёни осетиҳо кишвари ривоятие бо номи «Ир» ва «Эрон» вуҷуд дорад. Баъзе олимон, ҳарчанд онро бо Эрон ва Ориёно марбут намедонанд, аммо як худи номи он «Ир» бешубҳа ба ориёӣ будани он далолат мекунад.

Кэппен тасдиқ менамояд, ки «ҳар як маъбади буддоӣ тақассуми Меру ё ҳудудҳои эзадӣ ва осмони эзадҳо, қудсиён ва буддоҳо дар болои он мебошад». Лилли мегӯяд: «Сенздаҳ қабати пирамидавӣ дар қуллаи ҳар як маъбади Непал нишонии сенздаҳ осмони абадии Амитабҳи мебошад».

Аз матнҳои «RecordsofthePast»[1] дида мешавад, ки мисриёни қадим анъанае доштанд, ки тибқи он маъбадҳошонро ҳамчун рамзи иқоматгоҳи эзадон бунёд мекарданд. Шоҳони Ошур ва Бобул, ки шоҳони Форс ва Мод ба онҳо пайравӣ мекарданд, Эдемро ҳамин гуна барқарор мекарданд. Чаҳорбоғҳое, ки шоҳони Форс перомуни қасрҳои худ меоростанд, шабеҳат аз биҳиште доштанд, ки дар Hara Berezaiti (Ҳара Баразаитӣ – Албурз – кӯҳи Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ) воқеъ гашта буданд.

Бояд гуфт, ки ҷойгоҳи биҳишт, нофи замин, маркази замин ва дунё ҳама аз адабиёти ведоӣ сарчашма гирифтааст, ки аксаран он кӯҳи болои Меру ва Албурз дониста мешаванд. Дар ин маврид Ф. Ленорман мегӯяд: «Мисли кӯҳи Меру кӯҳи Ҳара Баразайт низ қутб аст, маркази ҷаҳон аст, нуқтаи ғайримутаҳаррик аст, ки дар атрофаш офтоб ва сайёраҳо давр мезананд. Мисли руди Ганги браҳманҳо Ардви Сура, ки сарчашмаи осмонӣ дорад, модари ҳамаи рудҳои заминист, сарчашмаи ҳама хайру эҳсон аст. Дар миёни кӯли (баҳри Ворукаш–М.Ҳ.) обаш муқаддас дарахти ягонаи муъҷиз, мисли Ҷамбуи асотири ҳиндуҳо, ё ду дарахте мисли дарахтони мутобиқи дарахтони Ган Эдени «Инҷил» рӯидааст. Ин боғи Аҳуро Маздост, мисли боғи Браҳма дар болои Меруст. Аз он ҷо обҳо ба чаҳор самти дунё бо чаҳор ҷара-

[1] «RecordsofthePast» т. X, с. 50.

https://bikhon.tj

ёни бузург ҷорӣ мегарданд: он чаҳор рудро чаҳор аспе, ки гардунаи эзадбонуи рудҳои муқаддас Ардви Сура Аноҳиторо ба гардиш медароранд, дар худ мармуз гардондаанд. Ин чаҳор асп чаҳор ҳаюнеро, ки тибқи асотири ҳиндуӣ дар сарчашмаи рудҳои биҳиштӣ қарор доранд, ба ёд меоваранд».

Ленорман, ки биҳишти азаливу воқеии ҳиндуҳоро, агарчи берун аз қутб тасаввур мекард, бо вуҷуди он навишта буд, ки «дар ҳама қиссаҳои Ҳинд ҷойгоҳи пайдоиши инсон, иқоматгоҳи эзадон, сутуни миёни замину осмон кӯҳи Меру дониста мешавад…» Карл Риттер баландиҳои муқаддасро дар Осиёи Марказӣ дониста, гуфтааст, ки «Қутб, ва ё вилояти он Меру мебошад» ва «Меру – ин боғи Дарахти Ҳаёт аст». «Дарахти Ҳаёт дар «миёни боғ» як ҷо бо Дарахти Дарки Хайру Шар (Бытие,2:9) мерӯяд, он гуна ки Дарахти Ҷамбу дар қуллаи кӯҳи Меру қад кашидааст. Руде, ки дар Эдем ҷорист, боғро шодоб гардонда, баъд ба чаҳор шохоб ҷудо мешавад (Бытие, 2:10)». Бисёр олимон собит намудаанд, хусусиёти асосии тасвироти кӯҳи Меру дар Пуронҳо бо топографияи Эдем дар китоби Бытие мувофиқат менамояд. Боғи Эдем, Боғи Худо[1] ба боғи эзадони ҳиндӣ шабеҳият дорад. Тибқи маълумот дар бораи рудҳои биҳиштӣ ва ҷарёани онҳо зоҳир мегардад, ки биҳиштро мо дар куҷо бояд суроғ кунем: дар Карони Шимол, мегӯяд Фр. Шпигель.

Бисёр муҳаққиқон дар бораи айнияти Эдем (Ирам) бо Помир изҳори назар карда буданд. Н. Фёдоров зиёда аз сад сол пеш гуфта буд, ки «Агар нишебии Ғарбии Помир ҷойгоҳи Эдем, Oudyana, Абуматути бошад, пас нишебии Шарқии он замини Нод, яъне сарзамини мусофират, раҳгумӣ ва саргардонӣ мебошад, ки дар он ҷо нахустин писари роҳгум шаҳри нахустин Энох ё Ганох, Хутанро бунёд намуд». Ленорман навиштааст, ки «Хонанда, бешубҳа, мисли муҳаққиқони нахустини адабиёти санскрит аз шабеҳияти наздики – мо ҳатто метавонем гӯем, ки – айнияти пурраи

[1] Китоби паёмбар Иезекил, 28:13.

https://bikhon.tj

ҳама хусусиёти асосии тасвироти кӯҳи Меру дар Пуронҳо бо топографияи Эдем (Адан – М.Ҳ.) дар Бытие (Ҳастӣ) моту мабҳут хоҳад шуд. Боғи Эдем, боғи Худованд (Китоби паёмбар Иезекил, 28:13), ки фариштаи херувим онро нигоҳбонӣ мекунад, мисли боғи фароғати худоёни Ҳиндӣ дар болои қуллаи кӯҳ, кӯҳи муқаддаси Худо, ки бо сангҳои қиматбаҳо муҷалло мебошад, ҷой гирифтааст (Китоби паёмбар Иезекил, 28:14).

ЧАҲОР ДАРЁ

Дар «Библия» (2:8, нашри тоҷикӣ, Стокголм, 1992, с. 17.) дар боби офариниши боғи Эдем (Ирам, Адан) зикр шудааст, ки: «Ва худованд Худо боғе дар Адан ба тарафи Машриқ шинонд; ва он Одамро, ки сиришта буд, дар он ҷо гузошт. Ва наҳре аз Адан берун меомад... Ва аз он ҷо ба чаҳор шохоб тақсим мешуд... Ва номи наҳри дуюм Ҷайҳун аст».[1] Дар бандҳои 10-14 ин китоб омадааст, ки аз Эдем дарёе барои обёрии биҳишт баромада, ба чор шоха тақсим мешавад, ки яке Фисон, дигаре Гиҳон, сеюмӣ Хиддекел, чорум – Фурот номида мешаванд. Чанде аз олимон чаҳор руди аз биҳишт сарчашмагирифтаро – Ганг, Даҷла, Фурот ва Нил донистаанд, ки ин рудҳо шохобҳои як руд буда, гӯё тамоми заминро фаро гирифта будаанд. Вале ин айниятдиҳӣ на аз ҷониби ҳамаи олимон мавриди таъйид қарор нагирифтааст. Муҳаққиқон зикр кардаанд, ки Фуроти кунунӣ ҳеҷ гоҳ он руде набудааст, ки аз «Эдем» ҷорӣ шуда биҳиштро обёрӣ мекардааст.

Воқеан ҳангоми таҳлили хусусиёти хосашон ин чаҳор дарё дарёҳои дар Инҷил зикргардида буда наметавонанд. Масалан яке аз муҳаққиқон Обри дар асараш «Гаҳвораи башарият» зикр мекунад, ки Фурот ё Евфрат дар аҳди қадим номи як ё ду руди Форс (хонда шавад Осиёи Миёна – М.Ҳ.) буда-

[1] «Библия», нашри тоҷикӣ, Стокголм, 1992, с. 17.

https://bikhon.tj

аст. Дар замони Плинний яке аз онҳо Офрадус ном доштааст. Ленорман мегӯяд, ки Фуроти дар «Хурд-Авесто» зикршуда бо руди Ҳилманди Форс айният мегирад. Мутобиқи (Grill. Die Erzvater der Menschheit. Bd. I. P. 239, 242) низ бисёр эҳтимол аст, ки Фуроти Байнанаҳрайн номи худро аз номи руди пешине гирифтааст, ки дар дунёи то замони Тӯфон дар кадом ҷои дигар вуҷуд дошта будааст. Чунин будани воқеияти ҳолро олимони гуногун қотеъона таъйид менамоянд. Тибқи назари мо (ниг. М. Ҳотам «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012) Фурот ва Даҷла ду шохоби Сирдарё будаанд.

Дар иқтибоси болоӣ аз «Библия» дар бораи боғи биҳишт яке аз чаҳор руди он – Ҷайҳун гуфта шудааст. Шояд ин ҳамон руди Гиҳон аст, ки тарҷумон онро воқеан дуруст Ҷайҳун тарҷума кардааст. Дар баъзе адабиёт маънои Ҷайҳун, ки вожаи арабист, руди биҳиштӣ гуфта шудааст. Шояд дар он даврон ҷойгоҳи биҳишти гумшуда, ки Ҷайҳун аз он ҷо сарчашма мегирифт, маълум буд? Назари аз биҳишт сарчашма гирифтани рудҳои Ҷайҳун (Ому) ва Сайҳун (Сир) дар адабиёти меросӣ низ ба назар расидааст. Масалан Ибни Батутта гуфтааст, ки: «Аз паҳлӯи Хоразм яке аз чаҳор руде, ки аз биҳишт сарчашма мегиранд – руди Ҷайҳун ҷорист». Дар анъанаи адабиёти шарқ руди Сайҳун – Сирдарё низ яке аз чаҳор дарёи биҳиштӣ ном бурда шудааст. Масалан, Фазлуллоҳ Рӯзбеҳони Хинҷӣ (Исфаҳонӣ) дар «Меҳмонхонаи Бухоро» ном асараш роҷеъ ба Сирдарё чунин гуфтааст: «Ва наҳри Сайҳун аз анҳори арбаои (чоргонаи) олам аст, ки дар баъзе аҳодис марвист, (ривоят шудааст, ки) аз биҳишт меояд. Ва манбаи зулоли эшон хоки анбарсиришти ҷовидон аст. Ва он наҳрро дар забони аҳли он билод Оби Хуҷанд гӯянд». Маълум, ки чанд шохоби Сайҳун низ аз наздики минтақаи Помиру Олой сарчашма мегиранд.

Вале бояд гуфт, ки анъанаи чаҳор руди биҳиштӣ, низ аз адабиёти ориёҳиндӣ сарчашма мегирад. Дар номаҳои Ҳинди бостон гуфта мешавад, ки руди Ганг ба болои кӯҳи Меру

https://bikhon.tj

фуруд меояд. Дар «Бҳагавата-пурана» дар бораи пайдоиши Ганг нақл шудааст, ки мутобиқи он ин руд аз осмон ба ҷойгоҳи (биҳишти) Браҳма, ки дар болои кӯҳи Меру воқеъ мебошад, ҷараён мегирад. Аз он ҷо ба Илаврита-варша, маркази Ҷамбудвипа, ба болои кӯҳи Меру фуруд омада, ба чор шохоб – Сита, Алакананда, Чакшу (Вакшу) ва Бҳадра тақсим мешавад, ки он чор шохоб аз чор нишебии кӯҳи Меру ба чор самт ҷорӣ мегарданд.

Мутобиқи тасвироти ин адабиёт Сита аз Бҳадрашварша ҷараён гирифта ба уқёнуси Шӯр дар шарқ ҳамроҳ мешавад. Руди Вакшу аз Кетумала-варша ҷараён мегирад ва дар ғарб ба уқёнус мерезад. Бҳадра дар шимол, Алакананда аз миёни кӯҳҳои зиёде, аз ҷумла Ҳемекута ва Ҳимакута гузашта, аз Бҳаратаварша ҷорӣ гардида, дар ҷануб ба уқёнус мерезанд.

Тавре маълум аст, аз чор самти кӯҳи ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ, ки дар замони ориёҳиндуҳо Меру номида мешуд, якчанд руд ҷорӣ гардида, ба рудҳои Вахшу Панҷ омезиш меёбанд. Аз ҷониби шарқӣ руди Танимас, аз ҷануб Ғунд аз ғарб Хингоб ва аз шимол руди Сурхоб сарчашма гирифта ба сӯи ғарб ҷорӣ мегардад. Руди Сита яке аз рудҳои ривоятиест, ки мутобиқи навиштаҳои аксари олимони муҳаққиқи ин бахш кишвари ривоятӣ Шамбала дар самти шимолии он воқеъ будааст.

Ҳамин тариқ ба Сита руди кунунии Танимас, ба шохаи дуввуми Ганг, ки Вакшу номида мешавад, Хингоб, ба руди Бҳадра яке аз шохобҳои болооби руди Вахш – Муксу ва руди Ғунди ба Алакананда кунунӣ айният мегиранд. Дар «Матсяпурана» гуфта мешавад, ки руди Ганг дар Ҷамбудвипа ҳафт ё ҳашт шохоб иборат будааст, ки воқеан аз атрофи кӯҳи Меру – Исмоили Сомонӣ тақрибан ҳамин қадар руд ҷорӣ мегардад. Ана ҳамин чор руд, чор дарёст, ки дар ҷойгоҳи биҳишти гумшуда ҷорӣ гардида, дар миёни олимони замонҳо ва кишварҳои гуногун баҳсҳоеро барангехтааст…

https://bikhon.tj

«РИГВЕДО» ВА «АВЕСТО»

Осори ведоӣ («Ригведо», «Маҳабҳарата» ва ғайра) ва паҳлавӣ («Авесто», «Бундаҳишн», «Ёдгори Зарирон» ва ғайра) дар шумораи қадимтарин ва бузургтарин ёдгориҳои таърихи башарӣ қарор дошта, эҷоди онҳо ба тоифаҳои нажоди ориёӣ мансубият дорад. «Маҳабҳарата» аз 18 (19) китоб иборат буда, масалан, тарҷумаи инглисии он 7500 саҳифаро ташкил додааст. «Ригведо» ва дигар осори ведоӣ низ чандин китобро дар бар гирифтаанд. «Авесто» низ аз 21 китоб иборат будааст, вале мутаассифона, аз чаҳор се ҳиссаи он бар асари ҳаводиси таърих аз байн рафтааст. Аммо осори зиёди дигари паҳлавӣ ба дастрас қарор дорад, ки гувоҳи бузургии ҳаҷму мазмуни осори ориёист. Ҳар ду ин осор, ҳам ба далолати мазмуни матнҳои худи онҳо ва ҳам ба таъйиди аксарияти кулли донишмандон ва муҳаққиқини таърихи ориёиҳо, бешубҳа эҷоди ориёиҳои аввалия ва аз як решаву бун дониста шудаанд. Танҳо мавқеияти ҷуғрофӣ ва воқеияти замонии пешазориёҳиндӣ ва пешазориёэронӣ (ҳамчунин пешазориёаврупоӣ низ, вале ба назар мерасад, ки истилоҳи ориёӣ-тоҷикӣ ва ё пешазооориётоҷикӣ бештар фарогири ҳадаф хоҳад буд) дар тайи солиёни дароз қобили баҳси олимони зиёде аз кишварҳои гуногун будааст.

Таъйиноти бисёр нуктаҳои ведоӣ ва авестоӣ нишон медиҳад, ки протооориёиҳои пешориёиҳо) ҳиндуэронӣ ва аврупоӣ аз сарзаминҳои Осиёи Миёна ба сӯи мавқеиятҳои кунуниашон муҳоҷират намуда, мавқеияти аслии сарзамини нахустинро дар тӯли садсолаҳои зиёд аз ёдҳо бурдаанд. Ҳамчунин адабиёти ведоӣ, аз ҷумла «Маҳабҳарата» ва адабиёти паҳлавӣ, аз ҷумла «Авесто» дар ҳамин ҷойгоҳ эҷод ёфта, дар шакли шифоҳӣ яке ҳамроҳ бо ориёиҳои ҳиндӣ ба Ҳинд ва дигаре ҳамроҳ бо ориёиҳои эронӣ ба Эрон (шартан) кӯч намудаанд. Азбаски ориёиҳо ба қудрату тавоноии давлатҳои баъдиашон, ки макони зисти доимиашон ба шу-

https://bikhon.tj

мор мерафт, ниёз доштанд, маҷбур буданд ба адабиёти шифоҳии ҳамроҳ овардаашон бо назардошти шароит ва ҷуғрофиёи баъдӣ тағйиротҳое ворид намоянд. Чунин тағйирот ва иловаҳо дар ду шакл зуҳур намуд. Аввал ба кӯҳу дарё, маҳалу мавқеъҳои ватани баъдиашон он номҳоеро номгузорӣ кардаанд, ки дар нахустмеҳанашон вуҷуд дошт. Дуввум, ба кадом тақозое номҳои нав ва ё вуҷуддоштаи кӯҳу дарё ва маҳалу мавзеъҳои ватани пасинашонро бо баъзе номҳои дар адабиёти ведоӣ ва «Авесто»-ӣ вуҷуддошта иваз намуданд. Ҳам дар «Маҳабҳарата» ва ҳам дар «Авесто» шакли дуввум бештар муассир гардид. Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳарчанд хеле кам бошад ҳам, номҳо, ҳодисаву воқеаҳо ва дигар хусусияти нахустмеҳани фароориёӣ дар адабиёти ведоӣ ва «Авесто»-ӣ то ҷое боқӣ мондаанд. Баъзе номҳову лаҳзаҳо ва хусусиёт дар ин ду адабиёт ба ҳеҷ ваҷҳ ба сарзаминҳои кунунии, ба истилоҳ, ватани пасини ориёиҳо, мувофиқат намекунанд ва онҳоро дар мавзеъу маҳали нахустинашон бояд суроғ намуд.

То кунун дар илми ориёшиносӣ чунин назарияҳои мавқеъияти ҷуғрофии нахустмеҳани Ориёиҳо вуҷуд дорад:

1. Шимоли Осиёи Миёна ва Қазоқистон.
2. Ҷанубу ғарби Осиёи Миёна ва хоса Хоразм.
3. Қафқоз.
4. Шимоли Ҳинд.
5. Минтақаи Урал.
6. Минтақаҳои Балху Хуросон.
7. Минтақаи бархӯрди сарҳадҳои Эрону Афғонистон ва Покистон.
8. Минтақаи Помиру Фарғона (ё Помиру Ҳиндукуш ва ё Помиру атрофи он).

Азбаски дар тамоми ин минтақаҳо ориёиҳо дар замонҳои пешу пас сукунат доштанд, аз худ нишонаҳои ҳафриётӣ ва топо-гидро-этнонимӣ боқӣ гузоштаанд. Аз ин лиҳоз тарафдорони ҳар як аз ин назарияҳо бар дифои назари худ да-

https://bikhon.tj

лелу бурҳони муътамаде дар даст доранд. Вале тавре таҳлилу таҳқиқи бисёр хусусиёти осори фарориёӣ нишон медиҳад, қисми зиёди мавқеияти ҷуғрофии ин назарияҳо мавқеияти сукунати ориёиҳо баъди аз ватани аслӣ муҳоҷират намудани онҳост.

Дар натиҷаи чандин сабабҳои сунъӣ эҷодшуда дар тайи даҳсолаҳои гузашта мавқеияти нахустини ориёиҳо ба ҳудудҳои аз мавқеиятҳои аслӣ хеле дур кашонда шуд. Ин назария то кунун, аз ҷумла дар миёни олимони тоҷик ҳам тарафдор дорад. Албатта, як чиз мусаллам аст, ки сарзамини ориёиҳо дар дашту дара ва ё водии танге мавқеият надошта, сарзаминҳои зиёдеро дар бар мегирифт. Вале барои пайдо намудани баъзе хусусияти хоси он мавқеиятҳо аксар вақт ба дашту дара ва кӯҳу дарёе рӯ овардан лозим мешавад.

Назарияе, ки сол то сол тақвият, тарафдорон ва далелҳои фаровон пайдо мекунад, ин назарияи Помиру Фарғона (ё Помиру атрофи он) мебошад. Олимон К. Риттер, М. Милер, С.Нафисӣ, М. Муъин, Пури Довуд, Аҳмадали Кӯҳзод, М. Рашшод, Стеблин-Каменский, Ҷаводпур, Х. Давлатназар ва дигарон ин назарияро ҷонибдорӣ намудаанд. Аммо назари аксари ин муҳаққиқин умумӣ буда, дар шинохти ҷуғрофиёи ин маҳалҳо мушаххас набудааст. Мо дар ин чанд суҳбате, ки доир хоҳем намуд, бештар бо такя ба номҳои маҳалоти манотиқи мазкур ва дар муқоиса бо адабиёти ведоиву «Авесто»-ӣ сухан хоҳем гуфт.

Дар адабиёти ведоӣ дар баробари чанд кӯҳу дарё ва бештар аз дигар номҳо номи Меру ҳамчун кӯҳ ва маҳал истифода шудааст. Дар қиссаву ривоятҳои аксари халқҳои дунё маҳалли нуфузи Ҳазрати Одам, кӯҳҳои баланди шимолии Ҳинд тазаккур ёфтааст. Муаррихи охири асри 8 ва аввали асри 9 Ҳишам ибни Муҳаммад ал-Қалби он маҳалро кӯҳи Навзи кишвари Ҳинд гуфтааст. Баъзе муҳақиқини дигар махали кӯҳҳои Помиру Ҳиндукушро (ба истилоҳ – Қафқози Ҳинд) маҳалли зуҳури нажоди ориё гуфтаанд. Ҳам

https://bikhon.tj

дар адабиёти ведоӣ, ҳам дар «Авесто» ҳамчунин аз кӯҳҳои баландтарине сухан меравад, ки аз шонаи онҳо офтоб мебарояд. Аз ин рӯ маҳалли ривоятии кишвари ориёиҳоро дар самти шимолу ғарби кӯҳҳои Помиру Ҳимолой бояд суроғ намуд. Назарияи суроғи мавқеияти ҷуғрофии фарооориёиҳои Ҳинду Эрон ва Аврупо дар ҳудудҳои Помир ва атрофи он аз миёнаҳои асри 19 шурӯъ шуда, то имрӯз тарафдорони зиёде пайдо намудааст. Олим – ҷуғрофидони бузурги немиси нимаи дуввуми асри 19 Карл Риттер яке аз аввалинҳост, ки мавқеияти нахустмеҳани ориёиҳоро дар «қисмати марказии Осиёи Боло, дар сарчашмаҳои дарёҳои Оксус (Вахш) ва Яксарт (Сирдарё) – дар маҳалҳои Помир, Белур, Тибети Ғарбӣ» ва водиҳои ҳамҷавори онҳо донистааст. «Дар он ҷо», – гуфтааст ӯ, – «мо бояд нахустмеҳани аҷдодии халқиятҳои қадимии эронӣ ва ҳамчунин ҳиндиро» – ҳам арийҳо ва ҳам айриҳоро, суроғ намоем, ки бо зандӣ Эярине ва бо санскритӣ Айрия ном дошт.[1] Ин назарияи К. Риттер баъдан аз чониби Н.В. Ханыков, А.Б. Крымский, А. Шишов, А.Н. Семенов, В.В. Бартолд ҷонибдорӣ ва тавсиъа ёфт. Профессори Университети Оксфорд Макс Миллер низ яке аз он нахустин муҳаққиқин аст, ки дар охири асри XX назарияи «помирӣ»-и нахустмеҳани ориёҳоро тақвият додааст. Ба ақидаи ӯ ориёиҳо сараввал дар кӯҳдоманҳои Помир сукунат доштанд ва дар асри ХУ пеш аз солшуморӣ аз он ҷо ба муҳоҷират рӯ оварданд. Муҳоҷирати онҳо дар ду шоха ба вуқӯъ пайваст. Як шоха ба сӯи Ҳинд ва шохаи дигар ба сӯи Аврупо рӯ овард. Баъди ин муҳоҷирати бузург дар асри ХIУ то солшуморӣ муҳоҷирати қисмати дигари ориёиҳо ба Эрон сурат гирифт.[2] Роҷеъ ба чунин умумияти пайдоиши ориёиҳо дар китоби «История таджикского народа» омадааст: «… дар давраи муайяни таърихӣ аҷдоди эрониҳои қадим ва ҳиндуҳои қадим ягона буда, ҳамчунин дар яке аз минтақа

[1] Карл Риттер, саҳ. 45.
[2] Карл Риттер саҳ. 14.

https://bikhon.tj

зиндагӣ мекарданд, бо як забон гап мезаданд ва як тоифаи ҳиндуавропоиро (ё ки ориёиро) ташкил медоданд. Ба ақидаи аксари олимон дар ҳудудҳои ҳазораҳои III-II ё дар нимаи аввали ҳазораи II то солшуморӣ дар миёни онҳо ҷудоӣ ба амал омадааст… Ҳам забонҳои эронӣ, ҳам забонҳои ориёҳиндӣ шохаҳои оилаи забонҳои бузурги ҳиндуаврупоӣ ба шумор мераванд, ки ба он оила забонҳои славянӣ, германӣ, романӣ, кельтӣ, юнонӣ арманӣ ва дигар забонҳо шомил мебошанд. Дар замонҳои қадим аз умумияти ҳиндуавропоии аҷдоди ҳалқҳое, ки ҳоло ба забонҳои гуногуни ҳиндуаврупоӣ гап мезананд, нахустмеҳани умумиву ягона доштанд».[1]

Донишманди шаҳири эронӣ Саид Нафисӣ дар суҳбатҳои расмӣ ҳамеша ёдовар мешуд, ки Тоҷикистон ватани аҷдоди эрониён аст. Муҳаммади Ҷаводпур низ перомуни ин мавзӯъ таҳқиқоте ба амал оварда навиштааст: «Асри ведоӣ даврест, ки ориёиҳои ҳиндӣ ва эронӣ ба ҳам мезистанд ва ё тоза аз ҳам ҷудо шуда буданд».[2] Муҳаққиқи афғон Аҳмадалии Кӯҳзод навиштааст, ки «Ориёвиҷа» дар доманаҳои шимолу Ғарбии Помир ва ҳавзаи Омударё аст.[3] Эдуард Браун аз қавли Гиппарт гуфтааст, ки «Эронвиҷ дар ноҳияи Помир аст».[4] А. Кӯҳзод дар асоси омӯзиши адабиёти ведоӣ маскани нахустини ориёиҳоро Бадахшони улё (боло) донистааст. Муҳаққиқ ва мураттиби «Ригведо» Т. Елизаренко тахмин мекунад, ки дар нимаҳои ҳазорсолаи II то солшуморӣ ба шимолу ҷануби Ҳинд, ба ноҳияи кунунии Панҷоб аз самти ғарб, ба воситаи ағбаи Ҳиндукуш қабилаҳои ҷанговаре, ки худро ориёиҳо (агуа) меномиданд, муҳоҷир гаштанд…[5] Ганҷинаи асосии ин қабилаҳо сурудҳое буданд, ки асоси

[1] Коллектив. «История Таджикского народа», саҳ. 181.
[2] Ҷаводпур М., «Маҷмӯаи иттилоот дар бораи Ирон ва ирониён» Теҳрон, 1318, саҳ. 27.
[3] «Ориёно», маҷалла. Кобул, савр, 1318.
[4] Браун Э. «Таърихи адабиёти Ирон» Теҳрон Т. 1335 ҷ. 1 с. 41.
[5] «Ригведо» – великое начало индийской литературы и культуры М. 1989.

https://bikhon.tj

таҷаммӯъи ояндаи «Ригведо»-ро ташкил доданд.[1] Ба қавли ин муҳаққиқ дар «Ригведо» ва «Авесто» бисёр лаҳзаҳое тасвир шудаанд, ки ба ҳамдигар хеле мушобеҳанд. Муаллифи мазкур ба тақвияти назари муҳаққиқин М. Мойрхофер, И.М. Дяков, Т. Барроу ва дигарон овардааст, ки қабилаҳои ориёӣ қабл аз вориди Ҳинд шудан дар сарзаминҳои Осиёи Миёна – қад-қади Амударё ва Сирдарё ба пайваст то баҳри Арал ва Хазар иқомат доштаанд. Аз ҳамин мавқеият муҳоҷират ба амал омада, як гурӯҳи онҳо нахуст ба Афғонистон ва баъдан ба Ҳинд ворид гардидаанд.[2] Ҷавоҳирлаъл Неҳру низ дар асари «Номаҳои падар ба духтар» дар мавзӯъи мазкур фикрҳои ҷолибе пешниҳод намудааст. Ҳарчанд ҷуғрофиёи пешниҳодкардаи ӯ хеле васеъ буда, қисман маҳали сукунати баъдимуҳоҷиратии ориёҳоро низ дар бар мегирад, аммо нахустмеҳани ориёиҳо низ дар ин минтақа шомил аст.

Яке аз муҳаққиқони таърихи ориёиҳои ҳиндуэронӣ И.В. Пянков роҷеъ ба иқомати якҷоя ва муҳоҷирати ориёиҳо таҳқиқоти ҷолибе ба амал овардааст. Ӯ тазаккур додааст, ки хешигарии миёни забонҳои қабилаҳои ориёӣ нишонаи он аст, ки онҳо замоне ба як забон ҳарф мезадаанд. Ва эътирофи ин фикр ба чунин натиҷа мерасонад, ки онҳо замоне ба як гурӯҳи қавмӣ мансуб будаанд. Аҷдоди умумии пешориёҳиндуҳо ва пешориёэрониҳо худро ориёӣ меномидаанд.[3] Ба қавли ин донишманд ин қабилаҳо дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II то солшуморӣ дар хатти васеи даштҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон иқомат доштанд.[4] Тарафдорони назарияи мавқеияти нахустини ориёиҳо дар кисмати шарқии Осиёи Миёна ва муайянтар – сарчашмаҳои дарёҳои Панҷ, Вахш ва Сирдарё, ё ба истилоҳ Помир ва

[1] «Ригведо» – великое начало индийской литературы и культуры М. 1989. саҳ. 426.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 429.
[3] «Мероси ниёгон», маҷалла, 1995-2.
[4] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

атрофи он зиёданд ва бо ин мавқеияти ишғолкарда ва далелу бурҳон аз муқобилони худ – тарафдорони назарияи ғарби Эрон ва ё ҷануби Афғонистон бартарӣ ба даст овардаанд.

Вале бештар аз ҳама маҳали нахустмеҳани ориёиҳоро дар адабиёти ведоӣ (аз ҷумла «Маҳабҳарата» ва «Ригведо») ва адабиёти паҳлавӣ («Авесто», «Бундаҳишн» ва ғ.) ва муқоисаи ҳар ду ин бахш саҳеҳ таъин кардан муяссар аст.

Ҳарчанд аксарияти ҷанбаҳои мазҳабии адабиёти ориёҳиндӣ ва «Авесто» дар тавофут қарор доранд, аммо дар ҳарду ин асар нишонаҳои умумии ориёии асотирӣ ва маҳалу мавзеъҳоро пайдо кардан мумкин аст. И.В. Пянков гуфтааст, ки қабл аз он ки ориёиҳои ҳиндӣ ба Ҳинд рӯ оранд, миёни онҳо ва ҳамқабилаҳояшон ҷудоӣ ва ба кисматҳо порашавӣ ба амал омадааст. Олимон замони «Маҳабҳарата» ва дигар адабиёти ведоиро аз нимаҳои ҳазораи III то шурӯъи ҳазораи II (п. аз солшуморӣ) ва «Авесто»-ро аз охири ҳазораи II то асри VI (п. аз солшуморӣ) тахмин кардаанд. Яъне фосилаи ин ду давра тақрибан ҳазор солро ташкил медиҳад. Сабаби аслии ҷангу ҷудоии ориёиҳо, дар даврони аввал тибқи мазмуни «Маҳабҳарата» муноқишаҳои байни писарони ду бародар (амакбачаҳо) будааст. Баъд тамоми тоифаҳои ориёӣ баъзе ба кӯмаки як тараф ва баъзе ба кӯмаки тарафи дигар ба ин ҷанг ҳамроҳ мешаванд. Дар адабиёти «Авесто»-й низ муноқишаҳо миёни ориёиҳои қавман ба ҳам наздик сар зада, дар ин ҷо бар илова аз қавмҳои ориёӣ қавмҳои ғайриориёӣ низ (аз ҷумла туркону чиниён) ба яке аз тарафҳо кӯмак менамояд. Ва дар ин муддат ва пас аз он низ миёни тоифаҳои ориёӣ ҷангҳои дигаре воқеъ гардида будаанд. Агар «Маҳабҳарата» тоифаҳои ракшасҳо, дайтҳо, данавиҳо ва ғайраро бо таҳқир «тоифаи паст, девони одамхӯр» номида бошад, «Авесто» тоифаҳои хиёниён, кидориён ва баъзе қавмҳои дигарро тоифаҳои «бадраг ва бадкеш» номидааст. Аммо маълум мегардад, ки ин тоифаҳо низ аз ҷумлаи тоифаҳои ориёнажод будаанд. Таҳлил бисёр лаҳзаҳо ва

https://bikhon.tj

номҳову ҳодисаҳои мазкур дар адабиёти ориёҳиндӣ ва «Авесто» нишон медиҳад, ки бунёдгарони ин ду адабиёт дар нахуст мансуб ба як тоифа ё тоифаҳои наздик буда, дар як минтақа иқомат доштаанд ва дорои забону маросим ва асотири муштарак будаанд. Трита Оптия – Фаридун, ё Тройтана – Сроитина, аждаҳои доса – даҳак – Ажидаҳӣ, Ямуна – Йима ва бисёр номҳо дар адабиёти ориёҳиндӣ ва «Авесто» тақрибан як реша доранд. Таҳлили бисёр лаҳзаҳои дигар низ ҳамрешагии ин ду адабиётро тақвият додаанд. Бунгоҳи ориёиҳо дар адабиёти ведоӣ Аряварта ва дар «Авесто» Айриана Ваеҷа (Ориёвиҷа) ном доштааст.

Роҷеъ ба маҳалли меҳани ориёиҳои пешазҳиндӣ ва пешазэронӣ низ аз ин ду адабиёт маълумоти муҳиме дарёфт кардан мумкин аст. Қабл аз ҳама дар ҳар ду адабиёт аз кӯҳҳои баланду зебо сухан рафтааст, ки он кӯҳҳо нишонаи кишвари ориёиҳо будаанд. Офтоб аз паси ин кӯҳҳо баромада, ба кишвари ориёиҳо тобандагӣ мекунад. Масалан, дар «Авесто» риштакӯҳи (қаторкӯҳи) Ҳара Баразайт, ки қуллаи баландтарини он Ҳукар ном дорад, кӯҳи муқаддас ва ифтихори кишвари ориёиҳо ном бурда шудааст. Қуллаи кӯҳи Упарсаинӣ аз лиҳози баландӣ дуввумин кӯҳ номбар гардидааст. Дар минтақае, ки зикраш рафт, қуллаи аз ҳама баландтарин ва аз ҷиҳати баланди қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ (7495 м) ва дар ҷои дуввум қуллаи ба номи Ғалаба (7434 м) ҷой гирифтаанд.

Ҳамин гуна зоҳир мегардад, ки тамоми минтақаҳои кунунии Тоҷикистон, ҳамчунин водии Фарғона, қисмати ғарбии Хитой ва дигар минтақаҳои ҳамҷавор нахустмеҳани ориёҳои аввалия будааст, ки тақрибан дар оғози ҳазорсолаи II қабл аз солшуморӣ бо сабабҳои гуногун қисмате аз онҳо ба сӯи Ҳинд ва кисмати дигаре ба сӯи минтақаҳои шимолӣ ва шимолу ғарби Осиё ва қораи Аврупо муҳоҷират намуда будаанд. Пайдоиши вожаи «ҳиндуаврупоӣ» аслан ба ҳамин давраи муҳоҷират иртибот мегирад. Баъди чанд садсолаи

https://bikhon.tj

дигар аз минтақаҳое, ки зикраш рафт, акнун дар замони ба истилоҳ «Авесто»-ӣ дуввумбора муҳоҷирати бузурге ба амал омад. Ин дафъа низ қисмате аз ориёиҳо ба сӯи минтақаҳое, ки қаблан зикр шуд, муҳоҷир шуданд, вале қисмати асосии ориёиҳо ба сӯи сарзаминҳои кунунии Эрону Афғонистон, Туркманистон, Қафқоз ва ғайра кӯч бастанд. Бо вуҷуди ин қисмате аз он ориёҳо дар ҳамон нахустмеҳани худ боқӣ монданд, ки имрӯз тоҷик ном доранд…

РИВОЯТИ ОФАРИНИШИ БҲУМАНДАЛА (КӮРАИ ЗАМИН), БҲУРЛОКА (ЗАМИН)

Мутобиқи навиштаҳои адабиёти гуногуни ориёҳиндӣ Бҳурлока (Замин), ки дар шакли Бҳумандала (кӯраи Замин) тасвир мешавад, дорои чаҳор иқлим, ҳафт мулк (баъзан 8, 12, 16 ва ғайра) ё ҷазираҳои мутамарказ буда, маркази ягонаи онҳо кӯҳи Меру мебошад. Ин мулкҳо ё ҷазираҳоро аз якдигар уқёнусҳои таркиби обашон гуногун ҷудо мекунанд.

Дар асоси навиштаҷоти ин адабиёт Браҳма пас аз он ки Кайҳонро дар се зина – Трилока ва чаҳордаҳ дунё – Чатурдаша бҳувана офарид, ба офариниши ҳафт қитъа пардохт, ки ҳар яке аз лиҳози андоза аз дигаре ду маротиба калон буда, онҳоро Ҷамбудвипа, Плакшадвипа, Шалмалидвипа, Кушадвипа, Краунчадвипа, Шакадвипа ва Пушкарадвипа номид. Баъд аз он ҳафт уқёнусро офарида, қитъаҳоро бо онҳо иҳота намуд. Уқёнусҳо чунин ном доштанд: Кшарода (Лаванода – оби шӯр), Икшурасода, Сурода, Гҳритода, Кширода, Дадҳимандода, Шуддҳода. Андозаи уқёнусҳо низ яке аз дигаре калонтар будаанд. Ҷамбудвипа бо уқёнуси Кшарода (ё Лаванода), Плакашадвипа бо уқёнуси Икшурасода (шираи найшакар), Шалмалидвипа бо уқёнуси Сурода, (шираи ангур), Кушадвипа бо уқёнуси Гҳритода (равғани маска),

https://bikhon.tj

Краунчадвипа бо уқёнуси Кширода (шир), Шакадвипа бо уқёнуси Дадҳимандода (Простокваша, дӯғ) ва Пушкарадвипа бо уқёнуси Шуячлода (Оби тоза) иҳота карда шудаанд.

Дар тафсирҳо гуфта шудааст, ки Бҳумандала аз чор қитъа иборат мебошад, ки Ҷамбудвипа, Пурвавидеҳа, Уттаракуру, Апарагаяна ном доранд. Вақте дар Ҷамбудвипа офтоб тулӯъ мекунад, дар Пурвавидеҳа нисфирӯзӣ, дар Уттаракуру ғуруб, дар Апарагаяна нимашаб аст. Вақте дар Пурвавидеҳа офтоб тулӯъ мекунад, дар Уттаракуру нимрӯз, дар Апарагаяна ғуруб, дар Ҷамбудвипа нимашаб аст. Вақте дар Уттаракуру офтоб тулӯъ мекунад, дар Апарагаяна нимрӯз, дар Ҷамбудвипа ғуруб ва дар Пурвавидеҳа нимашаб аст. Вақте дар қитъаи Апарагаяна офтоб тулӯъ мекунад, дар Ҷамбудвипа нимрӯз, дар Пурвавидеҳа ғуруб ва дар Уттаракуру нимашаб аст[1].

Мутобиқи тасвирот Ҷамбудвипа мудаввари гӯшадор, Пурвавидеҳа нимдавра, Уттаракуру чаҳоргӯша, Апарагадана (Плакша) мисли моҳи пурра будаанд. Баъзе олимон ҷазира ё қитъаҳои мазкурро сайёраҳои фазои кайҳонӣ донистаанд. Баъзе олимони дигар Ҷамбудвипаро ба Ҳиндустон ва қитъаҳои Аврупову Осиё, Апарагаданро ба Африка, Уттаракуруро ба Америка, Пурвавидеҳаро ба Австралия айният додаанд. Вале таҳлилот нишон медиҳад, ки ин қитъаҷазираҳо сарзаминҳои мушаххаси воқеъ дар Осиёи Миёна будаанд.

Чаҳор қитъа ё ҷазираи бузург (чатур маҳадвипака) дар чаҳор самти дунё – дар давродаври уқёнусе, ки кӯҳи муқад-

[1] Бояд гуфт, ки чунин тасвирот нисбати сарзаминҳо дар адабиёти ориёэронӣ низ дида мешавад. Масалан дар «Бундаҳишн» омадааст: «Чун хуршед барояд, (ба) кишвари Аризаҳ, Фрадазафш ва Видазафш, ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯи Тираг андар шавад, ба кишвари Аризаҳӣ Вовруварашт ва Вовруҷарашт ва ниме аз Хванирас тобад. Ҳангоме ки ин ҷо рӯз аст, он ҷо шаб аст, зеро ба сабаби кӯҳи Тирг аст (ки) шаб пайдо шавад». Аммо ҳангоми таъйини сарзаминҳое, ки дар ҳар ду адабиёт тасвир гардидаанд, маълум мешавад, ки бо кадом сабабе фосилаи миёни сарзаминҳо аз воқеият хеле зиёд нишон дода шудааст.

https://bikhon.tj

даси Меруро иҳота кардааст, воқеъ гаштаанд, ки дар ҷануб Ҷамбудвипа (ҷазираи дарахти Ҷамбу), дар шарқ Пурвавидеҳа (ҷазираи шарқии шабеҳи паранда), дар ғарб – Апарагодания (чарогоҳҳои ғарбӣ, ё «ғарбӣ»), дар шимол Уттаракуру (ҷазираи куруҳои шимолӣ) ном доранд.

Қитъаи шарқӣ, ки «Тани Аря» ном дорад, шакли моҳи нав ва ранги сафед дорад. Дар тарафи рости вай қитъаи хурд Коринг (Тани дароз) ва дар чапи он қитъаи хурд Котун (Тани кӯтоҳ) ҷойгир гаштаанд.

Дар баъзе адабиёти дигар Бҳулока (Замин) ва Бҳумандала аз Ҷамбудвипа, Илавритаварша, Бҳадрашваварша, Ҳариварша, Кетумалаварша, Рамякаварша, Ҳиранмайяварша, Уттаракуруварша, Кимпурушаварша, Бҳаратаварша, Плакшадвипа, Шалмалидвипа, Кушадвипа, Краунчадвипа, Шакадвипа ва Пушкарадвипа иборат мебошад.

Гуфта мешавад, ки шакли Бҳумандала мисли гули нилуфар буда, ҳафт ҷазираи вай баргҳои ин гулро ба ёд меоваранд. Дар марказ ҷазираи Ҷамбудвипа ва дар маркази Ҷамбудвипа кӯҳи Сумеру, ки аз тиллои холис таркиб ёфтааст, ҷой гирифтааст. Сумеру шоҳи кӯҳҳост, вай тамоми заминро бар дӯш бардоштааст.

Мутобиқи тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ ҳамаи қитъаҷазираҳоро уқёнусҳо иҳота кардаанд ва ҳар як уқёнус ба он ҷазира-қитъае баробар мебошад, ки онро иҳота намудааст.

«Мутобиқи анъанаи Калачакра дар Ҷамбудвипаи бузург чаҳор ҷазира воқеъ гаштааст. Ҳар як аз он чаҳор ҷазира табиати яке аз чаҳор унсур: ҳаво, оташ, об ва хокро таҷассум кардааст. Табиати ҳар як унсури мазкур ба шакл ва ранги ҷазираҳо таъсир намудааст. Ҳамин тариқ, дар шарқи Ҷамбудвипа, дар пеши кӯҳи Меру, Пурвавидеҳаи сиёҳу кабуд, ки шаклаш бо сабаби мандалаи Ҳаво нимдавра аст, воқеъ гаштааст. Дар ҷануби Ҷамбудвипаи бузург, дар самти рости Меру ҷазираи Ҷамбудвипаи хурд ҷой гирифтааст, ки бо сабаби табиати унсури оташ доштанаш ранги сурх ва шакли

https://bikhon.tj

секунҷа дорад. Дар шимоли Ҷамбудвипаи бузург, дар самти чапи Меру Уттаракуру воқеъ гаштааст, ки бо сабаби табиати мандалаи об доштанаш дорои ранги сафед аст. Дар ростои самти ғарбии Меру ҷазираи тилоии Годания воқеъ гаштааст, бо сабаби марбути табиати унсури хок буданаш ранги зард ва шакли чаҳоркунҷа дошта, андозааш 10. 000 йоҷанро ташкил медиҳад».

Қитъа-ҷазираҳо дорои хосиятҳои зерин мебошанд:

1. Ҷамбу-двипаро уқёнуси Оби шӯр иҳота кардааст. Дар Ҷамбу-двипа дарахти Ҷамбу мерӯяд.

2. Плакша-двипаро уқёнуси Найшакар иҳота кардааст. Дар Плакша-двипа дарахти Плакша, мерӯяд, ки аз решаҳои он оташе бо ҳафт шӯълаҳои дурахшон мавҷуд аст.

3. Шалмали-двипаро уқёнуси Май иҳота кардааст, ки Сурасагара ном дорад. Дар Шалмали-двипа дарахти Шалмали мерӯяд, ки ҷойгоҳи Гаруда – одам-паранда, вахана, боркаши Вишну мебошад.

4. Куша-двипаро уқёнуси Гҳи – равғани пок иҳота кардааст. Дар Куша-двипа майдони алафи кӯша мерӯяд.

5. Краунча-двипаро уқёнуси Шир иҳота кардааст. Дар ин ҷазира кӯҳи Краунча воқеъ гаштааст.

6. Шака-двипаро уқёнуси Ҷурғот иҳота кардааст. Дар Шака-двипа дарахти пурнакҳати Шака мерӯяд.

7. Пушкара-двипаро уқёнуси Оби тоза иҳота кардааст. Дар Пушкара-двипа нилуфари Вишну мерӯяд, ки дорои 100 000 000 барги тиллоӣ буда, дар қуллаи он мақари Браҳма, офаридгори дунёҳо ҷой гирифтааст.

Уқёнусҳо Кшарода, Икшурасода, Сурода, Гҳритода, Кширода, Дадҳимандода, Шуддҳода ном дошта, андозаи онҳо низ яке аз дигаре калонтар буд. Ҷамбудвипа бо уқёнуси Кшарода (Лаванода – оби шӯр), Плакашадвипа бо уқёнуси Икшурасода (шираи найшакар), Шалмалидвипа бо уқёнуси Сурода, (шираи ангур), Кушадвипа бо уқёнуси Гҳритода (равғани маска), Краунчадвипа бо уқёнуси Кши-

https://bikhon.tj

рода (шир), Шакадвипа бо уқёнуси Дадҳимандода (простокваша) ва Пушкарадвипа бо уқёнуси Шуячлода (оби тоза) иҳота карда шудаанд. Тибқи таъинот дар ҳар яке аз ин қитъаҳо панҷсад ҷазирача вуҷуд дорад, ки дар миёни уқёнуси ҷаҳонӣ воқеъ гаштаанд. Уқёнуси ҷаҳонӣ бо девораи кӯҳии Чакравала иҳота шудааст.

Роҷеъ ба шинохти мавқеияти ҷуғрофии ин қитъа ҷазираҳо аз ҷониби олимони кишварҳои дунё рисолаҳои гуногун иншо гардидааст. Агар онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоем, аз чунин қисмҳо иборат хоҳанд буд: 1.Қисмати аввал чунин мешуморанд, ки ин қитъа-ҷазираҳо танҳо устураву афсона ва бофтаву сохтаи ришиҳо буда, ҳеҷ гуна воқеияте надоранд. 2. Гурӯҳи дуюм чунин мешуморанд, ки ҳар як қитъа-ҷазира як даври коинотро ташкил додааст ва ҳоло замони мо ба замони Ҷамбудвипа баробар меояд. Даврҳои дигари коинот ба дигар қитъа-ҷазираҳо мувофиқ меоянд. 3. Онҳоеро, ки қитъа-ҷазираҳоро воқеӣ шумурда, дар ин ҷову он ҷои рӯи замин ҷуставу айният додаанд, ба гурӯҳи сеюм мансуб донистан равост. Масалан, онҳо Ҷамбудвипаро ба Ҳинд, Пушкарадвипаро ба Индонезия, Шалмалидвипаро ба Хитой, Корея, Япония, Сахалин, Шакадвипаро ба кишварҳои атрофи баҳрҳои Каспий ва Сиёҳ, Кушадвипаро ба Эрон, Ироқ, Шарқи наздик ва Африка айният додаанд.

Аммо сарфи назар аз ҳама ин печидагиҳо воқеияти ҷуғрофиёи ориёҳиндиро то ҷое ошкор кардан мумкин аст. Барои ин, нахуст бояд дар назар дошт, ки ориёҳиндуҳо то ба Ҳинд муроҷиат намуданашон дар дигар минтақа (бешак – шарқи Осиёи Миёна – М.Ҳ.) сукунат доштаанд; дуввум, онҳо асарҳои ведоҳо, пуронҳо, «Маҳабҳарата», «Рамаяна» ва даҳҳо асарҳои дигарро дар минтақаҳои пешазмуҳоҷиратиашон эҷод намудаанд; сеюм дар асарҳои мазкур ва дигар асарҳои то даврони муҳоҷираташон ба Ҳинд минтақаҳои пешазмуҳоҷиратиашон тасвир ёфтаанд; ҷуғрофиёе, ки дар ин асарҳо мавриди тасвир қарор ёфтааст, ба замони 5-10

https://bikhon.tj

ҳазор сол пеш аз ин мансуб буда, аз ҷуғрофиёи кунунӣ хеле тафовут дорад, аз ҷумла: дар натиҷаи дар муддати мазкур то 600-800 метр аз сатҳи баҳр баланд шудани кӯҳҳо ва дигар минтақаҳо иқлим тағйир ёфт. Дар баландии он ҷойҳое, ки имрӯз зиндагӣ душвор аст, дар он даврон ба таври муқаррарӣ зиндагӣ имкон дошт. Ва сабаби муҳиме, ки айниятдиҳии қитъа-ҷазираҳои ориёҳиндиро мушкил гардондааст, аз байн рафтан ва ё хеле коҳиш ёфтани манбаъҳои обе буд, баҳр ва уқёнус номида мешуданд. Инчунин оби рудҳои бузург низ хеле коҳиш ёфт. Ҳоло ҳеҷ як муҳаққиқ тасаввур ҳам намекунад, ки уқёнуси Лаванода, ки дар атрофи қитъаи Ҷамбу тасвир мешавад, воқеан баҳре буд, ки атрофи Помири кунуниро иҳота намуда буд. Роҷеъ ба ин масъала дар боби марбута сухан рафтааст. Чунин уқёнус-баҳрҳо зиёд буда, баръакс хушкиҳо, яъне ҷазира ё қитъаҳо камшумор ва дар он ҷойҳое воқеъ гашта буданд, кӯҳҳо ва пуштакӯҳҳо вуҷуд доштанд.

Шояд ришиҳои ориёҳиндӣ бисёр лаҳзаҳоро қасдан таҳрир карданд, то асрору рози сарзаминҳои муқаддасашон маҳфуз монад. Чунин таҳрирҳоро баъдинагони онҳо – мубадони ориёэронӣ низ дар «Авесто» ва дигар асарҳояшон ворид намуданд. Аз ҳамин ҷост, ки ҷойгоҳи Эронвиҷ мисли Аряварта то имрӯз нокушуда монд.

Мушкилоти таъйини ҷойгоҳи қитъа-ҷазираҳо дар он аст, ки онҳо тавре тасвир шудаанд, ки воқеан дар рӯи замин чунин ҷойгоҳро пайдо кардан мумкин нест. Дар марказ қитъаи Ҷамбу тасвир ёфта, дар атрофи он уқёнуси Шӯр, дар атрофи уқёнуси Шӯр ҷазираи Плакша, баъд давраи уқёнуси Найшакар, аз баъди он ҷазираи Шалмалӣ ва давра ба давра қитъаву уқёнусҳои дигар тасвир ёфтаанд. Аммо дар бораи мавқеияти ин уқёнусу ҷазираҳо тасвироти дигаре низ ҳаст, ки воқеӣ ва қобили қабул аст: қитъаи Ҷамбу дар марказ, мисли косаи гули нилуфар ҷой гирифта, дигар ҷазира-қитъаҳо мисли баргҳои гул дар атрофи он воқеъ гаштаанд. Дар сурати

https://bikhon.tj

қабули ин тасвирот таъиноти даврагии уқёнусу ҷазираҳо қобили қабул буда наметавонад.

Аммо аз воқеияти заминии тасвирот дар бораи Бҳумандала, Бҳурлока, чаҳор иқлим, ҳафт ҷазираи калон, ҳашт ё даҳ ҷазираи хурд сарфи назар кардан нашояд. Агар даврони тақрибан 8-10 ҳазорсола пешро тасаввур кунем, чунин аст: Осиёи Миёнаро саросар баҳру кӯлҳо фаро гирифтаанд. Одамон танҳо дар пуштакӯҳҳо зиндагӣ мекунанд. Иқлим ҳанӯз чандон сард нест, дарахтони субтропикӣ, рӯида ҳайвоноте, ки имрӯз дар Ҳинду Африка вуҷуд доранд, дар бешазорон сукунат мекунанд. Воқеан мавҷудияти баҳрҳои аз байнрафта дар Осиёи Миёна аз ҷониби бисёр олимон таъйид гардидааст. Регзорҳои паҳнои қисматҳои бештари Осиёи Миёна бе мавҷудияти баҳр ба вуҷуд омада наметавонистанд, ки аз ин воқеият низ сарфи назар кардан нашояд.

Ҳоло аксҳои кайҳонии минтақаҳои мавриди тасвир қароргирифтаи ориёҳиндуҳоро муоина намуда, кас бешак қоил мешавад, ки онҳо манзараҳои мазкурро бо чашми оддӣ чунон тасвир кардаанд, ки барои шинохти онҳо ба мо чашми кайҳонӣ лозим мешавад.

Дар бораи шумора, мавқеият ва хусусиёти қитъа-ҷазираҳо дар адабиёти гуногун ихтилофи на чандон зиёди назар мушоҳида мегардад. Масалан Девабҳодҳи дар шумори ҳафт ҷазира Гомедаро номбар мекунад. Вале Васубандҳу ба ҷои Гомеда Плакша мегӯяд. Зимнан бояд гуфт, ки ин ҳар ду ҷазира яке буда, аз шумори ҳафт танҳо самти мавқеияти онҳо номбар гардида, дар самти ғарбии кӯҳи Меру гуфта шудаанд. Аммо бояд гуфт, ки дар бораи Ҳинди кунунӣ дар асарҳои куҳани ориёӣ умуман чизе гуфта нашудааст. Танҳо аз қисмати шимолии он бо номи умумии Пурвавидеҳа ёдоварӣ шудаасту халос. Дар ин бора дар мавриди тасвири ҳар як қитъа-ҷазира ва баҳр-уқёнус муфассал сухан хоҳад рафт.

https://bikhon.tj

БАҲРУ КӮЛҲОИ ГУМШУДА

Дар адабиёти ориёҳиндӣ роҷеъ ба мавҷудияти баҳру уқёнусҳои гуногун дар атрофи двипаҳо далелҳои зиёде зикр гардидаанд, ки аксаран муҳаққиқони кишварҳои гуногун онҳоро гоҳе ба уқёнусҳои кунунӣ ва гоҳе ҳам ба ба баҳру уқёнусҳои асотириву хаёлӣ нисбат додаанд. Вале тавре омӯзиши ин мавзӯъ нишон медиҳад, манбаҳои бузурги оби дар атрофи қитъа-ҷазираҳои ориёҳиндӣ вуҷуддошта воқеӣ буда, баъдан бар асари ташаккулёбии системаи кӯҳӣ ва рӯйдодҳои тектоникии минтақа аз байн рафтаанд.

Омӯзиши маводи марбута, тавре дар зер оварда мешавад, дар аҳди қадим мавҷудияти манбаҳои оби бузургро дар ҳудудҳои кунунии Қазоқистони ҷанубӣ, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон таъйид менамояд. Бар илова аз ин он хусусиёт ва нишониҳоеро ки дар адабиёти ориёҳиндӣ зикр шудааст, аз натиҷаи таҳқиқоти экспедитсияҳои гуногун дар ин маҳалҳо дарёфт кардан мумкин аст. Масалан, тавре дар боби Ҷамбу омадааст, атрофи ин қитъаро, ки ба Помир айният меёбад, уқёнуси Шӯр иҳота намуда будааст. Ин уқёнус дар ҳудудҳои водиҳои дарёҳои Панҷ, Гёздарё (Косдарё – Косаруд), Қизилсу (водии Алай), Сурхоб (Рашт) Хингоб (Тавилдара) воқеъ гашта будааст. Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар аҳди бостон пеши маҷрои ин рудҳоро кӯҳҳо ҳамчун садд баста будаанд ва танҳо дар натиҷаи аз ҷониби ҷараёни оби рудҳо бурида шудани садди кӯҳӣ ва баланд шудани сатҳи замин баҳр аз байн рафтааст. Намакин будани оби баҳри Шӯр (Лаванода) аз натиҷаи таҳқиқотҳои экспедистияи мазкур низ муайян гардидааст. Маълум мешавад, ки дар миёни қаторкӯҳи Фарғона ва водии Фарғона, инчунин водии Алай ва водии Фарғона гулӯгоҳе вуҷуд дошта будааст, ки ҳоло он гулӯгоҳ ҳамчун ағбаҳои кӯҳ баланд шудаанд. Яъне дар миёни уқёнуси Шӯр ва уқёнуси Шир, ки дар водии Фарғона ва шимоли шохаи ғарбии қаторкӯҳи

https://bikhon.tj

Тяншан воқеъ будааст, гулӯгоҳҳо вуҷуд дошта будаанд. Олимон муқаррар кардаанд, ки аз тариқи гулӯгоҳҳои мазкур аз водии Алай ба водии Фарғона – ба уқёнуси Шир оби шӯр ворид мегардидааст. Ҳамчунин таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки хусусиёт ва нишониҳои манбаи оби водии Фарғона бо хусусиёти обҳои минтақаи Тошканд ва атрофи он якхела будааст. Яъне он чи ки дар мавриди қитъаи Краунча гуфта шудааст, дар ин ҷо таъйид мегардад. Қитъаи Краунча бо уқёнуси Шир иҳота шуда будааст, ки он сарзаминҳои ҷанубу шимоли тарафи шохаи ғарбии қаторкӯҳи Тяншанро дар бар мегирифтааст. Яъне уқёнуси Шир аз водии Фарғона оғоз шуда, қаторкӯҳи мазкурро аз ҷанубу шимол печонида будааст. Роҷеъ ба хусусиёти дигар манбаҳои об ва қитъаҳо низ далелу нишониҳо пайдо кардан мумкин аст.

Муҳаққиқони кӯлҳову баҳрҳои гумшуда дар ҳудудҳои Осиёи Миёна олимони санкт-петербургӣ Д. В. Наливкин, («Геология Туркестанского края»), Н. Н. Верзилин, Л. Б. Рухин, В. Н. Яковлев, А. К. Рождественский, О. С. Вялов, И. Хозатский, Г. А. Беленкий, И. А. Ефремов, Р. Ю. Музафарова, дар ин бахш таҳқиқоти муҳимеро ба анҷом расондаанд.[1]

Роҷеъ ба омӯзиши баҳру кӯлҳои гумшуда дар ҳудудҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон, Муғулистон ва ғарби Хитой аз ҷониби экспедитсияҳои гуногуни чандин кишварҳо пажӯҳишҳои муҳим гузаронида шудааст. Ҳамин гуна экспедитсияи палентологӣ солҳои 1918-1930 бо сардории олими амрикоӣ Ф. Морис гузаронида шуда, роҷеъ ба динозаврҳои мезозойӣ ва дигар сутунмӯҳрадорон маводи ҷолиби таваҷҷуҳ ҷамъоварӣ гардида буд. Соли 1946 дар Муғулистон

[1] Аз ҷумла: Сикстель Т.А. и др.Стратиграфия континентальных отложений верхней перми и триаса Средней Азии. Тр. Ташкент. ГУ, нов.серия, вып.176, 1960; Сикстель Т.А. О континентальных отложениях перми в Средней Азии. В кн. «Сборник научных трудов (к XXII сессии МКГ)», вып.4, Изд-во «Наука» УзССР, Ташкент, 1964; *Федорович Б. А*. Некоторые основные положения о генезисе и развитии рельефа песков. — «Изв. АН СССР», сер.геогр. и геофиз., 1940, № 6.

https://bikhon.tj

экспедитсияи палеонтологии Академияи Илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ зери роҳбарии А. Ефремов фаъолият намуд, ки он ҳам дар ин бахш маводи гаронбаҳо ба даст овард. Солҳои минбаъда дар ҳудудҳои Осиёи Миёна, хусусан қисматҳои Қазоқистони ҷанубӣ ва ҷануби ғарбӣ, водии Фарғона, вилояти Тошканд ва дигар маҳалҳои ҳамҷавор роҷеъ ба омӯзиши баҳру кӯлҳои гумшуда экспедитсияҳои зиёд фаъолият намуданд. Экспедитсияҳои мазкур дар ин маҳалҳо маводи зиёдеро дарёфт намуданд, ки тибқи омӯзиш аз мавҷудияти ҷонварони зериобиву баҳрӣ дар замонҳои қадим дарак медиҳад.

Чунин мавод аз ҳудудҳои Қазоқистони ҷанубӣ ғарбӣ, водии Фарғона ва минтақаи Тошканд низ ба даст омадааст. Мутобиқи маълумоти китоби «Кӯлҳои Осиё» дар Қазоқистони ҷанубӣ дар ноҳияи назди чоҳи Сук-Сук ва кӯҳҳои Богонал дар баробари пайдо гардидани қабатҳои такнишони кӯливу дарёӣ таҳнишастаҳои баҳрӣ, садафҳои гӯшмоҳии дар ҳолати хуб маҳфузмонда низ пайдо гардиданд, ки ба садафҳои назди баҳри Арал хеле шабеҳият доштаанд. Набототи дарёфтшуда аз шароити мавҷудоти ва паҳншавии васеи онҳо дар қитъаи Осиё дар замони таҳнишастаҳои нахустин шаҳодат медиҳанд[1].

Таҳқиқоти маводи чӯлҳои атрофи Тошканд нишон медиҳад, ки дар ин минтақаҳо кӯлҳои калон, баҳрҳо ва минтақаҳои наздибаҳрӣ вуҷуд дошта будаанд.[2] Шароити бештар устувори баҳрӣ дар даврони сантеони болоӣ ба вуҷуд омада, то даврони палеоген вуҷуд дошта будааст.[3]

[1] «В предгорьях Ферганского и Алайского хребтов». (witaim.ru›2011/12/v-predgorjah-hrebtov-1.html) интернет)

[2] Маводи пайдошуда ба давраи таҳнишонӣ (Cretaceous Period), давраи геологии охирин мезозоӣ, ки 144 млн. сол оғоз шуда, бештар аз 70 млн. сол идомат доштааст, таалуқ доранд.

[3] Палеоге́н, давраи Палеоген, системаи Палеогенӣ — давраи геологиест, ки 65 млн. сол пеш оғоз шуда, 24,6 млн. сол пеш ба охир расидааст. 40,4 млн давом кардааст. Дар ин даврон иқлими тропиқӣ вуҷуд дошта, тамоми Аврупоро бешаҳои ҳамешасабзи тропикӣ фаро гирифта буданд.

https://bikhon.tj

Қисмате аз дарёҳо ба кӯлҳо ва қисмате аз онҳо ба баҳрҳо ҷорӣ мешуданд. Мавҷудияти динозаврҳо дар даштҳо замони зиёдеро дар бар доштааст, зеро устухонҳои онҳо дар маҳалҳои гуногун пайдо гардидаанд. Танҳо фарогирии қисмати зиёди ин минтақа аз ҷониби обҳои баҳр ба мавҷудияти ҳайвонот дар ин ноҳияҳо хотима гузошт. Дар айни замон дар кӯлҳо моллесакҳо (моллюски), моҳиҳо ва сангпуштҳо инкишоф ёфта будаанд. Аз кӯлҳо ва рудҳои он даврон танҳо қабатҳои таҳнишастаҳои сурхранг ва устухонҳои организмҳои ҷонварони сокини обҳои тоза боқӣ мондаанду бас.

Маълум гардид, ки миёни оби баҳрҳои азбайнрафтаи Қазоқистон ва водии Фарғона дар таҳнишаста ва хусусиёти тектоникӣ пайвастагӣ ва муқаррароти умумӣ вуҷуд дошта будааст. Ҷамъшавии таҳнишастаҳо, ки дар майдонҳои васеи қитъаи Осиё вуҷуд доштаанд, дар Осиёи Марказӣ бештар инкишоф ёфта будаанд. Қабатҳои калони таҳнишастаҳои кӯливу дарёӣ дар ноҳияҳои гуногуни биёбони Гобӣ ва Гобии Алтай низ зоҳир гардидаанд.[1]

Хусусияти хоси Осиёи Марказӣ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки обҳои баҳр ба ин ҷо аз даврони палеозои баъдӣ ворид нагардидаанд ва ҷамъшавии таҳнишастаҳои кӯливу ботлоқӣ ва рудӣ дар давоми 180 млн. сол бетанаффус ба амал омада будааст.

Нишониҳои таҳнишастаҳои баҳрӣ, садафҳо, молесакҳо (моллюски) ва боқимондаҳои хорпуштҳои баҳрӣ далели он ҳастанд, ки ба водии Фарғона замоне оби баҳр ворид мегардидааст. Мутобиқи ташреҳи олимон обҳои баҳр ҳудудҳои Осиёи Миёнаро 15-20 млн. сол пеш тарк карда будаанд.

Дар бораи мавҷудияти набототи кӯлӣ (баҳрӣ) дар мавзеъҳои баландкӯҳи шарқи Фарғона муҳаққиқон Рухин Л.Б. ва Вялов О.С. маълумот додаанд. Онҳо гуфтаанд, ки

[1] «Асрори кӯлҳои гумшудаи Муғулистон», (қисми 2).

https://bikhon.tj

дар як нуқтаи ағбаи кӯҳҳои Фарғона бо як тӯда садафҳо вохӯрдаанд, ки қисмати ояндаи онҳо номаълум мондааст. Муаллифи асари «Дар кӯҳдоманҳои қаторкӯҳҳои Фарғона ва Алай» менависад: «Мо ба Ош баргашта, хатсайри ояндаи худро аз тариқи шоҳроҳи Помир тарҳрезӣ мекардем. Вай аз ноҳияи гулӯгоҳи собиқи Алай мегузашт, ки ба воситаи он як замоне оби баҳр ба водии Фарғона ҷорӣ мегардид. Муоинаи паҳншавии таҳнишастаҳои баҳрӣ дар ин гулӯгоҳ аҷиб буд». Муҳаққиқон дар Ғулча (шимолу шарқи Помир) таҳқиқот гузаронда, боқимондаҳои ҷонварони гуногуни баҳриро пайдо намуданд. Дар ин мавзеъ чандин қабатҳои таҳнишастаҳои кӯливу баҳрӣ бо мавҷудияти обҳои баҳрӣ ва шӯрмазза вуҷуд дошта будаанд.

Муаллиф менависад, ки мо аз шоҳроҳи Помир сӯи деҳаи Суфӣ-Қӯрғон, ки дар қисмати танги гулӯгоҳи Алай воқеъ буд, раҳсупор гардидем. Мушоҳида мешуд, ки дар айни ҳол шакли аслии ин гулӯгоҳ боқӣ намондааст. Ҷараёнҳои минбаъдаи ташаккули кӯҳҳо шакли ин қитъаро хеле тағйир додааст. Дар пеши мо қуллаву харсангҳо ва водиҳои нави рудҳо воқеъ гашта буданд. Танҳо ҷинсҳои қавии таҳшини урёншудаи баромадашон баҳрӣ ва қитъавӣ дар бораи таҳнишастаҳои гулӯгоҳи қадим шаҳодат медоданд. Маълум шуд, ки тавассути ин гулӯгоҳ на танҳо обҳои баҳр ба водии Фарғона ворид мегардиданд, балки дар ин ҷо обҳои рудҳо аз кӯлҳои сари роҳашон сарчашма гирифта, роҳи худро идомат медодаанд. Тибқи назари Сочава А. оби рудҳо ба самти бозпас, яъне аз водии Фарғона ба воситаи гулӯгоҳ ба водиҳои Яркент ва Алай ҷорӣ мешудааст.[1] Мутобиқи назари муҳаққиқони ин бахш дар водии Фарғона баҳри обаш ширин вуҷуд дошта будааст.

Мавҷудияти баҳру кӯлҳо дар ҳудудҳои Осиёи Миёна ва

[1] Сочава А. В. Литология, стратиграфия и условия образования красноцветной формации мела Ферганы. – В кн.: Меловые континентальные отложения Ферганы. М.. Наука, 1965, с. 5-100.

https://bikhon.tj

Муғулистон дар адабиёти дигар халқу кишварҳо низ зикр гардидааст. Дар китоби Лобсанг Рампа «Чашми сеюм» омадааст, ки ҳазорон сол қабл аз ин ҳудудҳои Тибет ба баҳр мепайваст.[1] Ҳангоми ҳафриёти археологӣ скелетҳои моҳӣ ва дигар ҷонварони баҳрӣ аз ин минтақа пайдо шудаанд. Хитоиҳо низ аз ин назар ҷонибдорӣ менамоянд. Дар навиштаҷоти Ю, ки аз қуллаи Кулуи кӯҳи Хинган ёфт шудааст, зикр гардидааст, ки Юи бузург дар ин ҷо баъд аз пастшавии обхезӣ (соли 2278 то солшуморӣ) паноҳгоҳ ёфта будааст. Обхезӣ тамоми Хитойро, ба истиснои чанд ҷойҳои баланд, фаро гирифта будааст. Дар асоси таҳқиқот ошкор гардид, ки биёбони феълан Гобӣ дар он замонҳо қаъри баҳр будааст. Чанде олимон бар он ақидаанд, ки баҳр ё уқёнуси Шимолӣ дар Осиёи Марказӣ, як манбаи бузурги обе буд, ки дар натиҷаи дамида баромадани тамоми минтақа аз байн рафтааст. Нишониҳои шайъии қадимтарини дар ин минтақа вуҷуд доштани одам ба 2-2,5 млн. сол ва нишониҳои сукунати одам ба 700 ҳазор сол мерасад. Ба қавли С. Волков тамаддуни атлантҳо, ки намояндаи тамаддуни чаҳорум буданд, дар ҳазораи 10-11 то солшуморӣ нобуд гардид ва нажоди панҷуми мо (ва нахустин зернажоди ориёӣ) аз зернажоди атлантҳо дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад. Ба қавли Анни Безант «Нажоди панҷум ё Ориёӣ, ки ҳоло дар сари таҳаввулоти башарӣ қарор дорад, аз зернажоди панҷуми атлантҳо, – яке аз нажодҳои машҳур – ба вуҷуд омадааст, ки гурӯҳе аз онҳо баъдан ба Осиёи Марказӣ ворид гардиданд, дар сурате, ки ин навъи нави нажодӣ дар зери мушоҳидаи бевоситаи Вуҷуди Олӣ, ки ба таври техникӣ Ману номида мешуд, инкишоф меёфт».[2] Е.П. Блаватская дар китобҳои машҳури худ «Доктринаи ниҳонӣ» ва «Изидаи фошшуда» дар бораи «писарони Худо» дар «Ҷазираи муқаддас» нақл кардааст. Сарчашмаи ин ривоят, тавре худи

[1] «Чашми сеюм» «София», 2000, с. 164.
[2] Безант Анни «Ҳикмати бостон», Новосибирск, 1994, с.212

https://bikhon.tj

Блаватская иқрор кардааст, яке аз куҳнатарин китобҳои дунё «Китоби Дзиан» будааст. То он замон ин китоб ба ягон мутахассиси шарқшинос маълум набудааст. «Дар ривоят омада ва рекордҳои Китоби Бузург («Китоби Дзиан») ҳикоят мекунанд, ки хеле пештар аз рӯзгори Одам ва ҳамсари кунҷковаш Ҳаво, дар он ҷое, ки ҳоло кӯли обаш шӯр ва биёбони беодаму беҳосил ба ҳам меоянд, баҳри васее мавқеъ дошт, ки ба воситаи тамоми Осиёи Миёна ба самти шимол ва то доманаҳои ғарбии Ҳимолойи мағрур доман мекашид. Дар он баҳр ҷазирае буд, ки дар зебоӣ дар ҷаҳон ҳамто надошт ва он ҷойгоҳи бозмондагони охирини Нажоде буданд, ки пеш аз нажоди мо зиндагӣ мекарданд. Онҳо «Писарони Худо буданд…» Аксарияти муҳаққиқон ин ҷазираро ба биёбони Гобии кунунӣ айният медиҳанд, ки гӯё он дар ҷои ҳамин биёбон воқеъ будааст…

УҚЁНУСИ ЛАВАНОДА – ОБИ ШӮР

Дар бораи пайдоиши уқёнусҳо дар «Шримад Бҳагаватам» (5.1) омадааст, ки «…Маҳароҷа Прияврата вақте савори гардунаи дурахшон рӯи заминро давр мезад, чархҳои гардунааш ҳафт ҷӯяк кашиданд ва аз онҳо ҳафт уқёнус ба вуҷуд омад. Ин ҳафт уқёнус Бҳумандалро ба ҳафт қитъа ҷудо намуданд».

Дар асари мазкур гуфта шудааст, ки мисли хандақи атрофи қалъа, ё мисли боғе, ки бо қатори дарахтон печонида шудааст, уқёнусе, ки Ҷамбудвипаро иҳота намудааст, дар навбати худ аз ҷониби Плакшадвипа иҳота гардидааст. Намуди Ҷамбудвипа мисли конуси чаппа гузошташудаест, ки дар маркази он кӯҳи Меру воқеъ гаштааст.

Дар «Калачакра» низ омадааст, ки давродаври Ҷамбудвипаи бузургро уқёнуси Оби шӯр – Лаван ё Лаванода фаро гирифтааст, ки ҳудудҳои он 50 000 йоҷанро ташкил

https://bikhon.tj

медиҳад. Худ Ҷамбудвипа низ дар дохили уқёнус ҳамчун доираи азиме тасвир мегардад. Ҷамбудвипа чаҳор ҷазираро дар бар гирифтааст, ки ин силсилаи ҷазираҳо Антардвипа (ҷазираҳои дохилӣ) ном доранд.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки уқёнуси Лаван ё Лаванодаи адабиёти ориёҳиндӣ ба баҳри Ворукаши адабиёти ориёэронӣ айният гирифта, кӯҳи Усиндом, ки дар миёни он зикр гардидааст, дар миёни Лаванода ба шакли беном ишора гардидааст. Дар «Стҳананга-Сутра» бахши «Лаванасамудра» омадааст, ки уқёнуси Лаванода шакли мудаввар дошта 2 000 000 йоҷанро[1] ташкил медиҳад. (2.327) Дар маркази он уқёнус баландии плаформашакли баландиаш ду коса вуҷуд дорад. **(**2.328)

Тибқи муоинаи як акси кайҳонӣ, ки дар ин китоб ҷой дода шудааст, маълум мегардад, ки уқёнуси Лаванода аз қисмати ҷанубии шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл оғоз мегардад ва аз самти шарқии ин қаторкӯҳ ва қаторкӯҳи Фарғона гузашта, аз дараи ҳоло ба истилоҳ «Дарвозаи Фарғона» тоб мехӯрад ва аз водиҳои Алай, Лахш, Рашт (рудҳои Қизилсу, Сурхоб), гузашта, баъди убур аз тариқи водии руди Хингоб ба самти ҷанубии шарқӣ ва бархӯрд, ба садди кӯҳӣ – ағбаи Хобурубот ба воситаи водии руди Панҷ ҳалқаи ягонаро ба вуҷуд меовард. Мулкҳои дохили ин ҳалқа сарзамини Ҷамбуро ташкил медоданд.

Дар ҷойи дигари ин асар зикр гардидааст: «Вақте Прияврата роҳи худро аз паси офтоб тай намуд, аз изи чарххои гардунаи вай ҷӯяҳое кашида шуданд, ки бо мурури замон ба

[1] Йоҷан – ченаки қадими ҳиндӣ – баробари 13 км. Ҷамбудвипа, тибқи навиштаҳо ҷазираест, ки шакли мудаввар дошта, қутри он 100 000 йоҷан (800 000 миль) – Масофаи Ҷамбудвипа (Зобул – Помир) 100 000 йоҷан, яъне 1 300 000 км. гуфта шудааст, ки муболиғаомез аст. (муаллиф) Бояд гуфт, ки андозаи қитъаҳо ва руду дарёҳо, инчунин баландиву дарозии кӯҳҳо тибқи ҳисоб аз рӯи йоҷан аз ҳад хеле зиёд буда, ба андозаҳои воқеӣ мувофиқат намекунад. Ҳангоми ҳисоби йоҷан ба километр кадом хусусиёте шояд ошкор нагардидааст.

https://bikhon.tj

ҳафт уқёнус табдил ёфта, системаи сайёравии Бҳумандаларо ба ҳафт ҷазира ҷудо намуданд». Дар ин иқтибос, як сирри муҳим нуҳуфтааст: дар ин ҷо уқёнус ё баҳрҳо аксаран ба самти хатти ҳаракати офтоб кашида шудаанд. Яъне, инҳо манбаҳои обе мебошанд, ҷараёни обашон чандон ба назар наменамояд. Сабаби чунин ҷараёни сусти обҳо дар он будааст, ки дар он даврон минтақаҳои Осиёи Миёна назар ба сатҳии имрӯзаашон аз сатҳи баҳр хеле пасттар воқеъ будаанд. Дар ин хусус муаллифони «История Горно-Бадахшанской Автономной области» навиштаанд, ки: «Тибқи назари дигар олимон Помири Шарқӣ дар голотсени нахустин поёнтар аз сатҳи кунунӣ воқеъ гардида, аз ин ҷиҳат шароити иқлими он даврон сабуктар буд... Л. Ф. Сидоров чунин мешуморад, ки табиати Помири Шарқӣ 10 000 сол пеш дар даврони гелотсен аз шароити кунунӣ бисёр тафовут дошт. Дар даврони гелотсени аввалия маҷрои дарёҳои асосӣ дар сатҳи кунунии баландкӯҳ воқеъ набуда, дар масофаи 600-700 метр аз нишонии кунуниашон поёнтар қарор доштанд. Он замон дар водии дарёҳо туғайзор, дар нишебиҳо арчазор ва дар дашт теппаҳо марғзору алафзор мерӯид».

Танҳо дар Осиёи Миёна, ки нахустмеҳани ориёиҳо дар ҳамин минтақаҳо айният меёбад, ҷараёни рудҳо ба самти ҳаракати офтоб сурат мегирад. Рудҳои Вахш, Панҷ, Сир, Зарафшон дар шумори рудҳои бузурге мебошанд, ки ба самти ҳаракати офтоб ҷорӣ мегарданд. Руди Торим, ки яке аз уқёнусҳои ориёҳиндӣ ба шумор мерафт, агарчи ба муқобили самти ҳаракати офтоб ҷараён дошта бошад ҳам, бо хатти ҳаракати офтоб мувозӣ мебошад.

Тавре аз мисолҳо маълум мегардад, аксари рӯйдодҳои асарҳои ориёҳиндӣ дар соҳилҳои уқёнуси Шӯр ба амал меоянд. Ин минтақа ҳамчун маркази двипаҳои ориёҳиндӣ мақоми хос дошт.

https://bikhon.tj

УҚЁНУСИ БУЗУРГ (ҶАҲОНӢ)

Уқёнуси Бузург дар асотири ҳиндӣ аз се уқёнуси дигар бештар мавриди ёдоварӣ ва тазаккур қарор гирифтааст. Ин уқёнус дар иртибот бо кӯҳи Меру, бо чаҳор самт (шарқ, шимол, ҷануб, ғарб), бо чаҳор мулк, ҳафт ё сенздаҳ ҷазира ва дигар хусусиёт ҳамчун далели асосӣ хидмат намудааст. Ба назар мерасад, ки уқёнуси Бузург ва ё Ҷаҳонӣ айнияти баҳрест, ки дар даврони қадим бисёр ҳудудҳои Осиёи Миёнаро дар бар мегирифтааст. Ин уқёнус дар баъзе маврид дар адабиёти ориёҳиндӣ уқёнуси Ибтидоӣ ва ҳамчунин уқёнуси Ҷаҳонӣ низ номбар шудааст.

Вақте хусусиёти уқёнуси Бузург дар адабиёти ориёҳиндӣ муойина мешаванд, далолати онҳо ба як дарёи калони обаш тираву лойолуд ҷоришаванда равшан зоҳир мегардад. «Вай (уқёнуси Бузург – М.Ҳ.) макони ҳар гуна сангҳои қиматбаҳост… Иқоматгоҳи Варуна аст… Вай (уқёнуси Бузург – М.Ҳ.) ҳокими дарёҳост… Сарчашмаи бебаҳои амрита аст… Аз наъраву ғиреви бошандагонаш тираву махуф аст… Аз бодҳое, ки аз соҳилҳояш мевазиданд, мавҷ мезаду талотум мекард… Ба назар мерасид, ки вай мерақсид, бо мавҷҳояш, ки дастҳояш буданд, бозӣ мекард… Вай лойолуд буд, зеро обҳояшро дар қаър эзади Говинда (Говбон, яъне Вишну-Кришна – М.Ҳ.) ба талотум меовард. Ин ҳокими беқаър, бесоҳил, бепаҳно ва андозанашавандаи дарёҳост…»[1] «Онҳо диданд, ки чи гуна ҳазорон рудҳои калон бо шитоби аз якдигар бештар пайваста ба уқёнуси Бузург мерехтанд… Онҳо зуд аз уқёнус гузаштанд».[2] «Кадруи зудпарвоз ҳамроҳи Винатой аз рӯи уқёнус зуд парвоз карда ба назди асп расиданд».[3] Ҳамҷавории қуллаи Меру бо уқёнуси Бузург далели айнияти он бо сарчашмаи дарёи Вахш аст. Боре эзадон дар

[1] «Маҳабҳарата», с. 84.
[2] Ҳамон ҷо, с.55.
[3] Ҳамон ҷо, с.85.

https://bikhon.tj

қуллаи кӯҳи Меру ҷамъ омада, бо андӯҳ гила мекунанд, ки чи гуна онҳо, эзадон, аз пириву беморӣ, халос шуда, ҳамеша ҷавону намиранда бимонанд. Вишну ба онҳо маслиҳат медиҳад, ки «Ҳамроҳи асурҳо[1] ба уқёнуси Бузург фуруд оед ва ҳамагон Уқёнусро бичархонед, то аз он амрита – нӯшобаи бемаргӣ ба даст биёваред».[2] Онҳо ҳамроҳи асурҳо бо истифодаи кӯҳи Мандара ҳамчун чархчӯб (асбоби дӯғкашӣ) ва мори Васука ҳамчун тасмаи чархчӯб обҳои уқёнусро чарх занонда, нӯшобаи намирандагӣ ба даст меоваранд. Шоҳи сангпуштҳо ризоият медиҳад, ки дар қаъри уқёнус кӯҳи Мандараро ба пушти вай гузошта, давр занонанд.

Дар тасвироти асотири ҳиндӣ кӯҳи Мандара ҳамчун яке аз кӯҳҳои зебову бузург тасвир ёфтааст.[3] Дар ин бора дар «Маҳабҳарата» омадааст: «Як замон ҳамроҳ бо эзадони дигар ва асурҳо ту ҷуръат кардӣ, ки уқёнуси Бузургро ба талотум биёварӣ ва барои ба даст овардани нӯшобаи амрита онро бо кӯҳи Мандара бичархонӣ».[4]

Бисёр хусусиёти уқёнуси Бузург баъдан дар адабиёти авестоӣ, сарчашмаҳои хитоӣ ва дагар халқҳо мавриди ёдоварӣ ва тазаккур қарор гирифт. Масалан дар «Авесто» моҳие бо номи Восӣ зикр шудааст, ки он дар ҷазирае дар миёни баҳри Ворукаша дарахти Ҳуми сафедро нигоҳбонӣ мекунад ва гумони қавӣ бар он аст, ки мори Васука дар «Маҳабҳарата» гунаи авестоии ҳамон моҳии Восӣ дар «Бундаҳишн» аст: «Восӣ дар миёни дарёи Фарохкарт (Ворукаш) ба сар мебарад ва дарозии ӯ ба андозаест, ки агар тундрав марде аз бомдод то шомгоҳ шитобон бидавад,

[1] Асурҳо махлуқоти зишту ғайрихудоӣ .

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 66. «Ҳамагон уқёнусро бичархонед…» – амалест, ки ҳоло чигунагии он бо расми дӯғкашӣ зоҳир мегардад. Тавассути дӯғкашӣ аз ҷурғот равғани маска ҷудо мешавад. Ҷунин расм шояд танҳо дар миёни тоҷикон вуҷуд дошта бошад ва он далелест аз шабеҳияти дӯғкашӣ ва чигунагии чархонидани уқёнуси Бузург.

[3] Чун дигар айниятҳои баъдӣ ин кӯҳ аз тарафи маҳаққиқини ҳинду бо Мандарагирӣ дар ноҳияи Бхачалпурӣ, дар Ҳинд айният дода шудааст.

[4] «Маҳабҳарата», с. с.88.

https://bikhon.tj

ҳанӯз онро натавонад паймуд». Ҳамчунин тахмин кардан мумкин аст, ки сангпуште, ки кӯҳи Мандара ҷиҳати чархзанонӣ ба пушти ӯ гузошта шудааст, дар адабиёти авестоӣ ба қурбоққа ё вазаъ айният мегирад. Дар «Бундиҳишн» (бахши 18) омадааст, ки вазаъ ё қурбоққа яке аз зишттарин офаридагони Аҳриман аст ва дар дарёи Фарохкарт бар гирди дарахти Ҳуми сафед шино мекунад, то онро биҷавад; аммо моҳии эзадгунаи Кара ҳар ҷо, ки вазаъ билағзад, аз он дарахт нигаҳбонӣ мекунад..».[1]

Уқёнуси Бузург, яъне рудҳои Вахш ва Панҷ дар ёддоштҳои сайёҳи чинии асри VII Сюан-Тзян бо номи Дарёи Бузург зикр шудааст, ки мувофиқи шарҳи Академик Б. Ғафуров ин дарё ҳамон вақтҳо дар Хитой чунин ном бурда мешудааст.[2] Яъне номи Дарёи Бузургро хитоиён ҳамчун сифати ин дарё зикр накарда, балки ҳамчун номи аслии дарёи Вахш истифода кардаанд. Ин дарё аз тарафи епископи арманӣ Себеос низ (тақрибан асри VII), ки дар дарбори сосониён кор карда будааст, бо номи Дарёи Бузург ёд шудааст.[3]

Ҳамчунин, тахмин кардан мумкин аст, дар замони Доро номи Вахш ба гунаи Арахша, шояд баргаште аз Ворукаша, вуҷуд дошта будааст, зеро дар мисоли зер номи дарёи Арахша ба айният бо мавқеияти Вахш далолати равшан менамояд. «Шоҳ Доро мегӯяд: «Ман баъд ба кишвари сокоиҳо лашкар кашидам, ки онҳо кӯлоҳи нӯгборик (тиграхуд) мепӯшанд. Ин сокоиҳо аз ман фирор намуданд. Ман ба соҳили Баҳри (ё Дарёи) Бузург расида, ба ҳама лашкарам аз он гузаштам. Баъд сокоиҳои зиёдеро куштам…» Ин пораро муҳаққиқон ба ҳар гунае шарҳ додаанд. Баҳр ва ё дарё будани он садди обие, ки Доро аз он гузаштааст, дар назари олимон бо тафриқа зикр гардидааст. Тибқи маълумоти «История Таджикского народа». В. В. Струве дар китоби «Лаш-

[1] «Авесто». (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ), саҳ, 1030.
[2] «Тоҷикон», с. 285, ҷ. 1, нашри русӣ.
[3] «Тоҷикон» ҷ. 1, саҳ. 279, нашри русӣ.

https://bikhon.tj

каркашиҳои Дорои 1 ба кишвари сокӣ-массагетҳо» он садди обиро «баҳр» тарҷума кардааст. Я. Харматта онро чунин овардааст: «Ба соҳили баҳр расидам. Дарёеро, ки Арахша ном дорад, гузаштам».[1] Ин мисолҳо агар аз як тараф номи аслии замони товедоии Вахшу Панҷ – яъне Дарёи (уқёнуси) Бузургро равшан намоянд, аз тарафи дигар баҳси кадом дарё будани садди обиеро, ки Доро аз он убур намуда буд, ҳаллу фасл намуда, ҳамчунин гунаи дигари номи он – Арахшаро равшан менамоянд.

Шояд дар аввалҳои асрҳои солшуморӣ низ номи дарёи Вахш ба гунаи Дарёи Бузург вуҷуд дошт. Вагарна дар сарчашмаҳои хитоӣ, эронӣ ва дигар халқҳо ба чунин ном ёдоварӣ шудани он имкон надошт. Аммо номи авестоии ин дарё – Ворукаша низ шояд шакл ё гунаи дигари Дарёи Бузург ба забони авестоӣ будааст. Ин номро ба забони паҳлавӣ «Фарохкарт» тарҷума карданд ва маъноашро дарёи «соҳилҳояш фарох буридашуда» маънидод намуданд[2]. Яъне дар ин ном низ нишоние аз «бузургӣ», ки сифати аввалияи ин дарё будааст, дида мешавад.

Сарчашмаи ин дарё Сурхоб ном дорад, ки ба сабаби гилолуд ва сурхранг буданаш чунин ном гирифтааст. Ва дар адабиёти ориёҳиндӣ ба ин мазмун омадааст: «Ва ӯ (Индра – М.Ҳ.) уқёнус – бошишгоҳи Варунаро дид, ки обаш мисле ки хунолуда бошад, сурх буд…»[3]

УҚЁНУСИ ҶАНУБӢ

Муқаддас ҳисоб шудани шумораи «чаҳор» дар адабиёти ориёҳиндӣ дар қатори чаҳор унсур, шояд аз ҳамин чаҳор уқёнус, чаҳор иқлим ва чаҳор самт манша гирифта бошад. Шояд чаҳор рӯи Браҳма ва Шива низ симои ҳамин чаҳорҳо

[1] «История Таджикского народа», сах. 638.
[2] Дар ин бора ниг: Ҳотам М., «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012.
[3] «Мифы древней Индии», с. 172.

https://bikhon.tj

будааст. Заминҳое, ки дар водиҳои ин чаҳор дарё – уқёнус ҷойгир буданд, ба унвони чаҳор иқлим ёд шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳар шоҳе, ки дар қаламрави ин чаҳор уқёнус ва чаҳор иқлим – мулк ҳукмравоӣ мекард, шоҳи тавонотарин ва хушбахт ҳисоб меёфт. Дар «Маҳабҳарата» омадааст, ки нахустин бор Духшаянта ин чор мулкро ба зери тасарруфи худ дарварда буд. Баъдан шоҳони дигар дар як ё ду, се, ҳамчунин чаҳор иқлим ҳукмронӣ менамуданд. Гоҳи дигар ҳар як иқлим ба чанд қисмат – ҷазираҳо, низ тақсим шудааст. Аммо маълум мешавад, ки чунин тақсимоти чаҳор самт аз эзадони ориёҳиндӣ мерос монда будааст.

Омӯзиши мавқеияти бисёр номҳои ведоиро бо як нигоҳ аз мавқеияти ҷануб – уқёнуси Ҷанубӣ – сарзамини Ҷамшед – нишебии ҷанубии кӯҳи Меру ва водии дарёи Панҷ, ки дар он даврон ҳамчун қисмати ҷанубии уқёнуси Лаванода маҳсуб мешуд, муайян кардан муаяссар аст.

Дар баъзе маҳалҳо воқеаҳо аз мавқеияти шимолии кӯҳи Меру нақл карда мешаванд. «Равана ин суханонро шунида, бо кароҳат табассуме кард ва гардунаи муъҷизи худ савор шуда, ба сӯи уқёнуси Ҷанубӣ парвоз намуд».[1] Дар адабиёти ориёҳиндӣ ибораи «кӯҳҳои ҷанубӣ» низ борҳо зикр шудааст, ки онҳо низ аз мавқеияти кӯҳи Меру дар назар дошта шудаанд. Ману – Нахустодами адабиёти ориёҳиндӣ ва бародари угаи Йама дар кӯҳҳои ҷанубӣ нузул намудааст.[2] Вай рӯзе ҳангоми дастшӯӣ моҳичаеро наҷот мебахшад. Моҳича ба ивази ин некӣ ба ӯ роҳи аз Обхезии бузург (Тӯфони Нӯҳ) халос шуданро ёд медиҳад.

Омӯзиши хусусиёти ҷойгиршавии уқёнусҳо ва «ҷазира»-ҳои миёни онҳо бисёр лаҳзаҳои таърихии ориёҳиндуҳоро қабл аз муҳоҷираташон равшан карда метавонанд.

Дар адабиёти ориёҳиндӣ омада, ки яке аз ҷазираҳои ҷанубӣ аз дигарҳояш калонтар будааст. Дар асотири ҳиндӣ

[1] «Мифы древней Индии», с.122.
[2] «Мифы древней Индии», с.26.

https://bikhon.tj

дар ин боб омадааст: «Вишравас гуфт: Дар уқёнуси Ҷанубӣ ҷазираи бузургест ва дар он ҷазира кӯҳест, ки дар болои баҳр қомат афрохтааст. Дар қуллаи ҳамон кӯҳ шаҳри аҷиби Ланка бо деворҳои тиллоӣ қомат афрохтааст».[1] Шояд ҳамин ишораҳо сабаб шуда, ки дар самти ҷанубии нимҷазираи Ҳинд баъди муҳоҷирати ориёиҳо ҷазираи бузургтарин Шри Ланка номида шуд. Аммо эҳтимол аст, ки аз он Ланкаи томуҳоҷиратӣ ҳоло деҳе ё мавзеъе бо номи Лангар дар ҳудуди ҷазирае, ки зикраш рафт, боқӣ монда бошад.

Тавре қаблан низ ишора шуда буд, ориёҳиндҳо пас аз вуруд ба Ҳинд, ки он ҳам он вақт Ҳинд ном надошт, номҳои зиёди маҳалоти иқомати нахустинашонро бо назардошти шабеҳияти самту мавқеияти дарёҳову кӯҳҳо дувумбора дар нимҷазираи Ҳинд номгузорӣ карданд. Чун дар адабиёти ориёҳиндӣ зикр шуда буд, ки Ланка як шаҳрест дар як ҷазираи бузурги ҷанубӣ, шояд ба ҳамин хотир як ҷазираи бузургро дар ҷануби нимҷазираи Ҳинд Ланка – Шри Ланка номгузорӣ карданд.

УҚЁНУСҲО, ҶАЗИРАҲО

Дар адабиёти ведоӣ ва хоса «Маҳабҳарата» аз чаҳор (баъзан ҳафт) уқёнус, чаҳор иқлим ё мулк, ҳафт ҷазираи калон ва дар маҷмӯъ сенздаҳ ҷазира (қитъа) ёд шудааст. Умуман дар адабиёти ориёҳиндӣ роҷеъ ба ҷазираҳо шумораҳои гуногун ба назар расидааст. Агар дар баъзе қисматҳо шумораи ҷазираҳо ҳафтто зикр гардида бошанд, дар баъзе лаҳзаҳои дигар аз сенздаҳ ҷазира ёд шудааст.

Дар адабиёти мазкур ҳарчанд бештар аз ҳафт уқёнус сухан меравад, аз чор уқёнус чандин маротиба дар иртиботи Меру ёдовар шудааст.

Воқеан, ориёҳиндуҳо зери мафҳуми уқёнуси Ҷаҳонӣ агар

[1] «Мифы древней Индии», с.сах. 85.

https://bikhon.tj

уқёнуси Ҳиндро дар назар медоштанд, номбар шудани уқёнуси Ҷанубӣ мантиқан дуруст намеомад. Дуввум, маълум аст, ки оби ҳама уқёнусҳо шӯр аст ва аз ин лиҳоз уқёнусеро махсус «Уқёнуси оби шӯр» гуфтан низ бемаврид мебуд. Ва кӯҳи Рудра-Ҳимолой, ки онро бо кӯҳи Меру айният додаанд, аз уқёнусҳо дар масофаи хеле дур қарор дошта, ба воқеияти ҷуғрофии ведоӣ мувофиқат намекунад. Асотир ҳеҷ гоҳе аз унсурҳои воқеияти ҷуғрофӣ орӣ набудааст. Бешак, созандагони асотиру афсона мардумонанд ва ҳангоми эҷоди он асотиру ривоят на маҳалоти мавҳум, балки тасвиротеро ба кор мебаранд, ки дар кӯҳу дарё ва маҳалу мавзеъи иқоматашон бо чашм дидаанд. Фақат ин қадар ҳаст, ки тасвироти муболиғаомези онҳоро наслҳои баъдӣ дар ҳамон руҳия идома медиҳанд. Чунин ҳол ба асотири ҳиндӣ низ тааллуқ дорад.

МЕРУ-УПА-МЕРУ, ПОМИР

Дар асоси ҷуғрофияи устуравии Ҳинди қадим Замин аз ҷазираҳое иборат аст, ки онҳоро уқёнусҳо дар атрофи кӯҳи Меру (кӯҳи Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ.) аз ҳам ҷудо кардаанд. Чунин ҷазираҳо ҳафтто (баъзан ҳашт, дувоздаҳ ва ғайра низ) буда, ҳар яке аз онҳо як мулк ва ё кишварро ташкил медодааст.

Тавре дар дигар бахшҳо зикр гардид, кӯҳи Меру қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонист ва тавре маълум аст, баландии он аз сатҳи баҳр 4795 метрро ташкил медиҳад. Дар замони сукунати ориёҳиндуҳо дар ин минтақа ин кӯҳ аз ин ҳам пасттар буд, зеро тавре илм исбот намудааст, кӯҳҳои Помир ҳар сол ба дарачаи муайян баланд мешаванд. Вале тавре дида мешавад, баландии ин кӯҳ аз воқеият ба таври муболиғавӣ фарқ мекунад. Албатта, уқёнус ва кӯҳе бо чунин тасвирот афсонаву устураро пеши назар ҷилвагар менамояд. Ва ҳангоми дар таҷаммуъ мавриди омӯзиш қарор додани номҳои кӯҳҳову мавзеъҳо, таҳлили вазъи ҷуғрофии

https://bikhon.tj

асотир ва муқоисаи онҳо ба кӯҳҳову мавзеъҳои воқеӣ бисёр манзараҳои таърихиро равшан мекунанд. Дар таъйини самтҳо нисбати кӯҳи Меру ва дигар маҳалҳо дар асотири ведоӣ печидагиҳои зиёде ба амал омадааст, ки ҷудо намудани онҳо воқеияти ҳолро равшан менамояд. Асотир ҳеҷ гоҳе аз унсурҳои воқеияти ҷуғрофӣ орӣ набудааст. Бешак, созандагони асотиру афсона мардумонанд ва ҳангоми эҷоди он асотиру ривоят на маҳалоти мавҳум, балки тасвиротеро ба кор мебаранд, ки дар кӯҳу дарё ва маҳалу мавзеъи иқоматашон бо чашм дидаанд. Фақат ин қадар ҳаст, ки тасвироти муболиғаомези онҳоро наслҳои баъдӣ дар ҳамон руҳия идома медиҳанд.

Роҷеъ ба маънои вожаи «Помир» донишмандон чанд назареро пешниҳод намуда бошанд ҳам, ҳеҷ яке аз онҳо аз худ қотеъона пуштибонӣ карда натавонистааст. Дар адабиёти қадими хитоӣ номи Помир ба шакли Пу-ми ва ё Пу-мило омада, ки маъноаш гӯё «ҷойгоҳи тулӯъи хуршед» будааст ва аз он рӯ, ки Помир барои Хитой дар мавқеъяти ғуруби хуршед қарор дорад, ин маъно қобили қабул нагаштааст. Пои Меҳр, Бом Меҳр, (Кишвари хуршед), Бом Ир (Кишвари ориёҳо) низ аз гунаҳои пешниҳодшудаанд. Дар ин миён яке аз гунаҳо, ки дар адабиёти ведоӣ зикр ёфтааст, Упамеру, аз тарафи баъзе муҳаққиқин ҳамчун эҳтимолияти тасмияи Помир пешниҳод шудааст. Дар адабиёти ведоӣ дар баробари чанд кӯҳу дарё ва бештар аз дигар номҳо номи Меру ҳамчун кӯҳ ва маҳал истифода шудааст. Баъзе муҳаққиқон аз ҷумла олими франсавӣ Эжен Бюрнуф (1801-1852), олими рус Н.Ф. Фёдоров, (охири асри 19) ҳамин Меруро асоси вожаи Помир донистаанд. Меру, ки маъноаш лаб, ё ҳаду ҳудуд будааст, ба шакли Упа-Меру, яъне паҳлуи Меру талаффуз ёфта, баъдан ба шакли (У)Па-Мер(у) ихтисор шудааст. Аммо бархе олимон савол медиҳанд, ки ёдоварӣ аз Упа-Меруи дур барои ориёиҳо дар Ҳинд чи зарурате дошт? Вале маълум мегардад, ки ин ном на аз Ҳинди дур, балки аз маҳали атро-

https://bikhon.tj

фи Меру ва дар замони сукунати ориёҳиндҳо дар ин минтақа номгузорӣ шуда будааст. Тахминҳои аз Пои Миҳр, Бом Ир (кишвари ориёиҳо), Бом Меҳр тасмия шудани Помир, асоси воқеӣ надоранд. Бояд тазаккур дод, ки роҷеъ ба минтақае, ки аз он сухан меравад, дар сарчашмаҳои қадими халқҳои дигар низ ҳамчун доир ба яке маконҳои нахустини сукунати инсон сухан рафтааст.

Таҳлилоти чуғрофиёи ведоӣ далолат менамояд, ки маҳз ҳамин вожа – Упамеру бо ихтисори ҳарфҳои аввалу охир – (у)Памер(у) асоси вожаи Помирро ба вуҷуд овардааст. Вожаи Упамеру аз ду қисмат – Упа ва Меру таркиб ёфтааст, ки маъноаш «Он сӯи Меру» ва ё «Паҳлуи Меру» будааст.[1] Ва аммо қисмати дуввуми «Упа-меру» – Меру яке аз номҳои машҳури адабиёти ведоӣ – номи кӯҳи муқаддас мебошад, ки дар атрофи он ҳаводиси бисёри ведоӣ сурат гирифтааст. Дар адабиёти ведоӣ кӯҳи Меру ҳамчун баландтарин ва зеботарин кӯҳ тасвир ёфтааст. Дар фарози ин кӯҳи муқаддас тибқи асотири ведоӣ Браҳмапур – шаҳри биҳиштии Браҳма, осмони Индра, шаҳри эзадон ва дигар сокинони осмонӣ мавқеият доштааст. Маркази ҳокимияти осмонии Индра шаҳри Амаватӣ (намирандаҳо, ҷовидонон), ки хеле зебову пуршукӯҳ буда, дар паҳлуи ҳамин кӯҳ қарор доштааст.[2] Кӯҳи

[1] Чунин шакли таркибсозӣ дар адабиёти ведоӣ ва авестоӣ зиёд ба назар расидааст. Вожаи «упа» ба маънои «он сӯ»ва ё «он тараф»-и чизе имрӯз низ дар гӯишҳои мардумӣ мустаъмал аст. Ин вожа дар адабиёти ведоӣ ба шакли «паҳлу» низ омадааст. Яке аз адабиёти ведоӣ «Упанишад» ном дорад, ки маъноаш «дар паҳлу нишастан» будааст. Дар адабиёти авестоӣ низ бо ин вожа чандин номҳо зикр ёфтаанд ва «Упахтра» (Он тарафи кӯҳи Шимолӣ) ва Упарсаинӣ (он тарафи парвози уқобон, номи кӯҳ), дар ҳамин шуморанд. Номшиносони рус вожаи Пермро аз «Бармаа» – «заминҳои он тараф» маънидод кардаанд, ки гумон меравад, шакли нахустинаш «Упармаа» бояд буда бошад.

[2] Агар баъзе маҳалҳоро муҳаққиқон дар Ҳинд айнияти тахминиву тақрибӣ дода бошанд, ҳам аммо кӯҳи Меру аслан кӯҳи устуравӣ номбар шудааст. Танҳо чанде аз олимон онро ба кӯҳи Рудра-Ҳимолой дар Гархвал айният додаанд. Вале нишониҳои Рудра-Ҳимолой ба кӯҳи Меруи дар Ведоҳо тасвиршуда мувофиқат накардааст.

https://bikhon.tj

муқаддаси Меру тибқи асотир дар маркази Замин қарор дошта, моҳу офтоб дар атрофи вай давр мезананд. Ин кӯҳ аз тилло ва сангҳои қиматбаҳо таркиб ёфтааст. Кӯҳи Меру дар «Ригведо» зикр гардида, дар бораи он дар «Маҳабҳарата» муфассал сухан рафтааст. Ҳиндуҳо кӯҳи Меру, зебоиву шаҳомати он, инчунин баландии онро аз ҳад зиёд тасвир намудаанд. Баландии он 840 ҳазор мил, қутри қуллаи он 320 ҳазор мил қаламдод шудааст. Дар чор тарафи ӯ дар чор самти ҷуғрофӣ чор қуллаи кӯҳи бузург ҷой гирифта будааст. Паҳлуи шарқии Меру ба ранги лаъл, ҷанубӣ – ранги нилуфар, ғарби – тилоӣ, шимолӣ ранги марҷон будааст.

Ин кӯҳ рамзи ҷаҳонии халқиятҳои тоҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуориёӣ дониста мешавад. В.Демин Меруро кӯҳи ҷаҳонӣ, рамзи кӯҳи Қутб донистааст. Вай мегӯяд: «Ҳазоронсолаҳо шитобон гузаштанд, аз рӯи замин бисёр халқияту тамаддунҳо нобуд гардиданд. Вале Сухан дар пеши Хронос-Вақти ҳама чизро фурӯбаранда фанонашаванда ва шикастнопазир аст. Аз насл ба насл, аз бобокалонҳо ба мову шумо, аз мо ба Ояндаи дури чашмнорас даҳониву хаттӣ рамзи бостонии Нахустмеҳани Қутбии дар овобандии mr мармузшуда интиқол мегардад: кӯҳи тооriёии Меру – Помир – пирамидаҳои Миср ва дигар пирамидаҳо, вожаи пурмаънои русии «Мир» ҳамин гуна андозанопазир ва кайҳонвусъати дунёи воқеии Мир (Дунё – М.)».[1]

Устураи кӯҳи Ҷаҳонӣ, ки маркази дунё ба шумор рафта ҷойгоҳи ба вуҷуд омадани одам ва реҳлати ҷонҳо дониста мешавад, устураи бунёдии тақрибан ҳамаи динҳо – аз Ветхий Завет то бисёрхудоии немисӣ ва нагвализми ҳиндуӣ ба шумор меравад.

Дар адабиёти ориёҳиндӣ омадааст, ки дар домани кӯҳи Меру танҳо равонҳо сукунат доранд, ки дорои қудсияти амиқ ва неруи бузурги равонӣ мебошанд. Ин нишебӣ –

[1] Демин Валерий. «Тайны русского народа: В поисках истоков Руси». Аммо маънои вожаҳои пирамида, мир аз Меру фарқ мекунанд – Муаллиф

https://bikhon.tj

ҷарии Ҷотишка – «дурахшон» ном дошта, поёнтар аз ин нишебӣ, дар домани кӯҳи Меру дар 108 ҳавлӣ валиҳо иқомат доранд. Ин 108 ҳавлӣ дар намуди мандал (давра) дар атрофи Меру воқеъ гаштаанд.

Бар хилофи назарияи маъмули он ки бисёр эзадон дар осмон сукунат доштаанд, қисмати зиёди онҳо дар замин, дар об ва ё зери замин зиндагӣ мекардаанд. Мутобиқи ривоятҳои ориёҳиндуӣ эзадони аз осмон нузулнамуда (адитҳо, даеваҳо, Сваргаиҳо) дар шоҳигарии Индра (Сварога) Сваргаи кабуд, ки маркази он шаҳри пуршукӯҳи эзадон Амаравати буд, зиндагӣ мекарданд. Сарфи назар аз он ки дар сарчашмаҳои қадими ориёҳиндуӣ ҷойгоҳи Сварга ва Амаравати аз сайёраҳои дур (Сатялока, Маҳарлока, Сварлока) то ҷойгоҳе миёни Замин ва Офтоб нишон дода мешавад, дар китобҳои дуюм ва сеюми «Маҳабҳарата» («Сабҳапарва ва Аранякапарва») далелҳои муътамаде оварда мешаванд, ки тибқи онҳо Сварга, ба шумули Меру (ки дар қуллаи он шаҳри Амаравати воқеъ гаштааст), Мандара ва кӯҳҳои ҳамҷавори онҳо, бешаву боғҳо, гулгашту чаманҳо дар замин воқеъ гашта будаанд. «Дар самти шимол Меруи тавонои дурахшон истодааст. Биҳишти эзади тавоно Индра дар қуллаи он ҷойгоҳ дорад. Аз ин кӯҳ рудҳои бузург ҷорӣ мешаванд… Дар домани Меру «ҳарами эзадон» уқёнуси Шир ва дар назди кӯҳи бузурги Меру регзор (биёбони) воқеъ гаштааст».[1]

Берунӣ менависад: «Дар Матся-пуран» омадааст, ки «Вай (Меру) аз тило таркиб ёфта, мисли оташи бедуд дурахшон аст. Чаҳор тарафи ӯ чаҳор ранги гуногун доранд. Ранги самти шарқии он мисли ранги браҳманҳо сафед, ранги шимолии он сурх мисли ранги кшатриҳо, ранги самти ҷанубии он мисли ранги вайшиҳо зард ва ранги ғарбии он мисли шудрҳо сиёҳ аст. Дар Ваю-пуран омадааст, ки аз ҳар як тарафи Меру кӯҳи чаҳорпаҳлу воқеъ гаштааст: дар шарқи он

[1] «Маҳабҳарата».

https://bikhon.tj

кӯҳи Малявант, дар шимол – Анила, дар ғарб Гандҳамадан дар ҷануб Нишадҳа».[1]

Муқоисаи тасвироти ведоии кӯҳи Меру бо тасвироти авестоии кӯҳи Ҳара Баразайтӣ (Ҳукарё) нишон медиҳад, ки дар байни ин ду кӯҳ умумияти бисёре вуҷуд дошта, ҳар ду ин кӯҳ як кӯҳ аст. Моҳу офтоб дар атрофи кӯҳи Меру давр мезананд, дар болои вай шаҳри осмонии ҷовидонон Амарватӣ воқеъ гаштааст, ки роҳи он аз қуллаи Меру ва аз он ҷо ба воситаи Пули ситорагӣ воқеъ гаштааст. Аз домани он дарёҳои зиёде ба поён ҷористанд. Кӯҳи Меру гӯё дар миёни Уқёнуси ҷаҳонӣ қад кашидааст, ки дар атрофи ҷазираҳои дуру наздик ҷой гирифтаанд, ки калонтарини онҳо шашто будаанд. «Кӯҳи Меру дар ҷилваву дурахш бемислу монанд аст. Қуллаҳояш мисле ки зарандуда бошанд, тобону муҷаллоянд, нури офтоб дар паҳлуи он аксандоз гаштаааст. Қуллаи заррин ва муъҷизаноки вай қадамҷои эзадон ва гандҳарвҳост. Ин қулла барои мардуми гунаҳкор дастнорас аст. Дар доманаш ҳайвоноти бадҳайбат макон гирифтаанд. Аз канораш дарёҳои фаровон ҷористанд, дар соҳилҳо селаи мурғон дар навост».[2] Дар «Авесто» низ кӯҳи Ҳара Баразайтӣ, ки қуллаи он Ҳукарё ном дорад, ҳамчун кӯҳи муқаддас ситоиш ёфтааст. Аз шонаи ин кӯҳ моҳу офтоб ва ситораҳо баромада, ба кишвари ориёҳо нурафшонӣ мекунанд. Аз домани ин кӯҳ низ чашмаву рудҳои зиёде ҷористанд. Биҳишт мисли шаҳри Амарватӣ дар паҳлуи ҳамин қулла қарор дорад ва роҳи он биҳишт ба воситаи Чинди-пул, ки як сараш дар болои кӯҳи Арзур Грева гузошта шудааст, мегузарад. Гунаҳкорон низ аз болои ин Пул гузашта натавониста ба оташи дӯзах меафтанд. Қуллаи ин кӯҳ низ мисли Меру зарандуда ва муҷаллост, дар канораш баҳри Ворукаша мавҷ мезанад. «Аҳуро Маздо аз барои Меҳр бар он қуллаи баланд ва дурахшони Ҳараитӣ Бара-

[1] Берунӣ Абурайҳон. «Ҳинд» (М.: Ладомир, 1995).
[2] «Маҳабҳарата», саҳ. 77.

https://bikhon.tj

зайт зеботарин ҷойгоҳро сохтааст, ки Меҳр нозир ва нигарони мардум аст».[1]

Авестошиноси машҳур, тарҷумони Авесто ба забони русӣ проф. И. М. Стеблин-Каменский дар шарҳи ин китоб «Авеста» роҷеъ ба қуллаи Ҳара чунин шарҳ овардааст: «Ҳара – кӯҳҳои устуравӣ, ки заминро иҳота намудаанд. Номи Ҳара Баразайт, ки маънои таҳтуллафзаш Кӯҳи Баланд мебошад, баъдҳо ба кӯҳҳои Албурз дар шимоли Эрон ва Албурз дар Қафқоз (номи ҳар ду Авестоист) кӯчонда шудааст. Дар асоси тасаввурот дар бораи Ҳарои Баланд ё Ҳаротӣ эҳтимол аст, ёдоварие аз Помир ва Ҳиндукуш қарор гирифта бошад».[2] «Меситоям кӯҳи Ҳукарёро – Бошаҳомату тиллоист». «Замину осмонро меситоям… Баландтарин қуллаи кӯҳи Ҳараитӣ – Баразайтро меситоям. Абрҳои боронзо ва панҷоҳ чашмаи (кӯҳи Ҳараитӣ)-ро меситоям. Абрҳои анбӯҳи вожгун бар дарёи Ворукашаро меситоям...[3] Дар Меҳр яшт оварда шуда: «Бо ситоиши пешин, бо ситоиши пешин ба Меҳр наздикӣ ҷӯем, то бад-он ҳангом, ки хуршед аз (кӯҳи) баланди Албурз сар бароварад ва дар паси он фурӯд равад».[4]

Дар Авесто аз кӯҳҳои Ҳарати ё Ҳароитӣ сухан меравад, равшан мегардад, ки ин кӯҳҳо аз силсилакӯҳҳое иборат буда, нишонаи дигарашон он аст, ки ба тарафи шарқ қад кашидаанд. Ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҳарати ҳамон шакли ихтисоршудаи Бҳарати будааст.[5] Аз домани ин кӯҳ

---

[1] «Авесто», с.32.
[2] «Авесто», с.34.
[3] «Авесто», с. 43.
[4] «Авесто», с. 44.
[5] Роҷеъ ба маънои вожаи Меру омадааст, ки гӯё баъди Тӯфони бузург обҳо ба ду нишебии ин кӯҳ ҷорӣ гаштаву Меру ҳамчун ченакобтақсимкунак зоҳир гаштааст. Аз ин рӯ Меру – ченак – ҳудуд, меъёр – маъно доштааст. Эҳтимоли қавист, ки «Меру» бо «мера»-и русӣ иртиботе дошта бошад. (вожаи «matara-matra» – метр низ дар забони санскрит вуҷуд дошта, вожаи қадимии ориётоҷикӣ будааст) Ин маънӣ агар ба як ҷиҳат ба Меру номниҳод шуда бошад, аз ҷиҳати дигар, шояд ба аз он рӯ ин кӯҳ чунин ном гирифта, ки ҳудуди замин – ҷазираҳои атроф аз вай шурӯъ мешаванд.

https://bikhon.tj

ба самтҳои шарқ, шимоли ҷануб ва ғарб, ҳамчунин ба самтҳои ғарби ҷанубӣ, шарқи шимолӣ, шимоли ғарбӣ дарёҳои хурду калоне ҷорӣ мешаванд.

Дар «Маҳабҳарата», дар чанд маврид нисбати биёбони регзори канори кӯҳи Меру ишораҳо ба назар расидааст. Яъне мавҷудияти уқёнуси Шӯр ва биёбони регзор дар паҳлуи ҳам далели айнияти онҳо ба ҳам аст. Дар аксар маврид ҷангҳои миёни эзадон ва асурон дар адабиёти ведоӣ дар биёбони канори уқёнуси Шӯр сурат гирифтааст. Дар ин бора омадааст: «Пуластё, фарзанди чаҳоруми Браҳма, аз дигар бародаронаш писандидатар буд. Эзадон, қудсиён ва ҳакимон низ ӯро дӯст медоштанд. Вай ба биёбони назди нишебии кӯҳи бузурги Меру рафта, ба тоату ибодат машғул шуд».[1]

Тасвироту ҳодисаҳои ведоӣ ва Авестоӣ аз бисёр ҷиҳат бо кӯҳҳои Меру ва Ҳара Баразайт иртиботи қавӣ доранд. Кӯҳи Меруро уқёнус (Ҷаҳонӣ ва Лаванода) иҳота кардаанд, Ҳукарёи Ҳара Баразайт бо баҳри Ворукаша ҳамҷаворӣ дорад. Дар ҳар ду адабиёт мулкҳои назди ин кӯҳҳо заминҳои муқаддас ба ҳисоб рафта, шоҳон майл доранд, ки дар ин заминҳо ҳукмраво бошанд. «Шоҳе, ки мехоҳад мулкеро ба даст оварад, ки онро аз ҳама ҷониб баҳрҳо иҳота кардаанд ва беҳтарин ороишгарашон кӯҳи Меру ба ҳисоб меравад, бояд мувофиқи гуфти коҳини хонагӣ амал намояд». [2]

Дар адабиёти гуногун дар атрофи кӯҳи Меру бисёр дигар кӯҳҳое номбар гардидааст, ки шинохти онҳо таҳқиқу ташхиси ҷиддиро тақозо менамояд. Сарфи назар аз он баъзе кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо ва қуллаҳои кӯҳҳоро ба осонӣ шинохтан мумкин аст.

Дар шарқи Сумеру ду кӯҳ бо номҳои Ҷатҳара ва Деваку-

Ин номҳо дар адабиёти Авестоӣ бо номҳои Мару (Марв) ва Марғиён зикр гардидаанд. Дар даврони баъдимуҳоҷиратӣ номҳои мушобеҳ ба ин ном номҳои дуввумбораи ин номҳоянд, ки дар мақолаҳои қаблӣ дар ин бора сухан рафта буд[3].

[1] «Мифы древней Индии», с. 84.

[2] «Маҳабҳарата», с.437.

https://bikhon.tj

та воқеъ гаштаанд, ки ба шимол ва ҷануб қад кашидаанд. Дар ғарби Сумеру ду кӯҳ бо номҳои Павана ва Париятра воқеъ гашта онҳо низ ба шимол ва ҷануб қад кашидаанд. Дар ҷанубии Сумеру низ ду кӯҳ бо номҳои Кайлас ва Каравира ба шарқ ва ғарб ва дар шимол кӯҳҳои Тришринга ва Макара, ки ба шарқ ва ғарб қад кашидаанд, вуҷуд доранд. Ин ҳашт кӯҳ Меруро, ки аз тилои холис таркиб ёфта, мисли оташ дурахшон аст, иҳота кардаанд.

Аз чаҳор ҷониби кӯҳи азим Сумеру чаҳор кӯҳ – Мандара, Мерумандара, Супаршва ва Кумуда қомат афрохтаанд.

Кӯҳи Сумеруро 12 қаторкӯҳ, аз ҷумла Куранга, Курара, Кусумбҳа (?), Ваиканка ва Трикута иҳота намудаанд. Қаторкӯҳҳои асосӣ, ки аз домани кӯҳи Меру қад мекашанд, инҳоянд: дар шарқ — Ситанта, Мукунда, Курари, Маляват ва Вайканка; дар ҷануб — Трикута, Сисира, Патанга, Ручака ва Нишадҳа; дар ғарб — Шиквивасас, Вайдуря, Калила, Гандхамадан ва Ҷарудхи; ва дар шимол — Шанкхакута, Ришабха, Хамса, Нага ва Каланҷара. Ин ва дигар кӯҳҳо аз умқи бунёди Меру ё аз дили ӯ қад кашидаанд. Меру бо кӯҳҳои Нила ва Нишадҳа (аз шимол ва ҷануб) ва кӯҳҳои Маляват ва Гандхамадан (аз ғарб ва шарқ) иҳота гардидааст.

Дар нишебии кӯҳи Мандара, дар қисмати поёнии он дарахти манго мерӯяд, ки Девакута ном дорад. Меваҳои ин дарахт аз баландӣ афтида пош мехӯранд ва аз онҳо шираи ширин ва хушбӯ ба поён ҷорӣ гардида, рудеро ташкил медиҳанд, ки Арунода ном дошта, аз самти шарқии Илаврита ҷорӣ мегардад.

Меваҳои дарахти Ҷамбу аз баландӣ афтида, аз шираи худ руди Ҷамбунадиро ба вуҷуд меоваранд, ки вай аз қуллаи Мерумандара, аз самти ҷанубии Илаврита ҷорӣ гардида, тамоми Илавритаро ғарқи шираи худ мегардонад. Аз ин шира тилло ба вуҷуд меояд.

Дар нишебии кӯҳи Супаршва дарахти азими Маҳакадамба мерӯяд, ки аз сӯрохиҳои бехи он, аз қуллаи Супаршва

https://bikhon.tj

панҷ руди асал мисли обшор ҷорӣ гардида, ҳудуҳои Илавритаро, аз самти ғарби он сар карда, фаро мегирад.

Дар кӯҳи Кумуда баняни азамат мерӯяд, ки Шатавалша номида мешавад, зеро сад шоха дорад. Аз шохаҳои он решаҳои зиёде қад кашидаанд, ки аз онҳо рудҳои зиёде сарчашма мегиранд. Онҳо аз қуллаҳои кӯҳҳо ба самти шимолии Илаврита-варша ҷорӣ гардида, ба сокинони ин сарзамин саодату шукуфоӣ мебахшанд.

Дар он ҷо кӯҳҳои дигари зебое вуҷуд доранд, ки дар гирди домани кӯҳи Меру воқеъ гашта, мисли баргҳои нилуфар дар атрофи косаи он менамоянд. Ин кӯҳҳо Куранга, Курара, Кусумбҳа, Вайканка, Трикута, Шишира, Патанга, Ручака, Мишадҳа, Синиваса, Капила, Шанкҳа, Вайдуря, Ҷарудҳи, Хамса, Ришабҳа, Нара, Каланҷара ва Нарада ном доранд.

Меру маркази сайёра ва ҷойгоҳи эзадон будааст. Маҳз Меру нахустин шуда вақте дунёи нав ба вуҷуд меояд, аз уқёнус дар болои диски тилоӣ пайдо мешавад. Дар»Бҳагавата-пурана» гуфта мешавад, ки ҷазираи Ланка дар нахуст яке аз қуллаҳои Меру будааст ва баъд шамол онро канда бурдааст.

СЕ ДУНЁ. ДУНЁИ МИЁНА

Тибқи тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ ва буддоӣ дунё аз се қисмат – лока иборат будааст, ки онҳо Тирялока, (ё Аддҳялока «Дунёи поёнӣ») Мадҳялока, («Дунёи миёна») ва Урдҳвалока («Дунёи болоӣ») ном доштаанд. Ҷамбу ё Ҷамбудвипа, яъне сарзаминҳои миёни рудҳои Вахшу Панҷ, дар қисмати Дунёи миёна мавқеият доштааст. Ин се дунё ба шакли конуси тарошида ва ё пирамида (аҳром) буда, ки болоболои ҳам гузошта шуда будаанд. Нахуст дунёи поёнӣ ва ба рӯи он дунёи миёна сарнагун, яъне қуллаҳои дунёи поёнӣ ва миёна ба ҳам сарбасар гузошта шуда будаанд. Дунёи болоӣ

https://bikhon.tj

ба рӯи дунёи миёна тавре гузошта шуда будааст, қуллаи он ба боло ва асосаш бар болои асоси дунёи миёна меистодааст. Ҳамин тариқ, дунё ба шакли андоми одаме тасаввур мегардидааст. Ҷамбудвипа дар маркази дунёи миёна меистод ва роҳи дунёи болоӣ аз рӯи қуллаи Меру оғоз мегардид. Айравата дар паҳлуи қуллаи Меру воқеъ буд ва имкон дошт, ки ҳамчун мулки дар баландӣ қарордошта – Арйаварта номгузорӣ гардида бошад. Маънои дигари Айравата «роҳ» будааст. Тибқи тасаввуроти асотири ориёҳиндӣ роҳ ба сӯи шаҳри эзадони ҷовидон Амараватӣ, ки дар болои қуллаи Меру воқеъ будааст, аз кӯҳи Меру оғоз меёфтааст.

Мувофиқи ташреҳоти адабиёти дини ҷайнӣ дунёи Мадҳялока (миёна) шакли мудаввар дошта, қитъаи (ҷазираи) Ҷамбудвипа низ дар маркази он ба шакли доирашакл ҷойгир шудааст.[1] Кӯҳи Меру онро ҳамчун меҳвар бурида гузаштааст. Дар буни ин кӯҳ дараҳои биҳиштосои Бҳадаршала, Нандан ва Сауманас дар миёни кӯлҳо ва қасрҳои эзадони Шакра ва Ишана воқеъ гаштаанд. Дар кӯҳҳои Мандара ва Пандак, дар атрофи Меру чаҳор қуллаи кӯҳ, ки «куллаҳои бахшоиш» ном доранд, воқеъ гаштаанд. Дар буни чаҳор кӯҳ, ки дар атрофи Меру ба шакли конус воқеанд, чаҳор қаср рӯ ба чаҳор самти дунё – шарқ, ғарб, ҷануб ва шимол сохта шудаанд. Дар Ҷамбудвипа аз самти ғарб ба шарқ шаш силсилакӯҳ қад кашидаанд, ки онҳо Ҳимават, Маҳаҳимават, Нишадҳа, Нила, Рукмӣ, ва Шикҳарин ном дошта, ҳафт сарзаминро аз ҳам ҷудо намудаанд. Он сарзаминҳо Бҳарата, (ҳамчунин Бхарах) Ҳаймавата, Ҳарӣ, Видехо, Рамйика, Ҳайраняват ва Айравата (ҳамчунин Еравата) ном доштаанд.

[1] «Мифи народов мира», ч.II, с. 326.

https://bikhon.tj

МИЁНИ ҶАҲОН

Миёни ҷаҳон яке аз категорияҳои модели фазо маҳсуб гардида, нишонии асосии он дарахти ҷаҳонӣ мебошад. Миёни ҷаҳон ҳамчун унсури гармониябахш манбаи низом ва покизагӣ ба шумор меравад. Аз тарафи дигар марказ на танҳо манбаи гармонияи кайҳонӣ, балки ҳамчун ҷанини коинот ва нутфаи ҷаҳон шинохта шудааст. Марказ ҳамчун унсури зоянда ва ҳомили низом ва покизагӣ зоҳир мегардад ва аз ин ҷо тасаввурот дар бораи дар марказ ҷой гирифтани биҳишти нахустин, инчунин дар бораи вайроншавии батадриҷи коинот вобаста ба дуршаваии вай аз марказ, айниятдиҳии гӯшаҳо ба бенизомӣ ба шумор меравад. Мавқеияти ҷойгоҳи истиқоматӣ дар маркази дунё хосси космографияи бостонӣ мебошад, дар ҳоле ки атроф ҳама ҷойгоҳи бенизомиву беработӣ буда, дар гӯшаи замин азимҷуссаҳо ва дигар махлуқоти ғайриоддӣ зиндагӣ мекунанд.[1] Дар даврони қадим дар Хитой баъди атласи Пей Сю нақшаҳое пайдо шуданд, ки дар онҳо космографияи мазҳабӣ тасвир ёфта буд. Барои ин нақшаҳо марказияти ин ё он маҳалли сакралӣ хос буд, ки он дар миёнаи хиттаи замин ҷой гирифта, ки аз ҳама ҷониб онро Уқёнуси ҷаҳонӣ иҳота кардааст. Дар Ғарб ин маҳал Ерусалим, дар Ҳинд (дар асотири Ҳинд – М.Ҳ.) кӯҳи Меру (Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ.) буд.

Дар адабиёти ҷайнӣ дунё иборат аз се қисмати конусшакл ва ба шакли андоми одамӣ тасвир ёфтааст. Дунёи миёна миён, дунёи болоӣ аз миён боло ва дунёи поёнӣ аз миён поёни одам гуфта шудааст. Аз ҳамин ҷост, ки Ҷамбу (Помир – М.Ҳ.)), ки дунёи миёна ба шумор меравад, бо кӯҳи Меру дар аксар маврид ҳамчун меҳвар, тир ва нофи дунё тасвир гардидааст. Дар маркази дунёи миёна қитъаи доирашакли Ҷамбу тасвир ёфтааст, ки дар атрофи он дарёҳои зиёде таҷаммӯъ мегарданд. Дар банди аввали «Стҳананга-

[1] «Мифи народов мира», ч.II, с. 428.

https://bikhon.tj

Сутра» омадааст, ки дар маркази ҳама уқёнус ва қитъаҳо Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, ки қитъаи аз ҳама хурдтарин ба шумор меравад. Шакли он мудаввар, мисли кулчақанди ширини дар равған пухташуда, мисли чархи ароба, мисли моҳи пурра аст. Дар Ҷамбудвипа, дар маркази кӯҳи Мандара, 900 йоҷан поёнтар аз он ҷой, ки дунёи миёна ба охир расида, дунёи болоӣ сар мешавад, бевосита дар болои замини Ратнапрабҳа, ду «фазои зерисатҳӣ» (кшуллака-пратара) воқеъ гаштаанд, ки дар ҳар яке аз онҳо чаҳор «бахши фазоӣ» (ручака-прадеша) дошта, дар шакли ҳашт чочи пистони гов вуҷуд доранд. Ҷамбу баъдан ба шакли Замбу ва Зобул тағйир ёфта, ҳамчун номи яке аз сарзаминҳои даврони рӯйдодҳои «Шоҳнома» зоҳир шуда, баъди муҳоҷират дар яке аз минтақаҳои ҷануби Афғонистон номгузорӣ гардид.

Баъзе донишмандон чунин назар доранд, ки қадами нахустини Вишну дар болои ҳамин кӯҳ гузошта шудааст. Баъд гӯё қадами дуюми Вишну дар болои кӯҳи Меру гузошта шудааст. Вақте дигар ҷой наменомад, шоҳ Бали сари худро барои қадами сеюми Вишну пеш мегузорад. Вақте офтоб аз болои Ҷамбудвипа ба самти шимол мегузарад, ин кӯҳ равшантар намоён мегардад.

НОФИ ЗАМИН

Агни дар нофи Замин бо либосҳои ороста истодааст.
Ригведо.

* * *

Ҳар як халқ нофи Замини худро дорад.
Клеукр

Рамзи асотирии маркази замин нофи замин мебошад. Нофи замин танзимдиҳандаи дигар рамзҳои маркази замин, масалан меҳвари дунё, ё қуллаи он ба шумор меравад. Сухан дар бораи нофи одамӣ ва ё нофи кайҳонӣ бо ҳамон як вожаи

https://bikhon.tj

ноф ифода мешавад. Ин вожа дар русӣ – пуп, немисӣ – nabel, англисӣ – navel, ҳиндии қадим – nabhi, тоҷикӣ – ноф ифода мегардад. Ба гумони мо вожаи русии небо (осмон) низ аз ноф баргашт шудааст. Вижагии сакралии нофи замин бо иртиботи ӯ бо ҷойгоҳи бавуҷудоияш бо он шарҳ дода мешавад, ки вай дар худ нишонии пайдоиши одам, кайҳон (ки баъди таркиш васеъ гардидааст: муқоиса шавад бо вожаи ҳиндиқадимии nabh – таркиш, кафидан) ва заминро нуҳуфта медорад (дар баъзе анъанаҳои осиёимарказӣ вай дар атрофи нофи замин ҳамчун маркази худ инкишоф меёбад).

Онҳое, ки ба омӯзиши ёдгориҳои аҳди бостон машғуланд, медонанд, ки дар аксари асотири он даврон ифодаи «нофи Замин» ба назар мерасад. Дар ривоятҳои халқҳои гуногун ҳам гаҳвораи башарият ва ҳам нофи Замин дар як ҷойгоҳ арзёбӣ мегардад. Ҷонибдорони назарҳои гуногун дар бораи Эдем далелеро пешниҳод кардаанд, ки мутобиқи он ягон фарзияе, ки агар ҷойгоҳи нахустини одамро бо маркази табиии дар кадом гӯшаи замин мавҷудбуда айни ҳам надонад, қобили қабул буда наметавонад.

Вожаи ноф дар бисёр забонҳои қадими дунё маънои марказро дорад ва қутб нофи осмон дониста мешуд. Азбаски қутби осмон бо қутби заминӣ дар як мавқеият мувофиқ афтодаанд, нофи осмон бояд бо нофи Замин мувофиқат намояд.

Дар Пуронҳо бисёр зикр шудааст, ки Меру нофи (набҳи) қутбии замин аст. Ифодаи нофи осмон дар Ведоҳо низ ба назар мерасад. Дар банди панҷуми суруди 185 мандали якуми Ригведо Қутби шимол зикр гардидааст. Дар ин банд Шаб ва Рӯз ҳамчун хоҳарон-дугоникҳо дар ҳамли волидайни худ – Осмон ва Замин зоҳир мешаванд, ки ба ҳам пайваста буда, ҳамдигарро маҳдуд менамоянд ва дар як вақт «ноф»-и Заминро мебӯсанд. Дар суруди дигари Ведоҳо нофи Замин дар болои кӯҳҳое ҷой доранд, ки он ҳам дар шимол воқеъ гаштааст. Ифодаи «апамнепат» нофи обҳо – ки

https://bikhon.tj

дар «Авесто» борҳо вомехӯрад, аз сарчашмаи ҷаҳонии обҳо, ки ҳамаи рудҳо ҷорӣ мегарданд, шаҳодат медиҳанд.

Яке аз нишониҳои марказ ва миёни дунё дар ифодаи Марв – Мауру зоҳир гардидааст, ки вай ҳамчун сеюмин сарзамини «Авесто», ба шакли Мауру зикр шудааст. Мауру аслан ба маънои ҳудуд, андоза, ченак омадааст. Яъне, ҷойгоҳи Марв (Мурғоб)-ро дар ҳаду ҳудуде, дар канораи марзи минтақаи муҳиме бояд суроғ кард. Дар адабиёти ведоӣ дар баробари чанд кӯҳу дарё ва бештар аз дигар номҳо номи Меру ҳамчун кӯҳ ва маҳал истифода шудааст, ки он кӯҳ ба қуллаи ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад. «Меру» ба он маъно ифода шудааст, ки гӯё баъди Тӯфони бузург обҳо ба ду нишебии ин кӯҳ поён фуромадаву Меру ҳамчун ҳудуд-обтақсимкунак зоҳир гаштааст. Фарзияи дигар он аст, ки қаторкӯҳи Сарикӯл аз шимол ба ҷануб қад кашида, ҳамчун ҳудуди миёни шарқу ғарб дар ин минтақа қад афрохтааст.

Далели дигари дар Бадахшони кунунӣ воқеъ будани Марв он аст, ки ин ном дар асотири дигар халқиятҳое вуҷуд дорад, ки он халқҳо ин номро бевосита аз ҳамин минтақа метавонистанд дар асотири худ истифода баранд. Масалан, кӯҳи Меру, Марва, дарахти Ҷамбу, маркази дунё, дарёҳои ҷаҳонӣ ва ғайра, ки дар ин минтақа ҷойгир будаанд, дар асотири хитоӣ, ҳиндӣ, ҷайнӣ, тибетӣ, бирмайӣ, кхмерӣ, эвенкӣ, қалмиқӣ, муғулӣ ва дигар халқҳо номбар гардидаанд. Дар баъзе асотир, пеш аз ҳама асотири шаманӣ ин ҷойгоҳ ба сифати тир ё меҳвари ҷаҳонӣ, роҳи ҷаҳонӣ, ки дунёҳои болоӣ, миёна ва зеризаминиро ба ҳам мепайвандад, тасвир шудааст. Аз ҷумла ду дарёи бузурге номбар мешавад, ки дар радифи ҳамдигар ба самти ҳаракати рӯшноӣ ҷорӣ шуда, ба як баҳри умумӣ мерезанд.[1] Дар асотири эвенкӣ ва орочӣ низ ду дарёи бузурге номбар мешавад, ки дар радифи ҳамдигар ба самти ҳаракати рӯшанӣ ҷорӣ шуда,

[1] Яъне дарёҳои Сир ва Ому (*муаллиф)*.

https://bikhon.tj

ба як баҳри умумӣ мерезанд. Гунаи дигари Дарёи ҷаҳонӣ ё дарёи кайҳонӣ он аст, ки дар маркази ҷаҳон баҳр ё кӯли калоне воқеъ гардидааст, ки аз он дарёҳои асосӣ ё як дарё ҷорӣ мегарданд. Дар баъзе асотир дарёҳо аз ҷое ҷорӣ мегарданд, ки дарахти ҷаҳонӣ мерӯяд.

Образи *дарахти ҷаҳонӣ* дар асоси космологияи буддоӣ дар бораи дарахти Замбу (Ҷамбу) сохтмон ёфтааст. Ин дарахт дар асотири ориёҳиндӣ Ҷамбу ном дорад, ки маънояш себ буда, ҳамчун мулкҳои атрофи кӯҳи Меру қаламдод шудааст. Ба ривояти дарбатӣ (халқияти қалмиқҳо – М.Ҳ.) ин дарахт дар домани кӯҳи Сумеру (Меру) мерӯяд. Дар асотири қалмиқӣ ин дарахт дар ҷойгоҳе бо номи Очир орон (шоҳигарии вачра) рӯида, меваҳои бузурге ба бор меорад, ки ин меваҳоро ҷараёни дарё ба уқёнуси ҷаҳонӣ мебарад. Дар асотири Маҳёнҳо шаҳри Гандҳаватӣ дар самти шарқии Ҷамбудвипа ва шаҳри Ганда Вюҳи сутра дар ҷанубӣ он ҷойгир шудааст.

Дар асотири ойрату қалмиқҳо омадааст, ки мори зериобӣ дар гирди дарахти Замбу (Ҷамбу) ҷойгоҳ дорад ва меваву баргҳои он дарахтро, ки ба уқёнус меафтанд дошта мехӯрад. Дар асотири ин халқҳо (ойрату қалмиқҳо) замин бо тасмаи сангин ё қаторкӯҳ (муқоиса шавад бо Тираки Албурз – қаторкӯҳи Сарикӯл – М.Ҳ.) печонда шудааст. Замин ҳамвор ва мудаввар аст. Дар маркази он кӯҳи ҷаҳонӣ Меру-ула ёд шуда, ки ҳамчун сутуни дунё қад кашида будааст. Ин кӯҳ чаҳор зина дорад. Дар самти шарқии ин кӯҳ Коке-тенгис (Уқёнуси кабуд – Қаракӯл – М.Ҳ.) воқеъ аст. Дарахти ҷаҳонии Замбу дар доманаи кӯҳи ҷаҳонӣ Сумеру (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ.) мерӯяд. Маркази осмон бо нофи замин мутобиқат менамояд, ки тибқи анъанаи асотирӣ онро буққаи азиме панаҳ кардааст. Нофи осмон ва нофи замин бо тасаввурот дар бораи маркази ягонаи кайҳонӣ ба ҳам пайвастаанд. Пайвастагии онҳо бо он зоҳир мешавад, ки «нофи замин» ба боло қад кашида, дар қуллаи яке аз ду кӯҳ

https://bikhon.tj

воқеъ гаштааст, ки бо кӯҳи муқаддаси дар ҳамосаи Ҷангар тасвиршуда Манхан Тсаган айният дода шудааст. Кӯҳе, ки дар маркази кайҳонӣ ҷойгир шудааст, бо образи кӯҳи ҷаҳонӣ айният мегирад. Дар ин асотир ин кӯҳҳо дар шимол ва ё шарқ қад кашидаанд ва дар тангно (дара)-е, ки дар назди Коке-тенгис (Уқёнуси кабуд) ҷой дорад, даромадгоҳи дунёи зеризаминӣ (муқоиса шавад бо дарвозаи дӯзах дар «Авесто» – М.Ҳ.) лонаи аждаҳои сиёҳ воқеъ гардидааст.

ҚУТБ. СИТОРАИ ҚУТБӢ. МАРКАЗИ ДУНЁ

Ба ақидаи олимони ситорашинос дар астрономия мафҳуми протсессия вуҷуд дорад, ки мувофиқи он дар 25850 сол меҳвари замин бар асари тағйироти доираи фазои осмон ба тамоюли қутбҳо мувоҷеҳ мегардад. Аз ин рӯ, ҳатто 1500 сол қабл аз ин ситораи Кӯҳоб (бета Хирси хурд) буда, дар замони «Авесто» ситораи Тубон (алфа Дракон) – пеш аз ин ситора тета Геркулес, – пештар аз он Вега, – пештар аз он Данаб ё Зенаб (Нимасб) – алфа Сефия… ва ғайра ситораи қутб будаанд. Ҳамин тариқ, ситораи қутбии кунунӣ наметавонист, ситораи қутбии замони Ведоҳо ё «Авесто» бошад.

Мувофиқи тасвироти «Маҳабҳарата» кӯҳи Меру дар маркази дунё воқеъ гашта, Браҳма дар болои он ситораи Қутбро қоим карда будааст, ки дар атрофи он галаситораҳои Хирси калон, Кассиопей ва Волопас давр мезананд. Меру ҳамчун Қутби дунё дониста мешуд. Ба ақидаи муҳаққиқони номбаршуда ин ситораҳо ва хоса ситораи Қутб, дар Ҳинд намудор намешаванд. Дар аксари ин қиссаву ривоятҳо аз кишвари пурасроре сухан рафтааст, ки сокинонаш дар зери ситораи Қутб сукунат доштаанд. Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки истилоҳи қутб ва ситораи қутбӣ аз назари ориёҳиндуҳо на қутби шимоли кунунӣ, балки қутби маркази дунё – миёни дунё – нофи замин дар назар аст, ки он Помири кунунист.

https://bikhon.tj

Дар аксари адабиёти ориёҳиндӣ омадааст, ки дар маркази Пушкарадвипа кӯҳи Манасоттара (қуллаи Ғалаба – М.Ҳ.) қад кашидааст, ки ин қитъаро ба қисматҳои дохиливу берунӣ ҷудо менамояд. Дар «Бҳумандала» омадааст, ки «Дар самти шарқии Сумеру ду қаторкӯҳ – Ҷатҳара ва Девакута воқеъ гаштаанд, ки дарозиашон 18 000 йоҷан мебошад. Онҳо аз шимол ба ҷануб қад кашидаанд… Онҳо ду системаи кӯҳии Нила ва Нишадҳаро ба ҳам мепайванданд». Ин ҷо қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл дар назар дошта шудаанд. Ҳангоми ташреҳи мавқеияти двипаҳо низ роҳе, ки офтоб давр мезанад, қаторкӯҳҳои кунунии Фарғона ва Сарикӯл буда ва ҳам Тираки Албурз низ ҳамин аст. «Дар маркази ин ҷазира кӯҳи Манасоттара қомат афрохтааст, ки ҷазираро ба қисматҳои дарунию берунӣ ҷудо менамояд. Дар ин кӯҳ дар чор самти дунё ҷойгоҳи нимэзадон, мисли Индра воқеъ гаштааст. Дар қуллаи ин кӯҳ Офтоб савори гардунаи эзади Офтоб аз меҳвари Самватсара убур намуда, кӯҳи Меруро даврзанон роҳи худро ба поён мерасонад. Вақте Офтоб ба самти шимолӣ ҳаракат мекунад, роҳаш Уттараяна (шимолӣ) ва вақте ба самти ҷанубии он ҳаракат меамояд, он роҳ Дакшинаяна (ҷанубӣ) ном дорад. Як тараф рамзи рӯзи нимэзадон ва тарафи дигар рамзи шаби онҳо мебошад».

Ҳаракати офтоб дар «Браҳма-самҳита» (5.52) зикр ёфтааст. «Офтоб дар атрофи кӯҳи Сумеру давр зада, дар давоми шаш моҳ ба самти шимол ва дар давоми шаш моҳи боқимонда ба самти ҷануб ҳаракат мекунад. Ин давраҳо рӯз ва шаби нимэзадоро дар сайёраҳои баланд ташкил медиҳанд». Ҳамин ишораҳо баъзе олимонро ба гумоне водор намудаанд, ки гӯё рӯзу шаби ведоҳо ҳар як шаш моҳиро ташкил медодааст. Ва дар асоси ин гумон Қутби шимол меҳани ориёиҳо пиндошта шудааст. Вале асли гап он аст, ки офтоб дар рӯзи 21 март ба ростои кӯҳи Меру баробар омада роҳи худро ба шимол дар се моҳ идома медиҳад ва рӯзи 22 июн ба қуллаи Ғалаба расида, дар се моҳи дигар – то 21 сен-

https://bikhon.tj

тябр, ҷамъ дар шаш моҳ боз ба ростои ҳамин кӯҳ бармегардад. Ва роҳи худро дар се моҳи дигар аз ҷануб – идома дода 22 декабр ба нуқтаи ҷанубтарини худ мерасад ва аз он ҷо боз дар тайи се моҳ ҳаракат намуда, боз 21 март ба ростои қуллаи Меру – Исмоили Сомонӣ мерасад.

КИШВАРИ ТОҶИК

Бо арзи сипос ба донишмандон Ю.Н. Рерих, Ҷ. Рейнолдс, П.Квери, Т.В. Ринпоч, Б.И. Кузнетсов, Л. Н. Гумилёв ва Б. Шаҳсойлу, ки номи Тоҷик ва сароғози таърихи онро аз номаҳои Тибети бостон дарёфт ва барои илми муосир пешниҳод кардаанд. (Муаллиф)

Сарчашмаҳои тибетӣ сукунати тоифаҳои ориёиро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар кишвари Таҷиг (Тоҷик) ба ҳаждаҳ ҳазор сол (!) пеш аз ин тазаккур намудаанд. Ин далелҳо ба шарофати навиштаҳои муътақидони яке аз куҳантарин ойинҳои дунё Бон, ки имрӯз дар Тибет нуфуз ва пайравони зиёд дорад, боқӣ мондаанд. Ю.Н. Рерих аз олимони аврупоӣ нахустин касест, ки аз мавҷудияти ойини Бон ва ду маҷмӯаи таълимоти мазҳабии он бо номҳои «Ганҷур» ва «Данҷур» огоҳӣ дода, ҷуғрофиё ва чандин маълумотеро оиди маъбадҳои Бонӣ ба хонандаи Ғарб пешниҳод намуда буд. Баъдан ин ойин аз ҷониби муҳаққиқони франсавӣ, англисӣ, немисӣ ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Ба қавли Ҷ. Рейнолдс вожаи «бон» аз феъли «бод па» шакл гирифта, маъноияш «даъвати худоён», «хостани худоён» будааст. Муътақидони ойини бон чунин назар доранд, ки азбаски Буддо Шакямунӣ шогирди Тонпа (Устод) Шенраб Мивоче будааст, тамоми таълимоти буддоии Ҳинд ва дигар маҳалҳо воқеан таълимоти бони ҷовидон ба шумор

https://bikhon.tj

мераванд. Ҳадафи аслии ойини бон ва асосгузори он Тонпа Шенраб аз азобу шиканҷа озод намудани на танҳо одамон, балки тамоми мавҷудоти зинда будааст. Аз ҳамин ҷост, ки вақте ӯ бори аввал аз кишвари Таҷиг ба Тибет сафар намуда, мебинад, ки одамон дар он кишвар барои қурбонӣ ба худоён ҳайвонотро забҳ менамоянд, вай ба онҳо аз хамир суратҳо сохта мефармояд, ки он ҳайвончаҳои хамириро ба қурбонӣ пешкаш намоянд.

Тонпа Шенраб Миво (Мивоче) ҳаким, омӯзгор ва асосгузори ин ойин аз кишвари Олмо Лунгринг будааст, ки ин кишвар як қисмати сарзаминеро бо номи Таҷиг ташкил медодааст. Тамоми муҳаққиқони ойини бон, азбаски шарҳи ҳоли Тонпа Шенраб Миво муфассал ба дастрасашон қарор доштааст, дар таъйини ҷуғрофиёи ин ойин ва шахсияти таърихӣ будани пешвои он ба мувофиқа расидаанд. Тибқи таъйиноти олимон ва навиштаҳои нақшаву сарчашмаҳои тибетӣ кишвари Олмо Лунгринг бо номҳои Таҷиг, Тазиг, Тагзиг ва Татсиг дар самти ғарбии Тибет воқеъ будааст. Ба қавли яке аз муҳаққиқони ин ойин Вачранатҳа (Ҷон Рейнолдс) ҳамчунин донишмандони дигар ин кишвар Тоҷикистони кунунӣ ва минтақаҳои атрофи онро дар бар мегирифтааст. Олими мазкур аз ҷумла менависад: «Олмо Лунгринг – воқеъ дар ғарби Тибет, як қисмати сарзамине бо номи Таҷиг ба шумор мерафт, ки мувофиқи назари баъзе олимони муосир ба Порс ва Тоҷикистон айният мегирад. Олмо Лунгринг аз се як ҳиссаи ҷаҳони мавҷударо дар бар гирифта, шакли нилуфари шукуфтаи ҳаштбаргаро дошт, ки ба сурати чархи ҳаштдандонадор зоҳир гаштааст. Дар маркази Олмо Лунгринг кӯҳи Юнгдрунг Гутсег, «Свастикаи Нуҳ Аҳром» қад кашидааст. Свастика рамзи абадият ва вайронинопазирӣ буда, нуҳ свастика дар якҷоягӣ рамзи Нуҳ тариқати Бон мебошанд».

Дар навиштаҷоти ойини бонӣ ҳамчунин аз ҷониби аксари донишмандон зикр гардидаст, ки ин ойин ба маротиб аз ой-

https://bikhon.tj

ини Буддоӣ куҳантар буда, на аз ҷониби Ҳинд, балки аз кишвари Таҷиг (Тоҷик) ба Тибет зуҳур карда будааст. Боз ҳам аз қавли Вачранатҳа (Ҷон Рейнолдс) омадааст, ки: «Аммо пайравони Бонпо на ба Ҳинд, балки ба кишвари Шанг-Шунг воқеъ дар ғарби Тибет, ҳамчун ба сарчашмаи бевоситаи маросиму анъанаи худ рӯй меоваранд. Онҳо ҳамчун сарчашмаи ибтидоӣ ба даврони хеле куҳантар аз даврони шоҳзодаи ҳинду Сиддҳартҳа Гаутам, ҳамчунин ба шоҳзода Шенраб Миво, ки мисли Буддо дар замони хеле қаблтар аз ӯ (Гаутам Шакямунӣ –М.Ҳ.) дар ҷойгоҳи пурасрори Олмо Лунгринг дар мамлакати Таҷиг, дар гузашта воқеъ дар Осиёи Марказии Иронӣ (ориёӣ – М.Ҳ.) ба вуҷуд омадааст, муроҷиат менамоянд».

Ба қавли ин донишманд дар мактабҳои омӯзишии Бонпо хатти меросии Тантраи Падарӣ ва Модарӣ аз кишварҳои Тазиг ва Шанг-Шунг ворид мешавад, на аз Ҳинд. Вай таъкид намудааст, ки Шенраб Мивоче дар Олмо Лунг, дар Тазиг, яъне Осиёи Марказии иронӣ таваллуд шудааст. Аз он лиҳоз ки, – афзудааст ӯ, – ба забони қадими Шанг-Шунг номи вай ба шакли dMu-ra будааст, Кузнецов ва дигарон чунин назар доранд, ки он бо яке аз номҳои машҳури ориёӣ – Митра алоқамандие дошта будааст. Пер Квэри (устоди Донишгоҳи Осло) низ таъкид намудааст, ки: «Хеле пештар аз таваллуди Шакямунӣ Тонпа Шенраб шоҳзодаи (баъдтар подшоҳи) кишвари Олмо Лунгринг будааст, ки ба қавли намояндагони Бонпо ин кишвар дар самти ғарбии Тибет воқеъ гардида будааст. Олмо Лунгрингро аксаран ба Тазиг, ки тибетиҳо одатан ба дунёи ориёӣ ё форсӣ мутааллиқ медонанд, айният медиҳанд. Баъдан доктринае, (таълимот – М.Ҳ.) ки Тонпа Шераб таълим медод, яъне Бон, чуноне ки баъзе донишмандон ақида доранд, мисли ойини Буддоӣ на аз Ҳинд, балки аз кишваре, ки мавҷудияти таърихиаш пурра тасдиқ гардидааст, яъне Жанг-Жунг (Шанг-Шунг – М.Ҳ.), ки ҳоло ғарб ва шимоли Тибетро ташкил медиҳад, нуфуз намуда будааст».

https://bikhon.tj

Дар баъзе адабиёт на танҳо кишвари Олмо-Лунгринг – як қисмати сарзамине, ки Тағиг ном доштааст, ҳамчун зодгоҳи ин шахсияти бузурги таърихӣ сухан меравад, балки тасвироти кӯҳу дарё ва иқлими Тағиг возеҳан шарҳ дода мешавад, ки он ба ҷуғрофияи имрӯзаи Тоҷикистон мувофиқ меояд. Дар китоби «Дайри тибетии Юнгдрунг Бон воқеъ дар Ҳинд» (с.1983) омадааст: «Замини Олмо Лунгринг аз се як ҳиссаи ҷаҳони мавҷударо ташкил медиҳад ва дар қисмати ғарбии Тибет воқеъ гаштааст. Вай дар шакли нилуфари ҳаштбаргаи зери осмон ҳамчун чархи ҳаштпарродор тасвир ёфтааст. Дар маркази он кӯҳи Юнгдрунг Гудсег қад афрохтааст. Дар доманаи ин кӯҳ чор дарё ба чор самт ҷорӣ мегарданд. Кӯҳ бо боғҳову қасрҳо иҳота ёфтааст. Дар самти ҷанубии он кохи Барпо Соге воқеъ аст, ки Тонпа Шенраб дар он ба дунё омадааст. Дар самтҳои ғарб ва шимоли ин кӯҳ кохҳое воқеъ гаштаанд, ки дар онҳо зан ва фарзандони Тонпа Шенраб иқомат доранд. Маъбаде, ки Шампо Лхатсе ном дорад, дар самти шарқии он воқеъ гаштааст». Вилояти марказии Олмо Лунгрингро тағаммуъи кохҳо, дарёҳо, боғҳо, кӯҳи Юнгдрунг, ки дар марказ қад кашидааст, ташкил медиҳад. Вилояти миёна (Барлинг) аз дувоздаҳ шаҳр иборат аст, ки чаҳортои онҳо рӯй ба чаҳор самтҳои дунё воқеъ гаштаанд. Вилояти сеюм дар худ заминҳои беруниро (Талинг) шомил намудааст. Ин се вилоят бо се Уқёнус ва силсилакӯҳҳои барфпӯш иҳота гардидаанд. Роҳ ба Олмо Лунгринг ба воситаи, тавре ки номида мешавад, роҳи тиркушо мебарад. Тонпа Шенраб қабл аз он ки ба Тибет сафар кунад, аз камон тир андохта, ҳамин тариқ аз миёни кӯҳҳо мисли нақб роҳ кушода будааст. Ин тасвиротро баъзе олимон ба кишварҳои гуногун, аз ҷумла ба Ҳинд, Шарқи Наздик ва Форс (Эрон) низ айният додаанд. Вале ҳангоми таҳлилоти мушаххасоти ҳамаҷониба возеҳан равшан мегардад, ки дар ин манзараҳо ба ҷуғрофияи Тоҷикистон татбиқ мегардад.

https://bikhon.tj

Таъйиди ин фикр боз ҳам он аст, ки ин мавқеиятҳо дар қитъа-ҷазираи Ҷамбудвипа (Помир – М.Ҳ.) зикр гардидаанд. Ҳамин тариқ тасвироти Олмо Лунгринг ва Ҷамбудвипа далолат бар он менамоянд, ки ҳар ду ин мулкҳо дар як мавқеияти ҷуғрофӣ воқеъ будаанд. Дар рисолаи муҳаққиқи таърих ва таълимоти Бон Вачранатҳа роҷеъ ба таърих ва таълимоти ин ойин муфассал сухан рафтааст. Вай дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои хаттии ин ойин аз ҷумла навиштааст: «Худованд Шенраб дар кохи Барпо Соге, воқеъ дар ҷанубӣ кӯҳи Юнгдрунг зода шудааст. Вай ҳамчун шоҳзода ба дунё омадааст. Барвақт оиладор шуда, чанд фарзанд низ доштааст. Дар сиву яксолагӣ аз дунё рӯ гардонда, бо тоату ибодат ва парҳезгорӣ ба таълими шогирдон машғул шуда будааст. Ба вай тамоми умр барои ташвиқоти дини Бон азозил Кхябпа Лагринг халал мерасонд. Ин азозил бо тамоми неру ба фаъолияти динии Тонпа Шенраб, то даме ки охири охирон ба роҳи ҳақ нагаравидааст, зиддият менамудааст. Боре ӯ азозилро, ки аспҳои ӯро дуздида буд, таъқибкунон аз кӯҳи Конгпо гузашта, ба Тибет ворид мегардад; ин ягона сафари ӯ ба Тибет будааст. Вай дар ин ҷо ҷиҳати бар ҷой овардани чанд маросими динӣ амр менамояд, вале умуман чунин шуморидааст, ки он вақт дар ин кишвар барои пурра аз худ кардани таълимоти бон пурра тайёр набудаанд. Қабл аз он ки ӯ аз он ҷо пас гардад, паёмбарона арз доштааст, ки замоне мерасад, ки таълимоти вай дар Тибет ба авҷи камолот хоҳад расид. Тонпа Шенраб дар синни ҳаштоду дусолагӣ ин зиндагиро падруд гуфта будааст». Бояд гуфт, ки дар рисолаҳои гуногуни муҳаққиқон роҷеъ ба умри Тонпа Шенраб баъзе мухолифатҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла дар иқтибоси болоӣ синни ӯ «ҳаштоду ду» гуфта шудааст. Аммо дар иқтибосҳое, ки баъдан оварда хоҳад шуд, ин синну сол «ҳашт ҳазору дусад» зикр гардидааст.

То имрӯз се нусхаи шарҳи ҳоли хаттии Тонпа Шенраб расида будааст. Нусхаи қадимтарин ва кӯтоҳтарини он

https://bikhon.tj

шарҳномаҳо «Доду» («Ҳикматҳо») ном доштааст. Асари дигари дуҷилда «Зермиг» («Чашми гузаро») ном дорад. Ин китобҳо мутаносибан дар асрҳои 10 ва 11 навишта шуда будаанд. Китоби сеюм, ки аз 12 ҷилд иборат будааст, «Дурахшон» ном дорад. Вай гӯё ба тариқи ваҳй омадааст, ки онро Лонден Нингпо ном роҳибе дар асри 14 ба қалам оварда будааст.

Тибқи пешгӯиҳои ойини буддоӣ дар рӯи замин 1002 Будда меомадааст. Мувофиқи гуфтаи ин таълимот гӯё то Тонпа Шенраб чаҳор буддои дигар омада будааст, ки дар замони онҳо одамон аз ҳаштод ҳазор то ҳазор сол умр медидаанд. Дар замони Тонпа Шенраб умри инсон ба сад сол мерасидааст. Тонпа Шенраб аз нажоди Му-Шен, нажоди осмоние будааст, ки намояндагонашон баъди аз осмон нузул намудан бо одамон омезиш ёфта, асосгузори сулолаҳои гуногуни шоҳии Осиёи Марказӣ гардида будаанд. Дар баъзе адабиёт зодгоҳи Тонпа Шенраб шаҳри Янгпачани кишвари Олмо Лунгринг гуфта шудааст ва ҳамчунин Олмо Лунгринг бо Шамбала (Чамбул – М.Ҳ.) айният дода шудааст. Ба қавли Вачраната «Шамбала дар Осиёи Марказӣ ё Тазиг воқеъ будааст, ки он дар қисмати шимолии Тибет ҷой доштааст. Маҳз аз Тазиг дар замони пеш аз оғози таърих таълимоти Бон аввал ба Жанг-Жунг, кишваре, ки дар иҳотаи кӯҳи Кайлас қарор дорад, баъд ба Тибет, Ҳинд ва Хитой нуфуз намуд. Тибқи солшумории анъанавӣ Тонпа Шенраб тақрибан 18 000 сол қабл аз ин дар соли 16016 то солшуморӣ ба дунё омадааст. Вай дар замин тақрибан 8200 сол зиндагӣ карда, соли 7816 ба Нирвана реҳлат кард» (Бюллетенҳои Бонпои П).

Яке аз муҳаққиқони ойини Бон Тензин Ваньгял («WONDERS OF THE NATURAL MIND» NEW YORK, 1993) дар пешгуфтори ин асараш навиштааст: «Хонандаи Ғарб аз маросим, анъана ва таълимоти тибетӣ, ки он моҳиятан ба тачриба ва таълимоти чаҳор мактаби машҳури буддизми

https://bikhon.tj

тибетӣ айният дошта, аммо худро буддоӣ намешуморад ва таъриху хатти меросии худро бо шоҳзодаи ҳинд Шакямунӣ алоқаманд намедонад, дар ҳайрат мемонад. Вале бон маҳз ҳамин гуна анъана аст. Вай «буддоӣ» шуморида намешавад, агар мо буддизмро ҳамчун дине, ки шоҳзодаи ҳинд Шакямунӣ асос гузоштааст, ба назар бигирем, вале сарфи назар аз ин асосгузори вай Буддо – Шенраб Мивоче ба шумор меравад, ки тибқи маълумоти анъанаҳои бонӣ 17000 сол қабл аз ин дар Осиёи Марказӣ зиндагӣ карда будааст».

Мутобиқи шарҳномаи анъанавӣ Шенраб дар даврони пеш аз замони ӯ Салва ном доштааст ва таълимоти бониро ҳамроҳ бо ду бародараш – Дагпа ва Шепа дар осмони Сидпа Йесанг таҳти роҳбарии хаким Бумтри Лога Кесана омӯхта будааст. Баъди хатми омӯзиш бародарон назди Худои Раҳим Шенлха Окар омада, муроҷиат менамоянд, ки онҳо бо кадом роҳ метавонанд азобу шиканҷаи мавҷудоти зиндаро сабук кунанд. Шенлха Окар маслиҳат медиҳад, ки онҳо бояд вазифаи устодии башариятро дар муддати се даврони баъдии ҷаҳонӣ ба ӯҳда гиранд. Дагпа одамонро дар даврони гузашта таълим медод, Салва ба шакли Тонпа Шенраб Мивоча таҷассум гашта, одамонро дар даврони ҳозира таълим медиҳад. Ва Шепа, бародари хурдӣ, ҳамчун омӯзгори даврони баъдии ҷаҳонӣ зуҳур хоҳад намуд. Муҳаққиқ Вачранатҳа (Ҷон Рейнолдс), ки чанд қисмате аз мақолаи ӯ «Пораи дили Дҳармакайӣ» бозгӯ хоҳад шуд, аз ҷумла менависад: «Тонпа Шенраб аз фазоҳои осмонӣ нузул намуда, ҳамчун шакли муҷассам дар доманаи кӯҳи Меру ҳамроҳ бо шогирдони наздики худ – Мало ва Юло падидор гардид. Ин ҳол дар як боғи шукуфо, саросар аз гулҳои муъҷиз, воқеъ дар ҷанубии кӯҳи Юнгдрунг Гутсег, ҳангоми субҳдами рӯзи ҳаштуми моҳи аввали соли аввали Муши моддаи чӯбин то солшуморӣ ба амал омада буд. Баъд ӯ дар ҷисми шоҳзода, писари шоҳ Гул Токар ва ҳамсараш Зангӣ Рингум зоида шуд». Инак тавре мебинем, боз ҳамон кӯҳи муқаддаси

https://bikhon.tj

ориёҳиндии Меру дар ин ҷо низ қомат афрохтааст. Агар ойини бон на аз Ҳинд, балки аз Осиёи Марказӣ ба Тибет нуфуз карда бошад, пас кӯҳи Меру низ на аз ривояту асотири ориёҳиндӣ, балки мустақиман аз сарзамини Тоҷиг–Тоҷик ба Тибет рафтааст. Ҳамин тариқ, айниятдиҳии мо нисбати кӯҳи Меру ба қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ тақвият меёбад. Дар тасвироти шарҳи ҳоли Тонпа Шенраб ин кӯҳ ва манзараҳои атрофи он зиёд тазаккур гардидааст. Ин кӯҳ ҳамчун Юнгдрунг Гутсег ном бурда шудааст, ки шояд он тарҷума ё номи тибетии он бошад. Ғайр аз ин зикр шудааст, ки дар маркази Олмо Лунгринг кӯҳи Юнгдрунг Гутсег, «Свастикаи Нуҳ Аҳром» қад кашидааст. Свастика рамзи абадият ва вайронинопазирӣ будааст, ки баъзе муҳаққиқон онро рамзи Нуҳ тариқати Бон шумурдаанд. Вале агар дигар паҳлуҳои ин ифодаро дар муқоиса бо асотиру ривоятҳои ориёҳиндӣ ва ориёиронӣ таҳлил намоем, маълум мегардад, ки Свастикаи нуҳ аҳром нахуст асоси воқеӣ-ҷуғрофӣ дошта, шояд баъдан ба он маънои рамзии нуҳ тариқати ойини бон илова гардидааст. Дар адабиёти ориёҳиндӣ аз ҳафт кӯҳ дар атрофи Меру зикр шудааст, ки онҳо қаторкӯҳҳои Пётри 1, Дарвоз, Ванҷ, Язгулом, Рӯшон ва Шуғнон будаанд. Дар «Шоҳнома» Рустами Дастон ҳангоми як сафараш ба Тӯрон аз Ҳафткӯҳ гузар мекунад. Дар тасвироти кишвари ривоятии Шамбала (Чамбул) аз ҳашт қуллаи кӯҳ зикр ба амал омадааст. Ва инак мебинем, ки ойини бон аз нуҳ кӯҳ огоҳӣ медиҳад. Ба эҳтимоли комил Свастикаи нуҳ аҳром низ ҳамин кӯҳи Меру бо қаторкӯҳҳои атрофаш будааст, ки баландтарини онҳо нуҳторо ташкил додаанд. «Свастика» худ вожаи ориёист, ки аз қисматҳои «сва» (хваш, хуб) ва «аст(ика)» яъне «хуб аст» ва ё «хуш аст» таркиб ёфтааст. Ваҷаранатҳа дар идома менависад: «Дар ин дунё вай (Шенраб) нахуст таълимоти худро дар мулке бо номи Олмо Лунгринг, воқеъ дар ғарби Тибет, ки як қисмати хоки мамлакате бо номи Тациг буд, баён намуд, ки тибқи назари

https://bikhon.tj

баъзе олимони муосир он кишвар ба Форс ё Тоҷикистон айният мегирад… Олмо Лунгринг аз се як ҳиссаи ҷаҳони мавҷударо дар бар гирифта, шакли гули нилуфари шукуфтаро доштааст… Баъзе олимон ин мавқеиятро ба кӯҳҳои Калаш воқеъ дар ғарби Тибет айният додаанд. Кишвари Шанг-шунгро, ки он низ то асри ҳафт ҳамчун кишвари алоҳидаи ориёӣ вуҷуд доштааст, баъзе олимон ба Олмо Лунгринг айният додаанд».

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки баъди вафоти Шенраб шаш тарҷумони бузург бо роҳбарии вориси ӯ Мучо Демруг ба омӯзиш ва таълими ойини бон машғул шуда, таълимоти бониро ба забони кишварҳои худ тарҷума карда будаанд. Яке аз он тарҷумонҳо Мутса Трахер аз Татсиг будааст. Дар ин ҷо он чиз норавшан мемонад, ки агар таълимоти Шенраб ба забони модариаш навишта шуда буд, пас чаро Мутса Трахер боз онро дубора ба забони кишвари Татсиг тарҷума намудааст. Вале шояд Мутса Трахер хеле баъдҳо аз вафоти Шенраб, ҳангоме ки ойини бон дар Тибет нуфуз намуда, таълимоту ӯ ба забони тибетӣ дар шакли китобҳо мураттаб шуда буд, ба тарҷумаи он китобҳо машғул шуда бошад. Дар асрҳои нуҳ ва даҳ таълимоти бон ба таъқибу нобудшавӣ гирифтор шуд. Вале пайравони вай навиштаҷоти муқаддаси ин ойинро то асри ёздаҳ оварда расонданд. Чунин ҳол боиси ҳифозати чандин матнҳои муҳим гардид, ки дар ин кор Шенчен Луга – яке аз авлодони устоди бузург Тонпа Шенраб саҳм гузошта будааст.

Сарфи назар аз он ки, тибқи таълимоти Бонпо Юндрунг Бон абадӣ буда, аз лиҳози замон оғоз надорад, дар калп ва ё силсилаи даврони муосир вай дар кишвари Олмо Лунгринг зуҳур намудааст, ки Тонпа Шенраб дар он ҷо аз фазои осмон фуруд омад, то ки таваллуди дигарашро дар миёни одамон ҳамчун шоҳзодаи иронӣ (ориёӣ – М.Ҳ.) зоҳир намояд. Вачранатҳа (Ҷон Рейнолдс) дар рисолаи «Олмо Лунгринг: замини ҷовидонаи муқаддас» чунин тазаккур дода-

https://bikhon.tj

аст: «Тасдиқ шудааст, ки замини пурасрори Олмо Лунгринг ё Олмолинг дар таркиби минтақаи бузурги ҷуғрофие шомил буд, ки дар ғарб ва шимоли Тибет воқеъ гашта, Таҷиг ном дошт. Ин минтақаро муҳаққиқон бо Ирон ва, боз ҳам аниқтар, ба он қисмати Осиёи Марказӣ айният додаанд, ки дар он ҷой дар замонҳои бостон ба чунин забонҳои ironӣ – авестоӣ ва баъдан суғдӣ гап мезадаанд. Мутобиқи «Зермиг» маънои номи Олмо Лунгринг чунин аст: «ол» – яъне назода, «мо» – яъне накушанда, «лунг» – каломи паёмбаронаи Шенраб ва «ринг» рамзи ҳамдардии бепоёни ӯ». Мувофиқи тасвироти яке аз адабиёти дигари ойини бонӣ «gZi-brjid» Олмо дар санскрит ҳамчун Шамбала маълум буд ва то кунун аз тарафи муътақидони ойини буддоии тибетӣ чунин ном бурда мешавад. Ғайр аз ин тасдиқ карда мешавад, ки ҳудудҳои он аз се як ҳиссаи дунёро ташкил медод.

Баъзе муҳаққиқини муосир кӯшиш доранд, ки Олмо Лунгрингро бо вилояти назди кӯҳи Кайлас дар Тибети ғарбӣ айният бидиҳанд, ки дар аҳди қадим Шанг-шунг ном доштааст. Ва ҳамчунин онҳо иброз медоранд, ки кӯҳи нуҳзинадори муқаддас дар маркази Олмо Лунгринг ҳамин кӯҳи Кайлас мебошад. Тарафдорони назари воқеияти Олмо Лунгринг дар атрофи кӯҳҳои Кайлас далелҳои зиёде оварда, тасдиқ карданӣ мешаванд, ки тамоми ривоёти марбут ба ойини Бон бофтаи роҳибони асрҳои даҳ ва баъдии Тибет мебошад. Вачранатҳа менависад, ки «Аммо тибқи тасдиқи лам Бонпо чунин изҳорот асоси воқеӣ надорад. Дар ҳамаи матнҳои аҳди куҳан равшан зикр гардидааст, ки Олмо Лунгринг дар самти шимолӣ ва ғарбии Тибет, дар Таҷиг ва ё Осиёи Марказӣ воқеъ будааст. Гузашта аз он, ду Таҷиг вуҷуд доштааст: яке яке дар фазоҳои осмон ва дигаре батамом воқеии дар Осиёи Марказӣ мавқеиятдошта. Кӯҳи Кайлас ва вилояти Тибети ғарбӣ бошад, суроби хираи Олмо Лунгринги воқеист, ки шакли қадимтарини аслии он дар маркази дунё воқеъ гаштааст».

https://bikhon.tj

Роҷеъ ба кишвари ниҳонии Олмо Лунгринг дар яке аз асарҳои мазҳабӣ – «Зармиг» тасаввуроти бонӣ тасвир гардидааст. Дар китоби мазкур гуфта мешавад, ки: «Олмолинг – як қисмати дунёи мост, на замини муқаддаси хаёлӣ ва ё дунёи осмони соф. Олмо Лунгринг рамзан маркази ҷуғрофӣ, воқеӣ ва руҳонии дунёи мо Ҷамбудвипаро аз худ ба зоҳир оварда, ки дар марказаш кӯҳи муқаддас иборат аз нуҳ зина – Юндрунг Гутсег сар кашидааст. Ин кӯҳ замин ва осмонро ба ҳам пайваст карда, ҳамчун меҳвари дунё се олами мавҷуд: дунёҳои болоӣ, заминӣ ва зеризаминиро (дӯзах) ба ҳам мепайвандад. Яъне ки аз лиҳози мақоми онтологии худ Олмо Лунгринг аз кишваҳои оддӣ ва минтақаҳои ҷуғрофӣ тафовут дорад. Вай дар рӯи замин вуҷуд дорад, вале вай кишвар ва миллати оддие нест, ки аз тариқи киштиҳои кайҳонӣ ва ё тайёра мушоҳида карда шавад, зеро вай воқеияти ба худ хосе дорад. Дар ин дунё воқеъ аст, аммо на тамоман. Вай қисмати дунёи воқеӣ ва ҷуғрофии дунёи мо ба шумор меравад, зеро дар Таҷиг мавқеият дорад, вале қисман дар олами дигари руҳонӣ низ вуҷуд дорад, ҳарчанд ки он ҳам моддист, аммо дар баробари ин ҷовидонӣ ва вайронинопазир аст».

Ваҷранатҳа (Ҷон Рейнолдс), дар «Пораи дили Дҳармакайӣ» овардааст: «Вақте дар охири калпа дунё ба коми оташ фурӯ меравад, Олмо Лунгринг аз он якбора пайдо шуда, ба осмон боло мешавад ва бо архетипи худ меомезад. Олмо Лунгринг – ин замини муқаддаси ҷовидонист. Ин кишвар аз оғози пайдоиши нажоди башарӣ вуҷуд доштааст. Вай он ҷойгоҳе будаст, ки худоёни осмонии Дунёи Рушан ба замин нузул намуданд, то ки дар сурати инсонҳо дубора таваллудро ҳамчун мавҷудоти инсонӣ бипазиранд ва руҳро ба ҷисмҳое, ки барои онҳо таҳия шудааст, талқин намоянд. Аз ҳамон замони ибтидоӣ Олмо Лунгринг рушанигоҳи ҳикмат ва ҷойгоҳи таълимоти олитарини тариқат гардид, ки аз боло оварда шуда буд. Тамоми аҳолии ин кишвар ба роҳе, ки ба

https://bikhon.tj

сӯи озодӣ мебарад, пой гузошт ва аз ин рӯ ин «кишвари Видяхар дар он сӯи Ҳимолой» дар адабиёти қадими ориёҳиндӣ – Пуронҳо ёдоварӣ карда мешавад. Ин кишвари пурасрор бо номҳои гуногун дар ойинҳои гуногун дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳур буд. Баъд аз реҳлати Тонпа Шенраб (с. 7817 то солшуморӣ) шоҳигарии ӯ дар Олмо Лунгринг ба шоҳон-коҳиноне тақдим гардид, ки онҳо то кунун муҳофизон ва пуштибонони Анъанаи ҳикмати ҷовид ба шумор мераванд. Аз ин рӯ Олмо Лунгринг на танҳо биҳишти рӯи замин аст, вай балки баёнгари донишҳоест, ки воқеан кӣ будану аз куҷо омадан ва ба куҷо рафтани моро мефаҳмонад. Ҳамчун истилоҳи тариқат Олмо Лунгринг рушанигоҳи ниҳониест, ки дар дили ҳар як мавҷудоти зинда фурӯзон аст. Ин мулк нахустманбаи таълимоти Юндрунг Бон буд, аз ин рӯ баъдҳо ҳакимони Тибет зуд-зуд ба Олмо Лунгринг ба суроғи ин таълимоти гаронбаҳо сафар мекарданд. Онҳо ба самти шимолу ғарби кӯҳи Кайлас ба Шанг-шунг ҳаракат карда, аз масофаи миёни Шигадзе дар Тибети марказӣ то Кайлас ду маротиба дуртар мерафтанд. Самти ҳаракати ин хатти сайрро баррасӣ намуда, муайян кардан мумкин аст, ки вай ба он сӯи Помир, ба Суғд мебарад.

То соли 1959 бониён ба ҷустуҷӯи ин кишвар мебаромаданд, вале ҳеҷ як аз онҳо пас намегашт. Муътақидони асили Бонпо бо дуо орзу мекунанд, ки таваллуди дуввумашон дар ин кишвар ба амал биёяд.

Бонпо чунин мешуморад, ки се дарвозаи Шанг-шунг вуҷуд дорад. Баъзе матнҳо таъйид менамоянд, ки Тақик дарвозаи сеюм будааст. Дар он даврон аҳолии Тақиг аз нажоди «sTag-qzig hos rigs» яъне нажоди шоҳии (rgyal) «Хос» ва ё форсҳо (бо хитоӣ «Ху») иборат буд. Аммо дар замонҳои боз ҳам қадимтар аҳолии Тақиг ба насаби меросии «rGval-bu thing-ge» машҳур будааст. Ва дар китоби таърихи «Ma-rgvud» номи шоҳаншоҳи Тақиг – Гервер зикр шудааст, ки ӯ дар қисмати бештари дунё ҳукмронӣ мекардааст».

https://bikhon.tj

Дар навиштаҷоти бонӣ гуфта мешавад, ки кишвари Олмо Лунгринг аз чор вилояти мутамарказ иборат будааст: ниҳонӣ, дохилӣ, мобайнӣ ва берунӣ. Вилоятҳои дохилӣ ва мобайнӣ дувоздаҳ ноҳия ё ҷазира, берунӣ аз шонздаҳ ва сарҳадӣ аз дувоздаҳ ноҳия иборат будааст. Ин вилоят ва ноҳияҳоро дарёҳо, кӯлҳо ва баҳрҳои дохилӣ аз ҳам ҷудо мекардаанд. Дар маркази вилояти ниҳонӣ Кӯҳи Свастикаи нуҳзинадор қад кашидааст.

Мамлакатро дарёҳо ба қисмҳо ҷудо намудаанд, ки калонтарини онҳо чаҳорто буда, ба чаҳор самт ҷористанд. Чаҳор дарёи муҳим аз доманаи кӯҳи муқаддас, яъне Меру, аз чаҳор ҷӯй сарчашма мегиранд, ки онҳо аз чаҳор харсанги шакли рамзии ҳайвонотро дошта ҷорӣ мешаванд. Дарёи Нара аз ҷӯи харсанге, ки шакли шерро дорад, сарчашма гирифта, ба самти шарқ ҷорӣ мешавад. Дарёи Пакшу аз ҷӯи харсанге, ки шакли аспро дорад, ба самти шимол ҷорӣ мешавад. Дарёи Кимшанг аз ҷӯи харсанге, ки шакли товусро дорад, ба самти ғарб ҷорӣ мешавад. Ва дарёи Синдҳу аз ҷӯи харсанге, ки шакли шерро дорад, ба самти ҷануб ҷорӣ мешавад.

Заминҳои ин мулк саросар обод, маъбаду шаҳрҳояш зебову дурахшон, саросар боғу гулистон аст – мисле ки дар тасвироти Шамбала зикр гаштааст. Вай бешак биҳишти рӯи замин аст. Дар атрофи кӯҳи муқаддас садҳо шаҳрҳо бунёд ёфтаанд, аммо чаҳортои онҳо фарқкунанда аст. Дар самти шарқии он кӯҳ маъбади сафеди Шампо Лхатсе, дар ҷануб қасри боҳашамати Барпо Соге, ки дар он ҷо Тонпа Шенраб таваллуд ёфта, зиндагӣ кардааст, воқеъ гаштаанд. Дар ғарб қасри Таримон Гулҷод – ҳамсари аввали Тонпа Шенраб, шаҳбону Хо-за Гулҷодмо зиндагӣ мекард, ки се нафар писарони вай Тобу, Чадбу ва Нечен дар ҳамин ҷо ба дунё омада буданд. Дар шимол қасри Конг-ма Не-чунг воқеъ буд, ки дар он ҳамсари дигари ӯ По-за Тангмо ва писарони ӯ Лунгдрен, Гуидрен ва Нечунг иқомат доштанд.

Вилояти ниҳониро дар ҳар як самт вилоятҳои мобайнӣ, ки

https://bikhon.tj

ҳар як дувоздаҳ шаҳри калон дошта ва дар ҳар як самт чаҳор шаҳр воқеъ гаштааст, иҳота намудаанд. Дар яке аз онҳо, ки дар самти ғарб воқеъ буда, Гйалаг Одма ном дошт, шоҳи машҳур ва шогирди Тонпа Шенраб – Конгсте Трулгйи Гйалпо зиндагӣ мекардааст. Маъбади аҷоибе, ки ин шоҳ дар ҷазираи сунъӣ, ки азозилон-ракшасҳо дар Баҳри ғарбӣ сохта буданд, аҳамияти зиёд дорад, зеро таълимоти Бонпа Шенраб барои нигоҳдорӣ навишта, дар ҳамин ҷо пинҳон карда шудааст. Ин навиштаҷот то имрӯз нигоҳдорӣ карда мешаванд.

«Дар кишвари Олмо Лунгринг ҳафт нажоди шоҳӣ зиндагӣ мекунанд ва нажоди асосии он тоифаи Му-шен ном дорад, ки Тонпа Шенраб аз ҳамон тоифа ба дунё омада будааст. Тоифаҳои дигар – «Хос», «Шаг», «По», «Гйа», «То», «Нйан» ном доштаанд. Бар илова аз ин синфҳои вазирон, савдогарон, косибон ва одамони оддӣ вуҷуд доштааст.

Тамоми мардуми сокини марказ ва ноҳияҳои ниҳонӣ ба забони Худоёни Свастикаи ҷовидон ҳарф мезананд. Дар вилоятҳои мобайнӣ, ки аз дувоздаҳ ҷазира ва ё ноҳия иборат буда, ҳашт дарё ба самтҳои гуногун ҷорӣ мегарданд, ба забонҳо ва шеваҳои гуногун гап мезананд. Сарфи назар аз он ки забони мулкҳои дохилӣ забони Худоёни Свастика аст, дар дувоздаҳ мулкҳои мобайнӣ одамон бо забонҳои гуногун менависанд ва ҳарф мезананд, ки ҳар як аз онҳо ба водии яке аз ҳашт дарёи бузурги мутобиқат менамояд:

1.Бо забони «gTsang-ma lha skad» дар водии дарёи Нарадзара (Na-ra-dza-ra) дар шарқ ҳарф мезананд.

2.Бо забони «Dag-pa lha skad» дар водии дарёи Пакшу (Pakshu) дар шимол ҳарф мезананд.

3.Бо забони «Samskri lha skad» (яъне санскрит) дар водии дарёи Машанг (Mashang) дар ғарб ҳарф мезананд.

4.Бо забони «Khri wer lha skad» дар водии дарёи Синдҳу (Sindhu) дар ҷануб ҳарф мезананд.

5.Бо забони «Hor ci phrul skad» дар водии дарёи Ганг (Ganga) дар ҷанубии шарқӣ ҳарф мезананд.

https://bikhon.tj

6.Бо забони «sPos ci phrul skad» дар водии дарёи Сита (Sita) дар ҷануби ғарбӣ ҳарф мезананд.

7.Бо забони «Ci gung phrul skad» дар водии дарёи Сенга (Seng-ga) дар шимоли ғарбӣ ҳарф мезананд.

8.Бо забони «Cung tshe phrul skad» дар водии дарёи Сердан (Serdan) дар шимоли шарқӣ ҳарф мезананд.

Мувофиқи навиштаҳои китобҳои таълимоти ойини бон дар мулкҳои мобайнӣ ва берунӣ даҳ забони асосӣ ва шасту чор шева роиҷ аст. Дар навишти ин забонҳо ҳарфҳои хурд ва калон, ки ба алифбои ибтидоии «spings-so» асос ёфтаанд, истифода карда мешавад. Ин ҳарфҳо шаклҳои гуногуни зиёде дошта, дар ҷаҳони муосир намунаи чунин алифборо пайдо кардан душвор аст. Ин шакли алифбо дар ҳар сурат дар асоси кадом алифбои ибтидоии осмоние ташкил ёфта, алифбои оддӣ ва кашфи заминӣ нест.

Ҳамин тариқ, аз оғози халқи башарият Олмо Лунгринг, ки дар он иртиботи бевоситаи миёни замину осмон то кунун давом дорад, барои ҷаҳони беруна ҳамчун сарчашмаи ҷовидонаи дониш, роҳбарӣ ва фарҳанг хидмат мекунад. Ин кишвар – боргоҳи воқеии ҷовидона ва муқаддаси Замин аст».

Тензин Вангял Ринпоч – яке аз муҳаққиқини зиндагиномаи Тонпа Шенраб бисёр лаҳзаҳои зиндагии ин устодро аз рӯи китобҳои шарҳи ҳолаш ба қалам додааст. Аз ҷумла, ӯ изҳор доштааст, ки Буддо Шакямунӣ воқеан бисёр нуктаҳои таълимоташро аз асари таълимоти Тонпа Шенраб бардоштааст. Ӯ ҳамчунин менависад, ки яке аз рӯҳониёни бузурги Бонпо «Далай-Ламаи Валӣ, ки дар муҳоҷират ба сар мебарад, ҳукумати Тибетро водор сохт, ки таълимоти Бонро ҳамчун мактаби панҷуми мазҳабии Тибет қабул намоянд». Ин муҳаққиқ дар асараш «Тонпа Шенраб Мивоче» ҳамчунин дар бораи воқеан дар ҷумлаи шогирдон ва пайравони Тонпа Шенраб қарор доштани Буддо Шакямунӣ гуфтааст, ки: «Дар тӯли зиндагии худ, ҳамагӣ 2500 сол пеш аз ин Шакямунӣ танҳо як қисмати он чизеро, ки дар дунёҳои ди-

https://bikhon.tj

гар аз пешгузаштаи худ Тонпа Шенраб дар ин ё ин намуди таҷассуми охирин (яъне Тонпа Шенраб – М.Ҳ.) дониста буд, таълим медод. Аз ин рӯ, ламаҳои (роҳибҳои М.Ҳ.) бон таълимоти буддоиро ҳамчун таълимоти худӣ қабул доранд». Баъзе муҳаққиқони бон тарҷумаи ҳоли Тонпа Шенрабро бо зиндагиномаи Шакямунӣ ва Зардушт муқоиса намуда, ӯро бо ин ва ё он айният доданӣ мешаванд. Вале Т.В. Ринпоч зиндагиномаи Устод Шенрабро муфассал ташреҳ дода, онро аз зиндагиномаи Шакямунӣ ҷудо медонад. Ӯ мегӯяд, ки Тонпа Шенраб муқаддасияти худро на дар ин сайёра, балки дар кадом як арзҳои берун аз заминӣ (Акаништҳа) дар замонҳои дури тасаввурнашаванда соҳиб шуда буд. Вай зарурате надошт, ки мисли Буддо муқаддасияти худро аз тариқи таҷассуми башарӣ ба даст биёварад, тавре ки Шакямунӣ карда буд, зеро Тонпа Шенраб то ба дунёи мо омаданаш аллакай ба мартабаи муқаддасӣ расида буд. Баракси Шакямунӣ вай бисёр таълимоти худро на ҳамчун роҳиб, балки ҳамчун инсони дунявӣ паҳн намуда буд. Т.В. Ринпоч роҷеъ ба як силсила буддоҳо ва рисолати онҳо маълумот дода менависад: «Дар миёни ин буддоҳо, ки дар Осиёи Марказии Бостон дар замони пеш аз оғози таърих зоҳир гардида буданд, Тонпа Шенраб Миво ҷой дошт, ки асосгузори анъанаи Бон ба шумор меравад. Унвони Тонпа (ston-pa) ба маънои омӯзгор аст ва Шенраб Мивоче аз ҷониби пайравонаш ҳамчун омӯзгори умумиҷаҳонӣ эътироф мегардад… « Ин муҳаққиқ Шенрабро низ ҳамчун унвон барасӣ намуда, онро бо вожаи авастоии «муғ» ба маънои унвони мазҳабӣ донистааст.

Тонпа Шенраб китобҳои муқаддаси мазҳабии бонро худ ба забони тагзигӣ (таҷигӣ) навиштааст, ки баъдан онҳо ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, ба Тибет ва кишварҳои доманаи Ҳимолой ва Хитойи ҷанубии ғарбӣ паҳн гаштаанд. Олимон чунин ақида доранд, ки баъзе ойинҳои халқҳои маскуни Сибир бар асари ҳамин ойин ба вуҷуд омада буда-

https://bikhon.tj

анд. Л. Н. Гумилёв (маҷмӯаи «Мамлакатҳо ва халқҳои Шарқ» УШ., 1969) яке аз унвонҳои Устод Шенраб эзади пуштибони ӯро эзад-коҳини «Дунёи Рушан» номидааст. Ин муҳаққиқ роҷеъ ба зодгоҳи Тонпа Шенраб овардааст, ки «Тибқи як назар Шенраб дар Олмолунрин, кишвари Шаншун ё Тагзиг (Ирон, арабҳо) таваллуд ёфтааст». (муаллиф аз ноогоҳӣ Иронро кишвари арабҳо номидааст – М.Ҳ.)

Баъзе донишмандони дигар Тонпа Шенрабро бо Зардушт айни ҳам дониста, барои дар зиндагиномаи ин ҳарду пайдо намудани далелҳои монанд кӯшиш намудаанд. Масалан, Б.И. Кузнетсов дар рисолаи «Ирони бостон ва Тибет» (Таърихи ойини Бон) чунин лаҳзаҳои, гӯё монанди ин ду шахсиятро овардааст: «Ин ҳарду ҳам (яъне Тонпа Шенраб ва Зардушт-М.Ҳ.) аз табори шоҳӣ буда, қонун ва таълимоташонро аз номи Аҳурамаздо, ки бо ӯ мулоқот доштаанд, амалӣ менамоянд. Агар Шенрабро ба фаъолияти мазҳабӣ дар миёни одамон, на каси дигар, балки худи Митра раҳнамунӣ карда бошад, пас тибқи ривояти олими юнонӣ Порфирий (асри Ш солшуморӣ) Зардушт низ аз ҷониби ҳамон эзади Митра (80,1с.55) раҳнамун шуда буд. Ҳарду бандаи мирандаанд, ҳарчанд ки расули Худои Доностанд. Ҳарду чанд занӣ дошта, соҳиби писарону духтарон будаанд. Зиндагии ҳарду дар мубориза бо қувваҳои бадӣ ҷараён доштааст. Ҳарду ба муқобили қурбонии хунин, бенатиҷа бошад ҳам, мубориза бурдаанд. Ҳар ду ҳам зуҳури дубораашонро пешгӯӣ кардаанд, ки дар он замон таълимоташон дар тамоми дунё паҳн гашта, некӣ бар бадӣ ғолиб меояд… Боз як монандии зиндагиномаи Зардушт ва Шенраб он аст, ки нахустинашон (яъне Зардушт – М.Ҳ.) тибқи ривоятҳо дар Осиёи Миёна, эҳтимолан дар Балх, вафот карда ва ё кушта шудааст, дар ҳоле ки дуввумӣ (яъне Тонпа Шенраб-М.Ҳ.) дар Суғд дафн шудааст. Воқеияти ахбори тибетӣ дар бораи дафни Шенраб дар ин ноҳияи Ирон аз тариқи тасвироти маросими дафн, ки тибқи он ҷасади майит дар зарфи махсус

https://bikhon.tj

гузошта дафн мегардид, тасдиқ карда мешавад». Тавре дида мешавад, ин монандкуниҳо хосияти умумӣ дошта, воқеияти зиндагиномаи ин ду шахсиятро таҷассум карда наметавонанд. Агар ойини бон бар асари ойини зардуштӣ ба амал меомад, дар он сурат чанде аз муқаддасоти ойини зардуштӣ, масалан, кӯҳи Ҳара Баразайт, Ҳурмузд, руди Ардви Сура, кишвари Ориёно ва ғайра бояд ба кадом як шакле дар ойини бонӣ зикр мегардид. Ҳол он ки дар ойини бонӣ истилоҳоте зикр ёфтаанд, ки дар ойини бисёрхудоии ориёҳиндӣ роиҷ буд. Масалан, кӯҳи муқаддаси Меру (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ –М.Ҳ.) кишвари афсонавии Шамбала, Ҷамбудвипа (мулкҳои миёни дарёҳои Вахш ва Панҷ –М.Ҳ.), дарёи Сита (Панҷ – М.Ҳ), Сирдан (Сирдарё –М.Ҳ.), руди Ганг (яке аз шохобҳои дарёи Панҷ-М.Ҳ.) ва ғайра дар ойинҳои ориёведойӣ ва бонӣ тасвир ёфтаанд.

Таълимоте, ки Шенраб ба пайравонаш таълим медод, дар китобҳои «Доду», «Андарз» ва «Жиҷӣ» (Дурахшон) гирд оварда шуда, ба ду система ҷудо мешаванд.

Тариқати нуҳум Дзогчен ном дорад ва яке аз пайравони ин тариқат Устод Милу Самлег аз шохаи Шанг Шунги Тагзиг тақрибан дар асри 5 қабл аз милод шеъре навишта будааст, ки қисмате аз тарҷумаи таҳтуллафзаш ин аст:

Ба ҳар тариқ ва ба ҳар сӯйе, ки наменигарам,
Ҳеҷ чизе нест абадӣ ва бидуни тағйир.
Гӯё моҳияти ашё фикри ман аст ва аммо фикри ман
Он қадар тағйирёбанда аст, ки субҳ фикре мекунам,
Аммо рӯзона алаккай шубҳа меоварам ба он,
Бегоҳ комилан бо он фикр мухолифу зидам.
Пас ба чӣ такя метавонам кард? – агар ҳатто
Фикри шахсии ман ин гуна тағйирёбанда аст!…

Тавре мушоҳида мегардад, дар мавзӯъи зикршуда, воқеият ва ривоят ба ҳам хеле сахт печидаанд ва аз ҳам ҷудо кар-

https://bikhon.tj

дани онҳо таҳқиқоти зиёдеро тақозо менамояд. Сарфи назар аз ҳама ин, дар ин мавзӯъ бисёр паҳлуҳои таърихи тоҷикон дар даврони пеш аз оғози таърих ошкор мегардад. Пеш аз ҳама мавҷудияти худи номи тоҷик дар шаклҳои таҷиг, тагзиг, татсиг, тазиг ва ғайра далели он аст, ки ин ном воқеан хеле таърихи дерина доштааст. Агар чунин воқеият вуҷуд намедошт, пайравони ойини Бон ҳеҷ гоҳ, на дар ҳазораҳои пеш аз милод ва на баъд аз он аз пеши худ кишвари Таҷиг ва манзараҳои онро бофта бароварда наметавонистанд ва ба ин чиз зарурате низ надоштанд. Манзараҳои кишвари Таҷиг, ки дар матнҳои ойини Бон тасвир шудаанд, бо тасвироти китобҳои ориёҳиндӣ Ведоҳо ва «Маҳабҳарата» ҳамчунин бо навиштаҷоти ойинҳои буддоӣ ва ҷайнӣ дар бораи кӯҳи Меру ва қитъа-ҷазираи Ҷамбу аз бисёр лиҳоз мувофиқат мекунанд, ки ин аз воқеияти сарзамине, ки онҳо мавриди тасвир қарор додаанд, далолат менамояд.

Агар ойини буддоӣ бисёр ҷиҳатҳои таълимоти худро аз ойини бисёрхудоии ориёҳиндӣ ва ойини ҷайнӣ аз ойинҳои ориёҳиндӣ ва буддоӣ гирифта бошад, ойини Бон аз дигар ойинҳо чунин таълимоту тасвиротро гирифта наметавонист, зеро ҳарчанд пайравони Бон чунин мешуморанд, ки Буддо Шакямунӣ шогирди Тонпа Шенраб будааст, бо вуҷуди ин миёни ойинҳои Бон ва буддоӣ то ҷое мухолифат вуҷуд дорад. Баъдан қиссаву ривояти ойини Бон хеле пеш аз дигар ойинҳо пайдо шудааст. Ва дигар ин ки дар китобҳои ойинҳои буддоӣ ва ҷайнӣ аз вожаи Таҷиг ва гунаҳои он ишорат нарафтааст. Аз воҳидҳои ҷуғрофӣ дар ойинҳои номбаршуда номҳои Меру кӯҳи муқаддас, Шамбала – сарзамини ривоятӣ, қитъа-ҷазираи Ҷамбу (мулкҳои миёни болоби Вахш ва Панҷ – М.Ҳ.) дарёҳои Сита ва Ганг ба як гуна зикр гардидаанд.

Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки тавре ки мо дар ҳама мақолаҳои гузаштаи худ дарёҳои Ганг, Сита, кӯҳҳои Меру, Мандара, мулкҳои Ҷамбу, Бҳарата (Ҳинд) Шамбала ва ди-

https://bikhon.tj

гар номҳои аслӣ ва аввалияи адабиёти ориёҳиндиро воқеъ дар минтақаҳои Тоҷикистон ва ноҳияҳои атрофи он зикр карда будем, инак дар ойини Бон низ мулкҳои Ҷамбу, Шамбала, кӯҳи Меру, дарёҳои Сита, Ганг ва ғайра дар ҳудуди як қисмати кишвари Таҷиг – Олмо Лунгринг тасвир ёфтаанд. Масалан, муҳаққиқон гуфтаанд, ки агар Буддо Шакямунӣ (асри 6, ба қавле асри 9 то солшуморӣ), ки дар Ҳинд тавваллуд ёфта, барои рисолати буддоиашро гирифтан ба Шамбала, ки дар Ҷамбу воқеъ аст, ба кишвари Таҷиг омада бошад, пас Тонпа Шенраб дар Шамбала, ки дар Ҷамбу воқеъ аст, таваллуд шудааст.

Албатта, бо гузашти ҳазорсолаҳо номҳои аслии ориётоҷикӣ дар ойини Бон ва дар кишваре бо забони бегона – Тибет боқӣ монда наметавонист. Бо вуҷуди ин боқӣ мондани чандин номҳои маҳалҳо, ҳамчунин номҳои китобҳои бонӣ «Ганҷур», «Доду» (ҳикмат, адолат) ва ғайра қобили таваҷҷуҳ аст.

Чизе ки ба бовари аҳли таҳқиқ чандон нагунҷидааст, ин соли таваллуди Устод Шенраб – 16016 то солшуморӣ ва 8200 сол умр дидани вай аст. Албатта,аз 150-170 сол зиёд умр дидани инсон имрӯз дар тасаввуроти касе намегунҷад. Вале чунин ҳол на танҳо дар ойини бонӣ, балки дар бисёр ривоятҳои дигар низ дарҷ гардидааст. Сокинони Ҷазираи Сафед аз ҳазор сол зиёд умр медидаанд. Дар «Шоҳнома» шоҳони ориёӣ то ҳазор сол подшоҳӣ намудаанд. Сокинони Гиперборея низ қариб ки умри ҷовидон медидаанд. Имрӯз йогҳои ҳиндӣ зиёда аз дусаду сесад сол зиндагӣ мекардаанд…

Аммо дар саҳеҳияти аксари санаву воқеоти муҳими тақвими Тибет шак нест ва он яке аз муътамадтарин тақвимҳои аҳди бостон будааст. Тибқи нишондоди ин солномаҳо ойини бонӣ то асрҳои охири пеш аз солшуморӣ дар кишвари Таҷиг вуҷуд доштааст. Масалан, тавре Ҷон Рейнолдс (Ваҷаранатҳа) зикр кардааст: «Мувофиқи сошумории

https://bikhon.tj

тибетӣ шоҳи Тибети марказӣ Нйатри Санпо соли 1136 то солшуморӣ ба дунё омада, таълимоти Бонпо дар замони ҳамин шоҳ авҷ гирифта будааст. Писари вай Мутри Санпо (соли таваллудаш 1074) таълимоти даврии Тантр Чипунгро, ки ба ӯ Сангва Дупа дар Тазиг дода буд, аз худ намуда будааст» (ҳамон ҷо). Соли 683 то солшуморӣ шоҳи ҳафтуми Тибет Дригум Санпо аз бими он ки пайравони бонпо ба ҳокимияти ӯ таҳдид карда метавонанд, онҳоро таъқиб намуд. Пайравони Бонпо бо таъкиди Шоҳзода Дранпа Намкҳи дар ғоре пинҳонӣ ҷамъомад гузаронда, қарор доданд, ки тамоми китобҳои худро дар ҷойҳои гуногуни Тибет пинҳон намоянд. Бисёр матнҳои бонпо баъдҳо аз дигар ҷойҳо кашф шуда будаанд. Ваҷаранатҳа Ҷ. Ренолдс навиштааст, ки: «Соли 552 то солшуморӣ устоди Бонпо Нячен Лишу Таг-ринг аз Тазиг ба Тибет омада, тақрибан даҳ ҳазор матнҳои бониро бо худ овард». Тавре маълум мегардад, дар кадом минтақае аз кишвари Тоҷиг то охири асрҳои пеш аз солшуморӣ ойини бонпо ва матнҳои хаттии он боқӣ монда будаанд.

Дар адабиёти Бонпо кишвари Тоҷиг дар иртибот бо номҳои Олмо Лунгринг, Шанг-шунг зикр гардидааст. Шанг-шунг, воқеъ дар самти ғарбӣ ва шимолии Тибет дар назди кӯҳҳои Кайлас, то асрҳои ҳафти мелодӣ ҳамчун кишвари мустақили ориёӣ вуҷуд дошта, дар замони Тонпа Шенраб ба ҳайати кишвари Тоҷиг шомил будааст. Ин кишвар дар «Шоҳнома» бо номи Шангон зикр гардидааст, ки дар ҳайати давлати туроний шомил буда, боре онро Рустам фатҳ карда буд.

Ҳама покашон пеши Хусрав барем,
Зи Шангону Чин ҳадяи нав барем.

Яъне заминҳои мулки Тоҷиг аз аз доманаи кӯҳҳои Тибет оғоз меёфтаанд. Он замон кишвари Тоҷиг аз се як ҳиссаи ҷаҳони маълумро дар ҳайати худ доштааст, ки ин масоҳат

https://bikhon.tj

на танҳо Осиёи Марказӣ балки бисёр минтақаҳои берун аз онро низ дар бар мегирифтааст. Бо он ки Тонпа Шенраб аз шумори шоҳони иронӣ-ориёӣ зикр шудааст, дар асли ориётоҷикии ӯ дигар шаке наметмонад. Танҳо он чи ки аз тарафи баъзе олимон роҷеъ ба таъсири маздакия ба ойини бонпо андешаҳо зоҳир гардидааст, ҷои баҳс буда метавонад.

Тавре зикр гардид, мисли самтҳои адабиёти ориёҳиндӣ самтҳои адабиёти Бон низ дар нисбати кӯҳи Меру тасвир ёфтаанд. Тасвироти қасрҳову шаҳрҳо руду дарёҳо ва ғайра низ ба ҳамин тариқа сурат гирифтаанд. Агар ҳамин тавр аст, пас иқоматгоҳ ва ҷои сукунати Тонпа Шенраб дар самти ҷанубии қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ – дар яке аз минтақаҳои соҳили рости дарёи Панҷ воқеъ будааст. Аз доманаҳои ин кӯҳ, тавре ки дар боло зикр шуд, мувофиқи тасвироти адабиёти бон, воқеан аз чор самт чор дарё (якчанд дарё, вале калонтаринашон чортост –М.Ҳ) ҷорӣ шуда, баъдан ба чор самт ҷараён мегиранд. Тавре дар адабиёти ориёҳиндӣ зикр шудааст, дар атрофи кӯҳи Меру асосан чор ҷазира-қитъаи калон ва ҳашт ҷазираи хурд, яъне дувоздаҳ (дар адабиёти гуногун ин шумораҳо тағйир меёбанд –М.Ҳ) ҷазира зикр шудааст.

Дар адабиёти бонпо низ аз дувоздаҳ ҷазира ва ҳашт дарёи бузург сухан рафтааст, ки номашон дар боло зикр гардид. Аз тазаккуроти Бонпо маълум мегардад, ки дар аҳди Тонпа Шенраб дар ин сарзамин хатту алифбои махсус вуҷуд доштааст. Як нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки тамоми олимон забони санскритро эҷоди асрҳои охири пеш аз солшуморӣ (тақрибан асрҳои 5-4) дар Ҳинд мешуморанд. Аммо дар навиштаҷоти Бон забони санскрит дар водии яке аз дарёҳои воқеъ дар самти ғарбии кишвари Таҷиг дониста шудааст. Аз айниятдиҳии қаблии мо ҳамчунин дарёи Сердан (Сер – Сир, Шир ва дан – дарё (?) муқоиса шавад бо Уқёнуси Шир аз адабиёти ориёҳиндӣ – М.Ҳ.) дар самти шимоли шарқӣ ба дарёи Сир аз лиҳози ном ва мавқеият

https://bikhon.tj

мувофиқат менамояд. Дарёи Синдҳу метавонад, яке аз шохобҳои руди Панҷ дар Бадахшон бошад. Ва тавре ки мо қаблан дарёи Ситаро ба дарёи Танимас (шохоби Панҷ) айният дода будем, дар адабиёти бон низ ин дарё дар мавқеияти ҷанубии кӯҳи Меру қарор дорад. Албатта,таъйинот ва айниятдиҳии аниқи ин номҳо кори таҳқиқи махсус аст.

Ва албатта, нуктаи аз ҳама муҳим дар ин бахш тазаккур аз номи кишвари Таҷиг бо шаклҳои тазиг-тагзиг, татсиг мебошад, ки аксари кулли муҳаққиқони Бонпо онро бо вожаи тоҷик ва мавқияти ҷуғрофиашро бо Тоҷикистон айни ҳам донистаанд. Вожаи Таҷиг ин қадимтарин ва ба шакли навишт ва талаффузи имрӯз – тоҷик – наздиктарин шакли он вожаҳост, ки дар адабиёти хитоӣ, юнонӣ ва дигар халқҳо дар нисбати вожаи тоҷик зикр гардидаанд. Ҳарчанд роҷеъ ба маънои вожаи «таҷиг» дар адабиёти бонпо чизе гуфта нашудааст, аммо аз навиштаҳо роҷеъ ба дигар мавзӯот аз маънии ин вожа ишораҳое дарёфт кардан мумкин аст. Тавре зикр шуд, нажоди аслии кишвари таҷигро нажоди шоҳӣ, ки аз осмон омада, бо одамон издивоҷ намуда будаанд, ташкил медодааст. Тибқи навиштаҳо он шоҳон нуре аз камони ҳафтранг болои сар доштаанд, ки як нӯги он ба тораки сарашон пайваст ва нӯги дигари он ба осмон баланд будааст. Вақти аз дунё гузаштан он шоҳон тавассути ҳамон хатти нур ба осмон ба ватани осмониашон реҳлат менамудаанд. Бори охир чунин нур дар аҳди яке аз шоҳони бадхашми тибетӣ Дригум Санпо, ки ба таъқиби бонпочиён шурӯъ намуда буд, зикр шудааст. Шоҳ Дригум Санпо соли 680 то солшуморӣ ба канда партофтани тоҷи нури «му» пардохт. Вай аз ҷониби вазираш, ки бо фиреб ӯро маҷбур карда буд, то тоҷи нур – dmu-thag-ашро бибурад, кушта мешавад. Ин шоҳон гӯё аз қабилаи Му-Шен буда, ҳамин гуна фарри рангинкамонии dmu-thag доштаанд. Ба ёд биёрем, ки дар «Авесто» ва «Шоҳнома» аз фарри шоҳии каёнӣ бисёр сухан рафтааст. Ҳама шоҳони иронӣ чунин фарр доштаанд ва шоҳи Ирон би-

https://bikhon.tj

дуни он тасаввур карда намешуд. Аз ин рӯ Афросиёб гарчи чанд муддате шоҳи Ирон буд, аммо фарри шоҳиро ба даст оварда натавонист. Шояд ҳамин фарри иронӣ ва dmu-thag айни як чиз будаанд? Шоҳон он замон дар сар тоҷи тилло мениҳоданд ва фарр низ гӯё мисли тоҷе бар сари онҳо қарор дошт. Агар ба қисмати дуввуми dmu-thag таваҷҷуҳ намоем, аз он вожаи тҳаг – таг (тог – тоҷ) бар меояд, ки аксари донишмандон ҷонибдори ин назар, яъне аз «тоҷ» тасмия шудани вожаи тоҷик мебошанд. Тавре пештар гуфта шуд, як гунаи вожаи мавриди назар ба шакли дар адабиёти бон «тагзиг» омадааст, ки ин назарро тақвият медиҳад.

Б. Шаҳсойлу (Чы «толыш» тиряноми ятрофяда сяйщят, рӯзномаи «Толыш садо») навиштааст, ки «Мафҳумҳои марбут ба тоҷик дар кишварҳои Шарқи Дур, мисли тагзиг (таҷиг), ки дар зери ин мафҳум ҳама ноҳияҳои пайваст ба Тибети Ғарбӣ дар назар аст, шинос буд». Ин муҳаққиқ роҷеъ ба маънои вожаи «талыш» сухан ронда, ин вожа ва баъзе вожаҳои марбут ба номҳои халқҳои ҳиндуаврупоиро, ки бо қисмати «та-» оғоз шудаанд, аз қисмати аввали вожаи ориёҳиндии «дайва», «деус», ки дар забони ориёҳои қадим ба маънои Худо меомад, муштақ донистааст. Ӯ ҳамчунин навиштааст: «Ханыков вожаи тоҷикро аз вожаи форсии «тоҷ» (чамбар) маънӣ додааст. Ин вожа ба шаклҳои гуногун баргаштааст: суриягиҳо онро «того» арабҳо «тиҷан» гӯянд. Дар сарчашмаҳои арманӣ «тоҷ» ба шакли «тагҳ» (муқоиса шавад бо thag – М.Ҳ.) баргашт». Ҳамчунин ӯ гуфтааст, ки дар забони толишӣ вожаи «таҷа» маънои «ҷойгоҳи Худо» ва «ҷига» маънои рамзи болои гулчанбарро дорад. Дар иртиботи ин маънӣ бояд зикр кард, ки вожаи «дяус», ки имрӯз дар шакли «дев» дар забони мо баргаштааст, ба ҷуз аз маънои «худо» маънои «осмон»-ро низ дошт. Ва тавре дар боло дидем, нажоди шоҳони кишвари Таҷиг аз осмон омада буданд ва баъди реҳлат ба воситаи он тоҷи равшане, ки болои сар доштанд, боз ҳам ба осмон мерафтаанд. Ҳамин та-

https://bikhon.tj

риқ месазад, ки вожаи «тоҷик» бо вожаҳои худо ва осмон низ муқоиса карда шавад.

Гумон меравад, сарчашмаҳои бонӣ дар Тибет муътамадтарин ва ба шакли асл наздиктарин гунаи вожаи тоҷикро дар тӯли таърихи хеле тӯлонӣ нигоҳдорӣ намудаанд...

ҲИНД

То ворид шудан ориёиҳо ба Ҳинд ин кишвар Ҳинд ном надошт. Ва баъдан низ на тамоми ин нимҷазира Ҳинд ном гирифт. Дар нахуст водии дарёи Синд ва вилояти кунунии ҳамном ва қисмати шимолии ин кишвар Ҳинд номида шуд. Сарзаминҳои ҷанубӣ дар муқобили ноҳияҳои шимолӣ – Ҳинд – Дакан ном гирифтанд. Аслан Ҳиндро ҳиндуҳо Бҳарата мегӯянд, ки дар ин мавзӯъ сухан баъдтар хоҳад буд. Ҳинд номест, ки бештар онро аз хориҷ ном бурдаанд. Ва баъдан онро Ҳиндустон гуфтанд. Ҳинд дар забони ориёҳиндӣ маънои руд ва дарёро дорад. Шакли аввалияи ин вожа «Синд» буда, баъдан ба шакли «Ҳинд» баргаштааст, ки маъноияш руд, дарё мебошвд.[1] Ва шояд вақте ориёҳин-

[1] Рочеъ ба табдили овози «с» ба «ҳ», «х», «ш» ва «ғ» мисолҳои фаровоне пайдо кардан мумкин аст, ки тавассути онҳо шаклҳои нахустин ва аввалияи баъзе вожаҳои кунунии забони тоҷикиро шарҳ додан мумкин мегардад. Вожаи «samhita» – «самит» ки имрӯз дар забонҳои аврупоӣ ба маънои гирдиҳамоӣ, ҷамъомад истифода мешавад, аслан вожаи ориётоҷикист, ки дар забони адабиёти ориёҳиндӣ ва санскрит вуҷуд доштааст. Ин вожа аз «samha»(самҳа) – «ҳама» ва пасванди –it –ит таркиб ёфтааст. Маънои дигар ин вожа баҳамоӣ – пайкор низ будааст. Гунаи дигари ин вожа «samuh»(самуҳ) маънои «коллектив»-ро дорад. Вожаи дигаре, ки дар нахуст ҳамчун пешванд истифода шуда баъдан ба шаклҳои дигар баргаштааст, ин «су», «сва», «свас» аст, ки мувофиқи қоидаи табдили овози с ба ҳ ба шаклҳои «ху», «ҳва», «хваш» ва «хвеш» баргашта, дар гӯишҳои мардумии тоҷикӣ ҳамчун ҳиссачаҳои тасдиқии «ҳа», «ху», «ҳов», «ҳова» ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун ҷонишинҳои «худ», «хеш», ҳамчунин сифати «хуш» вуҷуд доранд. Эҳтимоли қавист, ки вожаи «ҳавас» ҳамон шакли тағйирёфтаи «свастӣ» будааст. Дар адабиёти ведоӣ сукарна (хушкор), дар «Авесто» Ҳукар (хушкор, кори нек), дар адабиёти ориёҳиндӣ Сома (худои моҳ, инчунин нӯшобаи муқаддас), дар Авесто Ҳома (моҳ) ва Ҳаума (гиёҳи муқаддас) бо ҳамин сохтмон таркиб ёфтаанд.

https://bikhon.tj

дуҳо аз кӯҳҳои Ҳиндукуш убур намуда, ба соҳили як дарёи бузурге расиданд, онро Синд, яъне дарё гуфтанд. Баъдан водии ин дарё вилояти Синд номбар гардид. Ин вожа, яъне Синд, эҳтимоли қавист, ки ҳанӯз қабл аз муҳоҷирати ориёиҳо ба Ҳиндустони кунунӣ дар ҳудудҳои меҳани аввалияи ориёиҳо – Помир ва шарқи он вуҷуд дошт ва рудро онҳо ба гунаи Синд меномидаанд. Баъдан номи Ҳинд ба тамоми нимқазира нуфуз намуд.

Тоифаҳои нахустини ориёӣ дар водии дарёи Синд сукунат варзида, баъдан қисмате аз онҳо ба самтҳои шарқиву ҷанубӣ ҳаракат намуданд. Ва он тоифа ки дар водии дарёи Синд боқӣ монд, номи Синдҳуро гирифт. Далели вуҷуд доштани вожаи синд дар замони қабл аз муҳоҷират он аст, ки ҳамчунин тоифаҳое бо ҳамин ном – синд дар ҳазораи 1 то солшуморӣ дар нимқазираи Таман, дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ сукунат доштаанд. Дар Эстония низ шаҳре Синди ном дорад. Номи қаҳрамони машҳури ривоятӣ Синдбоди дарёгард низ бо ҳамин ном марбут аст.

Бояд зикр кард, ки решаи «ҳаума» «ҳау» (ҳав) буда, маънои афшурданро дорад. Дар гӯишҳои мардумӣ ин вожа бо табдили ҳ ба ғ шакли «ғав-ҷ»-(идан)-ро гирифтааст. Ҳамчунин вожаҳои “супарна” – хушпар, “сугрива” – хушёл, “свастика” – хубаст (ҳавас), сваҳа (ҳова)– хушаст, “Сарм” (Салм)-Ҳарм дар ҳамин шуморанд. Дар баъзе вожаҳо баръакс, дар забонҳои алоҳида вожаҳо бо ҳарфҳои «с» ва «з» вуҷуд дошта, дар адабиёти ориёҳиндӣ бо шакли «ҳ» боқӣ мондаанд. Масалан Hima (ҳима) дар адабиёти ориёҳиндӣ ба маънои “барф” буда, Heman, Hemanta (ҳеман, ҳеманта) ба маънои зимистон аст. Ин вожа дар забони русӣ–»зима» ва дар забони тоҷикӣ «зима(стон)» ҳам акнун мавҷуд аст. Ба ин тариқ, маънои кӯҳҳои Ҳимолой ва Ҳамован – барфпӯш, барфдор будааст. Вожаи «свасар» аз решаи «сва» – «худ» хва, ху(хвеш) ва пасванди “сар” таркиб ёфта, маънояш «худӣ» мебошад. Ин вожа ҳоло дар забони русӣ ба шакли «сестра», дар забони литвонӣ – «сесевар», дар забони тоҷикӣ – «хоҳар» вуҷуд дорад. Дар баъзе гӯишҳои мардумии тоҷикӣ хоҳарро ба шакли “хувар” ном мебаранд, ки он низ аз ҳамон шакли аввалия манша гирифтааст. Худои офтоб «Сура» ё «Свар» ба гунаи «Хвар» баргашта дар забони русӣ ба шакли «свет» – ба маънои осмон дунё вуҷуд дорад. Ин муаллиф тахмин менамояд, ки “ҳунар” низ аз ҳамин қабил вожаҳо буда маънои марди некро дорад. Эҳтимол Сома ба Ҳома (ҳом) баргашта ва баъдан бо шакли баръакс – «моҳ»-ро гирифта бошад.

https://bikhon.tj

ПУРВАВИДЕҲА

Пурвавидеҳа дар низоми Бҳумандала яке аз чаҳор қитъаи бузург ба шумор меравад. Пурвавидеҳа дар шарқ воқеъ гашта, қитъаи Сафед низ ном дорад ва шаклаш нимдоира мебошад. Ҷамбудвипа дар ҷануб воқеъ гашта, рангаш кабуд ва шаклаш чаҳоркунҷаи ду кунҷаш хурдтар, Годания – дар ғарб рангаш сурх даврашакл ва Уттракуру – дар шимол, рангаш сабз ва чаҳоргӯша мебошад. Дар паҳлуи ҳар як қитъа ду қитъаи хурди аз лиҳози шакл ва ранг мушобеҳи қитъаи асосӣ воқеъ гаштаанд. Дар назди Пурвавидеҳа Деҳа ва Видеҳа, дар паҳлуи Уттаракуру (Куруҳои шимолӣ) Куру ва Каврава, дар назди қитъаи ғарбии Годания (Апарагодания) Гатҳа ва Уттарамантрина ва дар Ҷамбудвипа Чамара ва Авара вуҷуд доранд. Ин чаҳор қитъа дар чаҳор самти кӯҳи Меру воқеъ гаштаанд. Замин аз самти берун бо ҳалқаи кӯҳҳои Чакравада иҳота карда шудааст.

Пурвавидеҳа дар самти шарқии кӯҳи Меру (Сумеру) ва Ҷамбудвипа (Помир) воқеъ гаштааст. Шакли ин қитъа нимдавра буда, ба моҳи нав шабоҳат дорад. Тарафи ҳамворӣ он ба ҷониби Ҷамбудвипа нигаронида шудааст. Дар миёни чаҳор қитъаи асосӣ қитъаҳои дохилӣ (антарадвипа) ҷой доранд, ки, шумораи умумии онҳо ҳаштто мебошад. Дар назди қитъаи шарқии Пурвавидеҳа ду қитъаи дохилӣ вуҷуд доранд, ки Деҳа ва Видеҳа мебошанд. Шакли зоҳирии сокинони ин қитъа мисли шакли қитъа мебошад. Шакли қитъа чи гунае бошад, шакли рӯи сокинонаш низ ҳамон тавр будааст. Тибқи таҳлилот маълум мегардад, ки ба қитъаи Пурвавидеҳа сарзаминҳои самти шарқии Помир ва системаи кӯҳҳои Ҳимолойи кунунӣ шомил мешаванд. Тавре дар адабиёти зиёди гуногун зикр мешавад, дар самти шимолии Тибет дар ҷои кунунии биёбони Такла-Макон баҳри бузурге воқеъ гашта будааст, бо мурури замон аз байн рафтааст. Руди бузурги фаромӯшшудаи Сарасватӣ, ки ҳоло бо номи Торим боқист, ба ҳамин баҳр мерехт. Ин баҳр дар баъзе адабиёт баҳри Шарқӣ

https://bikhon.tj

низ ном дошт. Дар Шоҳнома Оби Зиреҳ ва руди Шаҳд ҳамин баҳру руд будаанд. Мавҷудияти Пурвавидеҳа дар адабиёти хитоӣ низ зикр гардидааст, ки далели воқеияти ин сарзамин мебошад. Масалан, яке аз адибони Чин У Чен-энь дар боби якуми асараш «Сайёҳат ба ғарб» навиштааст: «Пас аз он ки Пань-гу бенизомии ибтидоиро дар рӯи замин ба низом даровард, се шоҳаншоҳ ҷаҳонро ободон карданд ва панҷ шоҳаншоҳ муносиботи байни одамонро роҳандозӣ намуданд. Замин ба чаҳор қитъаи калон – Пурвавидеҳа, Ҷамбудвипа, Годаня ва Курудвипа тақсим гардид». Дар идома омадааст, ки ду нафар ходими олимақоми осмонӣ бо супориши ҳокимашон нури тиллоиро таҳқиқ намуда, муқаррар намуданд, ки он аз кишвари Аолайго меояд, ки дар қитъаи Пурвавидеҳа, дар самти шарқии баҳр воқеъ гаштааст. Рӯйдодҳои асари мазкур дар Чин ба амал омадаанд. Тибқи таҳлил рӯйдодҳо аз он ҷо то Пурвавидеҳа ду баҳр ҷудо мекардааст. Ҳангоми муоинаи нақшаи кайҳонии самти шарқии Помир як ҳалқаи нимдоира ба назар мерасад, ки шояд изи баҳри як замоне вуҷуд дошта будааст.

Мутобиқи тасвирот Ҷамбудвипа мудаввари гӯшадор, Пурвавидеҳа нимдавра, Уттаракуру чаҳоргӯша, Апарагаяна (Плакша) мисли моҳи пурра будаанд. Пурвавидеҳа ҳамчунин ҷазираи шарқии шабеҳи паранда номида шудааст. Агар ба манзараи умумии силсилаи кӯҳҳои Ҳимолой муоина карда шавад, вай воқеан ҳам ба шакли нимдоира ва ба гунаи парандаест, ки гарданаш ба ҷониби Ҷамбудвипа – Помир ёзонда шудааст.

Дар тафсирҳо гуфта шудааст, ки дар атрофи ин кӯҳ чор қитъа воқеъ гаштааст, ки – Ҷамбудвипа, Пурвавидеҳа, Уттаракуру, Апарагодана мебошанд. Вақте дар Ҷамбудвипа офтоб тулӯъ мекунад, дар Пурвавидеҳа нисфирӯзӣ дар Уттаракуру ғуруб, дар Апарагодана нимашаб аст. Вақте дар Пурвавидеҳа офтоб тулӯъ мекунад, дар Уттаракуру нимрӯз дар Апарагодана ғуруб, дар Ҷамбудвипа нимашаб аст. Вақте дар Уттаракуру офтоб тулӯъ мекунад, дар Апарагодана

https://bikhon.tj

нимрӯз, дар Ҷамбудвипа ғуруб ва дар Пурвавидеҳа нимашаб аст. Вақте дар қитъаи Апарагодана офтоб тулӯъ мекунад, дар Ҷамбудвипа нимрӯз, дар Пурвавидеҳа ғуруб ва дар Уттаракуру нимашаб аст.

Маънои Пурва – шарқ – «пурва» «пеш», «нахустин» буда, ин самт низ мисли дигар самтҳои дар адабиёти ориёҳиндӣ тасвиршуда дар нисбати кӯҳи муқаддаси Меру (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ) таъйин гардидааст. Чунин номгузорӣ ба он хотир сурат гирифтааст, ки тибқи ривоятҳои ориёҳиндуҳо дар Пурва инсон пештар аз дигар минтақаҳо пайдо шуда будааст.[1] Мувофиқи тазаккуроти китобҳои гуногуни «Маҳабҳарата» дар ин самт нахустин бор ақлу хирад ба вуҷуд омадааст. Ду чашми Дҳарма нахустин бор дар ҳамин ҷой боз шудаанд ва ӯ худ ҳамеша аз ин ҷойҳо дидан мекардааст. Мувофиқи ривоёти ориёҳиндӣ дар ин самти дунё аз духтарони Дакши бори аввал авлоди башар ба дунё омад ва писарони Кашяпа низ дар ҳамин минтақа афзоиш ёфтанд. Ин самт самте будааст, ки дар он сарчашмаи комгории эзадон нуҳуфтааст, дар ин ҷо бори аввал маросими нишонагузории Шакра (Индра) ҳамчун шоҳи эзадон ба амал омадааст. Ба ҷиҳати он ки дар ин самт дар аҳди бостон эзадон – сурҳо сокин гашта буданд, онро Пурва номгузорӣ намудаанд. Ба қавли «Сабҳапарва» аввалин бор Ведоҳо аз ҷониби Офаридгори Бузург дар ҳамин минтақа суруда шудаанд. Дар ҳамин ҷо нидои мазҳабии «ом» ба сад оҳанг бори аввал садо додааст [2]. Дарвозаи се дунё дар ҳамин минтақа будааст.[3]

---

[1] «Пурва» ҳоло дар забони русӣ ба шакли «первый» ба маънои пеш ва ё нахустин боқист. Дар забони тоҷикӣ қисмати аввали ин вожа «пур» ба шакли «бар» ба маънои пеш ва боло, масалан дар вожаҳои «бартар», «барин» (чархи барин), роиҷ аст.

[2] «Ом» нидои мазҳабии ориёҳиндуҳост, ки ба таври мутантан дар оғози дуоҳои мазҳабӣ талаффуз гардида, назди ориёҳиндуҳо вожаи муқаддас ба шумор мерафтааст. Гумон меравад, ки вожаи «омин» дар дигар мазҳабҳо дар охири дуо ифода мегардад, аз асари ҳамин вожа будааст.

[3] Мувофиқи космография анъанавии ҳиндӣ се дунё (трилока) вуҷуд дорад, ки ба он осмон ё биҳишти осмонӣ, замин ва дунёи зеризаминӣ шомиланд.

https://bikhon.tj

Яке аз эзадони машҳури ориёҳиндӣ Индра, ки яке аз тахаллусҳояш Шакра низ ҳаст, ҳокими мулкҳои Шарқ (Пурва) ба шумор рафтааст. Шакра–Индра мисли ҳокимони дигар самтҳо дар ин самт қасри мисли анвори Офтоб бошукӯҳе дорад, ки онро худ бунёд кардааст. Аз ҳамин лиҳоз дар ин минтақа бо номи ӯ шаҳри Индрапрастҳа ва ё Шакрапрастҳа воқеъ будааст. Ҳоло низ бо номи Индралангар шаҳре дар ғарби Хитой вуҷуд дорад, ки бояд бешак ёдгоре аз Индра мебошад.

ҶАМБУДВИПА (ПОМИР)

Аз кӯҳи Меру (ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ) ва шумораи ҷазираҳои он дар адабиёти ориёҳиндӣ, вачрянӣ, ҷайнӣ, буддоӣ ва дар қиссаву асотири халқҳои Ҳинд, Индонезия, (Балӣ, Ява ва ғ.) Бирма, Непал, Ветнам, Тибет, Хитой, Муғулистон, Қалмиқия, Якутия, дигар халқҳои туркнажод ёдоварӣ ба амал омада, ҳамчунин ишораҳо доир ба ин мавзӯъ дар адабиёти шифоҳии баъзе халқҳои Африкову Аврупо, ҳиндуҳои Америко мушоҳида мегарданд. Дар сарчашмаҳо ки зикрашон рафт, кӯҳи Меру (дар баъзе ҳолатҳо бо номҳои тағйирёфта) ҳамчун бузургтарин кӯҳи дунё, меҳвари замин, тири замин, шоҳи кӯҳҳо, мақари эзадон, ҷойгоҳи биҳишт тасвир ёфта, ҷинсияти он аз сангу металлҳои қимматбаҳо қаламдод шудааст. Ва албатта, сарчашмаи ҳамаи ин қиссаву ривоятҳо навиштаҳои адабиёти ориёҳиндӣ будааст. Сарфи назар аз умумият ва ягонагии сарчашмаҳо, ҳар як халқ ба ин мавзӯъ дар иртиботи хусусиёти миллӣ ва ҷуғрофиёи маҳалли худ бар он тағйиру иловаҳо афзудааст. Дар шарҳи «Сабҳапарва» дар асоси ташреҳи яке аз нахустин ва бузургтарин муфассирони «Маҳабҳарата» Девабҳодҳи шумораи ҷазираҳо ё қитъаҳои атрофи Меру ҳафтто таъйин шуда, ба тариқи зайл номгузорӣ гардидаанд:

https://bikhon.tj

Ҷамбудвипа, Кушадвипа, Шака, Краунча, Шалмалӣ, Гомеда, ва Пушкара. Дар шарҳҳои дигар дар номгузорӣ ва шумораи ҷазираҳо дигаргуниҳо ё тағйирот ба назар расидааст. Ҳар як аз ин ҷазираҳо «двипа» ном дошт, ки маънои он низ ҷазира ва ё қитъа будааст. Баъди муҳоҷирати ориёҳиндуҳо, бо назардошти он ки шаҳри Ланка ва ҷазираи Ҷамбу дар асотири ин халқ ҳамчун ҷазираҳои ҷанубӣ номбар шуда буданд, нимҷазираи Ҳинд ва ҷазираи Шри Ланкаро (Саранде п – Саран двип) ба он ду маҳал айният доданд. Ҳамин тариқ, аз шумори ҷазираҳои зиёде танҳо Ҷамбу айнияти худро дар симои нимқораи Ҳинд пайдо намуду халос. Баъзе аз муҳаққиқон ҷазираи Шака-Сака-Сакаларо ба Суғд ва ё Скифия, баъзеи дигар ба яке аз минтақаҳои Помир айнияти тахминӣ доданд. Дигар ҷазираҳо ҳамчун, гӯё тасвироти асотирӣ аз ёдҳо рафтанд. Вале мушоҳидот нишон медиҳанд, ки он ҷазираҳо дар дуру наздики кӯҳи Меру вуҷуд дошта, баъзе аз онҳо имрӯз низ нишониҳои номиву ҷуғрофии худро ҳифз намудаанд.

Роҷеъ ба шумора ва номи ҷазираҳо дар адабиёти халқҳои гуногун ихтилофҳо ба назар расида бошад ҳам, дар он миён дар бораи номи Ҷамбу ва мавқеияти ҷанубии он як сон тасвирот зикр гардидааст. Тибқи тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ ва буддоӣ дунё аз се қисмат – лока иборат будааст, ки онҳо Тирялока, («Дунёи поёнӣ») Мадхялока, («Дунёи миёна») ва Урдхвалока («Дунёи болоӣ») ном доштаанд. Ҷамбу ва ё Ҷамбудвипа дар қисмати Дунёи миёна мавқеият доштааст. Мувофиқи маънидоди шореҳони «Маҳабҳарата» Ҷамбу номи дарахти себест, ки меваҳои хеле бузург доштааст ва ҳангоме, ки он меваҳо ба оби уқёнус меафтодаанд, садои «ҷам-бу» мебаровардаанд. Аммо дар адабиёти дини ҷайнӣ маънои «ҷамбу»-ро «хеле гарм» гуфтаанд. Бояд зикр кард, ки ривояти ҳамин дарахти Ҷамбу аст, ҳамчун «Дарахти ҷаҳонӣ» (Мировое древо) дар асотири аксари халқҳои дунё зикр гардидааст. Барои мисол дар асо-

https://bikhon.tj

тири келтӣ дарахти аввалон (себ) ёд шуда, ки дар «Ҷазираи саодат» мерӯидааст. Аз «Ҷазираи саодат» дар асотири юнонӣ, келтӣ, шумерӣ ва дигар халқҳо ҳамчунин дар қиссаҳои Инҷил ёд шудааст.

Мувофиқи ташреҳоти адабиёти дини ҷайнӣ дунёи Мадхялока (миёна) шакли мудаввар дошта, қитъаи (ҷазираи) Ҷамбудвипа низ дар маркази он ба шакли доирашакл ҷойгир шудааст.[1] Кӯҳи Меру онро ҳамчун меҳвар бурида гузаштааст. Дар буни ин кӯҳ дараҳои биҳиштосои Бҳадаршала, Нандан ва Сауманас дар миёни кӯлҳо ва қасрҳои эзадони Шакра ва Ишана воқеъ гаштаанд. Дар кӯҳҳои Мандара ва Пандак, дар атрофи Меру чор қуллаи кӯҳ, ки «қуллаҳои бахшоиш» ном доранд, воқеъ гаштаанд. Дар буни чаҳор кӯҳ, ки дар атрофи Меру ба шакли конус воқеанд, чаҳор қаср рӯ ба чаҳор самти дунё – шарқ, ғарб, ҷануб ва шимол сохта шудаанд. Дар Ҷамбудвипа аз самти ғарб ба шарқ шаш силсилакӯҳ қад кашидаанд, ки онҳо Ҳимават, Маҳаҳимават, Нишадҳа, Нила, Рукмӣ ва Шикҳарин ном дошта, ҳафт сарзаминро аз ҳам ҷудо намудаанд. Он сарзаминҳо Бҳарата, (ва ё Бхарах) Ҳаймавата, Ҳарӣ, Видехо, Рамйика, Ҳайранявват ва Айравата (ва ё Еравата) ном доштаанд.

Сарзамини Ҷамбу барои ноил шудан ба озодии шахсӣ (мокша) хеле созгор буда, мардумаш бо меҳнат (кармабҳума) рӯз мегузарондаанд. Дар ҳоле ки мардуми дигар сарзаминҳо бо неъматҳои табиӣ қаноат мекардаанд. Ҷамбудвипа бо уқёнуси Лаванода маҳдуд мешудааст, ки ин уқёнус чаҳор ҷазираро дар бар мегирифтааст. Ин силсилаи ҷазираҳо Антардвипа (ҷазираҳои дохилӣ) ном доштаанд.

Дар адабиёти ҷайнӣ дунё иборат аз се қисмати конусшакл ва ба шакли андоми одамӣ тасвир ёфтааст. Дунёи миёна миён, дунёи болоӣ аз миён боло ва дунёи поёнӣ аз миён поёни одам гуфта шудааст. Аз ҳамин ҷост, ки Ҷамбу

[1] Мифи народов мира, т.II, стр. 326.

https://bikhon.tj

бо кӯҳи Меру дар аксар маврид ҳамчун меҳвар, тир ва нофи дунё тасвир гардидааст. Дар маркази дунёи миёна қитъаи доирашакли Ҷамбу тасвир ёфтааст, ки дар атрофи он дарёҳои зиёде таҷаммуъ мегарданд. Кӯҳи Меру аз маркази Ҷамбу доман кашидааст, ки он низ мутобиқан маркази дунёро ташкил медиҳад. Ин кӯҳ аз тило, нуқра, булӯр ва дигар сангу металлҳои қиматбаҳо таркиб ёфтааст. Хати марказиро мулки Маҳавидехо ишғол менамояд, ки дар ҷануби он мулкҳои Ҳариварша, Хаймативарша ва дар самти шимолиаш Рамякварша ва Хайранаватаварша воқеъ гаштаанд. Аз кӯҳи Махавидеха силсилакӯҳҳо ба тарафҳои байнисамтӣ қад кашида, ду мулкро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки яке Уттакуру ном дошта дар он калпаврикшаи (дарахти иҷрои хоҳишҳо) Ҷамбу мерӯяд. Мулки дигар Девакуру ном дошта, дар он калпаврикшаи Шалмалӣ вуҷуд дорад. Дар атрофи Ҷамбудвипа девори алмосӣ қад кашида, аз пушти он панҷарае аз сангҳои қимматбаҳо воқеъ гаштааст.

Баъдан қитъаи (двипаи) Дҳатакикҳанда ҷойгир шудааст, ки аз шимол ва ҷануб қаторкӯҳҳо онро ба ду ним ҷудо намудаанд. Ҳар яке аз ин нима шакли Ҷамбуро дар худ такрор намудааст. Ҳар яке аз ин нимаҳо нусхаи Маҳавидеха ва Меруи худро дорад, ки дар шакли хурдтаре зоҳир гаштаанд. Баъд аз он уқёнуси Калода ва қитъаи Пушкардвипа, ки он ба ду ҳиссаи баробар тақсим шудааст, мавқеият доранд. Пас он уқёнуси Варунавара мавқеият дорад. Уқёнус ва қитъаи аз ҳама охир (дар самти шимол – М.Ҳ.) Сваямбҳурмана ном доранд.

Тибқи асотири дини буддоӣ низ Меру дар маркази дунё ҷой гирифтааст. Меру – Сумеру, яъне Меруи неку низ ном дорад. Дар атрофи он ҳафт қаторкӯҳ қад кашидаанд. Онҳоро дарёҳову кӯлҳои доирашакл аз ҳам ҷудо кардаанд. Дар байни онҳо чор қитъа ҷой дорад, ки дар шарқ Пурвавидеҳа, дар ҷануб Ҷамбудвипа, дар ғарб Апарагадана, ва дар шимол Уттаракуру ном доранд Ҳар як аз ин қитъаҳоро панҷсад ҷази-

https://bikhon.tj

рача иҳота кардаанд, ки дар миёни уқёнуси Ҷаҳонӣ воқеъ гаштаанд. Уқёнуси Ҷаҳонӣ бо девораи кӯҳии Чакравала иҳота шудааст. Зиндагии мардуме, ки дар ин қитъаҳо зиндагӣ мекунанд, яксон набудааст. Дар Уттаракуру, ки гандум худаш мерӯяд, зиндагӣ осон аст. Мардуми Ҷамбудвипа бо мардонагӣ, ҳушёрӣ ва дилсофӣ ном баровардаанд. Базму сурур дар ин диёр танинандоз аст. Буддоҳо ва чакравартҳо танҳо дар Ҷамбудвипа ба дунё меоянд. Дар болои кӯҳи Меру осмони 33 эзад ҷой гирифтааст. Дар маркази Ҷамбудвипа қароргоҳи буддоҳои гузашта, ҳозира ва оянда қарор доштааст. Дар шимол дар байни кӯҳҳои Ҳимован ва Гандо шоҳи аждаҳо ҷойгоҳ дорад. Дар ин ҷо баҳри чаҳоргӯшаи Мапама воқеъ аст, ки дарёҳои Ганг, Синдҳу, Вакшу ва Сита аз он ҷорӣ мешаванд. Дар шимолтари он шоҳи дарахтон Сала мерӯидааст.

Чунон ки зикр гардид, дар шимоли Ҷамбу кӯҳҳои Ҳимован ва Гандо воқеанд ва гӯё дар домани ин кӯҳҳо шоҳи аждаҳо ҷойгоҳ доштааст. Чунин тасвир боз як ҷиҳати айниятдиҳии моро қавӣ мегардонад. Дар паҳлуи қуллаи ба номи Москва (баландиаш аз сатҳи баҳр 6875 м.) пиряхе бо номи Гандо мавҷуд аст, ки дар самти шимолии ҷазираи Ҷамбу воқеъ гаштааст. Агар онро ба назар бигирем, ки дар аксар маврид қуллаҳо бо пиряхҳои ҳамшафаташон як ном доштаанд, пас бояд номи қуллаи ба номи Москва низ Гандо буда бошад, ки бешак ҳамон Гандои ориёҳиндист. Дар буни ин кӯҳ, аз қавли шоҳидон, аз ҷинсҳои аҷиби кӯҳӣ ҳоло низ суроби аждаҳое вуҷуд дорад, ки ба садҳо метр қад кашидааст.

Дар қисматҳои марбути асотири ориёҳиндӣ омадааст, ки ҷазираҳои Ланка ва Ҷамбу ба ҳам пайвастаанд. Ин назар бешак аз мавқеияти аввалаи Ҷамбу ва Ланка манша гирифтааст, вагарна нимқораи Ҳинд ва ҷазираи Шри Ланка, тавре маълум аст, дар фосила қарор доранд.

Асотири ориёҳиндуӣ ба ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ таъсири амиқи худро гузошт ва тавассути ойини буддоӣ ба ки-

https://bikhon.tj

шварҳои дигар, аз ҷумла Тибет, Хитой, Бирма Непал, Муғулистон Япония Қалмиқия, Якутия паҳн гардид. Дар миёни ин халқҳо ҷазира-қитъаи Ҷамбу ба шаклҳои Дзамбулинг, Ҷамбул, Замбу, Замбудиб, инчунин кӯҳи Меру ба гунаҳои Меру, Сумеру Сумер, Сумбур, Сомер, Семер ва ғайра тағйири шакл кардааст.

Дар «Сабҳапарва» Ҷамбу ҳамчун кишвари қисмати миёнаи замин, сарзамини шоҳони авлоди Бҳарат аз ҷумла Бҳоҷа, Каруша, Калабха ва дигарон тасвир ёфтааст. Дар асотири тибетиҳо низ аз тири дунё – Меру, ҷазираи Дзамбулинг[1], кӯҳи яхи Кайлас, нӯҳ ҷазира-қитъа, пандавҳо, Йима, асурҳо ёд шудааст.

Мувофиқи асотири муғулӣ дар домани кӯҳи Меру (Сумеру) дарахти ҷаҳонии Дзамбу қад кашидааст, ки меваҳояш сабабгори ҷанги миёни эзадон гаштааст. Муғулҳо баъд аз гӯрондани ақрабояшон дар атрофи гӯр аз сангҳо дувоздаҳ теппача месозанд, ки як навъ ёдкарде аз дувоздаҳ ҷазираи атрофи Меру будааст. Вожаи «двипа» аз ҳамин ҷо ба гунаи диба, теппа баргашт, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ низ ворид шуда, дар таркибҳои Қӯрғонтеппа, Ӯротеппа, Чортеппа ҷой дорад. Дар асотири баъзе халқҳои муғулнажод бурятҳо манҷуриҳо, олтоиҳо худои осмонҳо Хормуста, Хурмаст, Хирмас, Тюрмас, Қурбусту Уч-Курбустан ном дорад, ки аз номи Ҳурмузд баргашт шудаанд. Дар космологияи ламаӣ Хормуста бузурги ҳама 33 (дар баъзе гунаҳо 99, 55, 3) эзадонест, ки дар қуллаи кӯҳи Сумеру мақар доранд. (Яъне назари айни ҳам будани кӯҳҳои Меру ва Ҳара Баразайт тақвият меёбад).

Ин гуна ки маълум мешавад, дар иртибот бо Ҷамбу номҳои кӯҳҳову кишварҳои зиёде дар асотири халқҳои гуногун номбар шудаанд, ки таъйини айнияти онҳо таҳқиқи

[1] Дзамбулинг – яъне нусхаи Ҷамбу. Баъзе муҳаққиқин вожаи «линг»-ро лафзи тибетӣ ва маънояшро «қитъа» гуфтаанд. Аммо номҳои «Ховалинг», «Ашалинг», «Сиполинг» ва ғайра далели онанд, ки ин вожа ориёточикист.

https://bikhon.tj

махсус мехоҳад. Вале дар як нигоҳ низ ошкор кардан мумкин аст, ки кӯҳу дарё ва воҳидҳои ҷуғрофӣ, ки зикрашон меравад, дар ҳудудҳои Тоҷикистон, хоса Помир ва атрофи он мавқеият доранд. Албатта баъд аз сайри таърихии асотири мазкур дар вусъатҳо ва фурсатҳо хеле тағйирот пазируфтаанд. Таъйини ҷузъиёт ва айнияти дақиқ бахшидан ба онҳо кори таҳқиқоти оянда аст. Ҷамбу яке аз машҳуртарин номҳои муқаддаси ориёҳиндӣ ва баъдан буддоӣ буд, ки дар тайи ҳазорсолаҳо на танҳо аз байн нарафт, балки шӯҳрату мавқеияти фарохотареро касб намуд.

Тавре зикр гардид, Ҷамбудвипа мулкҳоеро дар бар мегирад, ки ба он самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл, аз ҷониби шимол рудҳои Қизилсу (водии Алай ва Лахш) ва Сурхоб (водии Рашт), аз ҷониби ғарб водии руди Хингоб (аз пайвастшавӣ бо руди Сурхоб то ноҳияи Тавилдара) ва водии руди Панҷ (аз ноҳияи Қалъаи Хумб то сарчашмаи руди Вахондарё) ва аз ҷануб аз самти ғарбии қаторкӯҳи Шохдара то самти ҷанубии қаторкӯҳи Сарикӯл шомил мешаванд. Дар нисбати шакли Ҷамбудвипа («мисли дучарха») Васубандҳу дар асоси таҳлили ҳудудҳои ин қитъа шарҳ додааст, ки се тарафи он бо дарозии ду ҳазор йоҷан ҳар яке ва тарафи чоруми он севуним ҳазор йоҷан дарозӣ дорад. «Маҳз ба ҳамин сабаб шакли вай дучархаро ба ёд меоварад».

Дар боби тасвири Ҷамбудвипа дар «Шримад Бҳагаватам» (3.1 боби шонздаҳ) чунин омадааст: «Шукадева Госвами роҷеъ ба Маҳароҷа Прияврат ва наслҳои вай ҳикоят карда, кӯҳи Меру ва системаи сайёраи Бҳумандалро тасвир намуд. Бҳумандала аз лиҳози шакл мисли гули нилуфар буда, ҳафт ҷазираи вай ба косаи ин гул шабоҳат дорад. Дар марказ ҷазираи Ҷамбудвипа ва дар маркази Ҷамбудвипа кӯҳи Сумеру, ки аз тиллои холис таркиб ёфтааст, ҷой гирифтааст. (Вай дар болои замин 84 000 йоҷан қад афрохта, дар зери замин 16 000 йоҷан реша давондааст. Қутри вай 32 000 йоҷан ва қуллаи вай 16 000 йоҷанро ташкил медиҳад.) Сумеру шоҳи

https://bikhon.tj

кӯҳҳост, вай тамоми заминро бар дӯш бардоштааст. Ҳамчунин зикр карда мешавад, ки шоҳ Прияврата аз баҳри корҳои дунёӣ баромада, ба омӯзиши донишҳои рӯҳонӣ машғул шуд, бо хоҳиши падараш ҳокими Ҷамбудвипа гардид.

Он гуна кӯҳи Сумеру бо мулкҳои Ҷамбудвипа иҳота шудааст, худ Ҷамбудвипа бо обҳои уқёнуси Шӯр иҳота гардидааст. Мисли он ки давродаври қалъа хандақ кашида шуда ва бешае, ки онро мисли боғ иҳота кардааст, уқёнуси Шӯр, ки обҳои он Ҷамбудвипаро иҳота кардаанд, худ бо замини Плакшадвипа иҳота шудаанд. Қутри Ҷамбудвипа 100 000 йоҷанро ташкил медиҳад. Ҷамбудвипа шакли мудаввар дошта, шабеҳи барги гули нилуфар аст.

Ҳар як ҷазираи баъдӣ аз ҷазираи пешин ду маротиба калон аст. Уқёнусҳо аз лиҳози бузургии худ ба ҷазираҳое баробаранд, ки ба онҳо ҳамҳудуд мебошанд. Ҷамбудвипа дар маркази ҳамаи ин воқеъ гардида, кӯҳи тиллоии Меру дар маркази ин қитъа қад кашидааст.

Дар «Стҳананга-Сутра» дар бораи Ҷамбудвипа омадааст: 1.248 Дар маркази ҳамаи уқёнус ва қитъаҳо ҷазираи Ҷамбу воқеъ гаштааст, ки ҷазираи аз ҳама хурдтарин ба шумор меравад. Шаклаш мисли кулчақанди дар равған пухта, ё мисли чархи ароба, ё гули нилуфар, ё мисли моҳи пурра мудаввар аст. Дарозо ва паҳнояш 100000 йоҷан аст.[1]

Қитъаи Ҷамбудвипа номи худро аз дарахти Ҷамбу гирифтааст. Себҳои ин дарахт гӯё ба мисли фил бузург будаанд. Вақте онҳо мепазанд, ба қуллаи кӯҳ(-и Мандара) ба поён афтода, аз шарбаташон руди Ҷамбу (руди Арунода) ташкил меёбад (ва аз самти шарқии Илаврита ҷараён мегирад), ки аз оби он сокинони Ҷамбу менӯшанд. Дар натиҷаи нӯшидани ин об онҳо саодатманду сиҳатманд ҳастанд, арақ ва бӯи бад намекунанд. Дар матнҳои муқаддаси буддоӣ руди Ҷамбу баъзан Ганг номида мешавад.

[1] «Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама»

https://bikhon.tj

Хоки соҳилҳои рудҳо шарбати Ҷамбуро ҷаббида, аз насими сабук хушк мегардад ва тиллои Ҷамбунада аз он ба вуҷуд меояд, ки аз он барои равонҳои муқаддас ороишот таҳия карда мешавад.

Кӯҳҳои ҳамҳудуди он (мулкҳо) Ҳимават, Ҳемакута ва Нишадҳа, мебошанд, ки дар самти ҷанубии Меру ва Нила, Швета ва Шрингин — дар самти шимоли он воқеъ гаштаанд; ду қаторкӯҳи марказӣ (баъд аз Меру, ё Нишадҳа ва Нила) ба масофаи сад ҳазор йоҷан қад кашидаанд (ба шарқ ва ғарб). Баландии он кӯҳҳо ду ҳазор йоҷан, паҳнояшон низ ба ҳамин фосила мебошад. варшаҳо – кишварҳои байни қаторкӯҳҳо чунин ном доранд: Бҳарата, ки дар самти ҷанубии кӯҳҳои Ҳимават воқеъ гаштааст; баъд — Кимпуруша, ки дар байни Ҳимават ва Ҳемакута воқеъ гаштааст; дар шимол аз Ҳемакута ва дар ҷануб аз кӯҳи Нишадҳа — Ҳариварша; дар шимоли Меру — Рамяка, ки аз кӯҳи Нила ё кӯҳҳои нилӣ то кӯҳи Швета (кӯҳҳои сафед); Ҳиранмая дар миёни кӯҳҳои Швета ва Шрингин воқеъ гаштааст. Ҳар як варша нӯҳ ҳазор йоҷан дарозӣ дорад. Ҷамбудвипаро ҳашт ҷазираҳои хурд иҳота намудаанд (ба Бҳаратаварша ҳашт ҷазира пайваст мешавад). Онҳо Сварнапрастха, Чандрашукла, Авартана, Раманака, Мандара-харина, Панчаҷаня, Симхала ва Ланка ном доранд.

Мувофиқи тасвироти дигар адабиёти ориёҳиндӣ, инчунин ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ шаш қаторкӯҳ қитъаи Ҷамбуро аз ғарб ба шарқ бурида, онро ба ҳафт мулк ҷудо карда будаанд. Ин кӯҳҳо ба тариқи ҳаммарказӣ (концентрированные) ба кӯҳи Меру (қуллаи Исмоили Сомонӣ) пайваст мешаванд, ки номҳояшон чунин аст: 1. Ҳимават. 2. Маҳаҳимават. 3. Нишадҳа. 4. Нила. 5. Рукмӣ. 6. Шикҳарин. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар водиҳои миёни ин кӯҳҳо ҳафт мулк ҷой гирифта будаанд, ки ба тариқи зайл номгузорӣ гардидаанд. 1. Бҳарата ё Бхарах. 2. Ҳаймавата. 3. Ҳарӣ. 4. Видехо. 5. Рамйика. 6. Хайраняват. 7. Айравата ё Еревата.

https://bikhon.tj

МУЛКҲОИ ҶАМБУДВИПА

Дар адабиёти қадими ориёҳиндӣ гуфта шудааст, ки Ҷамбудвипа аз нӯҳ вилоят иборат мебошад, ки дарозии ҳар як (аз шимол ба ҷануб) 9 000 йоҷанро (ба ғайр аз Бҳадрашва ва Кетумала) ташкил медиҳанд. Меру, ки баъзан Меруманда низ номида мешавад, дар иҳотаи Ҷамбудвипа воқеъ буда, ҳашт кӯҳ онро ба нӯҳ қисмат ҷудо кардаанд: 1. Илаврита-варша. 2. Рамякаварша. 3. Хиранмаяварша. 4. Уттаракуруварша. 5. Ҳариварша. 6. Кимпурушаварша. 7. Бҳарата-варша. 8. Кетумалаварша. 9. Бҳадрашваварша.



Земля индусов

1 — Бхарата (Инди
2 — Кимпуруша;
3 — Хариварша;
4 — Сумеру в Илавритe;
5 — Рамьяка;
6 — Хиранмайя;
7 — Уттара-Куру;
8 — Кетумала;
9 — Бхадрашва

Сарзаминҳои Ҷамбу – Помир дар адабиёти ориёиҳиндӣ

https://bikhon.tj

Кишварҳои Бҳарата, Кетумала, Бҳадрашва ва Уттаракуру мисли баргҳои нилуфар воқеъ гаштаанд. Ҷатҳара ва Дэвакута — ин ду қаторкӯҳе ҳастанд, ки аз шимол ба ҷануб қад кашида, байни худ силсилаи кӯҳҳои Нила ва Нишадҳаро пайваст намудаанд. Ва кӯҳҳои Тришринга ва Ҷарудха — ин ҳудуди шимолии Меру мебошад, ки дар байни ду баҳр аз шарқ ба ғарб қад кашидаанд.[1]

Дар ҷануби Илавритаварша се қаторкӯҳи бузург вуҷуд дорад. Онҳо аз шарқ ба ғарб қад кашида, (агар аз шимол ба ҷануб нигоҳ карда шавад,) Нишадҳа (дар шимоли ду кӯҳи дигар), Ҳемакута (дар ҷануби Нишадҳа) ва Ҳимолой (дар ҷануби Хемакута) ҷой гирифта, ҳар яке аз шарқ ба ғарб қад кашидааст. Баландии ҳар яке аз ин қаторкӯҳҳо 10 000 йоҷан (80 000 мил) мебошад. Онҳо се варша: Ҳариварша, Кимпурушаварша ва Бҳараташаршаро аз ҳам ҷудо мекунанд.

БҲАРАТА

Тибқи навиштаҳо Бҳараташарша дар ҷануби Кимпурушаварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Ҳимолой аз ҳам ҷудо мекунад. Бҳараташарша гӯё дунёи одамон ва махлуқоти ба онҳо монанд мебошад.

Мутобиқи тасвироти аксари адабиёт дар қитъаи Ҷамбу (Помир) аз ҷануб нахуст уқёнуси Лаванода (Шӯр) ва баъд аз он кӯҳҳои Ҳимават (Ҳимолой) ҷой гирифтаанд. Аз соҳили уқёнус то ин кӯҳҳо аз нӯҳ (ё ҳафт) варшаи Ҷамбудвипа як варшаро ташкил медиҳад. Ин қисмат Бҳарата ва ё Бҳараҳ ном дорад. Тибқи омӯзиши мушаххасот аз самти ҷануб баъди руди Вахондарё, ки уқёнуси Лаванода дар замони худ

[1] Ду баҳр – тавре дар боби уқёнуси Лаванода зикр гардидааст, ин уқёнус аз чаҳор қисмат – ҷанубӣ, шарқӣ, шимолӣ ва ғарбӣ иборат будааст. Тришринга ва Ҷарудха ба эҳтимол кӯҳҳои Заалай ва Алай мебошанд, ки дар миёни баҳрҳои шарқӣ ва шимолӣ қад кашида будаанд.

https://bikhon.tj

аз ҳамин руд оғоз мешуд, мулкҳои Бҳарата оғоз ёфта, то қаторкӯҳҳои Ишкошим – Шохдара – Вахон, ки кӯҳи Ҳимолой номида мешуданд, идома меёфтанд. Дар ин қаторкӯҳҳо қуллаҳои баландтарин – Маяковский (6095), қуллаи Карл Маркс (6723) воқеъ гардида, ҳамеша барфпӯшанд. Шояд аз ҳамин лиҳоз онҳо Ҳимолой (барфпӯш, сарзамини барф) номида шудаанд.

Ориёҳиндуҳо ба Ҳинд муҳоҷират карда, мавқеияти ин кӯҳҳояшонро фаромӯш накарданд. Дар пораи иқтибоси зерин ҳарчанд самти ҳаракати зиёраткунандагон пурпеч тасвир шуда бошад ҳам, аммо маълум мегардад, ки онҳо баъди аз кӯҳҳои Ҳимолой ва биёбони регзор гузаштан ба кӯҳи Меру расидаанд. Дар бораи мавқеияти кӯҳҳои Ҳимолой дар «Маҳабҳарата» омадааст: «Нахуст онҳо ба сӯи шарқ раҳсупор гаштанд, баъд ба ҷануб, пас аз он ба ғарб ва дар охир ба самти шимол тоб хӯрданд. Дар ин ҷо дар пеши роҳашон кӯҳҳои Ҳимолой падидор гаштанд. Баъди гузаштани ин кӯҳҳо онҳо биёбони васеъи регзорро диданд, ки дар пушти он кӯҳи муқаддаси Меру воқеъ гашта буд. Онҳо ба сӯи ин кӯҳ раҳсупор шуданд».[1]

Дар «Авесто» борҳо аз Ҳаратии баланд сухан рафтааст, ки ин ном тахфифи Бҳарата аст[2]. Дар ин бора дар «Авесто» омадааст: «Нахустин кӯҳе, ки дар ин сарзамин боло омад, Ҳаратии баланд аст». «Ҳара – кӯҳҳои устуравӣ, ки заминро иҳота намудаанд. Номи Ҳара Баразайт, ки маънои таҳтуллафзаш Кӯҳи Баланд мебошад, баъдҳо ба кӯҳҳои Албурз дар шимоли Эрон ва Албурз дар Қафқоз (номи ҳар ду авестоист) кӯчонда шудааст. Дар асоси тасаввурот дар бораи

[1] Ильин Г.Ф. «Старинное индийское сказание о героях древности» 1958. с. 130.

[2] Аз дифтонгҳои ориёҳиндӣ дар баъзе маврид ихтисори овози аввал ва дар мавридҳои дигар ихтисори овози дуввум ба сурат гирифтааст, ки бҳоҷа – хоҷа, бҳорис – ҳорис, бҳишма – хашм, кҳула – ҳилла, бҳага – бага, бҳуҷ – печ, дҳан – дон (мас. гулдон), бҳут – буд ва ғайра дар ҳамин шуморанд. Бҳарата тибқи ҳамин қоида ба Ҳаратӣ баргашт намудааст.

https://bikhon.tj

Ҳарои Баланд ё Ҳаратӣ эҳтимол аст, ёдоварие аз Помир ва Ҳиндукуш қарор гирифта бошад».[1]

Баъдҳо Ҷамбуро ба Ҳинд айният доданд (айният надоданд, балки чунин гумориданд, ки Ҷамбу дар асл ҳамин Ҳинди кунунист) ва Бҳаратаро низ. Бояд гуфт, ки номҳои ориёҳои ҳиндӣ номҳои кӯчидаанд ва ба Ҳинд аз мавқеияти аввалияи худ бо муҳоҷирати ориёҳиндуҳо омадаанд. Ва ҳоло номи расмии Ҳинд ба забони мардуми он диёр Бҳарат аст. Дар адабиёти ориёҳиндӣ, хоса адабиёти ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ ин ном ба шаклҳои Бҳарат, Бҳаратаварша ва Бҳарах зикр шудааст. Номи Бҳарата то ба Ҳинд кӯчиданаш дар ҳудудҳои Ҷамбу ва баъзе маҳалҳои дигари ҳамҷавораш мавқеият дошт ва аз ин рӯ то кунун дар забон ва гӯишҳои мардум ва номҳои маҳалҳо нишонии худро бокӣ гузоштаааст. Шояд ҳоло дар забони аҳли Ҳинд аз маъноҳои Бҳарата он қадар нишонӣ пайдо нагардад, ки дар забону маҳалҳои тоҷикон.

Ва аммо дар забони ориёҳиндӣ Бҳарата ба чандин маъно зикр шудааст. Аслан Бҳарата номи шоҳест ва ин қисса дар бораи ӯст. «Асосгузори насли пауравҳо ва ҳокими мулкҳои водиҳои чаҳор баҳр гурде буд бо номи Духшаянта. Вай дар натиҷаи ҷангҳо ҳар чор иқлимро ба худ тобеъ карда буд. Дар замони ҳукмронии вай мардум хушу хуррам буданд, аз дуздон, аз бемориҳо хавфе надоштанд. Боре ӯ ба ҷангал ба шикор рафта, бо духтари зебои ҳаким Канва, ки Шакунтала ном дошт, вомехӯрад. Ба он духтар дил бохта, ӯро ба никоҳ даъват мекунад. Шакунтала пеш аз ақди никоҳ шарт мегузорад, ки писаре, ки аз онҳо ба дунё меояд, бояд вориси тахту тоҷи Духшаянта гардад. Духшаянта ба ин шарт розӣ мешавад. Баъди чанде ӯ Шакунталаро дар ҷангал гузошта, ба пойтахташ бармегардад. Аз Шакунтала писаре таваллуд мешавад, ки дар зебоиву паҳлавонӣ дар олам назир надошт.

[1] «Авесто». Душанбе, 1990. (нашри русӣ) шарҳ: «Ҳара».

https://bikhon.tj

Рӯзе модараш ӯро ба назди Духшаянта оварда мехоҳад ӯро муаррифӣ кунад. Духшаянта аз писараш мункир мешавад. Вақте Шакунтала бо писараш баромада рафтанӣ мешавад, аз осмон садое мерасад ва ба Духшаянта, ки дар иҳотаи коҳинон ва мушовирон нишаста буд, мегӯяд: «Модар танҳо ҳомила аст, дар асл писар ба падар тааллуқ дорад, зеро аз пушти вай ба дунё омадааст. Тарбияташ кун[1], эй Духшанта ва аз Шакунтала рӯ нагардон! Ҳар падаре аз писараш рӯ гардонад, сабабгори бадбахтӣ хоҳад шуд! Писари наҷиби Шакунталаро тарбият кун, эй насли Пуру! Аз он ҷиҳат ки вайро ту бо амри мо тарбият мекунӣ, бигузор номи писарат Бҳарата бошад!»[2]

Ин овози осмониро шунида, шоҳи авлоди Пуру шодмона ба коҳинон ва мушовирон мегӯяд: «Бишнавед, ин суханони расули эзадонро, ман худ низ медонистам, ин писари ман аст. Агар ман танҳо аз рӯи гуфти Шакунтала писарамро қабул мекардам, мардум шубҳа мекарданд». Ҳамин тариқ ӯ писар ва ҳамсараш Шакунталаро қабул медорад. Баъд вақте Бҳарата ба тахти подшоҳӣ менишинад, тамоми шоҳони гирду атрофро ба худ тобеъ намуда, дар чаҳор иқлим ҳукмронӣ менамояд. Ва он сарзаминҳое, ки ӯ зери тасарруфи худ дароварда буд, бо номи кишвари Бҳарата ном бурда мешуданд. Бисёр наслҳои шоҳони баъдии ин сулола худро боифтихор аз авлоди Бҳарата меноманд. Онҳоро дар муроҷиат Тур Бҳарата (Гав, аз насли Бҳарата) ном мебурданд. Ва гав ё говмеш, ки ба шакли «тур» ифода мегардид, ҳамчун нишонаи неруву тавон ба шоҳон ва паҳлавонони насли Бҳарата дода мешуд. Масалан дар китоби «Дар бораи Бхишма» омадааст. «Ман Санҷайа ҳастам, эй маҳараҷа! Таъзим бар ту, эй Тур-Бҳарата!»[3] «Чи гуна Шикхандин, тури кавравҳо Бхиш-

[1] «Тарбияташ кун!» – дар забони ориёҳиндуҳо ба шакли «Бҳарата!» ифода мегардид. (муаллиф)
[2] «Маҳабҳрата» с. 211.
[3] «Маҳабҳарата», с. 7.

https://bikhon.tj

маро ҳалок намуд».[1] Тӯроние, ки Зардуштро кушта буд, Тур Братруш ном дошт, ки дар ин ҷо Тур дар баробари он ки метавонад ном бошад, ҳамчунин имкон дорад, лақаби авлодии Бҳаратҳо бошад.[2] Сарм, (Салм) Тӯр, Эраҷ номи писарони Фаридун дар нисбати сарзаминҳои ба онҳо додашуда буд. Шояд ҳамин унвон буд, ки аз насл ба насл гузашта, баъди муҳоҷират низ дар ин сарзаминҳо боқӣ монд ва дар замони «Авесто» номи кишвари турҳо – Тӯронро гирифт.

Ҳудуди кишвари Бҳарат баъдҳо минтақаҳои зиёди Осиёи шарқиро дар бар гирифт. Вале дар нахуст Бҳарата як қисмати болоби мулкҳои миёни дарёи Вахш ва Панҷро ташкил медод. Баъди муҳоҷираташон ориёҳиндуҳо қисмате аз нимқораи Ҳиндро ба ёди ватани нахустин ва бар асари навиштаҳои китобҳои муқаддасашон боз ҳам Бҳарата номгузорӣ карданд. Ва ин ном ҳамчун номи кишвар, ки замоне дар ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон мавқеият дошт, аз ёдҳо фаромӯш шуда бошад ҳам, шаклҳои тағйирёфтаи вай дар номи кӯҳу маҳал ва маъноҳои ин вожа дар забон ва гӯишҳои тоҷикӣ барҷой монд. Ҳамчунин аз баски аз муҳоҷират ҳазорсолаҳо сипарӣ мешуд, дар Ҳинд низ кӯчида будани номи Бҳарат аз ёдҳо зудуда гардид. Дар луғатҳои санскритӣ ва ведоӣ вожаи «бҳарата» ба маъниҳои зерин омадааст:1. Ба воя расондан, тарбият кардан, сабзондан. Ба ин маъно вожаи «бҳарата» бидуни пасванди «-та» «бҳара» имрӯз дар шакли «баҳор» дар забони тоҷикӣ роиҷ аст ва дар қадим низ ин вожа ба шакли «бҳара» ва дар таркиби «нава бҳара» – навбаҳор ба назар расидааст. 2. Бо ноз парвардан, эрка будан. Ба ин маъно агарчи ба таври хеле маҳдуд бошад ҳам, дар баъзе гӯишҳо боқӣ мондааст. Бо нозу карашма роҳ гаштанро «ҳартас кардан» мегӯянд, ки андаке тобиши манфӣ гирифтааст. «Ҳартас» аз решаи «ҳарт» ва пасванди «-

[1] «Маҳабҳарата» с.9.

[2] Вожаи «баҳодур»аз қисматҳои «бҳага» – худо ва « тур» – гав (гурд) таркиб ёфта, ба маънои «гави худо» мисли таркиби кунунии «шери худо»роиҷ будааст. (муаллиф)

https://bikhon.tj

ас» таркиб ёфтааст ва гумон меравад, ихтисоршудаи «бҳарат» бошад. 3.Бурдан, мас. аз ҷое ба ҷое бурдани чизе. Худ вожаи «бар» – бурдан дар нахуст ба шакли «бҳар» будаву яке аз маъноҳои «бҳарат»-ро ташкил медодааст. 4.Баҳравар шудан. Худ «баҳра» низ аз «бҳара» баргашт шуда будааст. 5.Бор. «Бор» ба маънои вазн ва ҳосил низ ихтисоршудаи «бҳарата» будааст. 6. Самар додан, ҳосил. Дар шакли «бар» ба маънои ҳосил роиҷ аст. 7. Мубориза кардан, ҷанги тан ба тан. Ба шакли «бар задан» яъне бо китф задани ҳариф, ҳамчунин дар гӯишҳо ба шакли «барға» роиҷ аст. 8. Бурд, (дар бозӣ, муқобили бохтан) ки решаи он низ «бар» аст. 9. Овоз, садо. Дар гӯишҳобаланд ва бемаром гап заданро «ҳарас» ва ё «ҳартас» гӯянд, ки бегумон ба маънои овозу садои «бҳарата» иртиботе дорад. Бар илова аз ин «Бҳарата» чанд маънои дигаре низ дорад, ки бо сабаби мутааллиқ ба мазҳаби бисёрхудоӣ буданашон имрӯз дар миёни тоҷикон боқӣ намондаанд. Нахуст – Бҳарата номи олиҳаи сухан ва нутқ аст, ки он ҳам бо садо ва овоз иртибот дорад. Ҳамчунин лақаби Сарасватӣ будааст. 2. Лақаби Агнӣ ба маънои «хуб нигоҳдоранда» (оташро – М.Ҳ.) 3. Бҳарата ном шоҳи сулолаи қамарӣ. 4. Номи писари Дашаратха аз Кайкей, бародари Рама. 5. Номи кишвар – Ҳинд. 5. Дар шакли «Бҳарӣ» ба маънои шоҳ, ки он низ аз номи Бҳарат шоҳ бар омадааст. Дар миёни ин ҳама гунаҳо Бҳарата бештар ба маънои номи сарзамин ва шоҳи он кишвар мақом дорад. Дар адабиёти гуногуни ориёведоӣ роҷеъ ба мавқеияти мулки Бҳарата ва мулкҳои ҳамҷавори он маълумоти саҳеҳ оварда шудааст.

Бҳарата дар шаклҳои Бҳаратаварша, инчунин Бхарах ва Айравата дар шакли Еревайа низ зикр гардидаанд. Чун дар тасвироти ин манзараҳо нишонии аслӣ кӯҳи Меру зоҳир мешавад, маълум мегардад, ки Бҳарат ва Айравата мутаносибан дар самтҳои ҷанубӣ ва шимолии ин кӯҳ ҷой гирифта будаанд. Аз рӯи ин муқоисаҳо назаре равшан мешавад, ки шаҳри Хоруғи кунунӣ ки дар забони мардуми маҳал ба гунаи Харах ва Харағ талаффуз мешавад, бо ихтисори овози

https://bikhon.tj

«б» аз гунаи Бҳараҳ баргашт шуда бошад. Вожаҳои ведоиву санскрит, ки дар чунин шакл ихтисор шудаанд, зиёданд. Махсусан шакли дифтонгии овозҳои «бҳ», «кҳ» ва ғайра дар баъзе маврид бо ихтисори овози аввал ва дар мавридҳои дигар бо ихтисори овози дуввум бештар ба назар расидаанд. Бҳоҷа – хоҷа, бҳорис – ҳорис, бҳишма – хашм, кҳула – ҳилла, бҳага – бага, бҳуҷ – печ, бҳут – буд ва ғайра дар ҳамин шуморанд. Тибқи ҳамин қоида, Бҳарата ва Бхарах баъдан ба гунаҳои (б)Ҳаратӣ ва (б)Харах (Харағ, Хорӯғ) баргаштанд. Дар «Авесто» силсилакӯҳҳои Бҳарат бо номи кӯҳҳои Ҳаратӣ зикр гардидаанд. Дар ин китоб омадааст: «…Нахустин кӯҳе, ки дар ин сарзамин боло омад, Ҳаротии баланд аст». Яке аз ин кӯҳҳо Ҳара Баразаитӣ ном дошт, ки ба қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ (номаш дар замони «Авесто» Ҳукарйа) мепайваст. Азбаски қитъаи Ҷамбу аз самтҳои шимол ва ҷануб бо дарёҳои Вахш (болообаш руди Қизилсу) ва Панҷ маҳдуд мегардид, нуқтаҳои шимол ва ҷануби Ҷамбуро низ дар соҳилҳои ҳамин дарёҳо бояд суроғ кард. Баъди маълум гардидани мавқеияти Бҳарата (Бҳараҳ – Харах – Хоруғ) таъйин намудани мавқеияти ҷуғрофии Айравата осонтар даст хоҳад дод.

КИМПУРУША

Кимпурушаварша дар шимоли Бҳаратаварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Ҳимолой аз ҳам ҷудо мекунад, ки он ба қаторкӯҳҳои Ишкошим – Вахон айният мегирад. Кимпурушаварша дар ҷанубӣ Хариварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Ҳемакута (яъне кӯҳи барфпӯш) қаторкӯҳҳои Шуғнон ва Аличури ҷанубӣ аз ҳам ҷудо мекунанд. Тибқи тасвирот ин ҷо ҷойгоҳи одами барфӣ будааст[1].

[1] Маънои Кимпурӯша «чи гуна одам» ё «ин кас кист?» мебошад.

https://bikhon.tj

Дар шимоли Кимпурушаи васеъ, зебо ва баланд кӯҳҳои Ҳимакута воқеъ гаштаанд. Кимпурушаварша дар ҷануби Ҳариварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Ҳемакута аз ҳам ҷудо мекунад.

ҲАРИВАРША

Ҳариварша дар ҷануби Илавритаварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Нишадҳа аз ҳам ҷудо мекунад. Дар он ҷо Нрисимҳа ё Вишну иқомат мекунад, ки намуди одамшерро гирифта, бо нохунҳояш Ҳиранякашипаи дайтиро ханҷол кашида буд.

Тибқи таъинот Нишадҳа ба қаторкӯҳҳои Рӯшон ва Аличури шимолӣ айният мегиранд. Баъди Нишадҳа Илавритваршаи марказӣ воқеъ гаштааст.

ИЛАВРИТА

Вилояти марказӣ, ки мисли косаи гули нилуфар дар миёнаи Ҷамбу ҷой гирифтааст, Илаврита ном дорад. Вай марказии дунё дониста мешавад. Дар миёнаи Илавритаварша кӯҳи Сумеру қад афрохтааст, ки аз тиллои холис таркиб ёфтааст. Тавре зикр шуд, кӯҳи Меру ва ё Сумеру қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ мебошад, ки дар маркази Илаврита ва қитъаи Ҷамбу воқеъ гаштааст.

Ҳамин гуна дар ғарб ва шарқи Илавритаварша ду кӯҳи азим қомат афрохтаанд: Маляван ва Гандҳамадан. Баландии ин ду кӯҳ ба 2 000 йоҷан (16 000) ва дарозии домани онҳо ба домани кӯҳи Нила – воқеъ дар шимол ва Нишадҳа – воқеъ дар ҷануб баробар мебошад. Ин ду кӯҳ ҳудудҳои Илаврита варша ва ду варшаи дигарро, ки Кетумала ва Бҳадраварша ном доранд, муайян менамоянд.

Илавритаро аз ҷануб қаторкӯҳҳои Бартанг ва Музкӯл, аз

https://bikhon.tj

ғарб қаторкӯҳи Академияи Илмҳо, аз шимол қаторкӯҳҳои Пётри Як ва Белеулива аз шарқ қаторкӯҳи Зулумарти кунунӣ иҳота намудаанд.

Дар миёни Илаврита кӯҳи тиллоии Меру воқеъ гаштааст ва ин кишвар ба чаҳор тарафи кӯҳи Меру тӯл кашидааст. Дар ин варша чаҳор кӯҳ воқеъ гаштааст, ки ҳамчун мутаккои Меру истодаанд. Кӯҳи шарқӣ Мандара, ҷанубӣ — Гандҳамадан ғарбӣ — Випул ва шимолӣ — Супаршва ном доранд.

Муҳаққиқон А. И. Леонтев, М. В. Леонтева («Неведомые земли ва народы Севера») навиштаанд, ки эрониёни бостон яке аз ҳафт кишвари муқаддаси худро Хванирас номидаанд, ки дар он мисли Илавритаи ҳиндуҳо кишвари неки Айряна ваеҷа ва Тираки Албурз ҷой гирифтаанд.

РАМЯКА ВА ҲИРАНМАЯ

Аммо ҷиҳати айниятдиҳии кишварҳое, ки баъди Илавритаварша дар самти шимол зикр гардидаанд, баъзе мушкилот пеш меояд. Агар дар ҷануби Илавритаварша дар дохили Ҷамбудвипа се сарзамин ҷой гирифта бошанд, дар шимоли ин мулк на ҳамаи се сарзамини зикргардида дар дохили Ҷамбу воқеъ буда метавонанд. Дар ин маврид дар адабиёи марбута омадааст, ки агар роҳ идома дода шавад, баъди кӯҳи марказии Меру, мисле ки баъди қутб ба поён мефурӯ, дар шимоли Илавритаварша яке аз паси дигар се қаторкӯҳ: Нила, Швета ва Шрингаван пеш меоянд, ки ҳар яке дар шимоли дигаре ҷойгир гаштааст. Онҳо ҳудудҳои се варша – Рамяка, Ҳиранмая ва Куру (Уттаракуру)-ро муайян мекунанд. Ин дар ғарб ва шарқ то соҳилҳои уқёнуси Шӯр қад мекашанд. Агар аз ҷануб нигоҳ карда шавад, ҳар як қаторкӯҳи баъдӣ ба даҳяки ҳиссаи кӯҳи пешин кӯтоҳтар мебошад, вале баландияшон якхела аст. Пас аз қаторкӯҳи Ни-

https://bikhon.tj

ла варшаи Рамяка пеш меояд, ки дар гӯшаҳои дури он қаторкӯҳи Швета воқеъ гардидааст. Рамякаварша дар шимоли Илавритаварша воқеъ гашта, онро кӯҳи Нила ҷудо мекунад. Аммо ҳангоми баррасии ин тасвирот баъзе номувофиқиҳо пеш меоянд, ки эҳтимолан бар асри таҳрироти баъдӣ ба амал омада бошанд. Агар дар самти шимолии Меру – Исмоили Сомонӣ се қаторкӯҳро суроғ намоем, инҳо шохаи шарқии қаторкӯҳҳои Пётри Як, қаторкӯҳи Заалай (Заалай – Паси Алай) ва қаторкӯҳи Алай мебошанд, ки баъди ҳар яке аз ин қаторкӯҳҳо як водӣ ҷой гирифтааст. Носаҳеҳии дигар он аст, ки қаторкӯҳҳо яке аз дигаре кӯтоҳтар на аз самти ҷануб ба шимол, балки аз шимол ба ҷануб ҷой гирифтаанд. Тавре маълум мегардад, Уттаракуру дар шимоли кӯҳҳои Тяншан воқеъ гаштааст. Аз ин рӯ дар самти шимоли Ҷамбу бояд сарзамини Куру ё Курудеша воқеъ шуда бошад.

Ҳамин тариқ, баъди қаторкӯҳи Нила – Заалай мулкҳои Рамяка, баъди қаторкӯҳи Швета – Алай – мулкҳои Ҳиранмая ва баъди Шрингаван – яке аз шохаҳои Тяншани марказӣ – Уттаракуру – сарзаминҳои шимоли қаторкӯҳҳои Тяншан воқеъ гаштаанд. Ҳиранмаяварша дар шимоли Рамякаварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Швета ҷудо намудааст.

Дар Ҳиранмаяварша Аряма ҳоким буда, ба Вишну ибодат мекунад, ки вай дар ин ҷо намуди Курма, сангпушти азимҷуссаро гирифта буд.

КЕТУМАЛАВАРША

Кетумалаварша, ки дар ғарби Илавритаварша воқеъ гашта, онҳоро кӯҳи Гандҳамадан аз ҳам ҷудо менамояд. Ин варша дар шумори мулкҳои Вишну мебошанд. Тибқи маълумоти адабиёти имрӯз қаторкӯҳи Пётри Як (дарозиаш 200 км.) дар системаи кӯҳҳои Помири ғарбӣ воқеъ гаштааст,

https://bikhon.tj

ки қуллаи баландтарини он – қуллаи Москва 6785 м. мебошад. Дар аксар адабиёти ориёҳиндӣ дар самти ғарбии Илваритаварша ва кӯҳи Меру (Исмоили Сомонӣ) кӯҳи Гандҳамадан зикр гардидааст. Дар ин ҷо — дар ғарб ҳамчунин бешаи Гандҳамадан воқеъ гаштааст.

Ба ҳар эҳтимол кӯҳи Гандҳамадан ҳамин қаторкӯҳ аст, зеро пиряхи домани қуллаи Москва ҳоло Гандо ном дошта, ихтисоршудаи Гандҳамадан мебошад. Кетумала ба соҳилҳои чапи руди Вахш дар водии Рашт то ҳамроҳшавии Сурхоб бо Хингоб дар назар дошта мешавад.

Дар «Йога-сутра» ва «Вяса-бхашя» омадааст, ки дар шарқи Сумеру вилояти Бҳадрашва, ки бо кӯҳҳои Маляват иҳота гардидаанд ва дар ғарб вилояти Кетумала, ки онро кӯҳҳои Гандҳамадан, иҳота намудаанд, воқеъ гардидаанд[1].

БҲАДАРВАРША

Кишвари Бҳадарварша дар самти шарқии Меру ва Илаврит воқеъ гаштааст. Дар ин вилоят шарқӣ мавҷудияти кӯле зикр мегардад, ки ба эҳтимоли қавӣ Қаракӯли кунунӣ дар назар аст. Дар ин ҷо бешаи Чайтраратҳа воқеъ гашта будааст;

Бҳадрашваваршаро аз Илавритаварша кӯҳи Маляван аз ҳам ҷудо мекунад, ки ин кӯҳ ҳоло қаторкӯҳи Зулумарт номида мешавад.

Бҳадрашваварша аз ҷониби Бҳадрашрава – писари Яма (Ҷамшед) эзади марг идора карда мешавад, ки ба Вишну дар намуди Ҳаягрива (гардани асп дошта) ибодат мекунад. Аспи аҷиби Ҳаягрива ведоҳоро, ки яке аз дайтҳо аз Браҳма дуздида ба Расатала бурд, наҷот дода буд.

[1] Бояд зикр кард, ки дар адабиёти гуногуни ба ин мавзӯъ бахшидашуда Гандҳамадан баъзан дар қисмати шарқӣ ва баъзан дар қисмати ғарбии Меру, инчунин гоҳе дар қисмати ҷанубии ин кӯҳ низ дониста шудааст.

https://bikhon.tj

АРЯВАРТА

Дар «Стҳананга-Сутра» дар бораи Ҷамбудвипа омадааст: «2.268 Қитъаи Ҷамбудвипаро кӯҳи Меру ба ду ноҳия: ҷанубӣ – Бҳарата ва шимолӣ – Айравата ҷудо намудааст. Масоҳати ин ду ноҳияи баробар буда, дар миёни онҳо дар нисбати шаҳрҳо, рудҳо ва дигар хусусиёт ягон тафовут ба назар намерасад».[1]

Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) дар боби «Тасвири вилоятҳои сарзамини пок» навиштааст: «Дар гӯшаҳои қитъа (Ҷамбу –М.Ҳ.), дар чаҳор гӯшаи янтра (рамзи чаҳоргӯша дар адабиёти ориёҳиндӣ – М.Ҳ.) вилоятҳои махсус – локаҳо воқеъ гаштаанд. Инҳо шаҳр ё кӯл набуда, вилоятҳои махсус мебошанд. Дар самти шимоли шарқӣ, дар кунҷи он Аря Лока воқеъ гаштааст, ки дар он ҷо ҳайкалҳои бузурги эзадон истодаанд ва дар ин ҳайкалҳои бузург ҳар сари чанд вақт эзадон ҷой гирифта, барои обидон даршан (дидорбинӣ) тӯҳфа менамоянд. Ин гуна ҳайкалчаҳо 108-то мебошад. Дар ҷанубӣ шарқии ин сарзамин вилоятест бо номи Сиддҳа Лока. Дар ин вилоят онҳое, ба ибодат машғул ҳастанд, ки барои муваффақ шудан ба сиддҳи – нерӯи эзадии муғона (магический) талош менамоянд. Дар ҷанубӣ ғарбӣ дар самти чапи поёни мандали чаҳоргӯша вилояти Тапа Лока воқеъ гаштааст. Дар ин вилоят онҳое, ба ибодат машғул ҳастанд, ки барои муваффақ шудан ба дараҷаи олии ваҳю талқин талош меварзанд. Дар шимоли ғарбӣ дар гӯшаи чап ва болоии мандала Вишва Лока, ки ҳамчунин Вимана Лока ном дорад, воқеъ гаштааст. Ба ин вилоят эзадоне, ки савори гардунаҳои тилоии осмонии худ дар саросари коинот сайёҳат менамоянд, омада даршанҳои махсуси худро амалӣ менамоянд».[2]

---

[1] Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама.

[2] Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Дивья Локаи осмонӣ – Кишвари пок».

https://bikhon.tj

Дивя Лока аз ду қитъаи бузург иборат мебошад. Яке қитъа-ҷазираи Аряварта (ҷойгоҳи Аряҳо) мебошад, ки аз атроф бо ҳашт кӯл иҳота гардида, кӯҳи Меру дар марказаш ҷой гирифтааст. Дигаре қитъаи Крита (Камолот) ном дорад. Дар қитъаи Аряварта омӯзгорон, ришиҳо, валиҳо, ки ба камолоти рӯҳонӣ ноил гардида, мандалҳои худро сохтаанд, зиндагӣ мекунанд. Дар қитъаи Крит дигар сокинони ҳашт шаҳри осмонӣ сукунат доранд. Қитъа-ҷазираи Аряварта бо қитъаи Крита бо ҳашт пули бузурги бошукӯҳ пайваст гардида, ҳар яке номи худро дорад ва ба яке аз шаҳрҳои дунё пайваст мешавад. Ҳар як пул аз рӯи кӯле гузашта, ба яке аз шаҳрҳо мебарад.[1] Дар сарчашмаи Вахондарё, дар ҷанубу ғарби Помир, на чандон дуртар аз сарҳади Тоҷикистону Афғонистон маҳале бо номи Крит воқеъ гаштааст, ки эҳтимолан ҳамон Крити ҳамҷавори Ҷамбу ва Аряварта будааст.

Муҳаққиқи Тибетшинос А.Д. Тсендин роҷеъ ба Шамбала ин кишваре, ки мавқеияти онро дар Ҷамбудвипа менигоранд, чунин навиштааст: «Космологияи буддоӣ дунёро ба шакли зерин тасвир намудааст: Дар миёнаи укёнуси Бузурги берунӣ кӯҳи Сумеру истодааст. Дар атрофи вай чор қитъаи бузург ва ҳашт қитъаи хурд воқеъ гаштаанд. Дар қитъаи ҷанубӣ кӯли Мапам ҷой гирифтааст, ки аз он руди Ҷамбу ҷорӣ мегардад. Қитъа бо номи ҳамин руд Ҷамбудвипа номида шудааст. Дар Ҷамбудвипа панҷ кишвари муқаддас ҷойгир шудаанд. Дар марказ Вачрасана, дар шарқ Утай, дар ҷануб Потала дар ғарб Уддиян ва дар шимол Шамбала воқеъ гаштаанд».

Агар ба Ҳарита бубинем, дар самти шимолии кӯҳи Меру (қуллаи Исмоили Сомонӣ) водии Лахшу Алай воқеъ гашта, ки дар соҳилҳои руди Қизилсу доман кашида, шимолтарин минтақаи миёни дарёҳои Вахш ва Панҷро ташкил медиҳад. Водии Лахш, қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ ва шаҳри Хорӯғ дар рӯи як устувохати нақшаи ҷуғрофӣ воқеъ гашта-

[1] Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Дивья Локаи осмонӣ – Кишвари пок».

https://bikhon.tj

анд, ки ин далел низ тасвироти адабиёти роҷеъ ба ҷойгиршавии мулкҳои қитъаи Ҷамбуро тақвият медиҳад. Дар миёни печидагии даҳҳову садҳо номҳои ҷуғрофии адабиёти ороёҳиндӣ, ки дар тайи ҳазорсолаҳо бисёр тағйироту таҳрирот пазируфтаанд, Бҳарата ва Айравата дар шумори мулкҳоеанд, ки тасвироти мавқеияти ҷуғрофиашон саҳеҳ боқӣ монда, ҳамчунин дар номҳои водиву маҳалҳо аз худ нишоне боқӣ гузоштаанд. Айравата дар адабиёти ориёҳиндӣ бар илова аз номи мулк, ҳамчунин номи фили Индра ва номи море низ будааст. Фили машҳури Индра – Айравата ҳангоми чархонидани уқёнуси Бузург аз тарафи эзадон ва асурҳо барои ба даст овардани нӯшобаи ҳаёт – амрита дар қатори сарватҳои қиматбаҳо, ҳамчунин эзадбонуи саодату зебоӣ Лакшмӣ аз обҳои уқёнус боло шуда будааст. Аз ин рӯ вайро Айравата – яъне «аз об бархоста» ё «аз об баромада» ном ниҳода будаанд.[1] Дар ин бора устурае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он Хиранякша асура, писари Кашяпа, зӯрашро ба эзадон нишон доданӣ шуда, заминро ба таги обҳои уқёнуси Ҷаҳонӣ тела медиҳад. Вишну баъди муҳорибаи ҳазорсола Хиранякшаро кушта, заминро аз зери об берун меорад. Маънои дигари Айравата «роҳ» будааст. Тибқи тасаввуроти асотири ориёҳиндӣ роҳ ба сӯи шаҳри эзадони ҷовидон Амаравати, ки дар болои қуллаи Меру воқеъ будааст, аз кӯҳи Меру оғоз меёфтааст. Ва ҳоло низ наздиктарин роҳ бо қулле ба номи Исмоили Сомонӣ аз сӯи Лахш аст…

Шакли дигари номи Айравата – Аряварта Аряварша будааст. Вожаҳои варта ва варша низ ба маънои мулк ва кишвар зоҳир гаштаанд. Ва вожаҳои мавриди назар ба тариқи сохтмони Бҳаратаварша – кишвари Бҳарата маънои кишвар ва ё мулки ориёҳоро доштааст. Маънои дигар ва асосии

[1] Худ «айра» ба маънои «баланд шудан», «бархостан» ва «вата» ба маънои об ифода мешудааст. Бегумон вожаи аир, айра, аэро дар аксари забонҳои аврупоӣ ба маънои тайёра ва роҳҳои ҳавоӣ ва «ватар», вата (вода) ба маънои об бо ҳамин ду вожа аз «айравата» иртибот доштаанд. (М.Ҳ.)

https://bikhon.tj

ориё дӯст, начиб ва шариф будааст, ки гумон меравад, ин ном баъдҳо нуфуз намудааст. (Аря дар баъзе маврид маънои душманро низ доштааст – М.Ҳ.) Ҳамин тариқ, агар яке аз ин далелҳо ҷиҳати номгузории Айравата – Аряварта мувофиқ биёяд, масъалаи аз Осиёи Миёна ба Аврупо кӯчидани ориёҳо низ далели қотеъ пайдо мекунад. Зеро гумон меравад, барои пайдо шудани вожаи ориё пеш аз ҳама омилҳои зикргардида мусоидат намуда будаанд.

Ориёҳиндуҳо баъди муҳоҷираташон ба Ҳинд минтақаҳоеро дар он кишвар боз ҳам Айравата номиданд. Вай водии бузурги шимоли Ҳиндро аз баҳри ғарбӣ то баҳри шарқӣ ва аз кӯҳҳои Ҳимолой дар шимол то кӯҳҳои Виндҳай ва Сатпура дар ҷануб, ки Дандаҳараня ва Маҳакантара ном доштаанд, дар бар мегирифтааст ва аз он сӯи он минтақаҳо кишвари ғайриориёҳо воқеъ гашта будааст. Дар матнҳо ва навиштаҳои устуравӣ Аряварта он гуна ки ба ҷануби ғайриориёӣ дар Ҳинд муқобил гузошта шудааст, ба шимоли ғарбӣ, ки дар он самт Эрон воқеият дорад, ҳамон гуна назар изҳор шудааст. Яъне шояд дар замоне ки ин таҳрирот дар адабиёти ориёҳиндӣ ворид мегардид, ориёэрониҳо ҳанӯз ба Эрони кунунӣ рӯ наоварда буданд. Нуқтаи дигари баҳснок он аст, ки дар тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ нуқтаҳои шимол ва ҷануби Ҷамбуро Бҳарат ва Айравата ташкил медодаанд, дар ҳоле ки дар Ҳинди баъдимуҳоҷиратӣ, ки Ҷамбуаш ном ниҳоданд, ҳам Бҳарата ва ҳам Айравата дар нахуст тақрибан дар як водӣ дониста мешуд.

Баъди муҳоҷирати ориёҳиндӣ на танҳо дар Ҳинд бо номи ориёҳо кишваре дубора номгузорӣ гардид, балки аз ҷониби муҳоҷирони самти Аврупо низ дар ин қитъа номҳои марбут ба ориёҳо Ирландия (мамлакати ориёҳо) Аризона ва ғайра номгузорӣ гардид…

Қитъаи Ҷамбу ҳанӯз асрори бисёр асрори таърихи дури тоҷиконро дар худ нуҳуфта дорад. Кашфи ин асрор ҳамчунин гӯшаҳои торики таърихи халқҳои ҳиндуаврупоиро равшан хоҳад намуд.

https://bikhon.tj

ШАҶАРАИ ШОҲОНИ СУЛОЛАИ ҚАМАРӢ

(Ихтисоран)

Номи чанде аз шоҳони сулолаи қамарии шоҳони орёҳиндӣ аз сулолаи қамарии Чандраванса, Сомаванса, ки аз қадимтарин шоҳони аҷдоди муштараки ҳиндуҳо, ирониҳо, тоҷикон ва дигар халқиятҳои ориёӣ буда, дар сарзаминҳои кунунии Осиёи Миёна – минтақаҳои кунунии Тоҷикистон, водии Фарғона ва қисмати ғарбии Хитой, аз ҷумла дар Ҷамбудвипа – Помир ҳукмронӣ кардаанд, инҳоянд:

1. Куру (Маҳа Кошала).

Уттара Куру (Куруҳои шимолӣ – водии Фарғона).

1) Сулолаи Ману дар Пратиштхан.

Ману Вайвасват, писари Браҳма.

1. Пуруравас (Судюмна), домод.
2. Айю, писар.
3. Нахуша, писар.
4. Яати, писар.
5. Пуру, писар.

2) Сулолаи Паурава дар Антарбад.

6. Ҷанмеҷайя, писар.
7. Прашина, писар.
8. Правира, писар.
9. Намася, писар.
10. Чарупада (Прашинван), писар.
11. Судю, писар.
12. Баҳугава, писар.
13. Саняти, писар.
14. Аҳуняти (Субаҳа), писар.
15. Раудрашва, писар.
16. Ретейю (Ричейю), писар.
17. Шантимара (Матинара), писар.
18. Сумати (Танграшаша), писар.
19. Райбҳя (Дхармамитра), писар.
20. Душянта, писари Марутта.

https://bikhon.tj

3) Сулолаи Бҳарат дар Хастинапур
(қисмати ғарбии Хитой – М.Ҳ.).

21. Бҳарата.
22. Бриҳата (Брихаткшетра), писар.
23. Хасти, писар.
24. Аҷамирҳа, писар.
25. Рикша (Рикшаван), писар.
26. Шамбҳарана – Самварана[1], писар
27. Куру, писар.
28. Ҷаҳну, писар.
29. Суратҳа, писар.
30. Бидуратҳа, писар.
31. Сарвабҳуми, писар.
32. Ҷаясена, писар.
33. Радҳика, писар.
34. Аҷита (Айюта), писар.
35. Кродҳана, писар.
36. Деватитҳи, писар.
37. Ришя, писар.
38. Дилипа (Бҳимсена), писар.
39. Пратипа (Притхипа), писар.
40. Сантана, писар.
41. Вичитравиря, писар.

Вьяса (Бҳаса), бародар.

42. Дҳритараштра, писари Вяса
43. Панду, бародар.
44. Дурйодхана Каурав, писар.
45. Юдхиштхира Пандав, писар.

Муҳорибаи Курукшетра ва вайроншавии Хастинапур.

46. Сулолаи Бҳарата дар Индрапрастҳа
(қисмати ғарбии Хитой, ҳоло Индралангар).

Арҷуна, бародар.

[1] Бо номи ин насли шоҳон дар минтақаи кунунии Ҳисор то асри 10 номи Ҳомоварон ва ҳоло деҳаи Шамбарӣ вуҷуд дорад.

https://bikhon.tj

Баъзе муҳақиқон оғози салтанати ин сулоларо тақрибан солҳои 1800 то солшуморӣ донистаанд, ки тибқи назари мо бояд хеле пештар аз ин сана бошад. Муайян намудани санаи дақиқи ин рӯйдодҳо таҳиқоти махсус мехоҳад. Аммо як чиз равшан аст: Ватани аслӣ ва нахустини орёҳиндуҳо ин ҷо буд, сарзаминҳои муқаддасашон низ…

МАНАСОТТАРА – САУМАНАС – МАНУШ

Кӯҳи Манасоттара бо қуллаи Сауманас дар як силсила адабиёти ориёҳиндӣ дар мавридҳои гуногун, аз ҷумла дар иртибот дар гардиши офтоб дар миёни кӯҳи Меру – аз қитъаи Ҷамбудвипа ва кӯҳи мазкур зикр гардидааст. Ошкор шудани мавқеияти кӯҳи Манасоттара боз як гӯшаи то кунун номаълуми ҷуғрофияи асарҳои Ҳинди бостонро ошкор мекунад. Тавре аз мушоҳидаҳо маълум мегардад, кӯҳи Меру – қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ ҳамчун аломати марказии гардиши офтоб ба самти ҷануб ва шимол зоҳир мешавад. Аз шаш моҳи ҳаракати офтоб ба тарафи ҷануб аз ростои ин қулла рӯзҳо кӯтоҳ ва шабҳо дароз гардида, аз ҳаракат ба самти шимол баръакс рӯзҳо дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд. Тавре имрӯз маълум аст, нуқтаи дарозтарини рӯз ва кӯтоҳтарини шаб 22 июн дар қуллаи кӯҳи Тяншан – Манасоттара ба амал омада, дар кӯтоҳтарин рӯз ва дарозтарин шаб – 22 декабр офтоб дар нуқтаи ҷанубтарини қаторкӯҳи Сарикӯл – Самяманӣ қарор мегирад. Дар ду ҳолати баробаршавии шабу рӯз – 21 март ва 21 сентябр офтоб дар ростои кӯҳи Меру қарор дорад. Ҳамин ҳолат – ҳаракат ба шимолу ҷануб ва бозгашт ба мавқеияти кӯҳи Меру сабабгори як силсила фикру андешаҳои олимон роҷеъ ба ин мавзӯъ гардидааст, ки аксаран бе шарҳи мавқеияти аслии ҷуғрофӣ ироа гардидаанд.

Дар «Рамаяна» ва дигар адабиёти ориёҳиндӣ низ аз кӯҳи

https://bikhon.tj

Сауманас ёд шудааст, ки аз он офтоб дар рӯзи дарозтарин сол тулӯъ намуда, ба кишвари Ҷамбудвипа аз сӯи шимол равшанӣ менамояд. Тибқи таҳлилоти мо ин кӯҳ ба қуллаи баландтарини кӯҳи Тяншан – қуллаи Ғалаба (7439 м.) айният мегирад. Офтоб аз ҷануби Ҷамбудвипа ба шимол ҳаракат карда, ҳар субҳ аз пушти қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона боло мешавад. Вай дар дарозтарин рӯз ба қуллаи Сауманас, яъне қуллаи Ғалаба мерасад ва аз он ҷо боз ба сӯи Ҷамбудвипа пас мегардад.

Васубандҳу роҷеъ ба мавҷудияти низоми астрономии муайян ба мавқеияти мазкур ишора карда мегӯяд, ки вақте офтоб ба ҷануб аз Ҷамбудвипа ҳаракат мекунад, шаб дароз мешавад, вақте ҳаракати вай ба сӯи шимол аз ин қитъа сурат мегирад, рӯз дароз мегардад. Ҳар қадар ки рӯз дароз шавад, ҳамон қадар шаб кӯтоҳ мегардад. Дар «Манусмрити» омадааст, ки «Дар болои Меру эзадон офтобро баъди тулӯъи якдафъаинаи ӯ дар давоми роҳи ӯ, ки баробари ними гардиши ӯ дар атрофи замин аст, мебинанд. Шаб ва рӯзи эзадон баробари сол (-и одамон) буда, боз ҳам ба ду қисмат ҷудо гардидааст: рӯз – давраи ҳаракати офтоб ба шимол ва шаб давраи ҳаракати он ба ҷануб мебошад».[1]

Роҷеъ ба ин мавзӯъ ҳамчунин омадааст: «Қад-қади ҳалқаи қуллаҳои кӯҳ, аз доирае, ки Самватсара ном дорад, эзади Офтоб савори гардунаи худ кӯҳи Меруро, ки дар миёни ҷазираи Ҷамбу қад афрохтааст, давр зада, сайёҳат мекунад. Вақте офтоб дар қисмати шимолии доира ҳаракат мекунад, барои эзадон рӯз равшанӣ мекунад. Вақте манбаи рӯшанӣ ба қисмати ҷанубии роҳи худ мегузарад, барои эзадон шаб фаро мерасад».[2] Дар суруди Панҷум гуфта мешавад, ки вақте ки Офтоб атрофи кӯҳи Меруро давр мезанад, вай дар болои қаторкӯҳи даврашакле ҷой мегирад, ки Мана-

[1] «Қонунҳои Ману».
[2] Шри Вяса Двайпяна «ШримадБҳагаватам», китоби 5. Боби 20, Сохти замин.

https://bikhon.tj

соттара ном дорад. Маркази ин давра бо кӯҳи Меру мувофиқ афтода ва дарозии давродаврии вай 95 100 000 йоҷанро ташкил медиҳад.[1] Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, кӯҳи Манасоттара ба кӯҳи кунунии Тяншан ва қуллаи баландтарини он Ғалаба ба кӯҳи Сауманас айният мегиранд.

Дар «Шримад Бҳагаватам» низ роҷеъ ба ҳамин мавзӯъ омадааст: «Шукадева Госвами гуфт: Эй шоҳ, тавре пештар гуфтам, олимон мегӯянд, ки Офтоб атрофи кӯҳи Манасоттараро бо доираи 95 000.000. йоҷан давр зада, ҷой иваз мекунад. Дар кӯҳи Манасоттара, мустақиман дар шарқи кӯҳи Сумеру ҷойгоҳе воқеъ гаштааст, ки бо номи Девадҳани – мақари Индра маълум аст. Айнан ҳамин гуна дар ҷануб ҷойгоҳе воқеъ гаштааст, ки Самямани ном дошта, мақари Йамараҷа мебошад. Дар ғарб ҳамин гуна ҷой Нимлочани ном дошта, мақари Варуна ва дар шимол Вибҳавари – ҷойгоҳи эзади Моҳ мебошад. Тулӯъ, нимрӯз, ғуруби Офтоб ва нимашаб дар ин ҷойҳо дар вақтҳои гуногун фаро мерасанд ва, ҳамин тариқ, тамоми мавҷудоти зиндаро ба машғулияти хоси гуногун водошта, инчунин дар вақти муайян маҷбур мекунанд, ки фаъолияташонро қатъ намоянд». «Вақте офтоб аз Девадҳани, ҷойгоҳи Индра ба Самямани, ки Йамараҷа ҳукумат дорад, ҳаракат мекунад, 23 775 000 йоҷан (190 200 000 мил)-ро дар 15 гҳатик (шаш соат) тай менамояд. Аз шоҳигарии Йамараҷа Офтоб ба Нимлочани, ҷойгоҳи Варуна, аз он ҷо ба Вибҳавари, шоҳигарии эзади Моҳ ва дар охир боз ба Девадҳани бармегардад».[2] Иқтибоси дигар аз Бҳагаватам нишон медиҳад, ки Офтоб дар як сол дар атрофи Манасоттара як давр мегардад ва нуқтаи ниҳоии шимолии мадори офтоб (эклиптика) дар шимоли кӯҳи Меру воқеъ гаштааст. (ин ҳолат ҳамчун баробаршавии шабу рӯз дар моҳи июн маълум аст).

Тавре дар боби Пушкарадвипа дар асари мазкур омадааст,

[1] «Астрономические сиддханты», (SB5.21.7.)
[2] «Шримад-Бҳагаватам» 5.21.4-7

https://bikhon.tj

дар маркази ин двипа кӯҳи Манасоттара (қуллаи Ғалаба – М.Ҳ.) қад кашидааст, ки ин қитъаро ба қисматҳои дохиливу берунӣ ҷудо менамояд. Дар қуллаи ин кӯҳ Офтоб роҳи худро ба анҷом расонда, аз тариқи меҳвари Самватсара кӯҳи Меруро давр мезанад. Дар ин кӯҳ дар чор самти дунё ҷойгоҳи нимэзадон, мисли Индра воқеъ гаштааст. Дар қуллаи ин кӯҳ Офтоб савори гардунаи эзади Офтоб аз меҳвари Самватсара убур намуда ва кӯҳи Меруро давр зада, роҳи худро ба поён мерасонад. Вақте Офтоб ба самти шимолӣ ҳаракат мекунад, роҳаш Уттараяна (Шимолӣ) ва вақте ба самти ҷанубии он ҳаракат меамояд, он роҳ Дакшинаяна (Ҷанубӣ) ном дорад. Як тарафи вай рамзи рӯзи нимэзадон ва тарафи дигараш рамзи шаби онҳо мебошад. Чунин гардиши Офтоб дар «Браҳма-сахита» тасдиқ карда мешавад.[1] Офтоб дар атрофи кӯҳи Сумеру давр зада, дар давоми шаш моҳ аз тарафи шимол ва дар давоми шаш моҳи боқимонда аз самти ҷануб ҳаракат мекунад. Ин даврaҳои вақт рӯзу шаби нимэзадонро дар сайёраҳои олӣ ташкил медиҳанд.[2] Ифодаи аманасаакалат, ки маънояш «то кӯҳи Манас» мебошад, ҳамчун вилояти арктикӣ тарҷума мешавад.[3] Ҳамин ишораҳо баъзе олимонро ба гумоне водор намудааст, ки гӯё рӯзу шаби ведоҳо ҳар як шаш моҳро ташкил медодааст. Ва дар асоси ин гумон Қутби шимолро меҳани ориёиҳо пиндоштаанд…

Дар «Рамаяна» низ дар бораи кӯҳи Сауманас аз ҷумла чунин ишорат омадааст: «Пас аз Баҳри Кширода, эй ҷанговарон, шумо ба соҳили баҳри Ҷалада мерасед, ки вай тамоми мавҷудоти зиндаи ҷаҳонро ба тарсу ларза меоварад. (Риши Аурва (1.275) Дар шимоли баҳри Свад кӯҳи Ҷатарапашила қомат афрохтааст, ки сездаҳ йоҷан баландӣ дошта, мисли тило медурахшад. Ин сарҳади қисмати шарқии замин аст, ки онро эзадон муайян кардаанд. Кӯҳи Удан, ки сад

[1] «Браҳма-сахита», 5.52.
[2] «Брахма-самхите» (5.52).
[3] «Астрономические сиддханты», SB 4.16.14.

https://bikhon.tj

йоҷан андоза дорад, бо қуллаҳои тиллоии худ сар ба осмон месояд… Шумо ҳамчунин қуллаи Сауманасро мебинед, ки чаҳор мил паҳно ва чил мил баландӣ дорад. Дар ин кӯҳ дар даврони гузашта Худои Вишну, ҳангоми бо се қадам ченкунии замин қадами нахустини худро гузошта буд. Қадами дуввуми худро ба кӯҳи Меру гузошта, тамоми заминро фаро гирифт. Аз сабаби он ки ба Худованд дигар ҷои қадаммонӣ намонда буд, шоҳ Бали сари худро пеш гузошт.

Офтоб аз Ҷамбудвипа ба шимол ҳаракат мекунад, вай ба қуллаи Сауманас расида, боз пеши назари сокинони Ҷамбудвипа тобон мешавад. Дар ин ҷо ришиҳои бузург Вайкҳанас, ки чеҳраашон мисли офтоб дурахшон аст, маросими зуҳди худро иҷро менамоянд. Ин ҷазираи Сударшан аст, ки офтоб аз он ҷо боло шуда, ба ҳама мавҷудоти зинда рушанӣ мебахшад… Дар кӯҳи Шайла, ки онро офтоб мунаввар гардонидааст, тулӯъи арғувонии офтобро дидан мумкин аст. Азбаски маҳз дар он ҷо офтоб тулӯъ мекунад, ҳанӯз дар бомдоди офариниш Браҳма дар ин ҷо дарвозаи дунёро, ки Шарқ ном дорад, барқарор намуда буд».[1]

Роҷеъ ба сол, дувоздаҳ моҳ ва дигар фаслҳои сол омадааст, ки гардунаи эзади Офтоб як чарх дорад, ки ҳамчун Самватсара маълум аст. Дувоздаҳ моҳ дувоздаҳ парраи вай, шаш мавсим дандонаҳои чанбар, се давра чатур Дмасийа – се гардам (гупчак)-и онро ташкил медиҳанд. Як нӯги тири чарх дар қуллаи кӯҳи Сумеру ва нӯги дигараш дар кӯҳи Манасоттара устувор гардидааст. Чарх, ки ба нӯги берунии тир қоим гардидааст, доимо аз кӯҳи Манасоттра мисли чархи мошини равғанкашӣ давр мезанад. (SB5.21.13.)

Кӯҳи Шумеруро савори гардунаи худ давр зада, эзади Офтоб тамоми системаи сайёраviро равшан мекунад. Аммо вақте Офтоб дар самти шимолии кӯҳ ҷойгир мешавад, тарафи ҷанубӣ камтар равшан мешавад ва вақте Офтоб дар ҷануб мебошад, тарафи шимол камтар равшанӣ мегирад.

[1] Рамаяна, китоби IV. Кишкиндҳа.

https://bikhon.tj

(SB 5.1.30) дар тафсири Шрила Прабҳупад дар асоси Ҷотирведо омадааст, ки Офтоб шаш моҳ дар шимоли кӯҳи Меру ва шаш моҳ дар тарафи ҷануби ин кӯҳ қарор дорад.

Дар мавзӯи равшании тарафҳои ҷанубу шимоли кӯҳи Меру дар «Шримад Бҳагаватам» чунин ҳикоят омадааст: «Боре ҳокими машҳури дунё Маҳароҷа Прияврата аз он ки эзади тавонои Офтоб чи тавр ҷаҳонро мунаввар мегардонад, норозӣ шуд. Савори гардуна атрофи Меруро давр зада, эзади Офтоб ба ҳамаи системаи сайёравӣ, ки дар атрофи ин кӯҳ воқеъ гаштаанд, равшанӣ эҳдо менамояд. Аммо вақте офтоб дар самти шимоли Сумеру ҷой мегирад, сайёраҳои ҷанубӣ назар ба сайёраҳои шимолӣ камтар рушанӣ мегиранд. Маҳароҷа Прияврата ин ҳолро ноадолатӣ шумурда, ният кард, тавре кунад, ки дар он самти сайёра, ки шаб аст, мисли рӯз равшан шавад. Савори гардунаи дурахшони худ аз меҳвари Офтоб давр зада, торикиро пароканда сохт ва нияти худро амалӣ намуд. Чунин корномаҳои аҷибро Маҳароҷа Прияврата танҳо ба шарофати қудрати беҳамтояш ки дар натиҷаи ибодат ба Худованди Воломақом насибаш гардидааст, тавонист амалӣ намояд».[1]

Бояд гуфт, ки кӯҳи Манасоттара дар адабиёти ориёэронӣ бо номҳои Мануш, Манас, Монисо, Мониш ва ғайра зикр гардидааст, ки ин номҳо ҳамгунаи номи Сауманас ва Манасоттара мебошанд. Мутобиқи навиштаҳои нусхаҳои гуногуни «Бундаҳишн» Мануш баъди Албурз баъзан дувумин кӯҳ ва баъзан сеюмин кӯҳ дониста шудааст. Дар бахши дигари китоби мазкур омадааст, ки «Дигар (сеюм – М.Ҳ.) кӯҳи Мануш бузургтар. Он кӯҳ, ки Манучеҳр ба-д-ӯ зода шуд».[2] «Кӯҳи Мануш, ки ба Хуросон ба марзи Туркистон аст, низ ба Абарсин пайваста аст».[3] Дар «Авесто» омадааст, ки «Дувумин кӯҳ Заредаза аст, ки аз он сӯи Ма-

[1] Шримад-Бҳагаватам. Суруди V. Боби 10.
[2] «Бундаҳишн», боби 9, с.57.
[3] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

нуша низ ҳамаи сарзаминҳои бохтариву ховариро фаро гирифтааст».[1]

Дар тавзеҳоти «Авесто» Мануша номи ниёкони Манучеҳр дониста шуда, дар ин маврид омадааст: «Мануша номи кӯҳест. Ин вожа номи яке аз ниёкони Манучеҳр – подшоҳи Пешдодӣ аст. Дар «Бундаҳишн» (бахши 12, банди 10) ин ном Мануш хонда шуда ва дар бораи он омадааст: «Он кӯҳи бузургест, ки Манучеҳр он ҷо зода шуд».[2] Тавре маълум аст, дар асотири ориёҳиндӣ Ману номи нахустодам аст, ки ба Замин яккаву танҳо нузул намуда будааст. Маълум мешавад, ки нахустодами ориёҳиндӣ Ману ва бобои Манучеҳр айни ҳам будаанд.

Дар «Ҳудуд-ул-олам» аз кӯҳи Мониш, Монисо ё Монишо борҳо тазаккур ба амал омадааст, ки мавқеияти он дар аксар вақт ҳамон кӯҳи Тяншан ва шохаҳои он мебошанд. Дар иқтибоси зерин аз китоби «Ҳудуд-ул-олам» Мануш ҳамон Тяншани марказист: «Ва дигар руди Хатлом аст аз кӯҳи Монишо бикшояд ва он ҷо ки ҳаддест миёни Халлух ва Яғмо ба шаҳри Хатлом бигзарад ва то наздики Боб бигзарад ва ба руди Ӯзганд афтад». Дар ду иқтибоси зерин аз «Ҳудуд-ул-олам» низ Мануш ҳамчун шохаи шарқии Тяншан зикр гардидааст: «Боз як руди дигар, ки Ваҷох (?) ном дорад, аз самти шарқии кӯҳи Манис (Манисо) аз охири ҳадди биёбон сарчашма мегирад. Вай аз мулкҳои Тоҷак, Бариҳа ва Кускон гузашта, аз вилояти Хутан убур менамояд».

Номшиноси ӯзбек Камолиддин овардааст, ки дар «Ҳудуд-ул-олам» кӯҳи Манас зикр гардидааст, ки он ба кӯҳҳои Баласагун (Ҳудуд-ул-олам, с. 44) ва дар «Авесто» — Мануша, ки бо қуллаи Манас, дар болоби Пскем, дар қаторкӯҳи Терскей Алатау айният мегирад.[3] Дар доманаи ҷанубии Тяншан ҳоло кӯҳе бо номи Манас вуҷуд дорад.

---

[1] «Авесто». «Зомёд-ашт», банди 1.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, тавзеҳот, с.663.
[3] Камолиддин Ш.С. Древнетюркская топонимия Средней Азии. – Т.: «Шарк». 2006. – 192 с.

https://bikhon.tj

КӮҲҲОИ ҶАМБУДВИПА

Яке аз масъалаи мушкил ва печидаи ҷуғрофиёи адабиёти ориёҳиндӣ муайян кардани мавқеияти кӯҳҳо ва қуллаҳои кӯҳҳо мебошад. Албатта, барои айнияти комил ва пурра додани кӯҳҳо як ташхисоти экспедитсионӣ лозим аст, ки муаллифи ин сатрҳо, мутаассифона, чунин имкониятро надорад. Тавре гуфта шуд, кӯҳи асосӣ ва муқаддас Меру ин қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ мебошад, ки дигар кӯҳҳо дар нисбати мавқеияти ҳамин кӯҳ воқеъ гаштаанд. Аммо азбаски, масалан, дар ҷануб ё шимоли ин кӯҳ даҳҳо кӯҳҳои хурду бузург воқеъ гаштаанд, муайян намудани онҳо аз рӯи нақшаву ҷадвалҳо мушкил аст. Баъзан нишониҳои мавқеияти як кӯҳ ба ду минтақа мувофиқ меояд. Сарфи назар аз ин баъзе кӯҳҳову қуллаҳоро айният додан имконпазир аст. Мушкилоти дигар он аст, ки мавқеияти баъзе кӯҳҳо гоҳе дар ғарб ва гоҳе дар шарқ ё ҷануби кӯҳи Меру гуфта шудааст. Худи Меру баъзан бо Мандара бо номи Мерумандара яке кӯҳ дониста шуда, баъзан ин ду кӯҳ аз ҳам ҷудо дониста мешаванд. Сарфи назар аз ин ин айнияти чанде аз кӯҳҳоро муаян кардан имкон дорад.

Дар адабиёти марбута омадааст, ки Меруро чунин кӯҳҳои боҳашамат иҳота кардаанд:

1. Кумуда дар шимоли Меру воқеъ гаштааст.
2. Мерумандара дар ҷануби Меру қад кашидааст.
3. Супаршва дар ғарби Меру ҷой дорад.
4. Мандара дар шарқи Меру қомат афрохтааст.

Вақте ба кӯҳҳои атрофи Меру – Исмоили Сомонӣ таваҷҷуҳ мешавад, кӯҳҳои аз ҳама баландтарини зерин воқеъ гаштаанд: дар шимол қуллаи ба номи Сино (7134) – Кумуда, дар ҷануб қуллаи Револютсия (6940) – Мерумандара, дар ғарб – Москва (6785) – Супаршва, дар шарқ – Музтаг-Ата (7546) – Мандара. Дар «Стҳананга Сутра» (2.283) омадааст, ки кӯҳи дигар, ки дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст,

https://bikhon.tj

кӯҳи Нишадҳа мебошад, ки ду қулла дорад: Нишадҳакута ва Ручакапрабҳакута. Мо ин кӯҳро ба қаторкӯҳи Рушон айният дода будем, ки дар он ду қулла вуҷуд дорад: қуллаи Патхор (6083) ва қуллаи 5939. Инак маълум мегардад, ки қуллаҳои Нишадҳакута ва Ручакапрабҳакута ҳамин кӯҳҳо будаанд. Кӯҳи Павана, ки дар шимоли ғарбии Меру ва шарқи Кумуда воқеъ гаштааст, имкон дорад қуллаи Корженевский (7105) бошад. Тавре дар дигар бобҳо гуфта шуд, Ҷатҳара – қаторкӯҳи Сарикӯл, кӯҳи Париятра (дар ҷанубӣ ғарбии Меру ва ҷанубӣ Супаршва) кӯҳи ба номи Маркс (6723-Шохдара-ҷанубӣ ғарбӣ), Ҳимакута – қаторкӯҳи Шуғнон, Ҳимолой қаторкӯҳҳои Шохдара ва Вахон, Девакута – эҳтимол қаторкӯҳи Аксайбаши – Тошқӯрғон будаанд.

Дар ду тарафи кӯҳҳои мазкур кӯҳҳои зерин қад кашидаанд:

1. Ҷатҳара дар шимоли шарқии Меру ва ғарби Кумуда.
2. Тришринга дар шимоли шарқии Меру ва шимоли Мандара.
3. Павана дар шимоли ғарбии Меру ва шарқи Кумуда.
4. Макара дар шимоли ғарбии Меру ва шимоли Супаршва.
5. Девакута дар ҷанубӣ шарқии Меру ва ҷанубӣ Мандара.
6. Кайласа дар ҷанубӣ шарқии Меру ва шарқи Меруданда.
7. Париятра дар ҷанубӣ ғарбии Меру ва ҷанубӣ Супаршва.
8. Каравира дар ҷанубӣ ғарбии Меру ва ғарби Меруданда.

Бар иловаи кӯҳҳои мазкур, ки Меруро иҳота кардаанд, дигар кӯҳҳое низ ҳастанд, ки Кесарачала ном дошта, дар атрофи Меру воқеъ гаштаанд. Онҳо чунин ном доранд:

1. Куранга. 2. Курара. 3. Кушумбҳа. 4. Ваиканка. 5. Трикута. 6. Шишира. 7. Патанга. 8. Ручака. 9. Нишадҳа. 10. Синиваса. 11. Капила. 12. Шанкха. 13. Ваидуря. 14. Ҷарудҳи. 15. Ҳамса. 16. Ришабҳа. 17. Нага. 18. Каланҷара. 19. Нарада.

https://bikhon.tj

20. Нила. 21. Швета. 22. Шрингаван. 23. Ҳемакута. 24. Ҳимакута. 25. Маляван. 26. Гандҳамадана[1].

Тавре дида мешавад, дар адабиёти ориёҳиндӣ 26 қаторкӯх зикр гардидааст, ки ин шумор ба қаторкӯҳҳои кунунии Помир хеле наздик мебошанд. Дар адабиёти муосир 24 қаторкӯҳи Помир зикр гардидааст, онҳо бешубҳа айнияти номҳои дар боло овардаи кӯҳҳои ориёҳиндӣ мебошанд.

ҚАТОРКӮҲҲОИ ПОМИР БО ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНДТАРИНАШОН:

1. Заалай – қуллаи Ленин (7134); қуллаи Дзержинский (6717), Кызылагын (6683).

2. Академияи Илмҳо – қуллаи Коммунизм (7495), қуллаи Корженевский (7105), қуллаи Россия (6875).

3. Шохдара – қуллаи Маркс (6723), қуллаи Тоҷикистон (6565), қуллаи Энгелс (6507).

4. Вахон – Снежная Глыба (6421).

5. Кингтау – Будунселтау (6220), Аксайбаши (6146).

6. Улугарттаг – Чакрагил (6760),Чакрагили шарқӣ (6445), қуллаи 6330.

7. Конгурмузтаг – Конгур (7719), Конгуртеппа (7595), Музтаг-Ата (7546).

[1] Дар «Авесто» тақрибан аз ҳафтод кӯҳ ном бурда мешавад, ки аксарашон инҳоянд: Албурз, Заредаза, Манӯшкӯҳ, Ушедам, Ушадарена, Ерезифя, Ерезура, Бумйа, Завдита, Мазишвант, Антаредангҳу, Ерезиша, Ваитигаеса, Одарана, Байана, Ишката – Упаири саена, ду риштакӯҳи Ҳаманкуна, ҳашт кӯҳи Вашан, ҳашт ситеғи Аурвант, чаҳор кӯҳи Видвана, Аезаха, Маенаха, Вахидрика, Асаба, Тудаска, Дараушишванта, Соириванта, Нангҳушмант, Какаҳйу, Андарканҳа, Сичидава, Аҳурна, Раемана, Ашастимбана, Урунйуваидимидка, Аснавант, Ушаума, Уштахваран, Сиёмака, Вафрйа, Воуруша, Йаҳмйаҷтара, Адватава, Спедодата, Спитаваран, Кайориса, Барусарайан, Барана, Фаропайа, Удрйа, Раевант, Аирйохшута, Хвананд, Дорспед, Спитагауна, Вешав, Вишпата,Вишва, Вохедрика, Вауруша, Асайа, Алванд, Арванд, Ашастимбанда.

https://bikhon.tj

8. Сарикӯл – Лавирдир (6316), қуллаи Командирҳои Сурх (5821).

9. Петри Як – қуллаи Коммунизм (7495), қуллаи Москва (6785).

10. Дарвоз – Гармо (6602), Арнавад (5992).

11. Ванҷ – қуллаи 5603, Язгуломи Баланд (5588).

12. Язгулом – қуллаи Революцсия (6940), қуллаи 26 Комиссарони Боку (6848).

13. Рушон – қуллаи Патхор (6083) қуллаи 5939.

14. Шуғнон – қуллаи Скалистый (5707).

15. Ишкошим – қуллаи Маяковский (6095), қуллаи Берга (Хирсхаволь, 6091).

16. Зулумарт – қуллаи Октябр (6780), қуллаи 6290, қуллаи Вера Слутская (5925).

17.Саукдара – қуллаи Белеули (6065).

18. Танимас – қуллаи Горбунов (6030), Крутой Рог (6018), Баландкиик (5946).

19. Музкол – қуллаи Офитсерони Советӣ (6233), қуллаи Двуглавый (6148), Музколи шимолӣ (6128).

20. Пшарт – қуллаи 5440, қуллаи Киязек (5401).

21. Аличури шимолӣ – қуллаи Сарез (5981), қуллаи 5936, Кулин (5931).

22. Аличури ҷанубӣ – Кызылданги (5704).

23. Богчигир – Богчигир (5716).

24. Музтаг-Сарикӯл – қуллаи 5821

Инчунин дар Бҳарата-варша мавҷудияти 27 кӯҳ зикр гардидааст, ки чунин номида мешаванд:

1.Малая.2. Мангала-пластҳа. 3. Маинака.4. Трикута. 5. Ришабҳа.6. Кутака. 7. Коллака. 8. Сахя. 9. Девагири. 10. Ришямука. 11. Шри-шаида. 12. Венката. 13. Маҳендра.14. Варидҳара. 15. Виндҳя. 16. Шуктиман. 17. Рикшагири. 18. Париятра. 19. Дрона. 20. Читракута. 21. Говардҳана. 22. Раиватака. 23. Какубҳа. 24. Нила. 25. Гокамукҳа. 26. Индракила. 27. Камагири.

https://bikhon.tj

Қуллаҳои Помир, ки аз 6700 м. баландтар мебошанд:

Номи қулла	*баландӣ*	*қаторкӯҳ*	*ноҳияи Помир*
1. Конгур	7719	Конгурмузтаг	шарқӣ
2. Конгуртюбе	7595	Конгурмузтаг	шарқӣ
3. Музтаг-Ата	7546	Конгурмузтаг	шарқӣ
4. Коммунизм	7495	Академ. Илм.	шим.ғарбӣ.
5. Караяйлоқ	7245	Конгурмузтаг	шарқӣ
6. Яманҷар	7229	Конгурмузтаг	шарқӣ
7. Кокодаг	7210	Конгурмузтаг	шарқӣ
8. Куксой (Музтаг)	7184	Конгурмузтаг	шарқӣ
9. Ленин	7134	Паси Алай	шарқӣ
10. Корженевский.	7105	Паси Алай	шим. ғарбӣ
11. Коскулак	7028	Конгурмузтаг	шарқӣ
12. Аклангам	7004	Конгурмузтаг	шарқӣ
13. Революцсия	6940	Конгурмузтаг	шарқӣ
14. Музтаг-Ата	6858	Конгурмузтаг	шарқӣ
15. Россия	6875	Акад. Илм	шим. ғарбӣ
16. 26.Ком.Боку	6848	Язгулом	марказӣ
17. Жуков	6842	Паси Алай	шимолӣ
18. Известия	6841	Акад.Илм.	шим. ғарбӣ
19. Москва	6785	Петри 1	шим. ғарбӣ
20. Октябр	6780	Паси Алай	шимолӣ
21. Чакрагил	6760	Улугартаг	шарқӣ
22. Маркс	6723	Шохдара	ҷан. ғарбӣ
23. Коксел	6715	Конгурмузтаг	шарқӣ

https://bikhon.tj



Дар «Стхананга-Сутра» (Анга-агамаи сеюм, ганад-ҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама) дар бораи кӯҳҳои Ҷамбудвипа ва мавқеияти онҳо батафсил сухан рафтааст.

РУДИ ГАНГ

Бо муҳоҷирати ориёиҳо аз сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва ҳудудҳои атрофи он бисёр номҳои ҷуғрофӣ – рудҳову кӯҳҳо ва номи кишварҳо низ кӯчида, дар минтақаҳои баъдимуҳоҷиратӣ дуввумбора номгузорӣ гардид. Масалан хеле аҷиб аст, ки дар шумори рудҳои дигар номи рудҳои Дачлаву Фурот, Нил, Гангву Ҷамнаи кунунӣ низ аз меҳани нахустини ориёиҳо кӯчида, дар замони худ рудҳои машҳури шарқи Осиёи Миёна ба шумор мерафтаанд. Аз ҷумла, руди Ганг руди муқаддас ва осмонии ҳиндуҳост. Вале тавре дар номаҳои бостони ориёиҳои ҳинд зикр гардида-

https://bikhon.tj

аст, ин руд дар маркази кишвари Ҷамбу, ки Илаврита ном дошта, кӯҳи муқаддаси Меру дар он ҷо воқеъ гаштааст, фуруд омада будааст. Дар бобҳои марбута дар бораи қитъаи Ҷамбу ё Ҷамбудвипа (дар замони ориёэрониҳо бо номи Зобул машҳур буд), кӯҳи Меру (ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ) сухан рафтааст, ки аз такрори он ҳоло худдорӣ карда мешавад. Вале ин қадар бояд гуфт, ки Ҷамбу сарзаминҳои болооби миёни рудҳои Вахшу Панҷ – Помирро дар бар мегирифт ва азбаски дар даврони 5-6 ҳазор сол пеш ин рудҳо аз сатҳи баҳр назар ба ҳолати кунунияшон хеле поёнтар буданд, ҷараёни обҳои онҳо хеле оҳиста буда, ба назар мисли кӯлҳо ё баҳрҳои равон менамуданд. Аз ҳамин ҷост, ки онҳоро баҳр ё уқёнус меномиданд. Бисёр муҳаққиқони таърихи Ҳинд Ҷамбудвипаро ба нимқораи Ҳиндустон айният додаанд. Вале ҳеҷ як нишонии Ҷамбудвипа, ки дар номаҳои бостони Ҳинд тасвир ёфтааст, дар нимқораи Ҳиндустон пайдо намегардад. Масалан, гуфта мешавад, Ҷамбудвипа, мисли чархи гардуна, мисли гули нилуфар гирд аст, мудаввар аст, мисли кулчақанд аст ва ғайра. Дар он номаҳо гуфта мешавад, ки Ганг ба болои кӯҳи Меру фуруд меояд. Аммо то кунун дар Ҳинд кӯҳи Меруро, ба ҷуз айниятҳои тахминӣ, яъне гӯё яке аз 16 қуллаҳои кӯҳ дар Ҳимолойи кунунӣ, пайдо накардаанд. Дар номаҳои бостон гуфта мешавад, ки яке аз шохаҳои руди Ганг ба сӯи шимол ҷорӣ гардида, ба уқёнуси Шимолӣ мерезад. Вале дар шимоли Ҳиндустон уқёнус вуҷуд надорад ва ба сӯи шимоли Ҳинд низ шохаи руде ҷараён намегирад. Гуфта мешавад, ки аксари шохаҳои Ганг ба самти ғарб ҷорӣ гардида, ба уқёнуси оби Шӯр мерезанд. Вале Ганги кунунӣ бо Ҷамна омехта ба уқёнуси самти шарқии Ҳиндустон мерезад, ки ба тасвироти номаҳои бостон роҷеъ ба Ганг мувофиқат надорад.

Дар бораи Ганг ва дигар рудҳову кӯҳҳо маълумоти зиёд вуҷуд дорад, ки дар адабиёти гуногуни Ҳинди бостон маҳфуз мондаанд. Вале аксари ин тасвироту навиштаҳо

https://bikhon.tj

роҷеъ ба Ганг аз ҳамдигар тафовут дошта, шумора, самти ҳаракат ва дигар хусусиёти он яксон нестанд. Масалан шумораи шохобҳои рудҳое, ки аз осмон фуруд омадаанд, чор, ҳафт, ҳашт ва ғайра гуфта шудаанд. Дар номаҳои бостон як силсила номҳои халқиятҳо ва деҳаҳое зикр карда шудаанд, ки имрӯз аз онҳо дар ҳеҷ ҷое ному нишон пайдо кардан имкон надорад.

Яке аз ривоятҳои пайдоиши Ганг чунин аст: асурҳо (махлуқоти ғайриэзадӣ – М.Ҳ.) шаб аз қаъри уқёнус баромада, зиндагии мардумро нороҳат менамуданд. Эзадон дар чораи онҳо оҷиз монданд, зеро онҳо баъди аъмоли ношоистаашон дар қаъри обҳо паноҳ мебурданд. Онҳо бо маслиҳати Вишну аз Агастё, фарзанди Варуна хоҳиш мекунанд, ки оби уқёнусро фурӯ барад, то онҳо битавонанд асурҳоро пайдо кардаву нобуд созанд. Баъд, вақте эзадон аз Агастё хоҳиш мекунанд, ки оби уқёнусро дубора берун резад, ӯ дар посух мегӯяд, ки об аз баданаш бухор шудааст ва онҳо худашон чораи пур кардани уқёнусро пайдо кунанд.

Баъди воқеоти зиёде бо хоҳиши шоҳ Сагара ва кумаки Шива руди Ганги муқаддас аз осмон ба замин фуруд омада, уқёнусро пур мекунад. Ганг, ҳангоми аз назди обиди бузург Ҷаҳн гузаштан, ибодати ӯро халалдор кард ва Ҷаҳн хашмгин шуда, бо як дам Гангро фурӯ бурд. Боз бо хоҳиши Бхагиратҳа вай Гангро раҳо мекунад ва аз он замон Гангро Ҷаҳнавӣ, яъне духтари Ҷаҳн меноманд.

Дар «Бҳагавата-пурана» яке аз ривоятҳои пайдоиши руди Ганг, чи гуна аз баландтарин нуқтаи кайҳон ба замин фуруд омадани вай ва дигар тафсилоти вобаста ба он тасвир ёфтааст. Ривоят мешавад, ки боре Вишну дар симои Вамана (пакана) пас аз маросими қурбониро бар ҷой овардани Маҳароҷа Бали ба назди ӯ ҳозир шуда хоҳиш менамояд, ки ба ӯ ба андозаи се қадам замин ҷудо намояд. Вақте ба ӯ иҷозат дода мешавад, ки се қадам гузорад, Вамана бо ду қадам се лока (дунё)-ро тай карда, нохост бо ангушти кало-

https://bikhon.tj

ни пои чапаш пӯстлохи сайёраро сӯрох мекунад. Чанд қатра аз уқёнуси Осмонӣ аз он сӯрохии кайҳон ба сари Шива чакида, дар он ҷо ҳазор даврон боқӣ мемонанд. Ин қатраҳои об руди Ганги муқаддасро ташкил дода, баъди тай намудани гӯшаҳои дури коинот ба ҷойгоҳи (биҳишти) Браҳма, ки дар болои кӯҳи Меру воқеъ мебошад, мерасанд. Аз он ҷо ба Илаврита-варша, маркази Ҷамбудвипа, ба болои кӯҳи Меру фуруд омада, ба чор шохоб – Сита, Алакананда, Чакшу (Вакшу) ва Бҳадра тақсим мешавад, ки он чор шохоб аз чор нишебии кӯҳи Меру ба чор самт ҷорӣ мегарданд. Тавре дар ин мисол дида мешавад, Ганг аз чор шохоби алоҳида иборат буда, худи номи Ганг вуҷуд надорад.

Яке аз асарҳое, ки ба ҷуғрофияи Ҷамбудвипа бахшида шуда, дар бораи рудҳо ва кӯҳҳои ин минтақа маълумоти зиёд пешниҳод менамояд, «Стҳананга-Сутра» ном дорад. Дар боби «Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама»-и ин асар, дар бахши «Гуфтор андар боби рудҳои бузург» (Маҳанади-пада) аз ҷумла омадааст, ки дар қуллаи кӯҳи Меру руди Ганг ба чор шохоб – Сита, Алакананда, Чакшу ва Бҳадра тақсим гардида, бо шитоби тамом ба самтҳои гуногун (шарқ, ғарб, шимол ва ҷануб) ба сӯи уқёнус ҷорӣ мешаванд.

Мутобиқи тасвироти адабиёти гуногун руди Сита аз кӯҳи Кесарчала ва Гандҳамадан ҷорӣ гардида, аз Бҳадрашва-варша ҷараён мегирад ва ба уқёнуси Шӯр дар шарқ ҳамроҳ мешавад. Руди Чакшу аз кӯҳи Маляван аз Кетумала-варша ҷараён мегирад ва дар ғарб ба уқёнус мерезад. Бҳадра аз кӯҳҳои Кумуда, Нила, Швета ва Шрингаван ҷорӣ шуда, аз Куру-деша гузашта дар шимол ба уқёнус мерезад. Ва Алакананда аз миёни кӯҳҳои зиёде, аз ҷумла Ҳемекута ва Ҳимакута гузашта, аз Бҳаратаварша ҷорӣ гардида, дар ҷануб ба уқёнус мерезад.

Тавре маълум аст, аз чор самти кӯҳи ҳоло ба номи Исмоили Сомонӣ, ки дар замони ориёҳиндуҳо Меру номида

https://bikhon.tj

мешуд, якчанд руд ҷорӣ гардида, ба рудҳои Вахшу Панҷ омезиш меёбанд. Аз ҷониби шарқӣ руди Танимас, аз ҷануб Ғунд аз ҷанубӣ ғарбӣ Хингоб ва аз шимол руди Сурхоб сарчашма гирифта ба сӯи ғарб ҷорӣ мегардад. Руди Сита яке аз рудҳои ривоятиест, ки мутобиқи навиштаҳои аксари олимони муҳаққиқи ин бахш кишвари ривоятӣ Шамбала (Чамбул) дар самти шимолии он воқеъ буда, ба се дарё – Панҷ, Сир ва Торим айният дода шудааст. Мутобиқи «Тафсири комили Калачакра»-и буддоии асри XIX заминҳои Шамбала дар шимоли руди Сита воқеъ гардида, бо ҳашт қаторкӯҳ ҷудо гардидаанд.

Яъне, яке аз ин рудҳо бояд руди Сита бошад. Ҳеҷ як олим онро дар Ҳиндустон нагуфтааст. Муаллифи ин сатрҳо низ дар рисолаи «Шамбала ва Калапа» ва мақолаҳои дигар руди Ситаро ба руди Панҷи кунунӣ айният дода буд. Гуфта мешавад, ки Сита аз самти шарқии кӯҳи Меру сарчашма гирифта ба уқёнуси Шӯр мерезад. Ин ҷо ба як нукта бояд таваҷҷуҳ кард, ки дар Ҳинд ҳама рудҳо ба уқёнуси Ҳинд мерезанд, ки он шӯр аст ва дар ин минтақа уқёнуси ғайришӯр вуҷуд надорад. Таъкиди он ки Сита ба уқёнуси Шӯр мерезад, барои минтақа Ҳинд дархури мантиқ нест. Умуман дар Ҳиндустон дар бораи ин руд ба ғайр аз ном ҳеҷ гуна нишоние вуҷуд надорад. Аммо таъкиди уқёнуси Шӯр барои ҷуғрофияе, ки мавриди назари мост, созгор аст. Дар аҳди бостон дар шарқи Осиёи Миёна, тавре гуфта шуд, дар ҷараёни рудҳои кунунии Сир ва Ому баҳрҳо вуҷуд доштанд. Руди Ому то ҳудудҳои Бадахшон дар замони ориёҳиндуҳо уқёнуси Лаванода (Шӯр) ва дар замони ориёҳиндуҳо баҳри Ворукаша номида мешуд.[1]

Яке аз ин чаҳор руд Сита ном дошта, бештар аз дигар рудҳо дар миёни олимон баҳсҳоро барангехтааст. Зеро, тав-

[1] Бояд гуфт, ки дар бораи ҷойгоҳи фуруд омадани чаҳор шохаи Ганг дар адабиёти гуногун ихтилофи зиёд ба назар мерасад. Дар баъзе мавридҳо кӯли Манас Саровар сарчашмаи руди Ганг дониста мешавад.

https://bikhon.tj

ре гуфта шуд, кишвари овозадори нимривоятии Шамбала дар самти шимолии ин руд воқеъ гардида будааст. Мутобиқи назари аксари навиштаҳои марбут ба ин мавзӯъ Сита яке аз шохаҳои руди Ганг аст, ки тибқи назари бисёр муҳаққиқон Шамбала дар соҳили рости он ҷой гирифта будааст. Мутобиқи навиштаҳо Сита Ҷамбудвипаро ба қисматҳои ҷанубӣ ва шимолӣ ҷудо кардааст. Ин руди бузург, ки ба кӯл шабеҳият дорад, аз 18 000 чашмаи шарқ ва ғарби кӯҳҳои барфӣ омезиш ёфта, бо ҷараёни ноайён ба баҳр мерезад. Ранги оби руд сафед буда, бо кафки сафед пӯшонда шудааст. Аз ҷониби соҳили ҷанубии он руд кӯҳест, ки «Гулҳои асал» ном дорад ва дар он ҳазорон ғор мавҷуд аст, ки дар онҳо сиддхиҳо барои иҷрои маросим меоянд.

Мутобиқи маълумоти баъзе адабиёт Сита ба қуллаи кӯҳи Меру фуруд омада, ба поён то Гандҳамадан[1] ҷорӣ мешавад ва аз Бҳадрашваварша давр зада, ба баҳри шарқӣ мерезад. Аммо мутобиқи тасвироти «Стҳананга-Сутра» он шохоби Ганг, ки Сита ном дорад, аз Браҳмапур, ки дар қуллаи кӯҳи Меру воқеъ гаштааст, аз самти шарқ ҷараён гирифта, аз он ҷо ба поён, ба қуллаи кӯҳи Кесачарали, ки дар баландӣ тақрибан ба қуллаи кӯҳи Меру баробар аст, шитобон шуда, аз кӯҳҳои Кесарачали Ганг ба қуллаи кӯҳҳои Гандҳамадан сарозер мешавад. Аз он ҷо ба Бҳадрашва-варша ҷараён гирифта, ба уқёнуси оби Шӯр аз самти ғарбӣ мерезад.

Тавре дар «Стҳананга-Сутра» зикр мешавад, самти ҳаракати Сита ба шарқ ва ҳамроҳшавиаш ба уқёнус аз ғарб гуфта шудааст, ки он ба яке аз рудҳои самти шарқии кӯҳи Исмоили Сомонӣ – руди Танимас мувофиқат мекунад. Руди Танимас, ки аз домани кӯҳи Меру – Исмоили Сомонӣ ба самти шарқ ҷорӣ мешавад, дар нахуст, имкон дошт ба Қарокӯл мерехт ва боз аз он сарчашма гирифта, бо руди

[1] Дар ин ҷо низ дар мавриди дар қисматҳои ғарбӣ ва шарқӣ воқеъ будани кӯҳи Гангҳамадан ихтилоф ба назар мерасад *(Муаллиф)*.

https://bikhon.tj

Панҷи кунунӣ ҳамроҳ шуда, ба сӯи ғарб ҷорӣ мегардид. Пайвастшавии оби Қарокӯл ба сарчашмаи оби Панҷ дар дигар адабиёти ориёӣ низ зикр гардидааст. Аз ҳамин ҷост, ки дар баъзе адабиёт самти ҳаракати ин руд ба шарқ ва дар баъзе дигар ба ғарб гуфта шудааст.

Ҳамчунин дар рисолаи «Стҳананга-Сутра» (6.91) омадааст, ки «Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара (яъне дар вилояти Маҳавидеҳа), шаш руди миёна аз ду ҷониб ба руди Сита мерезанд: Граҳавати, Драҳавати, Панкавати, Таптаҷала, Маттаҷала ва Унматтаҷала». Дар ин ҷо низ дар шарқи Меру – Мандара ҷорӣ гаштани Сита таъйид ёфтааст.

Воқеияти мавҷуд будани руди Сита бо он таъйид мегардад, ки рудҳои ҳамноми ӯ – Сит дар Брейтово, Сита – Петропавловск (Россия) вуҷуд доранд. Рудҳо ва шохобҳои зиёди дигаре низ ҳастанд, ки аз нуҳ мулки (варша) Ҷамбудвипа ҷараён мегиранд. Дар ин тасвирот худи руди Ганг вуҷуд надорад, балки чор шохаи он номбар карда мешавад.

Руди дуввуми шохаи Ганг, ки Чакшу номида мешавад, мутобиқи тасвироти асари мазкур аз самти шимол, аз кӯҳи Маляван аз Кетумала-варша ҷараён гирифта, он низ дар самти ғарб ба уқёнуси оби Шӯр мерезад. Бояд гуфт, ки номи руди Чакшу дар чанде аз адабиёти дигар ба шаклҳои Пакшу ва Вакшу низ омадааст. Дар матнҳои хитоӣ ин чаҳор руд бо номҳои зерин омадаанд: «Ганг, Синдҳу, Сита, Вакшу. Сита — яке аз чор рудест, ки ба шарқ ҷорӣ мешавад. Вакшу — Амударёст (Вахш – М.Ҳ.)».[1]

Мутобиқи тасаввуроти космогонии буддоӣ кӯли А-неоуто Анаватапта кӯлест, ки дар маркази қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гардидааст. Вай дар ҷанубӣ кӯҳи Атрбӯ (Гандҳамадан) ва дар шимоли кӯҳи Ҳимован воқеъ гаштааст. Давродаври вай 800 ли мебошад. Аз вай чаҳор руди тоза сарчаш-

[1] Бойгонии хитоӣ: *sia-pia-'i Demieville P. Les version chinoises, c. 230.

https://bikhon.tj

ма мегиранд, ки Ҷамбудвипаро иҳота намудаанд. Аз самти шимолӣ аз даҳони буққаи биринҷӣ Ганг ҷорӣ шуда, аз тарафи ҷанубӣ шарқӣ ба баҳр мерезад. Аз тарафи ҷанубии вай аз даҳони фили тилоӣ Синдҳу ҷорӣ мешавад. Вай кӯлро давр зада, дар самти ҷанубӣ ғарбӣ ба баҳр мерезад. Аз самти ғарбӣ аз даҳони аспи лоҷувардӣ руди Фо-тсзу (Вакшу, яъне Окс) кӯлро давр зада, аз ҷониби ғарби шимолӣ ба баҳр мерезад. Аз самти шимол аз даҳони шери булурӣ руди Сида (Хуан-хо) ҷорӣ гардида, баъди як давр дар самти шимоли шарқӣ ба баҳр мерезад».[1] Азбаски бо гузашти ҳазорсолаҳо мавҷудияти кӯлҳо ва рудҳо тағйир ёфта, баъзан хушк шудаанд, дар бораи кӯли Анаватапта назари саҳеҳ гуфтан душвор аст. Дар баробари он ки дар гузашта имкон дошт, ки аз Қаракӯл чанд руд сарчашма бигирад, ҳамчунин, тибқи маълумоти дигар адабиёт дар самти ҷанубӣ ғарбии кӯҳи Исмоили Сомонӣ мавҷудияти кӯле зикр мегардад. Инчунин аз кӯли Суман (Яшилкӯл) низ яке аз шохобҳои руди Панҷ сарчашма мегиранд.

Дар адабиёти марбут ба дини бон, дар Тибет аз ҷумла дар бораи чор руде, ки дар самти ғарбии Тибет ҷорӣ мешаванд, чунин маълумот дода шудааст: «Ба забони «Dag-pa lha skad»дар водии руди Пакшу (Pakshu) дар шимол сухан мегӯянд. Ба забони «Khri-wer lha skad» дар водии руди Синдҳу (Sindhu) дар ҷанубӣ ҳарф мезананд. Ба забони «Hor ci 'phrul skad» дар водии руди Ганг (Ganga) дар ҷанубӣ шарқӣ гуфтугӯ мекунанд. Ба забони «sPos ci 'phrul skad» дар водии руди Сита (Sita) дар ҷанубӣ ғарбӣ суҳбат менамоянд».[2]

Ҳар як самт ранги худро дошта, самти ҷанубӣ (ранги лаъл) аз чашмаи «Нӯли товус» руди Синдҳу ҷорӣ мешавад. Самти ғарб (ранги забарҷад) аз чашмаи «Даҳани асп» руди Пакшу ҷорӣ мешавад. Самти шимол (ранги алмос ё хрустали кӯҳӣ) аз чашмаи «Фуки шер» руди Сита ҷорӣ мешавад. Самти

[1] Колтыпин А. В.., «Исчезнувшие обитатели Земли», 2009.
[2] Ҳотам М., «Ориётоҷикон: 18 ҳазор сол пеш…».

https://bikhon.tj

шарқ (ранги аквамарина – осмониранг) аз чашмаи «Даҳони фил» руди Ганг ҷорӣ мешавад.[1]

Дар номаҳои бостонии Тибет аз ин руд ёд шуда, гуфта мешавад, Пакшу аз ҷӯи харсанге, ки шакли аспро дорад, самти шимол (шимоли кӯҳи Меру дар назар аст –М.Ҳ.) ҷорӣ мешавад. Шояд дар замони баъди муҳоҷиратӣ дар сарзаминҳои дигар ба хотири ҳамин руд номҳои Вакшу ва Пакшу номгузорӣ гардиданд, ки дар Коми – руди Вакшу ва дар вилояти Архангелски Россия руди Пакша дар ҳамон шуморанд. Дар «Стҳананга-Сутра» (6.90) аз ду шохоби ин руд бо номҳои Ракта ва Рактавати ёд шудааст, ки гумон меравад Муксу ва Қизилсу бошанд.

Шохоби Ганг, ки Бҳадра ном дорад, аз самти шимолии кӯҳи Меру, аз қуллаҳои кӯҳҳои Кумуда, Нила, Швета ва Шрингавана ҷорӣ мегардад. Вай роҳи худро ба шимол идома дода, аз заминҳои Куру (Куру-варша – Куру-деши – Уттаракуру) мегузарад ва дар шимол ба уқёнуси оби Шӯр мерезад.

Масъалаи ҷойгоҳи мулкҳои Куру ва Уттаракуру, ки мутобиқи таъиноти адабиёти мухталифи ориёҳиндӣ чандон равшан зикр нагардидааст, ба мушкилот мувоҷеҳ мегардад. Зеро ҳар руде, ки ба уқёнуси Шӯр мерезад, бояд дар ҳудуди Ҷамбудвипа воқеъ гашта бошад. Аз ин лиҳоз Бҳадра низ бояд яке аз шохобҳои болооби руди Вахш буда бошад.

Аммо тавре зикр гардид, сарзамини Куруҳо бояд водии Фарғонаи кунунӣ ва Уттаракуру дар шимоли кӯҳҳои Тяншан воқеъ шуда бошад. Яке аз шохобҳои Сир, ки аз қаторкӯҳи Алай ҷорӣ мегардад, Алайку ном дорад, ки бо номи бостонии яке аз шохобҳои Ганг Алака(нанда) мушобеҳ аст. Ҳоло низ дар Ҳиндустон Сирдарёро ДуттаГанг меноманд, ки маъноаш Ганги дуввум аст. Шаҳри Кубера – Алака дар домани кӯҳҳои Ҳимолой воқеъ шуда будааст. Ру-

[1] Рудҳои Вакшу, Пакша ва Ганг дар Россия, вилояти Архангельск вуҷуд доранд.

https://bikhon.tj

ди Ганг, ки духтари Ҳимолой низ ном доштааст, нахуст дар осмон гӯё ҷорӣ будааст. Вақте ки вай бар замин фурӯд омад, нахуст аз канори Алака ҷорӣ гардид. Аз ҳамин лиҳоз онро Алака, ҳамчунин Алакананда (шодкунандаи Алака) низ номиданд.[1]

Дар яке аз бахшҳои «Маҳабҳарата» «Удйогапарва» дар сифати мулкҳои шимолӣ омадааст: «Ва дар ин мулки шимолии дунё, ки беҳтарини мулкҳост... касе натавонад зист, агар ӯ пок ва нек набошад, агар нафсашро лаҷом назада бошад ва ё беинсофу ноодил бошад. Дар ин ҷо, дар қаторкӯҳи Ҳимован Махешвара сукунати ҷовидона дорад. Дар ҳамин ҷо буд, ки Маҳадева руди Гангро, ки аз осмон фурӯд меомад, (бо сари худ) нигоҳ дошта, ба вай имкон дод, ки дар олами башарӣ ҷорӣ гардад… Дар ҳамин ҷост, ки (намудор аст) эй гав, дар миёни дуборазодашудаҳо (дарёи осмонии) Манданикӣ ва (кӯҳи) Мандара. Дар ҳамин ҷой ситоразори Сватӣ ва тулӯи вай (нахуст) мушоҳида мешавад. Дар ҳамин ҷост (ки ба хубӣ дида мешавад) чи гуна моҳу офтоб ва дигар сайёраҳо пайваста (аз роҳи муқарраршудаашон) давр мезананд. Дар ҳамин ҷост, ки кӯҳи бо ном Кайлас – ҷойгоҳи Кубера сар бар осмон кашидааст. Дар ҳамин ҷост (намоён) изе, ки Вишнупада (изи пойи Вишну) ном дошта, ҳангоме ки ӯ аз се дунё қадам мезад, дар тамоми мулкҳои шимол барҷой монда буд. Дар ҳамин ҷост, ки… ҳомиёни кишварҳои дунё ҳар субҳу шом мегӯянд: кадом кореро ва барои кӣ ичро бикунем?» Бояд гуфт, изи пои Вишну ба водии Фарғона айният мегирад, ки он дар воқеъ ба изи пой мушобеҳ аст.

Аммо дар «Матся-пурана» гуфта мешавад, ки «Вақте Ганг ба замин фуруд омад, ба ҳафт шоха тақсим гардид, ки шохоби миёнаи он, ки асосиаш ба шумор меравад, бо ин ном (яъне Ганг) вуҷуд дорад. Се шохоб ба самти шарқ ҷорӣ гардиданд, ки Налини, Хрдини (Ладинӣ?), Павани ном до-

[1] Ҳоло ин рудро ба яке аз шохобҳои Ганг дар Ҳинд – БишенГанг айният додаанд (М. Ҳ.)

https://bikhon.tj

ранд; Сеи дигар ба ғарб ҷорӣ гардиданд, ки Сита, Чакшу ва Синдҳу ном доранд. Сита пас аз он ки аз Ҳимавант берун мешавад, аз кишварҳои Салила, Карстуба, Чина, Варвара, Яваса (?), Баҳа, Пушкара, Кулата, Мангала, Кавара и Сангаванта (?); гузашта ба уқёнуси Ғарбӣ мерезад[1].

Алакананда аз самти ҷанубии Браҳмапури (Браҳмасадана) ҷорӣ гардида, қуллаҳои кӯҳи мулкҳои гуногунро убур намуда, бо шиддати мудҳиш ба қуллаҳои кӯҳҳои Хемакута ва Химакута мерезад. Баъд аз Бҳаратаварша убур намуда, ба уқёнуси Шӯр мерезад.[2] Ба эҳтимол ин руд Ғунди кунунӣ мебошад.

Дар асари «Стҳананга-Сутра» бар боби «Гуфтор дар бахши рудҳои бузург (Маҳанади-пада)» роҷеъ ба мавқеияти рудҳои Ҷамбудвипа (Помир) маълумоти арзишманд дода шудааст. Аммо бояд гуфт, ки аксаран ин маълумот бо навиштаҳои дигар асарҳо дар ин маврид тафовут дошта, шумораи рудҳо, самти ҷараён ва дигар хусусиёти онҳо фарқкунанда мебошанд. Шояд бар асари таҳриру иловаҳои баъдӣ бошад, ки масалан руди Ганг дар Ҷамбудвипа ҳафт ё ҳаштто гуфта шудааст. Албатта, ҷиҳати айният бахшидани рудҳои асари мазкур бо рудҳои кунунии Бадахшон ва минтақаҳои атрофи он як таҳқиқоти хоса лозим аст. Ва ин ҷо барои маълумот аз боби китоби мазкур чанд намуна оварда мешавад.

---

[1] Шохобҳои шарқии Ганг бошанд – руди Ҳрадини аз мулкҳои нишабҳо, упаканҳо, дхиварҳо, пришакҳо, ниламукххо, кикарҳо, уштракарнҳо, яъне онҳое, ки лабҳояшон мисли гӯшҳо чаппа гардонанд; каратҳо, калидарҳо, виварнҳо, кушиканҳо ва Сваргабҳуми, яъне замини биҳиштосо ҷорӣ шуда, ба уқёнуси шимолӣ мерезад. Руди Паванӣ заминҳои купатҳҳоро [?], ки аз гуноҳ парҳез мекунанд, Индраюмнасар, яъне обанборҳои шоҳ Индраюмна, кхарапатҳҳо, битрҳо ва санкупатҳоро сероб менамояд. Вай аз биёбони Удянамурура, [кишвари] кушаправаранҳо, пас аз Индра-двипа гузашта, дар уқёнуси обҳои шӯр мерезад. Руди Налини аз мулкҳои тамарҳо, ҳамсамаргҳо, самухукҳо ва пурнҳо, ки аз бад парҳез мекунанд, мегузарад. Баъди тайи дараҳои кӯҳӣ ва сарзаминҳои зиёд ба баҳр мерезад.

[2] Бҳагавата, Панчама, Скандха, боби 17

https://bikhon.tj

«2.301 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Бҳарата, ки дар ҷануби Меру ҷой дорад, ду руди бузург – Ганг ва Синдҳу ҷорӣ мешаванд.

3.339-344 Аз кӯли Падма (ҳоло Суман – М.Ҳ.), ки дар кӯҳи Чуллаҳимаван, дар ҷануби кӯҳи Мандара воқеъ гаштаааст, се руди бузург сарчашма мегиранд: Ганг, Синдҳу ва Роҳитамша.

6.89 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, шаш руди бузург ҷорӣ мешаванд: Ганг, Синдҳу, Роҳита, Роҳитанша, Ҳарита ва Ҳариканта.

7.52, Ҳафт руди бузург, ки қитъаи Ҷамбудвипаро аз самти шарқӣ бурида мегузаранд, ба уқёнуси Лавана мерезанд: Ганг, Роҳита, Ҳарит, Сита, Нараканта, Суварнакула ва Ракта.

7.53 Ҳафт руди бузург, ки қитъаи Ҷамбудвипаро аз самти ғарбӣ бурида мегузаранд, ҳамчунин ба уқёнуси Лавана мерезанд: Синдҳу, Роҳитанша, Ҳариканта, Ситода, Нариканта, Рупякула ва Рактавати.

Роҷеъ ба маънои Ганг маълумоте дастрас нагардид. Аммо бояд гуфт, ки Кангдиж ва ё Гангдиж, номи се қалъаи ҳамноми Афросиёб буда, яке аз онҳо ба мавқеияти руди Сита наздик – дар самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл воқеъ буд. Афросиёб низ дар андаруни шаҳр-қалъаи худ чаҳор руд ҷорӣ карда буд. Маънои Канги Афросиёб аз кандан буда, он дар даруни кӯҳ сохта шуда буд. Шояд Ганг низ ба хотири он ки пӯстлохи сайёра канда шуда, об аз он шорида будааст, Ганг номида шудааст. Афросиёб худ пайрави оини ба истилоҳ ведоӣ буда, яке аз писаронаш Ҷаҳн ном дошт, ки он бо номи падархонди Ганг номгузорӣ гардида будааст. Яъне ӯ аз саргузашти руди Ганг ба хубӣ огоҳӣ дошта будааст.

Дар «Шоҳнома» аз руди Ганг ёд шудааст, ки он ба руди Гулзарриюн ҳоло Чирчик воқеъ дар самти шимоли шарқии Тошканди кунунӣ айният мегирад. Афросиёб ба нияти ҳуҷум ба кишварҳои эронӣ –

https://bikhon.tj

Шуд аз Бохтар сӯи дарёи Ганг,
Диле пур зи кина, саре пур зи ҷанг.

Сарфи назар аз гузаштани ҳазорсолаҳо ҳоло низ дар минтақаҳое, ки номҳои асливу аввалияи ин рудҳо ба вуҷуд омада буданд, имрӯз низ аз он номҳо баъзеро дар шаклҳои тағйирёфта дарёфт кардан мамкин аст. Яке аз он номҳо Тамисра аст, ки шакли дигари он дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ Тамидар буда, ба кӯҳи Тамара (Тамидара-Табидара-Тавилдара) дар ноҳияи кунунии Тавилдара боқӣ мондааст. Ҳарита (Хароб – номи руди Панҷ – дар адабиёти асримиёнагӣ), Вакш (Вахш), Синд (Ғунд), Коси – Коспар (руд дар Помир) ва дигар номҳо низ ҳаст. Ҳамчунин ҷараёни рудҳо, аз ҷумла аз кишвари Барбар ё Варвар гуфта шудааст, ки ин кишвар аз ҷониби муаллифи шумо ба мулкҳои резишгоҳи Сурхондарёи кунунӣ айният дода шудаанд. Дар ҷараёни рудҳое, ки ба Ому ва Сирдарёи кунунӣ ҳамроҳ мешаванд, номи палҳавҳо (паҳлавҳо), бахликҳо (балхиҳо) ва дигар номҳо вомехӯранд, ки аз лиҳози таъйини ҷуғрофияи ориёиҳо нақши муҳим доранд.

СТҲАНАНГА-СУТРА
(Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама)

(Тарҷума, ихтисоран)

«Стҳананга-сутра» яке аз асарҳоест, ки тақрибан дар асрҳои Ш то солшуморӣ эҷод гардида, ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла масоили ҷуғрофӣ бахшида шудаанд. Дар «Стҳананга-сутра» ҷуғрофияи Ҷамбудвипа – Помири кунунӣ бо тамоми минтақа ва кӯҳҳову рудҳо ва кӯлҳояш зикр гардидааст. Дар ин асар агарчи шинохти баъзе кӯҳҳову кӯлҳо ва рудҳо ба осонӣ даст диҳад ҳам, барои татбиқи тамоми онҳо таҳқиқоти хоса лозим аст. Дар саросари ин асар

https://bikhon.tj

баъзе кӯҳҳову рудҳо ва кӯлҳои он айнияти худро пайдо кардаанд.

Ҳоло тарҷумаи он қисмати ин асарро пешниҳод кардаем, ки танҳо масоили ҷуғрофии онро дар бар гирифтааст.

Боби 1

1.248 Дар маркази ҳамаи уқёнус ва қитъаҳо ҷазираи Ҷамбу воқеъ гаштааст, ки ҷазираи аз ҳама хурдтарин ба шумор меравад. Шаклаш мисли кулчақанди дар равған пухта, ё мисли чархи ароба, ё гули нилуфар, ё мисли моҳи пурра мудаввар аст. Дарозо ва паҳнояш 100000 йоҷан аст. (Давродаври вай андаке аз 316227 йоҷан, 3 коса, 28 дхануш ва 13 ангул зиёдтар аст.)

Сухан аз ҷойгоҳ:
(ҷуғрофияи қитъаи Ҷамбу) (Кшедра-пада)

2.268 Қитъаи Ҷамбудвипаро кӯҳи Меру ба ду ноҳия: ҷанубӣ – Бҳарата ва шимолӣ – Айравата ҷудо намудааст. Масоҳати ин ду ноҳия баробар буда, дар миёни онҳо дар нисбати шаҳрҳо, рудҳо ва дигар хусусиёт ягон тафовут ба назар намерасад. Чархи вақт дар ҳар ду минтақа мутлақан яксон давр мезанад. Дарозиву паҳно ва дигар андозаҳои онҳо як хел аст.

2.270 Бар илова аз он, Меру Ҷамбудвипаро боз ба ду ноҳияи дигар тақсим мекунад: ноҳияи шарқӣ – Пурва-Видеҳа ва ғарбӣ – Апара-Видеҳа. Масоҳати ин ду ноҳия баробар буда, дар миёни онҳо дар нисбати шаҳрҳо, рудҳо ва ғайра ягон тафовут ба назар намерасад. Чархи вақт дар ҳар ду минтақа мутлақан яксон давр мезанад. Дарозиву паҳно ва дигар андозаҳои онҳо як хел аст.

2.271 Дар шимоли кӯҳи Меру ду ҷойгоҳ вуҷуд дорад, ки Куру (Уттара-Куру ва Дева-Куру) ном доранд. Масоҳат ва дигар андозаҳои онҳо як хел аст. Дар ҳар як аз ин ҷойҳо як дарахти азим мерӯяд: дар Дева-Куру вай Коташалмали ва дар Уттара-Куру Сударшана ном доранд. Андозаи онҳо мутлақо якхела аст.

https://bikhon.tj

2.272 Дар шимол ва ҷануби Меру ду кӯҳи Варшадҳара, ки ҳамчун Кшулла-Ҳимаван ва Шикҳари маълум мебошанд, вуҷуд доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.273 Кӯҳҳои Маҳаҳимаван бо Рукми ва Нишадҳа бо Нилаванта низ ҳамин гуна воқеъ гаштаанд. (Кӯҳҳои Маҳаҳимаван ва Нишадҳа дар ҷануби кӯҳи Меру ва Нилаванта ва Рукми дар шимоли он воқеъ гаштаанд.)

2.274 Дар ҷануб ва шимоли Меру ҳамчунин ду кӯҳи мудаввари Вайтадҳё ҷой гирифтаанд: Шабдапати дар ҷануб, Ҳаймавата ва Викатапати дар шимоли Ҳайранявата воқеъ гаштаанд. Андоза ва дигар андозаҳои онҳо як хел аст.

2.275 Бар илова аз он, дар шимоли Меру ду кӯҳи дигар воқеъ гаштаанд: Гандҳапати дар ҷануби Ҳариваса ва Маляван дар шимоли Рамякаваса. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.276 Дар ҷануби кӯҳи Меру, дар ҷойгоҳи Дева-Куру, ду кӯҳи Вакшара ҷойгир гаштаанд: Сауманаса, дар қисмати шарқии он ва Видютпрабҳа дар ғарби он воқеъ гаштаанд. Тасвироти онҳо китфи аспро ба хотир меоранд: дар аввал паст, дар охир баланд. Ҳар ду кӯҳ мутлақан якхела буда, андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхелаанд.

2.277 Дар шимоли кӯҳи Меру дар ҷойгоҳи Уттара-Куру, як ҷуфт кӯҳи дигари Вакшара воқеъ гаштаанд: Гандҳамадана дар қисмати шарқии он ва Маляванта дар қисмати ғарбии он ҷой доранд. Тасвироти онҳо ба китфи асп монанд мебошад. Андоза, периметр ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.278 Дар шимоли кӯҳи Меру ду кӯҳи Дирга-Вайтадхё ҷой доранд, ки мутлақо ба ҳам монанд буда, хусусиёти якхела доранд. Яке дар ноҳияи Бҳарата-кшетра, дигар дар ноҳияи Айравата воқеъ гаштаанд.

Сухан аз ғорҳо (Гуҳа-пада)

2.279 Дар кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар Бҳарата-кшетра воқеъ гаштааст, ду ғор маълум аст, ки мутаносибан Тамисра ва Кҳандапратапа ном доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

https://bikhon.tj

2.280 Дар Айравата низ ду ғор бо ҳамон ном ва хусусиёт воқеъ гаштаанд.

Сухан аз қуллаҳои кӯҳҳо (Кута-пада)

2.281 Кӯҳи Чуллаҳимаван аз силсилаи Варшадҳара, дар самти ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гашта, ду қулла дорад: Чуллаҳимаванкута ва Вайшраманакута. Хусусиёти ин ду қулла якхела аст.

2.282 Кӯҳи Маҳаҳимаван аз силсилаи Варшадҳара, дар самти ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гашта, он низ ду қулла дорад: Маҳаҳимаванкута ва Вайдурякута.

2.283 Айнан ҳамин гуна кӯҳи дигар низ, ки дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст, кӯҳи Нишадҳа мебошад, ки ду қулла дорад: Нишадҳакута ва Ручакапрабҳакута.

2.284 Кӯҳи Нилаванта аз силсилаи Варшадҳара, ки дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, ду қулла дорад: Нилавантакута ва Упадаршанакута.

2.285 Кӯҳи Рукми, низ аз силсилаи Варшадҳара, дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, ки ду қулла дорад: Рукмикута ва Маниканчанакута.

2.286 Айнан ҳамин тавр, кӯҳи дигар аз силсилаи Варшадҳара дар шимоли Меру, – Шикҳари воқеъ гаштааст, ки ду қулла дорад: Шикҳарикута ва Тигинчҳакута. Ҳамаи хусусиёти номбаршудаи қуллаҳо андоза, дарозӣ ва баландии онҳо мутлақо якхела аст.

Сухан аз кӯлҳои бузург (Маҳадраҳа-пада)

2.*287* Дар кӯҳи Чуллаҳимаван – аз силсилаи Варшадҳара, ки дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст, кӯли Падмадраҳа ва дар кӯҳи Шикҳари – аз силсилаи Варшадҳара, ки дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, – кӯли Паундарикадраҳа ҷой гирифтаанд. Ҳар ду кӯл андозаи якхела доранд: фарқияте байни онҳо нест. Чархи вақт дар он ҷо яксон давр мезанад. Дарозо, паҳно, чуқурӣ, шакл ва дигар хусусияти онҳо тафовут намекунанд...

2.288 Дар кӯҳи Маҳаҳимаван аз силсилаи Варшадҳара, ки

https://bikhon.tj

дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст, кӯли Маҳападмадраҳа ва дар кӯҳи Рукми, ки дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, кӯли Маҳапаундарикадраҳа ҷой гирифтаанд.

2.289 Айнан ҳамин тавр, дар кӯҳи Нишадҳа, ки дар ҷануби Меру мебошад, кӯли Тигинччҳадраҳа ва дар кӯҳи Нилаван, ки дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, кӯли Кешаридраҳа ҷой гирифтаанд.

Хусусиёти ин кӯлҳо якхела аст. Эзадбону Дхритидеви дар кӯли Тигинччҳадраҳа ва эзадбону Киртидеви даркӯли Кешаридраҳа сукунат мекунанд.

Сухан аз дарёҳои бузург (Маҳанади пати)

2.290 Аз кӯли Маҳападмадраха, ки дар кӯҳи Маҳаҳимаван – дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст, ду руди бузург – Роҳита ва Ҳариканта сарчашма мегиранд.

2.291 Айнан ҳамин тавр, аз кӯли бузурги Тигинчҳадраҳа низ, ки дар кӯҳи Нишадҳа, дар ҷануби Меру воқеъ гаштааст, ду руди бузург – Ҳарита ва Ситода сарчашма мегиранд.

2.292 Аз кӯли Кешари, ки дар кӯҳи Нилаван, дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, ду руди бузург – Сита ва Нариканта сарчашма мегиранд.

2.293 Айнан ҳамин тавр, аз кӯли Маҳапаундарика низ, ки дар кӯҳи Рукми, дар шимоли Меру воқеъ гаштааст, ду руди бузург – Нараканта ва Рупякула сарчашма мегиранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

Сухан аз кӯлҳо ва обшорҳо (Прапатадраҳа-пада)

2.294 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Бҳарата, ки дар ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гаштааст, ду кӯл Гангпрапатадраҳа ва Синдҳупрапатадраҳа бо обшорҳояшон вуҷуд доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.295 Айнан ҳамин гуна дар ноҳияи Ҳаймавата ду кӯл – Роҳитапрапатадраҳа ва Роҳитаншапрапатадраҳа воқеъ гаштаанд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якест.

2.296 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Ҳариварша, ки дар ҷануби Меру воқеъ аст, ду кӯл – Ҳаритапрапатадраҳа ва

https://bikhon.tj

Ҳарикантапрапатадраҳа ва обшорҳо вуҷуд доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.297 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Маҳавидеҳа, ду кӯли бузург – Ситапрапатадраҳа ва Ситодапрапатадраҳа ва обшорҳо вуҷуд доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.298 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Рамяка, ки дар шимоли Меру мебошад, ду кӯл Наракантапрапатадраҳа ва Нарикантапрапатадраҳа ва обшорҳо вуҷуд доранд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.299 Айнан ҳамин гуна дар ноҳияи Ҳайранявата ду кӯл Сварнакулапрапатадраҳа ва Рупякулапрапатадраҳа ва обшорҳо вуҷуд дорад. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.300 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Айравата, ки дар шимоли Меру ҷой дорад, ду кӯл Рактапрапатадраҳа ва Рактаватипрапатадраҳа бо обшорҳо воқеъ гаштаанд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

Сухан аз дарёҳои бузург (Маҳанади-пада)

2.301 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Бҳарата, ки дар ҷануби Меру ҷой дорад, ду руди бузург – Ганг ва Синдҳу ҷорӣ мешаванд. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

2.302 Ҳамаи он чи ки болотар дар нисбати кӯл ва обшорҳо гуфта шуд, ба дарёҳо низ тааллуқ доранд. Суханро бо он ки дар ноҳияи Айравата ду руди бузурги Ракта ва Рактавати ҷорӣ мешаванд, ба охир мерасонем. Андоза ва дигар хусусиёти онҳо якхела аст.

Сухан аз ҳокимияти вақт (Кала-анубҳава-пада)

2.316 Одамоне, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Девакуру, ки он дар ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гаштааст ва одамоне, ки дар ноҳияи Уттаракуру, ки дар шимоли кӯҳи Меру ҷой гирифтааст, зиндагӣ мекунанд, аз саодату сарватҳои имконпазир абадӣ ҳаловат мебаранд...

https://bikhon.tj

2.317 Одамоне, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Ҳариварша, ки он ҷойгоҳ дар ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гаштааст ва одамоне, ки дар ноҳияи Рамякаварша, ки дар шимоли кӯҳи Меру воқеъ гаштааст, зиндагӣ мекунанд, ҳамеша аз саодат ва сарвати бузург ва ғайра, ки хоси нимдавраи саодат (сушама) мебошад, ба таври абадӣ ҳаловат мебаранд.

2.318 Одамоне, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Ҳаймавата, ки дар ҷануби кӯҳи Меру воқеъ гаштааст ва дар ноҳияи Ҳайранявата, ки дар шимоли кӯҳи Меру воқеъ гаштааст, зиндагӣ мекунанд, аз саодату сарват ва ғайра назар ба одамони дар самти муқобили онҳо сукунатдошта бештар ҳаловати абадӣ мебаранд, ки ин ҳол хоси нимдавраи сеюмест, ки давраи саодати бо ранҷ омезишёфта (сушама-душама) ном дорад.

2.319 Касоне, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Пурвавидеҳа, ки дар дар шарқи кӯҳи Меру ва дар ноҳияи Апаравидеҳа, ки дар ғарби кӯҳи Меру воқеъ гаштаанд, зиндагӣ мекунанд, аз саодату сарват ва ғайра назар ба одамони дар самти муқобили онҳо сукунатдошта камтар ҳаловати абадӣ мебаранд, ки ин ҳол хоси нимдавраи сеюмест, ки давраи саодати бо ранҷ омезишёфта (сушама-душама) ном дорад.

2.320 Танҳо одамоне, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар мулки Бҳарата-варша, ки дар ҷануби Меру ва дар мулки Айравата, ки дар шимоли Меру, зиндагӣ мекунанд, маҷбуранд, ки аз ҳамаи шаш давраи (ара) нимдавра бо шароити мутаносиби онҳо убур намоянд.

Сухан аз Сайёра ва Галласитора (Накшатра-пада)

2.323 Дар осмони болои қитъаи Ҷамбудвипа сайёраҳои зерин ҷуфт-ҷуфт воқеъ гаштаанд: Криттика (Плеяда), Роҳини (Алдебаран), Мригаширша (ламбда Орион), Ардра (алфа Орион), Пунарвасу (бета Ҷавзо), Пушя (делта Саратон), Ашлеша (алфа Гидра), Магҳа (Регул), Пурва Пҳалгуни

https://bikhon.tj

(делта Асад), Уттара Пҳалгуни (бета Асад), Ҳаста (делта Ворона), Читра (Спика), Свати (Арктур), Вишакҳа (алфа Мизон), Анурадҳа (делта Акраб), Ҷештҳа (Антарес), Мула (ламбда Акраб), Пурва Ашадҳа (делта Қавс), Уттара Ашадҳа (сигма Қавс), Абхиҷита (Лира), Шравана (алфа Орла), Дҳаништҳа (бета Делфин), Шатабхиша (ламбда Далв), Пурва Бҳадрапада (алфа Пегас), Уттара Бҳадрапада (гамма Пегас), Ревати (дзета Ҳут), Ашвини (бета Ҳамал), Бҳарани (35 Ҳамал) – ҳамаи сайёраҳои мазкур бо Моҳ, пайваст буданд, пайваст ҳастанд ва пайваст хоҳанд буд.

Сухан аз эзадҳои галласитораҳо (Накшатра-дева-пада)

2.324 Ҳар як галласитора дорои як ҷуфт эзад мебошад: номи он эзадон чунин аст: Агни, Праҷапати, Сома, Рудра, Адити, Бриҳаспати, Сарпа, Писе, Бҳага, Аряма, Савита, Тваштҳа, Вайю, Индрагни, Митра, Индра, Нирити, Ап, Вишва, Браҳма, Вишну, Васу, Варуна, Аҷа, Вивриддхи, Пушан, Ашва ва Яма.

Сухан аз сайёраҳои бузург (Маҳаграҳа-пада)

2.325 Дар осмони болои қитъаи Ҷамбудвипа 88 ҷуфт сайёраи бузург маълум аст: Ангарака, Викалака, Лохитакша, Шанишчара, Аҳута, Праҳута, Кана, Канака, Канаканака, Канакавитанака, Канакасантанака, Сома, Саҳита, Ашвасана, Каропага, Карватака, Аҷакарака, Дундубҳака, Шанкҳа, Шанкҳаварна, Шанкҳаварнабҳа, Канса, Кансаварна, Кансаварнабҳа, Рукми, Рукмабҳаса, Нила, Нилабҳаса, Бҳасма, Бҳасмараши, Тила, Тилапушпаварна, Дака, Дакапанчаварна, Кака, Каркандҳа, Индрагни, Дхумакету, Ҳари, Пингала, Буддҳа, Шукра, Бронҳоаспати, Раху, Агасти, Манавака, Каша, Спарша, Дхура, Прамукҳа, Виката, Висандхи, Ниялла, Паилла, Ҷадияилага, Аруна, Агнила, Кала, Маҳакалака, Свастика, Саувастика, Вардҳаманака, Праламба, Нитялока, Нитодота, Сваямпрабҳа, Авабҳаса, Шреяскара, Кшеманкара, Абҳанкара, Прабҳанкара, Апара ҷита, Аҷарас, Ашока, Вигаташока, Вимала, Вивата, Витраста, Вишала, Шала, Су-

https://bikhon.tj

врата, Анивритти, Экаҷатин, Ҷатин, Каракарика, Раҷаргала, Пушпакету, Бҳавакету – инҳоянд 88 ҷуфт сайёра, ки дар осмони болои Ҷамбудвипа дар гардиш буданд, дар гардиш ҳастанд ва дар гардиш хоҳанд буд.

Сухан аз пуштакӯҳҳои Ҷамбудвипа (Ҷамбудвипа-ведика-пада)

2.326 Дар маркази Ҷамбудвипа пӯштакӯҳе вуҷуд дорад, ки баландиаш ду косро ташкил медиҳад.

Сухан аз уқёнуси Лавана (Лавана-Самудра-пада)

2.327 Паҳнои уқёнуси Лавана шакли мудаввар дошта, 200000 йоҷанро ташкил медиҳад.

2.328 Дар маркази уқёнуси мазкур пӯштакӯҳе ба шакли платформа ва ба қадри ду коса баланд вуҷуд дорад.

Сухан аз ҷойои зиёрат (Тиртҳа-пада)

3.105 Дар ноҳияи Бҳарата, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, се ҷойи зиёрат вуҷуд дорад: Магадҳа, Варадама ва Прабҳаса.

3.106 Ба ҳамон миқдор ҷойҳои зиёрат дар Айрават вуҷуд дорад.

3.107 Дар ҳар кадом аз давлатҳое, ки чакравартиҳо дар ноҳияи Маҳавидеҳа, ки дар Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, асос гузоштаанд, се ҷойи зиёрат вуҷуд дорад: Магадҳа, Варадама ва Прабҳаса.

3.108 Дар нимаҳои шарқӣ ва ғарбии қитъаҳои Дҳатакикҳанда ва Пушкарардҳа се ҷойи зиёрат вуҷуд дорад.

Тафсир: *Умуман, ҷойҳои зиёрат ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: онҳое, ки муваққатианд, яъне одамон сохтаанд ва онҳое, ки абадианд, яъне сохтаи эзадонанд.*

Дар ноҳияҳои Бҳарата ва Айравата, инчунин дар ҳар кадом аз 32 давлат (вичая) ноҳияи Маҳавидеҳа 32 ҷойи зиёрат, вуҷуд дорад, ки дар маҷмӯъ 102 ҷойро ташкил медиҳанд. Дар ҳар кадом аз ду нимаи қитъаҳои Дҳатакикҳанда ва Пушкаравара се ҷойи зиёрат маълум аст. Ҳамин тавр, шумораи умумии ҷойҳои зиёрат ҳамагӣ дар

https://bikhon.tj

ноҳияи сукунати одамон (Адҳаи-двипа), 510 ҷойро ташкил медиҳанд...

«Варша» бо «а»-и кӯтоҳи охир маънои «сол», «борон»(ба ин маъно а-дароз низ меояд) баъзан маънои «кишвар»-ро низ дорад. Шри Амар Муни онро ҳамчун «ҷойгоҳ», тафсир кардааст.

Номи «Вритта Вайтадхья» ба пурра тарҷума намешавад: «вритта» маънои гирдро дорад. (чунин мегуморанд, ки шакли ин кӯҳҳо гирд будааст.), «вайтадхья», эҳтимолан, исми хос бошад.

Чунин шуморида мешавад, ки Ҷамбудвипа бо кадом чизе, саддмонад ё деворе иҳота гардида, ва дар маркази ин қитъа баландии кӯҳе воқеъ гаштааст, ки ба платформа шабеҳият дорад.

Тафсир: ***«Паршва-спришта»:*** ***Кос****: воҳиди дарозии ҳиндӣ, ки тақрибан 3-4 км.-ро ташкил медиҳад.*

Йоҷан: *воҳиди таърихии дарозӣ дар ҳар минтақа тафовут дошта, 2-8 косро ташкил медиҳад.*

Сухан аз замини ғайри қобили меҳнат
(Акарма-бҳуми-пада)

3.331-332 Дар қитъаи Ҷамбу, дар ҷануби кӯҳи Мандара, се мулкҳои ғайри қобили меҳнат воқеъ гаштаанд: Ҳаймавата, Ҳариварша ва Девакуру. Дар шимоли ҳамон кӯҳ се мулки дигар бо чунин хусусиёт воқеъ гаштаанд: Уттаракуру, Рамякварша ва Ҳайранявата.

Сухан аз ноҳияҳо (Варша-пада)

3.333-334 Дар қитъаи Ҷамбу, дар ҷануби кӯҳи Мандара, се ноҳия воқеъ гаштаанд: Бҳарата, Ҳаймавата ва Ҳариварша. Дар шимоли ҳамон кӯҳ се ноҳияи дигар дигар воқеъ гаштаанд: Рамякварша, Ҳайранявата ва Айравата.

Сухан аз кӯҳҳои Варшадҳара
(Варшадҳара-парвата-пада)

3.335-336 дар қитъаи Ҷамбу, дар ҷануби кӯҳи Мандара, се кӯҳи Варшадҳара ҷойгир гаштаанд: Чуллаҳимаван,

https://bikhon.tj

Маҳаҳимаван ва Нишадҳапарват. Дар шимоли ҳамон кӯҳ се кӯҳи дигар ҷойгир гаштаанд: Нилаван, Рукми ва Шикҳари.

Сухан аз кӯлҳои бузург (Маҳадраҳа-пада)

3.337-338 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, се кӯли бузург ҷой дорад: Падма, Маҳападма ва Тингичҳа. Дар ин кӯлҳои бузург эзадбону – Шридеви, Ҳридеви ва Дҳритидеви сукунат доранд, ки давомнокии умри онҳо ба палопама мерасад. Дар шимоли ҳамон кӯҳ боз се кӯли дигар маълум аст: Кешари, Маҳапундарика ва Пундарика. Номи эзадбонувоне, ки дар он ҷо сукунат мекунанд, чунин аст: Киртидеви, Буддҳидеви ва Лакшмидеви.

Сухан аз дарёҳо (Нади-пада)

3.339-344 Аз кӯли Падма, ки дар кӯҳи Чуллаҳимаван, дар ҷануби кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, се руди бузург сарчашма мегиранд: Ганг, Синдҳу ва Роҳитамша. Аз кӯли Пундарика, ки дар кӯҳи Шикҳари – дар шимоли кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, се руди бузург сарчашма мегиранд: Суварнакула, Ракта ва Рактавати. Дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузурги Сита се руди миёна ҷорӣ мешаванд: Граҳавати, Драҳавати ва Панкавати. Дар он ҷо, аммо дар самти ҷануб руди бузург Сита ва се руди миёна ҷорӣ мешаванд: Таптаҷала, Маттаҷала ва Унматтаҷала. Дар ғарби кӯҳи бузург Мандара ва шимоли руди бузург Ситода се руди миёнаи дигар ҷорӣ мешаванд: Кширода, Синҳасрота ва Антарвахини. Дар ҳамон ҷо, аммо дар ҷануби руди бузург Ситода, боз се руди миёна ҷорӣ мешаванд: Урмималини, Пхенамалини ва Гамбхирамалини.

Сухан аз бузургтаринҳо (Маҳатимаҳалая-пада)

3.363 Се (воҳиди ҷуғрофии) дар зоти худ бузургтарин вуҷуд дорад: дар миёни кӯҳҳо – кӯҳи Меруи қитъаи Ҷамбудвипа, дар миёни баҳрҳо – Сваямбҳурамана, дар миёни дунёҳои осмонӣ– Браҳмалока.

Сухан аз давраи вақт (Калачакра-пада)

4.307 Бар иловаи Девакуру ва Уттаракуру, дар қитъаи

https://bikhon.tj

Ҷамбудвипа чор мулкҳои ғайри қобили меҳнат вуҷуд дорад: Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша ва Рамякварша.

Дар ҳар як аз онҳо кӯҳи Вайтадҳя воқеъ гаштааст, ки номашон мутаносибан чунин аст: Шабдапати, Викатапати, Гандҳапати ва Малаяватпаряя. Дар он кӯҳҳо чор эзад аз гурӯҳи Маҳардхика – Свати, Прабҳаса, Аруна ва Падма, сукунат мекунанд...

Сухан аз Маҳавидеҳа (Маҳавидеҳа-пада)

4.308 Ноҳияи Маҳавидеҳа, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, ба чор бахш ҷудо мешавад: Пурва-видеҳа, Апара-видеҳа, Дева-куру ва Уттаракуру.

Сухан аз кӯҳҳо (Парвата-пада)

4.309 Баландии кӯҳҳои Нишадҳа ва Нилаванта аз силсилаи Варшадҳара ба 400 йоҷан мерасад, бар илова аз он буни онҳо дар қаъри замин ба 400 кос фурӯ рафтааст.

4.310 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Меру ва шимоли руди бузург Сита чор кӯҳи Вакшаскара ҷойгир гаштаанд: Читракута, Падмакута, Налинакута ва Экашайлакута.

4.311 Дар ҳамон ҷо, дар ҷануби руди бузурги Сита, чор кӯҳи дигар ҷойгир гаштаанд: Секута, Вайшраманакута Анҷанакута ва Матанҷанакута.

4.312 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Меру ва ҷануби руди бузурги Ситода, чор кӯҳи Вакшаскара ҷойгир гаштаанд: Анкавати, Пакшмавати, Ашивиша ва Сукҳаваҳа.

4.313 Дар ҳамон ҷо дар шимоли руди бузург Ситода чор кӯҳи дигар ҷойгир гаштаанд: Чандрапарвата, Суряпарвата, Девапарвата ва Нагапарвата.

4.314 Дар ҳамон ҷо, аммо дар чор самти байнисамтии кӯҳи Меру чор кӯҳи дигари Вакшаскара ҷойгир гаштаанд: Сауманаса, Видютпрабҳа, Гандҳамадана ва Маляван.

Сухан аз кӯҳи Мандара (Мандара-парвата-пада)

4.316 Дар кӯҳи Мандара (Меру), ки дар миёни қитъаи Ҷамбудвипа қад кашидааст, чор ҷангал мерӯяд: Бҳадрашала, Нандана, Сауманаса ва Пандака.

https://bikhon.tj

4.317 Дар ҷангали Пандака чор санги зиёрат (помазания): Пандукамбала (шарқӣ), Атипандукамбала (ҷанубӣ), Рактакамбала (ғарбӣ) ва Атиректакамбала (шимолӣ) вуҷуд доранд.

Тафсир: *Аз чор ҷангали зикргардида ҷангали бештар муқаддас Пандака ба шумор меравад, зеро ки маҳз дар он маросими чилликкашии тифлҳои навзод – тиртҳанка гузаронда мешавад. Дар қуллаҳое, ки дар нимаи шарқӣ ва ғарбии ҷангал воқеъ гаштаанд, ба муносибати таваллуди тиртҳанкарҳо, ки дар ноҳияи Маҳавидеҳа таваллуд шудаанд, маросими ид бар ҷой оварда мешавад. (Дар ин ҷойҳо ду тахти шердор гузошта шудаанд), дар нимаи шимолӣ ва ҷанубӣ – маросими ид ба шарафи тиртҳанкарҳои ноҳияҳои Айравата ва Бҳарата барпо мегардад. (Дар ин сангҳо фақат яктоӣ тахт гузошта шудааст).*

4.318 Фарохии (паҳнои) қулла кӯҳи Мандара ба чор йоҷан баробар аст.

4.319 Ҳамаи он чи ки дар сутраҳои 4.304-318, пештар, дар нисбати қитъаи Ҷамбудвипа гуфта шуд, бо айнияти баробар барои нимаи шарқӣ ва ғарбии қитъаҳои Дҳатакикҳанда ва Пушкравара мувофиқ мебошад.

Сухан аз Дарвозаҳо (Дура-пада)

4.320 Ҷамбудвипа чор даромадгоҳ дорад: Виҷая-двара, Вайҷаянта-двара, Ҷаянта-двара ва Апараҷита-двара. Паҳно ва баландии ин дарвозаҳо ба чор йоҷан баробар аст. Бар илова аз он, дар онҳо чор эзад аз гурӯҳи Маҳардхика – Виҷаядева, Вайҷаянтадева, Ҷаянтадева ва Апараҷитадева меоянд, ки давомнокии умри онҳо ба як палопама мерасад.

Сухан аз ҷазираҳои миёна (Антара-двипа)

4.321 Дар наздикии қитъаи Ҷамбу, дар ҷануби кӯҳи Меру ва дар чор самти байнисамтӣ аз кӯҳи Кшуллакаҳимаван, ки ба силсилаи Варшадҳара шомил мебошад, ё агар аз соҳил ба ҳисоб гирифта шавад, он гоҳ ҳар яке дар масофаи сесад йоҷан, дар миёни уқёнуси Лавана чор ҷазираи мобайнӣ

https://bikhon.tj

воқеъ гаштаанд: Экорука, Абҳашика, Вайшаника ва Лангулика. Дар ин ҷазираҳо чор қабилаи одамон зиндагӣ мекунанд: Экорука, Абҳашика, Вайшаника ва Лангулика.

Сухан аз ғорҳои кӯзашакли бузург (Маҳапатала-калаша-пата)

4.329 Дар миёни уқёнуси Лавана, дар масофаи 95000 йоҷан аз гӯшаи берунии пӯштакӯҳи (ведика) Ҷамбудвипа, боз ҳамин гуна дар чор самти ин пӯштакӯҳ, чор ғори азим воқеъ гаштаанд, ки андозаашон бузург буда, шаклашон кӯзаи азимро ба хотир меоварад. Номҳои онҳо чунинанд: Валаямукҳа (шарқ), Кетука (ҷануб), Юпака (ғарб) ва Ишвара (шимол). Дар болои онҳо чор эзад аз гурӯҳи Маҳардхика, истодаанд, ки давомнокии умри онҳо ба як палопама мерасад: Кала, Маҳакала, Веламба ва Прабҳанҷана.

Сухан аз маъвоҳо даркӯҳҳо (Аваса-парвата-пада)

4.330 Дар миёни уқёнуси Лавана, дар масофаи 42000 йоҷан аз гӯшаи берунии пӯштакӯҳи Ҷамбудвипа, ҳамчунин, дар чор самти ин пӯштакӯҳ, чор ҷойгоҳи Веландҳара-Нагараҷа воқеъ гаштаанд: кӯҳҳои Гоступа, Удавабҳаса, Шанкҳа ва Дакасима. Дар ҳамон ҷо чор эзад аз гурӯҳи Маҳардхика – Гоступа, Шивака, Шанка ва Манахшилака сукунат доранд, ки давомнокии умри онҳо ба як палопама мерасад.

4.331 Дар миёни уқёнуси Лавана, дар масофаи 42000 йоҷан аз гӯшаи пӯштакӯҳи берунии Ҷамбудвипа, дар чор самти байнисамтии ин пӯштакӯҳ чор ҷойгоҳи Ануверландҳара-Нагараҷа воқеъ гаштаанд: кӯҳи Какротака, Видютпрабҳа, Кайлаша ва Арунапрабҳа. Дар ҳамон ҷо чор эзад аз гурӯҳи Маҳардхика – Каркотака, Кардамака, Кайлаша ва Арунапрабҳа сукунат доранд, ки давомнокии умри онҳо ба як палопама мерасад.

Сухан аз ҷирмҳои осмонӣ (Ҷётиша-пада)

4.332 Дар болои уқёнуси Лавана чор моҳ рушанӣ мекарданд, рушанӣ мекунанд ва дар оянда низ рӯшанӣ хоҳанд

https://bikhon.tj

кард. Уқёнуси Лаванаро чор офтоб гарм мекарданд, гарм мекунанд, дар оянда низ гарм хоҳанд кард. Ҳамаи галласитораҳо дар болои уқёнуси Лавана – аз Криттика (Плеяда) то Бҳарани, дар ҳамҷоягӣ бо Моҳ гардиш мекунанд.

Сухан аз баҳрҳо (Самудра-пада)

4.652 Чор уқёнус вуҷуд доранд, ки ҳар як бо маззаи хоси худ фарқ мекунанд: Лавана – мисли намаки оддӣ; Варуна – мисли май масткунанда; Кшира – сафеду ширин, мисли шир; ва Гхрита – часпак мисли равған.

Сухан аз дарёҳои бузург (Маҳанади-пада)

5.230 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, панҷ руди бузург ба руди бузурги Ганг мерезанд: Ямуна (Ҷамна), Сарайю, Ави, Коси ва Махи.

5.231 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, панҷ руди бузург ба руди бузурги Синдҳу мерезанд: Шатадру, Витаста, Випаса, Айравати ва Чандрабҳага.

5.232 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шимоли кӯҳи Мандара, панҷ руди бузург ба руди бузург Ракта мерезанд: Маҳакришна, Нила, Маҳанила ва Маҳатира.

5.233 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шимоли кӯҳи Мандара, панҷ руди бузург ба руди бузург Рактавати мерезанд: Индра, Индрасена, Сусена, Варисена ва Маҳабхога.

Сухан аз заминҳо ва кӯҳҳо (Кшетра-парвати)

6.83 Дар қитъаи Ҷамбудвипа шаш мулки ғайри қобили меҳнат (акарма-бҳуми) вуҷуд доранд: Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша, Рамякварша, Девакуру ва Уттаракуру.

6.84 Дар қитъаи Ҷамбудвипа шаш ноҳия (варша) вуҷуд дорад: Бҳарата, Айравата, Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша ва Рамякварша.

6.85 Дар қитъаи Ҷамбудвипа шаш кӯҳи Варшадҳара вуҷуд доранд: Кшудра-Ҳимаван, Маҳаҳимаван, Нишадҳа, Нилаван, Рукми ва Шикҳари.

6.86 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара шаш қулла – Кшудраҳимаван-кута, Вайшрамана-кута,

https://bikhon.tj

Маҳаҳимаван-кута, Вайдуря-кута, Нишадҳа-кута ва Ручака-кута воқеъ гаштаанд.

6.87 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шимоли кӯҳи Мандара, шаш қулла – Нилаванта-кута, Упадаршана-кута, Рукми-кута, Маниканчана-кута, Шикҳари-кута ва Тигинчхи-кута воқеъ гаштаанд.

Сухан аз кӯлҳои бузург (Маҳадраҳа-пада)

6.88 Дар қитъаи Ҷамбудвипа шаш кӯли бузург вуҷуд дорад: Падмадраҳа, Маҳападмадраҳа, Тигинчҳадраҳа, Кешаридраҳа, Маҳапундарикадраҳа ва Пундарикадраҳа...

Сухан аз дарёҳои бузург (Маҳанади-пади)

6.89 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, шаш руди бузург ҷорӣ мешаванд: Ганг, Синдҳу, Роҳита, Роҳитанша, Ҳарита ва Ҳариканта.

6.90 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, шимоли кӯҳи Мандара, шаш руди бузург ҷорӣ мешаванд: Нараканта, Нариканта, Суварнакула, Рупякула, Ракта ва Рактавати.

6.91 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара (яъне дар дар ноҳияи Маҳавидеҳа), шаш руди миёна ҷорӣ мешаванд, ки дар ҳар ду соҳили руди бузурги Сита мерезанд: Граҳавати, Драҳавати, Панкавати, Таптаҷала, Маттаҷала ва Унматтаҷала.

6.92 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара, шаш руди миёна ҷорӣ мешаванд, ки дар ҳар ду соҳили руди бузург Ситода мерезанд: Кширода, Синҳасрота, Антарвахини, Урмималини, Пхенамалини ва Гамбхирамалини.

Сухан аз қитъаи Дҳатакикҳанда ва Пушкаравара (Дҳатикананда-Пушкараварапада)

6.93 Дар нимаи шарқии қитъаи Дҳатакикҳанда шаш мулки ғайри қобили меҳнат ҷойгир гаштаанд: Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша, Рамякварша, Девакуру ва Уттаракуру.

6.94 Ҳамаи он чи ки пештар нисбати Ҷамбудвипа аз ноҳияи (варша) то рудҳои миёна гуфта шуд, ба нимаи ғар-

https://bikhon.tj

бии қитъаи Дҳатакикҳанда ва ба ҳар ду нимаи (шарқӣ ва ғарбии) қитъаи Пушкаравара низ мувофиқ меояд.

Сухан аз заминҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо (Кшетра-парвата-нади-пада)

7.50 Дар қитъаи Ҷамбудвипа ҳафт ноҳия вуҷуд дорад: Бҳарата, Айравата, Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша, Рамякварша ва Маҳавидеҳа.

7.51 Дар қитъаи Ҷамбудвипа ҳафт кӯҳи Варшадҳара вуҷуд дорад: Кшудраҳимаван, Маҳаҳимаван, Нишадҳа, Нилаван, Рукми, Шикҳари ва Мандара (Меру).

7.52, Ҳафт руди бузург, ки қитъаи Ҷамбудвипаро аз самти шарқӣ бурида мегузаранд, ба уқёнуси Лавана мерезанд: Ганг, Роҳита, Ҳарит, Сита, Нараканта, Суварнакула ва Ракта.

7.53 Ҳафт руди бузург, ки қитъаи Ҷамбудвипаро аз самти ғарбӣ бурида мегузаранд, ҳамчунин ба уқёнуси Лавана мерезанд: Синдҳу, Роҳитанша, Ҳариканта, Ситода, Нариканта, Рупякула ва Рактавати.

Сухан аз қуллаҳо (Кута-пада)

7.150 Кӯҳи Сауманаса Вакшаскара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, ҳафт қулла дорад: Сиддҳакута, Сауманасакута, Мангалаватикута, Девакурукута, Вималакута, Канчанакута ва Вишиштакута.

7.151 Кӯҳи Гандҳамадана Вакшаскара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, воқеъ гаштааст, ҳафт қулла вуҷуд дорад: Сиддҳакута, Гандҳамаданакута, Гандҳилаватикута, Уттаракурукута, Спҳатикакута, Лохитакшакута ва Ананданакута.

Сухан аз қитъаи Ҷамбудвипа (Ҷамбудвипа-пада)

8.63-64 Баландии дарахти зебои Ҷамбу ҳашт йоҷанро ташкил медиҳад. Паҳнои вай дар миёна низ ҳамин қадар буда, давродавраш, умуман, каме аз ҳашт йоҷан зиёдтар аст ва дарахти Куташалмали низ ҳамин гуна аст.

8.65-66 Баландии даромадгоҳи ғори Тамисра ҳашт йоҷанро ташкил медиҳад...

https://bikhon.tj

Тафсир: *Дар нишебии кӯҳи Вайтадҳя ду ғор воқеъ гаштаанд: Тамисра – дар самти ғарби он ва Кҳандапрапата – дар шарқ. Роҳ ба сӯи ғори дуюм дар соҳили руди Ганг ва ба ғори якум аз соҳили руди Синдҳу вуҷуд доранд. Дар ҳар як ғор як ҷуфт дарвоза вуҷуд дорад, ки дар самти шимол ва ҷануб воқеъ гаштаанд. Ин дарвозаҳо ҳамеша бастаанд. Вақте чакравартин ҷиҳати тасхир кардани ҳамаи ноҳияҳои замин ба юруш мебарояд, сарлашкари вай дарвозаи ғори Тамисраро дар аввали ҳаракат ва дарвозаи ғори Кҳандапрапата ҳангоми бозгашт аз юруш мекушояд.*

8.67 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, аз самти шарқи кӯҳи Мандара дар ҳар ду соҳили руди бузург Сита ҳашт кӯҳи Вакшаскара сар кашидаанд: Читракута, Пакшмакута, Налинакута, Экашайла, Трикута, Вайшраманакута Анҷанакута ва Матанҷанакута.

8.68 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар самти ғарбии кӯҳи Мандара ва дар ҳар ду соҳили руди бузург Ситода, ҳашт кӯҳи Вакшаскара сар кашидаанд: Анкавати, Пакшмавати, Ашивиша, Сукҳаваҳа, Чандрапарвата, Суряпарвата, Нагапарвата ва Девапарвата.

Сухан аз Виҷая-кшетра (Виҷая-пада)

8.69 дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Сита ҳашт виҷая-кшетр воқеъ гаштаанд: Каччҳа, Сукаччҳа, Маҳакаччҳа, Каччҳакавати, Аварта, Мангалаварта, Пушкала ва Пушкалавати.

8.70 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Сита, ҳашт виҷая-кшетр воқеъ гаштаанд: Ватса, Суватса, Маҳаватса, Ватсакавати, Рамя, Рамяка, Рамания ва Мангалавати.

8.71 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Ситода, ҳашт виҷая-кшетр воқеъ гаштаанд: Пакшма, Супакшма, Маҳапакшма, Пакшмакавати, Шанкҳа, Налина, Кумуда ва Салилавати.

8.72 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Ситода, ҳашт виҷая-кшетр воқеъ

https://bikhon.tj

гаштаанд: Вапра, Сувапра, Маҳавапра, Вапракавати, Валгу, Виҷая Сувалгу, Гандхила ва Гандхилавати.

Сухан аз марказҳо (Раҷадҳани-пада)

8.73 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Сита, ҳашт марказ воқеъ гаштаанд: Кшема, Кшемапури, Ришта, Риштапури, Кҳадги, Манҷуша, Аушадхи ва Паундарикини.

8.74 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Сита, ҳашт марказ воқеъ гаштаанд: Сусима, Кундала, Апараҷита, Прабҳанкара, Анкавати, Пакшмавати, Шубҳа ва Ратнасанчая.

8.75 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Ситода, ҳашт марказ воқеъ гаштаанд: Ашвапури, Синҳапури, Маҳапури, Виҷаяпури, Апараҷита, Апара, Ашока ва Виташока.

8.76 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Ситода, ҳашт марказ воқеъ гаштаанд: Виҷая, Вайҷаянти, Ҷаянти, Апараҷита, Кҳадгапури, Авадхя ва Айодхя.

Сухан аз кӯҳҳо ва ғорҳо (Парвата-гупҳа-пада)

8.81 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Сита ҳаштто кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ғори Тамисра ва ғори Кҳандакапратапа воқеъ гаштаанд ва ҳаштто эзади Критамалака, Нритямалака, Гангкунда ва Синдҳукунда сукунат доранд. Инчунин ҳашт руди Ганг ва Синдҳу ҷорӣ гашта, ҳаштто кӯҳи Ришабҳакута вуҷуд дошта, эзадони мутаносиби онҳо сукунат доранд.

8.82 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара ва дар шимоли руди бузург Сита ҳаштто кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ғори Тамисра ва ғори Кҳандакапратапа воқеъ гашта, ҳаштто эзад Критамалака, Нритямалака, Рактакунда ва Рактаватикунда сукунат мекунанд, ҳаштто руди Ракта ва Рактавати ҷорӣ мешаванд ва ҳаштто кӯҳи Ришабҳакута ва онҳо эзадони мутаносиби онҳо сукунат доранд.

https://bikhon.tj

8.83 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Ситода ҳашттоӣ кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ғори Тамисра ва ғори Кҳандакапратапа воқеъ гашта, ҳашттоӣ эзади Критамалака, Нритямалака, Нритямалака, Гангкунда ва Синдҳукунда сукунат мекунанд, ҳашттоӣ руди Ганг ва Синдҳу ҷорӣ гашта, ҳашт кӯҳ Ришабҳакута эзадони мутаносиби онҳо сукунат доранд.

8.84 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара ва дар ҷануби руди бузург Ситода ҳашттоӣ кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ғори Тамисра ва ғори Кҳандакапратапа воқеъ гашта, ҳашттоӣ эзади Критамалака, Нритямалака, Ракта-кунда ва Рактаватикунда, сукунат мекунанд, ҳашттоӣ руди Ракта ва Рактавати ҷорӣ гашта, ҳашт кӯҳ Ришабҳакута эзадони мутаносиби онҳо сукунат доранд.

8.85 Паҳнои қулла Мандарачулика дар бахши миёнаи вай ҳашт йоҷанро ташкил медиҳад.

Сухан аз қуллаҳо (Куту-пада)

8.91 Дар ҷангали Бҳадрашала, ки дар кӯҳи Мандара, дар қитъаи Ҷамбудвипа мерӯяд, ҳашт қуллаи Дишаҳастикута (аз рӯи тасвироти худ ба шакли фил монанд ва ба ҳашт самтҳои асосӣ ва байнисамтӣ қад кашида) вуҷуд доранд: Падмоттара, Нилаван, Суҳасти, Анҷанагири, Кумуда, Палаша, Авадар он ҷосака ва Рочанагири.

Сухан аз қуллаҳо (Кута-пада)

8.93 Кӯҳи Маҳаҳимаван-Варшадҳара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Сиддҳакута, Маҳаҳимаван-кута, Ҳимаван-кута, Роҳита-кута, Хрикута, Ҳариканта-кута, Ҳариварша-кута ва Вайдуря-кута.

8.94 Кӯҳи Рукми-Варшадҳара, дар қитъаи Ҷамбудвипа дар шимоли кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Сиддҳакута, Рукмикута, Рамяка-кута, Нараканта-кута, Буддҳи-кута, Рупя-кута, Ҳайранявата-кута ва Маниканчана-кута.

https://bikhon.tj

8.95 Кӯҳи Ручакавара-Варшадҳара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа дар шарқи кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Риштакута, Тапания-кута, Канчана-кута, Раҷата-кута, Дишасвастика-кута, Праламба-кута, Анҷана-кута ва Анҷанапулака-кута.

8.96 Кӯҳи дигар – Ручакавара-Варшадҳара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, низ бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Канака-кута, Канчана-кута, Падма-кута, Налина-кута, Шаши-кута, Дивакара-кута, Вайшрамана-кута ва Вайдуря-кута.

8.97 Кӯҳи сеюм Ручакавара-Варшадҳара низ, ки қитъаи Ҷамбудвипа, дар дар ғарби кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Свастика-кута, Амоҳа-кута, Ҳимаван-кута, Мандара-кута, Ручака-кута, Ручакотдар он ҷоа-кута, Чандра-кута ва Сударшана-кута.

8.98 Кӯҳи чорум Ручакавара-Варшадҳара низ, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Ратна-кута, Ратноччая-кута, Сарваратна-кута, Рантасанчая-кута, Виҷая – кута, Вайҷаянта-кута, Ҷаянта-кута ва Апара ҷита-кута.

Сухан аз заминҳо (Притхвит-пада)

8.108 Ҳафт мулк вуҷуд дорад: Ратнапрабҳа, Шаркарапрабҳа, Балукапрабҳа, Панкапрабҳа, Дхумапрабҳа, Тамахпрабҳа, Адҳаҳсаптами (Тамастамахпрабҳа) ва Ишатпрагбҳара (Сиддҳашила).

8.110 Бар иловаи он, ин замин бо ҳашт ном маълум аст: Ишат, Ишатпрагбҳара, Тану, Танутану, Сиддхи, Сиддҳалая, Мукти ва Мукталая.

Сухан аз қуллаҳо (Кута-пада)

9.43 Кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа дар ҷануби кӯҳи Мандара, дар ноҳияи Бҳарата, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Бҳарата-кута, Кҳандака-прапатагупҳа-кута, Манибҳадра-кута, Вайтадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисрагупҳа-кута, Бҳарата-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута.

https://bikhon.tj

9.44 Кӯҳи Нишадҳа-Варшадҳара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа дар ҷанубӣ кӯҳи Мандара, дар ноҳияи Бҳарата, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Нишадҳа-кута, Ҳариварша-кута, Пурвавидеҳа-кута, Ҳари-кута, Дхрити-кута, Ситода-кута, Апаравидеҳа-кута ва Ручака-кута.

9.45 Дар ҷангали Нандана, ки дар кӯҳи Мандара, дар қитъаи Ҷамбудвипа, мерӯяд, нӯҳ қулла сар кашидаанд: Нандана-кута, Мандара-кута, Нишадҳа-кута, Ҳаймавата – кута, Рақата-кута, Ручака-кута, Сагарачитра-кута, Вақра-кута ва Бала-кута.

9.46 Кӯҳи Маляван-Вакшаскара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Маляван-кута, Уттаракуру-кута, Каччҳа-кута, Сагара-кута, Рақата-кута, Сита-кута, Пурнабҳадра-кута ва Ҳастиссаҳа-кута.

9.47 Кӯҳи Каччҳаварти-Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Каччҳа-кута, Кҳандака-прапата-кута, Манибҳадра-кута, Ватадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисра гупҳа-кута, Каччҳа-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута.

9.48-51 Кӯҳи Сукаччҳаварти-Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Сукаччҳа-кута, Кҳандака-прапатагупҳа-кута, Манибҳадра-кута, Ватадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисрагупҳа-кута, Сукаччҳа-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута. Ва айнан ҳамин хосиятҳо ба кӯҳҳои Маҳакаччҳа, Каччҳакавати, Аварта, Мангалаварта, Пушкала, Пушкалавати-виҷая, кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя дар Ватса-виҷая, кӯҳи Суватса, Маҳаватса, Ватсакавати, Рамя, Рамяка, Рамания ва Мангалавати-виҷая тааллуқ доранд: ҳамаи онҳо бо нӯҳ қулла ба поён мерасанд.

9.52 Кӯҳи Видютпрабҳа-Вакшаскара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла бо ба поён мерасад:

https://bikhon.tj

Сиддҳаятана-кута, Видютпрабҳа-кута, Девакура-кута, Пакшма-кута, Канака-кута, Свастика-кута, Ситода-кута, Шатаҷвала-кута ва Ҳарикута.

9.53 Кӯҳи Падмаварти-Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Пакшма-кута, Кҳандака-прапатагупҳа-кута, Манибҳадра-кута, Ватадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисрагупҳа-кута, Пакшма-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута.

9.54 Ва чунин нишониҳо ба кӯҳҳои Диргҳа-Вайтадҳя Супакшма, Маҳапакшма, Пакшмакавати, Шанкҳа, Налина, Кумуда ва Салилавати-виҷая тааллуқ доранд: ҳамаи онҳо бо нӯҳ қулла ба поён мерасанд.

9.55 Кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя Вапра-виҷая бо нӯҳ қулла ба поён мерасад.

9.56 Кӯҳҳои Диргҳа-Вайтадҳя Супарва, Маҳапарва, Вапракавати, Валгу, Сувалгу, Гандхила ва Гандҳилавати-виҷая айнан ҳамин гуна мебошанд: ҳамаи онҳо бо нӯҳ қулла ба поён мерасанд, ки бо номҳои Сиддҳаятана-кута, Гандҳилавати-кута, Кҳандака-прапатагупҳа-кута, Манибҳадра-кута, Ватадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисрагупҳа-кута, Гандхилавати-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута маълум мебошанд.

Ҳамин тавр, қуллаҳои дуюм ва ҳаштуми ҳар як кӯҳҳои номбаршуда номи умумӣ доранд (дар ин ҷо дақиқан виҷаи), дар сурате ки шаш кӯҳи дигар дорои номи хос мебошанд.

Қуллаҳои шимолӣ

9.57 Кӯҳи Нилаван-Варшадҳара, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа дар шимоли кӯҳи Мандара, воқеъ гаштааст, бо нӯҳ қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Нилаван-кута, Пурвавидеҳа-кута, Сита-кута, Кирти-кута, Нариканта-кута, Апаравидеҳа-кута, Рамяка-кута ва Упадаршана-кута.

9.58 Кӯҳи Диргҳа-Вайтадҳя, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа дар ноҳияи Айравата воқеъ гаштааст, бо ҳашт қулла ба поён мерасад: Сиддҳаятана-кута, Айравата-кута, Кҳандака-

https://bikhon.tj

прапатагупҳа-кута, Манибҳадра-кута, Ватадҳя-кута, Пурнабҳадра-кута, Тамисрагупҳа-кута, Айравата-кута (дуюм) ва Вайшрамана-кута.

Сухан аз дарёҳои бузург (Маҳанади-пада)

10.25 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷануби кӯҳи Мандара, ду руди бузург – Ганг ва Синдҳу ҷорӣ мешаванд, ки дар онҳо даҳ шохобҳои зерин мерезанд: Ямуна (Ҷамна), Сарайю (Гҳагҳара), Ави (Рапти), Коси, Махи, Шатадру (Сатлеҷ), Витаста (Ҷелам), Випаса (Вяс), Айравати (Рави) ва Чандра-Бҳага (Ченаб).

10.26 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шимоли кӯҳи Мандара, ду руди бузург Ракта ва Рактавати ҷорӣ мешаванд, ки дар онҳо даҳ шохоби зерин мерезанд: Кришна, Маҳакришна, Нила, Маҳанила, Маҳатира, Индра, Индрасена, Сусена, Варисена ва Маҳабхога.

Сухан аз марказ (Рачадҳани-пада)

10.27 Дар ноҳияи Бҳарата, дар қитъаи Ҷамбудвипа даҳ марказ маълум аст: Анга, Сурасена, Каши, Кунала, Кошала, Куру, Панчала, Видеҳа, Ватса.

Сухан аз кӯҳи Мандара (Мандара-пада)

10.29 Амиқии буни кӯҳи Мандара, ки дар миёни қитъаи Ҷамбудвипа воқеъ гаштааст, ба 1000 йоҷан, қутри кӯҳдоманаш – 10000, паҳнояш дар сатҳи ҷангали Пандака – 1000 ва баландиаш – 100000 йоҷанро ташкил медиҳад.

Сухан аз шӯъбаҳои фазоӣ (Ручака-прадеша-кшетра-пада)

10.30 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар маркази кӯҳи Мандара, 900 йоҷан поёнтар аз он ҷой, ки дунёи миёна ба охир мерасад ва дунёи болоӣ сар мешавад, бевосита дар болои замини Ратнапрабҳа, ду «фазои зерисатҳӣ» (кшуллака-пратара) воқеъ гаштаанд, ки дар ҳар кадом аз онҳо чор «шӯъбаи фазоӣ» (ручака-прадеша) дошта, дар шакли ҳашт чочи пистони гов – зоҳир гаштаанд. Маҳз онҳо оғози нуқтаи ҳисоб барои даҳ самт ба шумор мераванд: шарқӣ, ҷануби

https://bikhon.tj

шарқӣ, ҷанубӣ, ҷануби ғарбӣ, ғарбӣ, шимоли ғарбӣ, шимолӣ, шимоли шарқӣ, авҷ (зенит) ва қаър (надира).

10.31 Ин самтҳо номҳои хоси худро доранд: Индра, Агнейи, Ямя, Найрити, Варуни, Вайявя, Сома, Ишани, Вимала ва Тама.

10.33 Паҳнои амвоҷи уқёнуси Лавана 10000 йоҷанро ташкил медиҳад.

Тафсир: *Қисмати нишебии назди соҳил, ки говҳо барои обхӯрӣ мефуроянд, готиртҳа ном дорад. Кунҷи майлон ба қадри ҳаракат ба маркази уқёнус афзоиш меёбад. Дарозиии ин готирхҳо дар ҳар ду соҳили уқёнус, яъне дар қитъаҳои Ҷамбудвипа ва Дҳатакихҳанда 95000 йоҷанро ташкил медиҳад. Дар қисмати марказии уқёнус, ки 10000 йоҷанро ташкил медиҳад, ҳеҷ гуна нишебиҳо вуҷуд надорад. Паҳнои ҳадди аъзами амвоҷи қисмати марказии Лавана ба 10000 йоҷан, баландиаш бошад ба 16000 йоҷан мерасад.*

Сухан аз ноҳияҳои Ҷамбувипа
(Ҷамбудвипа-кшетра-пада)

10.39 Дар қитъаи Ҷамбудвипа даҳ ноҳияи қобили зиндагии одам вуҷуд дорад: Бҳарата, Айравата, Ҳаймавата, Ҳайранявата, Ҳариварша, Рамякварша, Пурвавидеҳа, Апаравидеҳа, Девакуру ва Уттаракуру.

Сухан аз кӯҳҳои гуногун (Вивидҳи-парвата-пада)

10.40 Диаметри нишебии кӯҳи Манушоттара 1022 йоҷанро ташкил медиҳад.

Сухан аз кӯҳҳои Вакшаскара (Вакшасара-пада)

10.145 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар шарқи кӯҳи Мандара дар ҳар ду соҳили руди бузурги Сита даҳ кӯҳи Вакшаскара сар кашидаанд: Малявана-кута, Читракута, Пакшмакута, Налинакута, Экашайла, Секута, Вайшраманакута Анҷанакута, Матанҷанакута ва Сауманаса-кута.

10.146 Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ғарби кӯҳи Мандара, дар ҳар ду соҳили руди бузург Ситода даҳ кӯҳи Вакшаскара сар кашидаанд: Видютпрабҳа-кута, Анкавати, Пакшмавати,

https://bikhon.tj

Ашивиша, Сукҳаваҳа, Чандрапарвата, Суряпарвата, Нагапарвата ва Девапарвата, Девапарвата ва Гандҳамадана.

10.147 Айнан ҳамин гуна мутаносибан дар нимаҳои ду қитъаи дигар – Дҳатакикҳанда ва Пушкаравара, дар ҳар ду соҳили рудҳои бузург Сита ва Ситода, даҳ кӯҳи Вакшаскара вуҷуд доранд.

Тафсир: *Кӯҳҳое, ки андозаҳои физикиашон – баландӣ, умқи буни кӯҳ ва периметрашон якхела буда, чашмро бо намуди худ массарат мебахшанд, «Вакшаскара» ном доранд. Дар ноҳияи Маҳавидеҳа 20-то чунин кӯҳҳо вуҷуд дорад.*

САРАСВАТИ

Сарасватӣ яке аз дарёҳои машҳури ориёҳиндист, ки мавқеияташ маълум набудааст ва олимон дарёҳои гуногунро дар Ҳинд ба он нисбат додаанд. Сарасватӣ дар «Ригведо» мавриди арҷгузорӣ қарор ёфта, ба вай се суруд бахшида шудааст. Ин руд дар баробари рудҳои Сараю ва Синдҳу, инчунин ҳамроҳ бо Ганг, Ямуна, Шутудрӣ, Парушнӣ ва дигар рудҳо ҳамчун руди ҷории бузург ёдоварӣ гардидааст. Синдҳу ҳамчун модари Сарасватӣ ном бурда шудааст. Дар «Ригведо» Сарасватӣ ҳамчун руди паҳнову пуроб ва муқаддас тавсиф ёфтааст. Ҳоло дар Ҳинд руди Сватиро Сарасватӣ пиндоштаанд, ки обаш то уқёнус нарасида, дар биёбони Раҷастон аз ҷараён бозмемонад. Аммо то кунун мавқеияти аслии ин руд пайдо нашуда буд.

Сарасватӣ дорои чанд маънӣ мебошад, ки оби равон, оби тезҷараён ва ғайра дар он шумор буда, тахаллусҳои зиёде низ дорад. Вай модари шохобҳо мебошад. Дар «Ригведо» аз шоҳон ва мардуме, ки дар соҳилҳои Сарасватӣ сукунат доранд, ёдоварӣ ба амал омадааст. Вай руди пурфайз, сероб, тезҷараён аст, ки аз кӯҳҳо ба сӯи баҳр ҷорӣ мегардад.[1] Аз

[1] «Ригведо». У1 61, 2; УП 95, 2.

https://bikhon.tj

дигар рудҳо тезҷараёнтар аст; обаш тоза аст, бо мавҷҳои худ Сарасватӣ қуллаҳои кӯҳҳоро фурӯ мешиканад. Вай аз ҳафт бахш ташкил ёфтааст ва ҳафт хоҳарон дорад[1], модари шохобҳост[2], беҳтарини модарон, рудҳо ва эзадбонувон[3] мебошад. Вай чунин ситоиш ёфтааст: «Ambitame naditame devitame sarasvatl».[4] (Беҳтарини модарон, беҳтарини рудҳо, беҳтарини эзадбонувон – Сарасватӣ). Сарасватӣ фазои осмон ва ҳама фазоҳои дигарро пур мекунад.[5] Вай рудест осмонӣ, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки аз осмон ва аз қуллаҳои кӯҳ фуруд омада, дар маросими қурбонӣ иштирок кунад. Вай ҳамчун руди эзадиофарида тавсиф карда мешавад. Руди поккунанда аст ӯ, Индраро шифо бахшидааст, бахшандаи тӯҳфа, ғизо, неруи зиндагӣ, намирандагӣ, бахшандаи наслҳо[6], кушандаи душманҳост.[7] Сарасвати бо Вач – олиҳаи сухан айният дода шудааст ва дар даврони баъдиведоӣ олиҳаи сухан ва ҳикмат, ҳамсари Браҳма, эҷодгари санскрит ва алифбои деванагарӣ, пуштибони ҳунар ва бо дигар сифатҳо тавсиф ёфтааст. Сарасватии осмонӣ ҳамчунин Вак (Вач таҷассуми асотирии сухан) тахаллус дорад, ки ӯро ҳамчунин Шата-рупа (эзади садгуна) меноманд. Баъдҳо Сарасватӣ ҳамчун ҳамсар ё духтари Браҳма, дар лаҳзаҳои дигар ҳамсари Вишну номбар карда мешавад. Вай ба писари Шива қалами хатнависӣ ва рангдони ранга меоварад. Бҳарата номи олиҳаи сухан ва нутқ аст, ки он ҳам бо садо ва овоз иртибот дошта, ин ном ҳамчунин лақаби Сарасватӣ низ будааст. Ва аксаран олимон чунин назар доранд, ки Ҳарахвати ё Ҳараҳваити баргашти номи Сарасватӣ мебошад.[8] Дар

[1] «Ригведо». У 61, 10, 12.
[2] Ҳамон ҷо. УП 36, 6.
[3] Ҳамон ҷо.П 41, 16.
[4] Ҳамон ҷо.ll 41/16.
[5] Ҳамон ҷо. У1 61, 10-12; Х 65, 1, 2.
[6] Ҳамон ҷо. Х 30, 12, 184, 2.
[7] Ҳамон ҷо. П1,11.
[8] Чунин баргашт дар вожаҳои зиёд ба назар расидааст. Аксаран вожаҳое, ки дар забони ведоӣ бо овози с омадаанд, баъдан дар дигар забонҳо ба

https://bikhon.tj

матнҳои куҳани ведоӣ аз мавҷудияти руди ривоятии Сарасватӣ сухан меравад. Ҳанӯз 8000 сол пеш ин руд обҳои худро, ки 7 км. паҳно доштанд, ба уқёнус мерасонданд.

Номи Сарасвати, тибқи назари баъзе донишмандон рудест, ки гӯё дар Афғонистон ба шакли Харахваити вуҷуд дошта будааст. Донишмандон Рот, Грассман, Лудвиг ва Тсиммер чунин назар доранд, ки шабеҳаи Сарасватии ведоӣ имкон дорад, ягон руди бузург, масалан руди Ҳинд буда, Сарасвати номи қудсӣ ва Ҳинд номи заминии он будааст.

Сарасватӣ аз ду қисмат – сарас ва ватӣ иборат аст, ки қисмати аввал сарас ба маънои ҷорӣ ва қисмати дуввум вати ба маънои об ифода шудааст.[1] Аз қисмати ватӣ ба забони русӣ вода ва аз қисмати сват бо баргашт ба шакли «шат» дар «Шоҳнома» номи руди Шаҳд баргашт шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо қисмати «вати» ба шакли «Свати» низ ифода гардидааст. Масалан, номи руди Свати дар Ҳинд ба ҳамин гуна шакл гирифтааст. Яъне Ҳараҳвати ё Ҳараҳваити низ метавонад бо гунаҳои алоҳида Ҳараҳ ва Ҳвати ифода гардад. Қисмати «сарас» ё «сара» низ дар алоҳидагӣ мавриди истифода ва овогардӣ қарор гирифтаанд. Агар мо ба гунаҳои имкони баргаштии ин ду қисмат таваҷҷуҳ намоем, дар баробари гунаи «Ҳараҳ» ё «Ҳарах» гунаи «Зираҳ» ва дар баробари гунаи Сват «Шат» ё «Шаҳд» низ падидор мегарданд. Зеро овози с метавонад ба овози з низ баргардад. Ва дар «Шоҳнома» аз рудҳое бо номи Оби Зиреҳ ва дарёи Шаҳд ном бурда шудааст. Оби Шаҳд низ баргаште аз тахаллуси Сарасватӣ – Шата-рупа буда, бо ҳашви ҳ шакли Шаҳдро гирифтааст. Ҳоло низ дар назди Яркани Хитой руд ва

овозҳои х, ҳ, з, к, г, ва ғайра ифода гардидаанд. (Дар ин бора ниг. ба мақолаи ин муаллиф «Овогароишҳо ва моҳияти таърихии онҳо») Ҳамчунин вожаҳое, ки дар «Авесто» бо шакли –атӣ анҷом меёбанд, ба гунаи –аитӣ низ ифода мешаванд, ки Ҳаратӣ – Ҳараитӣ, Баразайтӣ – Баразайитӣ ва ғайра дар ҳамин шуморанд.

[1] Ҳоло низ дар гӯишҳои забони тоҷикӣ ҷорӣ шудан ба шакли шарас ифода мешавад, ки баргашти сарас мебошад.

https://bikhon.tj

маҳалле бо номи Шат вуҷуд дорад, ки Шаҳди «Шоҳнома» ва Свади ориёҳиндӣ аз ҳамин ном баргашт шудаанд. Таҳлилот нишон медиҳад, ки руди Зиреҳ, ки дар «Шоҳнома» тасвир ёфтааст, баргаште аз қисмати «сарас»-и Сарасватӣ мебошад, ки чунин баргашт аз лиҳози овозӣ билкулл имконпазир аст. Ҳаким Фирдавсӣ вожаи Сарасватиро, ки аз ду қисмат Сарас – саршор, шоридан ва вати – об иборат мебошад, ба шакли Оби Зиреҳ, на руди Зиреҳ истифода намудааст. Яъне, Оби Сарас тибқи баргашти овозӣ ба оби Зиреҳ бармегардад. Ҳамин тариқ, равшан мегардад, ки Сарасвати ё Ҳараҳвати номи дарёи кунунии Торим мебошад. Нахуст аз номи Сарасватӣ қисмати аввали он Сарас дар нисбати ин дарё истифода гардид. Яъне Сарас ва баъдан Зираҳ ва Сарас ба гунаи Сарасон ва бо ҳашв Сарасвон низ баргашта ба гунаи Заравшон (Зарафшон) ифода шуд. Аз ҳамин ҷост, ки ба қавли номшиноси машҳур Мурзаев Э.М. Торим дар адабиёти қадим ба шакли Заравшон низ ном доштааст.[1] Ва таҳлилу муқоисаҳо нишон медиҳад, ки Сарасватӣ ҳамин руди Торим аст. Баъдан дар дигар минтақаҳо ба хотири гиромидошти ин руд, инчунин ҳамчун номи кӯчидаи он номҳои Зарафшон ва Сурхон пайдо гардиданд. Номи дарёи Зарафшони кунунӣ низ номи кӯчидаи дарёи Торим – Зарафшон (дар асл Сарасвон) мебошад. Вожаи Сарас, бар илова аз шакли Заравшон, ба гунаи Сурхон (Зиреҳон – Сурхон) низ баргашта, ҳамчун номи кӯчида дар нисбати дарёҳои Сурхондарё истифода шудааст. Аз ҳамин ҷост, руди Зиреҳ дар «Шоҳнома» ба ду руд, яке ба дарёи Сурхон, воқеъ дар ғарби Тирмиз ки ба дарёи Ому мерезад ва дигаре ба дарёи Торим[2] (яке аз шохобҳои ин дарё низ Сурхон ном дорад) воқеъ дар ғарби Чин айният мегиранд. Тавре гуфта шуд, Сарасвати бо Вач, олиҳаи сухан, айният дода шудааст ва дар даврони баъдиведоӣ ҳамчун олиҳаи сухан ва ҳикмат ва дигар сифатҳо тасвир

[1] Мурзаев Э.М.»География в названиях». М., 1979.
[2] Дар Яман низ номи маҳале Торим мебошад. *(Муаллиф).*

https://bikhon.tj

ёфтааст. Аз ҳамин ҷост, ки яке аз шохобҳои Торим имрӯз дар Ёрканд Вача ном дошта, ба ин руд мерезад. Шояд ба хотири он ки Сарасватӣ руди осмонӣ дониста мешуд, ба вай Торум ҳамчун тахаллус дода шуд.[1] Ба қавли В. Бартолд[2] дар сарчашмаҳои хитоӣ руди Торим Сита номида шудааст. Ба қавли ӯ Торим гӯё номи деҳа буда, номи дарё аз он номгузорӣ гардидааст. Вале мувофиқи таҳқиқоти мо Сита яке аз шохобҳои руди Панҷи кунунист. Дорои ҳафт узв,ё ҳафт хоҳарон инчунин модари шохобҳо номида шудани Сарасватӣ ба он хотир аст, ки ин руд аз ҳафт шохоб иборат будааст. Воқеан имрӯз шохобҳои бузурги дарёи Торим ҳафтто мебошанд. Ба самти шарқ ҷорӣ гардидани Сарасватӣ дар Шримад Бҳагаватам ишора гардидааст: «(7) Свайамбҳува Ману ҳокими Браҳмаварта буд, ки дар он ҷо руди Сарасватӣ ба шарқ ҷорӣ мегардид».[3] Зимнан бояд гуфт, ки дар қисмати шарқии Панҷоб, чанд руд, аз ҷумла Сарасватӣ (Гҳаггар) ба ҷануби ғарбӣ ҷараён гирифта, дар биёбоне нопадид мешаванд, ки Тор ном дорад. Муқоисаи Тор бо номи Торим низ бар он вомедорад, ки Торим низ дар нахуст ба шакли Тор ифода шуда, ба водии Панҷоб кӯчидааст ва дар ҷойгоҳи аслии худ ба шакли Тор боқӣ мондааст.

Ориёиҳо дар «Ригведо» ҷойгоҳи нахустмеҳанашонро Ҳафтруд гуфтаанд. Дар ин китоб омадааст, ки Сарасвати, аз ҳудуди ҳафт кишвари ориёӣ ҷорӣ мегардид.[4] Вай аз қуллаи кӯҳи Хараити сарчашма мегирад. Сарасвати гӯё дар масофаи тақрибан шаш ҳазор километр ҷараён гирифта, обҳои шаш руд-хоҳаронро ба худ қабул мекард. Баъзе донишман-

[1] На аз тора-тора, ки Мурзаев пешниҳод кардааст. (М.Ҳ.)
[2] Ниг. Бартолд В., мақолаи «Тарим».
[3] Шримад Бҳагаватам, SB 4.19.1.
[4] Дар ҳудуди ҳазорсолаҳои 3 ва 2 то солшуморӣ руди Сарасвати, ки руди паҳнои киштигард буда, ба уқёнус мерехт, якбора нопадид шудааст. Эҳтимол ин ҳол бо сабаби хушксолии дарозмуддат ба миён омада бошад. Ҳамин гуна ҳолат дар Маҳабҳарата (Шальяпарва, 50), зикр гардидааст.

https://bikhon.tj

дон, аз ҷумла донишманди тоҷик Ҳ. Мӯъминҷонов Ҳафтрудро дар ҳудудҳои имрӯзии Қазоқистон, Қирғизистон, миёнаи баҳри Арал ва кӯлҳои Балхаш ва Иссиққӯл донистаанд.[1] Муҳаққиқи шинохтаи ориёиҳо Мэри Бойс гуфтааст, ки «Протоэрониҳо эҳтимолан қисматҳои зиёди кунунии Қазоқистони шимолиро фаро гирифта буданд ва протоҳиндуориҳо дар ҷанубтари онҳо сукунат доштанд». Рассоми машҳури рус Иля Сергеевич Глазунов, ки тақрибан ду даҳсола ба омӯзиши таърихи ориёиҳо машғул шуда буд, менависад: «Куҷост нахустмеҳани мо Ҳафтруди машҳур бо руди тавоно ва сарнавиштсозаш Сарасвати, ки дар сурудаҳои Ригведо ситоиш ёфта, то баҳр ҳазорон километр ҷараён дошт? Куҷост 2244 қуллаҳои кӯҳ, ки сарзаминҳои ориёиро иҳота намуда буданд?»[2] Ин муҳаққиқ дар идома навиштааст: «… Руди бузурги Ра (Волга – И.Г.) мисли шаҳбонуи рудҳои дар натиҷаи тасодуми азими геологӣ[3] аз рӯи Замин гумшудаи сарзаминҳои ориёӣ Сарасвати – дар баҳри Воурукаша (баҳри Каспӣ – И.Г.) мерехтааст».

Тавре дар боби «Хиргоҳ» ва «Синд» гуфта шуд, ин ду ном ба мавқеияте дар соҳилҳои руди Торим тақрибан дар наздикиҳои Қошғари кунунӣ айният мегиранд. «Ригведо»-шиносон чунин назар доранд, ки Сарасвати (Харахвати) ва

[1] Ҳ. Мӯъминҷонов. «Турон гаҳвораи тамаддуни ориёӣ». Душанбе, 2004.
[2] Глазунов И.С.
[3] Но скорее всего, причина исчезновения Сарасвати это сильное землетрясение и смещение тектонических плит. Когда-то очень давно Индия была частью Африки, от которой она откололась и начала дрейфовать в сторону Азии. В результате столкновения с Азией и дальнейшего продвижения Индийской тектонической плиты вглубь Азии, возникли самые величественные горы в мире – Гималаи. Процесс дрейфа Индийского плато, который продолжается и в наши дни, мог вызвать сверхсильный толчок несколько тысяч лет тому назад, из-за которого Сарасвати исчезла. (По гипотезе индийского профессора К. С. Вайдии (River Piracy, Sarasvati that disappeared, 1996) приблизительно 5000 лет назад другая индийская река, Ямуна, «украла» воды у Сарасвати). В результате народы, основавшие многолюдные города на берегах Сарасвати, вынуждены были срочно мигрировать в поисках орошаемых земель, пригодных для проживания.

https://bikhon.tj

Синд айни як руд буда, аввалӣ номи қудсӣ ва дуввумӣ номи заминии он будааст. Сарасвати (Торим) бо чанд руди шохобаш чунин тасвир ёфтааст: «О, Ганг, Ямуна, Годавари, Сарасвати, Нармада, Синдҳу ва Кавери! Ҳама, бо ҳам бипайвандед, ин ҷо андар оед ҷиҳати таҳорати ман аз ҷониби шумо!» Тавре гуфта шуд Сарасвати дар «Ригведо» (7.95) ҳамчун бузургтарин руд, ки аз кӯҳ сӯи баҳр ҷорӣ мегардад, сутуда шудааст. Ин руд баъзан бо руди Гҳаггар-ҳакро, ки тақрибан то солҳои 2600 ва 1900 то солшуморӣ хушкида будааст, айният дода мешавад. Гумон меравад, ин руд ва сарзамин дар «Шоҳнома» ба шакли Хиргоҳ содда ифода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар аҳди бостон дарёи Торим ба як баҳри бузурге мерехт, ки баҳри шарқӣ ном дошта, дар ҳудуди кунунии биёбони Такла Макон воқеъ гашта буд. Ин баҳр хушк шуда, имрӯз аз он нишоне намондааст. Аммо нишониҳои қаъри ин баҳр имрӯз ҳам боқӣ мондаанд. Олимон то ҳол аз ин минтақа сутунмӯҳраи наҳанг ва дигар ҷонварони зерибаҳриро пайдо мекунанд. Дар баъзе адабиёти бостонӣ аз ин баҳр ишора ба амал омадааст. Масалан дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст: «Нахуст дарёи Ахзар аст, ин ки Уқёнуси Машриқӣ гуфтем. Ва ҳадди ӯ он ки маълум аст аз охири иморати ҷануб то ба хатти истиво ва ҷазираи Воқ-воқ ва шаҳрҳои Воқ-воқ ноҳияти Чинистон ва каронаи шаҳрҳои Туғузғуз ва Хирхиз аст».[1] Дар баъзе нақшаҳои топографии ин маҳал то асри 18 боқимондаҳои ин баҳр ҷо-ҷо вуҷуд дошта будааст. Тавре гуфта шуд, дар «Шоҳнома» ин баҳр бо номи Оби Зиреҳ номбар шудааст. Кай Хусрав пас аз ғалаба бар Афросиёб ба Хутан ба шаҳри сохтаи падараш Сиёвушгирд ба воситаи ҳамин баҳр шино мекунад.

Гаршосп низ ҳангоми сафараш ба ин баҳр аҷоибу ғароиби бисёреро мебинад. Зимнан бояд гуфт, аксари он махлуқоте, ки Кай Хусрав ва Гаршосп дар ин баҳр дидаанд, дар асотири Чини бостон ба ҳамон шакл зикр гардидаанд.

[1] «Ҳудуд-ул-олам», боби 6

https://bikhon.tj

Бояд гуфт, ки сарзаминҳое, ки Ҳарахвати дар он ҷо воқеъ гаштааст, сукунатгоҳҳои азалии аҷдоди ориёӣ буда, яке аз гаҳвораҳои тамаддуни ин нажод ба шумор мераванд.[1] Дар ин бора баъдан сухан батафсил хоҳад буд, аммо мухтасаран бояд зикр намуд, ки Хутан, ки муфассирон дар бораи маънои он ҳар гуна тахмин доранд, аз шакли Хастинапур, ки маъноаш шаҳри хартум(и фил) мебошад ва Хастин ба шакли Хатин ва баъдан Хутан баргашт шуда, яке аз марказҳои давлати ориёҳиндуҳо қабл аз муҳоҷираташон будааст. Ба қавли муаллифи китоби «Яъқуббеки Бадавлат» Ҳ. Шарифов шарқшиноси машҳури рус А.Е. Крымский, ки 17 соли ҳаёташро ба омӯзиши таъриху маданияти Туркистони шарқӣ, хусусан, ҳавзаи дарёи Торим бахшидааст, «ба хулосае меояд, ки ҳавзаи мазкур этногенези халқҳои ҳиндуевропоӣ будааст».[2]

ЙАМА – ҶАМШЕД

Дар адабиёти ориёҳиндӣ эзади Қонун ва адолати судӣ ба шумор рафтааст. Ӯро худои Дҳарма ва шоҳ низ гуфтаанд. Дар адабиёти ведоӣ нишонаи фарқкунандаи Йима ҳукуматчӯбест, ки данда[3] ном дорад. Гӯё ӯ аввалин инсоне буда-

[1] Ба қавли Ҳ. Шарифов «сайёҳи бузурги рус Н.М. Пржевалский аснои сафараш ба Туркистони шарқӣ ба вайронаҳои шаҳрҳое, ки ба Сиёвуш нисбат дода мешуданд, бисёр вохӯрд. Мардуми таҳҷоӣ ба ӯ Сиёвушро на ҳамчун қаҳрамони асотирӣ, балки ҳамчун подшоҳи тавонои аҳди қадим ном мегирифт. Пржевлский аз ин мулоқотҳо ба хулосае омад, ки ин самти ҷанубу ғарби Хутан, андаруни биёбони васеи регҳояш пошхӯр, 6-7 фарсах аз лангари Бештуғроқ осори шаҳри қадимаи Шаҳристон ба чашм мерасад. Ривоят мекунанд, ки ин шаҳрро Сиёвуш асос гузоштааст.

«Дар воҳаи Сампула Пржевалский ва ҳамроҳонашро Хангуй ном мавзее пеш омад, ки аз 130 ҳавлӣ иборат буду сокинонаш мувофиқи ривояти маҳаллӣ авлоди баҳодури афсонавӣ Рустами Дастон ба шумор мерафтаанд… Ривояти пайдоиши сокинони Хангуй чунин аст: Рустами Достон писаре дошт хурдсол. Аснои ба юруши тӯлонӣ раҳсупор шудан ӯро ҳамроҳи модараш дар ҳудуди Туркистони шарқӣ монда рафт. Аз байн солҳо гузаштанд».

[2] Шарифов Ҳ. «Яъқуббеки Бадавлат», с. 39.

[3] Маънои данда дар адабиёти ориёҳиндӣ дандона аст.

https://bikhon.tj

аст, ки шаҳди маргро чашида, роҳро ба сӯи он дунё, ки Питрилок (Мулки падарон) ном дорад, кушодааст. Ин хусусиёти ӯ дар адабиёти авестоӣ бо он шарҳ меёбад, ки вақте аҳолӣ зиёд ва мулк танг мешавад, ӯ заминро шигофта, онро васеъ мекунад. Ҳамчунин ӯ ҳангоми яхбандии бузург кӯҳеро шигофта, дар он тухми набототу ҳайвонотро то обшавии яхҳо ҳифз намудааст. Дар адабиёти авестоӣ Йима ё Йимак шоҳи даврони тилоӣ шумурда шудааст. Ӯ шояд ягона қаҳрамони адабиёти ведоист, ки бо шукӯҳу ҷалоли тамом ба адабиёти авестоӣ гузаштааст. Дар адабиёти меросии тоҷику форс низ аз ӯ ҳамчун яке аз шахсиятҳои машҳур бисёр ёдоварӣ ба амал омадааст.

Тавре қаблан тазаккур шуд, дар адабиёти ориёҳиндӣ, ки мулкҳо ба чаҳор қисмат ҷудо шудаанд, ӯ ҳокими сарзаминҳои ҷанубӣ ба шумор рафтааст. Ин сарзаминҳо ба водии дарёи Панҷ айният меёбанд. Бесабаб нест, ки дар водии ин дарё ҳам аз соҳили чап ва ҳам аз соҳили рост номҳои зиёде вомехӯранд, ки аз номи Йим-Йам-Ҷам тасмия шудаанд. Чунин номҳоро ҳудудҳои Бадахшону Хатлон то ҳудудҳои Ҳироти Афғонистон дарёфт кардан мумкин аст. Тавре маълум аст, ориёҳо ҳеҷ номеро бесабабе ва беҷиҳате номгузорӣ накардаанд ва аз ин рӯ мавҷудияти номи Ҷам дар ҳудудҳои «сарзаминҳои ҷанубӣ» далели муътамадест ба воқеияти Йим ва ваколати ӯ дар водии дарёи Панҷ. Зимнан бояд тазаккур дод, ки тамоми номҳои ориёҳиндӣ нисбати маҳалҳо дар ҳудудҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон номҳои шахсиятҳои воқеӣ – шоҳон, паҳлавонон, сардорони қабила ва аз ҳамин қабил будаанд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки дар зери ҳар яке аз он номҳо таърихе нуҳуфтааст.

Тавре гуфта шуд, дар водии дарёи Панҷ номҳои зиёди аз номи Йам тасмияшуда зиёд аст, ки Йамгун, Юмгон, Йамч, Йимит, Йимц, Жамак, Дашти Ҷум дар ҳамон шуморанд. Зодгоҳи Мавлоно Ҷомӣ – Ҷом низ шояд дар ҳамин шумор

https://bikhon.tj

бошад. Дар «Ғиёс-ул-луғот» аз Йамок ва Йамак ном шаҳрҳо ва подшоҳе таззакур ба амал омадааст. Дар ин луғати машҳур омада, ки Йамон мулкест дар ҷануби ғарбии Ҳиндустон, ки бешак ин ҳамон Самяманест, ки дар бораш гуфта шуд. Ва агар воқеан чунин мулке дар дигар маҳал вуҷуд дорад, он низ такрори номи сарзаминҳои аввалияи марбут ба Йама бояд буда бошад. Баъзе муҳаққиқин Ямани арабро аз номи Ҷамшед тасамия дониста бошанд ҳам, дар ин маврид далели равшане пешниҳод накардаанд. Дар адабиёти меросӣ дарё ва баҳрро низ Йам гуфтаанд. Дар Ҳинд дарёи бузурге дар радифи дарёи Ганг Ямуна (Ҷамна) ном дорад. Аммо ҳамчунин бо назари эҳтимол, дар ҳудудҳои қабл аз муҳоҷирати дарёе бо номи Йам шояд вуҷуд дошта будааст.

Дар адабиёти ориёведоӣ дар баробари чаҳор уқёнус чаҳор мулк ё иқлим низ зикр гардидааст, ки он мулкҳо водиҳои ҳамон чаҳор уқёнусҳо ба шумор рафтаанд. Ҳар як аз ин мулкҳо мутааллиқ ба як эзади ведоӣ буд. Ҳамин тариқ Йама – муҳофизи мулкҳои ҷанубӣ, Индра – муҳофизи мулкҳои шарқӣ, Варуна – муҳофизи мулкҳои ғарбӣ ва Кубера – ҳоким ё муҳофизи мулкҳои шимолӣ дониста шудаанд.

МУЛКҲОИ ИНДРА

Индра яке аз эзадони машҳури ведоист. Вай ҳамчун эзади раъду барқ, нерӯи зиндагибахши борон ва неруи кайҳонӣ тавсиф шудааст. Сужети асосии фаъолияти ӯро куштани Вритра – Азозили зимистон ва озод намудани обҳои бандишуда ташкил додааст. С.Л. Невелова аз қавли Р. Дандекар овардааст, ки: «Следует отметит, что консепция Сокрушителя Вритры хронологически предшествует появлению самого образа Индры: эпитет Вритрагхана – Сокрушитель Вритры встречается в ранных пластях «Авесты», где Андра

https://bikhon.tj

(Индра) еще не упоминается».[1] Аз тарафи Индра кушта шудани Вритра ҳамчун рамзи обшавии барфҳои кӯҳҳо ва бо талотум ҷорӣ шудани обҳо ба сӯи биёбонҳои беоб қаламдод шудааст. Ба қавли Хилмбарант устураи Индра дар нахустмеҳани аврупоии ориёҳо, то ба Ҳинд рӯ оварданаш он эҷод шуда будааст. Ин назар бо он асоснок карда шудааст, ки гӯё барфҳои зиёд дар минтақаҳои аврупоӣ меборидааст. Аммо зиёд боридани барф дар кӯҳҳо ва якбора об шуда ба сӯи биёбонҳо ҷорӣ гардидани обҳо хоси кӯҳу водиҳо ва дарёҳои Сиру Зарафшон ва Вахшу Панҷ аст. Шаҳри Индра – Амарватӣ низ дар қуллаи кӯҳи Меру воқеъ шуда, ки он низ ба кӯҳи Исмоили Сомонӣ айният меёбад. Аслан Индра муваккали мулкҳои шарқӣ, яъне шарқи Помир ба шумор рафтааст.

Дар миёни муҳаққиқини адабиёти ведоӣ назаре вуҷуд дорад, ки тибқи он гӯё қисмате аз эзадон, аз ҷумла Индра, низ дар нахуст аз шахсиятҳои воқеӣ буда, баъдан ба устура интиқол ёфтаанд. Маънои номи Индра шиддат, зарба ва тавоноист. Дар ҷангҳо ӯ бо кадом силоҳи таркандаву ҷаҳанда душманонро аз по меафтондааст. Аз ҳамин лиҳоз ӯро «Барқафкан» тахаллус ниҳода будаанд. Сифати эзади асотири Юнони қадим Зевс низ чунин будааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки Индра эзади асотирии замони томуҳоҷиратии ориёҳиндуҳо аз минтақаҳои кунунии Тоҷикистон ва атрофи он мебошад. Тавре дар мақолаҳои қаблӣ тазаккур ёфт, Индра эзади мулкҳо ва ё сарзаминҳои шарқист, ки он ба шарқи Помир ва шарқи бурунмарзии ин ноҳия нисбат дода шуда буд. Вале азбаски ӯ эзади бонуфузуи умумиориёии қабл аз муҳоҷирати онҳо буд, нуфузаш дар мулкҳои эзадони дигар низ паҳн гашта, дар он сарзаминҳо бо номи ӯ номи маҳалҳо ба назар расидааст. Тибқи тахминҳои ин муа-

[1] С.Л. Невелова аз қавли Р. Дандекар, с.60.

https://bikhon.tj

ллиф номи Индра аз решаи «Инд» ва пасванди –ра таркиб ёфтааст. Зеро дар бисёр маврид номҳое бо шакли Инд, Анд низ ба назар расидаанд. Номҳо бо чунин сохтмон дар адабиёти ведоӣ зиёд будаанд. Дар номи маҳал, деҳа ва гӯишҳои мардумӣ боқӣ мондани вожаҳо ва номи маҳалҳо бо решаи Анд, Инд далели он аст, ки ин эзади ориёҳиндӣ эҷодшуда ва парвардаи минтақаи томуҳоҷиратии ориёҳо – яъне сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва ҳамҷавори он аст. Яке аз номҳое, ки бо номи Индра тасмия шудани он равшан зоҳир мегардад, ин номи деҳае дар ноҳияи Ванҷ бо номи Андарбаг аст. Ин ном аз ду қисмат Андар (Индра) ва баг – эзад таркиб ёфтааст. Бо чунин сохтмон дар минтақаҳои гуногун номҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки Андароб, Андарсой дар ҳамин шуморанд. Дар «Шоҳнома» номи ӯ ба шакли «Андар», «Андарӣ» ба назар расидааст ва Андаримон, ки маънояш Марди Андра – марди худост, яке аз паҳлавонони тӯронист, ки паҳлавони эронӣ Гургин ӯро аз пой дарафтондааст.

Номи Индралангар дар самти ғарбии Хитой шакли тағйирёфтаи шаҳри Индрапрастҳа будааст.

Индра низ, гумон меравад, аз эзадони муштараки замони умумияти ориёҳиндуаврупоӣ будааст. Зеро ин ном дар бисёр минтақаҳои муҳоҷирати ин тоифаҳо то кунун ба назар мерасад. Индра ба гунаҳои Андора (Пиреней, Фаронсия), Индигирка (Якутия) Индер (Қазоқистон), Андреапол (вил. Калинин) ва ғайра зоҳир гардидааст. Ҳамчунин номҳои зиёде ба гунаҳои Инд ва Анд дар минтақаҳои гуногуни дунё ба назар расидааст, ки гумон меравад аксарашон бо номи Индра иртиботе дошта бошанд. Қабл аз ҳама, гумон меравад, номи Индра дар номи як тоифаи калони ориёҳиндуаврупоӣ бо номи андҳо вуҷуд дошта будааст.

https://bikhon.tj

МАНУ

Дар асотири ориёҳиндӣ Ману ҳамчун Нахустодам тасвир шудааст. Роҷеъ ба Ману дар адабиёти мухталифи ориёведоӣ маълумоти гуногун омадааст. Дар аксари он адабиёт Ману писари Вивасват ва бародархонди Йама дониста шудааст. Тибқи асотир Ману ба Замин яккаву танҳо нузул намуда, дар назди кӯҳҳои мулкҳои ҷанубӣ бошишгоҳ ихтиёр кард. Рӯзе ҳангоми дастшӯӣ дар оби уқёнуси Ҷанубӣ моҳичае ба дасти вай меафтад. Моҳича илтимос мекунад, ки ӯро наҷот диҳад, дар навбати худ моҳича рӯзе Мануро низ наҷот хоҳад дод. Дар пурсиши саволи Ману, ки вайро аз чӣ наҷот хоҳад дод, моҳича ҷавоб медиҳад, ки аз Тӯфони бузург. Ману моҳичаро ба дарё сар медиҳад. Дар воқеъ, баъди чандин вақт Обхезии бузурге дунёро фаро мегирад. Ману ба маслиҳати он моҳича, ки акнун хеле бузург шуда буд, киштие месозад ва дар он киштӣ тухми гулу гиёҳҳои гуногунро ҳамроҳ мегирад. Баъд киштиро дар шохи моҳӣ мебандад ва моҳӣ шинокунон ӯро ба сӯи қуллаи баландтарин Ҳимолой (маънои «Ҳимолой», «кишвари барф» яке аз кӯҳҳои барфдори Помир – М.Ҳ.) мебарад, ки нӯгаш дар болои об менамуд. Баъди паст шудан обхезӣ Ману бо тадбири моҳӣ киштиро ба як дарахти қуллаи кӯҳ баста, баробари паст шудани об оҳиста-оҳиста онро поён мекунад. Ҳамон кӯҳ гӯё акнун нишебии Ману ном гирифта будааст.

Дар асотири ориёэронӣ нахустодам Каюмарс номида шудааст. Ва баъзе олимон, аз ҷумла муаллифони «Таърихи Табарӣ» ва «Осор-ул-бақия» Каюмарсро бо ҳазрати Одам яке донистаанд. Ва тавре маълум мегардад, миёни Ману, Одам ва Каюмарс ҳамчун нахустодам ва миёни Ману ва Нӯҳ дар ҳодисаи Тӯфон шабеҳияте ба назар мерасад. Дар баъзе лаҳзаҳо миёни Ману ва Йима (Ҷамшед) шабеҳият ба назар расидааст. Ҳамин тариқ, дар қиссаҳои

https://bikhon.tj

се дин се нахустодам зикр ёфтааст. Таҳлили номҳо ва дигар хусусиёти ин се нахустодам нишониҳоеро бар меоваранд, ки ба яке буданашон далолат менамоянд. Тибқи маълумоти баъзе луғатҳо маънои Ману инсон, одам аст. Баъдан ин вожа маънои мардро низ гирифта, чанд гоҳе ҳарду вожа тақрибан ба як маъно истифода мешудаанд.[1]

Дар қиссаҳои насрониву исломӣ Одам низ баъд аз биҳишт ронда шуданаш ба ин дунё фуруд омадааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» одам ҳамчун лафзи аҷамӣ шарҳ шудааст.[2] Дар аксари адабиёти марбут ба таърихи динҳои масеҳиву исломӣ фурудгоҳи ҳазрати Одам Ҳинд ва аниқтар, ҷазираи Сарандеб дониста шудааст, ки ҳоло қаламрави кишвари Шри Ланка ба шумор меравад. Муаррихи асри 8 ва аввали асри 9 Муҳаммад-ал-Қалбӣ маҳалли нузули Ҳазрати Одамро кӯҳи Навзӣ гуфтааст.

Тавре маълум аст, Ҳинд дар оғози ҳазораи II то солшуморӣ аз тарафи ориёҳиндуҳои муҳоҷиршуда кашф ва номгузорӣ гардид. Он гуна ки дар мақолаҳои қаблӣ зикр гардида буд, дар адабиёти ориёҳиндӣ дунё аз ҳафт ҷазираи

[1] «Ман» бо шаклҳои «мен» низ дар баъзе забонҳои аврупоӣ маънои мардро дорад. Ман ё мон дар забон ва адабиёти қадим зиёд ба назар мерасад, ки он ба чанд маъно омадааст. Нахуст ба шакли «ман» ба маънои «маниш» ва «пиндор» будааст. Аммо «ман» маънои «мард»-ро низ дорад. «Ман» ба маънои хона низ вучуд доштааст. Дар забони имрӯзи тоҷик вожаи «меҳмон» ва «резмон» мураввақ аст, ки аз «мон» – мард таркиб ёфтаанд. Бо таркиби «мон» номи бисёр маҳалҳое вомехӯранд, ки агар на ҳамаи онҳо, гумон меравад, қисмати зиёдешон ба маънои «мард» омадаанд. Адрасмон, Хрозмон, Ғулмон, Алламан (Афғонистон) ва ғайра аз ҳамин бахшанд. Қаҳрамон (каримон, карамон – марди кор), Андаремон (Индрамон – марди Индра – марди худо) Наримон (марди Нор – номи маҳал) ва ғайра дар «Шоҳнома» низ дар ҳамин шуморанд. Чунин таркибсозӣ дар забони немисӣ низ зиёд вомехӯранд. Алламан, Борман – Бахман, Вохман фамилияҳои немисӣ низ дар таркиб ҷузъи мардро доранд. Дар забони тоҷикӣ ҷонишини «ман» дар аввал маънои мардро доштааст. Дар «Шоҳнома» бародари паҳлавони тӯронӣ Пирон Ҳумон ном дорад, ки гумон меравад маънои некмардро дорад.

[2] «Ғиёс-ул-луғот» ҷ. 1, саҳ. 22.

https://bikhon.tj

калон ва сенздаҳ ҷазираи нисбатан хурд дар атрофи кӯҳи Меру ва дар миёни ҳафт (баъзан чаҳор) уқёнус иборат будааст.

Баъди муҳоҷирати ориёҳиндуҳо, азбаски дар ҷануби нимҷазираи Ҳинд ҷазираи калоне вуҷуд дошт, онро Шри Ланка номида, ба ҷазираи ҷанубии адабиёти ведоӣ, ки Ланка айният доданд ва дар самтҳои дигар, аз ҷумла шимолии Ҳинд, чун ҷазирае вуҷуд дошта наметавонист, дигар ҷазираҳои атрофи Меру номгузорӣ нагардиданд. Ва Сарандеб (Сейлон)– бешак ба он хотир маҳали нузули ҳазрати Одам номида шуд, ки вай ҳамчун ҷазираи ҷанубии кишварҳои замони томуҳоҷиратӣ дар адабиёти ведоӣ зикр шуда буд. Ҳамин тариқ, на Сарандеб (Сейлон) ва ё Шри Ланкаи кунунӣ, на ҷазираи аслии адабиёти ориёҳиндӣ, балки он минтақаест, ки дар самти ҷануби шарқии Помир воқеъ гаштааст.[1]

Ҳамин тариқ, бисёр омилҳо ба он далолат менамоянд, ки се нахустодам – Ману, Каюмарс ва Ҳазрати Одам дар асл яке буда, хусусиёти онҳо дар миёни халқҳову динҳои мухталиф ба таври худ рангомезӣ ёфтаанд. Дар миёни қиссаҳои Йима, Пуруша, Ҷамшед ва Нӯҳ низ шабоҳатҳое ба назар мерасанд. Ҳокими мулкҳои ҷанубӣ (водии дарёи Панҷ) тасвир шудани Йима ин шабеҳиятҳоро қавитар мегардонад.

[1] Дар асотири ҳиндӣ дар ин боб омадааст: «Вишравас гуфт: Дар уқёнуси Ҷанубӣ ҷазираи бузургест ва дар он ҷазира кӯҳест, ки дар болои баҳр қомат афрохтааст. Дар қуллаи ҳамон кӯҳ шаҳри аҷиби Ланка бо деворҳои тиллоӣ қомат афрохтааст». (Миф. сах. 85). Шояд ҳамин ишораҳо сабаб шуда, ки дар самти ҷанубии нимҷазираи Ҳинд баъди муҳоҷирати ориёиҳо ҷазираи бузургтарин Шри Ланка ва Сарандеп номида шуд. Аммо эҳтимол аст, ки аз он Ланкаи томуҳоҷиратӣ ҳоло деҳе ё мавзеъе бо номи Лангар дар ҳудуди ҷазирае, ки зикраш рафт, боқӣ монда бошад. Деҳаҳое бо номи Лангар дар мавзеъҳои Даштиҷум, Мӯъминобод, Шӯробод вуҷуд доранд, ки Панҷ – «Уқёнуси Ҷанубӣ» аз назди он мавзеъҳо ҷорист.

https://bikhon.tj

САРАНДЕБ

Ориёҳиндуҳо ба Ҳинд муҳоҷират карда, асарҳои «Ригведо», «Маҳабҳарата», «Пуронҳо» ва ғайраро, ки дар онҳо манзараҳои кӯҳҳову рудҳои меҳани нахустинашон Ҷамбу ва дигар сарзаминҳо тасвир ёфта буд, бо худ бурданд. Баъди гузашти садсолаҳо номҳои ҷуғрофии меҳани нахустинашон қисман дар мавқеиятҳои нав номгузорӣ гардида, қисман ҳамчун асотиру ривоят дониста шуд. Ҳоло олимон кӯҳи Меру, Аряварта, Илаврита, уқёнусҳои бо ном Шӯр, Шир, Ҷурғот ва ғайраро афсонаву асотир мешуморанд. Аз шумори 7 қитъа-ҷазира танҳо Ҷамбу ба нимқораи Ҳинд айният дода шуду халос. Баъзе аз муҳаққиқон ҷазираи Шака-Сака-Сакаларо ба Суғд ва ё Скифия, баъзеи дигар ба яке аз минтақаҳои Помир айнияти тахминӣ доданд. Дигар ҷазираҳо ҳамчун тасвироти асотирӣ аз ёдҳо рафтанд. Яке аз номҳое, ки дар мавқеияти баъди муҳоҷиратии ориёҳиндуҳо дубора номгузорӣ гардида, аз ҷониби олимон номи аслӣ ва нахустин пиндошта мешавад, ин Сарандеб (аслан Саран дипа – М.Ҳ.) аст.

Баъди муҳоҷирати ориёҳиндуҳо ба Ҳинд ҷазираеро, ки дар ҷануби ин минтақа вуҷуд дошт, Сарандеб номиданд. Ва Сарандеб (Сейлон)– бешак ба он хотир маҳали нузули ҳазрати Одам номида шуд, ки вай ҳамчун ҷазираи ҷанубии кишварҳои замони томуҳоҷиратӣ дар адабиёти ведаӣ зикр шуда буд. Вале Сарандеб (Сейлон) оне, ки дар адабиёти ориёҳиндӣ, зикр гардидааст, дар самти ҷануби шарқии Помир воқеъ гашта буд.

Дар асотири ориёҳиндӣ омадааст, ки ҷазираҳои Ланка – Сарандеб ва Ҷамбу ба ҳам пайвастаанд. Ин назар бешак аз мавқеияти пешазмуҳоҷиратии Ҷамбу ва Ланка мансуб мебошад, вагарна нимқораи Ҳинд ва ҷазираи Шри Ланка, тавре маълум аст, дар фосилаи баҳрӣ қарор доранд. Дар қиссаву ривоятҳои аксари халқҳои дунё ҷойгоҳи нузули Ҳазрати

https://bikhon.tj

Одам Ҳинд ва Сарандеби кунунӣ дониста шудааст. Вале бисёр далелҳо бар он тақозо менамоянд, ки зери мафҳумҳои Ҳинд ва Сарандеб мавқеияти ҷуғрофии нахустини онҳо дар назар аст.

Сарандеб, оне ки ҳазрати Одам нузул карда буд, дар самти ҷануби шарқии Помир воқеъ гаштааст. Чанде аз ҷуғрофидонҳои аҳди қадим Сарандебро дар самти ғарбии Хитой донистаанд, ки ба ин гуфта мувофиқ меояд. Дар ин бора дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки: «Сарандеб андар ҷануби Чин аст ва бар ҳаддест миёни Ҳиндустон ва Чинистон бар каронаи дарёст. Ва ӯро навоҳӣ бисёр аст ва андар вай обҳои равон аст. Ва андар рудҳои вай алмос ёбанд...» Аз ҳамин ҷост, ки яке аз рудҳои ин минтақа дар «Шоҳнома» Алмосруд номида мешавад. Дар боби дигари ин китоб омадааст: «Ва дигар кӯҳ Сарандеб аст... Ва бар ӯ нишони пои мардум аст бар санг фурӯ шуда, гӯянд нишони пои Одам аст алайҳиссалом... Ва аз гӯшаи ин кӯҳ кӯҳе бардорад ба-д-ӯ пайваста миёни охири Ҳиндустон ва аввали ҳади Чинистон. Онро кӯҳи Монишо хонанд... ҳамеравад миёни шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои Туркистон то ҳудуди Тироз ва Шулҷӣ ва он ҷо ин амуд бибурад... Ва дигар рудест Қайсу хонанд. Аз Машриқи кӯҳи Монисо бикшояд ва ба миёнаи ҳудуди Таббат расад». Мутобиқи назари олими фақиди тоҷик Ҳ. Муминҷонов кӯҳи Монишо ё Мануша кӯҳи кунунии Тяншан аст. Номшиноси ӯзбек Камолиддин С. Ш. овардааст, ки дар «Ҳудуд-ул-олам» кӯҳи Манас зикр гардидааст, ки он ба кӯҳҳои Баласагун ва Мануша (дар «Авесто») бо қуллаи Манас, ки дар болоби Пскем дар қаторкӯҳи Терскей Алатау воқеъ гаштааст, айният мегирад.[1] Дар «Ҳудуд-ул-олам» инчунин аз «Монишон – андар Гузгон» низ ёд шудааст. Аз ин лиҳоз кӯҳе ки ба Монишо – Тяншан пайваст шуда, баъдан то Тирозу Шулҷӣ (назди Тошканди

[1] Камолиддин Ш.С. «Древнетюркская топонимия Средней Азии». – Т.: «Шарк». 2006. – 192 с.

https://bikhon.tj

кунунӣ) мерасад, қаторкӯҳи Сарикӯл ба пайвасти қаторкӯҳи Фарғона аст. Яъне Сарандеб ва Ланка – ҷойгоҳи нузули ҳазрати Одам ба ҷануби шарқии қаторкӯҳи Сарикул айният мегиранд.

Муаллифи «Таърихи Табарӣ» дар хусуси нузули ҳазрати Одам менигорад: «Пас чун ба замин омаданд, ҳар яке аз эшон ба ҷонибе афтоданд: Одам ба Ҳиндустон афтод ба кӯҳе, ки номи ӯ Сарандеб аст ва Ҳавво ба Ҷидда афтод ва Иблис ба Майсон ва мор ба Исфаҳон. (Иблис ба шаҳре афтод ном Майсон дар замини Синд)... «. «Чун Одам ба Ҳиндустон омад, умри хеш ҳамешумурд, ки чанд бишуд... Ва уламо ихтилоф карданд андар гӯри Одам. Гурӯҳе гуфтанд, ки гӯри Одам ба замини Ҳиндустон ҳам бар он кӯҳи Сарандеб бар, ки аз осмон он ҷо фуруд омад.. Ва гурӯҳе эдун гуфтанд, ки аз паси Одам Ҳавво як сол бизист пас бимурд. Ва Шис ӯро бо Одам ба як ҷой гӯр бикард». Дар қиссаҳо омадаст, ки ҳазрати Одам баъди нузул ба замин ба кишти гандум машғул шудааст. Мавофиқи назари чанде аз олимон аз ҷумла академик Вавилов ватани гандум Помир ва ноҳияҳои ҳамҷавораш будаанд. Ин далел низ бар он шаҳодат медиҳад, ки маҳалли нузули ҳазрати Одам дар минтақаҳои ҳамҳудуди Помир будааст.

Офариниши оламу одам дар навиштаҳо ва китобҳои муқаддаси динҳои гуногун ва асотиру қиссаҳои халқҳои гуногун аз ҳам тафовут доранд. Аммо аксари олимон имрӯз ду назарро, ки яке дар Қуръон ва дигаре дар Инҷил тасвир ёфтаанд, бештар мавриди баррасиву таҳқиқ қарор додаанд. Мувофиқи навиштаҳои исломӣ Одам аз биҳишт дар кӯҳи Сарандеб нузул намуд ва баъдан ба Ҷидда ба суроғи ҳамсари худ Ҳаво рафт. Дар навиштаҳои Инҷил бошад, Худованд Одаму Ҳаворо офарида дар биҳишти Эдем[1] ҷой дод.

Бояд гуфт, ки ҳазрати Одам ҳамчун Нахустодам дар қис-

[1] Эдем (Адан) бо забони қадимии яҳудӣ («ган-эден») маънои боғеро дорад, ки атрофаш иҳота карда шудааст.

https://bikhon.tj

саву ривоятҳои халқҳои дунё дар зоти худ ягона нест. Дар адабиёти ориёҳиндӣ нахустодам Ману ва дар адабиёти ориёэронӣ Каюмарс ном доранд. Ману низ мисли ҳазрати Одам нахустодам ва нахустпадари нажоди чоруми насли башар будааст. Аммо баъзе олимон, аз ҷумла аллома А. Берунӣ ҳазрати Одам ва ҳазрати Каюмарсро яке донистаанд. Бисёр омилҳо ба он далолат менамоянд, ки се нахустодам – Ману, Каюмарс ва Одам дар асл яке буда, хусусиёти онҳо дар миёни халқҳову динҳои мухталиф ба таври худ рангомезӣ ёфтааст. Таҳлилу муқоисаҳо нишон медиҳанд, ки ҷойгоҳи нузули Ману ва Каюмарс низ минтақаҳои наздикии кӯҳи Меру – Помир будааст. Ҳазрати Одам дар Сарандеп (самти шарқии Сарикӯл), Ману дар самти шарқии қаторкӯҳи Фарғона, Каюмарс дар самти ғарбии қаторкӯҳи мазкур дар соҳили руди Даитиё (ҳоло Қизилсу) нузул намуда будаанд. Олмо ё Олмалунг (мутобиқи бисёр далелҳо Элам – Ирам – Эдем низ), Шамбала (Чамбул) ва чанде кишварҳои ривоятии бисёр халқиятҳо дар ҳамин минтақа дар назар дошта шудааст.

Дар қисмати поёнтари ин мақола собит хоҳад шуд, ки ҳазрати Одам, Ману ва Каюмарс ғайр аз ин минтақа дигар дар ҳеҷ ҷой нузул карда наметавонистанд.

МАНДАРА

Мандара дар «Маҳабҳарата» аз лиҳози баландӣ ва шукӯҳу шаҳомат баъди Меру дуввумин кӯҳ ба шумор рафтааст. Дар баъзе лаҳзаҳои тасвири воқеоти ин китоб Мандара дар мақоми аввал қарор гирифта, сифатҳои Меруро аз худ намудааст. Масалан дар баъзе аз тасвироти адабиёти ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ на Меру, балки Мандара марказ ва тири дунё ном бурда шудааст. Аксари муҳаққиқин ин кӯҳро кӯҳи устуравӣ ва ғайривоқеӣ қалам-

https://bikhon.tj

дод намуда, қисмати дигари олимон онро ба кӯҳи Мандарагирӣ (дар Ҳинд, дар масофаи 56 км. аз Бҳалпур) айнияти тахминӣ додаанд. Вале хусусиёти дар адабиётҳои ориёҳиндӣ тасвиршудаи Мандара бо Мандарагирӣ мувофиқ намеояд. Омӯзиши хусусиёти чуғрофӣ ва мавқеияти дигар кӯҳҳои дар ҳамчавории Мандара тасвиршуда далолат бар он менамоянд, ки ин кӯҳ ба яке аз қуллаҳои кунунии воқеъ дар силсилакӯҳи Помиру Алай, айният мегирад.

Дар яке аз бахшҳои «Сабҳапарва» омадааст: «Дарёи Шайлода аз миёни кӯҳҳои Меру ва Мандара ҷорист».[1] Тарҷумон ва муҳаққиқи адабиёти ориёҳиндӣ В.И. Калянов дар шарҳи «Сабҳапарва» навиштааст: «Тахмин мекунанд, ки ин дарё (Шайлода – М.Ҳ.) дарёи Ҷаксарт бошад, ки аз каронаи шимоли Суғд (ҳоло Помир) ҷорист. Руди Ҷаксарт ҳамчунин Сирдарё номида мешавад. «Daria» маънои дарёро дорад. Дар «Маҳабҳарата» ва «Рамаяна» омадааст, ки дарёи Шайлода дар миёни кӯҳҳои Меру ва Мандара ва мавқеияти Куруҳои шимолӣ ҷорист».[2] Дар ҳамин ҷо баъдан шарҳи дигаре низ омада, ки чунин аст: «Меру – дар асотири Ҳинд номи кӯҳест, ки Сумеру парвата (кӯҳи Сумеру) ном дошта, бо Рудра Ҳимолой дар Гардвал, ки руди Ганг аз он сарчашма мегирад, айният ёфтааст».[3] Муҳим он аст, муҳаққиқини адабиёти ориёҳиндӣ ин ҷову он ҷо роҷеъ ба айниятҳое аз ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон ва водии Фарғона ишора намудаанд.

Роҷеъ ба маънои Мандара бояд гуфт, ки дар луғатҳо маънои онро «бузург» ва «устувор» гуфтаанд. Ин вожа аз решаи «манда» ва пасванди –ра сохтмон ёфтааст. Вожаи «манда» дар шаклҳои «мандак» (дар таркиби андак мандак) ва «мунда» – чӯби сахту мустаҳкам ҳоло низ мавриди истеъмол аст.[4]

[1] «Сабҳапарва», саҳ. 97.
[2] «Сабҳапарва», тавзеҳот, саҳ. 217.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Масалан агар вожаи «андак» дар таркиби «андак-мандак» маънои хурдро дошта бошад, «мандак» ба маънои бузург зоҳир шудааст. Чунин тар-

https://bikhon.tj

«Мандал» шакли рамзии коинот – чархи даввор мебошад, ки он дар рамзи гули нилуфар зоҳир гаштааст. Дар забони муғулӣ лаълии хӯрокхуриро «мандал» мегуянд, ки аз ҳамин маънои ориётоқикист. Шакли дигари ин вожа «мунда» аст, ки он ҳам ба маънои гирду мудаввар истифода шудааст. Дар гӯишҳои мардумӣ кундаро «мунда» низ мегӯянд. «Мунда» аслан калимаи ведоӣ-ориётоқикист, ки аз «манд» ва пасванди – а таркиб ёфта худ «манд» ба маънои «давра» ва «доира» буда, қавму хонаводаро низ ифода кардааст ва дар номҳои ведоии «Качамандӣ» «Қарамандӣ» (Ҳарамандӣ) «Дошмандӣ» зоҳир гаштааст. Ин вожа баъдан, масалан дар таркибҳои «донишманд» (аслан – дар доираи дониш) «мустаманд» (дар доираи дарду бало) истифода шуда, ки вазифаи маъноии худро андаке дигар кардааст.

Дар адабиёти марбута омадааст, ки Меруро чунин кӯҳҳои боҳашамат иҳота кардаанд:

1. Кумуда дар шимоли Меру воқеъ гаштааст.
2. Мерумандара дар ҷануби Меру қад кашидааст.
3. Супаршва дар ғарби Меру ҷой дорад.
4. Мандара дар шарқи Меру қомат афрохтааст.

Вақте ба кӯҳҳои атрофи Меру – Исмоили Сомонӣ таваҷҷуҳ мешавад, кӯҳҳои аз ҳама баландтарини зерин воқеъ гаштаанд: дар шимол қуллаи ба номи Сино (7134) – Кумуда, дар ҷануб қуллаи Револютсия (6940) – Мерумандара, дар ғарб – Москва (6785) – Супаршва, дар шарқ – Музтаг-Ата (7546) –Мандара.

Дар тасвироти асотири ҳиндӣ кӯҳи Мандара ҳамчун яке

кибҳо дар забони тоҷикӣ фаровон истеъмол мешаванд. «Каму беш», «хоҳ-нохоҳ», «дилу бедилон» ва ғ. дар ҳамин шуморанд, ки аз вожаҳои зидмаъно таркиб ёфтаанд. Ҳамин тариқ «андак» дар шакли танҳо мавриди истифода монда бошад ҳам, аммо «мандак» танҳо дар якҷоягӣ бо таркиби зидмаънои худ ифода мегардад. Дар ноҳияи Рашт кӯҳе бо номи Мундаланӯл вуҷуд дорад, ки маъноияш «нӯгаш мудаввар, гирд» мебошад. Дар гӯишҳои мардумӣ ҳар чизи гирду мудаввarро «мундала» мегӯянд. Одами қадпасти фарбеҳро «мундалақад» мегуянд. Бобҳои китоби «Ригведо» – «мандал» ном доранд, ки бешак аз ин вожа якеанд.

https://bikhon.tj

аз кӯҳҳои зебову бузург тасвир ёфтааст.[1] Дар ин бора дар «Маҳабҳарата» омадааст: «Як замон ҳамроҳ бо эзадони дигар ва асурҳо ту ҷуръат кардӣ, ки уқёнуси Бузургро ба талотум биёварӣ ва барои ба даст овардани нӯшобаи амрита онро бо кӯҳи Мандара бичархонӣ».[2]

ШАМБАЛА

Дар қомус ва луғатҳои гуногун роҷеъ ба ин кишвар омадааст, ки «Шамбала – Шамбҳала кишвари нимривоятиест, ки марказаш Калапа ном дошта, маъмулан мавқеияташро дар самтҳои шимоли кишвари Ҳиндустон қаламдод мекунанд. Масъалаи айниятдиҳии Шамбала дар ҷуғрофияи таърихӣ баҳси ҳалнашуда аст. Нахустин бор дар бораи ин кишвар дар матнҳои Калачакра-тантра (асри 10 то солшуморӣ) ёдоварӣ ба амал омадааст ва тавре тасдиқ мекунанд, он матнҳо аз замони шоҳи Шамбала Сучандра, ки таълимоти калачакраро аз Буддо Шакямунӣ гирифта будааст, боқӣ мондаанд. Шамбҳала – Шамбала дар асотири буддоӣ кишвари биҳиштосоест, ки мавҷудияти он дар бисёр китобҳо, аз ҷумла, «Калачакра-тантра» возеҳ тасвир ёфтааст.

Нахустин шоҳ – коҳини Шамбҳала Сучандра ном доштааст, ки дар замони ҳокимияти ӯ Шамбҳала маркази асосии омӯзиши калачакра будааст.[3] Вай дар боғи қасраш Мандалаи бузурги Калакчакра сохта будааст. Баъд аз Сучандра дар Шамбҳала боз шаш коҳин-шоҳ ҳукмронӣ намудаанд. Тибқи тассаввуроти буддоиён баъди онҳо боз бисту панҷ

[1] Чун дигар айниятҳои баъдӣ ин кӯҳ аз тарафи маҳаққиқини ҳинду бо Мандарагирӣ дар ноҳияи Бҳачалпурӣ, дар Ҳинд айният дода шудааст.

[2] «Маҳабҳарата», с. с.88.

[3] Калачакра – яъне чархи вақт. Дар ойини буддоӣ айнияти макрокосма бо микрокосма ва коинот бо инсон. Тибқи маълумоти Калачакра тамоми тазоҳуроти олами берун ба ҷисм ва рӯҳи инсон алоқаманд аст. Аз ин рӯ, инсон дар ҳоли тағйир додани худ дунёро тағйир медиҳад.

https://bikhon.tj

шоҳи дигар ҳар яке садсолӣ ҳукмронӣ кардаанд ва ё мекунанд.[1]

«Шамбала ҷойгоҳи ноайёни Маҳатмаҳо – роҳбарони камолоти руҳонии ҷаҳон будааст. Боварӣ ба воқеияти Шамбала бисёр касонро ба ҷустуҷӯи ин сарзамин кашондаст. Аз асри 20 борҳо гоҳе шахсони танҳо, гоҳе гурӯҳҳои экспедитсионӣ ба суроғи ин кишвар ба Ҳимолой, Помир ва Олтой баромада буданд».[2] Дар қомуси дигар навиштаанд: «Шамбҳала – (санскр. sambhala) дар асотири будоии вачрянӣ номи кишвар аст. Дар бораи Шамбала маълумот дар «Калачакра-тантра», ҳамчунин дар матнҳои дигар системаи калачакра оварда шудаанд. Ба шаҳодати ин сарчашмаҳо Шамбала дар самти шимоли дарёи Сита воқеъ гаштааст.[3] Шамбаларо ҳашт кӯҳи барфпӯш, ки баргҳои гули нилуфарро ба ёд меоранд, иҳота намудаанд. Дар марказ пойтахти Шамбала ва қасри шоҳ Калапа воқеъ гаштааст…» [4]

Инак, тавре мебинем, қомусҳои бонуфуз низ ба дараҷае ба воқеан вуҷуд доштани ин кишвар ишора кардаанд. Вале Шамбала дар ҳеҷ нақшаи ҷуғрофии кишварҳои дунё вуҷуд надорад. Зиёда аз се ҳазор сол аст, ки дар бораи он гуфтаву навишта мешавад, вале касе намедонад, ки вай дар куҷост. Қобили таваҷҷуҳ он аст, ки агар ин кишвар воқеан вуҷуд намедошт, дар бораи вай бисёр олимони бонуфузи дунё, аз ҷумла, Е. Блаватская, Н. Рерих ва дигарон, ки гӯё Шамбаларо бо чашми худ дидаанд, асар наменавиштанд. Замнан бояд гуфт, ки Шамбала ҳамчун кишвари гумшуда дар зоти худ танҳо нест. «Ҷазираи Сафед» (Шведотвипа), Сафедоб (Беловодье), Тула (Фула), Ориёно ва чанд номи дигар низ дар ҳамин шуморанд.

Бояд зикр кард, ки аксари донишмандон Шамбаларо

[1] «Асотири мардуми дунё» ҷ. П с. 639.
[2] Тереньев А.А. «Қомуси бузурги Шӯравӣ».
[3] Ниг. Ба боби «Руди Ганг».
[4] Gvunwedel A., Der Weg nach Sambhala, Munich., 1915.

https://bikhon.tj

ҳамчун кишвари муқаддасоти ойини буддоӣ қаламдод кардаанд. Тавре маълум аст, асосгузори ин ойин Буддо Шакямунӣ дар асри 6 то солшуморӣ (ба қавле дар асри 9 то солшуморӣ) зиндагӣ кардааст. Аммо роҷеъ ба Шамбала дар асарҳое ёдоварӣ ба амал омадааст, ки онҳо то асри 10 то солшуморӣ вуҷуд доштанд, ки «Пурон»-ҳо ва «Маҳабҳарата» дар адабиёти ориёҳиндӣ дар ҳамин шуморанд. Яъне Шамбала низ дар баробари дигар муқаддасоти ойини бисёрхудоии ориёҳиндӣ – кӯҳи Меру, Ҷамбудвипа, Ганг ва ғайра ба ойинҳои будоии вачрянӣ ва ҷайнӣ гузаштааст. Ҳамин далел дар баробари дигар далелҳое, ки баъдан гуфта хоҳанд шуд, нишонии он аст, ки қиссаи Шамбала низ дар баробари дигар қиссаҳои ориёҳиндӣ дар нахустмеҳани ориёҳиндуҳо – минтақаҳои кунунии Тоҷикистон, Фарғона ва ҳудудҳои ҳамҷаворашон ба вуҷуд омадаанд. Гузашта аз ин, агар дигар номҳо ва воҳидҳои ҷуғрофии адабиёти ориёҳиндӣ баъди муҳоҷират ба Ҳиндустон кашонда шуда, мавқеияти аввалашон аз ёдҳо рафта бошанд, Шамбала то кунун дар мавқеиятҳои нахустинаш дар шимоли дарёи Сита, ё Торим, (дарёе дар самти ғарбии Хитой) ё Сирдарё ва ё Амударё (руди Панҷ-М.Ҳ.) қаламдод карда мешавад. Дар мақолаи Руди Ганг гуфта шудааст, ки чаро фақат яке аз шохобҳои дарёи дарёи Ому (Панҷ) Сита буда метавонаду бас, на дигар Сирдарё ва на дигар Торум.

Олимон дарёи Ситаро бо руди Сир фақат ба хотири яксон будан ду ҳарфи аввалашон ва бо Торим барои ҳамҷаворӣ бо Тибет ва биёбони пурасрори Гобӣ айни ҳам донистаанд.

Шамбаларо аксари ҷӯяндагонаш, ҳам дар миёни олимон ва ҳам дар миёни мухлисонаш бештар дар ду минтақа – Олтой ва Ҳимолой суроғ намудаанд. Дар ривоятҳои славянӣ вуҷуд доштани кишвари Беловодйе, ки олимон онро воқеъ дар Олтой донистаанд, агар сабаби дар ин минтақа ҷустани Шамбала шуда бошад, дар адабиёти ориёҳиндӣ дар шимоли Ҳиндустон зикр ёфтани мавқеияти Шамбала

https://bikhon.tj

боис шудааст, ки онро дар миёни кӯҳҳои Помиру Ҳимолой суроғ намоянд.

Мухтасаран бояд зикр кард, ки баъзе дигар олимон Шамбаларо дар Туркманистон, Москва, Санкт-Петербург, Испания, Америка ва ғайра кишварҳо низ ҷустаанд, балки гуфтаанд. Урал низ ба сифати тахмин номбар карда шуда, маркази ин кишвари пурасрор Аркаим гуфта шудааст.

Воқеан, ҷои таассуф аст, ки аз кишваре, ки, бигузор ривоятӣ бошад ҳам, овозааш дар саросари дунё паҳн шуда, чанд ҳазор сол аст, ки дар бораи он менависанд ва бар илова, тавре баъдан гуфта хоҳад шуд, мавқеияташ бо ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон бояд иртибот дошта бошад, хонандаи тоҷик кам огаҳӣ дорад. Дар бораи Шамбала олимони кишварҳои гуногун, аз ҷумла, Н.К. Рерих, Е.П., Блаватская, Гурджиев Р., Штайнер, Пржевалский, Э. Томас, В. Сидоров, А. Маслов, Жуковская, А. Клизовский, А. Терентеев, Э. Бернбаум, Г. Туччи, Л. Шапошникова рисолаву мақолаҳо навиштаанд. Овозае низ вуҷуд дорад, ки Е. Блаватская ва Гурҷиев аз ҳакимони Шамбала таълим гирифтаанд ва Н. Рерих дар он ҷо ба омӯзиши дараҷаи Олӣ ноил гашта будааст. Ҳамсари Н. Рерих – Елена Рерих, ки дар сафари Шамбала бо шавҳараш ҳамроҳ будааст, роҷеъ ба ин кишвар ва суҳбатҳояшон бо Ҳакимон – Омӯзгорони Бузурги Дунё 12 ҷилд китоб навиштааст. Н. Рерих – рассом ва олими машҳури рус солҳои 20-уми асри гузашта ба кишварҳои Олтой, Тибет, Хитой, Муғулистон ва Ҳиндустон сафар намуда, баъдан то охири умраш дар Ҳиндустон зиндагӣ кардааст. Вай ба шахсиятҳои шинохтаи Ҳиндустон ошноӣ дошт. Номаи ба унвони кишвари Шӯроҳо навиштаи Маҳатмаҳо – Омӯзгорони Бузургро с. 1926 ба Чигерин (яке аз вазирони аввалини давлати Шӯроҳо – М.Ҳ.) супурда буд. Оё имкон дошт, ки чунин шахсиятҳо дар бораи Шамбала чизе аз худ бибофанд? Пас агар Шамбала кишвари заминиву воқеист, чаро ғайри 3-4 нафар ва тақрибан чанд баробар зиёдтар

https://bikhon.tj

роҳибони буддоӣ (агар ин воқеият бошад) онро касе надидааст?

Албатта, ин саволро бисёриҳо додаанд, вале то кунун бечавоб мондаанд. Яке аз андешаҳое, ки аксар олимон мехоҳанд ба сифати ҷавоби ин пурсиш пешниҳод намоянд он аст, ки роҳи Шамбала на он қадар дар дунёи берунист, ки дар дунёи ботинӣ воқеъ гаштааст ва дар миёни ламаҳои (роҳибҳо) донишманд дар бораи Шамбала тасаввурот ҳамчун дар бораи воқеияти ботинӣ ва ҳолати равонии махсус, ки дар ҷараёни худкамолотдиҳӣ дар системаи калачакра ба даст оварда мешавад, вуҷуд дорад. Шамбала гӯё як мулкест, ки дар рӯи замин вуҷуд дорад, вале ба чашм намоён нест, вай ҳамчун дунёи мутавозӣ (параллельный мир) вуҷуд доштааст. Ҳамин хусусиёти Шамбала будааст, ки онро бо кишварҳои Шветадвипа, Беловодйе, Тула, ки онҳоро низ то кунун кас надидааст, айни ҳам донистаанд. Ҳоло дар дунё гӯшае намондааст, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ кашфу таҳқиқ нашуда бошад. Ҳимолой , Осиёи Марказӣ, Хитой, ки ҷойгоҳи Шамбаларо дар ин минтақаҳо тасаввур мекунанд, қадам ба қадам омӯхта шудааст, вале аз Шамбала нишоние пайдо нашудааст. Сарфи назар аз ин ҳама, шуури башарӣ қотеъона ба ин масъала рӯ оварда, воқеияти онро рӯйи об овардан мехоҳад.

Хусусияти кишвари Шамбала аз он иборат аст, ки гӯё дар он омӯзгорони Бузурги Замон – маҳатмаҳо, зиндагӣ карда, дунёро ба сӯи камолоти олӣ ҳидоят менамудаанд. Ҳадафи онҳо муқобилият бар зидди шар, зулму бадӣ, ҷаҳолату гумроҳӣ будааст. Ба ин кишвар танҳо шахсони неку пок, одилу хирадманд ва дур аз ҳама гуна бадӣ раҳ меёфтаанд. Ҳоло дар дунёи муосир беш аз ҳарвақта дар бораи Шамбала китобу рисолаҳо чоп мешавад, бештар касоне пайдо мешаванд, ки гӯё ба ин кишвар «роҳ ёфта» ё бо сокинони Шамбала «мулоқот карда бошанд». Вале асрори Шамбала ҳамон аст, ки буд. Яке аз асарҳое, ки роҷеъ ба Шамбала маълумот

https://bikhon.tj

медиҳад «Калачакра-тантра» ном дорад.[1] Дар ин китоб, ки аз маросими ойини буддоӣ ҳикоят меравад, роҷеъ ба Шамбала омадааст: Мулки масаррати ҷовидон, он ҷо ки чаҳчаҳи булбулон низ аз қудсияти олӣ саршор аст».

Дар сарчашмаҳо гуфта мешавад, ки Гаутама Шакямунӣ барои рисолати Буддоиро соҳиб шудан аз Ҳиндустон ба кишвари Шамбала омада будааст. Умуман ҳама буддоҳо чунин рисолатро бояд фақат дар Шамбала мегирифтаанд. Аз ин рӯ, овозаи Шамбала баъди нуфузи ойини буддоӣ дар бисёр минтақаҳои Осиё – Тибет, Осиёи Миёна, Муғулистон, Япония, Хитой ва дигар кишварҳо ба ҳар сӯй паҳн шуд.

Ҳамин тариқ, Шамбала, ки марказашро Калапа меномидаанд, дар сарзамине дар Шимол аз Ҳиндустон воқеъ будаааст. Тавре гуфтем, роҷеъ ба мавқеияти он даҳҳо тахминҳо ба амал омаданд. Олими италиявӣ – тибетшинос Г. Туччи дар асоси муқоисаи сарчашмаҳои гуногун чунин меҳисобад, ки Шамбала билкул «Чойгаҳи воқеист дар наздикии дарёи Сита (ӯ дарёи Торимро дар назар дорад-М.Ҳ.) Дар бораи Шамбала – ин кишвари муъҷиз, ягона китоби ба қавли А. Маслов (Страна мудрецов) ҷиддие, ки даҳҳо назарро таҳлил намудааст, асари олимони америкоӣ Эдвин Бернбаум «Роҳ ба сӯи Шамбала» мебошад, ки дар он тахмини он ки дарёи Сита на фақат Торим, балки Амударё ё Сирдарё низ буда метавонад, изҳор гардидааст. Ин муаллиф, ҷойи тазаккур аст, ки Шамбаларо дар Ҳимолой суроғ накардааст.

Вале дигар олимон яке аз ҷойҳои тахминии Шамбаларо Ҳимолой гуфтаанд. Баландтарин қуллаҳои кӯҳҳои асороромези дунё шояд онҳоро ба ин фикр водор карда бошад. Дар бисёр сарчашмаҳо, аз ҷумла, калачакра-тантра дар бораи мавқеияти Шамбала дар Ҳимолой чизе зикр нагардида будааст. Аммо баъзе олимон ва, аз ҷумла, Е.П. Блаватская чунин мешуморанд, ки Шамбала маҳз дар Ҳимолой воқеъ бу-

[1] Кала – вақт, чакра – чарх, тантра – ҷараён –яъне, ҷараёни чархи вақт ё гардиши чархи вақт (-М.Ҳ.)

https://bikhon.tj

да, аз ҳамин ҷо «Таълимоти ниҳонӣ» ба дунё паҳн мешавад. Дар пайравӣ аз ин олим ва нависанда баъзе дигар олимон чунин мешуморанд, ки дар ким-куҷои Ҳимолой дар паноҳи қуллаҳои кӯҳҳо ва барфҳои касногузар омӯзгорони бузург иқомат мекунанд, ки шабу рӯз ба муроқаба машғул шуда, бо рӯҳи ба таври аҷиб поку неки худ тавозуни қувваҳои неку бадро дар дунё нигоҳ медоранд.

Дар таълимоти тантра омадааст, ки роҳ ба сӯйи Шамбала на аз рӯи замин, балки аз ниҳоди одамон мебарад. Инсон бояд чанд дараҷаи талқини покӣ ва омӯзишро бигзарад. Аз ин лиҳоз ин кишварро бидуни тайёрии ботинӣ – аз рӯйи нақшаи ҷуғрофӣ, пайдо кардан мумкин набудааст. Роҳи сӯйи Шамбала аз умқи рӯҳу равон ва афкору пиндори неки кас мегузарад. Дар ин ҷо таълимоти тасаввуфӣ пеши назар меояд, ки суфӣ – ҷузъ барои ба Худо – кулл пайвастан бояд чандин дараҷаҳои тариқатро тай кунад. Раҳи пайвастани ҷузъ бо куллро дар таълимоти тасаввуф ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст. Аммо мушкилии роҳи Шамбала дар он аст, ки вай на тамоман воқеӣ – заминӣ ва на тамоман тасаввуфӣ – ондунёист. Яке аз шоҳони Шамбала, ки онҳоро Кулик гӯянд, Сучандра дар замони Буддо Гаутам ҳукмронӣ намуда, бо ӯ мулоқот дошт ва таълимоташро пазируфта будааст. Вай дар тафсири тантра шаш ҳазор байт гуфтааст. Ба амри ӯ дар намуди нақшаи космогонӣ – мандала қаср-лабиринт сохта шудааст, ки пайравони калачакра дар он дараҷа ба дараҷа таълим мегирифтанд. Калачакра дар он даврон таълимоти давлатӣ эълон карда шуда буд.

Дар миёнаҳои асри X устоди ҳиндӣ Чилипа азм мекунад, ки аз яке шаҳрҳои Ориса ба Шамбала рафта, барои мардум ин таълимотро дастрас гардонад. Сафари ӯ чандин сол идомат меёбад. Ҳамаи нақшаву Ҳаритаҳоро ғалат шуморида, аз хидмати роҳбаладоне, ки танҳо барои ба даст овардани пули зоирон онҳоро саргардон мекарданд, даст кашид. Соатҳои дароз дар кӯҳҳо дар муроқиба рафта, худ-

https://bikhon.tj

ро барои шунидани таълимоти Калачакра ва Шамбала талқин менамояд. Дар охир ӯ дарк мекунад, ки роҳ ба сӯи Шамбала – ин роҳ ба сӯи худист. Ин роҳ аз Ҳаритаҳо ҷуста намешавад, онро ҳамчун макошифот баъди саросар покшавии ботин дарёфт кардан мумкин будааст. Он вақт ӯ Шамбаларо дарёфт. Маълум набуд, ки ӯ ҷисман ба Шамбала расида буд ё руҳан, вале соли 1966 Чилипа ба Ҳиндустон баргашт ва аз ҳикояҳои аҷиб ва нуре, ки аз бадани вай зоҳир мегардид, маълум мешуд, ки ӯ таълимоти олиро аз худ кардааст. Вай яке аз он донандагони бузург – тантра ба шумор мерафт, ки берун аз ҳудудҳои Шамбала мавҷуд буданд. Бар илова аз он вай ҳамчун нишонаи равшани ба «замини муқаддасҳо» расиданаш, як баста навиштаҷоти «Тафсири комил»-и кулик (шоҳ) Пундарика – яке аз шоҳони Шамбаларо бо худ оварда буд. Ҳамин тариқ, таълимоти Калачакра дар Ҳиндустон ошкор шуд, вале сири роҳи Шамбала боз ҳам пӯшида монд. Тибқи навиштаҳои буддоӣ соли 2327 кулики охирин ва 25-ум Шамбала Рудрачакрин (яъне соҳиби Гардунаи Сурх – М.Ҳ.) ба тахт мешинад. Дар соли 98-уми шоҳигарии вай, яъне соли 2425, ки 3304 сол баъди реҳлати Буддо Шакямунӣ пур мешавад, дар Шамбала ҷанги бузурге ба вуқӯъ меояд. Маҳз дар ҳамон замон ҷаҳолату ифлосӣ ба авҷ мерасад ва даврони наҷоти мавҷудоти зинда фаро мерасад. Қуввaҳои нек ва афкори поки Шамбала бо қуввaҳои бадӣ бо набарди қатъии охирин барои наҷоти башарият бармехезанд. Гӯё ҳамон вақт зуҳури Шамбала дар ин даврони кайҳонӣ ба амал меомадааст.

Е.П. Блаватская тасдиқ мекунад, ки атлантҳои қадим баъди ҳалокати тамаддунашон дар нақбҳои зери кӯҳҳои Ҳимолой пинҳон шуда, дар он ҷо шоҳигарии Шамбаларо таъсис доданд, ки марказаш шаҳри Калапа мебошад. Ҳоло дар тахти шоҳии он кишвар кулики XXIV маҳзунона ба тахт нишастааст, зеро медонад, ки соли 2024 кулики XXУ ба тахт мешинад, ки дар замони ӯ лашкари Шамбала ба

https://bikhon.tj

рӯи замин баромада, дар тамоми дунё адолатро барқарор менамояд.

Ба қавли Николай Рерих муқаддастарин вожаи Осиё «Шамбала» ва шакли санскритии он «Калапа» будааст. «Ҳар ки роҳеъ ба моҳияти ҳаётии Шамбала чизе намедонад, наметавонад бигӯяд, ки Шарқро омӯхтааст ва набзи Осиёи муосирро мефаҳмад, – гуфтааст ин муҳаққиқ. Ӯ аз қавли яке роҳибони буддоӣ Геше Ринпоче овардааст, ки: «Мебинам, ки Шумо аз фаро расидани даврони Шамбала огаҳ ҳастед. Агар Шумо аз таълимоти Шамбала огаҳ ҳастед, аз оянда огоҳӣ доред». Николай Рерих, ки дидани Шамбала муяссараш шуда будааст, менависад: «Танҳо дар даврони Шамбала суханҳову розҳо бидуни донистани ҳарфҳову аломатҳо фаҳмида мешаванд. Мо бидуни овозҳо мешунавему мефаҳмем, на ба воситаи чашми ҷисмонӣ, балки ба воситаи чашми Браҳма, ки чашми ҳамадон аст, мебинем. Дар даврони Шамбала мо ба чашми сар эҳтиёҷ надорем». Ба ин гуфтаҳои Н. Рерих ин гуфтаҳои Мавлавӣ Шоҳидӣ хеле мувофиқ афтодааст:

Чун кушояд гӯши сирру розҳо,
Бишнавӣ бе лафзу бе овозҳо.
Бар ту асрори ниҳон гардад аён,
Бишнавӣ бе гӯшу гӯӣ бе забон.
Чашми ҳайвонӣ набинад ҷуз сувар,
Чашми ҷон дар нури ҳақ дорад назар.
Чашми ҳиссӣ нозири ҳисси сувар,
Чашми ҷонро ҳаст маънӣ дар назар.
Чашми дил гар кӯр бошад ҳамчунон,
Нест тасвироти ғайбияш аён.
Гар кушояд одамӣ он чашми дил,
Мешавад аз вай малоик ҳам хиҷил.
Ҳар ки ӯро боз бошад чашми ҷон,
Он ҷаҳони бенишон гардад аён…

https://bikhon.tj

Пас дар куҷост Шамбала? Ба ин савол яке аз муҳақиқони Шамбала Алексей Маслов дар рисолаи «Кишвари ҳакимон» хостааст посухе ироа намояд. Ӯ гуфтааст, ки: «То имрӯз на танҳо худи ин кишвар, балки ҳатто далеле пайдо нашудааст, ки мавҷудияти онро тасдиқ намояд. Ташреҳоташ он қадар доманадор аст, ки гӯё дунё пур аст аз Шамбала… ва дар ҳеҷ ҷой нест Шамбала». Дар рисолаи роҷеъ ба Шамбала «Калачакра-тантра» омадааст, ки онро «Ҳар қадар ҷӯй, намеёбӣ». А. Маслов нахуст яке аз кӯҳҳои дар шимолу ғарби Хитой воқеъбуда – Кунлунро Шамбала тахмин кардааст. Муҳаққиқ ба сифати далел иқтибосеро аз китоби «Шан Хай тсзин» (Рисолаи кӯҳ ва баҳрҳо) овардааст, ки ин аст: «Дар ҳудуди баҳрҳо дар шимоли шарқӣ кӯҳи Кунлун воқеъ гаштааст. Ин ҷойгоҳ маркази замини аҷдодист. Давродаври Кунлун ҳаштсад ли (тақрибан 450 км) буда, баландиаш ба даҳ ҳазор жен (тақрибан 40 км) мерасад. Дар ин ҷо эзадони бисёр зиндагӣ мекунанд. Аз ҳашт гӯшааш қуллаҳои ростбаромада қад кашидаанд. Ҳар ки мисли Сайёд (қаҳрамони тавонои асотири Хитой) маҳорат надошта бошад, ба ин қуллаҳо баромада наметавонад. Муаллиф баъдан нишониҳои Шамбаларо бо кӯҳҳои Кунлун муқоиса намудааст, ки онҳо ҳашт қуллаи кӯҳ, гӯё ҷовидон будани сокинонаш, ҳамчунин маркази замин тасвир шудани ҳарду ин мавқеият ва ғайра ҳастанд. Аммо баъдан худ муаллиф ба ин назар шубҳа намудааст. Ҷойгоҳи дигаре, ки пайравони буддоӣ ба Шамбала айният медиҳанд, яке аз мавзеъҳои Бутан будааст.

Яке аз муҳаққиқони Шамбала дуруст изҳор доштааст, ки дар Хитой Муғулистон, Ҳиндустон, Россия, Аврупо ва бисёр кишварҳои дигари дунё дар бораи дар маркази Осиё мавҷуд будани як кишвари пурасрор қиссаву ривоятҳои зиёде вуҷуд дорад. Файласуфи Хитойи қадим Лаотси ба замини ҷовидонон сафар намуда, бо таассуроти ин зиёрataш рисолаҳои машҳурашро навишта буд. Ба ақидае гӯё замини ҷовидонон ва Шамбала айни ҳам будаанд. Дар сарчашмаҳои

https://bikhon.tj

таърихии Хитой омадааст, ки бисёр императорҳои Хитой ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳими давлатӣ ба назди «Ҳакимони Кӯҳ» ва ҳакимони Империяи Осмонӣ намояндаҳо равон карда, аз онҳо маслиҳат мепурсидаанд. Дар Ҳиндустон низ чунин як кишвари пурасрор вуҷуд доштааст. Бараҳманҳои Ҳинд аз мавҷудияти Калапа ва кӯҳи Меру дар шимоли Ҳиндустон шубҳа надоштаанд.

Хусусиёти дақиқи Шамбалаи Шимолиро роҳибони Тибет ва Муғулистон тасдиқ намудаанд. Ин кишвар дар сафарномаҳои нахустин миссионерҳои иезуитӣ Кассела ва Кабрал ёдоварӣ шудааст. Дар асри XX сайёҳоне мисли Пржевальский Осендовский, Давид-Неел, Рерих ва дигарон роҷеъ ба маросими марбут ба Шамбала, ки дар сафарҳояшон ба Осиёи Марказӣ мушоҳида кардаанд, рисолаҳо навиштаанд.

Дар бойгонии Ватикан миқдори зиёди гузоришҳои миссионерҳои католикӣ дар тайи 150 сол роҷеъ ба ҳайатҳои пинҳоние, ки аз ҷониби императорҳои Хитой ба назди «Ҳакимони Кӯҳ» фиристода мешуданд, нигоҳ дошта мешаванд. Ин махлуқот дар кӯҳҳои Нан-Шан ва ё кӯҳҳои Кунлун иқомат доштанд. Тибқи тасвирот, онҳо ҷисми дидашаванда дошта бошанд ҳам, пӯсту хун надоштанд.

Дар Россия кишвари пурасрори Сафедоб (Беловодйе) бештар маълум будааст, ки аксар олимони онро бо Шамбала айни ҳам донистанд. Валентин Сидоров низ дар қиссаи «Дар суроғи Шамбала» Шамбала, Калапа ва Сафедобро айни ҳам гуфтааст.

Дар қиссаи мазкур дар бораи Шамбала шеъре оварда шудааст, ки як пораи таҳтуллафзаш ин аст:

Оташи кайҳонӣ саросар Заминро месӯхт,
Агар Шамбала намебуд,
Вай қавитар аз оташ аст…
Шамбала дари дилҳоро мекӯбад,
Шамбаларо аз ёд набарор...

https://bikhon.tj

Шамбаларо садо кунед – шуморо мешунавад,
Ба сӯи Шамбала роҳ гиред – агар онро эҳсос мекунед…

Шамбала ҳамчун кишвари муъҷиз бештар дар Тибет машҳур аст. Ин кишвар ҳамчун муқаддасоти ойини Бон – яке аз куҳантарин ойинҳои дунё ва ойини буддоӣ, ки ҳар ду низ дар Тибет пайравони зиёд доранд, ба шумор меравад. Дар нақшаи ҷуғрофие, ки дар китоби Бон ду ҳазор сол пеш аз ин тавсиф ёфтааст, кишвари Шамбала ҷой дода шудааст. Дар Тибет роҷеъ ба санги Чинтамин ривояте вуҷуд дорад, ки мувофиқи тасвироти он гӯё дар манори Шамбала нигоҳ дошта мешавад. Ин санг аз гӯё дар асри 9 то солшуморӣ аз ситораи Сириус (Орион) тавассути аспи болдор оварда шуда будаст. Ҳарорати дохилии ин санг таъсири равонии шадид доштааст. Тавассути ин санг ояндаро пешгӯй кардан мумкин будааст. Баъзе муҳаққиқон гуфтаанд, ки «аспи болдор», кадом як киштии кайҳонии сокинони дигар сайёра ва ҳарорати дохилии санги Чинтаманӣ радиатсияи шадиди он будааст. Чанд пора аз ин санг дар гӯшаҳои дунё бурда шуда будааст, ки сангҳои нигини Сулаймон, Темурланг, шоҳи Ҳинд Акбар аз ҳамон санг будаанд.

Ривояти Биҳишти Заминии дар Ҳимолой пинҳонро соли 1627 ду тан миссионерҳои иезуит Йоак Каброл ва Эстевар Каселла, ки мехостанд таълимоти Исоро дар Бутан интишор диҳанд, ба Ғарб кашонданд. Маълум нест, ки экспедитсияҳои португалӣ ё испанӣ ба суроғи Шамбала баромада буданд, ё не, вале баъди қариб дусад сол – соли 1820 дар як Ҳаритаи ҷуғрофие, ки дар Тибет пайдо шуд, Шамбала дар Европа нишонагузорӣ гардида буд. Муаллифи Тибетии «Ҷуғрофияи дунё» тасдиқ мекард, ки кашшофи Америка Колумб дар шаҳри Генуя зода шудааст, ки он шаҳр дар шоҳигарии Шамбала воқеъ будааст. Дар он ҷо илова карда мешуд, ки Шамбаларо ҳамчунин Кастилия ва маркази он – Калапаро Мадрид низ меномидаанд. Устоди XIII Далай Ла-

https://bikhon.tj

ма Агван Доржиев тибқи баъзе ҳисобҳои худ Москва ва Санкт-Петербургро Шамбала ва сулолаи Романовҳоро ҳакимони Шамбала номида буд. Лев Гумилёв тахмин мекард, ки Шамбала ин Сурияи замони сулолаи Селевкиҳо будааст. Александр Чома де Кереши маслиҳат медод, ки ин кишварро дар ҷараёни Сирдарё суроғ намоянд. Ериххо (зану шавҳар) ҳарчанд аз қиссаи дар Россия машҳури Беловодйе огоҳ буданд, бовар доштанд, ки ин Кишвари Дурахшон дар Ҳимолой мавқеият дорад. Анселм Кентерберийский мегуфт, ки чи гуна кишваре, ки ном дорад ва дар борааш китобҳо навишта шуданд, вуҷуд надорад? Яке аз роҳибони Тибет Панчен Ламаи III соли 1775 асаре бо номи «Роҳ ба сӯи Шамбала» навишта буд, ки мувофиқи навиштаҷоти ин китоб роҳи Шамбала аз Тибет ба сӯи шимол ё шимоли ғарбӣ мебурдааст. Дар роҳ аҷоибу ғароиби бисёре тасвир карда мешавад. Дар як мавзеъ кӯҳҳои барфпӯше аз пеши роҳи мусофир мебароянд, ки аз онҳо ҷӯйҳои бисёре шорида, ба 80000 кӯл ва ба дарёи Сафедоб – Сита мерезанд, ки ин дарёро А.Чома де Кереши Сирдарё гуфтааст. Дар ин мавзеъ кӯҳҳои баланд, дарёҳои хеле сард, ҳазорон ғорҳо, кӯҳи панҷқулладор ва ғайра тасвир шудаанд. Ба қавли Панчен Ламаи III баъди тайи мушкилоти зиёд дар уфуқ маркази Шамбала – Калапа намудор мегардад. Мусофир пеш аз ба шаҳр ворид шудан бояд маросими таҳоратро ба ҷой оварад. Калапа девор – қалъае дорад, ки дар он ҳашт дарвоза воқеъ аст. Дар он ҷо бисту ҳашт шаҳри дигар низ будааст. Худ Калапа ба шакли мураббаъ (чаҳоргӯша) сохта шудааст. Ҳама ҷо сабзу хуррам паррандагон дар наво, ғизолон дар чаро. Мардуми Калапа ба забони эзадон – забони санскрит ҳарф мезадаанд.

Шамбала ва Калапа на танҳо таваҷҷуҳи руҳониёни буддоӣ, олимону таҳқиқотчиён, балки таваҷҷуҳи шоиру нависандагонро ба худ кашида будааст. Зеро тавре маълум мегардад, дар тавсифи Шамбала ва Калапа шеъру достон ва қиссаву ривоятҳои зиёде эҷод карда шудааст.

https://bikhon.tj

Макошифоти Рӯҳи Воҳид дар Худои Воҳид
Ман – Тариқат ҳастам
Ман – Ҳақиқат ҳастам
Ман – Зиндагиям
Ман – Офаридаи ҳаёти ягонаам…
Чун макошифоти бузург
Мисли Суруди Илҳоми Мани Ягона дар Мани Танҳо
Мисли Ишқи Зиндагиофари Офаридгор ва Офарида
Бикӯш дар ҳама ҷо Бузург бошӣ бо Рӯҳ
Мерасад Лаҳза дар Симои ту
Ва дар пеши нигоҳи Ту
Мекушояд водии Муқаддаси Шамбала…
Шамбала –
Нилуфари Муқаддаси Тилло
дурахшанда бо Нури Дониши Мутлақ
Баргҳои Вай
мисли кӯҳҳои сапеднӯг
рушан аз Дурахши Нури Тилоӣ
ки аз сокинони Калапа мехезад
Калапа –
Дили Нилуфари Осмон…
Калапа –
Шаҳри муқаддаси Камолоти Ҷовидон
Эй Шамбала – Ҷойгоҳи Нури Тилоии Дониш…
Эй Калапа – Ҷойгоҳи Камоли
Камолоти Воҳид дар Худованд
Эй шаҳри Ҳақиқат ва Адолат
…Калапа, ки ӯст
Сарчашмаи ягонаи Зиндагӣ дар зиндагии Воҳид…

Бояд гуфт, ки кишвари ривоятии Чамбул аз достонҳои халқии «Гӯрғулӣ» бо Шамбала айни ҳам буда, ба тағйири баргашти овозӣ тафовут пайдо кардаанд

Бисёр олимон ва таҳқиқотчиёни рус ҳангоми сафарҳоя-

https://bikhon.tj

шон ба Осиёи Миёна дар баробари ҳадафҳои дигари илмӣ аз мардуми маҳал роҷеъ ба Шамбала ва Калапа маълумоту ривояте сурӯғ мекардаанд. Вале онҳо ҳеҷ гуна маълумоте ба даст оварда наметавонистанд, зеро воқеан ҳам ин ду ном дар ҳамин шаклҳо барои мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, ношинос буд. Чунин ҳол ба олим-таҳқиқотчии рус Пржевалский рух дода буд. На аз он даврони сайёҳати олимони рус ва на баъдан таваҷҷуҳ нашуд, ки Чамбул шакли ба забони мардум созгоршудаи номи кишвари муъҷизаҳо – Шамбала будааст. Тавре дар мақолаҳои пешин зикр гардида буд, буддоҳо ва чакравартҳо танҳо дар Ҷамбудвипа ба дунё меоянд. Ҳамин тариқ, Шамбҳала низ бояд дар қитъаи Ҷамбудвипа ҷой гирифта бошад.[1] Ин нишониҳо далолат бар он менамоянд, ки дарёи Сита номи яке аз шохобҳои дарёи Панҷ аст.

Қаблан гуфта шуд, ки Шамбала ва Калапа нахуст дар асри 10 то солшуморӣ дар «Вишну-Пурана» ва «Маҳабҳарата» зикр гардидааст. Албатта ин сана низ тахминист ва ҳодисаҳои «Маҳабҳарата», ки тақрибан 2 ҳазор сол пештар аз милод ба амал омадаанд, метавонанд дар ҳамон даврон Шамбаларо дар худ ғунҷонда бошанд.

Мазҳаби дигаре, ки қадимтар аз ориёҳиндист – ин ойини Бон аст, ки ба ақидаи олимон тақрибан 18 ҳазор сол пеш аз ин дар кишвари Таҷиг (Тоҷик) ба вуҷуд омада будааст. Нақшаи Шамбала дар китобҳои ин ойин ду ҳазор сол пеш аз ин вуҷуд доштааст. Ойини дигаре, ки Шамбала яке аз муқаддасоти он ба шумор меравад, ин ойини буддоист, ки дар асри 6 (ё 9) қабл аз солшуморӣ пайдо шуда, дар асрҳои 6-7 солшуморӣ ба ҳудудҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла,

[1] Вожаҳои мушобеҳ – «Ҷамбул», «Замбул», «Зобул», ки ҳама аз номи қитъа-ҷазираи ориёҳиндӣ – Ҷамбу баргашт шудаанд, ба Чамбул иртиботе надорад. Вожаи «Чамбул» на бо сари худ ва на дар таркиб маъное намедиҳад. Хоса вақте ки силсиланомҳо мисли Бобул, Кобул, Зобул, Истамбул ва номҳои дигаре дар як равиш зоҳир гаштаанд. Вале тавре тазаккур рафт, Чамбул, бешубҳа, баргашти вожаи Шамбала аст.

https://bikhon.tj

Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои Осиё нуфуз намуда будааст. Ҳарчанд дар фарқият аз ойинҳои веддоӣ ва Бон ҷойгоҳи пайдоиши ойини буддоӣ ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон ё Осиёи Миёна набудааст, вале Буддо Шакямунӣ барои рисолати буддоияшро гирифтан аз Ҳиндустон пиёда ба соҳили дарёи Сита омада будаст.

Ҳоло бигзарем аз воқеият ё ривоятӣ будани Шамбала-Чамбул ва биандешем, ки дар миёни мардуми тоҷик номи Чамбул дар кадом даврон пайдо шуда метавонист. Маълум аст, ки гӯруғлисароӣ ҳамчун анъана решаҳои таърихӣ доштааст, ҳарчанд дар ҳар замон гӯруғлисароён мазмуну мундариҷаи онро мувофиқи завқи худ такомул медоданд, аммо чандин хусусиёти достон ҳамеша яксон боқӣ мондааст, ки яке аз онҳо номи он – Чамбул будааст. Тавре зикр шуд, Чамбул дар ҳамин шакл ҳеҷ гуна маъное надорад ва имкон надошт, ки халқ барои чунин достони дӯстдоштаи худ, номи тасодуфӣ ё бемаъноро интихоб намуда бошад. Ва агар Шамбала-Чамбулро ҳамчун муқаддасоти ойинҳои Бон ё ведоӣ бишуморем, пайдо шудани ин номро бешак то нуфузи ойини зардуштӣ бояд суроғ кунем. Албатта, азбаски достони «Гӯруғлӣ» ба шакли хаттӣ вуҷуд надошт, дар достонҳои имрӯзӣ шояд аз мазмунҳои нахустини он чанд хусусиёти ҷузъӣ боқӣ монда бошаду халос. Ва гузашта аз ин, дар замони нуфузи динҳои зардуштӣ ва ислом ин достон ба шакли асл вуҷуд дошта наметавонист. Чамбули «Гуруғлӣ» мисли Шамбалаи пурасрор кишвари сабзу хуррам, пур аз боғу гулистон, мардумаш поку нек, дур аз бадиву зиштӣ мебошанд. Ҳамин хусусиёт аст, ки ба Чамбул сифати Мастонро бахшиданд. Мастон ё мастона, тавре маълум аст, дар халқ маънои покизаву озода, некукору хайрхоҳ ва зеборо дорад, ки бо сифатҳои Шамбала мувофиқ меоянд.

Тавре маълум аст, «Гӯруғлӣ» яке аз достонҳои машҳури чандин мардуми машриқзамин – тоҷикон, (аз ҷумла тоҷикони Афғонистон) ӯзбекҳо, туркманҳо, озариҳо, қазоқҳо,

https://bikhon.tj

гурҷиҳо, арманиҳо, курдҳо, қарақалпоқҳо ва чанде халқҳои дигар мебошад. Мутаассифона, роҷеъ ба «Гӯруғлӣ»-и тоҷикӣ корҳои таҳқиқотие, ки дар асоси онҳо роҷеъ ба аслияти достон, решаҳои таърихии он, тафовут ва монандиҳои он бо достонҳои ҳамноми дигар халқҳо чизе гуфта шавад, хеле кам анҷом дода шудаанд. Аммо тавре маълум мегардад, сужет, номи мавзеъҳо дар достонҳои ҳамаи халқҳо қариб ба як гунаанд. Масалан, номи кишвари ривоятии Чамбули Мастон (дар гунаҳои тоҷикӣ) дар гунаҳои туркӣ ба шаклҳои Чандибил, Чамбил, Ченли-бел, Шимли-бил ва ғайра омадааст. Дар ин гунаҳо низ баргашти онҳоро аз шакли асли Шамбала дарк кардан душвор нест. Гуфтем, ки қиссаҳои Шамбала ба муқобилати ду дин – зардуштӣ ва ислом гирифтор шуданд ва аз ин рӯ, наметавонистанд, аслияти худро бидуни костагӣ нигоҳдорӣ намоянд. Аммо сарфи назар аз ин ҳам чандин лаҳзаҳоеро дарёфт кардан мумкин аст, ки онҳоро дар ҳисоби унсурҳои аслӣ ва аввалияи достон маҳсуб кардан саҳеҳ менамояд. Баъд аз шабеҳияти номҳо – Шамбала ва Чамбул дуввумин чизе, ки аз ягонагии решагии ин ду ном дарак медиҳад, «Аспи болдор» аст. Дар чанде аз гунаҳои ин достон омадааст, ки хони золим падари (дар баъзе гунаҳо бобои) Гӯруғлиро кӯр мекунад. Ва аз ҳамин ҷо ӯро Кӯр уғлӣ, яъне Писари кӯр меноманд. Қаҳрамони достон бо орзуи қасоси падарашро аз хони золим ситондан ба воя мерасад. Вай як паҳлавони ғайриоддӣ мешавад. Ҳазрати Хизр ва чилтанҳо пушту паноҳи ваянд. Падараш барои вай як аспи парвозиро нигоҳубин мекунад. Вай соҳиби як аслиҳаи муъҷизаноке будааст ва ба қавли баъзе достонҳо он аслиҳа шамшерест, ки Арвоҳи пуштибон ба ӯ тақдим кардаанд. Ин шамшер аз оҳани осмонӣ сохта шуда будааст. Гӯруғлӣ хони золимро кушта дар кӯҳҳо як шаҳрқалъае сохта номи онро Чамбули Мастон мегузорад. Инак мебинем, ки дар достонҳои «Гӯруғлӣ» ва қиссаҳои марбут ба Шамбала чанд монандие ба назар мерасад. Нахуст аспи

https://bikhon.tj

болдор, ки гӯё дар асри 9 то солшуморӣ аз ситораи Сириус (Орион) санги Чинтаминро оварда бошад ва аспи парвозии Гӯруғлӣ яке аз шабеҳиятҳои муҳими достонанд. Дуввум – Шамшери муъҷизаноки аз оҳани осмонӣ сохташуда ва санги Чинтамин, ки аз ситораи Орион оварда шудааст, аз як манша будани ҳар ду ин металл-сангро таъйид менамоянд. Сеюм, Ҳазрати Хизри «Гӯруғлӣ» имкон дорад, бар асари шахсияти яке аз Буддоҳо – Тонпа Шенраб ва ё Шакямунӣ ва Чилтан бар асари Ҳакимон ё Омӯзгорони бузурги Шамбала офарида шуда бошанд. Дар миёни кӯҳҳо воқеъ будани Шамбала ва Чамбули Мастон аз хусусиятҳои дигар ва ягонаи ҳар ду ин достонҳоянд. Ба ҷои Гуруғлӣ ба майдони воқеот омадани Аваз, Нуралӣ ва Шералӣ низ рамзест аз он ки шоҳигарии Шамбаларо куликҳо – шоҳони гуногун идора менамоянд. Мувофиқи ривояти баъзе достонҳо Гӯруғлӣ дар роҳи сафари ҳаҷ аз дасти хони золим кушта мешавад, тибқи маълумоти дигар достонҳо ӯ дар синни 120-солагӣ ба ғори кӯҳӣ ворид мегардад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки ӯ қабл аз марг ба сайёҳати олами зеризаминӣ мебарояд. Дар ин ҷо низ ғорҳои зеризаминии Шамбала ва сайёҳати олами зеризаминии «Гӯруғлӣ» метавонанд айни ҳам бошанд. Муҳаққиқони гунаҳои туркии достонҳои «Гӯруғлӣ» Жирмунский В.М., Зарифов Х. Т.[1] Карриев Б.А.[2] изҳор кардаанд, ки достонҳои «Гӯруғлӣ» бар асари қиссаву ривояти шаманӣ эҷод гардидаанд. Ин муаллифон эҷоди ин достонро ҳамчунин бар асари воқеияти шахсиятҳои таърихии асрҳои 16-17 донистаанд. Албатта, дар миёни халқиятҳои туркзабон камтар қиссаву ривоте пайдо кардан имкон дорад, ки дар он асотири ориёҳиндӣ ва буддоӣ муассир набошанд, аз ин рӯ, дар таъсири шаманӣ ва ё буддоии «Гӯруғлӣ» ҷои шубҳа нест. Ба гунаҳои тоҷикии ин достон имкон дорад ду омил нақш гузошта бошад. Яке – таъсири буддоии асрҳои шаш-

[1] «Достони қаҳрамонии халқи ӯзбек», М. 1947.
[2] «Гуфтор дар бораи Кӯруғлӣ дар миёни мардуми туркзабон», М. 1968.

https://bikhon.tj

ҳафти мелодӣ ва дуввум – бевосита манша гирифтани он аз аслияти аввалияи замоне вуҷуддоштаи достон дар ҳамин минтақа. Ва гумон меравад, фарзияи дуюм саҳеҳтар бошад. Ягона чизе, ки ба бегонагии мансубияти ориётоҷикии ин достон далолат менамояд, ин номи туркии он «Гӯруғлӣ» писари гӯр мебошад, ҳарчанд ки қисмати аввали ин вожа «гӯр» ва дар гунаи «Кӯруғлӣ» – писари кӯр тоҷикист. Дар қиссаҳои «Шамбала» роҷеъ ба кӯрӣ ва ё дар гӯр зода шудани касе ёдоварӣ ба амал наомадааст. Шояд ин эҷоди муаллифони баъдӣ бошад? Аммо чи зарурате буд, ки қаҳрамони достон дар гӯр зода шавад, ё писари кӯр бошад? Ва чи гуна имкон дорад, ки аслияти достон ориётоҷикӣ бошад ва номи он туркӣ. Зеро ғайр аз ном дигар тамоми хусусиёти ин достон ба ориётоҷикӣ будани он гувоҳӣ медиҳанд.[1] Инак, ба се ҷиҳат мо метавонем бигӯем, ки Шамбала ва Чамбул кишварҳои айни ҳаманд: 1. Шабеҳияти номҳо ва имкони баргашти овозии вожаи Шамбала ба Чамбул. 2. Аз лиҳози пайдоиши мазҳабӣ, яъне ойинҳои бон ва ведоӣ мусоидат намудани сарзамини таърихии тоҷикон ба кишвари Шамбала – Чамбул. 3. Ба ҳам мувофиқ афтодани сифатҳои Шамбала ва Чамбул. Вале як лаҳзаи дигар ҳам ҳаст, ки дар ин мавзӯъ ҷоеро барои шубҳа боқӣ намегузорад ва баҳси олимҳои кишварҳои гуногунро дар бораи мавқеияти ҷуғрофии Шамбала то ҷое ҷамъбаст менамояд. Тавре болотар зикр ёфт, аз тарафи ин олимон мавқеияти Шамбала дар нуқтаҳои гуногуни дунё тахмин шудааст. Дар ин ин айниятдиҳиҳо чанд хусусиёт ба назар гирифта нашудааст, ки ононро ба пе-

[1] Гумони мо ин аст, ки дар асл ва аввал низ ин ном тоҷикӣ буда, баъдан шакли туркӣ гирифтааст. Тавре маълум аст, гӯруғлихонӣ шакли махсуси овозхонист, ки бо гулӯ хонда шуда, аз дигар намудҳои овозхонӣ тафовут менамояд. Шояд номи ин тарзи овозхонӣ низ дар аввал «гулӯгӣ» ва ё «гулӯгихонӣ» буд ва чун дар миёни халқҳои туркзабон паҳн гардид, онро нахуст ба лафзи ба худ наздик – «гурӯғлӣ» наздик сохта, пас он дар гӯр зодан ва ё кӯр зодани қаҳрамонро бар он илова карданд. Ва ин таъсир баъдан боз аз ҷониби гунаҳои тоҷикии он пазируфта шуд. Ин фарзия аст, вале воқеан метавонад, дуруст ва саҳеҳ бошад.

https://bikhon.tj

чидагиҳои зиёде рӯ ба рӯ намудааст. Нахуст, ин ки онҳо Шамбаларо бо кишварҳои ривоятии дигар – Ҷазираи Сафед (Шведотвипа), Беловодйе (Сафедоб) яке донистанд. Вале ин се ном ба сари худ кишварҳои алоҳида буда, дар мавқеиятҳои гуногуни ҷуғрофӣ воқеъ гашта будаанд.

Ҷазираи Сафед, ки мисли Шамбала пурасрор аст ва бисёр хусусиятҳои мардум ва табиати онҳо ба ҳам мувофиқ меоянд, тибқи мушоҳидоти мо дар шимоли Сирдарё воқеъ будааст, ки шояд аз ҳамин ҷиҳат онро ба Шамбала ва аз назари баъзе олимон Сирдарёро ба дарёи Сита айният додаанд. Вале Шамбала ҳеҷ гоҳ дар соҳили шимолии Сирдарё воқеъ буда наметавонад, зеро вай тибқи таъиноти сарчашмаҳои ориёҳиндӣ дар қитъа-ҷазираи Ҷамбу – Помир мавқеият доштааст. Возеҳан дар тасвироти Шамбала омадааст, ки мавқеияти он дар миёни кӯҳҳои баланд аст. Аз ин лиҳоз, Шамбала-Чамбул агар як замоне воқеият буд, он воқеиятро дар ҳамин минтақаҳо бояд суроғ кард. Дар баъзе адабиёт зодгоҳи Тонпа Шенраб шаҳри Янгпачани кишвари Олмо Лунгринг гуфта шудааст ва ҳамчунин Олмо Лунгринг бо Шамбала – Чамбул айният дода шудааст. Ба қавли Вачранаҳта «Шамбала дар Осиёи Марказӣ ё Тазиг воқеъ будааст, ки он дар қисмати шимолии (ғарбии – М.Ҳ.) Тибет ҷой доштааст. Маҳз аз Тазиг дар замони пеш аз оғози таърих таълимоти Бон аввал ба Шанг-Шунг, баъд ба Тибет, Ҳинд ва Хитой нуфуз намуд. Тибқи солшумории анъанавӣ Тонпа Шенраб тақрибан 18 000 сол қабл аз ин дар соли 16016 то солшуморӣ ба дунё омадааст.

Заминҳои ин мулк саросар обод, маъбаду шаҳрҳояш зебову дурахшон, саросар боғу гулистон аст – мисле ки дар тасвироти Шамбала зикр гаштааст. Вай бешак биҳишти рӯи замин аст. Дар атрофи кӯҳи муқаддас садҳо шаҳрҳо бунёд ёфтаанд, аммо чаҳортои онҳо фарқкунанда аст.

Гуфтан душвор аст, ки Шамбалае, ки Блаватская, Рерих ва дигарон «дидан кардаанд», кадом Шамбала ва дар

https://bikhon.tj

куҷост. Шояд сарзаминҳои мушобеҳи пурасрори дигар дар кӯҳҳои Кунлуни Хитой ва ё кӯҳҳои Ҳимолой вуҷуд дорад, аммо на Шамбала. Ақаллан ду хусусиёти Шамбала ҳеҷ имкон намедиҳад, ки вай дар дигар мулку сарзамин вуҷуд дошта бошад. Он ҳам тавре гуфта шуд, аввал дар қитъаҷазираи Ҷамбу воқеъ буданаш ва дигаре дар самти шимолии дарёи Сита қарор доштанаш. Дар ин ҷо боз як далели иловагиро овардан ҷоиз аст, ки онро мо дар мақолаи «Устод Шенраб ва кишвари Таҷиг…» дарҷ карда будем. Дар он мақола мавқеияти дарёи Сита дар қисмати шарқии кӯҳи Меру – қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ зикр гардида буд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки дар маркази Шамбала шаҳри Калапа бо забони эзадон – забони санскрит гуфтугӯ мекунанд. Хусусияти асосии фарқкунандаи Шамбал ин ҳашт қуллаи кӯҳ аст, ки мисли гули нилуфар атрофи ин кишварро печонидаанд. Албатта, ба он шакл, ки 8 қуллаи кӯҳ мисли гули нилуфари шукуфта бошаду дар мобайнашон водии Шамбала ҷойгир шуда бошад, дар ҳеҷ куҷо мавзее пайдо нагардидааст, вагарна дигар Шамбаларо ҷустуҷӯ намекарданд. Дар ин ҷо шояд на ҳашт қуллаи кӯҳ, балки ҳашт қаторкӯҳи системаи кӯҳии Помиру Олой дар назар буда бошад.

Роҷеъ ба маънои «Шамбала» (Шамбҳала) низ олимон андешаҳои гуногун пешниҳод карданд. Аксаран маънои онро «кишвари шимолӣ» гуфтаанд, ки ин фикр шояд ба хотири тазаккуроти дар самти шимоли дарёи Сита воқеъ будани он ба амал омада бошад. Дар адабиёти марбута баъзан ибораи «Шамбалаи шимолӣ» низ вомехӯрад. Яке аз олимони рус онро аз таркибҳои «Шом» ва «боло»-и тоҷикӣ маънидод карда, дар иртибот бо мамлакати Шом онро «Шоми боло» гуфтааст. Вале назари мо ин аст, ки ин ном аз вожаи ориёҳиндии (ведоии) Шамбҳу – сифати эзади Шива тасмия шуда, ки он Шамбҳу буда, маъноияш «бахтовар», «неку» ва ғайра будааст. Ба тахмини ин муаллиф номҳои ҳафта – шанбе, якшанбе, душанбе ва ғ. низ аз Шамбҳала ва ё

https://bikhon.tj

Шамбҳу манша гирифта, ба маънои рӯзибахшу бахтовар омадаанд. Ҳамин тариқ, Шамбҳала аз вожаи «Шамбҳа» ва пасванди –ла (-ала), ки дар шеваҳои забони тоҷикӣ фаровон истеъмол мешавад, сохтмон ёфтааст. Ва номи «Чамбул» бо боргашти овозии «ш» ба «ч» «а» ба «у» ва ихтисори «а» дар охир тағйири шакл кардааст. Бо мурури замон, вақте маънои Шамбала – Чамбул номафҳум мегардид, муаллифони ин достон ба хотири нигоҳ доштани маънои он, воқеан хеле ҳунармандона ва барҷой ва шояд ғайри огоҳӣ аз маънои асл ба он сифати «Мастон»-ро афзуда, он кишварро Чамбули Мастон гуфтанд. Имрӯз дар аксари манотиқи Тоҷикистон гӯруғлихонӣ мураввaҷ аст. Вале тавре медонем, ин намуди эҷодии шифоҳии мардум дар минтақаи Кӯлоб бештар хонандагону сароянdагон дорад. Ҳоло аз ҷониби бисёр иҷрокунандагони воқеан ҳунарманди ин минтақа даҳҳо достонҳои «Гуруғлӣ» бо маҳорат иҷро карда мешаванд. Дар дигар минтақаҳои кишвар гӯруғлихонон хеле кам ва ё ҳеҷ вуҷуд надоранд. Чунин ҳол низ, гумон меравад, бо сабабҳо ва решаҳои таърихии он асос ёфта бошад.

Барои мо ҷолиб он чиз аст, ки Шамбала ва Калапа дар шаклҳо ва гунаҳои мухталиф дар миёни бисёр халқҳои Осиёву Авпупо, Африко ва Америка дар номи маҳал, дар қиссаву асотир ва ё ҳамчун номи шахс имрӯз низ вуҷуд доранд. Агар ин номҳо аз даврони умумияти қавмҳо дар зеҳнҳо наменишаст, имкон надошт, ки ба чунин вусъатҳои васеи ҷуғрофӣ паҳн гардад. Шамбала дар шаклҳои Шамбал, Шамбул, Чамбул, Чамбал, Чамбол, Самбул, Симбел, Сумбула дар миёни халқҳои забон ва нажодашон гуногун паҳн гардидааст, ки дар аксар маврид маъно ва баромади аслии ин вожа боқӣ намондааст. Аммо таҳлилот нишон медиҳанд, ки агар дар як-ду маврид шабеҳаҳои ин вожаҳо ба маънои дигар, ё тасодуф омада бошанд, дар аксар маврид онҳо аз решаи аслии Шамабала об хӯрдаанд. Ва нуктаи ҷолиб ҳам он аст, ки бисёр муҳаққиқон асли ҳиндуҳои Америко, ҳамчу-

https://bikhon.tj

нин бисёр халқҳои ҳоло ғайриҳиндуаврупоии Осиёи Пеш ва Африкоро низ ба умумияти қавмии замоне вуҷуддоштаи халқҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб донистаанд. Мавҷудияти вожаи Шамбала дар шаклҳои гуногун дар минтақаҳои мазкур назари ин олимонро тақвият медиҳад.

Шамбул – гунаи номи Шамбала

Шамбалид – номи гул ва шахс дар «Шоҳнома»

Чамбал – номи дарё дар Ҳиндустон

Чамбал – номи маҳал дар Чехия-Словакия

Чамбало – номи маҳал дар Қрим

Чамбул – номи маҳал, Тоҷикистон

Чамбул – номи маҳал, собиқ губернияи Симбирск

Чамбули – номи маҳал ва қавми тоторҳо

Чамбули – номи қавм, Гвинеяи Нав

Чамбули – номи тоифаи ҳиндуҳои Америко

Чамбулов – номи хонаваодагӣ дар Россия

Самбул – номи маҳал – Туркия

Иб-Самбул (Абу-Симбел) – номи маҳал, Миср

Самбул – номи яке аз қаҳрамонҳои асотири кореягӣ

Самбула – номи яке аз қаҳрамонҳои ривоятии халқҳои туркнажоди Сибир

Сумбула – номи маҳал, Тоҷикистон

Агар Шамбҳала воқеияти ҷуғрофӣ намедошт, барои ойини буддоӣ ҳеҷ зарурате набуд, ки ин кишварро қасдан ба самти шимолии дарёи Сита (Панҷ) бикашонад…

БУРХИ ВАЛӢ

Ҳазрати Бурхи Валӣ, шахсиятест, ки дар миёни мардум соҳиби маҳбубияти хоса буда, зиёрати оромгоҳаш баъди зиёрати Макка воҷиб дониста мешавад. Бояд тазаккур дод, ки оромгоҳи ҳазрати Бурхи Валӣ дар саргаҳи руди Хингоб, дар як дараи мушкилгузар – тақрибан чилкилометрии самти ғарби қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳили як шо-

https://bikhon.tj

хаи руди тезҷараёни Хингоб воқеъ гаштааст. Номи деҳаи матруке, ки оромгоҳ дар он воқеъ будааст, Боршид буда, дар бораи маънои он ривояте низ вуҷуд дорад, ки дар китоби мазкур оварда шудааст. Аммо бояд зикр кард, ки шакли аввалияи Боршид аслан Бурхид – Борхид буда, маъноияш ҷойгоҳи Бурх мебошад. Худ маънои бурх низ ҳазрат ва бузургвор аст. Баргашти ш ба х ва баракс дар чанде аз маҳалҳо ва номҳои дигар низ, масалан Хоразм – Шоразм, Хуҷанд – Шуҷанд, Рӯхон – Рӯшон ва ғайра вуҷуд дорад. (зимнан бояд гуфт, ки Боршид ном деҳае дар Украина низ вуҷуд дорад.)

Ҳангоми мутолиаи нақлу ривоятҳо, ки аксаран дар таи садсолаҳо шояд ба таври муболиғавӣ таҳрир ёфтаанд, шахсияте пеши назар меояд, ки дар шумори паёмбарон ва авлиёву абдол беназир буда, дар назди Худованд мақому мартабаи хос доштааст. Мутобиқи аксари нақлу ривоятҳо Бурх дар замони паёмбар Мусои Калим зиндагӣ ба сар бурда, гӯё котиб ва ҳамсуҳбати он паёмбар низ будааст. Тавре маълум аст, роҷеъ ба шахсиятҳои маъруфи тоисломӣ ва исломии олами араб – ҳазрати Сулаймон, ҳазрати Алӣ, ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ ва дигарон, ки боре ҳам ба минтақаҳои кунунии Тоҷикистон пояшон нарасидааст, дар бораи он ки гӯё шахсиятҳои мазкур ба ин гӯшаҳо омада бошанд ва ҳатто гӯё оромгоҳи баъзе аз эшон низ дар ҳамин минақаҳо ҷой дошта бошад, дар байни мардум қиссаву ривоятҳо боқист. Ҳамин гуна, айнияти шахсияте, ки ҳоло бо номи ҳазрати Бурхи Валӣ дар саргаҳи руди Хингоб дар водии Вахё оромгоҳ дорад, бо Бурхиё ё Борух – ҳамзамон ва котиби Мӯсо паёмбар аз нигоҳи мантиқ хеле душвор аст. Аз ин лиҳоз чандин сабабҳое ҳастанд, ки дигар будани шахсияти ҳазрати Бурхи Валиро тақозо менамоянд.

Нахуст, аз замони зиндагии Мусо-пайғамбар, ҳамчунин Бурхиё ном ҳамзамони ӯ низ тақрибан 3500 сол гузаштааст. Дар ин муддати тӯлонӣ, ки дар ин сарзаминҳо чандин маротиба динҳо ва сокинонаш дигар шуданд, имкони барҷой монда-

https://bikhon.tj

ни қиссаву ривоятҳо дар миёни халқ камтар вуҷуд дорад. Дуюм, дӯстони Худо, тавре аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Фариддуддини Аттор бармеояд, ҳеҷ гоҳ аз душманони худ бим накардаанд, аз Худо ва халқи Худо ҳеҷ вақт наранҷидаанд ва ҳар мушкилу ранҷу тааб, ки ба сарашон омадааст, онро босабру матонат тааммул кардаанд. Аз ин лиҳоз ба чунин кӯҳистони дурдаст рӯ оварданро, бигузор аз ранҷиши ҳамқавмон бошад ё аз бими душманон, ҳеҷ як авлиё ва дӯсти Худо ба худ раво намебинад. Агар нақлу ривоятҳои мансуб ба Бурхиёи котиб воқеан мансуби худи ӯ бошанд, бояд дар ватанаш низ ин нақлу ривоятҳо боқӣ монда бошанд. Вале мутааассифона, дар китоб дар ин бора маълумот дода нашудааст. Аммо бузургворе, ки бо номи Бурхи валӣ дар ин оромгоҳ хуфтааст, аз розе хабардор буд, ки зиёда аз панҷ ҳазор сол чи касоне дар пайи кушудани он саргардон будаанд…

Дар китоби «Бурхи Валӣ – дӯсти Худо»-и Султони Ҳамад порае аз шеъри аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ оварда шудааст, ки андешаро сӯи ин роз мебарад. Тавре муаллиф меоварад, аллома Муҳаммад Иқбол дар «Ҷовиднома»-аш қиссаеро менигорад, ки мабнӣ бар он қаҳрамони қисса Зиндаруд ҳамроҳи руҳи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба олами улвӣ – ба сайёраҳои Қамар, Уторид, Зуҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал сайёҳат мекунад. Ҳангоми сайёҳат онҳо бо руҳи Паёмбари ислом (с), ҳакимон, орифон ва адибони машҳур мулоқот мекунанд. Дар фалаки Миррих Зиндаруд ва руҳи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо яке аз ҳакимони он ҳамсуҳбат мешаванд. Ҳакими миррихӣ дар муаррифии сарзамине, ки дар он зиндагӣ мекунад, мегӯяд:

Ин навоҳӣ Марғи дини Бархиёст,
Бархиё номи Абулобои мост».

Баъдан тасвироти шаҳри Марғи дин ва мардуми он оварда мешавад, ки чунин манзараҳо ҳангоми тасвироти сарзаминҳои биҳиштӣ дар адабиёти халқҳои гуногун зиёд

https://bikhon.tj

тасвир ёфтаанд. Дар кишвари дар достони Абдураҳмони Ҷомӣ «Рафтани Искандар ба шаҳре, ки на шоҳ дошту на гадо» тасвиршуда, сарзаминҳои Шамбала, Шветадвипа, Беловоде (Сафедоб) ва бисёр сарзаминҳои дигар ҳамин гуна манзараҳое, тасвир шудаанд, ки дар Марғи дини Аллома Иқболи Лоҳурӣ дида мешаванд. Дар ин тасвирот чаҳор ном қобили таваҷҷуҳ аст: Зиндаруд, Марғи дин, Бархиё ва Абулобо. Ҳар чаҳор ном ҳам хонандаро водор мекунанд, ки дар сабаби истифода ва маънои онҳо аз ҷониби ин Аллома андеша кунад…

Воқеан, агар Алломаи Лоҳурӣ агар танҳо ба манзури тасвири манзараи биҳиштӣ хома сари ангушт мегирифт, ба овардани номҳое, дар назари аввал дар адабиёт ҳеҷ маъмул нестанд: номи қаҳрамони қисса Зиндаруд, сарзамин Марғи дин – Марғи дини Бархиё, Бархиё – Абулобо – яъне Нахустпадар – Абулбашар, яъне ҳазрати Одам ҳоҷат набуд. Воқеан нахустин дин дини Ҳазрати Одам буд, дигар дар шумори паёмбарон касе нест, ки бо номи Бархиё дин оварда бошад. Дар қиссаи Муҳаммад Иқбол тасвироти сакралии замонҳову маконҳо ва динҳои мухталиф дар омезиш бо сарзамини мансуб ба дини ҳазрати Одам ба қалам дода шудаанд. Мансубияти номи Бурхиё ба ҳазрати Одам дар пораи шеъри Муҳаммад Иқбол шояд таваҷҷуҳро чандон ҷалб намекард, агар манзараву далелҳои дигари таърихӣ низ ин ҳолро тақозо намекарданд.

Албатта дар бораи оромгоҳи Ҳазрати Одам дар минтақаҳои Осиёи пеш нақлу ривоятҳои зиёде вуҷуд доранд. Мутобиқи он ривоятҳо оромгоҳи ҳазрати Одам дар кӯҳи Голгоф воқеъ гаштааст. Момо Ҳаво гӯё дар паҳлуи ӯ хобидааст. Мутобиқи дигар навиштаҷоти яҳудӣ Одам, Ҳаво, Иброҳим, Соро, Исҳоқ ва чанд тани дигар дар ғори Махпела – арабӣ Ҳарам-ал-Иброҳимӣ дар Кеврон гӯронда шудаанд. Мутобиқи ривоятҳои мусулмонӣ оромгоҳи Ҳаво (Мақбарат умна Ҳаво) дар шаҳри Ҷидда воқеъ гаштааст. Татеватсии

https://bikhon.tj

валӣ мегӯяд, ки пеш аз тӯфон Нуҳ устухонҳои Одам ва Ҳаворо бо худ ба киштӣ гирифта, дар Голгоф гӯрондааст. Устухонҳои Ҳаво бошад дар Вифлием, дар он ҷое, ки Исо аз модараш таваллуд шуд, ба хок супурда шудаанд. Вале то кунун ягон ҷойгоҳи аниқе, ки гӯри ҳазрати Одам буданаш таъйид шуда бошад, вуҷуд надорад.

Бисёр далелҳое вуҷуд доранд, ки зиндагӣ ва оромгоҳи ҳазрати Одамро дар минтақаҳои Помиру Ҳинд қаламдод менамоянд. Баъзе сарчашмаҳо таъйид менамоянд, ки забони ҳазрати Одам ва ҳаво забони сурёнӣ ва ориёии форсӣ будааст. Мувофиқи навиштаҳои яке аз бахшҳои «Инҷил» Худованд дар нахуст на забони яҳудӣ, на римӣ, балки сурёниро офарид, ки Одам ба он сухан мегуфт, баъд аз Одам то тӯфони Нӯҳ ва аз тӯфон то замоне, ки Худованд забонҳоро ҳангоми сохтмони манораи Вавилон ҷудо намуд, одамон ба он забон сухан мегуфтанд. Нависандаи асри У Румӣ Феодорит Киррский низ тасдиқ намудааст, ки нахустзабони мардум забони суриягӣ будааст. Ба ин забон волидайни башарият Одам ва Ҳаво гуфтугӯ мекардаанд. Бояд гуфт, ки Сурия то асрҳои 6 мелодӣ дар баъзе сарчашмаҳо бо номи Точикистон зикр шудааст. Худ Сурия ҳамон кишвари Сурӣ мебошад, ки дар «Авасто» зикр гардида, мавқеияти нахустинаш дар водии Фарғона будааст. Дар муқаддимаи «Тафсир»-и Табарӣ омадааст, ки «… забони порсӣ аз қадим боз донистанд аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоил Ва ҳама пайғамбарон ва мулукони замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ. Ва аввал касе, ки сухан гуфт ба забони тозӣ Исмоил пайғамбар буд.

Муаллифи «Таърихи Табарӣ» навиштааст, ки «Чун Одам ба Ҳиндустон омад, умри хеш ҳамешумурд, ки чанд бишуд... Ва уламо ихтилоф карданд андар гӯри Одам. Гурӯҳе гуфтаанд, ки гӯри Одам ба замини Ҳиндустон ҳам бар он кӯҳи Сарандеб бар, ки аз осмон он ҷо фуруд омад». Яъне нахуст, Одам ба Ҳиндустон (яъне Помир – М.Ҳ.) омада умри худро ҳамешумурд. Тавре сарчашмаҳо мегӯянд ӯ

https://bikhon.tj

ҳазор сол умр дид. Дуюм, назари дар Ҳиндустон (боз ҳам Помир – М.Ҳ.) ва Сарандеб будани гӯри ӯ низ вуҷуд дорад. Тавре дида шуд чанде аз динҳо ва сарчашмаҳо мавҷудияти биҳиштро дар он ҷои осмон гуфтаанд, ки дар зери он кӯҳи Меру, яъне маркази Помир вуҷуд дорад. Ҳеҷ як қиссаву ривояте онро дар болои осмони Сарандеб – Сейлон ва Ҳинди кунунӣ нагуфтааст. Ҳазрати Одам ба он замине нузул мекард, ки дар поёни биҳишт қарор дошт. Тавре дар сарчашмаҳои гуногун зикр гардидааст, Худованд биҳиштро дар он ҷойгоҳ офарид, ки он Ҷаҳони Минуӣ бо ҷаҳони моддӣ пайваст мешавад. Биҳишти Эдем низ мисли кӯҳи Меру, Илаврит ва Ҷамбу (Помир – М.Ҳ.) дар маркази замин ҷой дошт. Барои ҳазрати Одам, ки аз биҳишт ронда шуда буд, тарк кардани ҷойгоҳи нузулшудааш мушкил буд. Ва агар ҷое ҳам мерафт, дар дами вопасин бояд ба ҷои нузулшудааш бармегашт… Инак қавли Аллома Иқбол – Бурхиё номи Абулобои мост, собит месозад, ки ҳазрати Бурх ҳазрати Одам аст. Боршид (Бурхид) дар мавқеияте ҷой дорад, ки замоне биҳишт дониста мешуд…

Тавре гуфта шуд, ҳазрати Нӯҳ устухонҳои Одам ва Ҳаворо пеш аз тӯфон бо худ дар киштӣ гирифта, баъдан гӯё дар кӯҳи Голгоф гӯрондааст. Аммо далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки худ ҳазрати Нуҳ низ дар ҳамин минтақаҳо ба сар бурдааст.

Тӯфони бузург ё обхезие, ки дар аксари китобҳои таърихӣ зикр ёфтааст, мутобиқи назари баъзе олимон соли 3800 то солшуморӣ – 3500 то солшуморӣ ба амал омада будааст. Ба қавли баъзе олимон дар матнҳои тафсирии «Библия» кӯҳе, ки ҳазрати Нӯҳ бо ҳамсафаронаш фуруд омада буд, Арарат ё Элбурс (Қафқоз) будааст. Дар «Қуръон» ин кӯҳ «Алҷуд» гуфта шудааст. Тибқи маълумоти суриягӣ, юнонӣ ва яҳудӣ кӯҳе, ки ҳазрати Нӯҳ фурӯд омада буд, Барис – Барз ном доштааст, ки он бо Баразайт (Албурз) ҳамоҳанг аст. Номи кӯҳи Баразайт ҳоло дар миёни мардуми минтақаи Лахшу Вахё бо номҳои Бозирак ва Бурс боқист.

https://bikhon.tj

Ба қавли Абул Фазл Аъламӣ Ёфат аз миёни фарзандони Нӯҳ аз ҳама одил буд. Хонҳои шаҳрҳои шарқӣ ва Туркистон аз насли ӯянд. Дар таърихҳои муқаддас Ёфат сарчдоди аврупоиҳо ва нажоди сафедпӯст дониста мешавад. Ёвон номи писари Ёфат, набераи Нӯҳ будааст. Муҳаққиқи фақид Иброҳим Умарзода дар асоси назари Ленорман номҳои маҳалҳо Ёвон ва Тирозро аз номи писарони Нӯҳ медонад. Бояд афзуд, ки номи маҳал – Ёфуч дар соҳили руди Хингоб низ баргашти овозии Ёфат буда метавонад. Ба қавли ин муаллиф Ёфат дар сарзаминҳои Осиёи Миёна ҳукмронӣ карда будааст. Марр, Авдиев ва дигарон забонҳои халқҳои ориёиро забонҳои ёфатӣ гуфтаанд.

КАРОН

Чанд муддат аст, рочеъ ба бозёфти ҳафриётии шаҳри ба ном Карон дар матбуот баҳсҳо идома доранд. Аммо на мухолифон ва на ҷонибдорони ин бозёфт воқеияти онро то кунун натавонистаанд равшан кунанд. Сабаби аслии рух додани чунин ҳол ноогоҳӣ аз таърихи бостонии кишвар ва минтақа, ки дар адабиёти тибетиву ҳиндуӣ дар мавзуи мазкур зикр гардидааст, мебошад.

Асоси меҳварие, ки мавқеияти ҷуғрофии ҳама гуна асотиру афсона ва ривоятҳои халқҳои гуногунро ошкор месозад, ин муайян намудани ҷойгоҳи бовари он халқҳо дар бораи маркази замин – маркази дунё ё нофи дунё мебошад. Албатта, баъдҳо аксари халқҳову динҳо маркази замин ва маркази дунёи худро «эҷод» намуданд. Вале дар замонҳои дури таърихӣ чунин марказ барои аксарияти халқҳо ягона буд. Мо дар ин бора дар китобҳои худ (ниг. М.Ҳотам «Эрони гумшуда», 2012 ва М.Ҳотам «Ҳинди гумшуда», 20140) батафсил маълумот додаем. Аз ҷумла Шамбала, Аряварта, Арияна Ваеҷа, кӯҳи Меру, инчунин сарзамини ривоятие, ки дар адабиёти тибетӣ зикр гардида, Олмо Лунг ё Олмо Лунгринг

https://bikhon.tj

ном дорад, дар маркази замин воқеъ гашта будаанд. (ниг. М. Ҳотам «Ориётоҷикон: 18 000 сол пеш…», Душанбе, 2006) Дар китоби мазкур аз сарзамини Олмо Лунг ва донишманду ҳакиме бо номи Тонпа Шенраб сухан меравад, ки тибқи тақвими тибетӣ ҳаждаҳ ҳазор сол пеш аз ин вуҷуд дошта будаанд. Тонпа Шенраб нахустин омӯзгор ва бунёдгузори дини бон буда, дар чор самти куҳи Меру (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ) шаҳрҳову қасрҳо бунёд карда будааст.

Дар китоби «Дайри тибетии Юнгдрунг Бон воқеъ дар Ҳинд» (с.1983) дар бораи кишваре бо номи Тоҷик ва қисмати марказии он омадааст: «Замини Олмо Лунгринг аз се як ҳиссаи ҷаҳони мавҷударо ташкил медиҳад ва дар қисмати ғарбии Тибет воқеъ гаштааст. Дар маркази он кӯҳи Юнгдрунг Гудсег (қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ,) қад афрохтааст. Аз чор самти ин кӯҳ чор дарё ба чор самт ҷорӣ мегарданд. Кӯҳ бо боғҳову қасрҳо иҳота ёфтааст. Дар самти ҷанубии он кохи Барпо Соге воқеъ аст, ки Тонпа Шенраб дар он ба дунё омадааст. Дар самтҳои ғарб ва шимоли ин кӯҳ кохҳое воқеъ гаштаанд, ки дар онҳо зан ва фарзандони Тонпа Шенраб иқомат доранд. Маъбаде, ки Шампо Лхатсе ном дорад, дар самти шарқии он воқеъ гаштааст».

Вилояти марказии Олмо Лунгрингро таҷаммӯъи кохҳо, дарёҳо, боғҳо, кӯҳи Юнгдрунг, ки дар марказ қад кашидааст, ташкил медиҳад. Вилояти миёна (Барлинг) аз дувоздаҳ шаҳр иборат аст, ки чаҳортои онҳо рӯй ба чаҳор самтҳои дунё воқеъ гаштаанд. Вилояти сеюм дар худ заминҳои беруниро (Талинг) шомил намудааст. Ин се вилоят бо се Уқёнус (яъне дарё – М.Ҳ.) ва силсилакӯҳҳои барфпӯш иҳота гардидаанд. Роҳ ба Олмо Лунгринг ба воситаи, тавре ки номида мешавад, роҳи тиркушо мебарад. Тонпа Шенраб қабл аз он ки ба Тибет сафар кунад, аз камон тир андохта, аз миёни кӯҳҳо мисли нақб роҳ кушода буд. Ин тасвиротро баъзе олимон ба кишварҳои гуногун, аз ҷумла ба Ҳинд, Шарқи Наздик ва Форс (Эрон) низ айният додаанд. Вале ҳангоми

https://bikhon.tj

таҳлилоти мушаххасоти ҳамаҷониба возеҳан равшан мегардад, ки дар ин манзараҳо ба ҷуғрофияи Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Ҷамбу ё Ҷамбудвипа яке аз ҳафт сарзамини ориёӣ буд, ки вай бо Помири кунунӣ айният мегирад. Тақрибан 10 ҳазор сол пеш Помир аз сатҳи баҳр назар ба сатҳи имрӯзияш 700-800 метр поёнтар воқеъ буда, атрофи онро баҳри Шӯр иҳота карда буд. Дар «Стхананга-Сутра» ном асари ориёҳиндуӣ дар бораи Ҷамбудвипа омадааст: «Қитъаи Ҷамбудвипаро кӯҳи Меру ба ду ноҳия: ҷанубӣ – Бҳарата ва шимолӣ – Айравата ҷудо намудааст». Воқеан

Свами Вишну Дэв дар боби «Тасвири вилоятҳои сарзамини пок» навиштааст: «Дар гӯшаҳои қитъа (Ҷамбу-Помир–М.Ҳ.), дар чаҳор гӯшаи янтра (рамзи чаҳоргӯша дар адабиёти ориёҳиндӣ –М.Ҳ.) вилоятҳои махсус – локаҳо воқеъ гаштаанд.

Дар самти **шимоли шарқӣ**, дар кунҷи он Аря Лока воқеъ гаштааст, ки дар он ҷо ҳайкалҳои бузурги эзадон гузошта шудаанд ва дар онҳо ҳар сари чанд вақт эзадон ҷой гирифта, барои обидон даршан (дидорбинӣ) тӯҳфа менамоянд. Ин ҳайкалчаҳо 108-то мебошанд. Ин мавқеият ба қисмати шарқии водии Лахш мувофиқ меояд.

Дар **ҷануби шарқии** ин сарзамин вилоятест бо номи **Сиддҳа Лока**. Дар ин вилоят онҳое, ба ибодат машғул ҳастанд, ки барои муваффақ шудан ба сиддҳи – нерӯи эзадии муғона (магический) талош менамоянд.

Дар **ҷануби ғарбӣ** дар самти чапи поёни мандали чаҳоргӯша вилояти **Тапа Лока** воқеъ гаштааст. Дар ин вилоят онҳое, ба ибодат машғул ҳастанд, ки барои муваффақ шудан ба дараҷаи олии ваҳю талқин талош меварзанд. Мавқеияте, ки зикраш рафт, ба Карон воқеъ дар Дарвоз мувофиқат мекунад.

Дар **шимоли ғарбӣ** дар гӯшаи чап ва болоии мандала **Вишва Лока**, ки ҳамчунин Вимана Лока ном дорад, воқеъ

https://bikhon.tj

гаштааст. Ба ин вилоят эзадоне, ки савори гардунаҳои тилоии осмонии худ дар саросари коинот сайёҳат менамоянд, омада даршанҳои махсуси худро амалӣ менамоянд»[1]. Ин маҳал имкон дорад харобаҳои Қалъаи Лаби ҷари ноҳияи Нуробод бошад.

Дивя Лока аз ду қитъаи бузург иборат мебошад. Яке қитъа-ҷазираи Аряварта (ҷойгоҳи Аряҳо) мебошад, ки аз атроф бо ҳашт кӯл иҳота гардида, кӯҳи Меру дар марказаш ҷой гирифтааст. Дигаре қитъаи Крита (Камолот) ном дорад. Дар қитъаи Аряварта омӯзгорон, ришиҳо, валиҳо, ки ба камолоти рӯҳонӣ ноил гардида, мандалҳои худро сохтаанд, зиндагӣ мекунанд. Дар қитъаи Крит дигар сокинони ҳашт шаҳри осмонӣ сукунат доранд. Қитъа-ҷазираи Аряварта бо қитъаи Крита бо ҳашт пули бузурги бошукӯҳ пайваст гардида, ҳар яке номи худро дорад ва ба яке аз шаҳрҳои дунё пайваст мешавад. Ҳар як пул аз рӯи кӯле гузашта, ба яке аз шаҳрҳо мебарад.[2] Дар сарчашмаи Вахондарё, дар ҷанубу ғарби Помир, на чандон дуртар аз сарҳади Тоҷикистону Афғонистон маҳале бо номи Крит воқеъ гаштааст, ки эҳтимолан ҳамон Крити ҳамҷавори Ҷамбу ва Аряварта будааст.

ТАМИСРА

Тавилдара яке аз ноҳияҳои хушманзари кишвар буда, дар соҳили руди Хингоб воқеъ гаштааст. Дар бораи ин ноҳия низ мисли дигар маҳалҳои кӯҳистони кишвар маълумоти хеле ками таърихӣ ба дастрас қарор дорад. Аксари донишмандон давлатеро бо номи Кумит, ки дар асрҳои 6-7 мелодӣ вуҷуд дошта будааст, ба ноҳияи Тавилдара айният медиҳанд. Дар бораи воқеияти ин назар дар мақолаи Гомеда

[1] Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Дивья Локаи осмонӣ – Кишвари пок».
[2] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

– Кумит батафсил сухан рафтааст[1]. Ва сухан ҳоло дар бораи маънои номи «Тавилдара» меравад, зеро роҷеъ ба ин ном то кунун назари равшане иброз нагардидааст. Аксаран гумон доранд, ки Тавилдара аз вожаи арабии тавил, яъне дароз бар омада, маънои дараи дарозро дошта бошад. Ҳамин гуна назари гӯё ба арабӣ маънои девор доштани «Ҳоит» низ вуҷуд дорад, ки он ҳам иштибоҳ аст. Бояд гуфт, ки бо номҳои арабӣ номгузорӣ гардидани номи маҳалҳо, хусусан дар минтақаи кӯҳистон чандон роиҷ нест. Дар ноҳияи Тавилдара номи деҳаи Сайёд зоҳиран арабӣ намояд ҳам, имкон дорад аз номи санскритии Суйёд – номи шахс номгузорӣ гардида бошад. Ва тавре дар мақолаи мазкур гуфта шуд, ғайр аз Ҳисору Ҳисорак номҳои арабӣ вонамехӯранд.

Сайёҳ ва ҷуғрофидони рус В. И. Липский соли 1897 аз тариқи водии Вахё ба пояи қуллаи Исмоили Сомонӣ ва водии Лахш сафар намуда, номи Тавилдараро аз забони сокинони ин ҷо ба шакли Тавидара, Табидара (Тоби дара) оварда, шарҳ додааст, ки гӯё дар ин мавзеъ дара тоб – гардиш мехӯрдааст. Воқеан дараи водии руди Хингоб дар назди Тавилдара андаке ба самти шимоли шарқӣ тоб мехӯрад. Вале таҳлилу муқоисаҳо нишон медиҳанд, ки маъно ва шакли аслии Тавилдара дигар буда, ба даврони хеле қадим иртибот дорад.

Тавре дар боби Ҷамбу сухан рафтааст, ин кишвар ба ҳудудҳои Помири кунунӣ нисбат мегирад[2]. Ва ҳудудҳои Ҷамбу аз ҳудудҳои кунунии Помир тафовут дошта, дар шимол соҳилҳои чапи рудҳои Қизилсу ва Сурхоб, дар ғарб соҳилҳои чапи Хингоб аз ҳамроҳшавии он ба Сурхоб то ноҳияи Тавилдара, дар ҷануб соҳилҳои чапи руди Панҷ ва дар шарқ соҳилҳои чапи руди Гёздарё (Косаруд – М.Ҳ.) ва самти шарқии қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғонаро дар бар мегирифт. Дар яке аз асарҳои ориёҳиндуӣ «Стҳананга-

[1] Ҳотам М. «Ҳисор дар бомдоди таърих», Душанбе, «Ирфон», 2011
[2] Ҳотам М. «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012.

https://bikhon.tj

Сутра» дар бораи ҷуғрофиёи Ҷамбудвипа маълумоти муфассал дода шуда, дар бораи Тамисра ном мавзеъҳо сухан меравад, ки дар чандин ҷойи сарзамини Ҷамбу – Помир воқеъ будаанд. Аз ташреҳоти ин мавзеъҳо маълум мегардад, ки ҳар яке аз онҳо мисли ғори калоне буда, дарвоза доштаанд ва дарунашон торику беқаър будааст. Масалан дар банди 8.65-66 асари мазкур омадааст: «Баландии гунбади Тамисра ҳашт йоҷан, ғори дарунаш низ ҳамин қадар аст...» Баъдан дар тафсир мавқеъҳои ҷуғрофӣ омадааст: «Дар нишебии кӯҳи Вайтадхё (Вахё?) ду ғор воқеъ гаштаанд: Тамисра – дар самти ғарби он ва Кҳандапрапата – дар шарқ… Дар ҳар як ғор як ҷуфт дарвоза вуҷуд дорад, ки дар самти шимол ва ҷануб воқеъ гаштаанд».

Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ омадааст, ки баъди ғалаба бар Арҷосп, ки дар Марв (Мурғоби Бадахшон – М.Ҳ.) ба амал омада буд, Гуштоспи пирӯз ба Балх (Балхи воқеъ дар водии Фарғона) меояд. Вай Исфандиёрро маҳбус карда, худ.. ба кӯҳи Нафашт рафта, ба хондани Занд машғул мешавад. Арҷосп дубора ба Балх ҳуҷум карда, Луҳроспро мекушад. Гуштосп дар кӯҳи Тамидара пинҳон мешавад.[1] Ҳангоми муқоисаи номи Тамисра бо номи Тамидара – номи кӯҳе, ки Ибни Балхӣ зикр кардааст, маълум мешавад, ки ин ду ном айни ҳам будаанд. Муаллифи мазкур навиштааст, ки кӯҳи Тамидара «саъб кӯҳест». Тавре маълум аст, дар паҳлуи Тавилдара бо номи Тамара кӯҳи аҷибе қад афрохтааст, ки аз кӯҳҳои дигар тафовут дошта, таваҷҷуҳи бинандаро зуд ба худ ҷалб мекунад. Дар бораи ин кӯҳ ривоятҳои гуногун вуҷуд дошта, онро бо номи кадом зани рус – Тамара иртибот медиҳанд, ки чандон воқеият надорад. Мувофиқи навиштаҳои асарҳои куҳан дар буни ин кӯҳ дар он даврон ғоре ё нақби калоне бо номи Тамидара вуҷуд дошта будааст, ки шояд дар тайи ҳазорсолаҳо аз байн рафта бошад.

[1] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе. Дониш, 1989, с. 55.

https://bikhon.tj

Тавре аз баргаштҳои забонӣ маълум мешавад, дар бисёр вожаҳо овозҳои т ва д ба овози с, з, ва ғайра табдил меёбанд. Аз ин лиҳоз баргашти овози д дар вожаи Тамидар ба овози с тамисар – тамисра қоидаи маъмулии забон аст. Ва ҳар ду ном ба маънои дорандаи торикӣ – торикидор маънӣ мешаванд. Вожаи там ё том дар забонҳои ориёӣ маънои торро дошта, вожаҳои русии темный, темно аз ҳамин вожа шакл гирифтаанд. Ҳамин тариқ тамидара аз вожаи тами – торикӣ ва дара (санскритӣ – дҳара) – дор, доштан, шакл гирифта, ба маънои торикидошта ифода мешудааст.

Акнун мебинем, ки вожаи Тамидар(а) ҳамчунин бо баргашти овозии м ба б ва баъдан ба в (қоидаи маъмули забон) ба Табидара ва Тави(л)дара баргашт намудааст. Вале дар номи Тамара ба шакли ба асл наздиктар боқӣ мондааст. Дар забони санскрит тамара низ маънои тамидараро ифода мекунад.

Бояд гуфт, ки аз лиҳози мантиқ Тавилдара ба тамоми дараи соҳилҳои руди Хингоб иртибот дошта наметавонад. Қисмати болоӣ – Вахё ва поёнии ин дара ҳеҷ гоҳе бо мафҳуми Тавилдара ифода намешаванд. Зеро вақте мо Тавилдара мегӯем, номи маҳали алоҳида – шаҳраки маркази ноҳия пеши назар меояд, на тамоми дара. Рӯйдодҳои «Шоҳнома» тақрибан се ҳазор сол пеш аз ин ба вуқуъ пайвастаанд. Муҳоҷирати ориёҳиндуҳо аз сарзаминҳои Помиру Фарғона ва минтақаҳои атрофашон ба нимаи аввали ҳазораи 2 пеш аз солшуморӣ рост меояд. «Стҳананга-Сутра», ки дар он дар бораи маҳалҳои Помир сухан меравад, қабл аз муҳоҷирати ориёиҳо эҷод шудааст. Яъне Тавилдара – Тамидара номест, ки тақрибан севуним – чор ҳазор сол пеш аз ин вуҷуд дошта будааст… Сарфи назар аз гузаштани ҳазорсолаҳо ҳоло низ номҳои асливу аввалияи рудҳову маҳалҳо баъзе дар шакли асл ва баъзе дар шакли тағйирёфта боқӣ мондаанд.

https://bikhon.tj

ПОМИР
ДАР САРЧАШМАҲОИ ОРИЁЭРОНӢ

ШОНЗДАҲ КИШВАРИ АҲУРООФАРИДА

1. Эронвиҷ – водиҳои Олой ва Лахш
2. Суғд – шимоли руди Сир дар Фарғона – Чуст, Ғовасой
3. Мауру – Марғ (Муру) – Мурғоб дар Бадахшон
4. Бохази – Балх – Бахтр – дар резишгоҳи руди Исфара
5. Нисойя – Нисо дар ҷануби ғарбии Фарғона.
6. Ҳарӣ *(Харайва – Ҳарӣ – Ҳарот Ҳарои – Харуя)* – самти ҷанубии қуллаи Ғалаба дар Тяншан
7. Ваюкерета (Кобул) – дар шарқи қаторкӯҳи Фаргона.
8. Урва – шимоли шарқии Сарикӯл
9. Хнента *дар Гургон (Вркана)* – шимоли шарқии шаҳри Тошканд.
10. Ҳараҳватии зебо дар соҳили руди Тарим, (ғарби Хитой)
11. Ҳаетумант – Ҳирманд – Ҳилманд – Ҳендманд (дар назди кӯли Суман – Яшилкӯл, Бадахшон)
12. Рага – Роға – дар саргаҳи руди Хингоб дар Вахё
13. Чахра – дар самти ғарби Хутан (холо Чархлик)
14. Варена – дар самти ғарбии Иссиққӯл.
15. Ҳафтруд – Хапта Ҳинду (Сапта Синд) – ҳамҷояшавии рудҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхондарё, Қундуздарё, Қашқадарё ва руди Шеробод
16. Упа Аузаешу Аранг – сарчашмаи руди Сир.

ҲАФТ КИШВАРИ ОРИЁЭРОНӢ

1. Хуросон (Аризаҳи) – сарзаминҳои шарқ ва ғарби қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл
2. Ховар – Шом (Саваҳӣ) – хатти Чимкент, Фарғона – Тирмиз

https://bikhon.tj

3-4. Руму Бохтар (Воврубарашт, Вовруҷарашт) – сарзаминҳои шимол ва ҷануби қаторкӯҳи Тёншон дар Фарғона
5-6. Нимрӯз (Видадафшу, Фрададфшу) – соҳилҳои руди Панҷ дар минтақаҳои Бадахшон, Хатлон ва Тирмиз
7. Эроншаҳр (Хунирас) – сарҳади шарқӣ – водии Сарикӯл, сарҳади ғарбӣ Хуҷанд, Самарқанд, Тирмиз, сарҳади ҷанубӣ дарёи Панҷ, саҳади шимолӣ қаторкӯҳи Тёншон дар водии Фарғона.

Турон – дар шарқ аз Сарикӯл то Хутан; дар ғарб – самти ғарбии Хуҷанд, Самарқанд Тармиз; дар шимол – аз қаторкӯҳи Тёншон то кӯли Балхаш; дар ҷануб аз соҳили чапи руди Панҷ.

ҲАФТ КИШВАР

Ориёиҳо ҷаҳони худро ба ҳафт бахш ҷудо карда будаанд. Ин бахшҳо на ҳамчун воҳиди давлатӣ ё қавмӣ, балки бештар ҳамчун иқлим ё минтақаи ҷуғрофӣ зуҳур менамуданд. Дар адабиёти қадим ва қиссаву афсонаҳои халқҳои Машриқзамин ибораҳои ҳафт кишвар, ҳафт мамлакат, ҳафт иқлим аз ҳамин бахшҳо бунёд гирифтаанд. Дар аксари афсонаҳои халқии тоҷикӣ сифати духтари зебо «хироҷи ҳафт мамлакат» аст. Роҷеъ ба ин ҳафт кишвари афсонавӣ дар баъзе адабиёт ишораҳои ҷузъие рафта бошад ҳам, воқеият ва мавқеияти аслии онҳоро возеҳ накардаанд.

Дар «Авесто» аз ин ҳафт кишвар бо номҳои Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрададафшу, Видадафшу, Воврубараштӣ, Вовруҷараштӣ ва Хванирас борҳо тазаккур ба амал омадааст, ки онҳо вижагии ҷуғрофӣ доранд. Аз ин ҳафт кишвар шашто – Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрададафшу, Видадафшу, Воврубараштӣ, Вовруҷараштӣ дар гирдогирд ва Хванираси дурахшон дар миёнаи онҳо воқеъ гардида будааст. Мутобиқи шарҳи яке аз китобҳои ориёҳиндӣ «Сабҳапарва» дар атрофи кӯҳи Меру (ба номи Исмоили Сомонӣ) ҳафт ҷазира ё қитъаи ориёҳиндӣ

https://bikhon.tj

вуҷуд доштаанд, ки онҳо Ҷамбудвипа, Кушадвипа, Шака, Краунча, Шалмалӣ, Гомеда ва Пушкара ном доштаанд. Гумон меравад, ҳафт кишвари ориёэронӣ дар нисбати ҳафт кишвари ориёҳиндӣ номгузорӣ гардида будаанд. Дар адабиёти асрҳои миёна он ҳафт кишварро Чин, Туркистон, Ҳинд, Турон, Эрон, Рум ва Шом номидаанд, ки ин айниятдиҳии баъдӣ буда, ба воқеияти таърихӣ дуруст намеояд.

Дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» Ҳушанг, яке аз нахустин подшоҳони Пешдодӣ ҳукмрони он ҳафт кишвар буда, дар ин бора худ гуфтааст, «Ки бар ҳафт кишвар манам подшоҳ». Коваи ба шӯромада ба Заҳҳок мегӯяд, ки:

Агар ҳафт кишвар ба шоҳӣ турост,
Чаро ранҷу сахтӣ ҳама баҳри мост?

Вале баъдҳо мавқеияти ҷуғрофии ҳам ҳафт кишвари ориёҳиндӣ ва ҳам ҳафт кишвари ориёэронӣ аз ёдҳо рафт. Аз ҳафт кишвари ориёэронӣ танҳо Хуросон дар мавқеи шарқӣ ва шарқу шимолии Эрони кунунӣ ва Нимрӯз дар яке аз минтақаҳои Афғонистон дубора номгузорӣ гардид. Баъдҳо бо фарогирии ҷуғрофияи бештаре истилоҳи «Хуросони бузург» низ мавриди истифода қарор гирифт. Агарчи Балхи кунунӣ бо Бохтари ориёӣ ҳеҷ иртиботе надошт, баъдҳо ин ду номро бо ҳам махлут донистанд. Ва кишвари марказӣ ва асосӣ Хванирас ё Хунирасро ба Эрони кунунӣ айнияти тахминӣ доданд. Ҷаҳони аслӣ ва нахустини ориёӣ мисли сиккаҳои тилоӣ зери вайронаҳои таърих чунон аз зеҳнҳову ёдҳо фурӯ афтод, ки дар тайи ҳазорсолаҳо нақшеву ангорае аз он зоҳир нагардид. Дар миёни пажӯҳишҳои зиёди донишмандон рисолае, ки воқеияти ҷуғрофиёи аслии ориёиҳоро бозгӯ карда тавонад, ба арса наомад. Сабабҳои аз ёд рафтани воқеият ва ҷуғрофияи меҳани ориёиҳои нахустин зиёданд. Аммо бо вуҷуди ин роҷеъ ба аслияти ин ҷуғрофиё аз ҷониби баъзе олимон ин ҷову он ҷо нуктаву ишораҳое пешниҳод гардид. Инак ҷуғрофияи аслии нахустмеҳани ориёиҳои

https://bikhon.tj

«Авесто», аз ҷумла ҳафт кишвар бори нахуст дар шакли тоза пешниҳод мегардад.

АРИЗАҲӢ

Кишвари Аризаҳӣ[1] асосан сарзаминҳои шарқии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯлро дар бар мегирифтааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Аз он ҷо ки Хуршед ба рӯзи маҳист бар ояд, то ба рӯзи кеҳ бар ояд, Шарқ, кишвари Арзаҳ аст».

Яъне ҷойгоҳе, ки офтоб аз Тираки Албурз (қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл – М.Ҳ.) дар дарозтарин рӯз (22 июн) аз хати пайвастшавии қаторкӯҳи Фарғона бо қаторкӯҳи Тяншан ва дар кӯтоҳтарин рӯз (22 декабр) аз ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл тулӯъ мекунад, Арзаҳ ном доштааст. Яъне хатти миёни нуқтаи шимолтарин ва нуқтаи ҷанубтарини баромадани офтоб дар рӯзи дарозтарин ва рӯзи кӯтоҳтарин ҳадди шимолӣ ва ҳадди ҷанубии кишвари Аризаҳро ташкил медодааст. Аз ин лиҳоз маълум мегардад, ки Аризаҳ бо Хуросон ё айни як минтақа аст ва ё Хуросон як қисмати Аризаҳ будааст. Дар шарҳи «Авесто» омадааст, ки: «Аризаҳӣ кишварест дар ховари ҷаҳон».[2] Аммо дар Меҳряшт ишора гардидааст, ки хуршед аз кишвари Аризаҳӣ ба сӯи Хванирас мешитобад: «Он ки бо гардунаи баландчарх бо шеваи минуӣ сохта аз кишвари Аризаҳӣ ба сӯи кишвари Хванираса мешитобад».[3] Дар ин иқтибос равшан

[1] Аммо дар «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» роҷеъ ба Аризаҳӣ чунин омадааст: «Арезаҳи – номи яке аз ҳафт кишвари рӯи замин аст. Ин кишвар дар бохтарии Хунирас (Эронвиҷ) ҷой доштааст. Дар китоби мазкур вожаи арезаҳ ба маънои офтобзардӣ, шомгоҳ, ҳангоми офтоб фурӯ рафтан ва арез – анҷом додан, ба ӯҳда гирифтан, ба поён расондан омадааст. Аз ин лиҳоз, Арезаҳ метавонад маънои ховар ё офтобшинро дошта бошад. Ба ҳамин далел дар баъзе адабиёт Аризаҳ ҳамчун ғарб ва Савах ҳамчун шарқ қаламдод гаштааст.

[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 584.

[3] «Авесто». Меҳряшт, банди 67, 261.

https://bikhon.tj

ишора шудааст, ки Аризаҳӣ дар самти машриқи Хванирас воқеъ гаштааст. Дар пораи зерин низ ишорат ба-д-он шудаааст, ки Аризаҳӣ дар шарқи Хванирас воқеъ гаштааст: «Резиши ҳамаи обҳо дар ҷаҳон аз кишвари Аризаҳӣ аст, он ҷо ки хуршед барояд ва ҳаракати он ба сӯи кишвари Саваҳӣ аст, он ҷо ки хуршед фурӯ равад». Ин ҷо сарчашмаи рудҳои Сир, Вахш ва Панҷ дар назар аст, ки аз сарзаминҳои Аризаҳӣ (Хуросон) сарчашма гирифта, аз Хунирас ва Саваҳӣ убур менамоянд.

Муҳаққиқ ва донишманд Стеблин-Каминский дар шарҳи тарҷумаи русии «Авесто» Аризаҳиро дар Шарқ ва Саваҳиро дар Ғарб гуфтааст.[1]

ХУРОСОН

Агарчӣ дар таъйини ҳудудҳои марзии Хуросон назарҳои муҳаққиқин гуногунанд, аммо бештари онҳо ҳудудҳои шимолу шарқии Эрону Афғонистон ва ҷанубу ғарбии Осиёи Миёнаро ҳамчун Хуросон шинохтаанд. Муаллифони баъзе адабиёти асримиёнагӣ Бадахшон ва Раштро ҳудудҳои ниҳоии шарқии Хуросон донистаанд. Масалан, дар «Китоб ал-масалик в-ал-мамолик»[2] роҷеъ ба мавқеияти маҳалҳо чунин омадааст: «...Ар-Раст нуқтаи дуртарини Хуросон дар он ҷониб аст».

Аз ҳафт кишвари ориёӣ танҳо номи Хуросон, бо кадом сабабе дубора дар қисматҳои шарқии Эрон ва Афғонистону Моваруннаҳр номгузорӣ гардид. Вагарна кишвари марказӣ ва аз лиҳози моҳияту масоҳат бартаридошта Хванирас ё Хунирас буд. Хуросонро ҷойи омадани хур – офтоб маънӣ кардаанд. Дар «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ омадааст, ки «Хуросон он бувад, к-ояд хур осон» ва Хуросон ин

[1] Стеблин-Каминский. «Авесто», нашри русӣ, Душанбе. «Адиб». 1990, с.156.
[2] «Китоб ал-масалик в-ал-мамолик», боби 18.

https://bikhon.tj

ҷо ба шакли «хур» ва «осон» ҷойгоҳи омадани офтоб ташреҳ шудааст. Аммо гумони қавӣ он аст, ки Хуросон аз хур ва ос – тир ё меҳвар таркиб ёфтааст. Ба ҳар ҳол ба кадом ҷиҳат чунин маъно гирифтани онро дар сурати шинохтани мавқеияти аслии ҷуғрофии Хуросон дарёфтан имкон дорад. Дар «Бундаҳишн» нисбати гардиши ҷирмҳои осмонӣ омадааст: «Тирги Албурз он аст, ки Хуршед, Моҳу ситорагони ман аз паси (ӯ) бозгарданд, зеро ба Албурзро яксаду ҳаштод равзан аст ба Хуросону яксаду ҳаштод ба Ховарон».[1] Яъне Хуросонро дар ҷое суроғ кардан лозим аст, ки офтоб аз қаторкӯҳи Тирг ё Тираки Албурз, ки он на ба самти дарозии дигар кӯҳҳо, балки баракс қад кашидааст, баромада, ба сарзаминҳои эронӣ нурафшонӣ мекунад.

Аксар донишмандон Тирг ё Тиракро яке аз қуллаҳои баланд ва ё теғаи Албурз донистаанд. Вале агар мисолҳои ба ин мавзӯъ бахшидашударо таҳлил намоем, маълум мешавад, Тираки Албурз қаторкӯҳест, ки ду системаи кӯҳии Албурз – Тяншан ва Помирро ба ҳам мепайвандад, ки ба он қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона шомил мешаванд. Ин ду системаи бузурги кӯҳӣ – Тяншан ва Помиру Олой – аз шарқ ба ғарб дар радифи ҳам қад кашида, танҳо дар як мавқеъ – қисмати шарқии Помиру Фарғона ба воситаи қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона, ки аз самти ҷануб ба шимол идомат ёфтаанд, ба ҳам пайваст мешаванд. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Кӯҳи Албурз перомуни ҷаҳон, кӯҳи Тирг (Тирак) низ миёни ҷаҳон аст».[2] Ҳамин қаторкӯҳҳоянд Тираки Албурз, ки ҳамчун ҷойгоҳи баромадани хуршед барои минтақаҳои ғарбии ин қаторкӯҳҳо зоҳир мешаванд. Ҳамин ҷойгоҳи баромадани хуршед барои кишварҳои воқеъ дар водии Фарғона ва дигар минтақаҳои ҷанубии ин қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл Хуросон ба шумор мерафтааст.

Тир ё тирак, гунаи дигари он ос, (масалан, дар вожаи

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.с.48.
[2] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.47.

https://bikhon.tj

осиё), дар забони русӣ низ ҳоло ба гунаи «ось» вуҷуд дошта, дар вожаи Хуросон таркибсозӣ намудааст. Яъне ос тирест, ки хуршед ба гирди он давр мехӯрад. Вожаи Хуросон аз ду реша – хур ва ос, инчунин пасванди (дар баъзе вожаҳо маконсоз) – он таркиб ёфтааст. Ҷойгоҳи ҷуғрофии Хуросон қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона, инчунин ҳудудҳои шарқиву ғарбии онҳо башумор мерафтанд. Дар нисбати ҳамин қаторкӯҳҳост, ки дар «Бундаҳишн» омадааст: «Хуршед, Моҳу ситорагони ман аз паси (ӯ) бозгарданд, зеро ба Албурз яксаду ҳаштод равзан аст ба Хуросону яксаду ҳаштод ба Ховарон».[1] Дар ҷои дигари «Бундаҳишн» омадааст: «Тираги Албурз он аст, ки ситора ва моҳ ва хуршед бад-ӯ фурӯ гарданд ва ба-д-ӯ боз оянд…[2] Яъне, хуршед ҳар саҳар аз паси ҳамин қаторкӯҳ баромада, сӯи ғуруб меравад. Дар як сол вай ду бор ин яксаду ҳаштод равзанро давр мезанад.[3] Ҷойгоҳи яксаду ҳаштод равзани баромадани офтоб (Тираки Албурз), сарчашмаи Веҳруд, Кангдиж, сарчашмаи Марврӯд дар Абарсинкӯҳ, кӯҳи Паҳргар, Оташи Озарбарзинмоҳ, теғаи Абарсин, кӯҳи Манӯш, кӯҳи Реванд – инҳоянд нишонаҳои асосии Хуросон. Ҳудудҳои шарқии Хванирас ва ғарбии Хуросон ба ҳам омезиш ёфтаанд, аз ин рӯ баъзе воҳидҳои ҷуғрофӣ ҳам дар Хунирас ва Хуросон дониста шудаанд. Масалан, дар банди якуми бахши чаҳордаҳум «Бундаҳишн» Кангдиж, Саукастон, дашти Пешонса, руди Новток, Эронвиҷ, Вари Ҷамкард, Кашмири андарунӣ дар кишвари Хванирас гуфта шудаанд.

Мавқеияти ин номҳо дар қисматҳои шарқӣ ва ғарбии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл воқеъ гардиданд, ки дар бораи ҳар кадоме дар ҷойи худ сухан хоҳад рафт. Дар баъзе маврид Хуросон ва кишвари Аризаҳ яке дониста шудаанд.

---

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.47.
[2] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.57.
[3] Дар боби он ки чаро яксаду ҳаштод равзан, ки дар маҷмӯъ сесаду шаст рӯз мешавад, дар боби «Замони Эронвиҷ» сухан рафтааст.

https://bikhon.tj

Тавре гуфта шуд, Тирак қаторкӯҳи Сарикӯл ба пайваст бо қаторкӯҳи Фарғона мебошанд. Дар «Рамаяна» ва дигар адабиёти ориёҳиндӣ кӯҳи Сауманас зикр шудааст, ки аз он офтоб дар рӯзи дарозтарини сол баромада, ба кишвари Ҷамбудвипа аз ҷониби шимол равшанӣ менамояд. Тибқи таҳлилоти мо ин кӯҳ ба қуллаи кӯҳи Ғалаба – Сауманас мувофиқ меояд. Мутобиқи тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ офтоб аз ҷануби Ҷамбудвипа ба шимол ҳаракат карда, ҳар субҳ аз пушти қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона боло мешавад. Вай дар дарозтарин рӯз ба қуллаи Сауманас, яъне қуллаи Ғалаба мерасад ва аз он ҷо боз ба сӯи Ҷамбудвипа (сарзаминҳои кунунии миёни рудҳои Вахшу Панҷ – М.Ҳ.) пас мегардад. Зимнан бояд гуфт, ки дар адабиёти гуногуни ориёҳиндӣ Сауманас якчанд кӯҳ ва мавқеи дигар дониста шудааст.

Дар «Бундаҳишн» дар нисбати руди Беҳруд, ки аз Хуросон убур менамояд, чунин омадааст: «Аз сӯи шимол ду руд битозонид, яке ба Хуросон яке ба Ховарон шуданд». «Веҳруд (аз Албурз) ба Хуросон бигзарад, ба Синдбум шавад, ба Ҳиндугон ба дарё резад, ӯро он ҷо Меҳронруд хонанд, Ҳиндугонруд низ хонанд». Тавре дар боби рудҳо зикр шудааст, Веҳруд дар аксар маврид ба руди Панҷ айният мегирад. Воқеан, сарчашмаи Беҳруд – руди Панҷ, ки Танимас ном дорад, аз самти шарқии қаторкӯҳҳои Академияи Илмҳо сарчашма гирифта, нахуст ба сӯи шарқ – Хуросон ва баъдан ба ҷануб ва ғарб ҷорӣ мегардад. Ҳамчунин дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Марврудӣ фараҳманд ба Хуросон аз Абарсинкӯҳ битозад». Ин иқтибос ба руди Мурғоб айният дорад, ки аз қаторкӯҳи Сарикӯл сарчашма мегирад. «Кӯҳи Манӯш, ки ба Хуросон ба марзи Туркистон аст, низ ба Абарсин пайваста аст. Кӯҳи Қоф аз ҳамон кӯҳи Абарсин рустааст».[1] Ва ин иқтибос ба Тяншани марказӣ айният мегирад, ки он низ дар Хуросон мавқеият дорад. «Инро низ

[1] «Бундаҳишн».

https://bikhon.tj

гӯяд, ки ҷуз Албурз Абурсаин кӯҳ бошад, ки Абарсаин хонда шавад, бузургтарин аст, кӯҳи ҳама Порт аст. Буни ӯ ба Систон ва сараш ба Чинистон аст. Теғаи ӯ низ ба Хуросон аст…».[1] Ба эҳтимоли қавӣ қаторкӯҳи Фарғона дар баробари як қисми Тираки Албурзро ташкил додан як теғаи Абарсин низ номида мешудааст. Оташи Озарбарзинмоҳ (дорандаи меҳри баланд) дар Хуросон – яке аз кӯҳҳои соҳили кӯли Чайчаст – Қарокӯл воқеъ будааст.

Дар «Форснома» Ибн-ал-Балхӣ тасвири ҷанги Гударз бо турониён дар дашти Канобад (Конибодом) бисёр лаҳзаҳои ҷуғрофияи даврони Кайониёнро равшан менамояд. Хусусан, ҳангоме маълум мешавад, ки Гударз аз сӯи Хуросон ба Канобад раҳсупор мешавад, ҷуғрофияи мавриди назар боз ҳам равшантар мегардад. Аз роҳи Хуросон ба сӯи Канобад рафтани Гударз ҳаракати ӯро аз самти ҷанубии Сирдарё дар водии Фарғона ба сӯи ғарб нишон медиҳад, ки тасвироти қаблии моро дар ин мавзӯъ таъйид менамояд.

ХУНИРАС – ХВАНИРАС – ЭРОНШАҲР

Хунирас, Ханира ё Хванираса миёни ҳафт кишвар ё иқлим бузургтарин кишвар буда, Эрони бостон ва Эронвиҷ низ дар ин бахш ҷой дошта будаанд. Шакли авестоии ин вожа Хва(и)ниратҳа(и) баамиа буда, бо сифати бомя – дурахшон, фурӯзон, рӯшану тобнок ифода гардидааст. Хванирас дар «Авесто» бештар аз дигар сарзаминҳо ситоиш ёфтааст. «Бундаҳишн» мегӯяд, ки «Некӣ дар Хванирас беш офарида шуд». Дар вожаи Хванирас, ки аз шакли Хваниратҳа (ва ба эҳтимоли қавӣ аз шакли Сваниратҳа – М.Ҳ.) баргашт шудааст, ду баргашти овозӣ ба назар мерасад: қисмати «хва» – зебо, хуш аз шакли санскритии «сва» баргашт шуда, рат, яъне гардуна ба шакли рас баргашта дар маҷмӯъ ба маънои кишвари дорандаи гардунаҳои зебо ифода шудааст.

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.57.

https://bikhon.tj

Доир ба ҳафт кишвар дар «Бундаҳишн» омадааст: «Порае ба андозаи нимае (дар) миёну шаш пораи (дигар) перомуни (он қарор гирифт). Он шаш пора ба андозаи Хванирас аст. Ӯ онҳоро кишвар ном ниҳод, зеро эшонро марз бибуд, чунон ки пораеро (ки) ба ноҳияи Хуросон аст, кишвари Арза, пораеро (ки) ба ноҳияи Нимрӯз аст, Фрададафш ва Видадафш, ду пораеро (ки) ба ноҳияи Апохтар аст, Ваурубарашт ва Вауруҷарашт хонанд. Онро ки миёни эшон ва ба андозаи эшон аст, Хванирас хонанд».[1] Хванирас баъди шаш кишвари дигар номбар гардида, нисбати вай ҳамеша ишораҷонишини «ин» истифода шудааст. Яъне сухан дар ҳамин кишвар гуфта шудааст. «Меҳри тавоно бар Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрадазафшу, Видазафшу, Воврубараштӣ, Вовруҷараштӣ ва бар ин кишвари Хванираси дурахшон паноҳгоҳи бегазанд ва оромгоҳи сутурон бингарад».[2]

Тавре дар бахшҳои дигари «Авесто» маълум мегардад, Эронвиҷ ва баъзе маҳалҳои дигари ориёӣ дар кишвари Хванирас воқеъ буда, нишонаи хоси ин кишвар кӯҳи Тираки Албурз аст, ки офтобу моҳ ва ситораҳо аз шонаи ин кӯҳ баромада, нахуст ба кишвари Эронвиҷ рӯшанӣ меандозанд ва пас сӯи кишварҳои дигар бо самти ҷараёни рудҳо раҳсупор мегарданд. Роҷеъ ба Хунирас, «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» мегӯяд, ки «...ҳафтумро (кишвари ҳафтумро – М.Ҳ.) миёни ҷаҳон аст, Хунироси Бомӣ хонанд. Хунирос он аст, ки мо бад-ӯ андарем. Ва шоҳон ӯро Эроншаҳр хондандӣ». Вале ин гуфта низ нисбати мавқеияти Хунирас айнияти дуввум ва баъдӣ ба шумор меравад. Дар иқтибоси зерин, ки дар «Бундаҳишн» зикр гардидааст, мавқеияти ҳафт кишвар, аз ҷумла, Хванирасро муайян кардан мумкин аст: «Аз он ҷо ки Хуршед ба рӯзи меҳист бар ояд, то ба рӯзи кеҳ бар ояд, Шарқ, кишвари Арзаҳ аст, аз он ҷо, ки ба рӯзи кеҳ барояд, то ба рӯзи кеҳ бишавад, ноҳияи Нимрӯз, кишвари Фрадафшу ва

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.56.
[2] «Авесто». Меҳр яшт, 15.

https://bikhon.tj

Видадафш аст. Аз он ҷо ки ба рӯзи кеҳ дар шавад, то ба рӯзи меҳист дар шавад, Ғарб, кишвари Саваҳӣ аст. Аз он ҷо ки ба рӯзи меҳист бар ояд, то ба ба рӯзи меҳист дар шавад, ноҳияти Шимол (Апохтар), кишварҳои Воврубарашт ва Вовруҷарашт аст».[1] Яъне аз он ҷо ки офтоб ба дарозтарин рӯз – 22 июн мебарояд – ва ин ҷойгоҳ тақрибан аз самти ғарбии қуллаи Ғалаба, ки баландиаш аз сатҳи баҳр 7439 м. мебошад, то он ҷо, ки ба кӯтоҳтарин рӯз – 22 декабр мебарояд – ва ин ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл мебошад, кишвари Аризаҳ ё Хуросон аст. Аз он ҷо, ки ба кӯтоҳтарин рӯз – 22 декабр аз ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл баромада, ба кӯтоҳтарин рӯз – 22 декабр фурӯ меравад, яъне тақрибан самти ғарби Тирмиз ё Сурхондарё, ноҳияи Нимрӯз, кишвари Фрадафшу ва Видадафшу мебошад. Аз он ҷое, ки офтоб ба дарозтарин рӯз, яъне 22 июн барояд (ҷойгоҳи пайвастшавии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Тяншан) то он ҷое, ки ба кӯтоҳтарин рӯз – 22 декабр фурӯ меравад, (тақрибан Чимкенти кунунӣ) Апохтар ё кишварҳои Воврубарашт ва Вовруҷараштро ташкил медиҳад. Аз он ҷое, ки офтоб ба дарозтарин рӯз – 22 июн фурӯ меравад, то он ҷое, ки ба кӯтоҳтарин рӯз – 22 декабр фурӯ меравад – яъне тақрибан хатти Чимкент – Тирмиз Ховар Шом ё кишвари Саваҳиро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ миёни чаҳоркунҷаи нуқтаҳои ғарби баландтарин қуллаи Тяншан – ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл – Чимкент – Тирмиз кишвари Хванирасро ташкил медиҳад. Ба қавли «Бундаҳишн»: «Чун хуршед барояд, (ба) кишвари Аризаҳ, Фрадазафш ва Видазафш, ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯи Тираг андар шавад, ба кишвари Аризаҳӣ Ваурубарашт ва Вауруҷарашт ва ниме аз Хванирас тобад. Ҳангоме ки ин ҷо рӯз аст, он ҷо шаб аст, зеро ба сабаби кӯҳи Тирг аст (ки) шаб пайдо шавад». Дар яке аз адабиёти орҳиндӣ «Шримад Бҳагаватам» роҷеъ ба ҳамин мавзӯъ омадааст: «…Офтоб атрофи кӯҳи Манасоттараро... тай карда,

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с. 48.

https://bikhon.tj

ҷой иваз мекунад». Кӯҳи Манасоттара, дар шарқи кӯҳи Сумеру дар ҷое воқеъ гаштааст, ки бо номи Девадҳани – мақари Индра маълум аст. Айнан ҳамин гуна дар ҷануб ҷое воқеъ гаштааст, ки Самямани ном дошта ҷойгоҳи Йамараҷа мебошад. Дар ғарб ҳамин гуна ҷой Нимлочани ном дошта, ҷойгоҳи Варуна ва дар шимол Вибҳавари – ҷойгоҳи эзади Моҳ мебошад. Тулӯъ, нимрӯз, ғуруби Офтоб ва нимашаб дар ин ҷойҳо дар вақтҳои гуногун расида, ҳамин тариқ тамоми мавҷудоти зиндаро ба машғулияти хоси гуногун водошта, инчунин маҷбур мекунанд, ки фаъолияташонро қатъ намоянд».

Яъне вақте хуршед мебарояд, ба ҳудудҳои ғарбии кунунии Хитой, қисмати ҷанубӣ шарқии кунунии Тоҷикистон, шимоли шарқии Афғонистон, қисмати шарқии водии Фарғона метобад, вақте аз кӯҳи Тирак (қаторкӯҳи Сарикӯл гузашт, ба ҳудудҳои шимолии шохаи ғарбии кӯҳҳои Тяншан, ғарби водии Фарғона, қисматҳои ғарбии Чимкенти кунунӣ метобад. Вақте дар шарқтарин нуқтаи ҳудудҳои ориёӣ (эҳтимолан Хутан) субҳ медамад, дар ғарбтарин нуқтаи сарзаминҳои ориёӣ (эҳтимолан соҳилҳои баҳри Арал) ҳанӯз шаб аст. Албатта дар ин ҷо низ мисли кишварҳои адабиёти ориёҳиндӣ то ҷое муболиға карда шудааст. Яке аз олимони философи буддоии асри IV-V Васубандҳу дар бораи «чаҳор қитъаи дунё» овардааст, ки нимрӯз дар Уттаракуру бо ғуруби офтоб дар Пурвавидеха, яъне дар қитъаи ҷанубӣ, бо нимрӯз дар Ҷамбудвипа (самти ҷанубии Сумеру – Меру) ва бо тулӯъи офтоб дар Годания (самти ғарбии Сумеру) мувофиқ меояд. Тибқи таҳқиқот маълум мегардад, ки Уттаракуру ба самти шимолии шохаи шарқии Тяншан, Ҷамбудвипа ба Помир ва Годания ба водии Ҳисор йният мегиранд.

«Бундаҳишн» меоварад, ки: «Шаш гуна дар Хванирас монданд. Аз он шаш гуна ҷуфте, мард Тозу зан Гувозак ном буданд. Эшон(ро нишастгоҳ) ба дашти Тозиён буд. Дашти

https://bikhon.tj

Тозиёнро ном аз ӯст ва ба сабаби ӯст, (ки) чунин хонанд».[1] Тавре дар бахшҳои дигари ин рисола омадааст, Дашти Тозиён дар самти шарқии қаторкӯҳи Фарғона, дар соҳилҳои руди Тошкондарё (Тоҷикондарё – М.Ҳ.) воқеъ буда, ба ҳудудҳои Хуросон шомил дониста шудааст. Дар чанд ҳолат ҳудудҳои ғарбии Хуросон ва ҳудудҳои шарқии Хванирас ба ҳам махлут буда, баъзе воҳиди ҷуғрофӣ дар ҳар ду кишвар мансуб дониста шудаанд. Аз ҷумла дар «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ омадааст, ки «Дар ин сарзамин (яъне Хванирас) навоҳии дигаре низ қарор гирифтааст, монанди Кангдиж, сарзамини Саукавастон, дашти Тозиён, дашти Пишонси, руди Новток, Ориёвиҷ, Вараҷамкард ва Кашмири дохилӣ». «Дар кишвари Хванирас бас ҷоест, ки дар ин бадзамонагӣ ва набарди сахти патёра ба афсуни минуӣ гузари он баста аст, ки паноҳгоҳҳои Хванирас хонда шавад ба монанди он кишварҳои дигар, чун Кангдиж ва замини Саукистон ва дашти Пишонса ва руди Новтозу Эронвичу Вари Ҷамкард ва Кашмири андарунӣ».[2] Тавре дар боби «Хуросон» зикр шуда буд, ин ҷойҳо дар кишвари Хуросон низ воқеъ будаанд.

САВАҲӢ

Доир ба мавқеияти ҳафт кишвар аз ҷумла Аризаҳӣ ва Саваҳӣ ибрози назар хеле кам ба амал омадааст. То имрӯз дар бораи ҷойгоҳи ин ду кишвар фарзу тахмин хеле кам пешниҳод гардидааст. Дар ин мақола бори аввал мавқеияти аслии онҳо пешниҳод карда мешавад. Аксари муҳаққиқон Аризаҳро бо Хуросону Машриқ ва Саваҳиро бо Ховарону Мағриб яке донистаанд. Яъне Саваҳӣ сарзаминҳои ғарбии қаторкӯҳи Қурама ва ҳудудҳои Тошканду Чимкенти кунунӣ ва минтақаҳои атрофи онро дар бар мегирифт.

Шоир ва донишманди тоҷик С. Ҳалимшо ба воқеияти

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с. 70.
[2] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.111.

https://bikhon.tj

ҷуғрофии ин сарзаминҳо наздик омада, Аризаҳро дар Хутан ва Саваҳро дар Чатрор ном минтақае дар шарқи ҷанубии Бадахшон донистааст: «Ба Арзаҳ, ки имрӯз гӯй Хутан», «Ба Савҳа, ки Чатрор гӯй кунун».[1]

Яке аз деҳаҳо дар Насаф, ки ба ҳайати Сава шомил будааст, Навкад Сава ном дошта будааст.[2]

ХОВАР

Ба эҳтимоли қавӣ Саваҳи, Ховар ва Шом як сарзамин буда, дар адабиёти даврони гуногун бо номҳои мазкур номбар шудаанд. Зеро тавре дида шуд, кишвари Саваҳӣ дар самти ховар – мағриби Хванирас воқеъ гардидааст ва ин ғурубгоҳи офтоб Шом ва Ховар низ номида мешавад.

Тавре маълум аст, сарзаминҳои эронӣ миёни фарзандони Фаридун чунин тақсимот шуда буданд:

Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин,
Саввум Дашти гурдону Эронзамин.

Дар «Шоҳнома» Салм дар мавриди тақсимоти сарзаминҳо байни ӯ ва бародаронаш Тур ва Эраҷ мегӯяд:

Чу Эрону Дашти Ялону Яман
Ба Эраҷ диҳад, Руму Ховар ба ман…
Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин,
Саввум Дашти гурдону Эронзамин…

Дар асоси ин ташреҳот сарзаминҳои ба Эраҷ додашударо муайян кардан имконпазир мегардад. Кишварҳои Ховар ва Рум, ки дар «Авесто» бо номҳои Саваҳӣ, Воврубарашт ва Вовруҷарашт номбар шудаанд ва сарзаминҳои ҳамҷавори шимолу ғарбии қаторкӯҳи Тяншанро ташкил дода, ба Салм дода шуда буданд. Ба Тур мулкҳои Турку Чин (ба яқин Туру

[1] Ҳалимшо С. «Оби Шаҳд», с. 42. Душанбе, 2003.
[2] Камоллидин Ш. «Историческая география Согда и Тохаристана».

https://bikhon.tj

Саена – М.Ҳ.) – сарзаминҳои шимоли шарқии пушти кӯҳҳои Тяншан ва ғарби Хитой бахшида шуда буданд. Ва ба Эраҷ сарзаминҳои Эроншаҳр, ки дар «Авесто» бо номи Хванирас зикр гардидааст, инчунин Видадафшу ва Фрададафшу, яъне миёнарудони Панҷу Сир ва қисматҳои шарқии Бадахшони кунунӣ қисмат шуданд. Аммо Ховар ва ё Ховарон дар баъзе мавриd маънои васеътар дошта, умуман ғарб бо ин номҳо ифода мегардид. Масалан дар «Бундаҳишн» зикр шудааст, ки: «(Абр) дар оғози офариниш аз ноҳияти Ховарон (мағриб) пайдо шуд, зеро бод обро ба он ҷо тозонд...»

ШОМ

Дар адабиёти тоҷику форс ва баъзе халқҳои дигар низ Шом ҳамчун номи дигари Сурия ва ё пойтахти он кишвар Димишқ маъмул гардид. Шом номида шудани ин минтақаи Осиёи Пеш низ бар асари номҳои муҳоҷиратӣ аз Осиёи Миёна ва нуфузи оини зардуштӣ дар Осиёи Хурд будааст. Азбаски дар достонҳои куҳани ориёӣ минтақаи ғарбии сарзаминҳои эронӣ Шом номида мешуд, баъди муҳоҷират низ яке аз минтақаҳои ғарбии ҷаҳони он замон маълум Шом номида шуд.

Дар адабиёти куҳани ориёӣ, аз ҷумла, «Бундаҳишн», «Авесто» аз номи Шом зикр нагардидааст. Дар «Шоҳнома» дар чанд мавриd аз ин ном ёдоварӣ шудааст ва яке аз онҳо дар лаҳзаест, ки шоҳи Миср ва шоҳи Барбар барои бандӣ кардани Кай Ковус ба Ҳомоварон ҳуҷум мекунанд.

Яке богуҳар буду бо ганҷу ком,
Дурафше барафрохт аз Мисру Шом.

Лаҳзаи муҳими дигар он аст, ки сокинони Мисру Шом низ мисли Бобул (Боб) тозиён – тоҷикон будаанд. Ва ин ду кишвар низ кишварҳое буданд, ки дар самти ховар ё Саваҳии Хванирас воқеъ гашта буданд. Бисёр эҳтимол аст,

https://bikhon.tj

Чимкент, ки ба шакли Шимкент низ талаффуз мешавад, аз қисматҳои «Шим» (Шам, Шим) ва «кент» таркиб ёфта, бозмондае ё гӯшае аз он Шоми куҳан будааст.

Шом низ дар шумори сарзаминҳои ориёӣ ва ҳамчун қисмати сарзаминҳои Ховар ба Салм дода шуд. Агарчи ин мулк аксаран дар итоати турониён буд, вале чандин бор бо сарзаминҳои эронӣ пайваста будааст. Яке аз он лаҳзаҳо он буд, ки Кай Ковус бо кӯмаки Рустам сарзаминҳои Мисру Шомро ба тобеият дароварда буд. Ҳамин ҳол аст, ки чанде баъд аз сафари низомии Кай Ковус ба кишварҳои тобеаш, аз ҷумла, ба Қофу Бохтар, ки Мисру Шом дар ин минтақа воқеъ буданд, сипоҳи ин ду кишвар бо тавофуқ бо шоҳи Барбар ба муқобили Кай Ковус бармехезанд. Дар мавриди дигар яке аз шоҳони каёнӣ – Луҳросп аз Шом дониста шудааст. Дар ин бора Рустам ба Исфандиёр ҳангоми ҷангу ситезаашон чунин мегӯяд:

Маро буд ин мардиву ному ком,
Ки Луҳросп буд як саворе ба Шом.

Дар «Шоҳнома» рӯйдоде нақл шудааст, ки бар асоси он шоҳони кишварҳои Барбар, Миср ва Шом ба Шоҳа – пойтахти Ҳомоварон (водии Ҳисори кунунӣ) ҳамла оварда, Ковус ва дигар паҳлавонони эроиро ба зиндон меандозад. Рустам дар Ҳомоварон бо муқобили лашкари се кишвар – Барбар, Миср ва Ҳомоварон ҷангида, Ковусро озод мекунад.

ВОВРУБАРАШТ, ВОВРУҶАРАШТ – РУМ

Кишварҳои Воврубарашт, Вовруҷарашт дар шимоли Хванираса воқеъ гашта будаанд. Дар чанд бахши «Авесто» дар шумори ҳафт кишвар аз Воврубарашт ва Вовруҷарашт ном бурда шудааст ва, аз ҷумла, дар Гиви Йашт омада: «Меҳри тавоно бар Аризаҳӣ, Саваҳӣ Фрададафшу, Вида-

https://bikhon.tj

дафшу Воврубарашт, Вовруҷарашт ва бар ин кишвари Хванираси дурахшон – паноҳгоҳи бегазанд ва оромгоҳи сутурон – бингарад».[1] «Эй Рашни ашаван! Агар ту дар кишвари Воврубаштӣ ҳам бошӣ, мо туро ба ёрӣ ҳамехонем!» «Эй Рашни ашаван! Агар ту дар кишвари Вовруҷаштӣ ҳам бошӣ, мо туро ба ёрӣ ҳамехонем!» (Рашн Йашт) Дар «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» дар бораи ин ду кишвар омадааст: «Воврубарашти – номи яке аз ҳафт кишвари рӯи ҷаҳон, ки дар нимрӯзи бохтарии Ханирас ҷой гирифтааст».[2] «Вовруҷаштӣ – номи яке аз шаш кишвари бостонии ҷаҳон аст перомуни Хунирас (Эрон)».[3]

Роҷеъ ба ин ду кишвар дар иқтибоси боло аз «Бундаҳишн» омада буд, ки офтоб: «Аз он ҷо ки ба рӯзи маҳист бар ояд, то ба ба рӯзи маҳист дар шавад, ноҳияти Шимол (Апохтар), кишварҳои Воврубарашт ва Вовруҷарашт аст. Чун хуршед барояд, (ба) кишвари Аризаҳӣ, Фрадазафш ва Видазафш, ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯи Тираг андар шавад, ба кишвари Сава Ваурубарашт ва Вауруҷарашт ва ниме аз Хванирас тобад...»[4] Тавре болотар зикр шуд, ин кишвар аз баландтарин қуллаи Тяншан оғоз гардида, аз ду ҷониби шохаи ғарбии ин қаторкӯҳҳо идомат меёфт ва тақрибан то ҳудуди Тошканду Чимкентро ташкил медод. Ба қавли «Бундаҳишн»: «Миёни Воврубарашт, Вовруҷарашт, кӯҳе баландбар аст, ки то аз кишвар ба кишвар пайванд набувад, ки то (аз) яке ба дигаре рафтан нашояд…».[5] Воқеан аз самти ҷанубии қаторкӯҳи шохаи ғарбии Тяншан ба самти шимолии он гузаштан бисёр мушкил ва номумкин аст. «Бундаҳишн» мегӯяд, ки: «Девонро гирд омадан он ҷост, ки кишвари Воврубарашт ва Вовруҷарашт аст». Тибқи айниятдиҳии мо сарзамини Варан низ дар

[1] Кардаи чорум.
[2] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 1381.
[3] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 1380.
[4] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.48.
[5] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

ҳамин минтақа воқеъ будааст ва дар адабиёти асримиёнагӣ бо номи Фаранкат зикр гардидааст ва аз ҳамин ҷост, ки дар «Авесто» борҳо аз Варан ба унвони сарзамини девону дурвандон ёд шуда ва яке аз орзуҳои бузурги паҳлавонону шаҳриёрон ва номдорони Эрон, ки аз изадону менуён хостори баровардани он мешаванд, барандохтани девони мазандарӣ ва дурвандону девони Варан аст».[1] Гумон меравад, қисматҳои ғарби шимолии водии Фарғона низ ба ҳудуди Вовруҷарашт шомил мешудаанд. Маркази ин ду кишвар Сарима ё Сарм будааст, ки он ном баъдан ба шаклҳои Ҳарум, Ҳрум ва бо ихтисори овози аввал ба гунаи Рум баргашт намудааст. Ин ном баъдан ба ғарб кӯчида, дар қисматҳои Византия мустақар гашт. Аммо гумон меравад, номи Румон дар вилояти Суғди Тоҷикистон ҳамон номи таърихии Рум ва ё баргаште аз он будааст.

Дар «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик»-и Ал-Истахрӣ (солҳои 930-933) дар бораи мавзеъе бо номи Рашт воқеъ дар шимоли ғарбии водии Фарғона, ки ба эҳтимол Ашт ҳоло бозмондаи он аст, чунин зикр ба амал омадааст: «Аз Асхикет то Косон панҷ фарсанг. Аз Косон то Наҷма – ба самти шимол – як манзил. Аз Ахсикет то Корвон – ҳафт фарсанг ва то Рашт нӯҳ фарсанг. Ҳудуди Рашт то ҳудуди Илок (дар миёни Ашт ва Тошканди кунунӣ) тӯл мекашад. Корвон дар миёни Ахсикет ва Косон ҷой гирифтааст. Дарвозаи Ахсикет рӯ ба дарёи Чоч мавқеият дорад...»[2] Ҳамчунин дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал (асри X) роҳеъ ба мавҷудияти Рошт дар масофаи аз Ахсикат ҳафт фарсах зикр шудааст».[3] Бинобар ин тахмин кардан мумкин аст, ки номи ноҳияи Ашт баргаште аз Воврубарашт – Рашт – Ашт бошад. Дар самти шимоли шарқии шаҳри Тошканд, дар ҳамҷавории шаҳраки Кумишкон ва Янгиободи кунунӣ номи руд ва кӯҳи Ревашт

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 614.
[2] «Материалы по истории киргизов и Киргизии». М., 1973.
[3] Ибни Ҳавқал. «Сурат-ул-арз». Душанбе, 2008, с.191.

https://bikhon.tj

вуҷуд дорад, ин ном низ эҳтимолан аз Вовруҷарашт (Вовревашт – Ревашт) баргашт шудааст.

Шоир ва муҳаққиқи тоҷик С. Ҳалимшо номҳои Вору (деҳа дар Панҷакент) ва Ворухро (дар Исфара) баргаште аз ин номҳо донистааст.

Ба Воруҷарашту ба Ворубарашт
Гули лола омад шакар дар даҳон.
Ба Воруву Ворух бароят диҳанд
Шаҳодат зи ду кишвари ҷовидон.[1]

БОХТАР

Бохтар номи сарзаминҳоест, ки тамоми самти шамолии қаторкӯҳҳои Тяншанро дар бар мегирифтаанд. Аммо дар баъзе ҳолат баъзе қисматҳои ҷанубии қаторкӯҳи мазкур низ ба Бохтар шомил дониста шудаанд. Тавре дар мақолаҳои пешин зикр гардида буд, Ваурубарашт ва Вауруҷарашт, дарёи Камруд, Табаристон, баъзе шохаҳои ҷанубии кӯҳҳои Тяншан ва ғайра дар Бохтар дониста шудаанд. Нишонии асосии Бохтар – аз хатти нуқтаи тулӯъи хуршед ба водии Фарғона ва кишварҳои ғарбии он – қуллаи Ғалаба ва нуқтаи ғуруби офтоб – тақрибан Чимкенти кунунӣ дар дарозтарин рӯз ба ҳисоби солшумории имрӯзӣ – 22 июн будааст.

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Аз он ҷо ки ба рӯзи баланд андар ояд, то он ҷо ки ба рӯзи баланд андар шавад, Апохтар, кишвари Ваурубарашт ва Вауруҷарашт аст». Аммо баъдҳо мафҳуми бохтар маънии шимолии худро аз даст дода, баъзан ба маънои шарқу ғарб низ истифода шудааст. Аз ҳамин ҷост, ки Саукастон, ки сарзамини хуросонӣ – шарқист, Саваҳӣ – кишвари ғарби бохтарӣ дониста шуда, Видадафш кишвари ҷанубии бохтарӣ[2] гуфта шудааст.

Дар адабиёти ориёҳиндӣ самтҳо, яъне шарқ –пурва,

[1] Ҳалимшо С. «Оби Шаҳд». Душанбе, 2003, с. 42
[2] «Авесто». Душанбе, с.616.

https://bikhon.tj

ҷануб – дакшина, ғарб – пашчима ва шимол – уттара дар шумори он омилҳое мебошанд, ки ҷиҳати таъйиноти бисёр хусусиёти мансубиятҳои мулкиву ҷуғрофӣ нақши равшан доранд. Ҳар яке аз ин самтҳо аз ҳисоби эзадони машҳури ориёҳиндӣ ҳомӣ ва ё ҳоким доштаанд. Ҳокими шарқ – Индра, ҷануб – Йама, ғарб – Варуна ва шимол Кубера будаанд. Дар адабиёти ориёҳиндӣ шимолу ҷануб он қисматҳои дунёанд, ки аксари ҳаводиси марбут ба рӯзгори ориёҳиндуҳо дар ҳамин самтҳо ба амал омадааст. Хусусан Уттара – шимол аз самти муқаддас ба шумор мерафт. Мулкҳои Уттара дар шимол аз қаторкӯҳҳои Тяншан иборат буд. Кӯҳҳои Тяншани кунунӣ ки ба самтҳои шарқу ғарб ба масофаи 2450 км. тӯл кашидаанд, Уттара ва ё Бохтар номида мешуданд.

Вожаи– Уттара дар замони «Авесто» ба шакли Упахтар, Упахтра (Упа-х-уттара) зоҳир гардида, маънои «Он тарафи шимол»-ро ифода менамудааст. Азбаски Уттара (Апохтар) дар суннати бисёрхудоӣ беҳтарин ҷойгоҳ ва поккунандаи гуноҳҳо маҳсуб мешуд, ойини яктопарастии аҳуроӣ, ба муқобили ҳама гуна таълимоти бисёрхудоӣ баромада, Апохтарро ҷойгоҳи дӯзах, куноми Аҳриману девон эълон карда, сазовори ҳама гуна носазогӯиҳо донист.

Бохтар аз шакли Упа-х-уттара ба шаклҳои Апохтар, Абохтар, Бохтар ихтисор гардид. Ба ин шакл се мавзеъ номгузорӣ шудааст. Аввал Упарсаини – «Он тарафи парвози уқобон»[1] (қуллаи Ғалаба), дуввум Упамеру – он тарафи кӯҳи Меру, саввум – Упахтра – «шимолии он тараф (-и кӯҳ). Имрӯз дар забони тоҷикӣ аз вожаи «Уттара», ки маънояш шимол мебошад, қисмати миёнаи он «тор» (Ут)тар(а) ба маънои «боло» боқист. Ибораи «тагу тор» (болову поён) дар қадим ба шакли уттара ва дакшина ба маънои шимолу ҷануб вуҷуд дошта будааст.

[1] Аксар олимон маънои Упаири Саенаро «болотар аз парвози уқобон» маънӣ кардаанд, аммо ба назари мо саҳеҳеш «аз болои (кишвари) Саена» бояд буда бошад. муаллиф

https://bikhon.tj

Яке аз сабабҳои низоъҳои миёну эрониёну турониён бадгӯй нисбати самтҳои шимолу ҷануб будааст. Эрониён, хусусан дар замони низоъҳои мазҳабӣ шимолро ҳамчун ҷойгоҳи деву дад накӯҳиш мекарданд. Дар муқобили ин ҷануб ҷойгоҳи фурӯғи эзадӣ дониста мешуд.

Афросиёб аксаран аз Бохтар ба сӯи Нимрӯз ҳуҷум мекард. Вай дар ин ҳуҷумаш низ ба Эрон аз Бохтар ҳаракат менамояд:

Шуд аз Бохтар сӯи дарёи Ганг,
Диле пур зи кина, саре пур зи ҷанг.

Баъди муҳоҷират ҷойгоҳи аслии Бохтар ва Нимрӯз фаромӯш шуд. Нимрӯз (ҷануб)-и даврони рӯйдодҳои «Авесто» – сарзаминҳои ҷанубии кунунии Тоҷикистон ба Бохтар (шимол) мансуб дониста шуданд.

ВИДАДАФШ, ФРАДАДАФШ – НИМРӮЗ

Ин ду кишвар дар хатти ҳаракати офтоб аз ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл (аз он ҷо, ки офтоб 22 декабр дар Бадахшон тулӯъ мекунад М.Ҳ.) тақрибан то резишгоҳи Сурхондарё дар руди Омуро (он ҷо, ки 22 июн офтоб дар ғарби минтақаи Хатлон ғуруб мекунад) дар бар мегиранд. Видадафшу дар шарҳи «Авесто» номи кишвар дар ҷануби бохтарӣ (шарқӣ?) дониста шудааст.[1] Ин кишварҳо аз ҷанубтарин нуқтаи Сарикӯл тақрибан то минтақаи Файзободи Афғонистонро дар бар мегирифтаанд. Фрадафш дар «Авесто» номи иқлими ҷануби ховарӣ дониста шудааст.[2] Ин кишвар, ба тахмин аз баъзе қисматҳои шимоли Афғонистон ва ҷануби минтақаи Кӯлоби кунунӣ иборат будааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Аз миён Фрададафшро бешае

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001.Душанбе, с. 616.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 723.

https://bikhon.tj

гирифтааст». Тавре маълум аст, дар асрҳои аввали мелодӣ ва миёна Хатлон бо аспҳояш шӯҳрат бароварда буд. Ва маълум мегардад, ки шӯҳрати ин аспҳо ҳанӯз дар даврони «Авесто» вуҷуд дошта будааст. «Бундаҳишн» мегӯяд: «Аспони неруманд ба Фрададафшу Видадафш рафтанд». Шоир ва донишманд С. Ҳалимшо барҷой Фрадафшро низ дар Хатлон ва номи кӯҳ Фурӯшро дар ноҳияи Мӯъминобод баргаште аз Фрададфшу донистааст. «Ба буми Фрада, ба кӯҳи Фурӯш..., Кунун он Фрада бувад Хуталон».[1]

Тавре зикр гардид, тамоми сарзаминҳои ориёӣ-эронӣ дар дохили кишвари Хванирас воқеъ будаанд ва ҳар кишвари эроние, ки берун аз ҳудудҳои зикршуда воқеъ гашта бошад, вай номи дуввум ва кӯчидааст. Аз ҳамин ҷо маълум мегардад, ки номҳои Марв, Нисо, Роға, Балх, Систон, Нимрӯз, Исфаҳон, Нишопур, Аҳвоз, Озарбойҷон ва як силсила номҳои дигаре, ки дар «Авесто», «Шоҳнома», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти ориёӣ зикр гардидаанд, дар нахуст дар минтақаи чаҳоргӯшаи Хванирас, ки дар нақша тасвир ёфтааст, воқеъ гашта будаанд. Аксари кишварҳои шонздаҳгонаи аҳуроофарида низ дар ҳамин ҳудудҳо мавқеият доштаанд...

НИМРӮЗ

Тавре дар мақолаҳои пешин (масалан, Уттара-Шимол) зикр гардида буд, ориёҳиндуҳо минтақаи Шимол – Уттараро дар муқобили ҷануб (Нимрӯз) сарзамини эзадӣ, саодат ва биҳиштӣ қаламдод намуда, баръакс сарзаминҳои ҷанубро ҳамчун сарзамини ғайрихудоён тасвир менамуданд. Аммо дар замони ойини зардуштӣ сарзаминҳои Шимол – Апохтар (Уттара) сарзаминҳои аҳриманӣ ва куноми девон хонда шуда, Нимрӯз мавриди ситоишу ниёиш қарор гирифт. Масалан, дар «Авесто» омадааст: «Пас аз сипарӣ шудани шаби

[1] Ҳалимшо С. «Оби Шаҳд». Душанбе, 2003, с. 42.

https://bikhon.tj

севум сапедадамон равони ашаванмардро чунин менамояд, ки худро дар миёни гиёҳон ва бӯҳои хуш меёбад ва ӯро чунин менамояд, ки боди хушбӯе аз сарзаминҳои Нимрӯзӣ ба сӯи вай мевазад: (боде) хушбӯйтар аз ҳамаи дигар бодҳо».[1] Дар шарҳи «Авесто» Ҷалили Дӯстхоҳ гуфтааст: Дар асотири Эрон Нимрӯз (Ҷануб) ҷои фурӯғу фирдавси изадӣ аст.[2] Яке аз яштҳои «Авесто» Зомяшт,[3] ба қавли Ҳашими Разӣ, ба сарзаминҳои Нимрӯз бахшида шудааст. Ҳашими Разӣ мегӯяд: «Ҳудуди ҷуғрофии яшт дар шарқ қарор дорад. Дар яшт аз дарёчаи Кансаой ё Ҳомун, ки руди Ҳайтумант ё Ҳирманд дар он мерезад, сухан рафтааст. Сарзаминҳои атрофи ин дарёча хеле муқаддас будаанд.

Бояд гуфт, ки Нимрӯз, ки дар «Авесто» бо номи ду кишвар – Видадафш ва Фрадафш ифода гардидааст, хатти масири аз ҷанубтарин нуқтаи қаторкӯҳи Сарикӯл, яъне аз он ҷо ки офтоб 22 декабр тулӯъ мекунад, тақрибан то резишгоҳи Сурхондарёро дар руди Ому дар бар мегирад, яъне то ҷое, ки офтоб 22 декабр ғуруб менамояд.

Нимрӯз дар «Авесто» сарзамини хосаи эзадӣ ва хостаи Зардушт будааст. Шояд ҳамин чиз аст, ки нутфаи ӯ, ки дар як шохаи дарёи Ворукаша – Вахш дар Эронвиҷ нигоҳбонӣ мешуд, ба шохаи дигари Ворукуша Ҳомун (Ому-Панҷ) интиқол дода шуд. Инак мебинем, ки дар ин мавқеият имкони интиқоли нутфаи Зардушт аз Эронвиҷ ба Нимрӯз аз роҳи об вуҷуд дорад. Дар ҳоле, ки чунин амал дар Нимрӯз ва ё Систони кунунӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ба хотири хосагии сарзамини Нимрӯз аст, ки писаре, ки аз нутфаи Зардушт дар ин сарзамин ба дунё меояд, бадиро аз байн бурда, некиро пирӯз мегардонад. «Аҳримани маргофарин солори девон аз сарзамини Апохтар аз сарзаминҳои Апохтар пеш тохт… Зардушт аз ҷой бархост ва бе ҳеҷ ларзише аз бими Аҳриман

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 346.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.355.
[3] Яшти 19.

https://bikhon.tj

ва душвории чистонҳои бадхоҳонаи ӯ санге ҳамчанди хонаеро, ки аз офаридгор Аҳуро Маздо гирифта буд, дар дастҳои хеш ба чархиш даровард. Аҳриман пурсид: Ту ки бар фарози кӯҳе дар каронаи руди Дареча дар хонаи Пурушасп истодаӣ, ин сангро аз кучои ин замини гӯйсони дуркарона баргирифта ва барои чи онро ба чархиш даровардаӣ?

Зардушт ба Аҳриман посух дод: Эй Аҳримани табоҳкор! Ман Насуи девофаридаро фурӯ мекӯбам! Ман парии Хнатайти девофаридаро фурӯ мекӯбам! Ту бад-он ҳангом, ки Саошйанти пирӯзу девафкан аз дарёи Киёнисийа, аз сарзамини Нимрӯз аз сарзаминҳои Нимрӯз по ба саҳнаи зиндагӣ бигзорад!»[1]

Баъдҳо мисли дигар мавқеиятҳои аслии номҳои «Авесто» ва «Бундаҳишн» номи Нимрӯз низ аз ёдҳо рафт ва баъдҳо минтақае – вилояте дар Афғонистони кунунӣ Нимрӯз номида шуд.

Равшан аст, ки зери мафҳуми ҷануб ё Нимрӯз бояд як минтақаи калоне бо нишониҳои махсус ва ё ҳудудҳои муайяни ҷуғрофӣ дар назар бошад. Аммо Нимрӯзи Афғонистони кунунӣ аз чунин нишониву аломатҳо орист. Баръакс Нимрӯзи аслӣ ва аввалӣ – минтақаҳои Бадахшону Хатлони кунунӣ ҳанӯз дар замони томуҳоҷиратии ориёҳиндуҳо дар нисбати Уттара – Шимол – водии Фарғона Дакшина – Ҷануб – Нимрӯз номгузорӣ гардида буд. Дар «Авесто» омадааст: «Меҳри тавоно бар Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Фрадазафшу, Видазафшу, Воврубараштӣ, Вовруҷараштӣ ва бар ин кишвари Хванираси дурахшон бингарад».[2] Вақте офтоб дар миёнаи минтақаҳои Бадахшон мерасид, рӯз нима, яъне Нимрӯз мешуд. Аз ҳамин ҷост, ки аз ҳафт кишвари «авесто»-ӣ «ду пораеро ки ба ноҳияи Нимрӯз аст, кишвари Фридадафш Видадафш… хонанд».[3]

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 22 – 528.
[2] Меҳр Яшт 15.
[3] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.70.

https://bikhon.tj

Ду номи дигари машҳури «авесто»-ӣ – кӯҳи Ҳара Бараз-айт ва дарёи Ворукаша низ, ки дар иртибот ба Нимрӯз борҳо ёд шудааст. Дар «Гузидаҳои Зодспарам» омадааст: «Фарохкард дар сӯи Нимрӯз (самти ҷануб)-и Албурз қарор дорад ва Пуидик ҳаммарзи он аст. Миёни ишон дарёи Садвис аст, ки банд (иртибот) ба (ситораи) Садвис» ки ноҳияи Нимрӯз (Ҷануб дар вазифаи ӯ(ст) дорад».[1] Дар адабиёти «авесто»-ӣд арёи Фарохкарт – Ворукаша, ки дарёи Панҷ қисмате аз он аст, кӯҳи Албурз қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ бо минтақаи Нимрӯз дар ҳамҷаворӣ тасвир ёфтаанд, ки чунин тасвирот ба минтақаи мавриди таҳқиқи мо мувофиқ меояд. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар дин гӯяд, ки дарёи Фарохкард ба ноҳияти Нимрӯз канораи Албурз аст, ки як саввуми ин заминро дар бар дорад…».[2]

Инак тавре маълум мегардад, татбиқи номҳои ҷуғрофии «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар адабиёти «авесто»-ӣ дар минтақаҳое, ки мо пешниҳод кардем, мувофиқ ва созгор буда, собит менамояд, ки ҷуғрофияи аслии он номҳо ҳамин минтақа аст. Мувофиқи навиштаҳои адабиёти «авесто»-ӣ ва бисёр муҳаққиқон Нимрӯз ҷойгоҳи зуҳури кайониёни нахустин будааст. Дар китоби «История таджикского народа» дар ин боб омадааст: «Нисбати зуҳури кавиҳои нахустин дар «Авесто» шаҳодати мустақим оварда шудааст: Онҳо аз он минтақае зуҳур намудаанд, ки дар он ҷо дарёчаи Каёнса воқеъ гаштааст…».[3]

Дар «Шоҳнома» ин се ном – Зобул, Систон, Нимрӯз, ҳамчунин Ҳирманд низ бо имтиёз ва маънои баробар, нисбати як минтақа истифода шудаанд, ки ин минтақа соҳилҳои руди кунунии Панҷ то ҳамроҳ шудан ба руди Вахш мебошанд. Дар «Шоҳнома» дар бораи ягонагии

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 689.
[2] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378.
[3] Коллектив. «История Таджикского народа», с. 242.

https://bikhon.tj

Систон, Нимрӯз, Зобул, Ҳирманд мисолҳои зиёде пайдо кардан мумкин аст. Масалан дар боби «Бозгаштани Зол ба Зобулистон» Сом сӯи Зобулистон баргашта, дар айни замон ба Нимрӯз ва Систон низ мерасад:

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Назора бар ӯ-бар ҳама шаҳру кӯй.
Чу омад ба наздикии Нимрӯз,
Хабар шуд зи солори гетифурӯз,
Ки омад або хилъату тоҷи зар,
Або аҳду маншуру зарринкамар.
Биёроста Систон чун биҳишт,
Гилаш мушки соро буду зар-ш хишт.

Дар лаҳзаи дигар ҳангоми ҷанг бо туроиён Виса хабари ба дасти Қоран кушта шудани писараш Бормонро шунида, ба нияти қасос ӯро дунболагирӣ мекунад. Қоран аз ин нияти Виса огаҳӣ ёфта, аз Порс (Рашт) қисмате аз саворонашро бо занони эронӣ сӯи Нимрӯз (Кӯлоб-Бадахшон) фиристода, худ барои набард ба пешвози Виса бармегардад.

Саворони тозӣ сӯи Нимрӯз
Гусӣ карду худ рафт гетифурӯз.
Чу аз Порс Қоран ба ҳомун расид,
Зи дасти чапаш гарде омад падид.

Рустам ва падару бобоёнаш шоҳи Нимрӯз номида мешуданд. Яъне сарзаминҳои соҳилҳои руди Панҷ дар ҳисоби мулкҳои онҳо шомил буданд.

Шаҳи Нимрӯз аст, фарзанди Сом,
Ки Дастон-ш хонанд шоҳон ба ном,

https://bikhon.tj

ОРИЁНО – ЭРОНВИҶ

«Чунин сарзамини зебо ва пурфайз, ки ориёиҳо дар он ҷо бори нахуст бори иқомат афканда, ном баровардand, маҳорату истеъдоди фавқулоддаи худро истифода намуда, барои худ ватани ормонӣ ва афсонагун ба вуҷуд оварданд, дар он ҷо тамаддуни зебою нотакрор падид оварда, барои саросари ҷаҳони куҳан намунаи ибрат гардиданд ва теъдодашон зиёд гардида, гурӯҳе ба ғарб, гурӯҳе ба шарқ ва гурӯҳе ба ҷануб раҳсипор гардиданд, дар куҷост? Оё мавқеияти Ориёвиҷ («Авесто» Айрияна Ваеҷа)-ро муайян кардан мумкин аст?»[1]

Эмомалӣ Раҳмон

Аз он рӯзгоре, ки ориёиҳо сарзамини минуии хостгоҳи ниёконашонро тарк карда, онро ба дасти фаромӯшӣ супурданд, чандин ҳазор сол сипарӣ мешавад... Дар тайи ҳазорсолаҳо ин кишвари фаромӯшшуда ёдҳои ҳаводоронашро ҳамеша ба худ моил медошт. Яке аз онҳо Ҳаким Фирдавсӣ буд. Ӯ на танҳо сарояндаи таъриху фарҳанги ин сарзамин, балки бузургтарин пажӯҳишгари таърихи ориёиҳо низ буд. Ҷиҳати ба назм овардани «Шоҳнома» даҳҳо номаву дафтари куҳанро мавриди пажӯҳишу баррасӣ қарор дод. Баъдан дар олами илму адаби Тоҷику Форс ва Ҳинду Араб дар ин бахш пажӯҳишҳои зиёде ба амал омад. Ва дар охир, инак бештар аз 200 сол аст, ки олимони бисёр кишварҳои дунё паи кушодани ҷойгоҳ ва асрори Айирйана-Ваеҷаҳ фарзия ва назарияҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Ин ном дар «Авесто» Аирйана-Ваеҷаҳ, дар катибаҳои рӯи сангҳои замони ҳахоманишӣ «Ориёнам», дар осори Ҳеродот ва Балтимус

[1] Раҳмон Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». Душанбе, «Ирфон». 2006, с. 343.

https://bikhon.tj

«кишвари тоифаи ориёӣ», дар паҳлавӣ ва адабиёти мероси ба шакли Эрон омадааст.[1]

Дар илми ориёшиноси дар мавриди ҷойгоҳи нахустмеҳани ориёиҳо чунин назарияҳо вуҷуд дорад: 1. Шимоли Осиёи Миёна ва Қазоқистон. 2. Ҷанубу ғарби Осиёи Миёна ва хоса Хоразм. 3. Қафқоз. 4. Шимоли Ҳинд. 5. Минтақаи Урал. 6. Минтақаҳои Балху Хуросон. 7. Минтақаи бархӯрди сарҳадҳои Эрону Афғонистон ва Покистон. 8. Карони шимоли Россия. 9. Минтақаи Помиру Фарғона (ё Помиру Ҳиндукуш ва ё Помиру атрофи он). Назарияе, ки сол то сол тақвият, тарафдорон ва далелҳои фаровон пайдо мекунад, ин назарияи Помиру Фарғона (ё Помиру атрофи он) мебошад. Олимон К. Риттер, М. Миллер, С.Нафисӣ, М. Мӯъин, Пури Довуд, Аҳмадалии Кӯҳзод, М. Рашшод, Стеблин-Каменский, Ҷаводпур ва дигарон ин назарияро ҷонибдорӣ намудаанд. Аммо назари аксари ин муҳаққиқин умумӣ буда, дар шинохти ҷуғрофиёи ин маҳалҳо мушаххас набудааст. Олим – ҷуғрофидони бузурги немиси нимаи дувуми асри 19 Карл Риттер яке аз аввалинҳост, ки мавқеияти нахустмеҳани ориёиҳоро дар «қисмати марказии Осиёи Бало, дар сарчашмаҳои дарёҳои Оксус (Вахш) ва Яксарт (Сирдарё) – дар маҳалҳои Помир, Болор, Тибети Ғарбӣ» ва водиҳои ҳамҷавори онҳо донистааст. «Дар он ҷо, – гуфтааст ӯ, – мо бояд нахустмеҳани аҷдодии халқиятҳои қадимии эронӣ ва ҳамчунин ҳиндиро» – ҳам арийҳо ва ҳам айриҳоро суроғ намоем, ки бо зандӣ Эярине ва бо санскритӣ Айрия ном дошт. Ин назарияи К. Риттер баъдан аз ҷониби Н.В. Ханыков, А.Б. Крымский, А. Шишов, А.Н. Семенов, В.В. Бартолд ҷонибдорӣ ва тавсиъа ёфт. Профессори Университети Оксфорд Макс Миллер низ яке аз он нахустин муҳаққиқин аст,

[1] Муҳаққиқон дар бораи сурати мардуми ин кишвар чунин мушаххасот додаанд: чеҳраи зебо, чашмҳои тез, нигоҳи равшан, биниҳои хушнамуд мижгонҳои баланд, мӯи ришашон ғуллӣ ва бо ранги қаҳвагӣ ва баъзан сурх.. Донишманди машҳури аврупоӣ Ян Рипка орёро нажоди илоҳӣ номидааст.

https://bikhon.tj

ки дар охири асри XIX назарияи «помирӣ»-и нахустмеҳани ориёиҳоро тақвият додааст. Муҳаққиқи таърих ва ҷуғрофияи халқҳои Осиёи Миёна М.В. Лавров низ роҷеъ ба пайдоиш ва мавқеият ва нахустмеҳани ориёиҳо навиштааст: «Тибқи маълумоти қадими ведоӣ ва ориёӣ ҳамаи халқҳо аз Помир баромаданд. Як шохаи халқҳое, ки аз Помир пайдо шудаанд, – ин халқҳои Аврупо мебошанд. Шохаи дуввуми халқҳо ҳиндуҳо, шохаи саввум – эрониҳо ва шохаи чаҳорум – тоҷикон мебошанд».[1] «Тоҷикон сокинони бумии ин сарзамин (яъне Осиёи Миёна – М.Ҳ.) қобили таваҷҷуҳи хоса ҳастанд. Онҳо ба гурӯҳи эрониён тааллуқ доранд ва тибқи маълумотҳо дар ин ҷойҳо нахустин шуда, аз кӯҳҳои Помир фуруд омада, муқим шуда буданд ва забони онҳо забони муқаддаси «Авесто» буд. Аз рӯи чеҳра тоҷикон ориёии асиланд».[2] Донишманди шаҳири эронӣ Саид Нафисӣ дар мақолаҳо ва суҳбатҳои расмиаш ҳамеша ёдовар мешуд, ки Тоҷикистон ватани аҷдоди эрониён аст. Ҳамчунин донишманди Эронӣ Муҳаммад Тақӣ Баҳор дар мақолаи «Сабкшиносӣ ва ё таттавури насри форсӣ» навиштааст: «Зардушт – паямбари эронӣ мегӯяд, ки эрониён аз сарзамине, ки Айряна Ваеҷа ном дошт ва вижаи эрониён буд, ба сабаби сармои сахт ва пайдо омадани арвоҳи аҳриманӣ кӯч карданд, ба сарзамини Эрон даромаданд. Донишмандони дигар низ дарёфтанд, ки тоифаи Айрйо аз сарзамине, ки зодгоҳи аслии онон буд, бархост, гурӯҳе ба Эрон ва гурӯҳе ба Панҷоб ва бархе ба Урупо шитофтанд ва дар кишварҳо ба кашоварзӣ ва чӯпонӣ пардохтанд ва забони мардуми Эрон ба Ҳинду Урупо ҳама шохаҳое ҳастанд, аз он бех раста ва боз ҳар шох шохаи дигаре зада ва ҳар шоха баргу бори дигаргун баровардааст».[3] Донишманди дигари эронӣ М. Рашшод нахустмеҳани ориёиҳоро «фалоти Помир»[4]гуфтааст. Муҳаммади

[1] «Туркистан. География и история края». М. 1914, с. 25.
[2] Ҳамон ҷо, с. 121.
[3] Абдул Ғафур. «Маҳди Ориян», маҷалла, Кобул, 1316, № 8.
[4] Рашшод М. «Фалсафа аз оғози таърих». Душанбе, с. 73.

https://bikhon.tj

Ҷаводпур низ перомуни ин мавзӯъ таҳқиқоте ба амал оварда навиштааст: «Асри ведоӣ даврест, ки ориёиҳои ҳиндӣ ва эронӣ ба ҳам мезистанд ва ё тоза аз ҳам ҷудо шуда буданд».[1] Эдуард Браун аз қавли Гиппарт гуфтааст, ки «Эронвиҷ дар ноҳияи Помир аст».[2] А. Кӯҳзод дар асоси омӯзиши адабиёти ведоӣ маскани нахустини ориёиҳоро Бадахшони улё (боло) донистааст. Ҷавоҳирлаъл Неҳру низ дар асари «Номаҳои падар ба духтар» дар мавзӯъи мазкур навиштаааст: «Дар он рӯзгорҳои қадим як нажоди тоза дар қисматҳои Осиёи Миёна ва Осиёи ғарбӣ ва Урупои шарқӣ такомул меёфт. Ин нажод ориёӣ номида мешавад».[3] Муҳаққиқ, тарҷумон ва мураттиби «Ригведо» Т. Елизаренко навиштаааст: «Тақрибан дар миёнаи ҳазораи II то солшуморӣ ба шимолу ғарбии Ҳинд, ба ноҳияи ҳозираи Панҷоб аз самти ғарб, ба воситаи ағбаи Ҳиндукуш тоифаҳои ҷанговаре ҳамла оварданд, ки худро ария (āria) меномиданд. Ва ганҷинаи асосии ин тоифаҳо сурудҳое буданд, ки асоси маҷмӯаи «Ригведа»-ро ташкил медоданд».[4] Ба қавли ин муҳаққиқ дар «Ригведо» ва «Авесто» бисёр лаҳзаҳое тасвир шудаанд, ки ба ҳамдигар хеле мушобеҳанд. Муаллифи мазкур ба тақвияти назари муҳаққиқин М. Мойрхофер, И.М. Дяков, Т. Барроу ва дигарон овардааст, ки қабилаҳои ориёӣ қабл аз вориди Ҳинд шудан дар сарзаминҳои Осиёи Миёна – қад-қади Амударё ва Сирдарё ба пайваст то баҳри Арал ва Хазар иқомат доштаанд. Аз ҳамин мавқеият муҳоҷират ба амал омада, як гурӯҳи онҳо нахуст ба Афғонистон ва баъдан ба Ҳинд ворид гардидаанд.[5] Ҳамчунин таҳқиқотҳои генетикии проф. Ф.Ю. Носирова собит намудаанд, ки пайдоиши қабилаҳои ориёӣ дар минтақаи наълшакле аз атрофи Помир рӯ

[1] Ҷаводпур М. «Маҷмӯаи иттилоот дар бораи Эрон ва эрониён». Теҳрон, 1318, с. 27.
[2] Браун Э. «Таърихи адабиёти Эрон». Теҳрон, 1335, ҷ. 1, с. 41.
[3] Ҳафтавори «Ваҳдат». № 2, с. 2000.
[4] Елизаренко Т. «Ригведа» – великое начало индийской литературы и культуры». М. 1989, с. 426.
[5] Ҳамон ҷо, с. 429.

https://bikhon.tj

ба баҳри Арал мавқеият доштааст. Ба қавли ин муаллиф: «По данным италянских ученных А. Пяца, (Турин), П. Меноци (Парма) и Л. Кавалли-Сфарца (Стенфорд) Центральная и Южная Азия представляют собой основной исходный очаг для всех важнейшых миграции. Отсюда можно делать вывод, что Центральная Азия – первичный центр возникновения арийских этносов… Таджикская арийская подкова послужило колыбелью мировой цивилизации».[1]

Дар хусуси Аирйанам Ваеҷаҳ – гӯё кишвари афсонавӣ – дар китоби «Тоҷикон» фикрҳои гуногуни олимони зиёде оварда шудааст. Гурӯҳе аз донишмандон аз қабили И. Маркварт, Э. Бенвенист, А. Кристенсен, С. П. Толстов ва дигарон ин кишвари нимафсонавиро Хоразм донистаанд.[2] Ба шарҳи ин фикр Б. Ғафуров меоварад, ки «дар ин ҷо на Хоразмро, ки дар»Авесто» бо номи худ зикр шудааст, балки сарзамини паҳновари Осиёи Миёна ва вилоятҳои ҳамҳудуи шимолии онро дар назар доштан ба ҳақиқат наздиктар мебуд».[3] Шояд хеле баъд ин ном ба маънои тамоми минтақаҳои Осиёи Миёна нуфуз кард, вале дар нахуст, ба назари мо, дар сурате ки тамоми минтақаҳои Осиёи Миёна бо номҳои худ алоҳида ва дар он қатор Аирйанам Ваеҷаҳ низ номбар шудааст, ин вожа дуввумбора наметавонист ба намояндагии тамоми Осиёи Миёна баромад кунад.

Муҳаққиқ ва тарҷумони «Авесто» ба забони русӣ проф. И.М. Стеблин-Каменский дар шарҳи луғоти китоб ва нашре, ки зикраш рафт, роҷеъ ба мавқеияти кишвари ориёиҳо чунин овардааст: «Ориёно-Вайҷа – нахустмеҳани устуравии ориёиҳост дар канори руди Доитик, эҳтимол маънои кишвари ориёиҳоро дорад. Дар асоси он имкон дорад ёде аз водиҳои минтақаи Помиру Ҳиндукуш бошад ва имкон дорад, водиҳои Вахон ва ё Олой».[4] Инак маълум мегардад, ки ин

[1] Носирова Ф.Ю. «Бизнес и политика», 30 авг. 2001 г.
[2] Ғафуров Б. «Тоҷикон», с. 70.
[3] Ҳамон ҷо, с. 52.
[4] «Авесто», нашри русӣ, тарҷумаи Стеблин-Каменский, Душанбе.

https://bikhon.tj

муҳаққиқ низ ба воқеият хеле наздик омада, танҳо бо сабаби шинос набудан бо табиат ва ҷуғрофияи ин диёр натавонистааст онро аниқ намояд.

Аллома Б.Ғафуров онро дар «қад-қади руди Ҳарӣ, сарзамини кунунии Афғонистон... марказаш Ҳирот»[1] дарёфтааст. Муҳаққиқи афғон Аҳмадалии Кӯҳзод дар мавриди мавқеияти кӯҳи Ҳаратӣ дар Помир ба қавли Гегер менависад: аз рӯи як фақарае дар «Авесто» ба-д-он сон, ки Митро пешорӯи офтоб, пешорӯи моҳу ситорагон, болои Ҳара Баразайт баланд мешавад, чунин натиҷа меояд, ки ин кӯҳҳо дар тарафи шарқ буда, монанди Тяншан. Пури Довуд ба қавли Юсти руди Доитиёро, ки ба руди Куфистон мерезад, дар Гурҷистон хонда ва руди Доитикро руди Арас мегӯяд. Гурӯҳе аз муҳаққиқон Фарғонаро Ориёвиҷа мутолиа кардаанд. Вале ба назари баъзе олимон сарчашмаи руди Оксус дар Фарғона қарор надорад ва аз ин рӯ наметавонад ин водӣ Ориёвиҷа бошад. Донишманди бузурги аврупоӣ Эдуард Браун дар китоби «Таърихи адабии Эрон» аз қавли Гегер мегӯяд: Ориёновиҷа дар мавқеияти Помир ва манотиқи болоии Амударё қарор мегирад.[2]

Баъзе донишмандон сарзамини Ориёноро дар вусъати фарохтаре ҷуставу қаламдод кардаанд. Ин назарро маҷаллаи эронии «Ваҳуман» чунин тавзеҳ намудааст: «Эронвиҷ – ҳудуди ҷуғрофиёии Эронвиҷи бостониро олимон чунин муайян кардаанд: Дар шарқ Фарғона ва сипас дар ҳама ҷо, то бирасад ба дарёчаи Хоразм, байни Сирдарё ва Омударё».[3] Баъзе уламои тоҷик низ, аз ҷумла С. Султон, Х. Давлатназар Ориёновиҷро дар пояи кӯҳи Бутам, дар Бунҷикас ва дар яке аз дараҳои ноҳияи Шуғнон дидаанд.[4] Роҷеъ ба кишвари Ориёно дар худи «Авесто» бисёр нуктаҳо омада, ки тақрибан навад дар сади онҳо ба миёнарудони Панҷу Сир, хусу-

[1] Ғафуров Б. «Тоҷикон», с. 51.
[2] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ».
[3] Ҳамон ҷо, с. 73.
[4] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

сан қисмати болоии онҳо мувофиқа менамояд. Ҳам силсилаи кӯҳҳои баланд ҳам қуллаи баландтарине, ки дар шарқтарин нуқтаи ин кишвар мавқеият дошта, ҳар саҳар офтоб аз шонаи он дурахшон мегардад ва аз он панҷоҳ чӯй ё дарёча ҷорист, ҳам чарогоҳҳои сералаф, ҳам дарёҳои хурӯшон ва хеле нишониҳои дигар.

Дар мавриди таъйини мушаххаси кишвари Ориёвиҷ мақаллаи «Ориёно» нашри Кобул ба мавқеияти аслӣ хеле наздик омадааст. Тибқи тазаккури Х. Давлатназар мақаллаи «Ориёно» тазаккур додааст, ки: «Ориёновиҷу сарзамини матбӯъ ва қашанге буд. Уламо дар боби таъйини қаламрави Ориёновиҷу таҳқиқоти зиёде намуда ва назариёти мухталиф арза кардаанд. Лекин аз рӯи тартиби хоки шонздаҳгона ва баъзе ишороте, ки дар «Бундиҳишн» шуда, чунин маълум мешавад, ки «Ориёновиҷу қитъаи замини баланд ва чашмахона ва баъзе рудхонаҳо буда ва мавқеияти онро метавон ба аксари эҳтимолот дар ҷавори сарчашмаи Оксус – Фарғона муайян кард».[1] Бояд тазаккур дод, ки аз миёни ҳама фарзия ва афкоре, ки дар нисбати таъйини ин кишвар гуфта шуда, назари ба воқеият наздиктарин ҳамин аст. Руди Оксус (Ому) – Вахш на аз водии Фарғона, балки аз домани Олой – ҳамҷавори Фарғона ибтидо мегирад ва аз ин рӯ, агар ин пешниҳодро андаке ба ҷанубтари Фарғона бикӯчонем, воқеияти он равшан мегардад. Гиппарт низ Фарғонаро Ориёновиҷ донистааст. Муҳаққиқи афғон Аҳмадалии Кӯҳзод[2] навиштааст, ки «Ориёвиҷа» дар доманаҳои шимолу ғарбии Помир *(хонда шавад Лахш ва Олой – М.Ҳ.)* ва ҳавзаи Омударё аст.[3] Х. Давлатназар аз қавли Муҳаммади Ҷаводпур перомуни маҳаллоти сукунати ақвоми ориёӣ назареро ироа намуда, он даврaро «асри ведоӣ» зикр намудааст. Муҳаммади Ҷаводпур навиштааст: «Асри ведоӣ давраест, ки

[1] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ», с. 75.
[2] «Орёно». Мақалла. Кобул, савр, 1318
[3] Кӯҳзод А. «Афғонистон ва Эрон». «Орёно», ҳут, 1330 ҳ. № 2.

https://bikhon.tj

ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ бо ҳам мезистанд ва ё тоза аз ҳам ҷудо шуда буданд. Ин асрро бо номи китоби «Ведо», ки қудамоти сурудаҳои он аз ҳазор то ду ҳазор сол пеш аз милод аст, «асри ведоӣ» хондаанд. Дар ин китоб омада, ки ориёиҳо дар сарзамине ба номи «Ориёварта» мезистанд, ки зоҳиран ин номе мебошад, ки ба сурати «Аэронавиҷа» дар китоби «Авесто» омадааст».[1] Ба қавли ин муаллиф А. Кӯҳзод гуфтааст: «Мо афғонҳо ва эрониҳо дар ҳоле, ки китобе монанди «Авесто»дар даст дорем, мӯҳтоҷ ба ҳеҷ гуна ҳадс ва хаёлу тасаввур намебошем. Зеро фаргарди аввали «Вандидод» ё боби аввали ҳиссаи саввуми «Авесто» маҳди нажоди ориёӣ, ҷамъияти афғон ва эрониро ба иллати муҳоҷират, ки сардии доманаҳои муртафеъ ва сардсери Помир бошад, ба маротиби ҳаракат ва муҳоҷирати қавм қадам ба қадам, ноҳия ба ноҳия, алоқа ба алоқа шарҳ медиҳад, ба таври саҳеҳ нишон медиҳад, ки аз он беҳтар тасаввур наметавон кард. Ба асоси шаҳодати «Авесто» ниёкони муштараки афғонӣ ва эронӣ аз Ориёвиҷу, ки сарчашмаи улёи Доитик ва Дораго, яъне Амударё дар доманаҳои шимолии Помир дар бар мегирад, ба иллати зимистони тӯлонӣ ва сардии ҳаво тарк гуфта, ба Суғд ва Марв фуруд омаданд».[2]

Донишманди фақиди эронӣ устод Меҳрдоди Баҳор дар мавриди ҳаракати ориёиҳо ба минтақаҳои кунунии Эрон менависад: «Аммо аз қарни дувоздаҳум п. м. ориёиён аз шимол ба дараи Синд ва аз қуруни даҳум аз ҷилгаҳои Осиёи Миёна гурӯҳогурӯҳ бар паҳнаи наҷди Эрон зоҳир гаштанд ва номи баъзешон бар алвоҳ ва катибаҳои Байнанаҳрайн (бавижа, ошурӣ) сабт шудааст. Ҳар гурӯҳ аз ин қавм дар бахше аз ин наҷд раҳли иқомат афканд. Портиён дар шимоли Хуросон модиҳо дар марказ, мағриб ва шимоли ғарбӣ ва порсиён дар ҷануб, дар Форс. Сарманшаи ин ақвом, ки дар дараи Синд ва наҷди Эрон фуруд омаданд, бегумон Осиёи

[1] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ».
[2] Кӯҳзод А. «Афғонистон ва Эрон». «Ориёно», ҳут, 1330 ҳ. № 2.

https://bikhon.tj

Миёна буд ва ба эҳтимоли бисёр қавӣ ниёконашонро бояд аз ақвоми вобаста ба фарҳанги Андроновӣ бояд донист. Дар асотири эронӣ низ ишорате ба ин сарзамини аҷдодӣ ва густариши баъдии ақвоми ҳиндуэронӣ рафтааст. Дар банди саввум аз нахустин фаргарди китоби «Вандидод» ё «Видевдод» (қонун дар бораи дев) чунин омадааст: «Нахустин сарзамини некуе, ки ман, Аҳуромаздо офаридам, Эронвиҷ буд дар канор (руди) Вангаҳу Доитӣ... Бо ошноии қаблӣ бо фарҳанги Кӯрагонӣ II ва III ва фарҳанги Андронов мумкин аст Эронвиҷро сарзаминҳои миёни Волга ва Дон ё сарзаминҳои ҳавзаи улёи руди Енисей бидонем. Бо таваҷҷуҳ ба рӯҳи эронии матлаб эҳтимолан минтақаи охир бештар метавонад бо Эронвиҷ муносиб бошад. Дар навиштаҳои паҳлавӣ, бавижа «Бундаҳишн» ишорате ҳаст, ки бармеояд дар асри Сосонӣ Моваройуннаҳрро бо Эронвиҷ баробар медонистанд ва муҳимтарин руди ин минтақа Ҷайҳунро Веҳруд, ки ҳамон Вангаҳу Доитии авестоӣ аст, мехонданд».[1] Ӯ дар идомати суханаш роҷеъ ба он ки ориёиҳо аз сарзаминҳои Осиёи Миёна ба дигар минтақаҳо ҳаракат кардаанд навиштааст: «Агар мавқеияти ҷуғрофиёии номҳоеро, ки дар нахустин фаргарди «Вандидод» омадааст, дуруст дарёфта бошем, ин фаргард тавсеъаи ориёиёнро дар Осиёи Миёна, бахше аз наҷди Эрон ва муҳтамалан ҷилгаҳои Синди миёна рӯшан месозад; вагарна танҳо марбут ба Осиёи Миёна ва наҷди Эрон аст».[2]«Ҳангоме ки ориёиёни шохаи эронӣ аз аввали ҳазораи дуввум п.м. сарзаминҳои ободи Осиёи Миёнаро фурӯ гирифтанд ва аз он пас дар оғози ҳазораи аввал п.м. ба наҷди Эрон фароз омаданд, бумиёни ғайриориёӣ, ки аз ҳазорҳо сол пеш аз он таърих дар ин сарзамин мезистанд, даромехтанд ва зиндагии муштаракро оғоз ниҳоданд»,[3] – навиштааст ӯ дар идомат.

[1] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 389.
[2] Ҳамон ҷо, с. 390.
[3] Ҳамон ҷо, с. 391.

https://bikhon.tj

Ба қавли Х. Давлатназар Рукниддин Ҳумоюн Фаррух – муаррихи эронӣ нахустин маҳди ориёӣ атрофи Сайҳун ва Ҷайҳунро ташхис медиҳад ва ин даври зиндагии ин ақвомро ҳазорҳо сол пеш аз милод мегӯяд. Ӯ шавоҳиде аз осори бостониро дар назар гирифта, ки дар сарзамини Эроншаҳр аз даврони ғорнишинӣ то тамаддуни сафол ва санг ва мис ва мафрағ ва оҳан осоре ба даст омадааст.[1] Мардуме, ки дар ин давр мувоҷиди ин тамаддун буданд, ориёиҳоро медонанд, ки бо истиснои ин шавоҳид муҳоҷирати онҳоро аз атрофи Сайҳун ва Ҷайҳун дар ҳудуди ёздаҳ ҳазор сол пеш ба сарзамини Эронвиҷ донистаанд.[2] «А. Кӯҳзод макони аслӣ ва қадимии ориёиҳоро аз сурудаҳои «Ведӣ» ташхис дода ва оварда, ки аввалин китоби сурудаҳои ориёӣ, яъне «Ригведо» агар возеҳ ва мустақим роҷеъ ба маскани аслӣ, аввалӣ ва қадими ориёӣ чизе намегӯяд, аз ишороти ғайримустақими матни сурудпора маълумоти муфиде ба даст меояд, ки аз он хутути ҳаракат ва муҳоҷирати ориёиҳо дар Ориёно ва аз Ориёно ба кишварҳои муҷовир (Ҳинду Форс) возеҳ маълум мешавад ва роҷеъ ба маскани аввалини Ориё ҳам равшании хубе меафтад. Дар сурудаҳо ҷумалоти «сад зимистон» ва «сад хазон» зиёд истеъмол шуда ва аз ин бармеояд, ки ориёиҳо пеш аз он ки ба Сапта-Синдҳу ё алоқаи Панҷоби феълӣ бирасанд, дар минтақаи сарде зиндагӣ доштанд, ки зимистони он тӯлонӣ буд ва тақрибан даҳ моҳи солро дар бар мегирифт. Бо иттако ба нукоти маълум ҳаракоти онҳо, ки дар силсилакӯҳи мазкур расид ва дар он ҷо ин минтақаи сардро дар сарчашмаи Оксус ва арозии ҳамҷавори он, ки иборат аз Бадахшони улё (болоӣ) ва минтақаҳои байни Оксус ва Сирдарё бошад, қарор дод. Ва дар фасли аввали сурудҳои «Ригвед» ҳини суҳбат аз истиъонати Андро чунин ишорат шуда,

[1] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ». Душанбе, с. 73.

[2] Фаррух Р. Ҳ. «Пажӯҳиш дар бораи асри Зардушт», маҷ. «Баррасиҳои таърихӣ», даймоҳ, 1347, № 5.

https://bikhon.tj

ки аз манзили қадимии худ ба кӯмаки мо расид. Ин манзили Андроро баъзе маъохизи дигар возеҳ дар шимоли Ҳиндукуш қарор медиҳанд. Манзили қадими Андро, ба маънии дигар, ҳамон маскани қадими ориёӣ аст ва ба ин тартиб суруди «Ригведо» ҳам барои маҳди ориёӣ моро ба тарафи Бохтар ва сарчашмаи Оксус ва арозии мутавассилаи он раҳнамунӣ мекунад».[1] Олими англис Миллер нахустмеҳани ориёиро Помир донистааст. Тибқи назари ин олим ориёиҳо дар доманакӯҳҳои Помир иқомат намуда, аз он ҷо дар асри ХУ то солшуморӣ муҳоҷират намудаанд.[2] Қисмати дигари донишмандони даврон ва кишварҳои гуногуни дунё, ки мавқеияти нахустмеҳани ориёиҳоро дар шимолу шарқии Осиёи Миёна медонанд инҳоянд: Макс, (донишманди немис, охири садаи ХІХ – Осиёи Марказӣ), забоншиноси рус Оранский И.М. (Осиёи Марказӣ), олимони англис Мултон Ҷ., Миллз Л., (Кӯҳҳои Тяншан ва Помир), Алтхейм (соҳили дарёҳои Сир ва Ому), олими немис Ҷозеф Маркварт (болооби дарёи Зарафшон), Х. Бейли, Э. Бенвенист, А. Ҳенинг, Бартоломе, Мейер, Визендонг, Шредер, Буров (шимоли дарёи Сир), Х. Хумбах (соҳили руди Кашаф), Кипперт (ҷанубу шарқи Фарғона), Гейгер (шимоли шарқӣ ва доманаи кӯҳҳои Туркистон), Артур Кристенсен (Суғду Фарғона), Абаев В.И. (соҳилҳои дарёи Сир), Нюберг Г.Х. (гирду атрофи дарёи Сир, хусусан саргаҳи он), Дарибу Жубенвил (ҳавзаҳои Сайҳуну Ҷайҳун), Фрай Р. (шарқи Эрон, сарзаминҳои Афғонистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон), проф. Карим Абдулов (Масчоҳ), Салимшо Ҳалимшо (Помир) Ю. Ёқубов[3] (Бадахшони Афғонистон ва ноҳияи Қубодиён), Пянков И.В. (Суғд, руди Дарғом), Ҳ. Муминҷонов (доманаҳои шимолии кӯҳҳои Тян-

[1] Кӯҳзод А. «Афғонистон ва Эрон». «Орёно», ҳут, 1330 ҳ. № 2.
[2] «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 12.
[3] Ёқубов Ю. «Эронвиҷ дар куҷо буд?» («Тамаддуни орёӣ ва худшиносии миллӣ», маҷмӯаи мақолаҳо. Зери таҳрири Назри Яздонӣ. Душанбе, «Девиштич», с. 2006).

https://bikhon.tj

шан, гирду атрофи Иссиққӯл ва Ҳафтруди Қазоқистон), Неъматов Н. Н. (даштҳои Олтой то дарёи Волга) ва дигарон. Мавқеияти Эронвиҷ дар ғарби Эрон аз ҷониби баъзе олимон низ ҷонибдорӣ карда шудааст, вале ин назар сазовори эътироф нагардидааст. Дар «Авесто» (нашри Теҳрон) омадааст: «Дар яштҳо ҳеҷ ишорае ба ғарби Эрон нест. Ҳар гоҳ ишоратеро касоне ба ғарб мунтақил кунанд, бояд инро аз дастбурди зардуштиёни ғарби Эрон донист. Дар воқеъ бояд гуфт, ки зардуштиёни ғарби Эрон бар асари дастбурдҳои фаровон дар «Авесто» ва бахше, ки роҷеъ ба ҷуғрофиёст, балое бар сари таърих ва ҷуғрофиёи зардуштии шарқӣ оварданд, ки саргардониҳои ногуфтание ба бор оварда. Ин аз ҳангоме аст, ки дини зардуштия ба Рай кашонда шуд. Маркази руҳонии модҳо ва порсҳо дар ин сарзамин қарор дошт ва муғон дар он ҷо сукунат доштанд. Неруҳои сиёсӣ аз шарқи Эрон ба ғарб интиқол мешуд. Муғони Модӣ ба таассуби фаровон ҷои таърихи муқаддасро ногаҳон аз шарқтарин нуқтаи Эрон ба ғарбтарин нуқоти шимоли Эрон тағйир доданд, яъне аз мурури Ҷайҳун ба сӯи Мод интиқол доданд».[1] «Зодгоҳи Зардушт Аирянам Ваеҷа Отрупутан (Озарбойҷон – М.Ҳ.) шуд. Рудхонаи Доитиё рудхонае шуд, ки аз шарқи Осиёи куҳан ба дарёи Мозандарон мерафт, яъне Арес ё Аракес дар навиштаҳои бостон. Ворукаша дарёи Мозандарон шуд. Рангҳа ба рудхонаи дигаре, ки ба дарёи Мозандарон мерезад, яке дониста шуд. Ҳара Баразайтӣ, кӯҳе, ки хуршед аз он сар мезанад, риштакӯҳҳое шуд дар ҷанубӣ дарёи Мозандарон, чунон ки ин ном то имрӯз Албурз нигоҳ дошта шудааст».[2]

Ҳарчанд ҷуғрофияи ватани нахустини ориёиҳо дар мисоли болоӣ на чандон саҳеҳ аст, бо вуҷуди он маълум мегардад, ки баъзе аз мӯбадони зардуштӣ дар ғарби Эрон хостаанд ватани нахустини ориёиҳо ва зардуштиёнро ба як бор аз хотирҳо зудуда ва онро дар маркази наве бунёд намоянд ва

[1] Разӣ Ҳ. «Авесто», Теҳрон, с. 334.
[2] Ҳамон ҷо, с. 335.

https://bikhon.tj

гумон меравад то дараҷае ҳам муваффақ шудаанд. Шояд ки мавқеияти ҷуғрофӣ ва номҳои меҳани нахустин бар асари талоши онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ кашида шуд. Аз лиҳози мантиқ ин чиз ба онҳо лозим буд. Зеро имкон ва зарурати равобит бо нуқтаи дуртарини шарқӣ дигар барояшон намонда буд...

Аксари донишмандон Аиряна Ваеҷаҳро ба маънои Фарохо ё Фарохнои Ориёно тарҷума намудаанд ва сарзаминҳои зиёдеро дар Осиёи Миёна ба ин мафҳум ворид намудаанд. Дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла дар кишвари ориёиҳо руд ва дарёҳои зиёде номбар карда мешаванд. Аммо Аиряна Ваеҷа танҳо дар соҳили руди Доитиё офарида шудааст. Дар «Авесто» боре ҳам ба чашм наёмад, ки ба ҷуз аз соҳили ин руд руди калони дигаре ба Аиряна Ваеҷа мансуб шуда бошад.

Тавре тахмин шуд, ба кишвари ориёиҳо сарзаминҳои миёни рудҳои Панҷу Сир, инчунин шояд баъзе қисматҳои шарқии кунунии Хитой ва Қирғизистон шомил будаанд. Дар ин мулкҳо дарёҳои зиёде арзи вуҷуд доранд. Вале Аиряна Ваеҷа танҳо дар соҳили Доитиёи неку офарида шудааст.

Эронвиҷ ва Айравата-Аряварта

Дар адабиёти гуногуни ориёведоӣ роҷеъ ба мавқеияти мулки Бҳарата ва Айравата (Аряварта) дар қитъаи Ҷамбу, ки сарзаминҳои миёни дарёҳои Вахшу Панҷ ба шумор мераванд, маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Мувофиқи тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ, аз ҷумла ойинҳои ҷайнӣ ва буддоӣ аз кӯҳи Меру шаш қаторкӯҳ ба тариқи ҳаммарказӣ (концентрированные) қад кашида будаанд, ки онҳоро рудҳо ба таври доирашакл печонида будаанд. Ин қаторкӯҳҳо Ҷамбудвипаро аз ғарб ба шарқ бурида, онро ба ҳафт мулк ҷудо карда будаанд. Номи он қаторкӯҳҳое, ки аз самти ғарб ба самти шарқи миёни Ҷамбудвипа қад кашида будаанд, чунинанд: 1. Ҳимават. 2. Маҳаҳимават. 3. Нишодхо. 4. Нила. 5. Рукмӣ. 6. Шикҳарин. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар во-

https://bikhon.tj

диҳои миёни ин кӯҳҳо ҳафт мулк ҷой гирифта будааст, ки ба тариқи зайл номгузорӣ гардидаанд. 1. Бҳарата. 2. Ҳаймавата. 3. Ҳарӣ. 4. Видехо. 5. Рамйика. 6. Хайраняват 7. Айравата. Дар ҳама адабиёти ведоӣ мавқеияти Бҳарата дар нуқтаи ҷануб ва Айравата дар нуқтаи шимол яксон зикр гардидаанд. Бҳарата дар шаклҳои Бҳаратаварша, инчунин Бхарах ва Айравата дар шакли Еревайа низ зикр гардидаанд. Чун дар тасвироти ин манзараҳо нишонии аслӣ кӯҳи Меру зоҳир мешавад, маълум мегардад, ки Бҳарат ва Айравата мутаносибан дар самтҳои ҷанубӣ ва шимолии ин кӯҳ ҷой гирифта будаанд. Аз рӯи ин муқоисаҳо назаре равшан мешавад, ки шаҳри Хоруғи кунунӣ ки дар забони мардуми маҳал ба гунаи Харах ва Харағ талаффуз мешавад, бо ихтисори овози «б» аз гунаи Бхарах баргашт шуда бошад. Вожаҳои ведоиву санскрит, ки дар чунин шакл ихтисор шудаанд, зиёданд.

Тавре зикр гардид, Айравата дар шимолтарин нуқтаи қитъаи Ҷамбу, дар муқобили мулкҳои Бҳарата воқеъ гашта будааст. Азбаски қитъаи Ҷамбу аз самтҳои шимол ва ҷануб бо дарёҳои Вахш (болообаш руди Қизилсу) ва Панҷ маҳдуд мегардид, нуқтаҳои шимол ва ҷанубии Ҷамбуро низ дар соҳилҳои ҳамин дарёҳо бояд суроғ кард. Дар самти шимолии кӯҳи Меру (қуллаи Исмоили Сомонӣ) водиҳои Лахшу Олой воқеъ гаштаанд, ки дар соҳилҳои руди Қизилсу доман кашида, шимолтарин минтақаи миёни дарёҳои Вахш ва Панҷро ташкил медиҳанд. Водии Лахш, қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ ва шаҳри Хоруғ дар рӯи як устувохат воқеъ гаштаанд, ки ин далел низ тасвироти адабиёти роҷеъ ба ҷойгиршавии мулкҳои қитъаи Ҷамбуро тақвият медиҳад. Бояд зикр кард, ки маънои Қизилсу, дарёе, ки аз водии Олой ҷорӣ мешавад, аз забони қирғизӣ руди сурх ё Сурхоб мебошад ва Қизилсу баъди бо Муғсу омехтан номи Сурхобро мегирад. Дар «Стҳананга-Сутра» омадааст[1], ки дар самти

[1] «Стхананга-Сутра». (Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама).

https://bikhon.tj

шимолии кӯҳи Меру дар сарзамини Айравата ду руд ҷорӣ мешаванд, ки яке Ракта ва дигаре Рактавати ном дорад. Ракта ба забони санскрит маънои сурхро дорад ва ба маънои номҳои Сурхоб ва Қизилсу мувофиқ меояд. Бо назардошти чунин хусусиёт яқин гуфтан мумкин аст, ки Арйавартаи ориёҳиндӣ ва Арияна Ваеҷаи ориёэронӣ як сарзамин буда, дар як мавқеият ҷой дошта будаанд.

Кай Хусрав дар канори Чайчаст буткадаро шикаста, оташкадаи Озаргушаспро (дорандаи аспи нар) дар кӯҳи Аснаванд, дар Озарбойҷон бунёд мекунад. Мавҷудияти буткада дар ин минтақа, ки дорои 108 бут будааст, дар адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардидааст: «Дар гӯшаҳои қитъа (Ҷамбу –М.Ҳ.), дар чаҳор гӯшаи янтра (рамзи чаҳоргӯша дар адабиёти ориёҳиндӣ –М.Ҳ.) вилоятҳои махсус – локаҳо воқеъ гаштаанд. Инҳо шаҳр ё кӯл набуда вилоятҳои махсус мебошанд. Дар самти шимоли шарқӣ, дар кунҷи он Аря Лока воқеъ гаштааст, ки дар он ҷо ҳайкалҳои бузурги худоён истодааст ва дар ин ҳайкалҳои бузург ҳар сари чанд вақт эзадон ҷой гирифта, барои қурбониоварандагон даршан (дидорбинӣ) тӯҳфа менамоянд. Ин гуна ҳайкалчаҳо 108-торо ташкил медиҳанд».[1]

Агар ба гӯшаи шимоли шарқии Ҷамбу таваҷҷуҳ карда шавад, ин водиҳои Олой ва Лахш мебошанд, ки Эронвиҷ низ дар ҳамин мавқеъ айният гирифтааст.

Айравата дар адабиёти ориёҳиндӣ бар илова аз номи мулк, ҳамчунин номи фили Индра ва номи море низ будааст. Фили машҳури Индра – Айравата ҳангоми чархонидани уқёнуси Бузург (дар мақолаҳои қаблӣ ба дарёи Вахш айният ёфта буд) аз тарафи худоён ва асурҳо барои ба даст овардани нӯшобаи ҳаёт – амрита дар қатори сарватҳои қиматбаҳо, ҳамчунин эзадбонуи саодату зебоӣ Лакшмӣ аз обҳои уқёнус боло шуда будааст. Аз ин рӯ вайро Айравата – яъне «аз об

[1] Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Небесная Дивья Лока – Чистая страна».

https://bikhon.tj

бархоста» ё «аз об баромада» ном ниҳода будаанд. (худ «айра» ба маънои «баланд шудан», «бархостан» ва «вата» ба маънои об ифода мешудааст. Бегумон вожаи аир, айра, аэро дар аксари забонҳои аврупоӣ ба маънои тайёра ва роҳҳои ҳавоӣ ва «ватар», вата (вода) ба маънои об бо ҳамин ду вожа аз «айравата» иртибот доштаанд. Дар адабиёти ведоӣ ва авестоӣ «вата» ба маънои бод низ омадааст. М.Ҳ.) Нахустин маъное, ки аз Айравата бар меояд, ин «аз об бархоста» аст.

Маънои дигари Айравата «роҳ» будааст. Тибқи тасаввуроти асотири ориёҳиндӣ роҳ ба сӯи шаҳри эзадони ҷовидон Амараватӣ, ки дар болои қуллаи Меру воқеъ будааст, аз кӯҳи Меру оғоз меёфтааст. Ва ҳоло низ наздиктарин роҳ бо қуллае ба номи Исмоили Сомонӣ аз сӯи Лахш аст…

Шакли дигари номи Айравата – Арйаварта Арияварша будааст. Вожаҳои варта ва варша низ ба маънои мулк ва кишвар зоҳир гаштаанд. Ва вожаҳои мавриди назар ба тариқи сохтмони Бҳаратаварша – кишвари Бҳарата маънои кишвар ва ё мулки ориёҳоро доштааст. Варта, варша вожаҳои ба маҳалҳои Осиёи Миёна бегона нестанд. И.В. Пянков зикр кардааст, ки зодгоҳи Рухшонаи машҳур Паретакен буда, падараш Оксиарт (дар талаффузи маҳаллӣ Вахшуварта) ном доштааст.[1]

Маънои дигар ва асосии ориё дӯст, наҷиб ва шариф будааст, ки гумон меравад, ин ном баъдҳо нуфуз намудааст. (Аря дар баъзе маврид маънои душманро низ доштааст – М.Ҳ.)

Нахустин маъное, ки аз Айравата бар меояд, ин «аз об бархоста» будааст. Аз нигоҳи ин муаллиф ин ном ба се ҷиҳат чунин номгузорӣ шудааст, ки албатта яке аз онҳо имкон дорад сабаби асосӣ бошад. Нахуст, эзадбонуи саодат ва зебоӣ, ки дар адабиёти орёҳиндӣ дар қатори эзадони машҳур мавқеият дорад, – Лакшмӣ, тавре гуфта шуд, ҳангоми чархонидани обҳои уқёнус аз об бархоста буд. Бисёр

[1] Пьянков И.В. «Осиёи Миёна дар номаҳои бостон». «Ирфон», 1991, с. 47.

https://bikhon.tj

эҳтимол аст, ки Айравата ба маънои аз об бархоста ба Лакшмӣ низ мансуб дониста шуда, он мулкро баъдан низ Лакшмӣ ном ниҳода бошанд, ки аз он ҳоло ихтисоран Лахш боқӣ мондааст Лакшмӣ дар баробари дигар номҳояш лақаби «Лола» низ доштааст, ки маънои он чандлаҳзаина, бебақо будааст. Бегумон дар забони тоҷикӣ маънои гули лола низ ҳамин чиз аст. Мас. дар ин мисраи халқӣ ишора ба ҳамин маъност: «…Ки лола сар баровард, бебақо шуд».

Ҳамин тариқ, агар яке аз ин далелҳо ҷиҳати номгузории Айравата – Арйаварта мувофиқ биёяд, масъалаи аз Осиёи Миёна ба Аврупо кӯчидани ориёҳо низ далели қотеъ пайдо мекунад. Зеро гумон меравад, барои пайдо шудани вожаи ориё пеш аз ҳама омилҳои зикргардида мусоидат намуда будаанд.

Ориёҳиндуҳо баъди муҳоҷирататашон ба Ҳинд минтақаҳоеро дар он кишвар боз ҳам Айравата номиданд. Вай водии бузурги шимоли Ҳиндро аз баҳри ғарбӣ то баҳри шарқӣ ва аз кӯҳҳои Ҳималой дар шимол то кӯҳҳои Виндхай ва Сатпура дар ҷануб, ки дар замони Ведоҳо Дандахараня ва Маҳкантара ном доштаанд, дар бар мегирифтааст ва аз он сӯи он минтақаҳо кишвари ғайриориёҳо воқеъ гашта будааст. Дар матнҳо ва навиштаҳои устуравӣАрйаварта он гуна ки ба ҷануби ғайриориёӣ дар Ҳинд муқобил гузошта шудааст, ба шимоли ғарбӣ, ки дар он самт Эрон воқеият дорад, ҳамон гуна назар изҳор шудааст. Яъне шояд дар замоне ки ин таҳрирот дар адабиёти ориёҳиндӣ ворид мегардид, ориёэрониҳо ҳанӯз ба эрони кунунӣ рӯ наоварда буданд. Нуқтаи дигари баҳснок он аст, ки дар тасвироти адабиёти ориёҳиндӣ нуқтаҳои шимол ва ҷануби Ҷамбуро Бҳарат ва Айравата ташкил медодаанд, дар ҳоле ки дар Ҳинди баъдимуҳоҷиратӣ, ки ҳам Ҷамбуаш гуфтаанд, ҳам Бҳарата ва ҳам Айравата дар нахуст тақрибан дар як водӣ дониста шудаанд.

https://bikhon.tj

Эронвиҷ сарзамини воқеӣ ва мушаххас аст

Аммо як чиз мусаллам аст, ки кишварҳои шонздаҳгонаи офаридаи Аҳуро Маздо аксаран ҳамчун сарзаминҳои ҷудогонаи ориёӣ вуҷуд дошта, ҳеҷ яке аз онҳо ба Аиряна Ваеҷаҳ шомил набуд. Нахуст ба ин иқтибоси машҳур аз «Авесто» таваҷҷуҳ менамоем, ки Аҳуро Маздо роҷеъ ба ин кишвар мегӯяд: «Аз замин ва кишварҳои беҳтарин ман, Аҳуро Маздо, нахустин Аиряна Ваеҷаҳро дар соҳили Доитии неку офаридам...» Яъне Аиряна Ваеҷаҳ танҳо заминҳои соҳилҳои руди Доитиё ба шумор мерафтаанд.

Тавре дида шуд, дар шинохти воқеии мавқеияти ҷуғрофии Эронвиҷ агарчи ҳадсу тахмини зиёде пешниҳод гардида бошад ҳам, мутаассифона, ҳеҷ як нишонии ҷуғрофӣ ва далели таърихии дар ин маврид пешниҳодгардида, инчунин мантиқи далелҳо баррасӣ нагардидаву ба назари эътибор гирифта нашудааст.

Аксар муҳаққиқон чунин назар доранд, ки Эронвиҷ ин фарохнои ориёиҳо, яъне саросари минтақаҳои Осиёи Миёна, Урал ва баъзе минтақаҳои дигар мебошад. Аммо дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти ориёӣ Эронвиҷ мисли Суғд, Марв, Балх ва ғайра сарзамини алоҳида дониста шудааст. Агар Ориёно тамоми сарзаминҳои Осиёи Миёна ба шумор равад, пас чи гуна Суғд ё Марву Балх ё дигар кишварҳо боз ҳам дар дохили Эронвиҷ офарида шудаанд. Яъне Эронвиҷ сарзаминест алоҳида ва ба сари худ. Ба ин ҷумла таваҷҷуҳ менамоем: «Дар «Дин» гӯяд, ки: «Агар ман намеофаридам минуӣ буму сарзаминро, ҳамаи мардум ба Эронвиҷ мешуданд, ба сабаби хушии он ҷо, зеро нахуст, аз ҷойҳову рустоҳо, Эронвиҷ беҳтарин (сарзамин) офарида шуд. Яъне ин сарзамин аз Балху Марву Ҳирот ва Суғду Нисо ва ғайра тафовут дошта будааст. Пас Эронвиҷ саросари Осиёи Миёна, ё даштҳои Урал нест, як кишвари аз лиҳози масоҳат хурдест. Бар илова аз ин Эронвиҷ аз дигар мин-

https://bikhon.tj

тақаҳо аз лиҳози табиат зеботар будааст, яъне манзараву кӯҳу дашти ин сарзамин беҳтар аз дигар сарзаминҳост.

Дигар, дар «Бундаҳишн» омадааст: «Ӯро патёра аз Аҳриман ин зимистони девофарида ва мори пардор ва низ он ки бепар аст, беш баромад. Даҳ моҳ он ҷо зимистон аст, ду моҳ тобистон. Чунин гӯяд, ки зимистон ҳама ҷо яксон аст, аммо он ҷо, дар миёнаи Даймоҳи баҳизагӣ, гаронтар бошад».[1] Боз ҳам, ҳеҷ гоҳе зимистон дар саросари Осиёи Миёна яксон ва ба муддати даҳ моҳ идома намеёбад. Зимистон танҳо дар баъзе минтақаҳои кӯҳдоман ва баландкӯҳ ба муддати дарозтар идома меёбад. Аз ин лиҳоз Эронвиҷро дар як минтақаи маҳдуди кӯҳистонӣ суроғ кардан муяссар аст.

...Ҳамчунин дар «Авесто» борҳо дигар сарзамин ва рудҳои ориёӣ номбар мешавад, вале дар паҳлуи онҳо Аиряна Ваеҷа[2] ёдовар намегардад. Дар «Авесто» борҳо ибораҳои ориёиҳои ин ё он кишвар ё қавм ёдовар гаштаанд, вале ҳеҷ яке аз онҳо марбут ба Аиряна Ваеҷа дониста нашудаанд.

---

[1] «Бундаҳишн».

[2] Яке аз пасвандҳои қадимтарин, ки дар вожаҳои забони орёҳои аввалия таркибсозӣ намудааст, пасванди – ит (-ити) буда, баъдан ба шакли –ич ва – иҷ низ истифода шуда, дар номҳои топонимӣ ва этнонимӣ таркибсозӣ намудааст. Дар забонҳои славянӣ низ яке аз пасвандҳои хеле қадим ин пасванди – ич ё – ичи (-ит, – ити) будааст. Ин пешванд ҳолати қадимаи ҷамоаи авлодӣ-оилавиро дар худ таҷассум намудааст. Вазифаи –ит, – иҷ ва – ич дар таъйини ҷойгоҳ (масалан, хонақоҳ) ва ҳам дар таъйини мансубият ба гурӯҳу қавм ва ё шахс (баъдан мансубияти хонаводагӣ) яксон будааст. Он гуна, ки пасванди – ит дар вожаҳои Кумит, Ҳумит, Ромит, Ҳоит дар номҳои Нимич, Бизмич, Шингилич ба – ич ва дар Кумиҷ, Кануҷ бо – иҷ (-уҷ) баргаштааст, пасванди – ват дар номи ин кишвар Ариявата ба Орёвиҷ баргашта, тақрибан як вазифаро ичро намудаанд. Гумон меравад, ин пасвандҳо дар забони орёҳои аввалия аз мавқеиятҳои нахустмеҳанашон ба кишварҳои баъдимуҳоҷиратӣ кӯчидаанд. Дар мавриди маънои вожаи Аиряна Ваеҷа – Орёновиҷ муаллифони зиёде ибрози назар кардаанд. Х. Давлатназар онро аз се таркиб Орё-на-виҷ дониста, қисмати «-виҷ»-ро ба маънои мансубият шарҳ додааст. Ба назари мо – виҷа ва ё – виҷ бештар маънои пойгоҳ ва маконро дорад. Аз ин рӯ маънои Орёнавиҷ ба маънои ҷойгоҳ, пойгоҳ ва маркази сарзаминҳои орёӣ буда метавонад.

https://bikhon.tj

Эронвиҷ дар миёни ҷаҳон аст

Аксари кулли навиштаҳои бостон ва муҳаққиқони баъдӣ мавқеияти ҷуғрофии Эронвиҷро дар миёни ҷаҳон қаламдод кардаанд. Яъне Эронвиҷ дар марказ ва кишварҳои дигари ориёӣ дар атрофи ӯ ҷой гирифтаанд. Эронвиҷ на танҳо аз лиҳози ҷуғрофӣ маркази ориёиҳо дониста мешавад, балки вай ҳамчун қиблаи ориёиҳо, маркази ниёиш ва ситоиш ва ҳамоиши ориёиҳост. Донишманди эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ дар ин бора гуфтааст: «Аиряна Ваеҷнага – «Нофи ориё, байза ва тухми ориё, маркази аслии таҷаммӯъи нажоди ориё»[1] будааст. Дар ин навиштаҳо на танҳо худи Эронвиҷ маркази ҷаҳон дониста шудааст, балки дарёи Даити ва қаторкӯҳ ё чакоди Даити, ки дар Эронвиҷ ҷой гирифтаанд, воқеъ дар миёни ҷаҳон дониста шудаанд. Дар «Бундаҳишн» дар боби офариниши олам омадааст: «Панҷум гови яктоофаридаро дар Эронвиҷ офарид, ба миёнаи ҷаҳон бар бори руди Веҳ-Даитӣ...»[2] Роҷеъ ба он ки Эронвиҷ чаро миёни ҷаҳон дониста шудааст, чанд далелу назарро пешниҳод кардан мумкин аст. Нахуст ин ки понздаҳ кишвари дигари Аҳуроофарида дар атроф ва Эронвиҷ дар маркази онҳо ҷой гирифтааст. Дуввум, ин ки Тирак (ё Тирг) яке аз шохаҳои кӯҳи Албурз, ки он ҳам дар миёни ҷаҳон ҷой гирифтааст, аз ҳудуди Эронвиҷ мегузарад. Далели дар миёни ҷаҳон воқеъ гаштани он дар боби «Тирак миёни ҷаҳон аст» шарҳ ёфтааст. Сабаби дигар он аст, ки Эронвиҷ водиҳои Олой ва Лахши кунунӣ дар доираи кӯҳҳое воқеъ гардидаанд, ки ин кӯҳҳо ба бештари минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба ин минтақа кашида шудаанд. Масалан қаторкӯҳҳои Олой, Заалай, Ҳисору Қаротегин, Туркистон, Пётри Як, Дарвоз, Ванҷ, Академияи Илмҳо, Ҳимолой ва Ҳиндукуш ба воситаи Сарикӯл ва Тяншан ба воситаи қаторкӯҳи Фарғона – ҳама дар атрофи во-

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ. «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо», чопи дуввум. Теҳрон, 1374, с. 14.
[2] «Бундаҳишн», с. 33.

https://bikhon.tj

диҳои Лахшу Олой давра гирифтаанд. Яъне ҳама қаторкӯҳҳо аз миёни ҷаҳон оғоз шуда, ба ҳар тараф ё баръакс аз ҳар гӯшаи ҷаҳон ба ин марказ қад кашидаанд. Чунин ҳол дар дигар минтақаҳо ба назар намерасад. Ин аст яке аз сабабҳои миёни ҷаҳон хонда шудани Эронвиҷ. Бояд гуфт, ки ифодаи миёни ҷаҳон дар асотири Чини бостон[1] низ вуҷуд дошта, яке аз водиҳои воқеъ дар ғарби ин кишвар миёни ҷаҳон дониста шудааст, ки маълум мегардад дар он даврон чунин назар вуҷуд доштааст. Тозиши Аҳриман низ дар миёни ҷаҳон аст, ки дар мисолҳои зерин дар ин бора сухан рафтааст. «Пас бар Об омад, ки гуфтам, ки зери ин Замин қарор ёфта буд. Ӯ (Аҳриман) сипас миёнаи заминро бисуфту дар омад...»[2] «Дӯзах дар миёни замин он ҷост, ки Аҳриман заминро суфту ба-д-он дартохт...»[3]. Баъзе олимон назар доранд, ки Эронвиҷ дар натиҷаи таркиши сайёра ба амал омадааст. Дар ин маврид тахмини дигареро низпешниҳод кардан мумкин аст: дар баъзе адабиёти таърихӣ-ҷуғрофиёӣ зикр шудааст, ки нимқораи Ҳинд гӯё дар натиҷаи таркише шояд аз қораи Африко ҷудо шуда, ба қораи Осиё бархӯрд кардааст ва аз фишори чунин бархӯрди азим кӯҳҳои Ҳимолой, Тяншан, Ҳиндукуш ва дигар кӯҳҳои минтақа дамида баромадаанд. Дар «Бундаҳишн» дар бораи фароз рустани кӯҳҳо чунин омадааст: «Дар «Дин» гуфта шудааст, ки нахустин кӯҳе, ки фароз руст, Албурзи эзидибухт буд. Аз он пас ҳамаи кӯҳҳо(и дигар) ба ҳаждаҳ сол фаро рустанд. Албурз то ба сар расидани ҳаштсад сол меруст: дувист сол (то) ба ситорапоя, дувист сол то ба Моҳпоя, дувист (сол) то (ба) Хуршедпоя, дувист сол то ба болои осмон». Яъне, азбаски зарбаи бархӯрди нимқораи Ҳинд дар аввал хеле бошиддат будааст, нахуст қуллаи кӯҳи Албурз дар муддати ҳаждаҳ сол ва пасон дигар кӯҳҳо дар муддати ҳаштсад сол ба боло қад кашидаанд. Тавре дар илм муқаррар шудааст, кӯҳҳои Помир

[1] «Асотири Чини бостон». М. 1987.
[2] «Бундаҳишн»,банди 5.
[3] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

ҳоло низ ҳар сол ба андозаи тақрибан чанд ҳиссаи сантиметр баланд мешаванд. Ин фарзия ба воқеият наздик менамояд. Агар мо ба нақшаи ҷуғрофӣ ба таҳқиқ назар кунем, мебинем, ки воқеан низ нимқораи Ҳинд мисли табари сангин ба паҳлуи қораи Осиё зада даромадааст. Аз чунин зарбаи нимқораи Ҳинд қораи Осиё бетағйир монда наметавонист. Агар мо ин бархӯрдро ба таври нақша баррасӣ намоем, вай аз марказ, самти рост ва самти чап иборат мебошад. Маркази зарба қораро мисли дандона даронда ба дохили он ворид шуда, дар айни замон бо зарбаи паҳлуи рост бо фишори беҳад муқтадир кӯҳҳои Ҳимолой ва шохаи рости кӯҳҳои Тяншанро ба вуҷуд овардааст. Зарбаи паҳлуи чап силсилаи кӯҳҳои Ҳиндукуш, Помир, қаторкӯҳҳои Зарафшону Туркистон, ва шохаи ғарбии қаторкӯҳи Тяншанро ба вуҷуд овардааст. Ин ду зарба аз самтҳои чапу рост гардиш хӯрда, тақрибан дар хати қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл ба ҳам бархӯрд намудаанд. Маркази ба ҳам бархӯрдани мавҷи ин зарбаи азим ба эҳтимол водиҳои Лахшу Олой будаанд. Зеро ин ду водӣ ба ҳам пайваст буда, дар доирае ҷой гирифтаанд, ки тамоми қаторкӯҳҳои номбаршуда дар атрофашон печидаанд. Яъне, дар ин водиҳо гӯё як сутуни ноайёни кайҳоние вуҷуд доштааст, ки онро аз такони зарбе чун давра нигоҳ доштааст. Шояд «водии миёни ҷаҳон» дар асотири чинӣ низ ишора ба ҳамин мавқеъ бошад.

Чаро Даити?

Аксари муҳаққиқони «Авесто» ва таърихи ориёиҳо маънои руди Даити ё Доитиро қонун гуфтаанд. Қаторкӯҳе низ дар ин мавзеъ чакоди Даити ном доштааст. Аммо агар ба ин вожа таваҷҷуҳ шавад, маълум мегардад, ки он бештар ба вожаи дод, яъне адлу инсоф, ростӣ ва ҳақиқат мушобеҳ аст. Ҳеҷ як муҳаққиқе то кунун зикр накардааст, ки чаро маънои ин руд ва қаторкӯҳ қонун ё дод будааст. Зеро маънои ин номҳо ба мавқеияти ҷуғрофии Эронвиҷ бисёр

https://bikhon.tj

вобаста аст ва то даме ин мавқеият муайян гардида, мавриди таҳлили ҷуғрофӣ қарор нагирад, сабаби чунин номгузорӣ ошкор нахоҳад шуд. Мо аз бобҳои боло медонем, ки руд ва чакоди Доити дар Эронвиҷ воқеъ гаштаанд. Руди Қизилсуи кунунӣ, ки аксаран аз қаторкӯҳи Заалай сарчашма мегирад, ба руди Даити айният меёбад. Тавре маълум аст, дар бисёр мавқеиятҳо руд ва кӯҳи ҳамҷавор як ном доранд. Ҳамин гуна, руди Даити ба Қизилсу ва чакоди Даити ба қаторкӯҳи Заалай, ки қуллаи ба номи Абӯали ибни Сино (собиқ ба номи Ленин, баландиаш аз сатҳи баҳр 7134 м.) баландтарин қуллаи он ба шумор меравад, дар ҳамҷаворӣ воқеъ гашта, дорои як ном будаанд.

Тавре дар «Авесто» ва «Бундаҳишн» зикр гардидааст, тарозуи Рашн дар кӯҳи Даити қарор дорад, ки як паллаи он ба сӯи шимол ва паллаи дигари он ба сӯи ҷануб воқеъ гаштааст. «Дар «Бундаҳишн» Рашн изади додгариву менуии ростист...» «Ардавирофнома» ва «Менуи хирад» ин изадро тарозудори рӯзи пасин мехонанд, ки каффаи тарозуро ба ҳеҷ сӯе мутамоил накунад ва сари мӯе нодурустиву бедод дар кори ӯ роҳ наёбад».[1] Дар «Авесто» зикр гардидааст: «Рашн – номи эзади додгарӣ... пас аз изадон Меҳру Суруш севумин довари рӯзи пасин ба шумор меояд».[2] «Эй Рашн, ки беҳтар аз ҳама додхоҳро ба фарёд расӣ»[3]. «Чунин гӯяд, ки довар (чун) доварии дурӯғ кунад, Рашн он ҷойро ҷои (муносиби хеш) набинад». «Он ҷо ки Рашн равонро омор кунад, Аштоду Зомиёд равонро ба тарозу бигзаронанд». Агар ба қаторкӯҳи Заалай, ки чакоди Доити ҳамин аст, таваҷҷуҳ шавад, маълум мегардад, ки вай мисли пояи тарозу истода, бар сари он қаторкӯҳҳои Сари айғир ва Зулумарт мисли паллаҳои тарозу ба сӯи шимол ва ҷануб кашида шудаанд. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Гӯяд ба дин, ки чагоде (ҳаст) яксад мард болой, миёни ҷаҳон, ки

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 692.
[2] Ҳамон ҷо, с. 692.
[3] Ҳамон ҷо, с. 280.

https://bikhon.tj

чагоди Даити хонанд (он) юғи тарозуи Рашн эзад аст, теғае ба буни кӯҳи Албурз ба сӯи Абохтар ва теғае ба сари кӯҳи Албурз ба сӯи Нимрӯз (дорад); ба миёни он чагоди Даити истад. Ба-д-он миёнаҷой теғае низ шамшервор истода. Ӯро нӯҳ найза боло, дарозову паҳност. Он ҷой истанд эзадони минуӣ, ки бо минуӣ равони парҳезгоронро покиза кунанд. Саге минуӣ бар сари он пул аст ва дӯзах зери он пул. Чун мардум даргузаранд, се шаб равон ба наздики тан он ҷо ҷой, ки ӯро сар бувад, нишинад. Он се шаб аз визариши деву ҳамкорони (вай) бас тозиш бинаду пушт ҳаме боз ба оташ кунад, ки он ҷой афрӯхтааст. Аз он рӯй аст, ки он се шабро то рӯз он ҷой, ки сари ӯ бувад, ба афрӯзиш доранд. Агар он оташ нест, пушт боз ба оташи Баҳром ё оташдоне, ки пайваста фурӯзонанд, кунанд. Дар «Бундаҳишн» омада, ки баъдан равонҳои парҳезгор ва нопарҳезгор дар роҳ аҷоибу ғароиби зиёд бубинанд.[1] «Пас он равонро то буни кӯҳи Албурз роҳ намоянд, ки теғи юғ аст. Бар он равад то фарози чакод, (он ҷо), ки он теғи тез истад. Пас равонро, агар парҳезгор аст, он теғи тез ба паҳно биистад. Озарфарнбағи пирӯзгар торикиро аз миён бараду ба пайкари оташ он равонро ба-д-он теғ гузаронад ва он эзадони минуӣ ӯро покиза кунанд ва ба минуӣ ба дигар теғ гузаронанд бар фарози Албурз».[2] Ҳамин тариқ агар равон парҳезгор нест, теғи юғи шимолӣ – бохтарии кӯҳ мисли шамшер тез мешавад ва равон гузашта натавонистааз он ҷо ба дӯзах меафтад. Яъне дар ин мавзеъ оташҳо ва оташдонҳо зиёд сохта мешуданд ва аз ин рӯ ин ҷой Отарподкон (баъдан Озарбойҷон – М.Ҳ.) ном гирифт. Яъне дар домани аксари кӯҳҳои қаторкӯҳҳои Заалай, Пётри як ва кӯҳҳои самти шарқии Қаракӯл (кӯли Чайчаст – М.Ҳ.) оташкадаҳо вуҷуд доштанд, ки гурӯҳе ё чанде аз онҳо отарподкон, яъне оташхона номида мешуданд. Ҳамин тариқ қаторкӯҳи Заалай пояи тарозу, қаторкӯҳи Сариайғир паллаи шимолии тарозуи

[1] «Бундаҳишн». Душанбе , «Эҷод». 2006, с. 112.
[2] Ҳамон ҷо, с. 114.

https://bikhon.tj

Рашн, қаторкӯҳи Зулумарт паллаи ҷанубии ин тарозу ба шумор мерафтанд. Яъне, Рашн дар ҳамин ҷойгоҳ адлу дод ва ҳақиқати зиндагии ҳар як шахси аз дунё гузаштаро ошкор мекард, довариву додгустарӣ менамуд ва аз ин лиҳоз, ин кӯҳ ва ин руд номи Доитиро гирифтаанд. Ҳоло яқин гуфтан мумкин аст, ки руди Қизилсу ҳамон руди Доити ва қаторкӯҳи Заалай чакод ё теғаи Доити будааст, ки тарозуи Рашн бар сари он меистод. Агар ба ибораҳои «Ба миёни он чагоди Даити истад. Ба-д-он миёнаҷой теғае низ шамшервор истода. Ӯро нӯҳ найза боло, дарозову паҳност» таваҷҷуҳ шавад, вай бешак ба қуллаи ба номи Сино айният мегирад.

Чакоди Даити қаторкӯҳи Заалай аст

Дар як иқтибоси «Бундаҳишн», ки болотар оварда шуд, мегӯяд: «Гӯяд ба дин, ки чагоде (ҳаст) яксад мард болой, миёни ҷаҳон, ки чагоди Даити хонанд (он) юғи тарозуи Рашн эзад аст, теғае ба буни кӯҳи Албурз ба сӯи Абохтар ва теғае ба сари кӯҳи Албурз ба сӯи Нимрӯз (дорад); ба миёни он чагоди Даити истад. Ба-д-он миёнаҷой теғае низ шамшервор истода. Ӯро нӯҳ найза боло, дарозову паҳност». Яъне дар ин иқтибос чакоди Доити аз се қисмат – аввал: «чагоди Даити хонанд (он) юғи тарозуи Рашн эзад», дуввум: «теғае ба буни кӯҳи Албурз ба сӯи Апохтар» ва сеюм: «теғае бар сари кӯҳи Албурз ба сӯи Нимрӯз» иборат аст.

Вақте як паллаи тарозу ба тарафи шимол ва паллаи дигари тарозу ба сӯи ҷануб кашида шуда бошад, пас бешак тири ё юғи тарозу ҳатман ба тарафи шарқ (ё ғарб) воқеъ мегардад, ки чунин ҳол ба қаторкӯҳи Заалай хеле мувофиқ омадааст. Ба қавли куҳнавард Я. Г. Аркин нахустин бор Олойи пурасрор аз ҷониби сайёҳ ва муҳаққиқи рус А.П. Федченко соли 1871 мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд.[1] Вай ба воситаи

[1] Аркин Я.Г.»Пик Ленина.

https://bikhon.tj

қаторкӯҳи душворгузар ва пурбарфи Олой аз водии Фарғона ба водии Олой гузашт. Дар пеши чашми ӯ ва ҳамсафаронаш, ки ба ағбаи Тенгизбой, воқеъ дар қаторкӯҳи Олой боло шуда буданд, водии сабзу хуррами бузурге, ки ки тақрибан 20 км. паҳно дошта, дар паси он силсилаи мӯҳташами қаторкӯҳҳо қад мекашид, намудор гардид. Дар миёни кӯҳҳо таваққуҳи сайёҳро қуллае, ки сарфи назар аз дуриаш, аз дигар қуллаҳо баландтар буданаш маълум буд, ба худ ҷалб намуд... шакли ин қулла хеле ба худ хос буд: умуман вай мисли пирамидаи номутаносиб буд – паҳлуи шимолиаш тез, паҳлуи ҷанубиаш нишеб буда, ба тадриҷ ба қаторкӯҳҳо мепайваст.[1] Тибқи мақолаҳои Джулия А., Лебедева А. қаторкӯҳи Заалайский ба масофаи 200 км. аз ғарб ба шарқ, аз ҳамроҳшавии дарёҳои Муксу ва Қизилсу то қуллаи Иркештам (Отчайло, 5820 м.) дар сарҳади Хитой идома ёфта, як шохаи он, ки қаторкӯҳи Сари айғир ном дорад, дар ҳудуди Хитой боз ба масофаи 50 км. қад кашидааст.[2] Аз ҷануб қаторкӯҳ бо биёбони баланкӯҳи Маркансу дар шарқ иҳота ёфта, дар ғарб бо водии дарёҳои Сауксой ва Муғсу маҳдуд гардидааст. Ҷои ҳамроҳшавии рудҳои Муғсу ва Қизилсу ҳудуди ғарбии қаторкӯҳи Заалай ба шумор меравад. Дар наздикии ағбаи Қизиларт шохаи азими қаторкӯҳи Зулумарт ба сӯи ҷануб қад мекашад**.** Тибқи маълумоти сарчашмаҳои номбурда тамоми қаторкӯҳи Заалайро ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст. Қисмати шарқияш он қитъаи қаторкӯҳ аст, ки дар шарқтари шоҳроҳи Помир (ағбаи Қизил-Арт) воқеъ гаштааст. Қисмати асосии он то ағбаи Иркештам қад кашида, баъдан дар ҳудуди Хитой якбора паст шуда меравад. Баландтарин нуқтаи ин қисмат ағбаи Қурумди мебошад, ки аз сатҳи баҳр 6613 метр баланд аст. Ин қитъаи қаторкӯҳ аз ағбаи Иркештам андаке бештар аз 60 км.

[1] Таваққӯҳ шавад ба ибора аз «Бундаҳишн» дар бораи ин кӯҳ, ки қуллаи Доити номида шудааст: «Ба-д-он миёнаҷой теғе низ шамшервор истода...» – М. Ҳ.

[2] Джулия А., Лебедева А. «Энциклопедия сайта risk.ru».

https://bikhon.tj

дарозтар аст. Ин кӯҳҳо ҳангоми ворид шудан ба водии Олой, аз нишебии ағбаи Талдик ва аз шаҳраки Саритош хуб намоён ҳастанд. Қуллаҳои бештар бошаҳомати ин ноҳия Заря Востока, Қурумди ва қуллаи Пограничник мебошанд. Заалайи марказӣ аз ағбаи Терсагар дар ғарб то ағбаи Қизиларт дар шарқ ба масофаи 92 км қад кашидааст. Ин қитъа қисмати баландтарини қаторкӯҳро ташкил медиҳад. Қаторкӯҳ дар ин ҷой ба чанд шоха ҷудо шуда, ҳамчун девори яклухт намудор мегардад. Қаторкӯҳи Заалай дорои яхбандиҳои зиёд буда, дар он тақрибан 550 пирях вуҷуд дорад. Дар шохаҳои шимолии қисмати шарқии қаторкӯҳи Заалай бисёр ағбаҳои кашфнашуда вуҷуд доранд, ки қуллаҳои шохаҳои шимолӣ мисли қуллаи Пограничник, баландии 5468, қуллаи, Архари сафед дар ҳамин шуморанд. Дар қисмати марказии қаторкӯҳ қуллаҳои баландтарин – қуллаи Ленина (7134 м), Жуков (6842 м), Октябр (6780 м), Дзержинский (6717 м), Единства (6640 м), Кизилагин (6683 м) воқеъ гаштаанд. Ағбаҳои дигари ин қаторкӯҳ инҳоянд: Заалайский (4739), Сурхангоу (5252), Минҷар (4964), Конститутсия (5500), Абрис (5384), Дзержинского (5705), 60-летия Октября (5063), Разделный (6140), Спартак (6194), Золотой Теленок (4900), Белетский (5141), 30-солагии Ғалаба (5026). Водии Олой водии хеле васеъ ва ҳамвор буда, мисли як дашти баландкӯҳ ба назар мерасад.

Даити, Даитйа Вангаҳу руди Қизилсуи кунунист

Агар роҷеъ ба маҳалҳо ва кишварҳои авестоӣ аз ҷониби олимон назарҳои гуногуни зиёд пешниҳод шуда бошад, роҷеъ ба айнияти руди Даити чунин назарҳо хеле каманд. Ин руд аз ҷониби бархе аз пажӯҳишгарон руди Арас гуфта шудааст. Баъзе донишмандони тоҷик Даитийаро ба рудҳои Панҷ, Ому, Зарафшон, Кофарниҳон, Қашқадарё ва донишмандони рус онро ба яке аз шохобҳои руди Волга айният додаанд. «Дар «Авесто» номи Даитйа бо сифати вангуҳи

https://bikhon.tj

(веҳ, беҳ, нек) ҳамроҳ меояд ва дар паҳлавӣ Веҳрут (Беҳруд) гуфтаанд. (Аммо баъдтар гуфта хоҳад шуд, ки баъзе донишмандон ин ду рудро аз ҳам ҷудо донистаанд – М.Ҳ.) Ин руд яке муҳимтарин ва варҷовандтарин ҷоҳо дар ҷуғрофияи асотирӣ ва динии эрониён аст ва бисёре аз рӯйдодҳои бунёдии дини маздопарастӣ дар каронаи он иттифоқ меафтад. Дар каронаи ҳамин руд аст, ки Аҳуро Маздо бо Ҷам ҳампурсагӣ мекунад ва ӯро ба сохтани Вари Ҷамкард раҳнамун мешавад. Низ дар ҳамон ҷост, ки ки Зардушт бо Аҳуро Маздо ва Амшоспандон ҳампурсагӣ ва ҳамсуханӣ мекунад... Дар «Вандидод»[1] мехонем, ки Аҳримани табоҳкор Дуруҷро ҳамроҳ бо дигар девон ба куштани Зардушт бармеангезад. Дар баробари онон Зардушт ниёиши «Аҳуна ваирйа...»-ро месарояд ва обҳои Даитии некро меситояд ва бад-ин сон девонро шикаст медиҳад».[2]

Тавре гуфта шуд, руди Даити низ дар миёни ҷаҳон воқеъ аст, ки дар ин бора дар «Бундаҳишн» чунин омадааст: «Панҷум гови яктоофаридаро дар Эронвиҷ офарид, ба миёнаи ҷаҳон бар бори руди Веҳ-Даитӣ, ки (дар) миёнаи ҷаҳон аст. (Он гов) сапеду рӯшан буд чун моҳ, ки ӯро боло ба андозаи се ной буд. Ба ёрии ӯ офарида шуд обу гиёҳ, зеро дар даврони (омехтагӣ) ӯро зӯру боландагӣ аз эшон бувад».[3] Акнун собит мешавад,ки руди Даити ҳамин руди Қизилсуи кунунист, ки аз водии Олой ҷорӣ гардида, дар водии Лахш бо руди Муғсу меомезад. Қизилсу мувофиқи маълумоти энсиклопедияҳо дарёест дар ҳудуди Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки дарозиаш 235 км. майдони ҳавзааш 8380 км^2, ки аз нишебиҳои қаторкӯҳи Заалай сарчашма гирифта, аз водии Олой ҷорӣ мешавад. То ҳамроҳшавӣ ба дарёи Айлам Қарасу ном дорад. Баъди ҳамроҳшавӣ бо руди Муғсу номи Сурхобро мегирад.

[1] Фаргарди 19, банди 1-2.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 630.
[3] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с. 33.

https://bikhon.tj

Баъзе донишмандон руди Доитиро бо Веҳруд яке дониста ва баъзе дигар онҳоро ду руди алоҳида номидаанд. Баъзан Вангуҳи Даитиро Веҳ Даити низ гуфта, онро бо Веҳруд айни ҳам донистаанд. Масалан Меҳрдоди Баҳор дар асараш «Пажӯҳише дар асотири Эрон» чунин овардааст: «Ӯ ки додор Ҳурмузд аст, бо эзадони минуӣ андар он Эронвиҷи номӣ (он ҷой), ки Веҳ Доитӣ аст, анҷуман фароз бурд. Ӯ ки Ҷамшеди некурама аст, бо бартарин мардумон андар он Эронвиҷи номӣ (он ҷо ки) Веҳ Доитӣ аст, анҷуман фароз бурд. Ӯ ки додор Ҳурмузд аст, бо эзадони минуӣ андар он Эронвиҷи номӣ (он ҷо ки) Веҳ Доитӣ аст, ба анҷуман биомад. Ӯ ки Ҷамшеди некурама аст, бо бартарин мардумон андар он Эронвиҷи номӣ (он ҷо ки) Веҳ Доитӣ аст, ба анҷуман биёмад».[1]

Донишманди афғон Аҳмадалии Кӯҳзод, муаллифи «Таърихи Афғонистон» менависад: «Ориёнвиҷа» ба маънии маҳдуд иборат аз доманаҳои шимолу ғарбии Помир ва Бадахшон ва ҳавзаи Амударё аст, зеро рудхонае, ки аз қаламрави «Ориёвиҷа» мегузашт, ба номи Вангуҳи Доитиё ёд шуда ва ин рудхона иборат аз Оксус ё Омударёи феълӣ мебошад. Зеро дар асари Сосонӣ ҳанӯз онро Веҳ мегуфтанд ва руди Веҳ иборат аз ҳамин руди фавқуззикр мебошад».[2] Ин муаллиф баъдан дар маврид менависад: «Исми Вангуҳи Доитиё мураккаб аз ду калима аст: Вангуҳӣ – номи рудхона ва «Доитиё» ба маънои қонун мебошад».[3] Дар «Авесто» дар бораи Даитийа омадааст: «Руди Доитик дар Эронвиҷ равон аст».[4] «Эзадбону Аноҳиторо ситоиш кард Аҳуро Маздо дарканори руди Вангуҳи Доитиё».[5] «Ӯро ситоиш кард офаридгор Аҳуро Маздо дар соҳили руди Доитиё дар Ориёвиҷ».[6] Агар Аиряна

[1] Меҳрдоди Баҳор, «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 218.
[2] Кӯҳзод А. Мақ. «Орёно». Кобул, 1318 ҳ. № 2.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Разӣ Ҳ. «Авесто». Теҳрон, с. 209.
[5] Ҳамон ҷо.
[6] Ҳамон ҷо, с. 315.

https://bikhon.tj

Ваеҷа ба маънои сарзаминҳои васеи ориёӣ меомад, он ҳеҷ гоҳе ҳамроҳ бо соҳилҳои руди Доитиё ёдовар намегардид.

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки руди Даити «Аз Эронвиҷ биёяд ба (Dwfst'n | gwfst'n) ... бишавад. Даитируди пурхафстар». Иборҳои Dwfst'n |gwfst'n-ро олимони ин бахш ба чанд гуна шарҳ додаанд. Масалан Пури Довуд онро Куфистон хонда, ба қавли Юсти руди Доитиёро, ки ба руди Куфистон мерезад, дар Гурҷистон хонда ва руди Доитикро руди Арас мегӯяд. Донишманди афғон низ ибороти мазкурро Куфистон хонда, онро дар минтақаи Бадахшон суроғ намудааст.

Маҷаллаи «Ориёно» дар яке аз мақолаҳояш таҳти сарунвони «Эъломияи таърихӣ» дар мавриди Доитиё чунин навиштааст: «Рудхонаи Доитиё аз Эронвиҷ омада аз миёни кӯҳистонот мегузарад. Ҳамчунин тазаккури рудхонаи Дорого дар «Бундиҳишн» холӣ аз мафод нест. Дар ин боб чунин гуфта шуда, ки рудхонаи Дорого дар Ориёвиҷа аст ва дар соҳили он Пурушаспа – падари Зардушт истиқомат дошт».[1] Тавре дар ин иқтибос дида мешавад, ибораҳои Dwfst'n| gwfst'nдар ин ҷо ба шакли «кӯҳистонот» тарҷума шудааст, ки гумон меравад, воқеият ҳамин бошад. Зеро вожаи кӯҳ дар шаклҳои куф низ омада, Куфистон метавонад, гунаи дигари кӯҳистон бошад. Ва дигар, руди Қизилсу, яъне Даитийа пас аз ҳамроҳ шуданаш бо Муғсу то оғози водии Вахш аз миёни кӯҳу дараҳо убур менамояд. Шояд ба ҳамин ҷиҳат омадааст, ки ба «Dwfst'n | gwfst'n...бишавад». Бояд гуфт, ки Балхи даврони рӯйдодҳои «Авесто» ва «Шоҳнома» ба Эронвиҷ наздик (дар яке аз минтақаҳои ҷануби Фарғона – М.Ҳ.) воқеъ гашта будааст. Зеро вақте Арҷоспи хиёнӣ ба Балх ҳуҷум мекунад, ҷангҳо ҳамзамон дар канори руди Даитийа низ ба амал меоянд. Аз ҳамин ҷост, ки Зарир фурсат надорад, ки мисли дигар қурбоникунадагон бо ниёиш ва барсам маросими қурбонӣ бар ҷой орад. Ӯ размкунон дар

[1] Маҷаллаи «Ориёно». Кобул, Акраб, 1326.

https://bikhon.tj

соҳили руди Даитийа қурбонӣ бар ҷой оварда, ҷангро идома медиҳад. Дар «Обон-яшт» кардаи бисту шашум омадааст: «Зарир размкунон бар пушти асп бар каронаи оби Даитийа сад аспу ҳазор гову даҳ ҳазор гӯсфанд ӯро пешкаш овард...»

Кай Гуштосп низ, ки маркази давлаташ дар Балх воқеъ гаштааст, дар канори руди Даитийа ситоиш бар ҷой меоварад. Яъне боз ҳам Балх аз Эронвиҷ чандон дурӣ надорад. «Кай Гуштосби бузургвор дар каронаи оби Даитйа ӯро бисутуд...»[1] «Бо ин ниёз туро дуруд гӯям. Ба ин ниёз туро ниёиш бигузорам; ба-д-он сон, ки Гуштосп дар каронаи оби Даитйа туро бистуд».[2]Яке аз рудҳои дигари Эронвиҷ Дороҷаруд аст, ки ба шаклҳои Дареҷа, Дреҷа низ омадааст. Ҳамчунин номи кӯҳе ё пуштаест, ки хонаи Пурушаспа падари Зардушт бар каронаи он ҷой дошт ва гӯё Зардушт дар он ҷой зода шудааст. Дар Фаргарди 19 «Вандидод» (бандҳои 4-11) хонаи падари Зардуштро дар канори руди боронии Дреҷо медонад. Мувофиқи ин навиштаҳо, тазаккуроти «Бундаҳишн», (боби Х) ва сарчашмаҳои дигари паҳлавӣ Дреҷо ё Дареҷа руди бороиест, ки шохоби дарёи неки Даития аст ва хонаи падари Зардушт дар соҳили он қарор дорад. Вале тавре баъдтар дида мешавад, Зардушт дар хонаи бобояш дар Роға таваллуд мешавад, на дар хонаи падараш дар Эронвиҷ. «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» навиштаааст, ки «Дареҷа – номи рудхонае дар Раға (Рай), ки дар канори он руд хонаи Пурушасп падари Ошу Зардушт барпо буд. Аз ин рӯ он рудхонаро руди Арванд гумон бурдаанд ва ситеғи Забора ё Заборро сарчашмаи ин руд донистаанд, ки ин руд аз ситеғ ва баландиҳои кӯҳи Забор равон мешавад».[3]

Дар водии руди Қизилсу якчанд руд бо номҳои Дара, Дараут-қӯрған, Дарадек ва ғайра вуҷуд дорад, ки яке аз инҳо, ба эҳтимол, шохоби руди Қизилсу – Алтин Дара бояд руди

[1] «Авесто». Арт-Яшт, (кардаи нӯҳум).
[2] Ҳамон ҷо (кардаи даҳум).
[3] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 700.

https://bikhon.tj

Дареҷо бошад, зеро дар наздики ин мавзеъ маҳалли Қарамиқ (Ҳара муғ – Кӯҳи муғ), Роҳи муғ, Ҷӯйбори муғ вуҷуд дорад, ки бояд бо номи Зардушт чунин номгузорӣ шуда бошанд. Дар мавзеъи Лахш, дар пайвастагии водии Олой низ руди Дара, ағбаи Даранг ва дар Бадахшони Афғонистон деҳаҳои Дориҷ ва Дурож вуҷуд доранд. Ҳамчунин дар «Ҳудуд-ул-олам» аз руди Дарёжа дар Бутамон ёд шудааст. Яъне ин ном дар чанд минтақаи дигар низ вуҷуд доштааст. Ҳамчунин дигар шохобҳои Даити Айватак ва Овшанруд ном доранд ва азбаски ягон хусусиёти ин рудҳо зикр нагардидааст, айнияти онҳоро дарёфтан мушкил аст, зеро як худи Қизилсу дорои тақибан панҷоҳ шохоб мебошад. Айлам, Тароша, Шива, Кулдук, Кантсу, Ғулома, Дорадек, Қизилсу, Сурхангов, Сатсу, Ширвоза чанде аз шохобҳои Қизилсу ва Муғсу дар ин шумор мебошанд.

Албурз, Тираки Албурз ва Эронвиҷ

Яке аз нишониҳои мавқеияти Эронвиҷ кӯҳи Албурз аст. Ин кӯҳ низ мисли аксар номҳои ҷуғрофӣ то ҳол аз ҷониби олимон шинохта нашудааст. Масалан муҳаққиқи эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ дар ин боб гуфтааст: «...Бархе аз эроншиносон онро (Албурзро) риштакӯҳҳои Урупо аз Мун Баллон мегиранд то Ҳиндукуш. Дигар ин ки дар ривоёти мазҳабии эронӣ Албурз ба номи Ҳаро Баразаитӣ кӯҳи баланди афсонавист, ки гирди ҷаҳон кашида шуда, ва муъодили кӯҳе аст, ки дар афсонаҳои ин замон ба-д-он Қоф мегӯянд. Се дигар ҳамин Албурзкӯҳ воқеъ дар Эрон, чаҳорум Албурзе аст, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора аз он дар марзи Ҳиндустон ёд мешавад. Ва Рустам барои овардани Қубод ба Албурзкӯҳ меравад, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора дар сӯи Ҳиндустон аст...[1] Вале тибқи омӯзиш ва муқоисаи ҷуғрофиёи «Авесто»,

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ. «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо», чопи дуввум. Теҳрон,1374, с. 181.

https://bikhon.tj

«Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» маълум мегардад, ки ин кӯҳ дар маҷмӯъ системаи кӯҳии Осиёи Марказӣ буда, мушаххасан кӯҳҳои Помиру Олой ба шумор мераванд. Дар бораи ин кӯҳ дар боби «Албурз» муфассал сухан рафтааст ва ҳоло ҳар чи аз он кӯҳ марбут ба Эронвиҷ аст, мухтасар баён мегардад.

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Гӯяд ба дин, ки чагоде (ҳаст) яксад мард болой, миёни ҷаҳон, ки чагоди Даити хонанд (он) юғи тарозуи Рашн эзад аст, теғае ба буни кӯҳи Албурз ба сӯи Абохтар ва теғае ба сари кӯҳи Албурз ба сӯи Нимрӯз (дорад); ба миёни он чагоди Даити истад». Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки кӯҳи Албурз дар шимол ва дар ҷанубӣ Эронвиҷ қарор дошта, ин кишвар дар миёни Албурз-кӯҳ ҷойгир гаштааст. Воқеан ҳам водиҳои Олой ва Лахш дар миёни системаи кӯҳҳои Помиру Тяншан ҷой дошта, аз қаторкӯҳи Заалай шохаи Сари айғир ба сӯи Тяншан ва шохаи Зулумарт ба сӯи системаи кӯҳии Академияи Илмҳо қад кашидаанд. Дар бораи ба силсилаи кӯҳҳои Ҳара Баразайт шомил будани кӯҳҳои Тяншан мисолҳо зиёданд. Масалан донишманди тоҷик Ҳамдам Мӯъминҷонов дар ин хусус навиштааст: «Ин сарчашма («Ҳудуд-ул-олам» – М.Ҳ.) яке аз қуллаҳои Тяншанро ба номи Мониш ё Монишо ёд мекунад, ки ҳамон кӯҳи Мануши «Авеста» аст. (Зомёдяшт, банди 1) Дар асоси маълумоти «Бундаҳишн» (боби 12, банди 10) Манучеҳр, подшоҳи пешдодӣ дар он ҷо таваллуд ёфтааст. Дар боби 12 банди 2 чунин омадааст: «Кӯҳи Заредаза, ки онро низ Манӯш гӯянд, аз силсилаи ҷиболи Ҳара Барезайти аст».[1]

Бояд гуфт, ки ҷаҳони ориёӣ бештар ба дарозои хатти ҳаракати офтоб таъйин мегардид, аз ин рӯ миёни ин ҷаҳон бештар миёни масофаи сарзаминҳои ориёӣ аз шарқ ба ғарбро дар назар дошт. Бо таъйин намудани яке аз нишониҳо – Тираг ё Доитӣ ва ё Эронвиҷ нишонии дигар ва миёни ҷаҳони ориёиро ошкор намудан муяссар мегардад. Нахуст Тирак ё Тирг муайян карда шавад, ки яке аз қисматҳои кӯҳи

[1] Муминҷонов Ҳ., «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Душанбе, 2004.

https://bikhon.tj

Албурз дониста шудааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Кӯҳи Албурз перомуни ҷаҳон, кӯҳи Тирг (Тирак) низ миёни ҷаҳон аст».[1] «Кӯҳи Тирак номи риштакӯҳест, ки аз шимолшарқӣ ба ҷанубғарбии замин кашида шудааст».[2] «Тирги Албурзон аст, ки Хуршед, Моҳу ситорагони ман аз паси (ӯ) бозгарданд, зеро ба Албурз яксаду ҳаштод равзан аст ба Хуросону яксаду ҳаштод ба Ховарон».[3] Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар дин гӯяд, ки нахустинкӯҳе, ки фароз руст, Албурзи эзадибахт буд… Албурз перомуни ин замин ба осмон пайваста аст. Тираги Албурз он аст, ки ситора ва моҳ ва хуршед ба-д-ӯ фурӯ гарданд ва ба-д-ӯ бозоянд. Ҳугари баланд он аст, ки оби Ардвисур аз ӯ фуруд ояд як ҳазор мард боло…».[4] Аксар донишмандон Тирг ё Тиракро яке аз қуллаҳои баланд ва ё теғаҳои Албурз донистаанд. Вале дар асл Тирак ин қаторкӯҳи Сарикӯл ба пайваст бо қаторкӯҳи Фарғона мебошанд. Дар «Рамаяна» ва дигар адабиёти ориёҳиндӣ аз кӯҳе бо номи Сауманас ёд шудааст, ки аз он офтоб дар рӯзи дарозтарин сол баромада ба кишвари Ҷамбудвипа аз сӯи шимол равшанӣ менамояд. Тибқи таҳлилоти мо ин кӯҳ ба кӯҳи Тяншан мувофиқ омадааст. Офтоб аз ҷануби Ҷамбудвипа ба шимол ҳаракат карда, ҳар субҳ аз пушти қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона боло мешавад. Вай дар дарозтарин рӯз ба қуллаи Сауманас, яъне қуллаи Ғалаба мерасад ва аз он ҷо боз ба сӯи Ҷамбудвипа пас мегардад. Яъне офтоб яксаду ҳаштод (дар «Бундаҳишн» чунин зикр шудааст. –М.Ҳ.) хонаи худро дар Тираки Албурз тай намуда, ба қуллаи Тяншан мерасад ва аз он ҷо бозпас мегардад.

Аксари кӯҳҳои Осиёи Миёна, ки ватани ориёиҳои аввалия дар ҳамин сарзамин воқеъ гаштааст, аз шарқ ба ғарб кашида шудаанд. Гоҳе ҳам воқеъ шудааст, ки баъзе

[1] «Бундаҳишн». Бахши 7.
[2] «Бундаҳишн». (ҳиндӣ).
[3] «Бундаҳишн. Бахши 9.
[4] Ҳамон ҷо. Бахши 9.

https://bikhon.tj

риштакӯҳҳо аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ қад кашидаанд. Бузургтарин системаи кӯҳии Тяншан, Ҳимолой, Помиру Ҳиндукуш Алай (Олой) дар ҳамин шумор қарор доранд. Аксари онҳо аз шарқи мутамоил ба шимол ба ғарби мутамоил ба ҷануб қомат афрохтаанд. Дар боби «Албурз» роҷеъ ба чигунагии ин кӯҳ батафсил сухан рафтааст. Системаи кӯҳҳои Тяншан ва Ҳимолой низ тақрибан аз шарқ ба ғарб қад кашидаанд. Вале қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл аз шимол ба ҷануб ва ҷанубӣ шарқӣ қад кашида, ин ду системаи бузурги кӯҳиро ба ҳам пайваст менамоянд, ки чунин пайвастшавӣ аз тамоми шарқ то ғарб танҳо дар ҳамин минтақа вуҷуд дорад. Ана ҳамин пайвастшавӣ ба воситаи ду қаторкӯҳ – Фарғона ва Сарикӯл Тирг ё Тираки Албурзро ташкил медиҳад. Тирак албатта дорои чанд маънои ба ҳам наздик мебошад, ки яке аз он маъноҳо меҳвар, тир мебошад. Яъне, кӯҳи Тирг ё Тирак аз шимол ба ҷануб қад кашида, дар миёни ду системаи бузурги кӯҳӣ ҷой гирифтааст ва Хуршед, Моҳ ва ситорагон аз рӯи он гузашта ба ғуруб мераванд ва боз аз паси ин қаторкӯҳҳо боло мешаванд.

Агар масофаи ҷаҳони ориёиро аз шарқ – қисмати шарқии Хутан то баҳри Хазар, ки дар «Авесто» ва дигар адабиёти ориёӣ ҳамчун нуқтаҳои шарқтарин ва ғарбтарин тасвир шудаанд, таҳқиқ намоем, миёнаи он ҳамин қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл ба шумор мераванд. Аз қаторкӯҳи Фарғона ва Сарикӯл то баҳри Хазар – ғарбтарин нуқтаи ҷуғрофияи ориёиҳо ва Чахра (Чархлик) шарқтарин нуқтаи сукунати ориёиҳо (ҳоло воқеъ дар шарқи Хутан) тақрибан масофаи якхела вуҷуд дорад.

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Чун хуршед барояд, (ба) кишвари Сава, Фрадазафш ва Видазафш, ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯи Тираг андар шавад, ба кишвари Аризаҳӣ Ваурубарашт ва Вауруҷарашт ва ниме аз Хванирас тобад. Ҳангоме ки ин ҷо рӯз аст, он ҷо шаб аст, зеро ба сабаби кӯҳи Тирг аст (ки) шаб пайдо шавад». Яъне

https://bikhon.tj

вақте хуршед субҳгоҳ аз уфуқ барояд, танҳо ба қисмати шарқии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл, ки Тираки Албурз ба шумор мераванд, метобад ва вақте ба ин сӯи Тираки Албурз гузашт, ба қисмати ғарбии он равшанӣ мекунад. Ва далели аз ҳама муҳим ва қотеъ он аст, ки чакоди Даити дар миёни Тираки Албурз воқеъ аст. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» зикр шудааст: «Чунин (гӯяд, ки) дигар кӯҳҳо аз Албурз фароз рустанд, ба шумори ду ҳазору дувисту чиҳили чаҳор кӯҳ, ки аст: Ҳугари баланд; Тираги Албурз, ки чакоди Даити (дар миёни он) аст...» Воқеан қаторкӯҳи Заалай дар миёни қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғонаву Олой қарор дорад, ки ин қаторкӯҳҳо ҳамчун Тираки Албурз тавсиф ёфтаанд. Дар аксари адабиёти ориёҳиндӣ омадааст, ки дар маркази Пушкарадвипа кӯҳи Манасоттара (қуллаи Ғалаба – М.Ҳ.) қад кашидааст, ки ин қитъаро ба қисматҳои дохиливу берунӣ ҷудо менамояд. Дар «Бҳумандала» омадааст, ки «Дар самти шарқии Сумеру ду қаторкӯҳ – Ҷатҳара ва Девакута воқеъ гаштаанд, дарозиашон 18 000 йоҷан мебошад. Онҳо аз шимол ба ҷануб қад кашидаанд…Онҳо ду системаи кӯҳии Нила ва Нишадхаро ба ҳам мепайванданд». Ин ҷо маълум мегардад, ки қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл дар назар дошта шудаанд. Ҳангоми ташреҳи мавқеияти двипаҳо низ роҳе, ки офтоб давр мезанад, қаторкӯҳҳои кунунии Фарғона ва Сарикӯл буда ва ҳам Тираки Албурз низ он аст. Дар адабиёти ориёҳиндӣ дар бораи Пушкара ном сарзамин омадааст: «Дар маркази ин ҷазира кӯҳи Манасоттара қомат афрохтааст, ки ҷазираро ба қисматҳои дарунию берунӣ ҷудо менамояд. Паҳно ва баландии ӯ баробар 10 000 йоҷан аст. Дар ин кӯҳ дарчаҳор самти дунё ҷойгоҳи нимэзадон, мисли Индра воқеъ гаштааст. Дар қуллаи ин кӯҳ Офтоб савори гардунаи эзади Офтоб дар мадори Самватсара убур намуда ва кӯҳи Меруро давр зада роҳи худро ба поён мерасонад. Вақте Офтоб ба самти шимолӣ ҳаракат мекунад, роҳаш Уттараяна (Шимолӣ) ва вақте ба самти ҷанубии он

https://bikhon.tj

ҳаракат меамояд, он роҳ Дакшинаяна (Ҷанубӣ) ном дорад. Як тараф рамзи рӯзи нимэзадон ва тарафи дигар рамзи шаби онҳо мебошад». Дар ҷои дигар омадааст: «Қад-қади ҳалқаи қуллаҳои кӯҳ, аз доирае, ки Самватсара ном дорад, эзади Офтоб савори гардунаи худ кӯҳи Меруро, ки дар миёни ҷазираи Ҷамбу қад афрохтааст, давр зада, сайёҳат мекунад».[1]

Ҳаракати офтоб дар «Браҳма-самхита» (5.52) зикр ёфтааст. «Офтоб дар атрофи кӯҳи Сумеру давр зада, дар давоми шаш моҳ ба самти шимолӣ ва дар давоми шаш моҳи боқимонда ба самти ҷануб ҳаракат мекунад. Ин давраҳо рӯз ва шаби нимэзадоро дар сайёраҳои баланд ташкил медиҳанд». Ҳамин ишораҳо баъзе олимонро ба гумоне водор намудааст, ки гӯё рӯзу шаби ведоҳо ҳар як шаш моҳиро ташкил медодааст. Ва дар асоси ин гумон Қутби шимол меҳани ориёиҳо пиндошта шудааст…

Гупатшоҳ ва Эронвиҷ

Дар «Авесто» ва дигар адабиёти ориёӣ ҳокими кишвари Саукавастон Губадшоҳ ном бурда шудааст, ки ӯ писари Пашанг ва бародари Афросиёб будааст. Ба навиштаи «Бундаҳишн» Ағрирас дар шумори ҷовидонони дини зардуштӣ қарор дорад. Дар ин асар омадааст: «Ағрирас писари Пашанг дар мамлакати Саукавастан аст ва ӯро Гупатшоҳ хонанд». Дар «Додистони диник» омадааст: «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат, муҷовири Ориёвиҷ, дар канори оби Даития мебошад».[2] Дар ин бора дар «Менуи хирад» ва «Бундаҳишн»омадааст: «Гупат дар Ориёвиҷ андар кишвари Хванирас аст».[3] Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат муҷовири Ориёвиҷ, дар канори оби Даити мебошад».[4] «Мамлакати Сакавастон дар сари роҳи Туркистон ба сӯи Чин

[1] Шри Вяса Двайпяна. «Шримад Бхагаватам», китоби 5. Боби 20.
[2] «Додистони диник», боби 90, банди 4.
[3] «Менуи хирад», боби 62, банди 31.
[4] «Бундаҳишн».

https://bikhon.tj

воқеъ аст».[1] Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» кишвари Гупат дар Хванирас аст, Эронвиҷ низ дар ин минтақа мавқеият дорад. Ба қавли «Шоҳнома» Ағрирас, сарлашкари турониён бар хилофи раъйи бародараш Гарсеваз ба эрониёни асирафтода меҳрубонӣ намуда, онҳоро аз зиндон озод мекунад. Барои ин амал вай аз тарафи бародараш Афросиёб кушта мешавад. Саокавастон ё кишвари Губад дар наздикии руди Даитийа, дар Эронвиҷ воқеъ будааст. Ин кишварро бо номи ҳокимаш Гупадшоҳ низ меномидаанд. «Самюел Нюберг Г.Х. – авестошиноси шведӣ исмҳои ҷуғрофияи зикргардидаро мавриди таҳлил қарор дода, онҳоро муқаддасоти ибтидоии дини зардуштия медонад ва онҳоро дар гирду атрофи дарёи Сир ва бахусус саргаҳи он қарор медиҳад».[2] Дар инбора дар «Бундаҳишн» низ омадааст: «Дар кишвари Хванирас бас ҷойҳои дигар аст, ки... паноҳгоҳҳои Хванирас хонда мешавад, ба монанди Кангдиж, замини Сакавастан – Саукавастан, дашти Пешонси, рудхонаи Новток, Эронвиҷ, Варачамкард ва Кашмири андарунӣ».[3]

Дар баъзе адабиёт ин кишвар гузаргоҳи Хшатрасаука низ номида шуда, ҳамчун гузаргоҳи танге тавсиф мегардад, ки ягона роҳи убур аз кӯҳҳои баландро ташкил медиҳад. Воқеан ягона гузаргоҳе, ки аз шарқ ба ғарби қаторкӯҳи Фарғона вуҷуд дорад, ҳамин гузаргоҳ аст. Дар миёни Қошғар ва Фарғона гузаргоҳи Терек-даван вуҷуд дорад, ки аз сатҳи баҳр 3871 метр баланд аст. Ба қавли Ҳ. Шарифов ин гузаргоҳ «Дарвозаи Фарғона» ном дорад.[4] Ағбаи Трек-Даван ягона гузаргоҳи муносиби миёни Фарғона ва Туркистони шарқӣ ба шумор меравад.[5] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» ин ҷойгоҳро «Хшатра Сука – номи Дарвозаи дижи рӯшиноси пешиниён ё

[1] «Бундаҳишн», боби 29, банди 13.
[2] Раҳмон Э., «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». Д., 2006, с. 340.
[3] «Бундаҳишн», боби 14.
[4] Шарифов Ҳ. «Тоҷикони бурунмарзӣ». Хуҷанд, 2005.
[5] Камолиддин Ш.С. «Древнетюркская топонимия Средней Азии». Т.: «Шарк». 2006. – с.192 .

https://bikhon.tj

номи банди рӯшиноси бостонӣ» номидааст.[1] Мувофиқи маълумоти аксари китобҳои динии зардуштӣ растохез дар Канҳа, Гупат, дашти Пишонса ва атрофи Новток оғоз мешавад. Аз ин лиҳоз ин чаҳор минтақа бояд ба ҳам наздик воқеъ шуда бошанд. Ва тибқи таҳлилоти мо Канҳа воқеъ дар самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл, дашти Пишонса қисмати шарқӣ-шимолии қаторкӯҳи Фарғона, руди Новток – шохоби дарёи Мурғоб – 40 км. ҷануби ғарбии шаҳраки Мурғоб дар даҳанаи Куртексой[2] ва кишвари Гупат дар қисмати болооби руди Қизилсу дар водии Олой ҷой доштаанд. Тавре дида мешавад, ин чаҳор минтақа дар ҳамҷаворӣ воқеъ гаштаанд. Мавҷудияти кишвари Гупатшоҳ ё Саукавастон танҳо дар мавқеияти Олой исботи худро пайдо карда метавонад. Зеро ин мавқеият бо сарзаминҳои Турон ҳамҷавор буд ва маълум мешавад, ки хатти сарҳади Эрону Турон аз шимол ба ҷануб аз водии Олой ва қаторкӯҳҳои Фарғонаву Сарикӯл мегузаштааст. Ба қавли Ҳ. Муминҷонов дар бораи маънои исми Хшатрасаука назари донишмандон яксон набуда, баъзе онро аз ду қисмат хшатра – шаҳр, кишвар ва саука рӯшанӣ, фурӯғ дониста, баъзе дигар кишвари сакҳо тарҷума кардаанд.[3] Ба назари мо маънои нахуст – кишвари рушноӣ саҳеҳтар менамояд, зеро аз қаторкӯҳи шарқии ин минтақа офтоб баромада, ба сарзаминҳои Хунирас нурафшон мегардад. Муаллифи мазкур роҷеъ ба ҷойгоҳи Хшатрасаука як силсила далелу иқтибосҳоро пешниҳод намуда, гуфтааст, ки «Аз ин маълумотҳо чунин бармеояд, ки дар давраи зимомдории Кай Хусрав дар Эрон ва Афросиёб дар Турон воқеан Сакистон ё Саукавастани ибтидоӣ вуҷуд дошта, дар манотиқи шимолии хоки Турон будааст. Аммо маҳалли онро муайян кардан, мутаассифона, кори чандон осон нест. Вале тавре ки зикр гардид, он ҷузъе

[1] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто».
[2] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 76.
[3] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с. 95.

https://bikhon.tj

аз хоки Турон буда, ба Ориёвиҷ дохил мешудааст. Тавре ки дар поён хоҳем дид, эҳтимолан он яке аз навоҳии доманаҳои кӯҳҳои Тяншан ва Помир ва ё саргаҳи водиҳои Фарғона ва Зарафшон бошад».[1]

Воқеияти мавҷудияти кишвари Гупат бо он зоҳир мегардад, ки вай дар шаклҳои Кабат, Кабуд, Габаз ва ғайра дар даврон ва мавқеиятҳои гуногун дубора номгузорӣ гардидааст. Ин ном дар шаклҳои Кабей, Габей, (дар овонавишти Якинф – Бичурин Н.Я.) Кіа-реі дар сарчашмаҳои таърихии сулолаи Юан-вей дар асри У ва У1 ёдоварӣ шуда, ҳамчун мулкҳои замони сулолаи хонҳои калонӣ Хюми – маркази мулки Хо-мо, яъне Ғарм зикр гардидааст.[2] Баъзе муҳаққини рус онро бо номи Оби Кабуд муқоиса намуда, эҳтимолияти мавқеияташро дар Ҳоит гуфтаанд. Ба қавли «Тоҷикон»-и аллома Б. Ғафуров дар навиштаҳои сайёҳи чинӣ Сюантзин дар ҳудуди Тохаристон кишваре бо номи Кабудон зикр гардидааст. Сарчашмаҳои хитоӣ дар бораи раққосаҳо ва ҳофизоне, ки аз Суғд ва Кабудон ба Хитой пешкаш шуда буданд, маълумот додаанд. Искандари Македонӣ баъди фатҳи Суғд ба шарқи ҷануб ҳаракат карда, ба як сарзамин мерасад, ки онро муаррихони юнонӣ Габаз гуфтаанд. Ба назари мо он кишвар Қубодиёни кунунӣ буда, ин маҳал на аз номи Қубод, балки аз номи Гупат тасмия шуда, дар асл Гупатиён ном доштааст. Ҳамчунин Кубудон – номи қаряест дар Нишопур, Кабудан номи маҳал дар Уратеппа – Роҳи Абрешим, Кабудон –ноҳияе дар назди Самарқанд, Ҷабузан (Габузан? М.Ҳ.) – назди Чоч («Сурат-ул-арз»), Кабуда – номи чӯпони Афросиёб, Кабудон–дарё дар назди шаҳри Рохартоб, Арманистон («Сурат-ул-арз»), Кабуда дар «Шоҳнома» – домоди Афросиёб, Купет доғ – Кабуддоғ, Кабузан – кӯҳе дар назди Урмия ба эҳтимоли қавӣ аз номи Гупат тасмия шудаанд.

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». 2004 с. 106.
[2] «Русский антропологический журнал». 1900, № 4. с. 10.

https://bikhon.tj

Каюмарс ва Эронвиҷ

Дар «Бундаҳишн» дар боби офариниш зикр шудааст, ки: «Каюмарс рост бар болои руди Даити истод». «Шашум Каюмарсро офарид равшан чун хуршед... Рост бар болои руди Доитӣ (ки) дар миёнаи ҷаҳон истад. Ӯ (Ҳурмузд) Каюмарсро бо гов аз замин офарид».[1] Ин ҷо низ миёни ҷаҳон будани руди Даити бори дигар таъкид мегардад. Вобаста ба ин бояд назареро пешниҳод намуд, ки азалияти зиндагии ориёиҳоро дар ҳамин минтақаҳо нишон медиҳад. Яъне оғози азалии дунёи ориёӣ, ки нахустин шоҳаш Каюмарс буд, Эронвиҷ будааст. Каюмарс, инсони нахустини ориёӣ ва гови нахустин дар ҳамин Эронвиҷ, дар маркази ҷаҳон офарида шудаанд. Ин далел назари чанде олимонро дар бораи он ки гӯё ориёиҳо аз кадом як минтақаи дигари шимол ба Эронвиҷ кӯчидаанд, рад менамояд. Тавре маълум мегардад, ин сарзамин аз азал ҷойгоҳи сукунати ориёиҳо буда, онҳо дар ҳамин ҷо ҳайвоноти ваҳширо ром кардаву зироаткориро оғоз намудаанд. Дар ин бора дар китоби муҳаққиқи таърихи ориёӣ Эмомалӣ Раҳмон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» омадааст: «Ҷолиб аст, ки тамоми тафсилоти Аҳуромаздо дар ҳамин сарзамин сурат гирифта, дар ҳамин ҷо зиндагиро ба сурати гиёҳӣ ба вуҷуд овард, дар ин ҷо Гови якто ва Инсони нахустин – Каюмарсро офарид. Говро дар соҳили рости Даития, Инсонро дар соҳили чапи он. Дар ҳамин ҷо ҷамъомади Аҳуромаздо бо эзидон ва фариштагон, дар ҳамин ҷо маҷлиси Ҷамшед бо инсонҳои беҳтарини ҷаҳон сурат гирифт. Дар ҳамин ҷо Аҳуромаздо Ҷамшедро дар бораи тӯфони шадид огоҳ кард ва ба ӯ дастур дод, ки ҷиҳати ҳифзу нигоҳдории намунаҳои беҳтарин одам, ҳайвонот ва растанӣ Вара (ҷой, ғор, шаҳр) бисозад. Ин Вара, ки бо номи Варачамкард маъруф аст, дар ҳамин ҷост. Волидайни инсонҳои муосир, тамоми намунаҳои ҳай-

[1] «Бундаҳишн».

https://bikhon.tj

воноти судманд дар ин ҷо падидор гардидаанд».[1] Донишманди эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ низ дар ин бора гуфтааст: «Асп авал бор ба василаи нажоди ориё дар даштҳои Эронвиҷмаҳор шуда...»[2] Абдурашид ал-Бакувӣ дар асараш «Китобу талхис-ал-асар ва аҷоиб-ал-малик-ал-қаҳҳор» навиштааст: «Мегӯянд, ки форсҳо дар тайи 4 ҳазор сол ҳукмрони дунё буданд. Аввалини онҳо Каюмарс буд».

Замони Эронвиҷ

Роҷеъ ба замони зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёиҳо, инчунин зиндагии паёмбари онҳо Зардушт низ пажӯҳишгарон назари гуногун пешниҳод намудаанд. Дар «Бундаҳишн» умри ҷаҳон 12 ҳазор сол муайян карда шудааст.[3] Эудокс ва Арасту файласуфони Юнони қадим замони зиндагии Зардуштро 6000 сол пеш аз Афлотун таъйин кардаанд. Беррос замони зиндагии ӯро 2300 сол пеш аз мелод медонад. Вале назари аксари олимон он аст, ки ориёиҳои даврони «Авесто» тақрибан се ҳазор сол пеш аз ин зиндагӣ ва муҳоҷират намудаанд. Аммо баъзе омилҳои дар адабиёти ориёӣ зикргардида бар он далолат менамоянд, ки ин сана тақрибан 12 ҳазор сол тахмин карда шавад. 12 ҳазор сол пеш дар аксари адабиёти олимони кишварҳои гуногуни дунё ҳамчун санаи як ҳодисаи мудҳиши таърихӣ зикр гардидааст, ки гӯё дар он даврон сайёраи замин ба кадом ҷирми осмоние бархӯрд намуда, хатти ҳаракати меҳварашро дигар карда будааст. Тибқи баъзе навиштаҳо гӯё дар натиҷаи он бархӯрд Моҳи кунунӣ дар осмон зуҳур намуда будааст.

Мувофиқи назари баъзе муҳаққиқон гипербореиҳо – яке

[1] Раҳмон Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ», с. 343. (Дар поварақ: Разӣ Ҳ. «Донишномаи Эрони бостон», ҷ.1, с. 155-158; Ушидарӣ «Донишномаи маздаясно».Теҳрон, 1371, с. 46).

[2] Фаридуни Ҷунайдӣ. «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо», чопи дуввум, Теҳрон,1374, с. 91.

[3] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон».

https://bikhon.tj

аз мардумони пурасрори рӯи замин 12 ҳазор сол пеш дар ҷазираи Замини нав, ки он вақт ба шакли нимҷазира ба қитъа пайваста будааст, зиндагӣ мекарданд. Онҳо гӯё ба воситаи Алтай, шимолу ғарби Хитой ба Ҳинд муҳоҷират намуда будаанд. Ҳоло тоифаеро бо номи шан, дар он кишвар, ки 2,5 млн. нафарро ташкил медиҳанд, намояндагони гипербореиҳо мешуморанд.

Ба қавли С. Волков тамаддуни атлантҳо, ки намояндаи тамаддуни чаҳорум буданд, дар ҳазораи 10-11 то солшуморӣ нобуд гардид ва нажоди панҷуми мо (ва нахустин зернажоди ориёӣ) аз зернажоди атлантҳо дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад. Ба қавли Анни Безант «Нажоди панҷум ё Ориёӣ, ки ҳоло дар сари таҳаввулоти башарӣ қарор дорад, аз зернажоди панҷуми атлантҳо, – яке аз нажодҳои машҳур – ба вуҷуд омадааст, ки гурӯҳе аз онҳо баъдан ба Осиёи Марказӣ ворид гардиданд, дар сурате ки ин навъи нави нажодӣ дар зери мушоҳидаи бевоситаи Вуҷуди Олӣ, ки ба таври техникӣ Ману номида мешуд, инкишоф меёфт».[1] Олимони кишварҳои гуногуни дунё, аз ҷумла К. Биркенмайераз Полша, А. Нейрн аз Британия дараҷаи магнитнокии ҷисмҳои қадим, бузургӣ ва самтҳоеро, ки ҳангоми шаклгирии ин ҷисмҳо сабт гардиданд, омӯхта, ба хулосае омаданд, ки қутбҳои магнитӣ на танҳо мавқеияти худро тағйир додаанд, балки қутбҳои магнитии Шимоливу Ҷанубӣ ҷойҳои худро иваз карда будаанд. Қутби магнитии Замин як вақтҳо дар биёбони Сахара воқеъ будааст. Дар он замонҳо Англия бо Аврупо мепайваст, гулӯгоҳи Ла-Манш ва Баҳри шимолӣ вуҷуд надоштаанд. Осиё ва Аляскаро роҳи хушкӣ ба ҳам мепайвастааст. Индонезия бо Осиёи ҷануби шарқӣ якҷоя будааст. Гармшавӣ дар шимоли Аврупо ва Амрико 20 ҳазор сол қабл ба вуҷуд омада будааст. 12 ҳазор сол қабл аз ин тағйироти куллии иқлими дунё рух додааст. Дар тайи 4-5

[1] «Ҳикмати бостон». Новосибирск, 1994, с.212.

https://bikhon.tj

ҳазор соли баъдӣ яхҳои шимоли Аврупо ва Амрикои шимолӣ тамоман об шуданд.[1] Мутобиқи бисёр сарчашмаҳои хуфӣ тамаддуни нахустин 78000 сол пеш дар қитъаи азиме бо номи Му ё Лемурия ба вуҷуд омада буд. Ин қитъа, ки 60 миллион аҳолӣ дошта дар он даҳ қавм зиндагӣ мекарданд, дар тайи 52000 сол арзи ҳастӣ намуд. Ин тамаддун дар натиҷаи зилзилае, ки 12000 сол пеш ба вуҷуд омад, сабаби табдилшавии қутбҳо гардид, аз байн рафт.

Яке аз муҳаққиқони рус В.Е. Шамбаров чунин нигоштааст: «...Дар натиҷаи як зарбаи кайҳонӣ сайёра нагун гардида, ба 90 дараҷа тамоюл ёфт, ки дар натиҷа меҳвари замин (ба 23 дараҷа) тағйир ёфта, тир (орбита) ва суръати ҳаракати он (дар як сол 5,25 шабонарӯзӣ) зиёд ва самти гардиш низ дигар шуд...»[2] Тавре дар «Бундаҳишн» омадааст: «Тирги Албурз он аст, ки Хуршед, Моҳу ситорагони ман аз паси (ӯ) бозгарданд, зеро ба Албурз яксаду ҳаштод равзан аст ба Хуросону яксаду ҳаштод ба Ховарон». Яъне ин навишта ба давроне тааллуқ дорад, ки як сол 360 рӯзро ташкил медиҳад, на 365 рӯзро. Зеро ҳангоми тай намудани Хуршед 180 равзанро аз дарозтарин рӯз ба кӯтоҳтарин ва аз кӯтоҳтарин рӯз ба дарозтарин 360 шабонарӯзӣ ҳосил мешавад. Тавре маълум аст, имкон надошт, ки ориёиҳо аз 4,25 ҳиссаи шабонарӯзӣ бехабар бошанд. Яъне, хулоса кардан мумкин аст, ки ин ҳисоб 12 ҳазор сол пеш, вақте ки як сол 360 рӯзро ташкил медод, ба амал омада буд. Бояд гуфт, ки назари 12 ҳазор сол пеш сукунат ва муҳоҷират намудани ориёиҳоро дигар муҳаққиқон низ пешниҳод намудаанд. Ба қавли Давлатназар Хушназар, муҳаққиқи афғон А. Кӯҳзод дар як конфронс дар Теҳрон иброз доштааст: «Дар фалоти бузурге, ки байни Андус (Синд) ва Тиргерас (Даҷла) ва уқёнус ва маҷрои Оксус (Омударё) баҳри Хазар ва силсилаи

[1] Борисенко Е. П., Пасецкий В. М. «Тысячелетняя летопись необычайных явлений природы». М. 1988.
[2] «Русь: дорога из глубины тысячелетий».

https://bikhon.tj

Қафқоз мунбасит аст, ду кишвари уфтодаи Ориёнажод, ки аждодашон дах ҳазор сол қабл аз доманаҳои Помир, аз Боми дунё фуруд омадаанд. Ориёиҳо аз доманаҳои Помир ва ҷулгаҳо ва дараҳои Афғонистон пароганда шудаанд...»[1] Ба қавли Х. Давлатназар Рукниддин Ҳумоюн Фаррух – муаррихи эронӣ нахустин маҳди ориёӣ атрофи Сайҳун ва Ҷайҳунро ташхис медиҳад ва индаври зиндагии ин ақвомро ҳазорҳо сол пеш аз милод мегӯяд. Ӯ шавоҳиде аз осори бостониро дар назар гирифта, ки дар сарзамини Эроншаҳр аз даврони ғорнишинӣ то тамаддуни сафол ва санг ва мис ва мафрағ ва оҳан осоре ба даст омадааст.[2] Мардуме ки дар ин даврмуваҷиди ин тамаддун буданд, ориёиҳоромедонанд, ки бо истиснои ин шавоҳид муҳоҷирати онҳоро аз атрофи Сайҳун ва Ҷайҳун дар ҳудуди ёздах ҳазор сол пеш ба сарзамини Эронвиҷ донистааст.[3]

Дар «Бундаҳишн» дар бораи кӯлҳову кӯҳҳо сухан рафта, дар ҷое зикр гардидааст, ки «Дарёчаи Урвиш ба Ҳугари баланд аст». Тибқи айниятҳои ҷуғрофиёи «Авесто» Ҳугар ба қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад. Аз самти ҷанубии ин кӯҳ бояд руди Ардвисура ҷорӣ гардида, ба кӯли Урвиш ва аз он ҷо ба дарёи Ворукаш (Ому) резад. Дар он ҷое, ки бояд кӯл бошад, ҳоло яхистон ё пиряхи мавсум ба номи Федченко вуҷуд дорад. Оё имкон надошт, ки дар ҷои ин пирях он замон кӯле вуҷуд дошта бошад?

Нависанда ва мутахассиси яхшинос Александр Яблоков санаи ин пиряхро тибқи таҳқиқоти яхшиносӣ (гляциологӣ) ёздах ҳазор медонад. Дар бораи 10 ҳазор сол пеш дар ҷои ин пирях вуҷуд доштани кӯл далелҳои дигаре низ ёфтан мумкин аст. Масалан, муаллифони «История Горно Бадахшанской Автономной области» навиштаанд, ки «Тибқи назари дигар

[1] Кӯҳзод А. «Афғонистон ва Эрон». «Орёно», ҳут, 1330 ҳ. № 2.
[2] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ», с. 73.
[3] Фаррух Р. Ҳ. «Пажӯҳиш дар бораи асри Зардушт», маҷ. «Баррасиҳои таърихӣ», даймоҳ, 1347, № 5.

https://bikhon.tj

олимон Помири Шарқӣ дар голотсени нахустин поёнтар аз сатҳи кунунӣ воқеъ гашта буд, аз ин ҷиҳат шароити иқлими он даврон сабуктар буд... Л. Ф. Сидоров чунин мешуморад, ки табиати Помири Шарқӣ 10 000 сол пеш дар даврони гелотсен аз шароити кунунӣ бисёр тафовут дошт. Дар даврони гелотсени аввалия маҷрои дарёҳои асосӣ дар сатҳи кунунии баландкӯҳ воқеъ набуда, дар масофаи 600-700 метр аз нишонии кунуниашон поёнтар қарор доштанд. Он замон дар водии дарёҳо туғайзор, дар нишебиҳо арчазор ва дар дашту теппаҳо марғзору алафзор мерӯид».[1] Тибқи маводи таҳқиқотӣ сукунатгоҳҳои асри санг (мафрағ) маълум мегардад, ки одамони нахустин Помири шарқиро батадриҷ асосан дар ҳазораҳои УШ-У аз худ карда буданд».[2] Бар илова аз ин дар «Бундаҳишн» дар бораи кӯлҳо, аз ҷумла роҷеъ ба банди Садвис, ки гулӯгоҳе миёни баҳрҳои Арал ва Каспӣ буд, маълумот дода шудааст. Ва тавре ки таҳқиқотҳои олимон дар поёноби руди Омӯ нишон медиҳад, ин гулӯгоҳ дар ҳазорсолаҳои Ш ва П хушк шуда будааст. Дар ин бора натиҷаи як таҳқиқоти илмӣ навиштааст: «Ҳоло муқаррар кардан мумкин аст, ки дар ҷараёни тамоми неолит оби кӯли Сариқамиш, ки Амударё ба он мерехт, ба воситаи Узбой ҷорӣ мегардид. Дар ҳудудҳои ҳазорсолаҳои Ш ва П то солшуморӣ ҷараёни оби Амударё ба шимол, ба воситаи Акчадарё ба сӯи баҳри Арал равона мегардад. Ҷорӣ шудани об ба Сариқамиш дар миёни ҳазораи 1 то солшуморӣ маҳдуд шуд. Узбой тамоман хушк шуд ва ҷараёни оби Амударё ба кӯли Сариқамиш қатъ гардид».[3] Яъне маълумот дар бораи банди Садвис дар «Бундаҳишн» замоне зикр гардида буд, ки ин гулӯгоҳ вуҷуд дошт, яъне то ҳазорсолаи Ш ва П пеш аз солшуморӣ...

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 54.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Бартольд В. «Сведения об Аральском море и низовьях Амударьи с древнейших времён до XУП века». Сочинения, т. У, М. 1968. с.24. «Низовья Амударьи», с. 23-25;

https://bikhon.tj

Дигар хусусиёти Эронвиҷ

Тавре дар «Авесто» омадааст, Эронвиҷ бар каронаи руди Даитияи нек офарида шуд, ки дар он ҷо 10 моҳ зимистони сахт ва ду моҳ тобистон аст. Ҳамчунин дар «Бундаҳишн» омадааст: «Ӯро патёра аз Аҳриман ин зимистони девофарида ва мори пардор ва низ он ки бепар аст, беш баромад. Даҳ моҳ он ҷо зимистон аст, ду моҳ тобистон. Чунин гуяд, ки зимистон ҳама ҷо яксон аст, аммо он ҷо, дар миёнаи Даймоҳи баҳизагӣ, гаронтар бошад».[1] Сарфи назар аз ин дар «Авесто» зикр гардидааст, ки ин ҷойгоҳ дорои чарогоҳҳои хеле фаровон мебошад. Чунин нишониҳо низ бешак ба водиҳои Лахшу Олой мувофиқ меоянд. Сайёҳ ва муҳаққиқи ҷуғрофияи Бухорои Шарқӣ ва хоса Қаротегин В. И. Липский солҳои 1896, 1897 ва 1899 ба ин водӣ сафар намуда, роҷеъ ба ҳар се сафараш сафарномае навиштааст. Вай роҷеъ ба манзараҳои водии Лахш аз ҷумла чунин менигорад: «Болотар аз пайраҳа дарёчаи дигаре ба Қара-Шӯра ҳамроҳ мешуд, ки он Бозирак ном дошт. Атроф ҳама марғзорони сералаф, дар ҳоле ки касеву чизе даст назада. Сарфи назар аз он ки дар поён, дар водӣ галлаи аспон ва дар нишебиҳои кӯҳ ҷо-ҷо рамаи гӯсфандон дар чаро буданд, водӣ намуди тоза ва ибтидоии худро нигоҳ доштааст. Чунин манзара ғайриоддӣ гуворо буд. Дар ду соли сайру сайёҳатам ҳеҷ манзараеро бад-ин зебоӣ надида будам...»[2] Чунин ба назар мерасад, ки В. И. Липский ин пораро худ нанавишта, балки аз «Авесто» рӯбардор карда бошад, ки бо чунин тасвирот зикр гардидаанд: «-Он ҷо кичаҳорпоёнро кӯҳсорони баланд ва чарогоҳҳои фаровон аст». «Кӯҳҳои баланди дорои чарогоҳҳои бисёр ва оби фаровон».[3]

Агар шумо дар мавзеи Лахш қарор дошта бошед, дар ак-

[1] «Бундаҳишн».
[2] Липский В.И. «Горная Бухара». (Санкт-Петербург) 1902, с.488.
[3] Дӯстхоҳ Ҷ. «Авесто». Фарвардин Яшт, 9.

https://bikhon.tj

сари фаслҳои сол офтоб аз паси қуллаи Исмоили Сомонӣ ва ё кӯҳҳои пайвасти он сар бар кашида, боз ҳам дар паси он, поёнтар ба ғуруб менишинад. Ба ин маънӣ дар Меҳр-ашт оварда шуда: «Бо ситоиши пешин, бо ситоиши пешин ба Меҳр наздикӣ ҷӯем, то бад-он ҳангом, ки хуршед аз (кӯҳи) баланди Албурз сар бароварад ва дар паси он фурӯд равад». Ин тасвирот низ хоси ин мавзеъ ва ин кӯҳҳоянд: «Кӯҳҳои баланди дорои чарогоҳҳои бисёр ва оби фаровон».

Дар нимаи дуввуми асри 19 ва аввали асри бист ва баъдан низ яксилсила муҳаққиқон ва сайёҳони рус ба Лахшу Олой сайёҳат карда, роҷеъ ба иқлим, наботот ва манзараҳои ин минтақа китобу рисолаҳо навиштаанд. Тавре аз рисолаву мақолаҳои сайёҳон ва куҳнавардони рус ва дигар кишварҳо маълум мешавад, дар водии Олой тақрибан се моҳ тобистон ва 9 моҳ зимистон мебошад. Дар муддати тобистони кӯтоҳ дар чарогоҳҳо алафи хеле фаровон мерӯяд. Киштзорҳо дар Алай танҳо дар Дараут Қӯрған во мехӯранд, ки онҳо аз гандум, ҷав ва юнучқа иборат мебошанд. Дар баландии тақрибан 3000 м. ҳарорати миёнаи моҳи июл 14-15 дараҷа гарм ва дар баландии бештар аз 5000 м. ҳаво 15-20 дараҷа хунук аст. Дар минтақаҳои поёнтар аз ин ҳарорати моҳи июл рӯзона ба +25° расида, шабона то 0° сард мешавад. Дар миёнаи моҳи август давраи ду-серӯзаи боришот вуҷуд дорад. Иқлими ноҳия хушк ва устувор, хоси иқлими Помир аст.

Ба қавли роҳбари куҳнавардон Новик А. О. ноҳияи Заалайи ғарбӣ яке аз зеботарин ноҳияҳо дар ИДМ буда, ҳамчун дарвозаи ба худ хоси Помир зоҳир мегардад.[1] Тобистонаш кӯтоҳ ва сард аст. Дар баландкӯҳҳо август ва дар водии Олой июл моҳи бештар гарм мебошад. Ҳарорати миёнаи моҳона дар баландии 4200 м. дар моҳи июл +3.3С мебошад. Мувофиқи маълумоти як сайти интернетӣ «Иқлими Олой

[1] Новик А. О. «Отчет о горном путешествии пятой категории сложности по Заалайскому хребту, западная часть, совершенному в июле-августе 2002 года».

https://bikhon.tj

қаҳратун буда, дар аввали сентябр барф меборад ва он дар охири май об мешавад, дар қисмати болоии водӣ бошад, баъзан тобистон ҳам барф меборад».[1]

Олой ба забони қирғизӣ ҳамчун биҳишт маънидод шудааст. Маънои дигари номи ин водиро баъзе сайёҳони рус аз забони қирғизӣ ало, яъне алобуло гуфтаанд. Вале дар асл Алай ё Олой ба маънои «кишвар» «мулк», «макон» буда, масалан, дар вожаи Ҳималай – ҳима+алай, маънои кишвари барфро дорад. Ин водӣ кай метавонист Олой номгузорӣ гардида бошад? Баъди аз ин сарзамин баромада рафтани ориёиҳо ба ин ҷо чанд маротиби дигар халқияту қавмҳои ориёии аслан туронӣ муқимӣ гардиданд. Табиист, ки онҳо ҳама номҳои марбут ба оини зардуштиро бояд дигар мекарданд. Ҳамин тариқ Эронвиҷ ва номҳои дигари ин маҳал аз ёдҳо зудуда шуданд. Тавре маълум аст, қирғизҳо ба водии Олой дар солҳои 20-уми асри 18 (1721-27) сокин гаштаанд. Ҳоло маълум нест, то сокин гаштани қирғизҳо ин маҳал чӣ ном дошт. Ба ҳар эҳтимол номи Олойро на қирғизҳо, балки сокинони пештараи он чунин гузоштаанд. Вале номи Эронвиҷ дар шаклҳои гуногун дар дуру наздики ин водӣ то кунун боқӣ мондааст. Масалан, дар назди Андиҷон воқеъ дар Фарғона имрӯз низ ин ном дар шакли Айривоз вуҷуд дорад.[2] Ба қавли донишманд Ю. Ёқубов Айваҷ мухаффафи Аиряна ваеҷа мебошад. Ва тавре маълум аст Аримаз, Эрон, Ирланд, Ирандек (яъне кишвари Эрон, дар Урал, Бошқирдистон) аз номи ориёиҳо тасмия гаштаанд.

Масъалае, ки дигар муҳаққиқонро ба баҳс ангехтааст, масъалаи дар Озарбойҷон воқеъ будани Эронвиҷ будааст, ки дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Эронвиҷ ба Озарбойҷон аст». Дар адабиёти авестоӣ маҳалҳои Эронвиҷ, кӯли Чайчаст, руд ва кӯҳи Даитийа ба ҳам наздик тасвир шудаанд. Вале Озарбойҷон, ки дар шакли Отарподгон ома-

[1] Сайти Интернетӣ «Из проекта Викизнание, Заалайский хребет».
[2] Шарифов Ҳ. «Тоҷикони бурунмарзӣ», с. 340.

https://bikhon.tj

дааст, ҳеҷ гоҳе ҳамчун номи кишвар зикр нагардидааст. Балки ҷойгоҳест, ки дар он ҷо оташкадаҳои гуногун афрӯзонанд ва бештар он ҷойгоҳ дар канори кӯли Чайчаст воқеъ будааст. Масалан дар баъзе адабиёт омадааст, ки Кай Хусрав оташкадаи Озаргушаспро дар кӯҳи Аснаванд бино ниҳод. Озаргушаспи пирӯз дар канори дарёи Чайчаст дар Озарбойҷон воқеъ аст. Оташкадаи Озаргушасп (дорандаи аспи нар) дар Озарбойҷон мавқеият доштааст. Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ низ омадааст: «Ва (Лӯҳросп) аввал оташкада, ки сохт ба Балх ва дуввум оташкада ба Озарбойҷони Бағайс ва саввум оташкадаи Истахри Порс».[1] Оташи Озарбарзинмоҳ низ (дорандаи меҳри баланд) ба Хуросон, ки кӯли Чайчаст дар он ҷо мавқеият дорад, интиқол дода шудааст. Тавре болотар зикр гардид, ба қавли «Бундаҳишн» тарозуи Рашн, яъне қаторкӯҳи Заалай аз ду палла иборат аст, ки паллаи шимолии он қаторкӯҳи Сари айғир ва паллаи ҷанубияш қаторкӯҳи Зулумарт мебошанд. Дар ин китоб омадааст, ки «Чун мардум даргузаранд, се шаб равон ба наздики тан он ҷо ҷой, ки ӯро сар бувад нишинад. Он се шаб аз визариши деву ҳамкорони (вай) бас тозиш бинаду пушт ҳаме боз ба оташ кунад, ки он ҷой афрӯхтааст. Аз он рӯй аст, ки он се шабро то рӯз он ҷой, ки сари ӯ бувад ба афрӯзиш доранд. Агар он оташ нест, пушт боз ба оташи Баҳром ё оташдоне, ки пайваста фурӯзонанд, кунанд». Тавре дида шуд, паллаи ҷанубии тарозуи Рашн, ки ҷонҳо аз болои он сӯи биҳишт мераванд, яъне қаторкӯҳи Зулумарт дар самти ғарбии Қаракӯл воқеъ аст. Ҷиҳати он ки ҷонҳо ё равонҳо аз бадкории девон ва ҳамкорони ӯ эмин бошанд, дар болои ҳамин қаторкӯҳ оташкадаҳо сохта мешуд. Аз ин рӯ ин ҷой Отарподкон ном гирифт. Шояд кӯҳи Аснаванд низ ҳамин қаторкӯҳӣ Зулумарт бошад. Дар шохаи ҷанубии қаторкӯҳи Заалай бозёфтҳои зиёди даврони

[1] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш, 1989. с. 54.

https://bikhon.tj

куҳан ёфт шудаанд, ки шояд онҳо нишониҳои отарподгонҳо будаанд. «Сукунатгоҳи Ошхона дар 12-километрии охири пиряхи Уйсу... дар гӯшаи рости водии Уйсу дар он ҷое, ки дарёи Ошхонаҷилга ба ин водӣ мебарояд, воқеъ гаштааст. Мавқеияти ҷуғрофии сукунатгоҳро нодир шумурдан мумкин аст. Сукунатгоҳ аз сатҳи баҳр дар баландии тақрибан 4200 м., дар ҷанубӣ қаторкӯҳи Заалай дар ҳудуди 25 км. шимоли Қаракӯл воқеъ гаштааст».[1] «Колексияи Ошхона бештар аз 10 ҳазор артефакт, аз ҷумла 5810 нусха аз ҳафриёт ва мавод мавҷуд будааст».[2]

Эронвиҷ дар «Шоҳнома»

Дар «Шоҳнома» агарчи дар бораи Эронвиҷ сухане мушаххас нест, вале аз хусусиёти рӯйдодҳо ва ҷуғрофиёи он маълум мегардад, ки дар ин асар дар баробари Эрони бузург – сарзаминҳои эронӣ боз як минтақаи маҳдуде низ вуҷуд дорад, ки он низ Эрон ном бурда мешавад, ки дар он Эронвиҷро шинохтан метавон. Яъне дар «Шоҳнома» ду Эронро мебинем, яке Эроне, ки тамоми сарзаминҳои эронӣ ба он шомиланд, дигар Эроне, ки иборат аст як сарзамини хурд ва гоҳе ба ҳайси маркази сарзаминҳои ориёӣ падид мегардад. Тавре аз «Шоҳнома» медонем сарзаминҳои Зобул, Деҳистон, Балх, Систон, Балх, Гургон, Порс, Ғурчагон ва дигар сарзаминҳо дар шумори сарзаминҳои Эрон воқеъ гаштаанд. Вақте дар ин шоҳасар Эрону Турон гуфта мешавад, тамоми ин сарзаминҳо дар назар дошта мешавад, вале вақте зикр мегардад, ки шахсе аз Деҳистон ё аз Зобулистон ба Эрон омад, ҳатман дар ин ҷо Эронвиҷ дар назар аст. Масалан вақте Зол ба Эрон роҳӣ мегардад, ӯ дар Деҳистон ба назди Эрон мерасад, яъне ба назди Эронвиҷ.

[1] Коллектив. «История Горно Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 65.
[2] Ҳамон ҷо, с. 70.

https://bikhon.tj

Сипаҳбад ба наздики Эрон кашид,
Сипаҳро ба назди Деҳистон кашид.

Ҳамчунин вақте Сом ба дидани Рустам ба Эрон меояд, Эронвиҷ дар назар аст, зеро Зобулистон низ худ дар шумори Эрон аст:

Аз Эрон сӯи Зобулистон кашид,
Або пилтан сӯи Дастон кашид.

Гев низ барои расонидани суханҳои падараш Гударз аз Эронвиҷ ба Систон меравад:

Барошуфту андеша андаргирифт,
Аз Эрон раҳи Систон баргирифт.

Пирон, сарлашкари Турон дар як ҷанг чунин таҳдид мекунад:

Ба се баҳра ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ.
Яке баҳра з-эшон фиристам ба Балх,
Бар эрониён-бар кунам рӯз талх.
Дигар баҳра бар сӯи Кобулситон,
Ба Кобул кашам хоки Зобулситон.
Севум баҳра бар сӯи Эрон барам,
Зи туркон бузургону шерон барам.

Яъне Пирон дар баробари Кобулу Зобул ва Балх, ки ҳама мулкҳои Эронанд, ба Эронвиҷ низ таҳдид мекунад, зеро ин ҷойгоҳ маркази кишварҳои эронист.

Вақте Кай Хусрав аз Турон ҳамроҳи Гев ба Эрон бармегардад, вай ба Порс ба назди Ковус меояд, ки дар як мавқеъ ё дар ҳамҷавории наздик воқеъ будани Эрон ва Порс таъйид мегардад.

В-аз он ҷо сӯи Порс бинҳод рӯй,
Ҷавонбахту бедору дайҳимҷӯй,
Чу з-ӯ огаҳӣ ёфт Ковуси Кай,
Ки омад зи раҳ пури фархундапай…

https://bikhon.tj

Кай Хусрав дар Истахри Порс, ки Эронвиҷ низ ҳаст – пойтахти Эрон ба тахти подшоҳӣ менишинад. Вай дар охири подшоҳияш вопасин суханонашро ба сипаҳсолор Гударз дар ҳамин ҷо мегӯяд:

Чу букшод он ганҷи ободро,
Васӣ кард Гударзи Кашводро.
Бад-ӯ гуфт: «Бингар ба кори ҷаҳон,
Ки бо ошкоро чӣ дорад ниҳон.
Нигаҳ кун работе, ки вайрон бувад,
Пуле к-он ба наздики Эрон бувад.
Дигар обгире, ки бошад хароб
Аз Эрону аз ранҷи Афросиёб.

Яъне пул аз болои рудест, ки дар як минтақаи хурд воқеъ аст, яъне Эронвиҷ аст, яъне Доитиё, ё Қизилсуи имрӯзӣ. Зеро дар Эрони бузург дар он даврон даҳҳо руду дарё ҷараён доштанд. Шояд дар назди пул работе низ буд, ки мусофирон он ҷо панаҳ мебурданд. Ҳамчунин обгире, ки Афросиёб ҳангоми ҳуҷумаш ба Эрон вайрон карда буд, дар Эронвиҷ, дар руди Даитийа воқеъ буд...

Дар «Шоҳнома» нисбати ҷойгоҳи Албурзкӯҳ, Эрон, Зобул таъйиноти аниқе дода намешавад. Ҳаким Фирдавсӣ маънӣ бар сарчашмаҳои қадим Албурз ва Ҳинд, ҳамчунин Зобул, Систон ва Нимрӯзро дар мавқеиятҳои ҳамҷавор тасвир менамояд.

Аксар вақт шоҳони эронӣ Сом, Зол ва Рустамро аз пойтахти худ ду манзил, ки тақрибан 80 километр дар шумор аст, гусел менамуданд. Вақте Гев ва Рустам аз Зобул бо даъвати Кай Хусрав сӯи Эрон меоянд, аз миёни роҳ Гев пештар ҳаракат карда, шоҳро аз омадани Рустам огоҳ месозад. Вай ба назди шоҳ омада мегӯяд:

Ки ман омадам аз ду манзил ба пеш,
Ба огоҳ кардан сӯи шоҳи хеш.

https://bikhon.tj

Миёни Зобул (Нимрӯз) ва Эрон ҳафтрӯза яъне 280-300 километр аст. Боре ҳангоме, ки Кай Хусрав мехост тарки дунё кунад, эрониён ба назди Золу Рустам рафта, хоҳиш мекунад, ки онҳо шоҳро аз ин нияташ гардонанд. Золу Рустам бо шитоб дар шаш рӯз аз Зобул ба Эрон мерасанд.

Шашум ҳафтаро Золу Рустам ба ҳам
Расиданд бе кому дил пур зи ғам.
Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Ҳама доғдил пеш биштофтанд.

Ин масофа нисбати айнияти Эрон – ба Лахшу Олой ё ҷануби водии Фарғона ва Зобул мувофиқ меояд, ки тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад. Хеле имкон дорад, ки ин масофа дар нусхаҳои асли қиссаву ривоятҳо ҳамчун масофаи миёни Эрону Зобул зикр гардида, дар «Шоҳнома» низ он масофа нусхабардорӣ гардидааст. Масофаи миёни минтақаҳои Эрон ва Систон-Зобул-Нимрӯз аз роҳҳои кӯҳии мустақим тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад.

Ҳангоми меҳмонии Гуштосп дар Зобул Арҷосп ба Балх ҳуҷум мекунад. Ҳамсари Гуштосп либоси туркӣ ба бар карда, савори асп тозон роҳи Систонро пеш мегирад.

Аз охур чамон борае бар нишаст,
Ба кирдори туркон миёнро бубаст.
Аз айвон раҳи Систон баргирифт,
В-аз он корҳо монда андар шигифт.
Нахуфтӣ ба манзил чу бардоштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ.

Дар ин пора иқтибос низ тахминан масофаи миёни Эрон ва Систон-Зобул таъйин гашта, масофаи зикршударо тасдиқ менамояд.

Дар як ҷанги эрониён ва турониён, ки шикасти эрониён наздик аст, лашкариёни эронӣ ба афсӯс мегӯянд:

https://bikhon.tj

Таҳамтан ба Зобулситон асту Зол,
Шавад шаҳри Эрон кунун толу мол.

Яъне масофаи миёни Эрон ва Зобул (Бадахшон) тавре гуфта шуд, як ҳафтаина роҳ буд ва рафту омад ду ҳафтаро дар бар мегирифт ва аз ин рӯ ташвиши эрониёнро фаҳмидан мумкин аст. Тавре дар мақолаи «Канобад (Конибодом) ва Райбад (Работ) дар «Шоҳнома» зикр шуда буд, аз Канобад – Конибодом ба самти шарқии Фарғона дар масофаи ҳафтрӯза (тақрибан 300 км.) роҳи савораи асп пойтахти Эрон воқеъ шуда буд, ки Кай Хусрав дар он шаҳр менишаст. Гударз бо андешаи он ки Афросиёб дар лаби дарё (яъне Сирдарё – М.Ҳ.) омада, ба Пирон ёрӣ хоҳад дод, номае навишта бо дасти Ҳаҷир ба Кай Хусрав мефиристад. Ҳаҷир ва ҳамроҳонаш дар ҳар манзил аспҳоро дигар карда, дар рӯзи ҳафтум ба назди Кай Хусрав мерасанд. Одатан як манзил 40 км аст, вале шитоби Ҳаҷир ва ёронашро ба назар гирифта, дар сурати якрӯза роҳи онҳоро 60 км. тахмин намудан ва самти ҳаракати онҳоро аз Работ (Райбад) ба самти шарқи водии Фарғона кашидан, тақрибан дар 450 километри Райбад маркази давлати Кай Хусравро таъйин кардан мумкин аст.

Ба д-ин гуна пӯён ба роҳ омаданд,
Ба ҳафтум ба наздики шоҳ омаданд.

Инак аз яке аз минтақаҳои Бадахшон дар масофаи ҳафтрӯза роҳи савори асп ҳаракатро таъйин карда, дар нуқтаи бархӯрди ин ду масофа пойтахти шоҳнишини Эронро дарёфтан мумкин аст, ки он боз ҳам водиҳои Лахшу Олой мебошанд.

Ҳумон яке аз паҳлавонони туронӣ, ки ба назараш ғалаба наздик расидааст, лоф мезанад, ки сипоҳашро ба се гурӯҳ тақсим карда, чаҳор мулки асосии эрониён – Балх (воқеъ дар шарқи ҷанубии водии Фарғона), Кобул (шарқи

https://bikhon.tj

қаторкӯҳи Фарғона), Зобул (минтақаи Бадахшон) ва Эронро (водиҳои Лахшу Олой) ба замин яксон мекунад:

Ба се баҳра ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ.
Яке баҳра з-эшон фиристам ба Балх,
Бар эрониён – бар кунам рӯз талх.
Дигар баҳра – бар сӯи Кобулситон,
Ба Кобул кашам хоки Зобулситон.
Саввум баҳра бар сӯи Эрон барам,
Зи туркон бузургону шерон барам.

Ҳангоме Бежан ба дасти Турониён ба асорат меафтад, боз ҳам Рустам бо даъвати шоҳи Эрон барои озод кардани ӯ ба Турон мешитобад. Рустам, ки ба сифати бозаргон тағйири либос карда буд, ба Манижа мегӯяд, ки ба Бежан бирасон, ки ӯ (яъне Рустам):

Зи Зобул ба Эрон зи Эрон ба Тур
Зи баҳри ту паймуд ин роҳи дур.

Ин хатти ҳаракати Рустам ба шакли зайл сурат мегирад: Зобул (Бадахшон) – Эрон (Лахшу Олой) – Турон (қисмати шимолии қаторкӯҳҳои Тяншан, ғарби Хитой). Ин хати ҳаракат як хати ҳаракати росту мустақим аст. Онро дар дигар маҳал татбиқ намудан имкон надорад. Агар ин ҳаракати Рустам аз Зобули кунунӣ дар Афғонистон ба Эрон ва баъд ба Турон сурат гирад, бояд роҳи давродавр тай карда шавад. Ин хати ҳаракатро низ худи Ҳаким Фирдавсӣ эҷод карда наметавонист, зеро тавре ки қаблан гуфта шуд, ӯ аз мавқеияти аслии Эрон огоҳӣ надошт. Ва агар ӯ Эрони кунуниро дар назар медошт, хати ҳаракати Рустамро аз Зобули кунунӣ ба самти ғарб ва аз он ҷо дубора ба самти шарқ тасвир намекард. Вале азбаски дар сарчашмаҳои бостон ҳамин хати ҳаракат нишон дода шуда буд, ӯ низ онро бетағйир истифо-

https://bikhon.tj

да намудааст. Яъне, ҳарчанд дар «Шоҳнома» Эронвиҷ мустақиман номбар нашуда бошад, ҳам тавре аз мисолҳои боло маълум гардид, ин ҷойгоҳ дар дохили Эрони бузурги бостон ҷойгоҳи мушаххас дошт.

Дар бораи мавқеияти Порс ва ҳамҷаворияш бо Эронвиҷ дар боби «Порс» батафсил сухан рафтааст.

МАУРУ – МАРВ (МАРҒ)

Тавре маълум аст, дар асрҳои миёна дар ҳудудҳои Туркманистони кунунӣ шаҳре бо номи Марв вуҷуд дошт ва ҳоло низ он шаҳр бо номи Мари боқист. Аксари авестошиносон ва донишмандони ин бахш ин Марвро низ мисли дигар шаҳрҳои ин минтақа ҳамчун шаҳрҳои даврони авестоӣ шинохтаанд. Вале Марғ ё Мауруи авастоӣ низ дар дигар минтақа вуҷуд дошт, ки дар ин мақола кӯшиш равшан намудани ҷойгоҳи нахустини он ба амал омадааст.

Мауру сеюмин сарзамини авестоист. Дар ин бора дар «Авесто» зикр шудааст: «Савумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман Аҳуро Маздо офаридам, Мауруи неруманду пок буд. Пас он гаҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва ба патёрагӣ хоҳишҳои гуноҳолудро биофарид». Аз ин параҳо чандин хусусиёти Марв (Марғ), аз ҷумла нахустин чизе, ки ошкор мегардад, неруманд, яъне аз лиҳози низомӣ пуркувват будани он аст. Ва тавре маълум аст, дар гузашта шаҳрҳое, ки дар сарҳад ва канораи марзи кишвар воқеъ буданд, ҳамеша аз лиҳози низомӣ пуркувват гардонида мешуданд. Ин як далелест ҷиҳати сарҳадӣ будани Марғ. Ва ин ҷойгоҳ шояд ба хотири он пок гуфта шудааст, ки бо биҳишти осмонӣ наздик буда, роҳибону мубадон дар он шаҳр зиёд сукунат доштаанд.

Дар «Бундаҳишн» дар боби Марв (Марғ) омадааст: «Се дигар, беҳтарин (сарзамин) Марви кирдор офарида шуд, ки ба-д-ӯ кори додситон (бо) ном бисёр кунанд. Ӯро патёра

https://bikhon.tj

ҳаракати сипоҳ беш омад, зеро ҳамвора саворон он ҷоро беш гиранду душмарзон (ҳамҷинсбоз), дуздон, ситамгарон, ашмуғони (мулҳид) табоҳсухан ранҷ расонанд ба парҳезгорон».[1] Ва миёни ин ду иқтибос чанде ихтилоф ба назар мерасад. Дар иқтибоси баъдӣ акнун Марв дигар неруманд нест. Саворону сипоҳиён зуд-зуд он ҷойро ғасб менамоянд. Шаҳр пур аз дузду золим шудааст. Парҳезгорон ҳамеша дар ранҷанд. Ахлоқ вайрон шудааст. Гумон меравад, аз миёни тасвироти «Авесто» то тасвироти «Бундаҳишн» аз лиҳози замон фосилае гузашта бошад. Зеро тавре дида мешавад, зеро Марв дигар Марви неруманду пок нест.

Қабл аз ҳама ҷиҳати муайян намудани мавқеияти ҷуғрофии ин шаҳр дар шинохти маънои он бояд тавоҷҷуҳ кард. Ин ном дар «Авесто» ба гунаи Мауру зикр гардидааст. Марв шакли паҳлавӣ ва номи баъдии ин шаҳр будааст. Тавре маълум аст, вожаҳо ё қисматҳои алоҳидаи онҳо бо гузашти замонҳо ба табдили овозҳо гирифтор шуда, баъзан аз шакли аслии худ андаке ё хеле дур мераванд. Аз ҷумла овозҳои в, б ва у дар баъзе вожаҳо ба овозҳои к, ғ, з табдил меёбанд. Масалан вожаҳои англисии ворм, вор ва воркер дар тоҷикӣ кирм, кор ва коргар, вожаи санскритии валла (намуди зироати донадор) тоҷикӣ – ғалла, вардо – гардо[2], биринҷ – гурунҷ, волк (врк) – гург, Марғ – Марв низ тибқи ҳамин қоида баргашт шудаанд. Яъне вожаи авестоии Мауру метавонад ба шаклҳои Марв – Марғ – Марз, Мару-Мари, Мавр ва ғайра баргашт намояд. Мауру аслан ба маънои ҳудуд, андоза, ченак омадааст. Дар адабиёти меросии тоҷику форс ба шакли омор, омарғ[3] ба маънои омор (шумурдан) «мар» – андоза, шумора, ҳудуд (мас. «бемар») ва дар забони имрӯз дар шакли «марра» – ҳудуд (мас. «ба марра расидан») вуҷуд дорад. Вожаи «шумар(дан)» низ аз «мар» – «су-мар»

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.115.
[2] «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 1, с. 225.
[3] Ҳофизи Ӯбаҳӣ. «Тӯҳфат-ул-аҳрор», с. 131.

https://bikhon.tj

(су – нек, мар – андоза) таркиб гирифтааст. Яъне, ҷойгоҳи Марврo дар ҳаду ҳудуде, дар марзи кадом мавқеи муҳиме бояд суроғ кард. Ва чунин ҷойгоҳ дар нақшаи кишварҳои авестоӣ ба Мурғоби кунунӣ дар Бадахшон мувофиқ меояд. Дар адабиёти ведоӣ дар баробари чанд кӯҳу дарё ва бештар аз дигар номҳо номи Меру ҳамчун кӯҳ ва маҳал истифода шудааст, ки он кӯҳ ба қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад. Вале имкон дорад, ки қаторкӯҳи Сарикӯл, ки ҳамчун ҳудудҳои шарқиву ғарбии минтақаро аз ҳам ҷудо кардааст, ҳамчун меру – ҳудуд зоҳир гардида бошад. Роҷеъ ба маънои вожаи Меру омадааст, ки гӯё баъди Тӯфони бузург обҳо ба ду нишебии ин кӯҳ поён фуромадаву Меру ҳамчун ченак-обтақсимкунак зоҳир гаштааст. Фарзияи дигар он аст, ки қаторкӯҳи Сарикӯл аз шимол ба ҷануб қад кашида, ҳамчун ҳудуди миёни шарқу ғарб дар ин минтақа қад афрохтааст. Аз ин рӯ Меру – ченак – ҳудуд, меъёр – маъно доштааст. «Мера» – ченак, ҳад, андоза дар забони русӣ аз ҳамин вожа аст. (вожаи «matara-matra» – метр низ дар забони санскрит вуҷуд дошта, вожаи қадимии ориётоҷикист) Баъзе муҳаққиқин (аз ҷумла олими франсуз Бюрнуф, олими рус Н.Ф. Фёдоров, (охири асри 19) ҳамин Меруро асоси вожаи Помир донистаанд. Меру-Марва, ки маънояш канор, лаб, ё ҳаду ҳудуд будаст, ба шакли Упа-Меру, яъне Меруи он тараф (-и чизе – кӯҳ ё ағба) талаффуз ёфта, баъдан ба шакли (У) Па-Мер(у) ихтисор шудааст.

Меру яке аз он номҳост, ки дар таркиби номи Помир боқӣ мондааст. Албатта Мурғоб бештар ба номи руд далолат менамояд, ки ин ном аз шакли Марвруд – Марвоб ба гунаи Мурғоб баргашт намудааст. Мурғоб ва Марғансу дар Бадахшон тағйири шакли Меруоб мебошанд.

Далели дигари дар Бадахшони кунунӣ воқеъ будани Марв он аст, ки ин ном дар асотири дигар халқиятҳое вуҷуд дорад, ки онҳо бевосита аз ҳамин минтақа метавонистанд онро дар асотири худ истифода баранд. Масалан, кӯҳи Ме-

https://bikhon.tj

ру, Марва, дарахти Ҷамбу, маркази дунё, дарёҳои ҷаҳонӣ ва ғайра, ки дар ин минтақа ҷойгир будаанд, дар асотири хитоӣ, ҳиндӣ, ҷайнӣ, тибетӣ, бирмаӣ, кхмерӣ, эвенкӣ, қалмиқӣ, муғулӣ ва ғайра номбар гардидаанд. Дар баъзе асотир, пеш аз ҳама асотири шаманӣ ин ҷойгоҳ ба сифати тир ё меҳвари ҷаҳонӣ, роҳи ҷаҳонӣ, ки дунёҳои болоӣ, миёна ва зеризаминиро ба ҳам мепайвандад, тасвир шудааст. Аз ҷумла ду дарёи бузурге номбар мешавад, ки дар радифи ҳамдигар ба самти ҳаракати рушноӣ ҷорӣ шуда, ба як баҳри умумӣ мерезанд. Гунаи дигари Дарёи ҷаҳонӣ ё дарёи кайҳонӣ он аст, ки дар маркази ҷаҳон баҳр ё кӯли калоне воқеъ гардидааст, аз он дарёҳои асосӣ ё як дарё ҷорӣ мегарданд. Дар баъзе асотир онҳо аз ҷое, дарёҳо ҷорӣ мегарданд, ки дарахти ҷаҳонӣ дар он ҷо мерӯяд.

Дар асотири эвенкӣ ва орочӣ ду дарёи бузурге номбар мешавад, ки дар радифи ҳамдигар ба самти ҳаракати рушанӣ ҷорӣ шуда, ба як баҳри умумӣ мерезанд. Дар дунё ҳар чӣ вуҷуд дорад, дар хатти ҷараёни ҳамин дарёҳо воқеъ гаштааст.

Гунаи дигар образи дарёи кайҳонӣ кӯли калонест, ки дар маркази дунё қарор дошта, аз он дарёҳои асосӣ (баъзан онҳо аз марказе ҷорӣ мегарданд, ки дарахти ҷаҳонӣ мерӯяд) ё як дарё ҷорӣ мешавад.

Дар асотири қалмиқӣ дарёҳо аз кӯли Марв сарчашма мегиранд, ки дар миёни кӯл дарахти ҳаёт Замбу (Ҷамбу) мерӯяд. Аз он ҷо чаҳор дарё ба чаҳор самти дунё ҷорӣ шуда, баъд аз ҳафт меандр ба ҳамон кӯл бозпас меоянд. Кӯли маркази дунё дар домани кӯҳҳои баланд ҷойгир шудааст. Дарёҳо аз миёни кӯҳпораҳое, ки ба шакли сари фил, буққа, асп ва шеранд, ба поён ҷорӣ мешаванд.

Дар асотири хитоӣ дарахти Ҷамбу Жому номида шуда, мавқеияти он дар биёбони самти ғарби Хитой гуфта шудааст. «Дарахти Жому дар биёбони ғарбӣ мерӯяд».[1] «Жому

[1] «Асотири Чини бостон». М. 1987. с. 44.

https://bikhon.tj

дар самти ғарбии тсзянму ҷой гирифтааст, ки дар нӯги он дах офтоб тобон буда, рӯи заминро равшан мекунанд».[1]

Ривояти ориёҳиндии дарахти Ҷамбу, ки дар ҷазираи ҳамноми Ҷамбу ва дар канори Уқёнуси бузург мерӯяд, тавассути ойинҳои ҷайниву буддоӣ дар миёни бисёр халқҳои дунё паҳн шудааст. Қитъа – ҷазираи ориёҳиндии Ҷамбу – мулкҳои миёнаи болооби дарёҳои Вахшу Панҷ – Помир буда, ин ҳарду дарё укёнуси Ҷаҳонӣ ном дошт. Аз ҷумла дар асотири бисёр халқҳои ҳатто ғайриориёӣ низ омада, ки дарахти Ҷамбу дар наздикии кӯли Марва мерӯяд.

Дар асотири муғулӣ низ аз кӯҳи ҷаҳонӣ бо номи Сумеру, яъне Меруи нек, ки ба кӯҳи ба номи И.Сомонӣ ба он айният мегирад, маркази дунё, нофи замин зикр ба амал омадааст. Кӯҳи ҷаҳонӣ бо сутуни ҷаҳонӣ, ки шакли пирамидаи чаҳорпаҳлу дошта, аз 3, 4 ва 7 зина иборат мебошад, ба дарахти ҷаҳонӣ наздик аст. Дарахти ҷаҳонӣ ин дарахти танҳоест, ки дар дашти биёбоносое дар самти ғарб мерӯяд. Ҷойгоҳи ин дарахт дар асотири бурятҳо дар ҷануби ғарбӣ гуфта шудааст.[2]

Гуфтаҳои мазкур далолат бар он менамоянд, ки дар аҳди бостон дар миёни бисёр халқҳо ифодаи «миёни ҷаҳон», маркази дунё, нофи замин машҳур буда, он ба шимолу шарқи Помир нисбат мегирифт. Аз ин ҷост, ки номи Мауру – Марв танҳо дар нисбати ҳамин маҳал номгузорӣ гардида метавонист.

Дар асотири лусонҳо, яке аз халқиятҳои Филиппин, омадааст, ки дар замин дарёи ҷаҳонӣ ҷорист, ки дар саргаҳи он дар осмон дунёи болоӣ воқеъ гаштааст. Дар поёноби ҷараёни дарё дунёи поёнӣ (далум – данум – об) ҷой дорад.

Дар асотири манҷурҳо гуфта мешавад, ки дар кӯли Булхури омо, дар кӯҳҳои Голмин се душизаи осмонӣ оббозӣ мекарданд. Хурдтарини онҳо аз кӯл баромада дар бо-

[6] «Асотири Чини бостон». М. 1987. с. 44.
[2] «Мифы народов мира», т. 1,172.

https://bikhon.tj

лои либосҳояш меваи сурхеро мебинад, ки ғулба (акка) онро гузошта буд. Вай он меваро хӯрда, ҳомила мешавад ва дигар ба осмон парида наметавонад. Аз вай писаре ба дунё меояд, ки дарзамон ба гап медарояд. Писараш бо дарёи Тумен, ки аз кӯл ҷорӣ мешуд, ба поён ба назди одамон рафта мегӯяд, ки вай барои дар байни мардум сулҳу оштӣ ҷорӣ намудан омадааст.[1]

Дар асотири нуристонӣ омадааст, ки дунё аз се қисмат иборат аст. Дунёи миёна дунёи одамон будааст. Ин дунё ноайён дар он ҷойҳое, ки кӯҳҳои барфпӯш сар ба фалак кашидаанд, ба осмон мепайвандад. Дар дунёи болоӣ кӯли кайҳоние вуҷуд дорад, ки «Кӯли адолат» ном дошта, дар маркази дунё воқеъ гаштааст. Дар миёнаи дарё дарахти бузурге (ё санги суфтаи тиллоӣ) воқеъ гаштааст. Дар яке аз устураҳо дар бораи дарахти тиллоӣ бо ҳафт шохаи зарин сухан рафтааст, ки дар болои он чархи тиллоӣ қарор дорад, ки ба эҳтимол он офтоб аст. Роҷеъ ба ин мавзӯъ дар устураи дигар омадааст, ки офтоб аз кадом як кӯли асотирӣ боло мешавад. Дарахт (ё санг) мисли меҳвар ё тире ба боло қад мекашад ва қисмати поёнии он ба шакли дарёест, ки обаш муқаддас буда, аз кӯл ҷорӣ мешавад. Дарё дунёҳои болоӣ ва миёнаро ба ҳам мепайвандад. Баъд вай ба дунёи поёнӣ ҷорӣ мегардад. Дар кӯли олами болоӣ эзадон зиндагӣ мекунанд. Дар кӯҳи назди он дарахти муъҷизаноке мерӯяд, ки онро мори калоне нигоҳбонӣ мекунад. Ҳар ки аз он дарахт чӯбчае бо худ дошта бошад, мардум ба ӯ меҳру муҳаббат мебанданд. Баъзан нақши олами болоӣ маҷҳул монда, гуфта мешавад, ки одамону эзадон бо ҳам зиндагӣ мекунанд. Дар баъзе асотир эзади бузург Мара ном дорад. Вақте азозил моҳу офтобро аз мардумон паноҳ мекунад, Мара (Манди, Монӣ, Ману) ба дохили ғоре рафта, дар он ҷо шаршарае (дар баъзе устураҳо кӯл)-еро мебинад, ки моҳу офтоб он ҷо пинҳон карда шуда-

[1] «Мифы народов мира»,ч. 1, с.107.

https://bikhon.tj

анд. Вай дар он кӯл оббозӣ карда моҳу офтобро ба водӣ мебарорад. Дар дигар устура омадааст, ки боре миёни эзадон ва азозилҳо бозӣ мерафт. Бозингаронро дарёе аз ҳам ҷудо менамуд, ки сарҳади байни хайру шар буд. Вақте маълум шуд, ки азозилҳо бозиро мебаранд, сабаби бохти худро ҷустуҷӯ намуданд. Эзадбону Живуд ишора мекунад, ки як нафар бозингар кифоят намекунад ва барои ҷустуҷӯи он ба кӯҳҳои баланд меравад. Дар он ҷо дар кӯле, ки болояш мавҷ мезад, гӯсолае берун шуд. Вай гоҳе ба об фурӯ мерафт ва гоҳе рӯи об боло мебаромад. Живуд ӯро ҷеғ зада, ба назди эзадон меорад ва онҳо бозиро мебаранд. Дар дигар устура омадааст, ки эзадбону Дисани пас аз тавлидаш аз синаи Имра дар кӯл пинҳон мешавад. Дар кишвари дури барои бандагон дастнорас (олами болоӣ) дар кӯле дарахти азиме мерӯид. Барои ба болои он баромадан нӯҳ сол ва барои гирди танаи он гаштан ҳаждаҳ сол лозим буд. Ба ин дарахт кадом як эзаде мутаваҷҷеҳ мешавад. Вақте вай ба назди дарахт меояд, дарахт тараққос кафида садо мебарорад. Он эзад тарсида мегурезад ва аз тарқиши он Дисани берун мешавад. Дар назди ин дарахт эзадоне сукунат доранд, ки нигоҳбони хонавода, бахшандаи шири модарон, афзояндаи киштзорон ва ғайра мебошанд. Аз ҳамин рӯ, мардум хусусан занҳо дар пеши ин дарахт ва кӯл намоз мегузоранд.

Тамоми далелҳо бар он далолат менамоянд, ки Марви авестоӣ Мурғоби кунунии Бадахшон будааст. Дар бораи сукунати инсонҳо дар ин минтақа дар даврони қадим далелҳои зиёде дастрас кардан мумкин аст. Масалан, дар китоби «История Горно-Бадахшанской Автономной области» гуфта мешавад, ки «Аз нуқтаи назари омӯзиши ёдгориҳои археологӣ тамоми Помири Шарқиро ҳамчун вилояти ягонае баррасӣ кардан мумкин аст, ки барои инсони ибтидоӣ шароити ҷуғрофии ҳамаи ноҳияҳояш умуман ба ҳам наздик буд».[1]

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с.51.

https://bikhon.tj

«Тасаввур кардан бисёр душвор аст, ки масалан, дар водии Маркансу – Уйсу, ки ҳатто дар мавсими гарми тобистон пайваста шамоли сард вазида, хатти барф ҳамагӣ дар масофаи 600-700 метр баландтар аз водӣ воқеъ гаштааст, шикорчиёни нахустин зиндагӣ карда, бар илова аз он барои худ истиқоматгоҳ насозанд».[1] «Ташреҳи бозёфтҳои ангишти дарахти буруч (береза), арча ва терескен, дар сукунатгоҳи Ошхона бо он алоқаманд аст, ки аз даврони зиндагии одамони асри санг сатҳи сукунатгоҳ ба масофаи на камтар аз 600-700 м. баланд шудааст».[2] «Бахши асосии сукунатгоҳи асри санг ба маданияти Маркансу вобаста мебошад, ки бо нишондоди санаи радиоуглеродӣ, ки дар сукунатгоҳи Ошхона татбиқ гардидааст, ҳазораи 8-5 то солшумориро дар бар мегирад».[3] «Мурғоб (3640 м.) – нуқтае, ки бозёфтҳои алоҳида (асри санг) дастрас гардидааст, дар муқобили маркази ноҳия – Мурғоб воқеъ гаштааст».[4]

Тибқи таҳлилот ва муқоисаи дигар маҳалҳои ҷуғрофияи «Авесто» ҷойгоҳи нахустини Марв дар наздикии Рангкӯл ва ё Мурғоби кунунӣ будааст. Дар ин ҷо ҳоло низ бозмондаи қалъаи куҳане бо номи Қӯрғон вуҷуд дорад. Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки «(Дар Марв) қалъаест, ки онро Таҳмурас бунёд кардааст». Муаллифи «Форснома» Ибни Балхӣ низ менависад, ки: Таҳмурас «... аввал касе ӯ буд, ки хатти порсӣ ниҳод... Ва Куҳандизи Марв ӯ бино кардааст ва дар Исфаҳон ҳамчунин ду бино аст, ки аз осори ӯст. Яке Маҳрин, ки имрӯз ноҳиятеро бад-он боз мехонанд, дуввум Сорвия, ки акнун Исфаҳониён Ҳафтмулка гӯянд».[5] Тавре аз асотири баъзе халқҳо дида мешавад, дар онҳо мавқеияте мавриди тасвир қарор гирифтааст, ки шабеҳи ҷуғрофияи

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с.52.
[2] Ҳамон ҷо. с 56.
[3] Ҳамон ҷо. с 56.
[4] Ҳамон ҷо. с 80.
[5] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш, 1989. с. 34

https://bikhon.tj

Мурғоби Бадахшон мебошад. Тавре дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ин шаҳр аз замони Таҳмурас вуҷуд дошта, ӯ низ дар он ҷо қалъае бунёд намуда будааст. Яъне аз даврони қадим боз ин шаҳр ва кӯли Фраздон ҳамчун ҷойгоҳе шинохта мешуд, ки аз он ҷо ба олами болоӣ гӯё роҳи пайвастан вуҷуд дошта будааст. Аз ин ҷост, ки мӯбадону рӯҳониён бештар дар ин шаҳр ба намозу ниёиш машғул мешудаанд. Гуштосп низ аз ҳамин лиҳоз барои намоз ба соҳили кӯли Фраздон омада буд. Бинобар ин дар «Бундаҳишн» омада, ки дар ин сарзамин «кори додситон (бо) ном бисёр кунанд. Аз ҳамин ҷост, ки дар ин шаҳр парҳезгорон зиёданд, вале «душмарзон (ҳамҷинсбоз), дуздон, ситамгарон, ашмуғони (мулҳид) табоҳсухан ранҷ расонанд ба парҳезгорон».

Дарёчаи (кӯли) Фраздон Рангкӯли кунунист дар ноҳияи Мурғоб, ки дар «Бундаҳишн» чунин зикр гардидааст: «Дарёчаи (кӯли) Фраздон ба Систон аст».[1] Дар «Бундаҳишн» (22,банди 5) омадааст, ки «Фраздон дар Сакастон (Систон) ҷой дорад. Сарчашмаи Фраздон ба Фарохкарт пайваста аст». Ҳоло, шояд ба сабаби кам шудани сатҳи об ин кӯл ба ду қисм – Рангкӯл ва Шӯркӯл ҷудо гаштааст. Мувофиқи навиштаи «Бундаҳишн» бояд ин кӯл бо дарёи Мурғоб (сарчашмаи Фарохкарт) пайваст бошад.

Бояд гуфт, ки умуман аз рӯи нақш ва релефи маҳал имкон дошт, ки руди Мурғоб бо ин кӯл пайваст бошад. Аммо боз ҳам ба сабаби кам шудани сатҳи об ҳоло ин пайвастагӣ аз байн рафтааст. Ин ҳамон кӯлест, ки Фаридун духтари Эраҷро ба он ҷо бурда пинҳон кард ва аз он духтар писаре ба дунё омад, ки модари ояндаи Манучеҳр буд. Ин кӯл дар минтақае ҷой гирифтааст, ки бо кӯли Пишина (Чатиркӯл), дашти Пишонса ва ҷойҳое, ки Гаршосп ба онҳо алоқа дошт, наздик аст, аз ҳамин ҷост, ки вай дар соҳили ин кӯл намоз мегузорад.

[1] «Бундаҳишн». Бахши нӯҳум, с.64.

https://bikhon.tj

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Кӯли Фраздон (Фрездону, паҳлавӣ – Фараздон) номи дарёчаест (кӯлест – М.Ҳ.), ки Гаршосп дар канори он аз эзадбону Аредвисура Аноҳито хостори пирӯзӣ мешавад». Виштоспшоҳ низ барои намоз ба соҳили ҳамин кӯл омада буд. «Шаҳристони Бустро Баствари Зарирон кард, ба-д-он гоҳ, ки Виштоспшоҳ дар парастиши дин дар Фраздон буд», – омадааст дар «Шаҳристонҳои Эрон».

Ҷанги Гуштосп бо Арҷосп дар майдонҳои Хутосу Марви Зартуштон ба амал меояд.[1] «Зарир бародари Кай Гуштосп Арҷоспро ба ҷанги сеюм ба майдони Хутос ва Марви Зардуштон ба соҳили кӯли Фрездона даъват намуд».[2] Мувофиқи маълумоти «Ёдгори Зарирон» ҷанги Гуштосп бо Арҷосп дар соҳили кӯли Фраздон (Фрездону) ба амаломада будааст.

Зимнан бояд гуфт, ки ҳеҷ як нишонии Марв – Марии кунунӣ ба нишониҳои «Авесто» ва «Бундаҳишн» мувофиқат намекунад. Ба чанд нишонӣ таваҷҷуҳ мекунем: «Бундаҳишн» мегӯяд: «Марвруди фараҳманд ба Хуросон аз Абарсинкӯҳ битозад». Тавре зикр гардид, Абарсинкӯҳ баъди Албурз бузургтарин кӯҳ аст. Мавқеияти хуросонии «Авесто» дар боби алоҳида зикр гардидааст. Руди кунунии Мурғоб дар Туркманистон имкони аз Апарсин ҷорӣ шудан надорад. Дуввум. «Авесто» мегӯяд: «Он ҷо, ки чаҳорпоёнро кӯҳсорони баланд ва чарогоҳҳои фаровон аст. Он ҷо, ки дарёҳои жарф ва паҳновар ҳаст. Он ҷо, ки рудҳои паҳновар ва новток бо анбӯҳи хезобҳои хурӯшон ба Ишкат ва Прут мехӯрад ва ба сӯи Марву Ҳирот (ё Марви Ҳирот? Ҳарайва?, дар асл Ҳарайв – М. Ҳ.) ва Суғду Хоразм мешитобанд...»[3] Яъне аз кӯҳсорони баланд ва дорои чарогоҳҳои фаровон дарёҳо ба сӯи, аз ҷумла, Марв ҷараён доранд. Аммо дарёи Мурғоб дар Марви кунунӣ аз наздикиҳои ин шаҳр сарчашма

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон – гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с. 51.
[2] Ҳамон ҷо, с.51.
[3] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 252.

https://bikhon.tj

гирифта, ба ҷануб ҷорӣ мегардад. Инчунин мавқеияти Нисайа дар миёни Балху Марв низ номувофиқ омадааст. Ин пора иқтибос дар нашри русӣ чунин омадааст:

Он ҷо, ки дар кӯҳсорони баланд
Дар чарогоҳҳои сералаф,
Чорпоён чарида мегарданд,
Он ҷо, ки рӯи кӯлҳои чуқур
Хезобҳо боло мешаванд
Ва он ҷо, ки дарёҳои киштирав
Бо шохобҳои паҳно
Бошитоб ҷараён доранд
Ҳам сӯи Ишкати Парут,
Ҳам сӯи Марв, ки дар Ҳарайв аст, (?)
Ҳам сӯи Гава, ба Суғдиён,
Ва ё ҷориand сӯи Хоразм.[1]

Вале тавре болотар ишора рафт, Марв тибқи қоидаи баргашти овоӣ метавонад ба марғ низ баргардад. Марғансу дар қисмати шарқӣ-хитоии ин минтақа вуҷуд дорад, ки далели ин гуфта аст. Бояд гуфт, ки дар бисёр минтақаҳои наздику дур номи Марв ё Марғ дар шакли аввалияи худ вуҷуд дорад.[2]

ВАЮКЕРЕТА

Мисли дигар сарзаминҳо дар нисбати Ваюкерета низ дар «Авесто» зикре омадааст, ки чунин аст: «Ҳафтумин сарзамине, ки ман, Аҳуро – Маздо офаридам, Ваекеретаи бадсоя буд. Пас он гаҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва

[1] «Авесто». Нашри русӣ, Душанбе, с. 57. Тарҷумаи Стеблин-Каминский.
[2] Марв Мурғоб дар Туркманистони кунунӣ Марг – Дарвоз, Марғак – Дарвоз, Марғак – Кӯлоб, Марғузорак – Хуҷанд, Марғедар – Панҷакент, Марғзор – Айнӣ, Марғзор – Фархор, Марғуда, Маврӣ – Ванҷ, Марзич – Айнӣ, Маркӣ (Марғӣ? Маркансу) деҳа дар Халлух (Ҳудуд-ул-олам), Марғ – Сурхондарё ва ғайра. Марвиҳо дар Македония бо номи Марв қобили муқоиса аст.

https://bikhon.tj

ба патёрагӣ парии Хнаитиро биофарид, ки ба Гаршосп бипайваст».[1] «Бундаҳишн» низ гуфтааст: «Ҳафтум, Кобули бадсоя беҳтарин (сарзамин) офарида шуд, ки Кобулистон аст. Сояи дарахтони он ҷо ба тан бад аст. Ӯро патёра парикомагӣ беш омад. Он девпарастиро, ки Сом мекард, эшон низ мекунанд, бошад, ки гушода рафтан хонад».[2] Аксари пажӯҳишгарони ҷуғрофиёи «Авесто» ин сарзаминро ба Кобули кунунӣ – маркази Афғонистон айният додаанд. Бояд гуфт, ки дар аксар маврид ба ваҷҳи тасмия ва маънои номҳои кишварҳои шонздаҳгона ва умуман номи маҳалҳои авестоӣ камтар таваҷҷуҳ ба амал омадааст. Маънои Ваюкерета, офаридаи эзади бодҳо Ваю ё Вой[3] мебошад, ки ваҷҳи тасмияи Ваюкеретаро дар иртиботи ин ном ҷустан лозим мешавад. Тавре маълум аст, Ваю эзади ориёҳиндӣ буда, ҳамчун нигаҳбони олами миёни замину осмон қаламдод шудааст. Дар нахуст номи Вой низ ҳамчун эзад маъмул будааст. Эзади Ваю ё Вой нигоҳбони самти шимоли ғарбӣ ба шумор мерафт. Ҳамин тариқ атрофи қуллаи Конгур, (баландиаш аз сатҳи баҳр 7719 м.) ки қуллаи баландтарини ин минтақа ба шумор меравад, кишвари Ваекеретаро ташкил медод. Аз ҳамин ҷост, ки дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар он ҷо кӯҳҷоле ба боло баландтар нест». Кангдиж, Қарокӯл, ки як бахши Фарохкарт аст, Пишонса, Ориёвиҷ ва Ваекерета – ин маҳалҳо дар ҳамҷаворӣ ҷойгир гардидаанд. Масалан

[1] «Вандидод». Фаргарди 1, с. 423.
[2] «Бундаҳишн».
[3] Ваю – Вой дар асотири орёҳиндӣ эзади бод аст. Ваю ҳамчун нигаҳбони олами миёни замину осмон қаламдод шудааст. «Туро дар ҳаво Боди ҳар сӯй вазанда, посбони зери чархи гардун, нигоҳбон бошад». «Бод ҷовидона дар ҳаракат буда, ҳамчунин дар вуҷуди ҳама мавҷудоти зинда ҷой дорад. Имрӯз дар забони тоҷикӣ бештар номи дигари ин эзад Бод, ки аз Вата баргаштааст, роиҷ аст. Вале дар нахуст номи Вой низ ҳамчун эзад маъмул будааст. Ба ин гуфта далел он аст, ки то кунун ин ном дар номи деҳаи Войдара боқӣ мондааст. Номи Бодкен (водии Фарғона) бегумон ба маънои кишвари Вата – Бод ба эзади Вой тааллуқ мегирад. Дар забони русӣ ин вожа ба шакли ветер ва дар забони литвонӣ ба шакли «вайас» омадааст.

https://bikhon.tj

дар «Бундаҳишн» омадааст: «Кангдиж ба ноҳияти Хуросон бар забари дарёи Фарохкард аст. Ба-д-он ноҳият ба бас фарсанг, дашти Пишонса ба Кобулистон аст. Чунин гӯяд: пайдотарин баландӣ ба Кобулистон он ҷост, ки дашти Пишонса аст. Дар он ҷо кӯҳчоле ба боло баландтар нест».[1] Вақте барои мо мавқеияти Хуросон, Кангдиж ва дашти Пишонса маълум аст, пайдо кардани Ваекерета – Кобул низ осон мегардад. Хонанда доир ба мавқеияти маҳалҳои номбаршуда метавонад ба бобҳои марбута мурочиат намояд. Ва аммо дар маҳалҳои мазкур ва атрофи онҳо имрӯз танҳо номи шаҳри Пишан ё Пичан боқӣ мондааст.

Рочеъ ба маънои Кобул низ аз ҷониби донишмандон то кунун назаре пешниҳод нагардидааст. Тибқи омӯзиши асотири бисёр халқҳо, аз ҷумла ориёҳиндӣ маълум мегардад, ки Кобул аз шакли «капила» ба шакли Кобул баргаштааст. Капила номи эзадзода, писари Браҳма аз Дакшӣ будааст. Ин вожа дар шакли купол, дар «Бурҳони қотеъ» зикр гардидааст. Дар забони русӣ ба шакли купол ба маънои гунбад ва капелюха ба маънои кулоҳ роиҷ буда, дар забони тоҷикӣ ба гунаҳои купала, кубо, қубба ва дар гӯиш ба шакли қопала, қопал ё кӯпал вуҷуд дорад. Тавре маълум аст, яке аз ҳафт кишвари ориёҳиндӣ Куша-двипа ном дошт, ки онро яке аз шоҳони ҳамон давр Хиранярета, писари Прияврата ба ҳафт қисм тақсим намуда, ба фарзандонаш бахшид. Яке аз он қисматҳо Дридҳаручӣ ном дошта, кӯҳи Капила ва руди Митравинда дар он ҷо воқеъ будаанд. Дар «Шримад Бҳагавад» дар бораи номҳои ҷуғрофии ҷазираи Куша маълумот дода шудааст ва аз ҷумла дар бораи кӯҳҳо омадааст, ки дар ин ҷо кӯҳҳои «Чакра, Чатуҳшринга, Капила, Читракута, Девваника, Урдҳварома ва Дравина мавҷуд мебошанд». Тавре таҳлилот нишон медиҳанд, ҷазираи Куша дар ҳамон мавқеияте ҷой дорад, ки Кобул Ваюкерета низ дар он ҷост.

[1] «Бундаҳишн».

https://bikhon.tj

Дар «Вишну-пуран» номи қавме дар баробари қавмҳои аруна, пита ва кришна капила низ гуфта шудааст, ки дар ҷазира-қитъаи ҳамҷавори ин маҳал сукунат дошта будаанд. Онҳо хубчеҳра будаву ба оташ қурбонӣ мекардаанд ва то даҳ ҳазор сол умр медидаанд.

Капила дар санскрит ба маънои сангпушт ва ё умуман косахонаи сангпушт низ ифода мешавад. Капала – косахонаи сангпушт, эпитети Шива аст, ки косахонаи сангпуштро ба ҷои коса ҷиҳати ҷамъ кардани хайрия дар даст медошт. Тибқи маълумоти «Пурон»-ҳо Капила муддати зиёд дар домани кӯҳҳои Ҳимолой иқомат доштааст. Ҳимолойи пеш аз муҳоҷирати ориёҳиндуҳо дар ҳудудҳои Помири кунунӣ вуҷуд дошт ва кишваре, ки Кобул – Капила ном гирифт, дар пойи кӯҳҳои Тяншан воқеъ будааст.

Тибқи асотири баъзе халқҳо, дар ин минтақа сангпуште ба пушт хобидаву паҳлу гашта наметавонад. Вай ҳар гоҳе кӯшиши ба шикам гаштан мекунад, заминҷунбӣ ба амал меояд. Дашти Пишонса ё дашти Кобул инчунин шояд аз номи ҳамин капила тасмия гардида будааст. «Нюберг Г.Х. асли ин номро (Ваейа керета – М.Ҳ.) Вайу керета (Офаридаи Вайу) медонад ва интибоқи Кобулро марбут ба тарҷумаҳои паҳлавии «Авесто» танҳо ҳадсӣ мешуморад. Кристенсен онро ба номаи «Vegerd», ки ба навиштаи «Динкард» яке аз бародарони Ҳушанг будааст, марбут медонад, ва мегӯяд ин ном дар асл номи нажод аст ва кишвари Gandhara (Қандаҳор)-ро мушаххас мекунад. Муаллифони «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» Ваекретаро «номи бостонии Кобул ва номи Сагистон ё Систон» донистаанд».[1] Чанде аз муҳаққиқон маънои «Кобули бадсоя»-ро дорои сояҳои бад ва баъзе дигар ҳамчун бадсарой – дорои хонаҳои бад гуфтаанд. Номи Капалӣ ё Капила ба баъзе минтақаҳои дигар кӯч намуда, дубора номгузорӣ гардидааст,

[1] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто».

https://bikhon.tj

ки Кобул бозмондаи ин ном мебошад. Кубала – деҳа дар назди Шош[1], Капалӣ – деҳа дар вилояти Суғд, Капалӣ – деҳа дар ноҳияи Тоҷикобод бар асари ҳамин ном ифода гардидаанд. Кобуллети дар Кавказ, Капула дар Мексика ва шаклҳои дигар дар минтақаҳои дигари дунё шояд аз ҳамин ном манша гирифта бошанд. Дар вилояти Ҳафтруди Ҷумҳурии Қазоқистон номи маҳал Копал, дар Аврупо номи кӯҳ Капул ва ғайра вуҷуд доранд.

Капилаи нахустин дар шаклҳои Габуло, Капила ва ғайра дар адабиёти гуногун дар нисбати ин минтақа боқӣ монда, то замонҳои дер мондааст. Масалан В. Бартолд навиштааст: «Ба ҳокими Капила Алӣ Мир Шерхон муяссар гардид, ки тамоми Балтистонро ба зери итоати худ дарорад».[2]

Бичурин Н. Я. низ дар бораи мулкҳои Туркистони шарқӣ, аз ҷумла Болор маълумот дода, дар бораи Габуло ном шаҳре дар болои қуллаи кӯҳи бузурге ишора кардааст[3], ки он ба мавқеияти кунунии мавриди таҳқиқи мо мувофиқ меояд, на ба Кобули кунунӣ, тавре ки баъзе муҳаққиқон Габулоро ба он айният додаанд.

Кобулистон, дашти Пишонса, кӯли Пишина бо номи паҳлавон Гаршосп сахт иртибот дошта, дар як минтақа воқеъ будани онҳоро нишон медиҳад. Масалан, «Гаршосп гуфт: ...Ҳирбади Кобул будам...»[4] «Наримони Гаршосп рӯ ба рӯи кӯли Пишина сад асп, даҳ ҳазор гӯспанд қурбонӣ кард».[5] Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Гуфта шудааст, ки Сом (мақсуд Гаршосп аз хонадони Сом аст) яке аз ҷовидонагон аст, аммо ба сабаби бепарвоӣ нисбат ба дини маздопарастӣ, яке аз туроиён бо номи Навҳин (Ниёк ё Ниҳо, ё Ниҳок) ӯро дар дашти Пешиёнси (наздики Кобул) бо табаре

[1] «Масолик-ал-мамолик» ва «Зайн-ул-ахбор».
[2] Бартольд В. «Статьи из энциклопедии ислама».
[3] Бичурин Н.Я. «Сведения...» қисми 3, (Осиёи Миёна ва Туркистони шарқӣ».
[4] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 234.
[5] «Авесто». Обоняшт.

https://bikhon.tj

захмӣ кард ва хоби ғайритабиии Бушосп бар ӯ чира шуд...»[1] «Ва тани Сом дар дашти Пишонса, наздики кӯҳи Дамованд аст ва дар он дашт ҷуз ғалла ва чизҳои хӯрданӣ, ки мекоранд ва медараванд, ба-д-он зиндагӣ мекунанд, ҳеҷ гуна гиёҳу дарахт ва растанӣ нест. Ва заргунии он бештар аз дармана аст...»[2] Пишина (Пишонса) номи дарёчаву даштест, сарҳади Қирғизистон наздик ба қисмати ғарбии Ҷумҳурии Хитой. Кӯли Чатиркул метавонад дарёчаи Пишина бошад. Ҳамчунин ҳоло шаҳре бо номи Пичан вуҷуд дорад. Дар «Шоҳнома» шаҳри кунунии воқеъ дар ғарби Чин – Пичан ба шакли Пашан, масалан дар мисраи «Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан» ифода шудааст. Берунӣ кишвари кӯҳиеро бо номи ат-Турк зикр намудааст, ки он дар миёни Тибет ва Кобул, яъне дар саргаҳи руди Омӯ воқеъ будааст,.[3]

Кобули нахустин бо Ҳинди нахустин ҳамҳудуд буд ва аз ин ҷост, ки дар баъзе адабиёт ин ду кишвар гоҳе як ва гоҳе ҳампаҳлу тасвир шудаанд. Масалан дар бораи Баҳром омадааст: «Ки (гӯяд) омад он шаҳи Баҳром аз дудаи Каён. Ҳиндустон дар асотири эронӣ ва «Шоҳнома» шомили бахши шарқӣ ва кӯҳистонии Афғонистон низ мешавад. Ба ҳамин далел Шоҳ Баҳром гоҳ кобулӣ, гоҳ ҳиндӣ хонда мешавад.[4] «Он ҳангом аз сӯи Кобулистон яке ояд, ки ба-д-ӯ фара аз дудаи худоён аст ва (ӯро)» Баҳром хонанд. Ҳамаи мардум ба ӯ боз шаванд ба Ҳиндустон ва низ Рум ва Туркистон ҳама сӯе подшоҳӣ кунад…».[5]

УРВА

«Авесто» дар бораи ин кишвар мегӯяд: «Ҳаштумин сарзамину кишвари неке, ки ман Аҳуро Маздо офаридам,

[1] Бахши 29, банди 7.
[2] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 199. с.220
[3] Берунӣ А., 1963, с. 196.
[4] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон».
[5] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 187.

https://bikhon.tj

Урваи дорои чарогоҳҳои саршор буд. Пас он гаҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва ба патёрагӣ гуноҳи худкомагиву фирефториро (Ё беҳтар аст гуфта шавад: «фармонфармоии ситамгарона»[1]) биофарид». «Бундаҳишн» овардааст, ки «Ҳаштум, Меҳна[2] беҳтарин сарзамин офарида шуд, пурвостр, ки ӯро ғаллот бисёр буд. Ӯро патёра бадтар шаҳрбандӣ бешомад, ки меҳнаиён ба-д-он зист кунанд. Дар маҷмӯъ мардуми аз эшон бадтар нест».[3] Тавре дида мешавад, мисли баъзе сарзаминҳои дигар номи ин сарзамин низ ба шаклҳои гуногун – дар «Авесто» Урва ва дар «Бундаҳишн» Меҳна омадааст. Хусусиёти дигари ин сарзамин низ дар ҳар ду китоб тафовут дорад. Яке аз нишониҳои асосии Урва (Аврва) «дорои чарогоҳҳои саршор» аст, ки ин сарзаминро бо чунин хусусияташ пайдо кардан душвор аст. Зеро аксари минтақаҳои кӯҳдомани Осиёи Миёна дорои чарогоҳҳои сералаф мебошанд. Дар «Авесто» омадааст, ки «Урвада номи рудест, ки ба навиштаи «Зомёд-ящт» чарогоҳҳои бисёр бар карона дорад ва ба дарёчаи Ҳомун мерезад».[4] Ва албатта ин назар мисли дигар мавқеиятҳо тахминист. Инчунин имкон дорад, ки Урва ва Урвада номҳои ба сари худ алоҳида бошанд. Дар бораи мавқеияти ин кишвар низ назари олимон мувофиқ нест. Дермстетер навиштааст, ки «Бинобар гузориши Исфандиёрҷӣ Авра ҳамон сарзамини Тӯс аст дар Хуросон, аммо бояд онро бо Масон, ки дар рӯзгори Сосонӣ гирдогирди Исфаҳон гуфта мешуда, яке донист».[5] Азбаски дар Урузгони Афғонистон руде бо номи Урвад вуҷуд дорад, баъзе донишмандон Урузгонро Урва донистаанд. Де Ҳарле муътақид аст, ки ин сарзамин (Урва) бояд дар бахшҳои Эрони бостон қарор до-

[1] Шарҳи «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 543
[2] Шарҳи «Бундаҳишн»: Ҳар се **mysn; чанд сатр баъд: myhn'dyk'n;** «Авесто» urvā. «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.189)
[3] «Бундаҳишн», боби 16.
[4] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.713.
[5] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 570.

https://bikhon.tj

шта бошад.[1] Ба қавли Ҳугел Урва номи бостонии шаҳри Кобул будааст. Муаллифони «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» Урваро номи шаҳре дар шимоли Хуросон донистаанд.[2]

Аммо таҳлилот ва муқоиса бо дигар номи маҳалҳои дар «Авесто» зикршуда собит менамоянд, ки Урва дар қисмати шимоли шарқии Сарикӯл воқеъ будааст. Далели қотеъ дар ин мавзӯъ он аст, ки Кангдиж дар ин минтақа воқеъ гашта будааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Пайдост, ки Меҳнруд, ки Чехрумеҳноб аст, ба Кангдиж аст».[3] Дар бораи сарзамини сералаф будани ин минтақа Марко Поло гуфтааст: «Аз ин ҷо (аз Вахон – М.Ҳ.) се рӯз ба самти шимоли шарқ ҳамеша аз миёни кӯҳҳо ҳаракат карда, мегӯянд ба баландтарин ҷои дунё мерасед. Дар он ҷои баланд дар байни ду кӯҳ водие вуҷуд дорад ва дарёчаи бошукӯҳе аз миёни он ҷорист. Беҳтарин чарогоҳҳои дунё дар ҳамин ҷоянд. Лоғартарин чорво дар ин ҷо дар даҳ рӯз фарбеҳ мешавад. Ҳайвоноти ваҳшӣ хеле бисёр аст. Гӯсфандони ёбоӣ (архар – М.Ҳ.) зиёд дорад. Шохҳояшон шаш вақаб ва майдатар – чаҳор ва се вақаб низ мебошанд. Чӯпонҳо аз он шохҳо коса сохта хӯрок мехӯранд ва боз аз он шохҳо барои ҳайвонҳо қутан месозанд».[4] Дар шарҳи таҳиягари китоб омадааст, ки «водии байни ду кӯҳ» водии Олой аст, зеро дар он ҷо беҳтарин чарогоҳҳои Осиёи Марказӣ воқеъ гаштаанд. Аммо ба ин шарҳ розӣ шудан имкон надорад, зеро Марко Поло аз яке аз минтақаҳои Бадахшон, (шояд Вахон – М.Ҳ.) ба сӯи Чин танҳо аз водии Сарикӯл ҳаракат карда метавонист, на аз водии Олой. Ҳамин тариқ нуқта ва самти ҳаракати Марко Полоро аз Бадахшон ба сӯи Чин муайян намуда, мавқеияти аниқи Урваро пайдо кардан мумкин аст, ки он ба ҳар эҳтимол Тошқурғон ё яке аз минтақаҳои шарқии он аст аст.

[1] Э. Раҳмон. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». 2006, с. 352.
[2] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 394.
[3] «Бундаҳишн», боби 9.
[4] Марко Поло. «Книга о разнообразие мира» – Боби L.

https://bikhon.tj

Меҳнруд ё Чеҳрумеҳноб метавонад яке аз шохобҳои дарёи Гоз воқеъ дар Сарикӯл бошад[1].

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Ӯро патёра бадтар шаҳрбандӣ беш омад, ки меҳнаиён ба-д-он зист кунанд».[2] Яъне дар ин сарзамин дар атрофи шаҳрҳо ҳисор ё девор сохта мешуд. Ҳоло низ, тибқи навиштаи Ҳ. Шарифов, дар ин минтақа бозмондаҳои қалъаҳои қадим зиёд ба назар мерасанд.[3]

ҲАРАҲВАТИИ ЗЕБО

Дар шумори кишварҳои шонздаҳгонаи авестоӣ кишвари даҳум аст. Дар «Авесто» омадааст: «Даҳумин сарзамину кишвари неке, ки ман Аҳуро Маздо офаридам, Ҳараҳваитии зебо буд. Пас он гаҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва ба патёрагӣ гуноҳи нобахшуданӣ – хоксупории мурдагонро биофарид».[4] «Бундаҳишн» мегӯяд: «Даҳум, Арман беҳтарин (сарзамин) офарида шуд. Ӯро патёра мурда ниҳон кардан беш омад, ки он ҷо беш кунанд».[5] Тавре дида мешавад, дар ҳар ду китоб зоҳиран гӯё сухан дар бораи ду кишвари алоҳида меравад. Яке Ҳараҳваитӣ ва дигаре Арман. Вале дар ин дугонагӣ низ сирре ниҳон аст, ки дар пайи таҳлилоти ин мақола кушода хоҳад шуд.

---

[1] Худи маънои Урва дар санскрит ҳисор, иҳотакардашуда мебошад. Ин вожа имрӯз низ дар забони тоҷикӣ ба шакли «авра» – пӯшиши либос ва кӯрпаву кӯрпача вуҷуд дорад. Вожаҳои аврат ва урва дар забони арабӣ бо Урва шояд иртиботи маъноӣ дошта бошанд. Масалан рӯзномае, ки Ҷамолиддини Афғонӣ таъсис дода буд, «ал-Урва ал-уска», ном дошт, ки маъноияш такягоҳи муътамад мебошад. Урва дар забонҳои славянӣ ба маънои ҷарӣ ифода шудааст. Ин ном низ мисли дигар номҳо дар минтақаҳои гуногуни дуру наздик дубора номгузорӣ гардидааст. Масалан Урва – шаҳр дар Перм, Урва – маҳал дар Доғистон, Урва – уезди Шадрин, Григоровский волост, Урва – маҳал дар Озарбойҷон дар ҳамин шуморанд.

[2] «Бундаҳишн», боби 16.

[3] Ҳ. Шарифов «Тоҷики гумгашта боз ояд...» .

[4] «Авесто».Вандидод, фаргарди 1.

[5] «Бундаҳишн», боби 16.

https://bikhon.tj

Дар аҳди Ҳахоманишҳо ин ном ба шакли Ҳарауватӣ, бо маънои дорандаи рудҳои фаровон, зикр гардида, баъдан шакли Рухҷро гирифтааст. Ҳоло ба ин кишвар Арғандоби Афғонистонро айният медиҳанд. Ба ақидаи Ҳеродот дар он даврон дар ин сарзамин таманайҳо[1]... сукунат доштаанд. «Дермстетр ин номро бо Ҳароватии порсии бостон яке мешуморад ва номи тозаи онро Ҳарут медонад».[2] Ҳарахватӣ (Арахозия) Рахват – номи яке аз шаҳристонҳост, ки Марквварт онро аз номи кишвари авестоии Ҳарауҳати – порсии бостон – Харауватӣ медонад. Ёқути Ҳамавӣ онро дар шакли Рухач (Рухч) ёд кардааст ва Рухҷ, Рахҷ маҳалест дар назди Заранг. Ба қавли муаллифи «Сурат-ул-арз» Рухаҷ дар Хоразм низ вуҷуд доштааст. Зимнан бояд гуфт, ки Рухч дар ноҳияи Рӯшони Бадахшон низ вуҷуд дорад.

Бисёр донишмандон Ҳараҳваити (Харахати)-ро баргашти шакли ориёҳиндии Сарасватӣ медонанд. Сарасватӣ яке аз дарёҳои машҳури ориёҳиндист, ки мавқеияташ маълум набудааст ва олимон рудҳои гуногунро дар Ҳинд ба он нисбат додаанд. Сарасвати дар «Ригведо» мавриди арҷгузорӣ қарор ёфта, ба вай се суруд бахшида шудааст. Ин руд дар баробари рудҳои Сараю ва Синдҳу, инчунин бо Ганг, Ямуна, Шутудрӣ, Парушнӣ ва дигар рудҳо ҳамчун руди ҷории бузург ёдоварӣ гардидааст. Синдҳу ҳамчун модари Сарасватӣ ном бурда шудааст. Дар «Ригведо» Сарасватӣ ҳамчун руди паҳнову пуроб ва муқаддас тавсиф ёфтааст. Ҳоло дар Ҳинд руди Сватиро (инчунин Сатлеҷро низ) Сарасватӣ пиндоштаанд, ки обаш то уқёнус нарасида, дар биёбони Раҷастон аз ҷараён бозмемонад. Аммо то кунун мавқеияти аслии ин руд пайдо нашуда буд.

Ва аксаран олимон чунин назар доранд, ки Ҳарахвати ё Ҳараҳваити баргашти номи Сарасватӣ мебошад.[3] Дар

[1] Ҳеродот, «Таърих». 3, 93,117.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 733.
[3] Чунин баргашт билкул имкон дорад ва дар вожаҳои зиёд ба назар раси-

https://bikhon.tj

матнҳои куҳани ведоӣ аз мавҷудияти руди ривоятии Сарасватӣ сухан меравад. Ҳанӯз 8000 сол пеш ин руд обҳои худро, ки 7 км. паҳно доштанд, ба уқёнус мерасонданд.

Номи Сарасвати, тибқи назари баъзе донишмандон рудест, ки гӯё дар Афғонистон ба шакли Харахваити вуҷуд дошта будааст. Донишмандон Рот, Грассман, Лудвиг ва Тсиммер чунин назар доранд, ки шабеҳаи Сарасватии ведоӣ имкон дорад, ягон руди бузург, масалан руди Ҳинд буда, Сарасвати номи қудсӣ ва Ҳинд номи заминии он буда бошад.

Сарасватӣ аз ду қисмат – сарас ва ватӣ иборат аст, ки қисмати аввал сарас ба маънои ҷорӣ ва қисмати дуввум вати ба маънои об ифода шудааст.[1] Аз қисмати ватӣ ба забони русӣ вода ва аз қисмати сват бо баргашт ба шакли «шат» дар «Шоҳнома» номи руди Шаҳд баргашт шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо қисмати «вати» ба шакли «Свати» низ ифода гардидааст. Масалан, номи руди Свати дар Ҳинд ба ҳамин гуна шакл гирифтааст. Яъне Ҳараҳвати ё Ҳараҳваити низ метавонад бо гунаҳои алоҳида Ҳараҳ ва Ҳвати ифода гардад. Қисмати «сарас» ё «сара» низ дар алоҳидагӣ мавриди истифода ва овогардӣ қарор гирифтаанд. Агар мо ба гунаҳои имкони баргаштии ин ду қисмат таваҷҷуҳ намоем, дар баробари гунаи «Ҳараҳ» ё «Ҳарах» гунаи «Зираҳ» ва дар баробари гунаи Сват «Шат» ё «Шаҳд» низ падидор мегарданд. Зеро овози с метавонад ба овози з низ баргардад. Ва дар «Шоҳнома» аз рудҳое бо номи Оби Зиреҳ ва дарёи Шаҳд ном бурда шудааст. Оби Шаҳд низ баргаште аз тахаллуси Сарасватӣ Шата-рупа буда, бо ҳашви ҳ шакли Шаҳдро

дааст. Аксаран вожаҳое, ки дар забони ведоӣ бо овози с омадаанд, баъдан дар дигар забонҳо ба овозҳои х, ҳ, з, к, г, ва ғайра ифода гардидаанд. Ҳамчунин вожаҳое, ки дар «Авесто» бо шакли –атӣ анҷом меёбанд, ба гунаи –аитӣ низ ифода мешаванд, ки Ҳаратӣ – Ҳараитӣ, Баразайтӣ – Баразайитӣ ва ғайра дар ҳамин шуморанд.

[1] Ҳоло низ дар гӯишҳои забони тоҷикӣ ҷорӣ шудан ба шакли шарас ифода мешавад, ки баргашти сарас мебошад.

https://bikhon.tj

гирифтааст. Ҳоло низ дар назди Яркани Хитой руд ва маҳалле бо номи Шат вуҷуд дорад, ки Шаҳди «Шоҳнома» ҳамин ном аст. Таҳлилот нишон медиҳад, ки руди Зиреҳ, ки дар «Шоҳнома» тасвир ёфтааст, баргаште аз қисмати «сарас»-и Сарасватӣ мебошад, ки чунин баргашт аз лиҳози овозӣ билкулл имконпазир аст. Ҳаким Фирдавсӣ вожаи Сарасватиро, ки аз ду қисмат Сарас – саршор, шоридан ва вати – об иборат мебошад, ба шакли Оби Зиреҳ, на руди Зиреҳ истифода намудааст. Яъне, Оби Сарас тибқи баргашти овозӣ ба оби Зиреҳ бармегардад. Ҳамин тариқ, равшан мегардад, ки Сарасвати ё Ҳараҳвати номи дарёи кунунии Торим мебошад. Нахуст аз номи Сарасватӣ қисмати аввали он Сарас дар нисбати ин дарё истифода гардид. Яъне Сарас ва баъдан Зираҳ ва Сарас ба гунаи Сарасон ва бо ҳашв Сарасвон низ баргашта ба гунаи Заравшон (Зарафшон) ифода шуд. Аз ҳамин ҷост, ки ба қавли номшиноси машҳур Мурзаев Э. М. руди Торим дар адабиёти қадим ба шакли Заравшон низ ном доштааст.[1] Баъдан дар дигар минтақаҳо ба хотири гиромидошти ин руд, инчунин ҳамчун номи кӯчидаи он номҳои Зарафшон ва Сурхон пайдо гардиданд. Ҳамин тариқ номи дарёи Зарафшони кунунӣ номи кӯчидаи дарёи Тарим Зарафшон (дар асл Сарасвон) будааст. Вожаи Сарас, бар илова аз шакли Заравшон, ба гунаи Сурхон (Зиреҳон – Сурхон) низ баргашта, ҳамчун номи кӯчида дар нисбати дарёҳои Сурхондарё истифода шудааст. Аз ҳамин ҷост, руди Зиреҳ дар «Шоҳнома» ба ду руд, яке ба дарёи Сурхон, воқеъ дар ғарби Тирмиз, ки ба дарёи Ому мерезад ва дигаре ба дарёи Торим[2] (яке аз шохобҳои ин дарё низ Сурхон ном дорад) воқеъ дар ғарби Чин айният мегиранд. Тавре гуфта шуд, Сарасвати бо Вач, олиҳаи сухан, айният дода шудааст ва дар даврони баъдиведоӣ ҳамчун олиҳаи сухан ва ҳикмат ва дигар сифатҳо тасвир ёфтааст. Аз ҳамин ҷост, ки яке аз

[1] Мурзаев Э.М.»География в названиях». М., 1979.
[2] Дар Яман низ номи маҳале Торим мебошад. *(Муаллиф).*

https://bikhon.tj

шохобҳои Торим имрӯз дар Ёрканд Вача ном дорад. Шояд ба хотири он ки Сарасватӣ руди осмонӣ дониста мешуд, ба вай Торум ҳамчун тахаллус дода шуд.[1] Ба қавли В. Бартолд[2] дар сарчашмаҳои хитоӣ руди Тарим Сито номида шудааст. Ба қавли ӯ Тарим гӯё номи деҳа буда, номи дарё аз он номгузорӣ гардидааст. Вале мувофиқи таҳқиқоти мо Сита яке аз шохобҳои руди Панҷи кунунист. Дорои ҳафт узв,ё ҳафт хоҳарон инчунин модари шохобҳо номида шудани Сарасватӣ ба он хотир аст, ки ин руд аз ҳафт шохоб иборат будааст. Воқеан имрӯз шохобҳои бузурги дарёи Тарим ҳафтто мебошанд. Зимнан бояд гуфт, ки дар қисмати шарқии Панҷоб, чанд руд, аз ҷумла Сарасватӣ (Гҳаггар) ба ҷануби ғарбӣ ҷараён гирифта, дар биёбоне нопадид мешаванд, ки Тор ном дорад. Муқоисаи Тор бо номи Торим низ бар он вомедорад, ки Торим низ дар нахуст ба шакли Тор ифода шуда, ба водии Панҷоб кӯчидааст ва дар ҷойгоҳи аслии худ ба шакли Тор боқӣ мондааст.

Ориёиҳо дар «Ригведо» ҷойгоҳи нахустмеҳанашонро Ҳафтруд гуфтаанд. Дар ин китоб омадааст, ки Сарасвати, аз ҳудуди ҳафт кишвари ориёӣ ҷорӣ мегардид.[3] Вай аз қуллаи кӯҳи – Хараити сарчашма мегирад. Сарасвати гӯё дар масофаи тақрибан шаш ҳазор километр ҷараён гирифта, обҳои шаш руд-хоҳаронро ба худ қабул мекард. Баъзе донишмандон, аз ҷумла донишманди тоҷик Ҳ. Мӯъминҷонов Ҳафтрудро дар ҳудудҳои имрӯзии Қазоқистон, Қирғизистон, миёнаи баҳри Арал ва кӯлҳои Балхаш ва Иссиққӯл донистаанд.[4] Муҳаққиқи шинохтаи ориёиҳо Мэри Бойс гуфтааст, ки «Протоэрониҳо эҳтимолан қисматҳои зиёди кунунии

[1] На аз тора-тора, ки Мурзаев пешниҳод кардааст. (М.Ҳ.)
[2] Ниг. Бартолд В., мақолаи «Тарим».
[3] На рубеже третьего и второго тысячелетий до нашей эры река Сарасвати, которая до этого была огромной, судоходной, впадающей в океан рекой, внезапно исчезла. Похожее стихийное бедствие описано в Махабхарате (Шальяпарва, 50).
[4] Ҳ. Мӯъминҷонов. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». 2004.

https://bikhon.tj

Қазоқистони шимолиро фаро гирифта буданд ва протоҳиндуориҳо дар ҷанубтари онҳо сукунат доштанд». Рассоми машҳури рус Иля Сергеевич Глазунов, ки тақрибан ду даҳсола ба омӯзиши таърихи ориёиҳо машғул шуда буд, менависад: «Куҷост нахустмеҳани мо Ҳафтруди машҳур бо руди тавоно ва сарнавиштсозаш Сарасвати, ки дар сурудаҳои Ригведо ситоиш ёфта, то баҳр ҳазорон километр ҷараён дошт? Куҷост 2244 қуллаҳои кӯҳ, ки сарзаминҳои ориёиро иҳота намуда буданд?».[1] Ин муҳаққиқ дар идома навиштааст: «…Руди бузурги Ра (Волга – И.Г.) мисли шаҳбонуи рудҳои дар натиҷаи тасодуми азими геологӣ[2] аз рӯи Замин гумшудаи сарзаминҳои ориёӣ Сарасвати – дар баҳри Воурукаша (баҳри Каспӣ – И.Г.) мерехтааст».

Тавре дар боби «Хиргоҳ» ва «Синд» гуфта шуд, ин ду ном ба мавқеияте дар соҳилҳои руди Торим тақрибан дар наздикиҳои Қошғари кунунӣ айният мегиранд. «Ригведо»-шиносон чунин назар доранд, ки Сарасвати (Харахвати) ва Синд айни як руд буда, аввалӣ номи қудсӣ ва дуввумӣ номи заминии он будааст. Сарасвати (Торим) бо чанд руди шохобаш чунин тасвир ёфтааст: «О, Ганг, Ямуна, Годавари, Сарасвати, Нармада, Синдҳу ва Кавери! Ҳама, бо ҳам бипайвандед, ин ҷо андар оед ҷиҳати таҳорати ман аз ҷониби шу-

[1] Глазунов И.С.

[2] Но скорее всего, причина исчезновения Сарасвати это сильное землетрясение и смещение тектонических плит. Когда-то очень давно Индия была частью Африки, от которой она откололась и начала дрейфовать в сторону Азии. В результате столкновения с Азией и дальнейшего продвижения Индийской тектонической плиты вглубь Азии, возникли самые величественные горы в мире – Гималаи. Процесс дрейфа Индийского плато, который продолжается и в наши дни, мог вызвать сверхсильный толчок несколько тысяч лет тому назад, из-за которого Сарасвати исчезла. (По гипотезе индийского профессора К. С. Вайдии (River Piracy, Sarasvati that disappeared, 1996) приблизительно 5000 лет назад другая индийская река, Ямуна, «украла» воды у Сарасвати). В результате народы, основавшие многолюдные города на берегах Сарасвати, вынуждены были срочно мигрировать в поисках орошаемых земель, пригодных для проживания.

https://bikhon.tj

мо!» Тавре гуфта шуд Сарасвати дар «Ригведо» (7.95) ҳамчун бузургтарин руд, ки аз кӯҳ сӯи баҳр ҷорӣ мегардад, сутуда шудааст. Ин руд баъзан бо руди Гҳаггар-ҳакро, ки тақрибан то соли 2600 ва 1900 то солшуморӣ хушкида будаааст, айният дода мешавад. Гумон меравад, ин руд ва сарзамин дар «Шоҳнома» ба шакли Хиргоҳ содда ифода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар аҳди бостон дарёи Тарим ба як баҳри бузурге мерехт, ки баҳри Шарқӣ ном дошта, дар ҳудуди кунунии биёбони Такла Макон воқеъ гашта буд. Ин баҳр хушк шуда, имрӯз аз он нишоне намондааст. Аммо нишониҳои қаъри ин баҳр имрӯз ҳам боқӣ мондаанд. Олимон то ҳол аз ин минтақа сутунмӯҳраи наҳанг ва дигар ҷонварони зеribаҳриро пайдо мекунанд. Дар баъзе адабиёти бостонӣ аз ин баҳр ишора ба амал омадааст. Масалан дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст: «Нахуст дарёи Ахзар аст, ин ки Уқёнуси Машриқӣ гуфтем. Ва ҳадди ӯ он ки маълум аст аз охири иморати ҷануб то ба хатти истиво ва ҷазираи Воқ-воқ ва шаҳрҳои Воқ-воқ ноҳияти Чинистон ва каронаи шаҳрҳои Туғузғуз ва Хирхиз аст».[1] Дар баъзе нақшаҳои топографии ин маҳал то асри 18 боқимондаҳои ин баҳр ҷо-ҷо вуҷуд дошта будааст. Тавре гуфта шуд, дар «Шоҳнома» ин баҳр бо номи Оби Зиреҳ номбар шудааст. Кай Хусрав пас аз ғалаба бар Афросиёб ба Хутан ба шаҳри сохтаи падараш Сиёвушгирд ба воситаи ҳамин баҳр шино мекунад.

Гузаштани Кай Хусрав аз оби Зиреҳ

Чу омад ба наздики оби Зиреҳ,
Кушоданд гурдон миён аз гиреҳ.
Ҳама корсозони дарё ба роҳ
Зи Чину зи Мукрон даме бурд шоҳ.

[1] «Ҳудуд-ул-олам», боби 6

https://bikhon.tj

Ба хушкӣ бикард он чи боист кард,
Чу киштӣ бар об андар афганд мард.
Бифармуд то тӯша бардоштанд,
Зи як сола, то об бугзоштанд.
Чаҳондори некахтари роҳҷӯй
Бирафт аз лаби об пуробрӯй.
Бар он бандагӣ бар физоиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ниёиш гирифт.
Ҳамехост аз кирдигори баланд,
Ки ӯро ба хушкӣ барад бегазанд.
Ҳамегуфт, к-эй кирдигори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.
Нигаҳдори хушкиву дарё тӯӣ,
Худованди чарху сурайё тӯӣ.
Нигаҳ дор ҷону сипоҳи маро,
Ҳам он ганҷу тахту кулоҳи маро.
Пурошӯб дарё аз он гуна буд,
К-аз у кас нарастӣ ба дил ношахуд.
Ба шаш моҳ киштӣ бирафтӣ бар об,
К-аз ӯ сохтӣ ҳар касе ҷои хоб.
Ба ҳафтум, ки ниме гузаштӣ зи сол
Шудӣ кажжу бе роҳ боди шимол.
Сари бодбон тез баргоштӣ,
Хала пеши маллоҳ бугзоштӣ.
Ба ҷое кашидӣ зи роҳи хирад,
Ки маллоҳ, хондиш фамм-ул-асад.
Чунон хост Яздон, ки боду ҳаво
Нашуд тунд бо ахтари подшо.
Шигифт андар он об монда сипоҳ,
Намудӣ ба ангушт ҳар як ба шоҳ.
Ба об андарун шер диданду гов,
Ҳамедоштӣ гов бо шер тов.
Ҳам он мардуму мӯйҳо чун каманд,
Ҳама тан пур аз пашм чун гӯсфанд.

https://bikhon.tj

Гурӯҳе сарон чун сари говмеш,
Ду даст аз паси пушт буд пой пеш[1].
Яке тан чу моҳиву сар чун паланг,
Яке сар чу гӯру танаш чун наҳанг
Якеро сари хуку тан чун бара,
Ҳама об аз инҳо будӣ яксара.
Намудӣ хаме ин бад-он он бад-ин,
Ҳамехондандҳӣ ҷаҳонофарин.
Ба бахшоиши кирдигори сипеҳр
Ҳаво ром шуд, бод нанмуд чеҳр...

Гаршосп низ ҳангоми сафараш ба ин баҳр аҷоибу ғароиби бисёреро мебинад. Зимнан бояд гуфт, аксари он махлуқоте, ки Кай Хусрав ва Гаршосп дар ин баҳр дидаанд, дар асотири Чини бостон ба ҳамон шакл зикр гардидаанд.

Бояд гуфт, ки сарзаминҳое, ки Ҳарахвати дар он ҷо воқеъ гаштааст, сукунатгоҳҳои азалии аҷдоди ориёӣ буда, яке аз гаҳвораҳои тамаддуни ин нажод ба шумор мераванд.[2] Дар ин бора баъдан сухан батафсил хоҳад буд, аммо мухтасаран бояд зикр намуд, ки Хутан, ки муфассирон дар бораи маънои

[1] Дар ин бора дар «Мифы древного Китая» омадааст: «При ходьбе они становились на пальцы и не касались пятками земли. Говорят еще, что ступни у них были вывернуты, так что если они шли на юг, то их следы показывали на север. Поэтому их еще называли «люди с пятками навыворот».

[2] Ба қавли Ҳ. Шарифов «сайёҳи бузурги рус Н.М. Пржевалский аснои сафараш ба Туркистони шарқӣ ба вайронаҳои шаҳрҳое, ки ба Сиёвуш нисбат дода мешуданд, бисёр вохӯрд. Мардуми таҳҷоӣ Сиёвушро на ҳамчун қаҳрамони асотирӣ, балки ҳамчун подшоҳи тавонои аҳди қадим ном мегирифт. Пржевлский аз ин мулоқотҳо ба хулосае омад, ки ин самти ҷанубу ғарби Хутан, андаруни биёбони васеи регҳояш пошхӯр, 6-7 фарсах аз лангари Бештуғроқ осори шаҳри қадимаи Шаҳристон ба чашм мерасад. Ривоят мекунанд, ки ин шаҳрро Сиёвуш асос гузоштааст».

«Дар воҳаи Сампула Пржевалский ва ҳамроҳонашро Хангуй ном мавзее пеш омад, ки аз 130 ҳавлӣ иборат буду сокинонаш мувофиқи ривояти маҳаллӣ авлоди баҳодури афсонавӣ Рустами Дастон ба шумор мерафтаанд… Ривояти пайдоиши сокинони Хангуй чунин аст: Рустами Достон писаре дошт хурдсол. Аснои ба юруши тӯлонӣ раҳсупор шудан ӯро ҳамроҳи модараш дар ҳудуди Туркистони шарқӣ монда рафт».

https://bikhon.tj

он ҳар гуна тахмин доранд, аз шакли Хастинапур, ки маънояш шаҳри хартум(и фил) мебошад ва Хастин ба шакли Хатин ва баъдан Хутан баргашт шуда, яке аз марказҳои давлати ориёҳиндуҳо қабл аз муҳоҷираташон будааст. Ба қавли муаллифи китоби «Яъқуббеки Бадавлат» Ҳ. Шарифов шарқшиноси машҳури рус А.Е. Кримский, ки 17 соли ҳаёташро ба омӯзиши таъриху маданияти Туркистони шарқӣ, хусусан ҳавзаи дарёи Тарим бахшидааст, «ба хулосае меояд, ки ҳавзаи мазкур этногенези халқҳои ҳиндуевропоӣ будааст».[1] Дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» ин минтақаҳо асосан ҳудудҳои давлати турониёнро ташкил медоданд. Сарфи назар аз ин баъзе тоифаҳо, аз ҷумла Ирмон ва ё ирмониён ки сарзаминҳояшон дар ғарби қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл воқеъ буд, дар «Шоҳнома» мулкҳояшон дар байни сарҳади Эрону Турон зикр гардидааст. Мувофиқи омӯзиши этногенези тоифаҳои қадимии маскуни ин минтақа маълум мегардад, ки нахустмеҳани чанде аз халқиятҳои ҳоло сокини Қафқоз ҳамин ҷойгоҳ будааст. Аз ҷумла осетиҳо (оёсиҳо) маскуни шаҳри Оёс ва арманиҳо маскуни кишвари Ирмон воқеъ дар ғарби кунунии Чин будаанд. Ҳоло низ аз ин халқиятҳо дар кишвари Олтой, ғарби Чин ва минтақаҳои атрофи он, сарфи назар аз муҳоҷираташон ба минтақаҳои ғарб, гурӯҳҳои алоҳидаро вохӯрдан мумкин аст. Масалан Ҳ. Шарифов аз қавли шарқшиноси англис С.П. Фитсҷералд меоварад, ки «Мусулмонони Юннан ба хитоиён монанд нестанд, дар ҷамоаи мусулмонони Чанъан андоми арманишакл бартарӣ дорад. Риши паҳну ғуллӣ ва биннии уқобӣ онҳоро аз хитоиён қатъиян фарқ мекунонад».[2] Ирмониён ё арманиҳо дар соҳилҳои руди Сарасватӣ ё Ҳараҳваити сукунат доштанд ва аз ҳамин ҷост, ки сарзамини даҳуми шонздаҳгона дар «Бундаҳишн» Арман номида шудааст. Бояд гуфт, ки номи Арман ба минтақаҳои Осиёи Миёна ва Ҳинд, ки ирмониҳо ба

[1] Шарифов Ҳ. «Яъқуббеки Бадавлат», с. 39.
[2] Ҳамон ҷо, с. 59.

https://bikhon.tj

ин ҳудудҳо низ муҳоҷират карда будаанд, бегона нест. Ҳоло як силсила номҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки бо номи Ирмон иртиботи таърихӣ ва решагӣ дошта будаанд. Вобаста ба ин мавзӯъ далели муҳими дигаре низ ҳаст. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Дар буми Сарахс кӯҳи Аспрӯз болои Чинистон, Паҳргар ба Хуросон, кӯҳи Марғ ба Лоран, кӯҳи Зарин ба Туркистон, кӯҳи Бесутун ба Сипоҳони Кирминшон[1], дигар аз ин шумор, ки маҳалли рафту омаданд, кӯҳи Бум ангошта шаванд». Яъне кӯҳи Аспрӯз дар Сарахс ва низдики Чин аст. Ана ҳамин шаҳри Сарахс аст Сарасватӣ ва Ҳарахваитӣ, ки ҳоло номаш боқӣ намондааст. Аз нигоҳи овогардӣ Сарас бо ҳашви х имкони баргаштан ба Сарахсро дорад. Дар ҳудуди Туркманистони кунунӣ маҳалле бо номи Сарахс вуҷуд дорад, ки ин ном гунаи кӯчидаи номи нахустин аст. Сарахс воқеъ дар Туркманистон 4-6 км. дуртар аз Тоҷон, Сарахас низ номида мешудааст.[2] Саракс – дар асрҳои 1-3 мелодӣ номи маҳал дар Қрим будааст. Зимнан бояд гуфт, ки дар Арманистон бо номи Аспруз маҳал ва кӯҳе вуҷуд дорад, ки далели дар ғарби Чин будани нахустмеҳани онҳост.

Ба тахмин Ирмони «Шоҳнома» баъдан ба шакли Урумкон ва Урумчӣ баргашт намудааст. Дар китоби Мурзаев Э.М. омадааст, ки «Дар водии дарёи Тарим деҳаи Арамкон (Арманкон?–М.Ҳ.) воқеъ гаштааст».[3] Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» низ гуфтааст: «Кашоӣ ободтарин шаҳрест дар Суғд. Армон аз Кашоист».[4] Ҳамчунин ин ном ба шаклҳои Армиён деҳа дар Фарғона, Эрмон – деҳа дар Бойсун, Армон маҳал дар Ҳинд[5], Армомул маҳал дар Синд, Мукрон[6], вуҷуд доштаааст. Дар «Шоҳнома» дар боби «Тохт кардани Шамосос ва

[1] «Кирминкат – андар халлух». «Ҳудуд-ул-олам».
[2] «Худуд-ал-'алам», с. 93; Бартольд В. В., 1965, III, с. 134-135; Марушенко А. А., 1956, с. 166; Оразов О., 1973, с. 36. «Муъҷам»
[3] Мурзаев Э.М. «География в названиях». – М., 1979, 176.
[4] «Ҳудуд-ул-олам».
[5] «Масолик-ал-мамолик».
[6] «Ҳудуд-ул-олам». 81.

https://bikhon.tj

Хазарвон ба Зобулистон» ҳуҷум аз суи Армон-Ирмон-Арман ба Зобулистон – Бадахшон – Хатлон сурат гирифтааст:

Сипоҳе, ки аз шаҳри Армон шуданд,
Ба кина сӯи Зобулистон шуданд.

ҲАЕТУМАНТ – ҲИРМАНД – ҲИЛМАНД – ҲЕНДМАНД

Дар бораи ин сарзамин дар «Авесто» омадааст: «Ёздаҳумин сарзамину кишвари неке, ки ман Аҳуро Маздо офаридам, Ҳирманди ройуманди фарраманд буд. Пас он гаҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва ба патёрагӣ ҷодуии зиёнбори ҷовидонро биофарид. Ва сиришти ҷоду ба-д-ин гуна падидор шавад: аз роҳи нигоҳ (афсунӣ). Пас ҳар гоҳ ҷоду гом пеш ниҳад ва ба афсун шеван баркашад, бештар корҳои кушандаи ҷодуӣ пеш равад…[1]

«Бундаҳишн» мегӯяд: «Ёздаҳум, Ҳирманди бошукӯҳи фарраманд, Систон, беҳтарин (сарзамин) офарида шуд. Ӯро патёра ҷодуӣ беш омад. Ӯро нишон аз ин пайдост, ки ҳар мардум аз он ҷой биёянд, кундоӣ чунон кунанд, (ки) аз он ҷодувону раммолон, барф, тагарг, тандур ва малах афтад».[2]

Ҳирманд ба гунаи Ҳилманд, Ҳерманд Ҳендманд, дар «Авесто» ба гунаи Ҳастуманд зикр шуда, аксари донишмандон маънои онро дорои садду банд гуфтаанд.[3] Дар «Бундаҳшин» яке аз рудҳои ин сарзамин Заренумантӣ номида шудааст, ки маънои он – Заренумаитӣ – Заренумант (Зарманд) – дорои зар аст.

---

[1] Вандидод, фаргарди 1.
[2] «Бундаҳишн».
[3] Ин вожа аз қисматҳои хир – зар ва манд – доштан, ба маънои зардор омадааст. (М.Ҳ.) Бояд гуфт, ки «ҳар» шакли қадимии санскритист, ки баъдҳо дар замони «Авесто» ба шакли «зар» баргаштааст. Вожаҳои «Ҳирманд» ва «Заренумант» аз як решаву пасванд бо як маънову таркиб сохта шуда, яке нисбати минтақа ва дигаре нисбати руд дар як маҳал истифода шудаанд.

https://bikhon.tj

Дар «Бундаҳишн» Ҳирманд ва Зарманд номи як руд гуфта шудаанд. Аммо дар Зомёд-яшт Зарнумаетӣ ва Ҳаетумант ҷудогона ёд шудаанд. «Ҳирманди бошукӯҳи фарраманд, ба Систон аст. Ҳилмандруд ба Систон аст. Ӯро сарчашма Абарсинкӯҳ аст. Ин ҷуз он аст, ки Афросиёб поймол кард. «…(Фарр) аз они касест, ки хостгоҳи шаҳриёрии вай ҷои фурӯ рехтани руди Ҳирманд ба дарёчаи Киёнисийа аст; он ҷо ки кӯҳи Ушедам сар баркашидааст ва аз кӯҳҳои гирдогирди он оби фаровон фароҳам ояд ва сарозер шавад».[1] «Рудҳои Хвостра, Ҳуспа, Фрадата, Хварангҳаитии зебо, Уштаваитии тавоно, Урвадаи дорои чарогоҳҳои фаровон, Ерезӣ ва Зарнумаитӣ ба сӯи дарёчаи Каёнсийа равон шавад ва ба-д-он фурӯ резад». «Ҳирманди ройуманди фараманд, ба сӯи он равон шавад ва ба-д-ӯ фурӯ резад…»[2] Ҳилмандруд низ дар Сакастон (?) сарчашмааш дар Апарсан мебошад.[3] Ин ном дар санскрит Ҳетуманд, дар катибаҳои Ҳахоманишӣ Заранка (Заранҷ) омадааст. Яке аз ин рудҳо Ватаенӣ ном доштааст, ки ба қавли Меҳрдоди Баҳор: «Руди Ватаенӣ бино ба «Бундаҳишн» номи руде аст дар Систон, ки ба дарёи Киёнса мерехтааст ва Афросиёб онро лагадкӯб карда, аз миён бурд. Ва дар даврони Увшидар аз нав ҷараён ёбад».[4] Донишмандон ин сарзаминро дар соҳилҳои кӯли Ҳомун, воқеъ дар Афғонистон татбиқ намудаанд. Тавре зикр гардид, дар «Бундаҳишн» мавқеияти Ҳирманд дар Систон дониста шудааст. Ҳамин аст, ки аксари донишмандон ин сарзаминро бо Системи кунунӣ, воқеъ дар ҷануби ғарбии Афғонистон яке донистаанд. Аммо мутобиқи таҳлилоти ҷуғрофияи навини кишварҳои авестоӣ Систоне, ки «Бундаҳишн» ва «Авесто» тасвир ёфтаанд, дар Бадахшони кунунӣ мавқеият дошта, ҳоло низ дар он ҷо маҳале бо номи

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.340.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.340.
[3] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.713 .
[4] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с.199.

https://bikhon.tj

Сист вуҷуд дорад. Тавре ҳафриёти бостоншиносӣ собит намудааст, минтақаи мавриди назари мо аз даврони хеле қадим сукунатгоҳи инсон будааст. Дар ин бора муаллифони таърихҳои гуногуни Бадахшон борҳо маълумот пешниҳод намудаанд. «Маданияти неолити баъдӣ тавассути маводе, ки дар ҳудуди ноҳияи Яшикӯл кашф гардидаанд, дастрас шудааст... Санаи эҳтимолии он – ҳазораи 3 то солшуморӣ мебошад».[1]

Ҳоло дар Систони кунунӣ кӯле ё дарёчае бо номи Ҳомун вуҷуд дорад, ки аксари пажӯҳишгарон онро бо Ҳомун ва ё Кансаавайа ё Кансу дар «Авесто» ва Киёнсийа ё Киёниса, ё Консйа дар паҳлавӣ ва Позанд айни ҳам донистаанд. Вале нишониҳои Ҳомуни кунунии воқеъ дар ҷанубӣ ғарбии Афғонистон ба Ҳомуни дар «Авесто» тасвирёфта ва ҳашт руде, ки ба он мерезанд, мувофиқат намекунанд.

Таҳлилу муқоисаи рӯйдодҳои адабиёти ориёӣ, аз ҷумла «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва ғайра собит менамояд, ки сарзамини Ҳирманд дар Бадахшони кунунӣ дар поёноби руди Аличур воқеъ буда, руди Ҳирманд руди Аличур будааст. Ҳамчунин тавре дар боби кӯли Киёнса зикр шудааст, кӯли Ҳомун ин кӯли кунунии Яшикӯл аст, ки номи дигари он дар байни мардуми он маҳал Суман мебошад. Тибқи қоидаи баргашти овоӣ Суман ба Ҳуман – Ҳомун баргашт намудааст. Ҳафт руди дигаре, ки ба Ҳомун (Суман – Яшикӯл) мерезанд, имрӯз низ вуҷуд дошта, мутаассифона, номҳояшон дастрас нагардид. Эҳтимол номҳои пешини онҳо фаромӯш шуда бошанд.

Дар адабиёти ҷайнӣ дунё иборат аз се қисмат тасвир ёфтааст. Дунёи миёна миён, дунёи болоӣ аз миён боло ва дунёи поёнӣ аз миён поёни одам гуфта шудааст. Мувофиқи ташреҳоти ин адабиёт дунёи Мадҳялока (миёна) шакли мудаввар дошта, қитъаи (ҷазираи) Ҷамбудвипа низ дар марка-

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005, с.56.

https://bikhon.tj

зи он ҷойгир шудааст.[1] Кӯҳи Меру (қаторкӯҳи Академияи Илмҳо, қуллаи Исмоили Сомонӣ) онро ҳамчун меҳвар бурида гузаштааст. Дар буни ин кӯҳ дараҳои биҳиштосои Бҳадаршала, Нандан ва Сауманас (Суман – Яшикӯл – М.Ҳ.) воқеъ гаштаанд. Хати марказиро мулки Маҳавидеҳо ишғол менамояд, ки дар ҷануби он мулкҳои Ҳариварша, Ҳаймативарша ва дар самти шимолиаш Рамякварша ва Ҳайранаватаварша воқеъ гаштаанд. Аз кӯҳи Маҳвидеҳо силсилакӯҳҳо ба тарафҳои байнисамтӣ қад кашида, ду мулкро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки яке Уттаракуру ном дошта дар он калпаврикшаи (дарахти иҷрои хоҳишҳо) Ҷамбу мерӯяд.

Ва тавре аз баррасии баъзе номҳо ва ҳолатҳои дигар маълум мегардад, номи кӯли Ҳомун бо баргашт ва ихтисори овозҳо ба шакли Ому баргашааст. Дар аҳди қадим номи Ому ба қисматҳои миёнаи руди Панҷ низ нуфуз дошт. Вале назари мо он аст, ки Ому ихтисоршудаи Ҳомун (Ҳомун-Омун-Ому) будааст. Дар Фарҳанги Онандраҷ омадааст, ки: «Омун бар вазни ҳомун рудест, ки ба канори Хоразм гузарад. Ва ба маънии пуру мамлув ва лабрезу лаболаб ҳам ҳаст». Дар фарҳанги Нафисӣ, «Фарҳанги анҷумонорои Носирӣ» ва дигар фарҳангҳо номи ин руд ба шакли «Омун» зикр шудааст.

Ҳарчанд номи Ому дар шакли асл «Ҳомун» то кунун дар луғатҳо ба чашм нарасид, аммо ҳамин мисолҳо низ кофист, ки асли ин ном аз «Ҳомун» дониста шавад. Номи аслии дарёи Ому, яъне Ҳомун, ки тайи садсолаҳо дар шакли шифоҳӣ истифода мешуд, ба гунаи Ому баргашт.

Номи яке аз кӯҳҳои дигар дар Систон Ушадарена – Ушедам будааст, ки донишмандон маънои онро «дорандаи рӯшноӣ» гуфтаанд. Ба навиштаи «Бундаҳишн» Зардушт бар фарози он паёми изадиро дарёфт кард. Яке аз кӯҳҳои дигар, ки дар Зомяшт, банди 5 мавқеияташ дар назди кӯли Ҳомун

[1]«Мифы народов мира», т.II, стр. 326.

https://bikhon.tj

(дарёи Ому) зикр шудааст, кӯҳи Аурна ном дошта, маънои он «Кӯҳи Худо» будааст.

Инак тавре маълум мегардад, татбиқи номҳои ҷуғрофии «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар адабиёти «авесто»-ӣ дар минтақаҳое, ки мо пешниҳод кардем, мувофиқ ва созгор буда, собит менамояд, ки ҷуғрофияи аслии он номҳо ҳамин минтақа аст. Мувофиқи навиштаҳои адабиёти «авесто»-ӣ ва бисёр муҳаққиқон Нимрӯз ҷойгоҳи зуҳури кайониёни нахустин будааст.

Дар китоби «История таджикского народа» дар ин боб омадааст: «Нисбати зуҳури кавиҳои нахустин дар «Авесто» шаҳодати мустақим оварда шудааст: Онҳо аз он минтақае зуҳур намудаанд, ки дар он ҷо дарёчаи Каёнса воқеъ гаштаааст…».[1] Дар «Шоҳнома» Ҳирманд ҳамчун руде номбар карда шуда, ки дар муносибат бо Рустам, Зол борҳо мавриди ёдоварӣ қарор гирифтааст:

Чу Рустам бирафт аз лаби Ҳирманд,
Пурандеша шуд номдори баланд.

Дар боби «Тохт кардани Шамосос ва Хазарвон ба Зобулистон» ҳуҷум аз сӯи Армон – Ирмон – Арман ба Зобулистон – Бадахшон – Хатлон сурат гирифтааст. Яъне Ҳирманд як қисмати сарзамини Зобулистон ва ё Нимрӯз аст:

Сипоҳе, ки аз шаҳри Армон шуданд,
Ба кина сӯи Зобулистон шуданд.
Бирафтанд бедор то Ҳирманд
Або теғу бо гурзу бахти баланд.
Зи баҳри падар Зол бо сӯгу дард,
Ба Гӯроба – андар ҳаме дахма кард.

[1] Коллектив. «История таджикского народа» с. 242.

https://bikhon.tj

РОҒА – ЗОДГОҲИ ЗАРДУШТ

Баҳси зодгоҳ ва зиндагии Зардушт мисли дигар паҳлуҳои таърихи ориёӣ то кунун ҳаллу фасл нагардида, роҷеъ ба ин масъала аз ҷониби олимон фикру андешаҳои мухталиф иброз гаштаанд. Мушкилоти аксар донишмандон дар таъйиноти сарзаминҳои, ба истилоҳ, авастоӣ, аз ҷумла зодгоҳи Зардушт он будааст, ки онон чунин гумон кардаанд, ки дини зардуштӣ баъди муҳоҷирати ориёиҳо ба ҳудудҳои кунунии Эрон дар ин минтақаҳо ба вуҷуд омад. Аммо саҳеҳ он аст, ки ин дин дар шарқи Осиёи Миёна ба миён омада, ба ҷангу низоъҳои байниқабилавӣ сабабгор шуд. Ҷонибдорони оини куҳан дини зардуштиро напазируфта, ба муқобили он бархостанд. Сабаби ба муҳоҷират ночор гаштани як гурӯҳи ориёиҳо низ ҳамин буд. Онҳо бо дини нав ба ҳудудҳои кунунии Эрон ва минтақаҳои ҳамҷавораш муҳоҷират карда, баъди муддатҳо, дар замони Доро ва бо иродаи ӯ дар он минтақа номҳои меҳани нахустинашонро дубора номгузорӣ карданд. Яъне, Роға, Балх, Эронвиҷ, Порс, Отарподгон, Зобул, Систон, Хоразм, Марв, Исфаҳон ва як силсила номҳое, ки дар «Авасто», «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» (то қисмати подшоҳии Ҳумой – М.Ҳ.) зикр гардидаанд, дар ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон, водии Фарғона ва минтақаҳои ҳамҷаворашон мавқеият доштанд. Баъди муҳоҷират ин номҳо дар минтақаҳои ғарбӣ – Эрони кунунӣ ва ҳудудҳои ҳамҷавораш дубора номгузорӣ гардиданд.

Олимони Ғарб ва Эрон дар нақшаҳояшон 16 кишвари Аҳуроофаридаро, мутаассифона, дар мавқеияти ғайриаслӣ ва дур аз воқеият нишон додаанд. Аммо ҷойгоҳи воқеии таърихии ин кишварҳо чунин аст: 1. Эронвиҷ – водиҳои Олой ва Лахш; 2. Суғд – шимоли руди Сир дар Фарғона – Чуст, Ғовасой; 3.Мауру – Мурғоб дар Бадахшон; 4. Балх – дар резишгоҳи руди Исфара; 5. Нисо дар ҷануби ғарбии Фарғона воқеъ буда, дар асарҳои асримиёнагӣ зикр гар-

https://bikhon.tj

дидааст. 6. Ҳарӣ – самти ҷанубии қуллаи Ғалаба дар Тяншан; 7. Ваюкерета, Кобул – дар шарқи қаторкӯҳи Фарғона; 8. Урва – шимоли шарқии Сарикӯл; 9. Хнента – шимоли шарқии шаҳри Тошканд; 10. Ҳараҳватии зебо – дар соҳили руди Тарим, ғарби кунунии Хитой; 11 Ҳирманд – Ҳилманд, воқеъ атрофи кӯли Суман – Яшилкӯл, Бадахшон; 12. Рага – Роға, – дар саргаҳи руди Хингоб; 13 Чахра, ҳоло бо номи Чархлик дар ҳамҷавории Хутан вуҷуд дорад; 14. Варена – дар самти ғарбии Иссиққӯл; 15. Ҳафтруд– минтақаи ҳамҷояшавии рудҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхондарё, Қундуздарё, Қашқадарё ва руди Шеробод; 16. Упа Аузаешу Аранг – сарчашмаи руди Сир.

Яке аз ин номҳо – Роға, ки зодгоҳи паёмбари ориёиҳо Зардушт дониста мешавад, дар миёни муҳаққиқон баҳси зиёдеро барангехтааст. Дар «Авесто» дар бораи Роға омадааст: «Дувоздаҳумин сарзамин ва кишвареро, ки ман, Аҳуро Маздо, офаридам, Роға буд, ки се рада дар он ҳукмравоянд. Пас он гоҳ Аҳримани ҳама тан марг биёмад ва ба патёрагӣ гуноҳи барангехтани сустбовариро биёфарид». Ба қавли муаллифони «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» ин шаҳр Рага – Роға ном дошта, модари Зардушт дар ин шаҳр ба дунё омадааст». Баъзе донишмандон шаҳри Райро, ки ҳоло дар Эрон вуҷуд дорад, Роға ва зодгоҳи Зардушт шуморидаанд. Қисмати дигари донишмандон зодгоҳи ӯро Балх, Озарбойҷон, Хоразм, Урал ва ғайра пиндоштаанд. Як силсила донишмандони Ғарб зодгоҳи Зардуштро дар қисматҳои шарқии Осиёи Миёна донистаанд. Аз ҷумла Гейнтс, Зихнер, Виденгрен онро Суғду Бохтар; Миллз ва Кристенсен – Эроншаҳри бостон; Шедер – Туркистони шарқӣ; Гейгер – сарзамини сокоиҳо ва скифҳо; Нейберг – дар канори руди Сир; Алтхейм, Хумбах, Бойс, Лентс – Бохтар, Суғд, Туркистони шарқӣ; Ломмел – Хоразм ё Хева; Бернштам – Ҳафтруд, Тяншан ва Помир гуфтаанд, ки назари ин гурӯҳи донишмандон ба воқеият наздик аст.

https://bikhon.tj

Дар хусуси дар шарқи Эрони бостон будани зодгоҳи ӯ, ки Балх, инчунин минтақаҳои кунунии Тоҷикистон дар назар аст, аз ҷумла дар асари «Устураи зиндагии Зардушт» омадааст: «Дар манобеъи паҳлавӣ ва ба дунболи онҳо дар китобҳои арабӣ ва форсӣ Эронвиҷ, яъне сарзамини аслиеро, ки ақвоми эронӣ аз он ҷо бархостаанд ва бино ба ривояти дини Зардушт иблоғ шудааст, бо Озарбойҷон яке шуморидаанд. Ин яксоншуморӣ эҳтимолан аз замоне пайдо шудааст, ки дини зардуштӣ ба ғарби Эрон ва дар ҷомеаи муғон роҳ ёфт ва сипас дар давраи Сосонӣ аз аҳамияти хосе бархӯрдор шуд, ба гунае ки ҳама маконҳои шарқиро бо маконҳое дар ғарби Эрон мутобиқат доданд. Имрӯз донишмандон интисоби Зардуштро ба Озарбойҷон ба далоили фаровон мардуд медонанд, ки муҳимтарини онҳо далоили забонӣ аст».[1] Ҳошим Разӣ низ дар «Авесто»-и таҳияи роҷеъ ба зодгоҳи ӯ гуфтааст: «Меҳани Зардушт дар ховари Эрон ва Балх буд. Дар «Авесто» зодгоҳи вай Эронвиҷ ёд шудааст. Бино бар таҳқиқ ин макон дар шимоли Эрон – дар Хоразм буда».[2] Албатта, фароҳам овардани иқтибосҳо дар ин маврид фурсат ва ҷойи зиёдро тақозо мекунанд.

Аммо дарёфти мавқеияти Роға дар таносуб ва муқоиса бо дигар воҳидҳои ҷуғрофии даврони Авастоӣ муяссар мегардад. Аз адабиёти марбут ба ин мавзӯъ маълум мешавад, ки Роға бо кӯли Чайчаст, Эронвиҷ, Отарподгон (ин ном баъдан ба шакли Озарбойҷон баргашта, дар мавқеияти кунунияш номгузорӣ гардид), кӯҳи Арзур Грева, кӯҳи Албурз, кӯли Ҳомун (ав. Каёнса), тираки Албурз, Хуросон, руди Новток, чакод ва руди Доити, Чинводпул ва чандин маҳали дигар дар масофаи наздик воқеъ гаштааст. Тибқи таҳлилоти мо (ниг. «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012) кӯли Чайчаст – Қаракӯли кунунӣ, Эронвиҷ – водиҳои Лахшу Олой, руди Доитиё – Қизилсу, Отарподгон – соҳилҳои Қаракӯл, Систон

[1] Омӯзгор Ж., Тафзалӣ А. «Устураи зиндагии Зардушт» Теҳрон, 1372 с. 416.
[2] Разӣ Ҳ. «Авесто», с. 23

https://bikhon.tj

– Бадахшон, кӯли Ҳомун (ав. Кансава) – Яшикӯл (Суман), Новток – дар ноҳияи Мурғоб (ҳоло низ бо ҳамин ном мавҷуд аст – М.Ҳ.) будаанд, ки бо Роға аз лиҳози масофа наздикӣ доранд.

Роғаи авастоӣ деҳаест, ки дар самти ҷануби шарқии қаторкӯҳи Петри 1 дар сарчашмаи дарёи Хингоб ҳоло низ бо ҳамин ном обод аст. Дарае, ки ин деҳа дар он воқеъ гаштааст, дар наздикии мавзеъи Лахш дар буни кӯҳи Исмоили Сомонӣ хотима меёбад ва аз он сӯи ағба водии дарёи Муғ ва водиҳои Лахшу Олой оғоз мешаванд. Фосила аз деҳаи Роға то мавзеъҳои номбаршуда тақрибан 50-60 километрро ташкил медиҳад.

Тамоми нишониҳое, ки дар адабиёти авастоӣ дар нисбати зодгоҳи Зардушт, Эронвиҷ, Отарподгон, Порс ва дигар маҳалҳо зикр гардидааст, дар минтақаҳои мавриди назари мо воқеияти худро дармеёбанд. Аз ҷумла то кунун дар мавриди зодгоҳи Зардушт ва Эронвиҷ дар ҳеҷ ҷойгоҳи дигар ин гуна далелу бурҳони қотеъ пайдо нагардидааст. Як нишонӣ, ки дар мавриди Роға дар адабиёти авастоӣ борҳо ёдрас мегардад, имкони пайваст нагаштани деҳаҳои Роға ва Нӯзар аст. Ин нишонӣ масалест, барои имконнопазир будани корҳои душвору номумкин. Масалан, тавре ҳоло мегӯянд, «замину осмон ҳеҷ гоҳ ба ҳам пайваст нашаванд», он вақт мегуфтанд: «Роға ва Нӯзар ба ҳам пайваст нашаванд». Ба ин маънӣ дар «Устураи зиндагии Зардушт» оварда шудааст: «Туро, эй писар, дигар аз даст надиҳам, ҳамчунон ки Роға ва Нӯзар ин ҷо ба ҳам намерасанд».[1] Яъне, он чунон ки расидани ду деҳ дар ин ҷо ба ҳам муҳол аст, ҷудоӣ низ миёни мову ту муҳол аст. Мутобиқи навиштаи муаллифи «Устураи зиндагии Зардушт» – «Зардушт аз Роғ ва Гуштосп аз Нӯзар буданд, аз ин рӯ, аз ин ду деҳ, аз Роғ… писари Дувурасрав, писари Манучеҳр аст, ки Зардушт аз тухмаи ӯ

[1] Омӯзгор. Тафзалӣ А. «Устураи зиндагии Зардушт». Т., 1372, с. 78.

https://bikhon.tj

буд ва Нӯзар ба номи Нӯзар (Naotara) писари Манучеҳр аст, ки Гуштосп аз дудаи ӯ буд».[1] Дар он замон шояд дар натиҷаи афзоиши аҳолӣ деҳаҳо калон шуда, ба ҳам мепайвастанд ва чанд деҳа ба як деҳа табдил меёфт. Вале чунин имкони пайвастшавӣ миёни деҳаҳои Роға ва Нӯзар набудааст. Чаро?

Барои ба ин савол посух додан бояд деҳаи Нӯзар ва мавқеияти он маълум карда шавад. Ин деҳа – «Нӯзар» бо ҳарфи «зо»-и арабӣ ва тибқи транскрипсияи лотинӣ ба шакли Naotara – Наотара омадааст. Яъне, шакли Нӯзар таллафузи паҳлавист ва Naotara навишти авестоист. Он гуна ки яке аз сарзаминҳои машҳури авестоӣ Хваниратҳа ба шакли Хванираса низ ифода мешавад, яъне овози «т» ба овози «с» бармегардад, номи деҳаи Наотара низ метавонад ба Наосара баргашта, баъдан ба гунаи Нӯзари паҳлавӣ ва Нӯшори маҳаллӣ шакл бигирад.

Имрӯз деҳае бо номи Нӯшор дар ноҳияи Тоҷикобод дар домани шимолии қаторкӯҳи Петри 1 вуҷуд дорад. Ин қаторкӯҳ дар миёни деҳаҳои Нӯшор ва Роға қомат афрохта, то қуллаи Исмоили Сомонӣ қад мекашад, ки он ба қавли сайёҳ ва донишманди рус В.И. Липский («Горная Бухара». Санкт-Петербург, 1902, с.488.) Бозирак ном дорад. Ин шакли ифода, бешубҳа, ихтисоршудаи Баразайт (Ав. Ҳара Баразайт) аст. Ин қаторкӯҳи ҳамеша барфпӯш ба ҳам пайваст шудани Нӯзар (Нӯшор) ва Роғаро, ки дар нишебиҳои шимоливу ҷанубии он ҷой гирифтаанд, номумкин мегардонад. Аз ин рӯ, сокинони Роға мегуфтанд: «Туро, ҳатто ба баҳои зиндагиам, ба касе намедиҳам, ҳамон тавр ки ду деҳ – Роға ва Нӯзар ин ҷо ба ҳам намерасанд».[2] «Эдун бидуни анҷом додани ин кор барнахезем, на ҳатто, агар ба ҳам расанд Роғ ва Нузар[3]». «Андар Рай ва Нузар ман нахустин касе ҳастам,

[1] Омӯзгор. Тафзалӣ А. «Устураи зиндагии Зардушт». Т., 1372, с. 133.
[2] Ҳамон асар.
[3] Динкарт, Душанбе, «Бухоро», саҳ 247.

https://bikhon.tj

ки бо чашми бад нигаристан баҳра ва рӯзиро аз дигарон мегирам»[1].

Инак маълум мегардад, ки чаро ҳеҷ имконе нест, ки ин ду деҳ ба ҳам пайваст шаванд. Ин як далелест, ки аз воқеияти зодгоҳи Зардушт будани Роға шаҳодат медиҳад. Зимнан бояд гуфт, ки бино ба маълумоти «Ҳудуд-ул-олам» («Бухоро», 2014, саҳ.28) деҳе бо номи Нӯзар дар асрҳои миёна дар водии руди Кофарниҳон вуҷуд дошта будааст.

Маънои калимаи «роғ» дашти домани кӯҳ ва марғзор аст. Дар гӯишҳо дар ё тирезаи нимкушодаро «нимроғ» низ мегӯянд. Дар минтақаҳои Рашту Зарафшон ва Кӯлобу Дарвоз номи маҳал ва деҳаҳои Роғ, Роға, Роғун, Роғич, Роғоба Камчи Роғ, Роғу имрӯз вуҷуд доранд. Яъне, ин ном мисли дигар номҳои авестоӣ ба маҳалҳои кунунии Тоҷикистон бегона нест.

Тибқи навиштаҳо дар бораи зиндагии Зардушт, дар деҳаи Роға марде бо номи Фароҳимурва зиндагӣ мекард, ки каланшавандаи деҳа, шояд зантума (руҳонии қабила) ё врзана (сардори қабила) буд. Дар хонаводаи ин мард духтаре ба дунё меояд, ки ӯро Дуғдуя ном мегузоранд. Вақте ин духтар ба балоғат мерасад, аз бадани ӯ фурӯғе (нуре) зоҳир мешавад. Падару модар бо баҳонаи беморӣ духтарашонро аз чашми дигарон пинҳон медоранд. Аммо яке аз хешовандон ин сирро ошкор месозад. Ҳама аз ин роз дар ҳайрат меманд. Мӯбадон ин ҳолро фоли бад дониста, аз падари Дуғдуя тақозо менамоянд, ки духтарашро ё бикушад ва ё ба ҷои дигаре бадарға намояд. Падари Дуғдуя бо маслиҳати як дӯсташ ӯ Дуғдуро ба Эронвиҷ, ба хонаи як хешовандаш, ки номаш Патераспи Спитамон буд, мебарад. Патерасп аз нажоди Манучеҳр буд. Ӯ писаре дошт бо номи Пурушасп ва ин писар ба Дуғдуя дил мебандад. Боре падару модари Дуғдуя ба дидани духтарашон ба Эронвиҷ меоянд ва бо

[1] Динкарт, Душанбе, «Бухоро», саҳ 254.

https://bikhon.tj

хоҳишу хостгории падару модари Пурушасп духтарашонро ба никоҳи ӯ медиҳанд. Бобои модарии Зардушт Фароҳимурва ва бобои падарияш Патерасп аз наслҳои Ҷамшеду Фаридун ва Манучеҳр буда, бо ҳам хешу табор будаанд.

Тибқи навиштаҳо, вақте модари Зардушт ҳомила мешавад, тӯрониён, ки бо Эронвиҷ ҳамсарҳад будаанд, ба ин сарзамин ҳуҷум мекунанд, аз ин рӯ, модари Зардуштро, то бартараф шудани хавфи ҷанг, ба Роға, ба хонаи падараш мефиристанд. Ҳамин тариқ, Зардушт дар Роға, дар хонаи бобояш таваллуд мешавад.

Хавфи ҷанг аз тарафи тӯрониён ба Эронвиҷ воқеӣ буд. Зеро ин кишвар, тибқи навиштаҳои мо, (ниг. «Эрони гумшуда») аз водиҳои Лахшу Олой иборат буда, водии Олой дар соҳилҳои руди Қизилсу воқеъ гаштааст, ки ин руд аз ҳудудҳои кунунии Хитой сарчашма мегирад. Қисмати дар ҳудуди Хитой мавҷудбудаи руди Доити ва Эронвиҷ бо номи Саукавастон дар шумори сарзамини Турон қарор дошт ва ҳокими он Гупатшоҳ – Ағрирас буда, писари Пашанг ва бародари Афросиёб буд. Дар «Додистони диник» омадааст: «Салтанати Гупатшоҳ дар мамлакати Гупат, муҷовири Ориёвиҷ, дар канори оби Даития мебошад». «Мамлакати Саукавастон дар сари роҳи Туркистон ба сӯи Чин воқеъ аст».

Баъди таваллуди Зардушт, вақте хавфи ҷанг аз Эронвиҷ барканор мегардад, модар ва хешовандони наздикаш тифли хурдсолро ба хонаи падараш мебаранд. Дар «Устура…» омадааст, ки онҳо дар се рӯз ба Эронвиҷ расиданд, ки воқеан масофаи миёни Роға ва Эронвиҷ (Лахшу Олой – М. Ҳ.) тақрибан ҳамин қадар аст. Деҳае, ки модари Зардушт аз Роға ба он ҷо, ба Эронвиҷ омад ва хонаи падари Зардушт дар он воқеъ буд, дар канори руди Дорого ё Дороҷа буда, баъдан рӯйдодҳои марбут ба Зардушт дар канори ҳамин дарё ва Доитиё сурат мегиранд.

Зардушт аз дудмони шоҳон – Нӯзариён ва падару бобоҳои ӯ аз ҳокимони замон буданд ва деҳи онҳо Нӯшор –

https://bikhon.tj

Нӯзар буд. Ва бобои падарии ӯ – Патиритарасп дар деҳи Дороҷа мансабдор будааст.

Зардушт дар понздаҳсолагӣ ба пеши омӯзгор рафта, ҳамаи илмҳои замонашро меомӯзад. Дар 30-солагӣ ба нубувват мерасад. Дар ин ҷо 12 сол дини худро таблиғ мекунад, вале касе ба ин дин намегаравад. Нахустин касе, ки ба дини ӯ гаравид, амакбачааш Майдюмоҳ – писари Оростӣ буд.

Дар «Устураи зиндагии Зардушт» роҷеъ ба ваҳй гирифтани ӯ омадааст: «Дар роҳи ҳаракат ба сӯи ҷашнгоҳи баҳор дар роҳ хобаш бурд ва дар хоб дид, ки мардуми ҷаҳон созу барги ҷашни Баҳорбудро ба сӯи шимол нигоҳ дошта буданд. Пас аз баргузории ҷашни Баҳорбуд барои ба ҷо овардани ниёиш ба сӯи руди Доитӣ рафт, то барои таҳияи шираи ҳум об бигирад. Дар ҳамин ҷо бо Баҳман вомехӯрад ва ҳамроҳи ӯ ба мулоқоти Аҳуромаздо меравад». Дар ин ҷо бояд ба он нукта таваҷҷӯҳ бояд намуд, ки Зардушт дар хоб мебинад, мардуми ҷаҳон сози ҷашни Баҳорбудро ба сӯи шимол нигоҳ медоштанд. Ва ин хоббинӣ қабл аз ваҳй гирифтан рух дода буд. Агар мушкилотеро, ки ба сабаби пазируфта нашудани дини зардуштӣ аз тарафи ҳамқавмонаш ба сари Зардушт омада буд, ба назар бигирем, шояд маънои хоби ӯ равшан шавад. Зеро баъдан ба Балх, ки дар қисмати ғарбии водии Фарғона воқеъ буд, ба дарбори Виштосп меравад ва бо кӯмаки ӯ имкони густариши динро пайдо менамояд. Ҳамин тариқ, оё Зардушт чанд соат пеш аз ваҳй гирифтан роҳи сӯи Балхро ва дарбори шоҳ Виштоспро хоб надида буд? Зеро агар пуштибонии Гуштосп (Виштосп) намебуд, мушкил буд, ки ба густариши динаш, ки аз тарафи ҳамқавмонаш рад шуда буд, муваффақ гардад. Зардушт дар Эронвиҷ аз Ардвисура Аноҳита хостори он шуда буд, ки Гуштосп ва ҳамсараш дини ӯро қабул кунанд. Аз ин ҷиҳат ӯ ба дарбори Гуштосп рӯ овард. Ҳамсари Гуштосп (Виштосп), ки Ҳуатоса, ки бо Зардушт аз як дудмон буд, ба дини ӯ мегарояд: «Зардушт бистуд ӯро дар канори руди Вангуҳӣ Доитиё дар Эронвиҷ ва дархост то Ҳуатосаи (аз хонадони

https://bikhon.tj

Нӯзар ва ҳамсари шоҳ Гуштосп) нек ва шарифро битавонад ба дин дароварад, то бад-он сабаб интишори оини ашӣ нерӯ ва фузунӣ ёбад. Ва ӯро эзад комёб кард».[1] – Дар фасли 2, банди 2 «Гузидаҳои Зодспарам» омадааст, ки нахустин мулоқоти Зардушт бо Аҳуромаздо ва амшоспандон дар Ориёвиҷ дар соҳили руди Доитӣ ба амал омад.

Тибқи маълумот Зардушт 10 сол дар кӯҳ гӯшанишинӣ карда, готҳо – ваҳйҳои худовандиро дарёфт намуд. Муфассирон ин ҷойгоҳро иштибоҳан кӯҳи Сиблони Озарбойҷони кунунӣ донистаанд. Тавре маълум аст, Озарбойҷон баргашти овозии Отарподгон – пойгоҳи оташхонаҳост, ки он аслан дар самти шимолии Қаракӯли кунунӣ воқеъ буд. Аз навиштаҳо маълум аст, ки Кай Хусрав буткадаи канори Чайчастро (Қаракӯл) шикаста, оташкадаи Озаргушаспро дар кӯҳи Аснаванд, дар Отарподгон бунёд мекунад. Мавҷудияти буткада дар ин минтақа, ки дорои 108 бут будааст, дар адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардида, далели воқеияти он аст[2]. Азбаски Қаракӯли кунунӣ бо Эронвиҷ – Лахшу Олой ҳамҳудуд аст, Эронвиҷро дар Отарподгон гуфта, онро иштибоҳан Озарбойҷон донистанд. Дар адабиёти авестоӣ маҳалҳои Эронвиҷ, кӯли Чайчаст, руд ва кӯҳи Даитийа ҳамҳудуд тасвир шудаанд. Тарозуи Рашн ва чакоди Даити, ки дар «Бундаҳишн» тасвир ёфтаанд, қаторкӯҳи Заалай мебошад, ки ҳамчун тири тарозу қад кашида, паллаи шимолии он қаторкӯҳи Сари айғир ва паллаи ҷанубияш қаторкӯҳи Зулумарт мебошанд. Дар ин китоб омадааст, ки вақте ҷонҳо аз бадан ҷудо мешаванд, се шаб болои сари он бадан менишинанд. Дар он се шаб девону ҳамкоронашон ба қасди он ҷонҳо бадкориҳо кунанд. Ба ин хотир се шаб болои сари он бадан оташ фурӯзон кунанд. Оташкадаҳо дар ин ҷо ба хотири он ки девон ба равонҳо зарар нарасонанд, ҳамеша фурӯзон дошта мешуданд. Тавре дида шуд, паллаи ҷанубии

[1] Разӣ Ҳ. «Авесто», с. 273.

[2] Садгуру Свами Вишну девананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Небесная Дивья Лока – Чистая страна».

https://bikhon.tj

тарозуи Рашн, ки ҷонҳо аз болои он сӯи биҳишт мераванд, яъне қаторкӯҳи Зулумарт дар самти ғарбии Қаракӯл воқеъ аст. Дар ин ҷо равонҳо ба сӯи биҳишт рӯ ба ҷануб мераванд Ҷиҳати он ки ҷонҳо ё равонҳо аз бадкории девон ва ҳамкорони ӯ эмин бошанд, дар дар самти шимолии ин қаторкӯҳ оташкадаҳо вуҷуд доштанд. Яъне оташҳо равонҳоро аз пушт аз зарари девон муҳофизат менамуданд. Аз ин рӯ ин ҷой Отарподкон ном гирифт. Зимнан бояд гуфт, ки мутобиқи бовари ориёиҳо як нӯги пули Чинвод дар болои қуллаи Доити – Арзур Грева, ки ба қуллаи собиқ Ленин – ҳоло ба номи Сино айният мегирад, гузошта шуда, нӯги дигараш дар болои Албурз (Ҳукар) қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки гӯё роҳ ба сӯи биҳишт аз нӯги ин қулла оғоз меёфт, гузошта шуда будааст.

Баъзе муфассирон навиштаанд, ки Зардушт паёми эзадиро бар фарози кӯҳи Ушдоштор ё Ушадарена (Ушедам), ки дар Систон воқеъ будааст, дарёфт кард. Дар Зомёд-яшт омадааст, ки кӯҳҳои Ушедам, Ушедарена ва риштакӯҳи Ерезифйа аз кӯҳҳои Албурз ва Заредаза рустаанд. «Авесто» мегӯяд, ки «Дувумин кӯҳ Заредаза аст, ки аз он сӯи Мануша низ ҳамаи сарзаминҳои бохтариву ховариро фаро гирифтааст». Дар «Бундаҳишн» боби 12 банди 2 омадааст: «Кӯҳи Заредаза, ки онро низ Мануш гӯянд, аз силсилаи ҷиболи Хара Березайти аст».[1] Тавре дар «Эрони гумшуда» зикр шудааст, Систони нахустин ва он ки дар адабиёти ориёӣ, аз ҷумла дар «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» зикр гардидааст, дар ҳудудҳои кунунии Бадахшон воқеъ будааст. Кӯҳи Ушедам ё Ушедарена, ки гӯё дар Систон воқеъ аст, аз риштакӯҳҳои Ерезифйи ва Заредаза рустаанд, ки он бо кӯҳи Манӯш – Тяншан айният мегирад. Яъне, кӯҳи Ушидарен метавонад номи авастоии ҳамон кӯҳе бошад, ки ҳоло бо номи Симгон ҳампаҳлуи қаторкӯҳи Фарғона аст. Ба Систон рафтани Зардушт ҳам метавонад воқеӣ бошад, зеро аз та-

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни ориёӣ», с.98.

https://bikhon.tj

риқи Лахш – Ванҷ ба кӯҳҳои соҳили кӯли Ҳомун – Яшикӯл рафтан имконпазир аст.

Соҳили руди Вангуҳи Доитиё хостгоҳ ва мавзеъи дӯстдоштаи Зардушт будааст ва аксари ниёиш ва ситоишҳои ӯ ва дигар эзадон дар соҳили ин руд сурат гирифтаанд.[1] Зардушт дар ҳамин ҷо ба паёмбарӣ расида суҳбаташ бо Худованди бузург Аҳуромаздо ва амшоспандон дар ҳамин ҷо ба амал омад.

Тавре зикр гардид, Зардушт дар хоб тарафи шимолро хоб дида буд, ки эҳтимолан Балх дар назар бошад. Зеро Балхи даврони рӯйдодҳои «Авесто» дар водии Фарғона, тақрибан дар соҳили Исфараруд, дар самти шимоли ғарбии Конибодом воқеъ буд. Дар Балх Гуштосп ва ҳамсараш ба ин дин имон меоваранд. Зардушт ба хотири густариши динаш баъдан ба Балху Хоразм сафар мекунад. Ва Хоразм низ на Хоразми кунунӣ, балки Саразм, воқеъ дар ноҳияи кунунии Панҷакент буд, ки номаш ба шакли Хоразм баргашт. Сафари Зардушт ба ин шаҳрҳо воқеӣ ва имконпазир буд.

Пас аз 35 соли нуфузи дини маздоясно Арҷосп – подшоҳи Туронзамин ба Эрон ҳуҷум мекунад. Зардушт ҳангоми ин ҷанг дар намоз аз ҷониби Тур Бродруши туронӣ дар сини 77 солагӣ кушта мешавад.

Дар водиҳои Лахш ва Олой бо нуфузи забони дигар аксари номҳои пешин аз байн рафтанд. Сарфи назар аз ин ҳол боз ҳам деҳаҳои Қарамик (Ҳара муғ – Кӯҳи Муғ) дарёи Муксу (Муғсу) мавзеъҳои Роҳи Мук (Муғ), Ҷӯйбори Муғ, деҳаи Муғ боқӣ мондаанд, ки бозмондаи даврони Зардушт будаанд…

Инак воқеияти зодгоҳ ва ҷуғрофиёи зиндагии паёмбари ориёиҳо, ки зиёда аз се ҳазор сол пеш арзи ҳастӣ карда буд, ҳамин аст…

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёиҳо», чопи дуввум, Теҳрон, 1374, с124.

https://bikhon.tj

СИСТОН

Аз адабиёти гуногуни марбут ба рӯйдодҳои даврони «Авесто» мушоҳида мегардад, ки маҳалҳое бо номҳои Зобул, Систон, Нимрӯз ва Ҳирманд айни як ном ва дар як минтақа вуҷуд дошта будаанд. Хусусан, дар «Шоҳнома» Зобул – Систон – Нимрӯз ва Ҳирманд ҳамчун як мавқеияти ҷуғрофӣ ифода гардидаанд. Тибқи мушоҳидоте, ки баъдан пешниҳод хоҳанд шуд, Системи нахустин дар Бадахшон воқеъ гашта буд.

Тавре дар мақолаҳои қаблӣ зикр шуда буд, мувофиқи таъйиноти самтҳо дар адабиёти ориёҳиндӣ мулкҳои ҷануб – соҳилҳои дарёи Панҷ ба Йамуна – Йима – Ҷамшед мансуб буданд. Ва ҳамчуноне зикр шуда буд, зодгоҳи Ҷамшед водии Фарғона ба шумор мерафт. Дар бораи муҳоҷирати Ҷамшед бо қисмате аз табааи худ аз водии Фарғона ба соҳилҳои шимолии дарёи Панҷ дар «Авесто» омадааст, ки вай се бор ба сӯи Нимрӯз фароз шуда, заминро шикофтааст: «-Эй Ҷами ҳурчеҳр, писари Вивангаҳон! Ин замин шуд ва бар ҳам омад аз рамаҳову сутурону мардумону сагону парандагону оташони сурхи сӯзон ва рамаҳову сутурону мардумон бар ин (замин) ҷой наёбанд.Он гоҳ Ҷам ба равшанӣ, ба сӯи Нимрӯз, ба роҳи хуршед фароз рафт. Ӯ ин заминро бо сувраи заррин барсуфт ва ба аштра бишефту чунин гуфт: – Эй Спандармад! Ба меҳрубонӣ фароз рав ва беш фарох шав, ки рамаву сутурону мардумонро бартобӣ!»[1]

Дар соҳилҳои дарёи кунуниии Панҷ бо номи Ҷамшед чандин номи маҳал то кунун боқӣ мондаанд. Ҷамак, Йимтс, Йамг, Йамчун, Юмгон ва ғайра дар ин шумор қарор доранд. Аксаран донишмандон ҳоло ноҳияи Дашти Ҷум (Ҷам)-ро низ аз номи Ҷам – Ҷамшед тасмия медонанд.

Далели дигаре иртиботи Ҷамшед ба Систон ва Нимрӯз он

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 426.

https://bikhon.tj

аст, ки баъди муҳоҷирати ориёиҳо, сокинони Систони кунунӣ, ки дар қисмати шарқи ҷанубии Эрони кунунӣ дубора номгузорӣ шуда буд, то замонҳои мо худро ҷамшедӣ меноманд. Хаников гуфтааст, ки: «Тавре ривоёти ҷамшедиҳо ҳокист, онҳо Систонро дар замони Кайониҳо, яъне то аз ин сарзамин рафтани зуриҳо тарк карда будаанд, аммо аз умумияти қавмӣ бо онҳо ҳанӯз ҳам огоҳӣ доранд. Ҷамшедиҳо тоҷиконро сокинони аслии ин сарзамин мешуморанд, ки онҳо соҳибони мулкҳое мебошанд, ки ҳоло ҷамшедиҳо дар он сукунат доранд».[1] Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки систониҳо ҳарчанд муҳоҷират ва Систони нахустинро аз ёд бурда бошанд, ҳам муносибати қавмии худро бо Ҷамшед дар ёд дошта будаанд.[2]

Зимнан бояд гуфт, ки баъзе донишмандон чунин назар доранд, ки тоифаҳои сокоӣ дар асрҳои 2 то солшуморӣ дар минтақаҳои кунунии Систон сокин шуда, онро Сакастон номида буданд. Вале тавре маълум аст, сокоиҳо аз оғози асри 8 то солшуморӣ аз ҳудудҳои Тошканду Алмаатои кунунӣ ба минтақаҳои Урал, соҳилҳои Баҳри Сиёҳ, бисёр қисматҳои Аврупо ҳаракат намуда, баъд ба воситаи Кавказ ба Эрон ва Осиёи Пеш лашкаркашӣ кардаанд. Онҳо ҳарчанд аз нажоди ориёӣ (ҳамзабону ҳамхуни ориёиҳо – М.Ҳ.) буданд, вале дар тайи 700-800 соли ҳаракатҳояшон дар сарзамини кунунии славянӣ ва Аврупо мушкил буд, ки ҳувияти ориёӣ-эронӣ-форсиашон барҷой монад. Ҳол он ки систониҳои асрҳои охири то солшуморӣ ва асрҳои аввали солшуморӣ дар ташаккули давлатҳои соф ориёӣ-форсӣ саҳми бузурге гузошта будаанд. Дар ин бора боз ҳам Хаников гуфтааст: «Систон агарчи гаҳвораи миллати форс набуд ҳам, ҳадди ақал онро ҳамчун саҳнае бояд дар назар дошт, ки

[1] Хаников.Н. «Экспедиция в Хорасан». М. «Наука». 1973.

[2] Номи қавми дигари ин минтақа «зӯрӣ»-ҳо низ, ба гумони ин муаллиф, аз номи тоифаи орёҳиндӣ «сур»-ҳо (муқобилони «асур»-ҳо) баргашт шуда, аз қадимият ва мансубияти минтақавӣ-осиёимиёнагии ин номҳо дарак медиҳад.

https://bikhon.tj

дар он даврони қаҳрамониҳои ин миллат ба вуқӯъ омада будааст. Ҳатто дар даврони хеле баъдтар, дар замони Ашкониҳо сарфи назар аз афзалияти миллии ду тоифаи бузург – ҷамшедиҳо ва зӯриҳо дар ин ҷо он нерӯе вуҷуд дошт, ки вай ба чунин дараҷаи пайдоиш ва инкишофи назҳати ватанхоҳие оварда расонд, ки дар натиҷа намояндагони сулолаи Сосониҳо ба сари ҳукумат омаданд».[1] Бар илова аз ин, бояд гуфт, ки агар Систон дар асри II то солшуморӣ номгузорӣ мегардид, вай дар асарҳои таърихии ба истилоҳ «авесто»-й, ҳамчунин дар «Шоҳнома», ки рӯйдодҳои он дар замони хеле барвақт аз асри II то солшуморӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, ёдоварӣ намегардид.

Ин тазаккурот ва дигар ҳолатҳо далолат менамоянд, ки Системи кунунӣ ҷойгоҳи аслии рӯйдодҳои «Авесто»-ву «Шоҳнома» набуда, номи кӯчидаи Систон аст, ки он бо ҳамин ном дар Бадахшони Тоҷикистон вуҷуд дорад.[2] Масъалаи дар дигар мавқеият ҷой доштани Системи дигар олимон низ тахмин кардаанд. Масалан муҳаққиқи фақиди тоҷик Ҳ. Муминҷонов гуфтааст, ки: «...Ватани бузургтарин паҳлавонони эпикии адабиёти классики тоҷик – Гаршосп, Сом, Зол, Рустам ва дигарон Системи муосир набуда, дар ҷои дигаре қарор доштааст».[3] Ин муҳаққиқ аз қавли Ричард Фрай овардааст, ки «Номи Сакистон ё Системи муосир, ки дар ҷануби Афғонистон ва ҷануб шарқии Эрон қарор дорад ва номи Кашмир, ки имрӯз дар бахши шимоли Ҳинд ҷойгир шудааст, дар натиҷаи ҳаракати охирини ориёиҳо, ки дар нимаи дуюми ҳазораи охирини пеш аз мелод сурат гирифт, ба ин минтақаҳо бурда шудааст».[4]

[1] Хаников Н.В. «Экспедиция в Хорасан». М. «Наука». 1973.
[2] Ҳоло дар Бадахшони Тоҷикистон маҳалле бо номи Сист вуҷуд дорад, ки дар сурати мисли дигар номҳои кӯчида ба он илова намудани пасванди мансуб ба қавму маҳал –он шакли Системи мегирад.
[3] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ», с. 104.
[4] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ», с. 30. (Фрай Р. Наследия Ирана.М.-1972, с.76).

https://bikhon.tj

Систон дар адабиёти «авесто»-ӣ зиёд мавриди ёдоварӣ қарор гирифтааст. Ин ёдовариҳо ҳангоми таъйини номҳои кӯҳу дарёҳо бештар ба назар расидааст. Қабл аз он ки дар ин боб сухан равад, бояд зикр кард, ки ориёэрониҳо ҳангоми муҳоҷират аз нахустмеҳанашон ба минтақаҳои кунунии Афғонистон, Эрон ва Озарбойҷон ва минтақаҳои ҳамҷавор «Авесто», «Бундаҳишн», «Ёдгори Зарирон» ва дигар адабиёти, ба истилоҳ, «Авесто»-иро низ ҳамроҳ ба худ ба он манотиқ бурданд. Нахустмеҳани онҳо аз ҷониби турониён – мухолифони ашаддии ойини зардуштӣ тасаллут шуд. Турониён номҳои муқаддаси марбут ба ойини зардуштиро дар қаламрави тасаллутнамудаашон бо номҳои дигар иваз намуданд. Ҳамин тариқ, оҳиста-оҳиста дар ин минтақаҳо номҳои ҷуғрофии дар «Авесто» ва дигар адабиёти марбути ойини зардуштӣ зикршуда фаромӯш шуд. Сарзамини аслӣ ва нахустмеҳани ориёэрониҳо бо номи кишварҳои Турон муаррифӣ шуд. Вале дар ёди мардум инҷову он ҷо номи рӯде ё кӯҳе ба шакли асл боқӣ монд.

Ҳангоме Доро ойини зардуштиро дубора дар нахустмеҳани ориёэрониҳо ва минтақаҳои бештари ҳамҷавори он густариш дод, тамоми шонздаҳ сарзамини дар «Авесто» зикршуда, аз ҷумла Аирйана Ваеҷа, кӯҳи Ҳара Баразайт, дарёи Ворукаша ва дигар кӯҳу дарёҳо, ҳафт кишвар, аз ҷумла Хуросон ва бисёр номҳо, ки ҳама дар соҳилҳои рости руди Ому воқеъ буданд, аз ёдҳо рафта, он мавқеиятҳо бо номи сарзамини Турон муаррифӣ шуданд. Инак тақрибан се ҳазор сол аст, ки меҳани аслии «авесто»-ӣ аз ёд рафта, роҷеъ ба вуҷудияти он ҳамагӣ якчанд ишораҳои умумӣ вуҷуд дораду халос.

Ва аммо баъди фосилаи тӯлонии номуайянӣ пас аз муҳоҷирати ориёэрониҳо ба минтақаҳои нав ойини зардуштӣ дубора ойини шоҳӣ-давлатӣ гардид ва, хусусан, Доро онро дар минтақаҳои васеътаре густариш дод. Тавре дар баъзе адабиёт омадааст, сар аз даврони Доро шоҳони сосонӣ аз муғону мубадон тақозо намуданд, ки айнияти номҳои дар

https://bikhon.tj

«Авесто» ва дигар адабиёт зикргардидаро муайян намоянд. Аз ин ҷост, ки ҳар кӯҳу дарёе, ки ба ҷуғрофияи «Авесто», «Бундаҳишн» ва ғайра андаке шабеҳият дошт, ба он номҳо айният дода шуд. Ҷуғрофияи «Авесто» ва «Бундаҳишн» дар сарзаминҳои кунунии Эрону Афғонистон Озарбойҷон ва баъзе кишварҳои арабӣ ба таври пароканда татбиқ карда шуд. Ва баъдҳо чун маълум гардид, ки чунин айниятдиҳиҳо бо ҷуғрофияи «Авесто»-ву «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти таърихии ориёэронӣ мувофиқат намекунанд, ба ин китобҳо аз ҷониби котибҳо баъзе таҳрирот низ ворид гардид. Ва дар китобҳои мазкур роҷеъ ба ҷуғрофияи сукунатгоҳи ориёэрониҳо тасвироти ғайриаслие ба вуҷуд омад.

Ҳамин тариқ, сарзаминҳои нахустини Зобул-Систон-Нимрӯз-Ҳирманд низ, ки аслан минтақаҳои ҷанубии кунунии Тоҷикистон буданд, баъди муҳоҷират дар ҳудудҳои кунунии Афғонистон ва Эрон дар минтақаҳои алоҳидае номгузорӣ гардиданд.

Мавҷудияти як силсила кӯҳҳои ба навиштаҳои номаҳои ориёӣ мувофиқ далели саҳеҳии он айниятҳоянд, ки дар ин минтақаҳо вуҷуд доранд. Яке аз чунин кӯҳҳо кӯҳи Апарсаин аст. Муҳаққиқон маънои онро «болотар аз парвози Симурғ (саена) гуфтаанд. Дар «Бундаҳишн» дар ин бора омадааст. «Инро низ гӯяд, ки ҷуз Албурз Абурсаин кӯҳ бошад, ки Абарсаин хонда шавад, бузургтарин аст, кӯҳи ҳама Порт аст. Буни ӯ ба Систон ва сараш ба Чинистон аст. Теғаи ӯ низ ба Хуросон аст».[1] Дар «Бундаҳишн» ва дигар асарҳо дар бораи як силсила кӯҳҳое маълумот дода шудааст, ки дар Систон воқеъ буда, қисме аз онҳо бо Абарсин пайваст будаанд. «...Доводкӯҳ, ки ба Систон аст, ҳам аз Абарсинкӯҳ аст. Кӯҳи Ушдоштар ба Систон аст. Кадарвасп кӯҳест ба Тӯсшаҳр, ки дарёчаи Субар бар сари он аст, дар Тус аст. Дар Систон аст. Бунчашмаи он ба Фарохкард пайваста аст. Но-

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.73.

https://bikhon.tj

ми яке аз кӯҳҳои дигар дар Систон Ушадарена – Ушедам будааст, ки донишмандон маънои онро «дорандаи рӯшноӣ» гуфтаанд. Ба навиштаи «Бундаҳишн» Зардушт бар фарози он паёми изадиро дарёфт кард. Дар гузоришҳои паҳлавӣ ин ном ба гунаи Ушдаштор омада, ки маънои он Ҳушбахш аст. Яке аз кӯҳҳои дигар, ки дар Зомяшт, банди 5 мавқеияташ дар назди кӯли Ҳомун (дарёи Ому) зикр шудааст, кӯҳи Аурна ном дошта, маънои он «Кӯҳи Худо» будааст. Ин кӯҳҳо бешубҳа кӯҳҳое ҳастанд, ки дар самти шарқ ва шарқи ҷанубии Бадахшон ҷой доранд. Аз ҷумла, кӯҳи Кадарвасп шояд кӯҳе дар Кудара, Ушадарена (Ушедам) яке аз кӯҳҳои назди кӯли Суман (Яшилкӯл) будаанд.

Кӯҳи Абарсаин яке аз кӯҳҳои бузург аст, ки як сари ӯ ба Систон ва теғаи ӯ ба Хуросон будааст. Ин кӯҳ бегумон шохаҳое аз қаторӯҳҳои Тяншан, Фарғона ва Сарикӯл мебошанд, ки ба навиштаҷоти номаҳои ориё мувофиқат менамояд. Ҳамин аст, ки Ҳилмандруд дар Систон (руди Аличур) ва Марврут (руди Мурғоб) аз Апарсаин ҷорӣ мешаванд. Чунин мувофиқ омадани айниятҳои мазкур ба ҷуз ҳамин минтақа дар ҷои дигар имкон надорад.

Ҳирманд – номи сарзамини ёздаҳум дар «Авесто», водии дарёи Ҳирманд будааст. Дар бораи Ҳирманд ва мавқеияти он дар Систон – Бадахшон дар боби «Ҳирманд» батафсил сухан рафтааст. Дар «Шоҳнома» Ҳирманд ҳамчун руде номбар карда шуда, дар муносибат бо Рустам борҳо мавриди ёдоварӣ қарор гирифтааст.

Яке аз нишониҳои муҳими Систон ин кӯл (дарёча)-и Каёнсийа – Ҳомун мебошад, ки он низ номи кӯчидаи кӯли Суман (Яшикӯл) воқеъ дар Бадахшони кунунӣ ва ҳашт руде, мебошад, ки ба он мерезанд.[1]

Дар «Авесто» аз рудҳои Ҳирманд ва Зарнумайитӣ, зиёд ёдоварӣ шудааст. Дар навиштаҳои ориёӣ омадааст, ки Афро-

[1] Дар борраи ин кӯл дар боби Каёнсийа – Ҳомун сухан муфассал рафтааст. (М.Ҳ.)

https://bikhon.tj

сиёб ҳангоми дар эронзамин подшоҳ шуданаш самти ҷараёни чанде аз рудҳоро дигар кард. Меҳрдоди Баҳор менависад, ки «Руди Ватаенӣ бино ба «Бундаҳишн» номи руде аст дар Систон, ки ба дарёи Киёнса мерехтааст ва Афросиёб онро лагадкӯб карда,аз миён бурд. Ва дар даврони Увшидар аз нав ҷараён ёбад».[1] Дар бораи Афросиёб гӯяд, ки дар дарёи Киёнса як ҳазор чашмаи обро, чи бузургу чи кӯчак ба баландии асб, ба баландии шутур, ба баландии гов ва ба баландии ҳазор... поймол карду дар ҳамон дарё, чашмаи Заровмандро, ки (ҷуз) Ҳилманд руди Тафт аст, поймол кард. Дигар Ватаенируду шаш оби Ноуруро дар ҳамон дарё поймол кард ва мардуми нишондаро берун кард. Ин ҷо агар ба мавқеияти кӯли Суман (Яшилкӯл) таваҷҷуҳ карда шавад, тахмин мегардад, ки шояд Афросиёб ҷараёни чанд рудро ба сӯи Булункӯл равон карда бошад. Афросиёб дар ин минтақа руди Новток – шохоби дарёи Мурғобро (– 40 км. ҷанубӣ ғарбии шаҳраки Мурғоб дар даҳанаи Куртексой[2]) низ дигар карда буд. Тавре дар мақолаҳои пешин гуфта шуд, мувофиқи маълумоти аксари китобҳои динии зардуштӣ растохез дар Канҳа, Гупат, дашти Пишонса ва атрофи руди Новток оғоз мешавад.

Яке аз кӯлҳои Систон Фраздон ё Фараздану ном доштаааст, ки тибқи таҳлилот ба Рангкӯл – дар самти шарқии Бадахшон айният мегирад. Дар «Бундаҳишн» дар ин мавзӯъ омадааст. «Дарёчаи Фраздон дар Систон аст. Гӯянд, ки марди парҳезгор, ки чизе ба-д-ӯ афканад, бипазирад. Агар парҳезгор нест, боз ба берун афканад. Сарчашмаи он ба Фарохкард пайваста аст».[3] Дарёчаи Фраздон, яъне Рангкӯл, воқеъ дар минтақаи Бадахшон, ба дарёи Фарохкард – Ворукаша – Панҷи кунунӣ бешак метавонист пайваст бошад. Гаршосп дар канори он аз эзадбону Аредвисура Аноҳито

[1] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 199.
[2] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 76.
[3] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 9.

https://bikhon.tj

хостори пирӯзӣ мешавад. Гаршосп, ки ҷойгоҳаш соҳили кӯли Пишина – яъне Чатиркӯли кунунӣ буд, ба осонӣ метавонист ба назди кӯли Фраздон омада, дар канори он аз эзадбону Аредвисура Аноҳито хостори пирӯзӣ шавад. Мувофиқи маълумоти «Ёдгори Зарирон» ҷанги Гуштосп бо Арҷосп дар соҳили кӯли Фраздон (Фрездону) ба амал омада будааст. Зарир, бародари Кай Гуштосп Арҷоспро ба ҷанги сеюм ба майдони Хутос ва Марви Зардуштон ба соҳили кӯли Фрездона даъват намуда буд.[1]

Систон дар давоми солиёни дароз ҳамчун шоҳигарии алоҳида дар тобеияти Эроншаҳр вуҷуд дошт, ки ҳокимони он Рустам ва падару бобоёни ӯ буданд. Рустам ҳамеша аз ин ҷо бо даъвати шоҳони эронӣ ба ҷанги зидди душманон бармехост. Вақте Шоҳ Ковус дар Ҳомоварон (Ҳисори кунунӣ) дар асорат афтод ва Афросиёб ба Эрон ҳамлавар шуд, Рустам аз роҳи Бадахшон – Хатлон ба Ҳомоварон омада, Ковусро озод намуд ва пас Афросиёбро дар соҳили руди Авал дар Испаҳон (Испана ва руди Авал ҳоло низ дар водии Фарғона бо ҳамин номҳо вуҷуд доранд[2] – М.Ҳ.) мағлуб намуд.

В. Бартолд халқҳои ҳамсояи хоразмиҳоро дар иқтибоси Ҳеродот шарҳ дода, дар поварақ, аз ҷумла доир ба сарангиҳо навиштааст: «Сарангҳо (форсии қадим *зранкҳо*) сокинони Систон, ки пойтахташ ҳанӯз дар асрҳои миёна Заранҷ ном дошт, чунин номида мешуданд. Эҳтимол аст, ки дар замони Ҳеродот ҳамин халқ **қадре шимолтар сукунат дошт**».[3]

---

[1] Муминҷонов Ҳ., «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Душанбе, 2004, с.51.

[2] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон»: «Рустам аз Систон (сипоҳ баркашид) ва Ҳомоворонро гирифт, Ковус ва дигар эрониёнро аз банд кушуд. Бо Афросиёб дар Авваларудбор, ки Сипоҳон хонанд, корзоре нав кард».

[3] Ҳамон ҷо, с. 25.

https://bikhon.tj

ЗОБУЛ, ЗОБУЛИСТОН

Зобул дар «Авесто» зикр нагардидааст. Ҷамбу, ки Зобул аз он баргашт шудааст, ҳамчун яке аз номҳои муқаддаси ойини ориёҳиндӣ ба шумор мерафт.

Дар «Шоҳнома» нисбати ҷойгоҳи Албурзкӯҳ, Эрон, Зобул таъйиноти аниқе дода намешавад. Ҳаким Фирдавсӣ мабнӣ бар сарчашмаҳои қадим Албурз ва Ҳинд, ҳамчунин Зобул, Систон ва Нимрӯзро дар як ҳудуд ва ё мавқеиятҳои ҳамҷавор тасвир менамояд. Зобул дар «Шоҳнома» бори нахуст он гоҳ зикр мешавад, ки Сом Манучеҳрро аз пайдо шудани писараш Золи Зар огоҳӣ медиҳад. «Зи Зобул ба шоҳ омад ин огоҳӣ» – ва дигар тафсилоте вуҷуд надорад. Шоҳ Манучеҳр писараш Нузарро барои табрики Сом ба Зобул мефиристад. Сом ва Зол ҳамроҳи шоҳ Нузар ба дидори Манучеҳр меоянд. Вале боз ҳам роҷеъ ба мавқеияти Зобул ва ҷойгоҳи Манучеҳр чизе маълум намешавад. Ҳангоми бозгашт Сом ва Зол ба сарзамине меоянд, ки бо се ном – Зобул – Нимрӯз – Систон ёд мешавад.

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Назора бар ӯ бар ҳама шаҳру кӯй.
Чу омад ба наздикии Нимрӯз,
Хабар шуд зи солори гетифурӯз.
Биёроста Систон чун биҳишт,
Гилаш мушки соро буду зар-ш хишт.

Дар ин байтҳо ягонагии се ном ошкор мегардад.

Аксар вақт шоҳони эронӣ паҳлавонон Сом, Зол ва Рустамро ба сӯи хонаашон ду манзил, ки дурӯза роҳ аст, гусел менамуданд. Боре ҳангоме, ки Сом Золро ба подшоҳии Зобул гузошта, худ азми Гургсорону Мозандарон мекунад, Зол низ бо ӯ ду манзил – тақрибан 60 км. ба гусел мебарояд.

https://bikhon.tj

Бишуд Зол бо ӯ ду манзил ба роҳ,
Ба-д-он то падар чун гузорад сипоҳ.

Вақте Гев ва Рустам аз Зобул бо даъвати Кай Хусрав сӯи Эрон меоянд, аз миёни роҳ Гев пештар ҳаракат карда, шоҳро аз омадани Рустам огоҳ месозад. Вай ба назди шоҳ омада мегӯяд:

Ки ман омадам аз ду манзил ба пеш,
Ба огоҳ кардан суи шоҳи хеш.

Миёни Зобул (Систон, Нимрӯз) ва Эрон ҳафтрӯза яъне 280-300 километр аст. Боре ҳангоме, ки Кай Хусрав мехост тарки дунё кунад, эрониён ба назди Золу Рустам рафта, хоҳиш мекунад, ки онҳо шоҳро аз ин нияташ гардонанд. Золу Рустам бо шитоб дар шаш рӯз аз Зобул ба Эрон мерасанд.

Шашум ҳафтаро Золу Рустам ба ҳам
Расиданд бе кому дил пур зи ғам.
Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Ҳама доғдил пеш биштофтанд.

Ин масофа нисбати айнияти Эрон – ба Лахшу Олой ё ҷануби водии Фарғона ва Зобул – Бадахшон мувофиқ меояд, ки тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад. Хеле имкон дорад, ки ин масофа дар нусхаҳои аслии қиссаву ривоятҳо ҳамчун масофаи миёни Эрону Зобул омада, дар «Шоҳнома» низ он масофа айнан зикр гардида бошад. Масофаи миёни минтақаҳои Эрон ва Систон – Зобул – Нимрӯз аз роҳҳои кӯҳии мустақим тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад.

Ҳангоми дар Зобул меҳмон будани Гуштосп Арҷосп ба Балх ҳуҷум мекунад. Ҳамсари Гуштосп либоси туркӣ ба бар карда, савори асп тозон роҳи Систонро пеш мегирад.

https://bikhon.tj

Аз охур чамон борае бар нишаст,
Ба кирдори туркон миёнро бубаст.
Аз айвон раҳи Систон баргирифт,
В-аз он корҳо монда андар шигифт.
Нахуфтӣ ба манзил чу бардоштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ.

Дар ин пора иқтибос низ тахминан масофаи миёни Эрон ва Систон – Зобул таъйин гашта, масофаи зикршударо тасдиқ менамояд.

Дар як ҷанги эрониён ва турониён, ки шикасти эрониён наздик аст, лашкариёни эронӣ ба афсӯс мегӯянд:

Таҳамтан ба Зобулситон асту Зол
Шавад шаҳри Эрон кунун толу мол.

Яъне масофаи миёни Эрон ва Зобул тавре гуфта шуд, як ҳафтаина роҳ буд ва рафту омад ду ҳафтаро дар бар мегирифт ва аз ин рӯ ташвиши эрониёнро фаҳмидан мумкин буд. Тавре дар рисолаи «Канобад (Конибодом) ва Райбад (Работ) дар «Шоҳнома»[1] зикр шудааст, аз Канобад – Конибодом ба самти шарқии Фарғона дар масофаи ҳафтрӯза роҳи савораи асп пойтахти Эрон воқеъ шуда буд, ки Кай Хусрав дар он шаҳр менишаст. Инак аз яке маҳалҳои минтақаи Бадахшон дар масофаи ҳафтрӯза роҳи савори асп ҳаракатро таъйин карда, дар нуқтаи бархӯрди ин ду масофа пойтахти шоҳнишини Эронро дарёфтан мумкин аст, ки он дар водиҳои Лахшу Олой ва ё шарқи ҷануби водии Фарғона воқеъ хоҳад буд.

Ҳумон яке аз паҳлавонони туронӣ, ки ба назараш ғалаба наздик расидааст, лоф мезанад, ки сипоҳашро ба се гурӯҳ тақсим карда, чаҳор мулки асосии эрониён – Балх (воқеъ

[1] Ҳотам М. «Канобад (Конибодом) ва Райбад (Работ) дар «Шоҳнома», нашриёти «Илҳом». Конибодом, 2004.

https://bikhon.tj

дар ғарби ҷанубии водии Фарғона), Кобул (шарқи қаторкӯҳи Фарғона), Зобул (Бадахшон) ва Эронро (водиҳои Фарғонаву Олой) ба замин яксон мекунад:

Ба се баҳра ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ.
Яке баҳра з-эшон фиристам ба Балх,
Бар эрониён – бар кунам рӯз талх.
Дигар баҳра – бар сӯи Кобулситон,
Ба Кобул кашам хоки Зобулситон.
Саввум баҳра бар сӯи Эрон барам,
Зи туркон бузургону шерон барам.

Ҳангоме Бежан ба дасти турониён ба асорат меафтад, боз ҳам Рустам бо даъвати шоҳи Эрон барои озод кардани ӯ ба Турон мешитобад. Рустам, ки ба сифати бозаргон тағйири либос карда буд, ба Манижа мегӯяд, ки ба Бежан бирасон, ки ӯ (яъне Рустам):

Зи Зобул ба Эрон, зи Эрон ба Тур
Зи баҳри ту паймуд ин роҳи дур.

Ин хатти ҳаракати Рустам ба шакли зайл сурат мегирад: Зобул (Бадахшон) – Эрон (Лахшу Олой) – Турон (қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Тяншан). Хати ҳаракати мазкур як хати ҳаракати росту мустақим аст. Онро дар дигар маҳал татбиқ намудан имкон надорад. Агар ин ҳаракати Рустам аз Зобули кунунӣ дар Афғонистон ба Эрон ва баъд ба Турон сурат гирад, бояд роҳи давродавр тай карда шавад. Ин хати ҳаракатро низ худи Ҳаким Фирдавсӣ эҷод карда наметавонист, ӯ онро дар асоси навиштаҳои номаҳои бостон тасвир намудааст. Ва агар ӯ Эрони кунуниро дар назар медошт, хати ҳаракати Рустамро аз Зобули кунунӣ ба самти ғарб ва аз он ҷо дубора ба самти шарқ тасвир намекард. Вале азбаски дар

https://bikhon.tj

сарчашмаҳои бостон ҳамин хати ҳаракат нишон дода шуда буд, ӯ низ онро бетағйир истифода намудааст.

Ҳамчунин дар таъйини мавқеияти Систон-Зобул-Нимрӯз ва тасдиқи шахсияти воқеӣ-таърихии Рустам муайян намудани ду кишвари ба ин минтақа ҳамҷавор – Ҳинд ва Ҳомоварон нақши равшан мебозад. Дар мақолаи «Ҳинд»[1] батафсил тазаккур рафтааст, ки Ҳинд – Бҳаратаи замони ориёҳиндуҳо ва ориёэрониҳо қисматҳои ҷанубии Бадахшони кунунӣ будааст.

Мувофиқи тазаккуроти «Шоҳнома» Ҳинд ҳангоми тақсимоти сарзаминҳо миёни писарони Фаридун ба Тур дода шуда буд. Аммо дар «Таърихи Систон» омадааст, ки Ҳинд ба Эраҷ дода шуда буд, ки ин гуфта бояд дуруст бошад. Дар ҳар сурат Ҳинд дар «Шоҳнома», «Таърихи Систон» ва дигар асарҳои марбут ба таърихи ориёэрониҳо ҳамин Бадахшони кунунист. Ҳинд (Бадахшон) ва Зобул-Систон-Нимрӯз (минтақаи Бадахшон)-ро дар ҳамҷаворӣ гузошта, бисёр лаҳзаҳои норавшани адабиёти ориёҳиндиро ҳал кардан муяссар мегардад. Масалан, дар «Авесто» ин кишвар чунин ёдоварӣ гардидааст: «Он гоҳ меҳ аз он сӯи Ҳинд, аз кӯҳе, ки дар миёни дарёи Фарохкарт ҷой дорад, бархезад».[2] Ҳамчунин дар «Бундаҳишн» омадааст. «Дар дин гӯяд, ки дарёи Фарохкард ба ноҳияти Нимрӯз канораи Албурз аст, ки як саввуми ин заминро дар бар дорад…» Агар тибқи мисолҳои болоӣ ва мувофиқи ҷуғрофияи имрӯза кишвари Ҳиндустон, дарёи Фарохкарт, кӯҳи Албурз ва ноҳияти Нимрӯзро дар ҳамҷаворӣ биҷӯем, аз пайдо кардани чунин ҷуғрофия ноумед шуда, онро ҳамчун «тасаввуроти ориёэрониҳо» ё «ҷуғрофияи асотирӣ» маънидод мекунем. Вале агар Ҳиндро дар шарқи ҷанубии Бадахшон, Албурзро кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ, қисмате аз дарёи Фарохкартро дарёи Панҷ ва Нимрӯзро ҳамчун минтақаи Кӯлобу

[1] «Адабиёт ва санъат», ҳафтавор, март.с.2003.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 241.

https://bikhon.tj

Бадахшони кунунӣ бишиносем, воқеияти иқтибосот аз «Авесто» ва «Бундаҳишн» ошкор мегардад.

Дар «Таърихи Систон» омадааст, ки «Афросиёб гурез гирифт ва ба сӯи Чин шуд ва аз он ҷо ба Ҳиндустон омад ва аз он ҷо ба Систон омад…» Дар ин мисол низ хати гурези Афросиёб – Чин (ғарби Хитой) – Ҳиндустон (шарқи ҷанубии Бадахшон) – Систон (Бадахшон) воқеӣ ва имконпазир хоҳад буд.

Мутаассифона, ҷуғрофияи рӯйдодҳо ва кишварҳои «Шоҳнома» ва дигар адабиёти ориёэронӣ то кунун саҳеҳ омӯхта нашудааст ва он чи ки дар ин боб чанде донишмандон изҳори назар кардаанд, на ҳамеша ба воқеият баробар меояд. Онҳо аксаран Туронро дар сарзаминҳои соҳилҳои рости Амударё ва Эронро дар соҳилҳои чапи ин руд гуфтаанд. Аммо сарзаминҳои эрониву туронӣ дар мавқеияти нав – минтақаҳои кунунии шарқи Осиёи Миёна ба таври воқеӣ зоҳир мегарданд.

Дар «Шоҳнома» дар иртиботи ҷойгиршавии Зобул дар нисбати дигар кишварҳо бисёр лаҳзаҳое оварда шудаанд, ки воқеияти рӯйдодҳои ин шоҳасарро таъйид менамояд. Масалан, вақте эрониён дар як ҷанг дар Сорӣ (ҳоло Сарой назди вилояти Намангон, водии Фарғона), ки Омул (ин ҳамон Ом ва Гом аст, ки дар «Бундаҳишн» аз назди он гузаштани руди Аранг – Сир ишора шудааст) дар назди он воқеъ буд, ба турониён асир меафтанд, Ағрирас барои баҳонаи халосии онҳо аз Эрон омадани Рустам ва ё дигар ҷангиёнро тақозо мекунад.

Гар эдун, ки Дастон шавад тезчанг,
Яке лашкар орад бари мо ба ҷанг.
Чу орад ба наздики Сорӣ рама,
Бад-эшон супорам шуморо ҳама.
Бипардозам Омул, наёям ба ҷанг,
Сарамро зи ном андарорам ба нанг».

https://bikhon.tj

Вақте Кашвод бо ҷангиёнаш ба Сорӣ наздик мешавад, Ағрирас ба Омул ақибнишинӣ карда, аз руди Сир ба Рай (Райбад, ҳоло Работ, назди Конибодом) мегузарад:

Гаронмоя Ағрираси некпай
Сипаҳро зи Омул гузорад ба Рай.

Кашвод асирони эрониро аз Сорӣ ва Омул ба Зобул мебарад. Чунин лаҳзаҳои воқеӣ дар нисбати Зобул дар «Шоҳнома» бисёранд.

ҲИНД ДАР «ШОҲНОМА»

Бисёр олимони таърихи ориёиҳо[1] чунин назар доранд, ки «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар асоси қиссаву ривояти мардуми ориёинажоди Осиёи Миёна ва, хоса сокинони қисмати шарқии он эҷод гардидааст. «Авесто», «Бундаҳишн», «Ёдгори Зарирон» ва бисёр адабиёти дигар, ки то имрӯз боқӣ мондаанд ва чандин асарҳои дигаре, ки гумон меравад, то замони эҷоди «Шоҳнома» вуҷуд дошта, баъдҳо, мутаассифона, аз байн рафтаанд, асоси комили ин шоҳасарро ташкил додаанд. Он гуна ки ҷойгоҳи вуқӯъи ҳодисаву воқеаҳои адабиёти ориёҳиндӣ «Ригведа», «Маҳабҳарата», «Рамаяна» ва ғайра сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон, водии Фарғона ва қисматҳои ғарбии Чин будаанд, ҳамон гуна ҷойгоҳи рӯйдодҳои адабиёти ориёэронӣ низ ҳамин минтақаҳо ба шумор мерафтаанд. Чуноне ки Б. Ғафуров изҳор доштааст, «…ҳам маълумотҳои археологӣ, ҳам далелҳои таърихию забоншиносӣ аз Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб, ба Ҳиндустон, Афғонистон ва зоҳиран, Эрон нуфуз кардани гурӯҳҳои мухталифи ориёӣ (аввал аксаран ҳинду-

[1] Ғафуров Б. «Тоҷикон», Куеҷӣ Ҷ.С. «Ойин ва афсонаҳои Эрон ва Чини бостон» ва дигарон.

https://bikhon.tj

эронӣ, баъдтар эронӣ)-ро исбот менамоянд».[1] Аз тарафи ин олим баъдан маҳалҳои мушаххастари муҳоҷират аз «…ноҳияҳои Фарғона вавилоятҳои ҳамсояи он»[2] таъйин гардидааст. Қиссаву ривоятҳои ориёҳиндуҳои муҳоҷир низ қисмате ба Ҳинд ва баъдан қисмате ба Эрон ва минтақаҳои дигар бо соҳибонашон муҳоҷират намуда, ҳамчунин мисли соҳибонашон бо гузашти ҳазорсолаҳо ватани аслии худро ба дасти фаромӯшӣ супурдаанд. Номҳои кӯҳу дарё ва маҳалҳо низ бо он қиссаву ривоятҳо муҳоҷират намуда, дар меҳанҳои баъдӣ дубора номгузорӣ гардидаанд. Дар ҷойгоҳи сукунати аслӣ ва нахустин аз он номҳо то кунун хеле кам нишониҳо боқӣ мондаанд. Қисмате аз он номҳо, агарчӣ ба шакли аввалия вуҷуд доранд, қисмати дигар ҳам ба андозае тағйири шакл намуда, ки дарёфти шакли аслиашон ба мушкилӣ даст хоҳад дод. Меру, Мандара, Бахлика, Айравата, Бҳарата, Ганг, Синд, Кашмир ва ғайра ба нимқораи Ҳинд кӯчида, имрӯз дар мавқеиятҳои аслиашон аксаран аз ёдҳо фаромӯш шудаанд. Чунин ҳол дар замони муҳоҷирати ориёэрониҳо низ ба амал омад. Ҳара Баразаитӣ, (Албурз) Айряна Ваеҷа, (Ориёно) Порт, (Форс) Балх, Ҳирот, Бағдод, Нимрӯз, Қандаҳор, Зобул, Кобул, Бомиён, Самангон, Гургон, Рашт, Тахор, Кундуз ва бисёр номҳои дигар низ номҳои дуввуманд. Шом, Ҳомоварон, Рум, Сақлоб ва ғайра, ки низ номҳои кӯчидаанд, ҳам дар минтақаи аввал ва ҳам дар минтақаи баъдӣ пойдор намонданд.

Албатта ин мавзӯъ хеле фарох аст ва аммо ҳоло роҷеъ ба яке аз он номҳо – Ҳинд, ки саргузашти хеле печидаеро мувоҷеҳ гашта будааст, суҳбат хоҳад рафт.

Тавре зикр шуда буд, дар қитъаи Ҷамбу – Зобул нуҳ мулк воқеъ гашта будааст, ки мулки шимолии он Айравата (ҳамчунин Еревайа) воқеъ дар водии Лахшу Олой ва мулки ҷанубии он Бҳарата (Бхарах низ) ном доштаанд. Имрӯз низ

[1] Б. Ғафуров Тоҷикон, ҷ.1, с.59.
[2] Ҳамон ҷо, с.158.

https://bikhon.tj

Ҳиндустон дар забони мардуми ин кишвар Бҳарата ном дорад. Ва тавре қаблан зикр гардид, Бҳарата дар «Авесто» ба гунаи Ҳаратӣ зикр гардид. Ин мулкҳо бо номи шоҳ Бҳарата тасмия шуда будаанд, ки ҳудудҳои давлати ӯ чанд гоҳе низ бештари минтақаҳои кунунии Осиёи Миёна ва ғарби Чинро дар бар мегирифтааст. Баъди муҳоҷират номи Бҳарат дар ду минтақа – дар Ҳинд ва Бадахшон нуфуз доштааст. Аммо баъдҳо дар Бадахшон низ ин ном фаромӯш гардид.

Тавре қаблан гуфта шуд, то ворид шудан ориёиҳо ба Ҳинд ин кишвар Ҳинд ном надошт. Ва баъдан низ на тамоми ин нимҷазира Ҳинд ном гирифт. Дар нахуст водии дарёи Синд ва вилояти кунунии ҳамном ва қисмати шимолии ин кишвар Ҳинд номида шуд. Сарзаминҳои ҷанубӣ дар муқобили ноҳияҳои шимолӣ – Ҳинд – Дакан ном гирифтанд. Ҳинд дар забони ориёҳиндӣ маънои руд ва дарёро дорад. Шакли аввалияи ин вожа «Синд» буда, баъдан ба шакли «Ҳинд» баргаштааст.[1] Ва шояд вақте ориёҳиндуҳо аз кӯҳҳои Ҳиндукуш убур намуда, ба соҳили як дарёи бузурге расиданд, онро Синд, яъне дарё гуфтанд. Баъдан водии ин дарё вилояти Синд номбар гардид. Тоифаҳои нахустини ориёӣ дар водии дарёи Синд сукунат ихтиёр карда, баъдан қисмате аз онҳо ба самтҳои шарқиву ҷанубӣ ҳаракат намуданд.

Аммо дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва аксар маврид дар «Шоҳнома» возеҳ маълум мегардад, ки зери мафҳуми «Ҳинд» минтақае дар ҷануби шарқии ҳамҷавори Бадахшони кунунӣ дар назар аст, на Ҳиндустон. Дар «Авесто» ин кишвар чунин ёдоварӣ гардидааст: «Он ки бозувони бисёр баландаш, меҳрфиреб (паймоншикан)-ро агарчи дар ховари Ҳиндустон ё дар бохтари ҷаҳон... гирифтор кунад ва биафганад».[2] Дар ҷойи дигар омадааст: «Он гоҳ меҳ аз он сӯи

[1] Зимнан бояд гуфт, ки чанд руди дигар Синдху ва тоифае низ синд ном доштааст. *(Муаллиф)*

[2] «Авесто». Меҳряшт – 104.

https://bikhon.tj

Ҳинд, аз кӯҳе, ки дар миёни дарёи Фарохкарт ҷой дорад, бархезад».[1] Дар назари аксари муҳаққиқин «Ҳинд» дар иқтибоси боло кишвари Ҳиндустон дониста шуда ва аз ин лиҳоз дарёи Фарохкарт (Ворукаша) аз ҷониби онҳо ба уқёнуси Ҳинд айният гирифтааст. Аммо тибқи таъйиноти ин муаллиф дарёи Фарохкарт ё Ворукашаро баҳри Арал ба пайвасти рудҳои Ому ва Сир ташкил медодаанд. Агар иқтибоси болоиро каме дигаргун гӯем, чунин аст, ки дар соҳилҳои ҷанубии руди Панҷ, ки қисмате аз баҳри Ворукашаро ташкил медиҳад, тақрибан дар муқобили шаҳри Хоруғ кӯҳест, аз паси он аз сӯи кишвари Ҳинд меҳ – туман мехезад. Аз ҳамин лиҳоз, «аз он сӯи Ҳинд» боз ҳам минтақаи шарқи ҷанубии ҳамҷавори Бадахшон дар назар аст. Дар «Бундаҳишн» низ дар мавриди мавқеияти рудҳо ва кӯҳҳо аз Ҳинд, Синд, Ҳиндугон, Синдбум ва ғайра ёд шудааст, ки ин номҳо ба ҳеҷ сурат ба кишвари кунунии Ҳинд иртибот надоштаанд. Ин кӯҳ ва баҳри Ворукаш (уқёнуси Лаванода) дар адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардидаанд. Масалан, дар «Стҳананга-Сутра»бахши «Лавана самудра» омадааст, ки паҳнои уқёнуси Лаванода шакли мудаввар дорад. (2.327) Дар маркази он уқёнус баландии плаформашакли баландиаш ду коса вуҷуд дорад. (2.328)

Мутобиқи тасвироти аксари адабиёти ориёҳиндӣ дар қитъаи Ҷамбу аз ҷануб нахуст уқёнуси Лаванода ва баъд аз он кӯҳҳои Ҳимават (Ҳимолой) ҷой гирифтаанд. Аз соҳили уқёнус то ин кӯҳҳо аз нуҳ (ё ҳафт) варшаи Ҷамбудвипа як варшаро ташкил медиҳад. Ин қисмат Бҳарата ном дорад. Тибқи омӯзиши мушаххасот аз самти ҷануб баъди руди Вахондарё, ки қисмати ҷанубии уқёнуси Лаванода дар замони худ дар ҳамин ҷойгоҳ воқеъ буд, мулкҳои Бҳарата оғоз ёфта, то қаторкӯҳҳои Ишкошим – Шохдара – Вахон, ки кӯҳи Ҳимолой номида мешуданд, идома меёфтанд. Дар ин

[1] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 241.

https://bikhon.tj

қаторкӯҳҳо қуллаҳои баландтарин – Маяковский (6095), қуллаи Карл Маркс (6723) воқеъ гардида, ҳамеша барфпӯшанд. Шояд аз ҳамин лиҳоз онҳо Ҳимолой (барфпӯш, сарзамини барф) номида шудаанд.

Дар як силсила навиштаҷоти адабиёти бостони Чин ва дигар халқҳо дар нисбати мавқеияти аввалаи кишвари Ҳинд ишораҳои саҳеҳ ба назар мерасад. Масалан, дар иқтибоси зерин аз донишманди таърихи Чини бостон Бичурин Н.Я. мавқеияти Ҳинд дар он ҷо мувофиқ меояд, ки мо иддао дорем: «Хатти сарҳади вилоят… дар шарқ то дашти регзори Халкас ва то миёнаи губернияи Гансу қад мекашад; дар ғарб то ҳудуди Семеркан ва қаторкӯҳи Тсунлин, яъне Болуртаг... дар ҷанубӣ ғарбӣ то миёни Бадахшон ва Ҳиндустон...» Дар мақолаи дигари Бичурин Н.Я. ин мавқеият саҳеҳ нишон дода шуда, Ҳиндустон ва Ҳинд ду кишвари алоҳида номбар карда шудааст: «Ҳиндустон. Дар самти ҷанубӣ ғарбии Бадахшон ва ҷанубу шарқии Айвухани дар ҳамҷавории Ҳинд воқеъ гаштааст. Бо туҳфаҳо ба марказ ба воситаи Туркистон меоянд... Ҳиндустон на чандон дуртар аз Ҳинд воқеъ гашта аз Хитой дар масофаи дур қарор дорад. Сокинонаш тоҷирони моҳир мебошанд ва аз қадим боз бо Қошғар муомилоти тиҷоратӣ доранд. Соли 1760 баъди тасхири Туркистон ба он ҷо нома ва туҳфаҳо фиристода шуд, ки аз ин лиҳоз тиҷорат то кунун идома дорад».[1] Дар ҷои дигар ин муаллиф Ҳинди шимолӣ ном мавзеъро дар самти ғарбии Болор медонад, ки он тақрибан ҷанубӣ ҳамҷавори Бадахшон будааст. «Болюй ё Буллу дар ҳамҳудудии ғарбии Тибет ва ҳамҷавории Болюйи хурд воқеъ гаштааст. Дар ғарб бо Ҳинди шимолӣ ва Учан ҳамҷавор буда, дар тобеияти Тибет қарор дорад. Болюи хурд аз самти ҷанубӣ шарқӣ ба Болюйи бузург, дар ҷануб 500 ли то Гэшими (Кашмир – М.Ҳ.) ва Солэ – шаҳри Данхуми қарор дорад. Ҳокимаш дар шаҳри Йедо дар соҳили

[1] Бичурин И.Я. (Якинф) «Собр. свед.по историч. геогр. восток. и Среней Азии» (Чебоксары, 1960, саҳ. 578).

https://bikhon.tj

руди Сои менишинад. Дар самти ғарбии Йедо дар қуллаи кӯҳҳо шаҳри калоне воқеъ гаштааст, ки Габуло (Кобул) ном дорад».[1]

Дар замони таърихнигории Юнони қадим низ мавқеияти Ҳинд дар ҷанубӣ Бадахшони кунунӣ тасаввур карда мешуд. Ҳеродот дар ин бора гуфта будааст: «Аракс, мисли дарёи Ҳинд аз кишвари матиенҳо ҷорӣ мегардад, ки Куруш онро ба 360 канал тақсим карда буд».[2] Ба қавли аллома Бартолд Страбон овардааст, ки: «Аристобул шаҳодат медиҳад, ки Окс бузургтарини дарёҳоест, ки ӯ, ба ҷуз аз дарёҳои Ҳинд дидааст. Вай мегӯяд, ки дарё киштигард аст ва тавассути он бисёр молҳои ҳиндиро ба баҳри Гиркан меоранд...»[3] Дар ҷойи дигар Бартолд сарчашмаи руди Омуро Ҳинд донистааст: «Бидон, ки дар замонҳои гузашта дар ин гулӯгоҳ дарёи калон Окс мерехт, ки вай аз кӯҳҳои Прапомис, аз Ҳинд сарчашма мегирифт...»[4] Иқтибосе аз «Ҳудуд-ул-олам» дар ин мавзӯъ вуҷуд дорад, ки ин аст: «Меҳрон, руди ас-Синд, аз кӯҳҳои Шикинон сарчашма мегирад. Дарёи ас-Синд шохоби Ҷайҳун аст. Аз номи вай номи ал-Ҳинд бармеояд. Вай аз ал-Мансур гузашта, ба Баҳри бузурги Шарқӣ мерезад, ки дарёҳои ал-Ҳинд аз вай сарчашма мегиранд». Дар ин иқтибос, агарчӣ чанд печидагие низ вуҷуд дошта бошад, вале воқеияти ҳолро то ҷое равшан менамояд.

Мувофиқи навиштаҳои адабиёти гуногун ҷойгоҳи нузули Ҳазрати Одам Ҳинд ва Сарандеби кунунӣ дониста шудааст. Вале бисёр далелҳо бар он тақозо менамоянд, ки зери мафҳумҳои Ҳинд ва Сарандеб мавқеияти аввалаи онҳо дар назар аст. Муаллифи «Таърихи Табарӣ» дар хусуси нузули Ҳазрати Одам менигорад: «Пас чун ба замин омаданд, ҳар яке аз эшон ба ҷонибе афтоданд: Одам ба Ҳиндустон афтод

[1] Бичурин Н.Я. «Повествование о западном крае». Часть II.
[2] Бартольд В. «Сведения обАральском мореи низовях Амударьи с древнейших времен до XУП века».
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

ба кӯҳе, ки номи ӯ Сарандеб аст ва Ҳавво ба Ҷидда афтод ва Иблис ба Майсон ва мор ба Исфаҳон.[1] (Иблис ба шаҳре афтод ном Майсон дар замини Синд)... «.[2] «Чун Одам ба Ҳиндустон омад, умри хеш ҳамешумурд, ки чанд бишуд...[3] Ва уламо ихтилоф карданд андар гӯри Одам. Гурӯҳе гуфтанд, ки гӯри Одам ба замини Ҳиндустон ҳам бар он кӯҳи Сарандеб бар, ки аз осмон он ҷо фуруд омад.. Ва гурӯҳе эдун гуфтанд, ки аз паси Одам Ҳавво як сол бизист пас бимурд. Ва Шис ӯро бо Одам ба як ҷой гӯр бикард».[4] Чанде аз муаллифон Сарандебро дар самти ғарбии Хитой донистаанд. Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки: «Сарандеб андар ҷануби Чин аст ва бар ҳаддест миёни Ҳиндустон ва Чинистон бар каронаи дарёст. Ва ӯро навоҳӣ бисёр аст ва андар вай обҳои равон аст. Ва андар рудҳои вай алмос ёбанд...»[5] Дар боби дигари ин китоб омадааст: «Ва дигар кӯҳ Сарандеб аст... Ва бар ӯ нишони пои мардум аст бар санг фурӯ шуда, гӯянд нишони пои Одам аст алайҳиссалом... Ва аз гӯшаи ин кӯҳ кӯҳе бардорад бад-ӯ пайваста миёни охири Ҳиндустон ва аввали ҳади Чинистон. Онро кӯҳи Монишо хонанд... ҳамеравад миёни шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва шаҳрҳои Туркистон то ҳудуди Тироз ва Шулҷӣ ва он ҷо ин амуд бибурад...Ва дигар рудест Қайсу хонанд. Аз Машриқи кӯҳи Монисо бикшояд ва ба миёнаи ҳудуди Таббат расад».[6]

Устод Меҳрдоди Баҳор низ Ҳиндустонро дар шарқи Афғонистон қаламдод намудааст, ки ба таъйиноти мо мувофиқ омадааст. Ӯ дар шарҳи байти зерин аз достонҳои куҳани ориёӣ дар бораи Ҳиндустон навиштааст: «Кай бошад, ки яке ояд аз Ҳиндустон, Ки (гӯяд) омад он шаҳи

[1] «Таърихи Табарӣ». Теҳрон 1380, ҷ 1. с.37.
[2] «Таърихи Табарӣ». Теҳрон 1380, ҷ 1. с.38.
[3] Ҳамон ҷо. саҳ. 53.
[4] Ҳамон ҷо. саҳ. 54.
[5] «Ҳудуд-ул-олам», 42.
[6] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

Баҳром аз дудаи Каён... Ҳиндустон дар асотири эронӣ ва «Шоҳнома» шомили бахши шарқӣ ва кӯҳистонии Афғонистон низ мешавад. Ба ҳамин далел Шоҳ Баҳром гоҳ кобулӣ, гоҳ ҳиндӣ хонда мешавад.[1] «Он ҳангом аз сӯи Кобулистон яке ояд, ки ба-д-ӯ фара аз дудаи худоён аст ва (ӯро)» Баҳром хонанд. Ҳамаи мардум ба ӯ боз шаванд ба Ҳиндустон ва низ Рум ва Туркистон ҳама сӯе подшоҳӣ кунад…»[2]

Донишманди эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ низ зикр кардааст, ки Ҳиндустони кунунӣ на он кишварест, ки дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» вуҷуд дошт. «Маълум аст, ки дар он замон (замони Заҳҳок – М.Ҳ.) Ҳиндустон ба маънои имрӯзаш вуҷуд надошт. Зеро... Фаридун дар афсонаи ҳиндӣ бо унвони Тритҳа қаҳрамонест, ки бар Аҳӣ пирӯз мешавад, бинобар ин ба яқин доварӣ намуд, ки то он замон, яъне ибтидои даврони Фаридун ҳанӯз тираи ҳиндуён аз дигар ориёиён ҷудо нашудаанд...»[3] Ин донишманд низ ба далел аз «Шоҳнома» Албурзро дар Ҳинди нахустин, ки ҳамҷавори Бадахшони кунунист, таъйид намудааст: «Албурзе аст, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора аз он дар марзи Ҳиндустон ёд мешавад. Ва Рустам барои овардани Қубод ба Албурзкӯҳ меравад, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора дар сӯи Ҳиндустон аст...»[4]

Ҷиҳати ошкор намудани мавқеияти нахустини аксари номҳои ориёҳиндиву ориёэронӣ «Шоҳнома» як сарчашмаи хеле гаронарзиш аст. Дар ин қомуси таърихи ориёиҳо ҳангоми тасвири воқеаҳо дар баробари иштироки эрониён ва турониён иштироки се кишвари дигар – Чин, Ҳинд ва Турк низ зоҳир мегардад. Кишварҳое бо номҳои Ҳинд ва Чин имрӯз низ вуҷуд доранд, вале Турк баъдҳо бо номи Туркистон (дар минтақае аз қисмати шимоли ғарбии Чин) чанде арзи вуҷуд намуд ва ҳоло бо номи нажод дар чанд кишвар

[1] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон».сах.198.
[2] Ҳамон ҷо.сах. 187.
[3] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо».чопи дуввум, Теҳрон,1374, с.145.
[4] Ҳамон ҷо. с. 181.

https://bikhon.tj

боқист. Иштироки чиниён ва туркҳо дар ҳодисаҳои миёни эрониён ва турониён бо сабаби ҳамчавориашон чандон ғайритабиӣ наменамояд. Зеро турониён дар ҷангҳо ба муқобили ҳамқавмҳои эрониашон ҳамеша барои кӯмак ба туркҳову чиниҳо муроҷиат менамуданд. Аммо иштироки Ҳинд дар воқеаҳои «Шоҳнома» дар баробари Турку Чин ба сабаби мушкилоти ҷуғрофӣ ва чандин омилҳои дигар чандон муътамад наменамояд. Ба назар мерасад, ки иштироки Ҳинд дар ҳодисаҳои мазкур дар «Шоҳнома» эҷоди муаллиф набудааст, зеро чунин зарурат вуҷуд надошт. Баръакс Ҳаким Фирдавсӣ Ҳиндро дар асоси қиссаҳои ҳамон замон мавҷудбуда мавриди тасвир қарор додааст. На танҳо Ҳинд, балки тавре дар асоси омӯзиши «Шоҳнома» маълум мегардад, номҳои ҷуғрофии ин шоҳасар ҳама дар асоси кадом як сарчашмае мураттаб гаштаанд. Зеро чандин маҳалҳои ҷуғрофии Помиру Фарғона дар тасвироти «Шоҳнома» дақиқан ба назар зоҳир мегарданд. Аммо Ҳаким Фирдавсӣ шояд худ низ мавқеияти аслии воқеаҳоеро, ки мавриди тасвир қарор дода буд, дар маҳалҳои баъдимуҳоҷиратӣ дар назар дошт. Дар замони муаллифи «Шоҳнома» миёни Хуросон ва кишварҳои атрофи он бо Ҳинд ҳама гуна робитаҳо вуҷуд дошт ва иштироки ин кишвар дар ҳодисаҳои эрониёну турониён табиӣ менамуд. Ҳамчунин муайян намудани мавқеияти аслии он ҳаводис барои Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун эҷодкори бузург чандон зарурате надошт ва ӯ дар асараш ҷиҳати фаро гирифтани ҷуғрофияи ҳар чи бештаре манфиатдор буд.

Таҳқиқоти мавқеияти маҳалҳо дар адабиёти таърихӣ нишон медиҳад, ки Ҳинди дигаре ба ҷуз Ҳиндустон ва қаблтар аз он кишвар вуҷуд дошт, ки то кунун дар саҳифаҳои «Шоҳнома» ниҳон мондааст.

Як нуктаи хос ин аст, ки агарчӣ номҳои Ганг, Кашмир, Синд, Ҳимован (Ҳимолой) ва ғайра имрӯз ҳамагӣ дар Ҳиндустон воқеъ гаштаанд, вале дар «Шоҳнома» ҳар яке аз ин номҳо дар мавқеияти шарқи Осиёи Миёна қарор дорад.

https://bikhon.tj

Ҳамин аст, ки масалан, дар байти зерин Ҳинд ва Кашмир дар алоҳидагӣ номбар карда мешаванд.

Ба роҳе, ки шуд Рустами шермард,
Баромад зи Ҳинду зи Кашмир гард.

Дар «Форснома»-и Ибн ал-Балхӣ омадааст, «Билоди Ҳинд аз лаби Ҷайҳун буд то шатти Фурот».[1] Албатта, ин иқтибос ба ҷуғрофияи имрӯзӣ мувофиқ намеояд. Вале Фурот дар замони худ яке аз шохобҳои руди Сир дар Фарғона буд ва дар ин иқтибос Ҳинд аз соҳилҳои болооби руди Панҷи кунунӣ то яке аз шохобҳои Сирдарё дар назар аст. Кобул дар шумори кишвари Ҳинд воқеъ буд, ки маънии байт ба ҳамин далолат менамояд. Ҳинд ва Кашмир низ ҳамчун кишварҳои алоҳида номбар карда мешаванд, ки Ҳинд ҷануби Бадахшон ва Кашмир – Тошқӯрғони кунунӣ дар назар аст.

Номҳои Ҳинд ва Бҳарата мисли имрӯз дар нахуст низ номҳои айни ҳам будаанд. Ин муаллиф дар мақолаҳои қаблӣ Харах (Хоруғ)-ро ихтисоршудаи як шакли Бҳарата – Бхарах дониста буд. Вале ҳамчунин, гумон меравад, ки номҳои зиёди мушобеҳ дар Бадахшон – Бартанг, Баҳрдара, Баҳорак (Баҳорат?) бегумон аз шаклҳои тағйирёфтаи Бҳарат – Ҳинд будаанд. Дар чанд ҷойе аз «Шоҳнома» гунаи дигари Ҳинд – Бҳарата ба шакли Барта низ зикр гардидааст. Дар «Авесто» борҳо аз Ҳаротии баланд сухан рафтааст, ки бегумон баргашти овозии Бҳарата будааст.

То ҳодисаҳои маълуми миёни писарони Фаридун – Салм, Тур ва Эраҷ низ Ҳинд-Бҳарат ва аксаран минтақаҳои ҳамҷавор дар иттиҳоди як давлат қарор доштанд. Бо кушта шудани Эраҷ ду гурӯҳи давлатҳо – эронӣ ва туронӣ ба арса омаданд.

[1] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш 1989, с. 97.

https://bikhon.tj

Қабл аз ҷудо шудани давлати ориёиҳо ба эрониён ва тураниён ҳудудҳои он давлат аз ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон, ба шумули тамоми водии Фарғона, Ҳафтруд, шимоли Афғонистон ва бештари қисмати Хутан иборат будааст. Тибқи қоидаи давлатдории он замон, тавре ки дар «Маҳабҳарата» зикр гардидааст, дар минтақаҳои мазкур давлатҳои хурд-хурди зиёде вуҷуд дошта будаанд, ки дар тобеияти як шоҳ қарор дошта, ба он боҷу хироҷ медодаанд. Гумон меравад, ҳамин қоида дар замони қабл аз муҳоҷирати ориёэрониҳо низ роиҷ буд. Ҳамин тариқ, бо ҳодисаҳои миёни Салм, Тур ва Эраҷ он давлатҳо ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо шуданд. Айнан ҳамин ҳол дар замони ориёҳиндуҳо миёни бародарзодаҳо – Пандавҳо ва Кавравҳо, яъне писарои Панду ва Куру ба амал омада буд. Ориёэрониҳо – ин наслҳои ориёҳиндуҳо саргузашти аҷдоди худро айнан такрор карда будаанд. Шоҳ Манучеҳр, набераи Эраҷ бо кӯшишҳои зиёде ягонагии давлатҳои ориёиро қисман барқарор менамояд. Ва давлате, ки дар «Шоҳнома» Ҳинд номбар гардидааст, боз ба ҳайати давлати эрониён шомил мешавад.

В-аз он пас Манучеҳр аҳде навишт,
Саросар ситоиш ба сони биҳишт,
Ҳама Кобулу Дамбару Мои Ҳинд,
Зи дарёи Чин то ба дарёи Синд,
Зи Зобулситон то ба дарёи Буст,
Ба оин набиштанд аҳде дуруст.

Яъне тибқи қоидаҳои маъмули ҳамон замон миёни он кишварҳо шартномае ба имзо расидааст ва аз ҳамин ҷост, ки Зол – шоҳи Зобул бо паҳлавони эронӣ барои меҳмонӣ ва сайру саёҳат:

Сӯи кишвари Ҳиндувон кард рой,
Сӯи Кобулу Дамбару Марғу Мой.

https://bikhon.tj

Натиҷаи ҳамин меҳмонӣ ва пазироии шоҳи Кобул Меҳробшоҳ буд, ки аз муҳаббати миёни Зол ва духтари Меҳробшоҳ Рудоба Рустами Дастон ба дунё меояд. Дар яке аз суҳбатҳо «Маро бурда Симурғ дар кӯҳи Ҳанд» гуфтани Рустам низ яке аз кӯҳҳои Бадахшонро дар назар дорад.

Ҳангоме ки, ба ҳар ҳол, баъдан иттиҳоди давлатҳои ориёӣ боз ҳам халалдор мегардад ва Афросиёб ба Эрон ҳамла меорад, паҳлавонони Зобул, Кобул, Ҳинд ба муқобили ӯ бармехезанд:

Зи Зобул, ҳам аз Кобулу Ҳиндувон,
Сипоҳ ҷумла омад бари паҳлавон.

Вале дар замони ҳукмронии шоҳ Кай Ковус Ҳинд ба тасарруфи турониён медарояд. Дар боби «Фиристодани Кай Хусрав Рустамро ба замини Ҳинд» мавқеияти ҷуғрофии ин кишвар рушан мегардад. Дар иқтибоси зер возеҳан ошкор мегардад, ки ин Ҳинд ҳеҷ гоҳ Ҳинди нимқора буда наметавонад:

Чунин гуфт Рустам ба шоҳи замин,
Ки: «Эй номбардори боофарин,
Бари Зобулистон яке шаҳр буд,
Ки он буму бар Тӯрро баҳр буд.
Манучеҳр кард он зи туркон тиҳӣ,
Яке хуб ҷоест бо фарраҳӣ.
Чу Ковус шуд бедилу пирсар,
Бияфтод аз ӯ ному фарру ҳунар.
Гирифтанд он шаҳр туроиён,
Пас он ҷо намонданд эроиён.
Кунун божу соваш ба Турон баранд,
Суи шоҳи Эрон ҳаме нангаранд.
Фаровон дар он марз пил асту ганҷ,
Тани бегуноҳон аз ишон ба ранҷ.

https://bikhon.tj

Зи бас ғорату куштану тохтан,
Сар аз боди Турон барафрохтан…
Чу он марз яксар ба даст оварем,
Ба Туронзамин мо шикаст оварем…»

Маълум мешавад, ҳангоми тақсимоти мулкҳо миёни писарони Фаридун Ҳинд – Бадахшони ҷанубӣ дар қатори сарзаминҳои шарқии ин минтақа ба Тур дода шуд ва Манучеҳр онро ба сарзаминҳои эронӣ ҳамроҳ намуд вале, тавре аз забони Рустам изҳор мешавад, дар замони Кай Ковус ба дасти турониён гузашта будааст. «Бари Зобулистон яке шаҳр (хонда шавад: кишвар – М.Ҳ.) буд» – гуфтани Рустам ба минтақаҳои кунунии Бадахшон ҳамчавор будани он кишвар (Ҳинд) дар назар аст. «Чу он марз яксар ба даст оварем, Ба Туронзамин мо шикаст оварем» – низ далели дигари мантиқиест барои рушан шудани иддаои ин муаллиф.

Кай Хусрав низ ба Рустам ба ҳамон маънӣ ишора карда, дар ҷавоб мегӯяд:

Замине, ки пайвастаи марзи туст,
Баҳои замин дархӯри арзи туст.

Дар ин суханони Кай Хусрав ошкор аст, ки Ҳинд ба Зобулистон, яъне Бадахшон пайваста аст. Баъдан Ҳиндро Фаромарз – писари Рустам бо ҳидояти Кай Хусрав аз турониён озод намуда, ба мулкҳои Систон пайваст менамояд. Кай Хусрав ба Фаромарз мегӯяд:

Ту фарзанди бедордил Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.
Кунун марзи Ҳиндустон мар турост,
Зи Каннуҷ то Систон мар турост.

Аммо шояд дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай Ҳинд боз ба дасти турониён гузашта бошад, зеро боз ҳам дар замони

https://bikhon.tj

ҳукмронии Кай Хусрав шоҳи Ҳинд Шангул ва Шамирони Шукнӣ ба ҷонибдории лашкари турониён бо эрониён меҷанганд. Сарлашкари турониён Пирон лоф мезанад, ки аз Балх, Эрон, Кобулистон, Зобулистон –

Зану кӯдаки хурду пиру ҷавон
Намонам, ки монад тане бо равон.

Сарлашкари эроniён Гударз, ки дар ин ҷанг ҳолаш ба танг омада буд, мегӯяд:

Аз ин ҷанг пуру набера намонд,
Сипоҳу дурафшу табира намонд.
Сипоҳ аст чандон дар он дашту роғ,
К-аз эшон замин гашта чун парри зоғ.
Ҳама лашкари Тӯс бо ин сипоҳ
Чу гови сапед асту мӯе сиёҳ.
Зи Чину зи Сақлобу аз Ҳинду Рум,
Зи вайрона гетиву обод бум,
Ҳамоно намондаст як ҷонвар,
Ки бар ҷанги мо барнабаста камар.
Кунун то нагӯӣ, ки Рустам куҷост,
Зи ғамҳо нагардад маро пушт рост.

Зеро,

Кашониву Шукниву Ваҳрӣ сипоҳ,
Дигаргуна ҷавшан, дигаргун кулоҳ,
Чағониву Чиниву Сақлобу Ҳинд,
Гаҳониву Румиву Наҳриву Синд

– дар муқобили онон меистоданд ва «Абар майсара лашкаророи Ҳинд», яъне Шангул қарор дошт. Вақте Шангул туроniёнро, ки аз номи Рустам дар ҳарос афтида буданд, рӯҳбаланд мекунад, барои ин амалаш:

https://bikhon.tj

Ҳама номдорону Хоқони Чин
Гирифтанд бар шоҳи Ҳинд офарин.

Вале дар майдони ҷанг,

Кашониву чиниву ҳиндӣ намонд,
Ки маншури шамшери Рустам нахонд.

Гумон меравад баъди ин ҷанг Ҳинд боз ба Эрон мепайвандад, зеро дар ҷанги навбатӣ бо турониён Кай Хусрав ба Гударз:

Бифармуд, к-аз Руму аз Ҳиндувон
Саворони ҷангӣ, ялону гавон

– ҷамъ оварад. Кай Хусрав ҳангоми бозгашт Рустамро мефармояд, ки аз Эрон ба Систон – Зобул баргашта, сари роҳ ба Ҳиндустон низ дарояд:

Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ,
Ба Ҳиндустон андар овар ба роҳ.

Дар суханони зерини Кай Хусрав ҳангоми ноумед гаштан аз дунё маълум мешавад, ки ӯ дар охири умр, тамоми сарзаминҳои эрониро ба ҳам муттаҳид карда будааст. Ӯ:

Ҳамегуфт: «Ҳар ҷой обод бум
Зи Ҳинду зи Чин андарун то ба Рум
Ҳам аз Ховарон то дари Бохтар
Зи кӯҳу биёбону аз хушку тар,
Саросар зи бадхоҳ кардам тиҳӣ,
Маро гашт фармону тахти меҳӣ».

Мувофиқи таҳлили номҳои ҷуғрофӣ ва омилҳои дигари муҳоҷирати ориёҳиндуҳо маълум мегардад, ки онҳо ба Ҳинд – Бҳарата ҳангоми ба вуқӯъ омадани воқеаҳои дар

https://bikhon.tj

«Шоҳнома» тасвирёфта қариб ҳазор сол пештар ба нимқораи Ҳинд муҳоҷират намуда буданд ва дар Бадахшони кунунӣ баъди сипарӣ шудани муҳлати мазкур низ он ном барҷой монда будааст. Гумон меравад, бо сабаби оҳиста-оҳиста нуфуз намудан ва машҳур шудани номи Ҳинд дар нимқора Ҳинд – Бҳарати нахустин маънои аслии худро тамоман ба ихтиёри фаромӯшӣ дод. Гумон меравад, бо лашкаркашии Искандар ба Ҳинд баъдан дар «Шоҳнома» – воқеаҳои марбут ба ин кишвар то охир дар нисбати Ҳинди кунунӣ сурат гирифтаанд.

Ҳодисаҳои миёни эрониён ва турониён баъди муҳоҷират низ дар ҷуғрофияи дигаре идома меёбанд, вале дигар Ҳинд дар қатори турониён ва ҳамсояи онон қарор дошта наметавонист, зеро он Ҳинд дигар ва Ҳинди нимқора дигар буд…

ОТАРПОДГОН

Масъалае, ки дигар муҳаққиқонро ба баҳс ангехтааст, масъалаи дар Озарбойҷон воқеъ будани Эронвиҷ будааст. «Эронвиҷ ба Озарбойҷон аст» – омадааст дар «Бундаҳишн». Аммо бояд гуфт, ки Озарбойҷони кунунӣ, ки номи кӯчидаи он Отарподкон аст, дар миёни водии Лахш ва Қаракӯл воқеъ буд. Дар адабиёти авестоӣ маҳалҳои Эронвиҷ, кӯли Чайчаст, руд ва кӯҳи Даитийа ба ҳам наздик тасвир шудаанд. Вале Озарбойҷон, ки дар шакли Отарподгон омадааст, ҳеҷ гоҳе ҳамчун номи кишвар зикр нагардидааст. Балки ҷойгоҳест, ки дар он ҷо оташкадаҳои гуногун афрӯзонанд ва он ҷойгоҳ, тавре гуфта шуд, дар канори кӯли Чайчаст (Қаракӯли кунунӣ – М.Ҳ.) воқеъ будааст.

Дар «Авесто», «Шоҳнома» ва дигар адабиёти ориёӣ Озарбойҷон ҳамчун сарзамин ё кишвар зикр нагардидааст. Танҳо «Бундаҳишн» сарзамини дувоздаҳум Райро Озарбойҷон номидааст. Дар асарҳои мазкур ҳеҷ гуна рӯйдоди

https://bikhon.tj

муҳим, ба ҷуз аз бунёди оташгоҳҳо ва маросими оташбонӣ дар Озарбойҷон ба амал намеояд. Худ аз номаш низ, ки аслан Отарпоткон аст, маълум мегардад, ки ин ҷойгоҳ пойгоҳи оташ, ё оташгоҳҳо будааст. Тавре қаблан гуфта шуд, «Бундаҳишн» Эронвиҷро воқеъ дар Озарбойҷон гуфтааст. Яъне ҳам Рай (дурусташ Роға) ва ҳам Эронвиҷ дар Озарбойҷон дониста шудаанд. Дар адабиёти авестоӣ Эронвиҷ, кӯли Чайчаст, руд ва кӯҳи Даитийа ба ҳам наздик тасвир шудаанд. Дар Озарбойҷон, ки дар канори кӯли Чайчаст воқеъ будааст, оташкадаҳои гуногунро ҳамеша афрӯзон медоштаанд. Масалан, дар баъзе адабиёт омадааст, ки Кай Хусрав оташкадаи Озаргушаспро (дорандаи аспи нар) дар кӯҳи Аснаванд бино ниҳод. Озаргушаспи пирӯз дар канори дарёи Чайчаст дар Озарбойҷон воқеъ аст. Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ низ омадааст: «Ва (Луҳросп) аввал оташкада, ки сохт ба Балх ва дуввум оташкада ба Озарбойҷони Бақайс ва саввум оташкадаи Истахри Порс».[1] Оташи Озарбарзинмоҳ низ (дорандаи меҳри баланд) ба Хуросон, ки кӯли Чайчаст дар он ҷо мавқеият дорад, интиқол дода шудааст.

Бисёр донишмандон зиндагии Зардуштро бо Озарбойҷон дар иртибот медонанд. Вале бояд донист, ки Отарподгон – пойгоҳи оташҳо ё оташкадаҳо ва Озарбойҷони кунунӣ аз ҳамдигар бисёр тафовут доранд. Муҳаққиқи таърихи ориёиҳо Э. Раҳмон дар ин бора менависад: «Аз ин рӯ, донишманди олмонӣ Шредер маншаи Зардуштро дар шимолу шарқи Эроншаҳри бостон, яъне Туркистони шарқӣ ва минтақаи атрофи кӯҳи Арал медонад. Вай муътақид аст, Зардушт ҳеҷ гоҳе ба сарзамини кунунии Эрон, сарзамини Озарбойҷон ва ҳатто дар Афғонистон қадам нагузошта, ҳама ривоятҳо мазҳабӣ мебошад, ки баъдан мураттаб гардидааст. Ба назари Нюберг Г. Х. – донишманди шведӣ, Зардушт дар ибтидо дар соҳили руди Сайҳун (Сир) зиндагӣ

[1] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш 1989, с. 54.

https://bikhon.tj

кардааст».[1] Инак дида мешавад, ки Зардушт – паёмбари Эрони бостон, ки аз оташкадаҳои Отарподгони соҳили кӯли Чайчаст – Қаракӯл зиёд дидан карда буд, воқеан Озарбойҷони кунуниро имкони дидан надошт.

Кай Хусрав дар канори Чайчаст буткадаро шикаста, оташкадаи Озаргушаспро (дорандаи аспи нар) дар кӯҳи Аснаванд, дар Озарбойҷон бунёд мекунад. Мавҷудияти буткада дар ин минтақа, ки дорои 108 бут будааст, дар адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардидааст: «Дар гӯшаҳои қитъа вилоятҳои махсус – локаҳо воқеъ гаштаанд. Инҳо шаҳр ё кӯл набуда вилоятҳои махсус мебошанд. Дар самти шимоли шарқӣ Ария Лока воқеъ гаштааст, ки дар он ҷо ҳайкалҳои бузурги худоён истодааст ва дар ин ҳайкалҳои бузург ҳар сари чанд вақт эзадон ҷой гирифта, барои қурбониворандагон даршан туҳфа менамоянд. Ин гуна ҳайкалчаҳо 108-то мебошад».[2] Оташи Озарбарзинмоҳ низ (дорандаи меҳри баланд) ба Хуросон, ки кӯли Чайчаст дар он ҷо мавқеият дорад, интиқол дода шудааст. Тавре дар мақолаҳои дигар зикр гардид, ба қавли «Бундаҳишн» тарозуи Рашн, ки мо онро ба қаторкӯҳи Заалай айният додаем, аз ду палла иборат аст, ки паллаи шимолии он қаторкӯҳи Сари айғир ва паллаи ҷанубияш қаторкӯҳи Зулумарт мебошанд. Дар ин китоб омадааст, ки «Чун мардум даргузаранд, се шаб равон ба наздики тан он ҷо ҷой, ки ӯро сар бувад, нишинад. Он се шаб аз визариши деву ҳамкорони (вай) бас тозиш бинаду пушт ҳаме боз ба оташ кунад, ки он ҷой афрӯхтааст. Аз он рӯй аст, ки он се шабро то рӯз он ҷой, ки сари ӯ бувад ба афрӯзиш доранд. Агар он оташ нест, пушт боз ба оташи Баҳром ё оташдоне, ки пайваста фурӯзонанд, кунанд». Тавре дида шуд, паллаи ҷанубии тарозуи Рашн, ки ҷонҳо аз болои он

[1] Раҳмонов Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». Душанбе «Ирфон». 2006, саҳ. 331.

[2] Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Небесная Дивья Лока – Чистая страна»

https://bikhon.tj

сӯи биҳишт мераванд, яъне қаторкӯҳи Зулумарт дар самти ғарбии Қаракӯл воқеъ аст. Ҷиҳати он ки ҷонҳо ё равонҳо аз бадкории девон ва ҳамкорони ӯ эмин бошанд, дар болои ҳамин қаторкӯҳ оташкадаҳо сохта мешуд. Аз ин рӯ ин ҷой Отарподкон ном гирифт. Мувофиқи навиштаҳои «Бундаҳишн», «Авесто» ва дигар адабиёти ориёӣ Озаргушаспи пирӯз, кӯҳи Аснавант –Усиндкӯҳ – Аснунд, кӯли Чайчаст дар Озарбойҷон мавқеият доранд. Далели аз ҳама равшан ва бебаҳс ин кӯли Чайчаст мебошад, ки ба кӯли Қаракӯл айният мегирад.

Дар шохаи ҷанубии қаторкӯҳи Заалай бозёфтҳои зиёди даврони куҳан ёфт шудаанд, ки шояд онҳо нишониҳои Отарподгон будаанд. «Сукунатгоҳи Ошхона дар 12-километрии охири пиряхи Уйсу... дар гӯшаи рости водии Уйсу, дар он ҷое, ки дарёи Ошхонаҷилга ба ин водӣ мебарояд, воқеъ гаштааст. Мавқеияти ҷуғрофии сукунатгоҳро нодир шумурдан мумкин аст. Сукунатгоҳ аз сатҳи баҳр дар баландии тақрибан 4200 м., дар ҷанубӣ қаторкӯҳи Заалай дар ҳудуди 25 км. шимоли Қаракӯл воқеъ гаштааст».[1] «Колексияи Ошхона бештар аз 10 ҳазор артефакт, аз ҷумла 5810 нусха аз ҳафриёт ва дигар мавод будааст».[2]

Дар «Шоҳнома» Озарбойҷон ҳамагӣ дар ду-се маврид, ки он низ, тавре гуфта шуд, ҳамчун оташгоҳҳо ёд шудааст. Кай Хусрав ва Кай Ковус чанд бор ба ин маҳал омада буданд.

Чунин то дари Озарободагон
Бишуд бо бузургону озодагон.
Ҳаме хӯрд бода, ҳаме тохт асп,
Биёмад сӯи хони Озаргушасп.
Ба оташкада-бар ниёиш гирифт,
Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт.

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 65.
[2] Ҳамон ҷо, с. 70.

https://bikhon.tj

Ба як моҳ дар Озарободагон
Бибуданд шоҳону озодагон.

Тавре муаллифи «Таърихи Табарӣ» навиштааст, баъди куштани Афросиёб «Кай Хусрав сипоҳро аз Озарбойгон бозгардонид ва подшоҳию мамлакати хеш боз омад ба Балх».[1] Афросиёбе, ки кишвари ӯ дар ҳудудҳои кунунии ғарби Хитой воқеъ буд, баъди шикаст хӯрдан ва фирорӣ шуданаш дар сарзаминҳои кунунии Озарбойҷон пайдо шуда наметавонист. Вай дар соҳили Чайчаст – Қаракӯл ба даст афтода кушта шуд.

Дар «Бундаҳишн» ду руд дар Озарбойҷон гуфта шудааст, ки яке Заҳобак ва дигаре Сапедруд номида шудааст. «Заҳобак он руд аст, ки аз Озарбойҷон биёяд, ба Порс ба дарё резад.[2] Ин руд имкон дорад, яке аз шохобҳои руди Муксуи кунунӣ бошад, ки воқеан аз кӯҳи оташкадаҳо – Зулумарт сарчашма мегирад.

КАШМИР

Аксари кулли олимон Кашмирро дар шимоли Ҳиндустони кунунӣ, дар ҷое, ки ин шаҳр ҳоло воқеъ гаштааст, шинохтаанд ва назари он ки Кашмири нахустин дар дигар мавқеият ҷой дошт, аз ҷониби баъзе онҳо танҳо тахмин шудааст. Аммо воқеияти ҷойгоҳи Кашмир дар дигар маҳал дар асоси таҳлилҳои рӯйдодҳои даврони «Авесто» бебаҳс аст. Дар баъзе адабиёт ҳатто вуҷуд доштани ду Кашмир – дохилӣ ва берунӣ зикр гардидааст.

Дар «Бундаҳишн» дар боби мулкҳои Хванирас чунин омадааст: «Дар кишвари Хванирас бас ҷойҳои дигар аст, ки дар ин бадзамонагӣ ва набарди сахти патёра ба афсуни минуӣ гузари он баста аст, ки паноҳгоҳҳои Хванирас хонда

[1] «Таърихи Табарӣ». ҷ.1, с. 367.
[2] «Бундаҳишн», боби 9. Теҳрон, 1378.

https://bikhon.tj

шавад, ба монанди он кишварҳои дигар чун Кангдиж, замини Саукустан ва дашти Пешонса ва руди Новтозу Эронвиҷ, Вари Ҷамкард ва Кашмири андарунӣ».[1] Тавре дида мешавад, Кашмир мисли дигар сарзаминҳои эронӣ дар дар Хванирас гуфта шудааст. Вале он гуна ки дар бахши «Хванирас» зикр гардид, кишварҳои мазкур дар Хуросон низ дониста шудаанд. Тавре гуфта шуда буд, Хуросон аз сарзаминҳои ду ҷониби қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл иборат будааст. Инак маълум мегардад, ки Кашмири андарунӣ дар ҳамҷавории Кангдиж, замини Саукустан, дашти Пешонса ва руди Новтоку Эронвиҷ, Вари Ҷамкард воқеъ гашта будааст.

Тибқи маълумоти адабиёти тибетӣ дар кишвари Олмо Лунг – Таҷиг ҳафт тоифаи шоҳӣ – «Хос», «Шаг», «По», «Гйа», «То», «Нйан» зиндагӣ мекарданд ва тоифаи асосии он Му-шен ном дошт. Аҳолии Таҷигро асосан тоифаи «sTag-qzig hos rigs», яъне тоифаи шоҳии (rgyal) «Хос» ташкил медодааст». Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» аз Маши ва Машёна ҳафт ҷуфт-ҷуфт нару мода зода шуданд. Ин ду ном ҳамчун номҳои зану шавҳар ифода шудаанд ва гумон меравад, ки номи қабилаи Му-шени дар адабиёти тибетӣ зикршуда (Машёна – Машен – Му-шен) айни ҳамин ном будаанд. Аз Маши ва Машёна ҳафт ҷуфт зода шуда буд ва номҳои тоифаҳои кишвари Олмо Лунг – Таҷиг низ ҳафтто будаанд».[2]

Номи яке аз ин тоифаҳои шоҳӣ хос дар чандин номи маҳал ва руду кишварҳо муаррифӣ гардид. Хос, дар шакли ҷамъ хосон, инчунин бо баргашти овозии кос, косон дар ғарби кунунии Хитой ва дигар минтақаҳо яке аз номҳои сернуфуз ба шумор мерафт. Дар бораи ин номҳо дар адабиёти хитоиӣ, тибетӣ, ведоӣ, юнонӣ, исломӣ ва дигар халқҳо маълумоти фаровон оварда шудааст. Дар адабиёти

[1] Бундаҳишн, боби 14.
[2] Ҳотам М. «Орёточикон: 18 000 сол пеш...» «Девештич». 2004.

https://bikhon.tj

ориёҳиндӣ омадааст, ки дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар самти ҷанубии Мандара панҷ дарёи бузург Ямуна (Ҷамна), Сарайю, Ави, Коси ва Маҳи бо дарёи бузурги Ганг ҳамроҳ мешаванд.

Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки «Роҳи кишвари қирғизҳо аз сарзамини тугузгузҳо аз Чинанҷкет ба Хосон, аз Хосон ба Нӯҳбек (шояд Нӯҳбоғ? – М.Ҳ.) мегузарад». Дар ин асар шакли дигари ин ном Хасонӣ ва дар ҳамноҳияти Чин гуфта шудааст. «Касон, Косон шаҳрест аз роҳ дур. Ҷои камнеъмат ва кордор аз Таббат равад».[1] Мақдисӣ онро ба шакли Хос ном бурдааст. Ин ном дар сарчашмаҳои хитоӣ низ ба шакли хосон омада, мавқеияташ дар самти ғарбии кӯҳҳои Пиёзӣ гуфта шудааст.[2] Роҷеъ ба ҷуғрофияи мулкҳои ғарбии Хитой муҳаққиқ Боровкова А. А навиштааст, ки «Гарчи ба мулки Ғарбӣ аз Хитой ду роҳ вуҷуд дорад, аммо дар Қошғар онҳо яке шуда, баъдан ба воситаи Гюанду (Тсзюанду), Хюсюн (Сюсюн) ва Даван ба Кангюй як роҳ мебарад».[3] Вале ин ном дар шакли Кос ва Косон бештар паҳн гардидааст. Тибқи навиштаи «Описание Западных земел Сюнтсзана» (асри УП) Коса дар назди Қошғар воқеъ будааст.[4] Олими японӣ К. Сиратори дар асоси таҳқиқотҳо ба хулоса омадааст, ки Коса дар назди Қошғар дар асри У1 вуҷуд доштааст. Маълумоти асарҳои Сун Ян (асри 1У) тасдиқ мекунанд, ки аз оғози асри П солшуморӣ то нимаи асри У ноҳияи Тошқӯрғон Коса ном дошт. Косон – яке аз шаҳрҳоест, ки чанд муддат маркази Фарғона будааст. А. Н. Бернштам ин шаҳрро ба Муғтеппа ва Муғқалъа, ки на баъдтар аз асри VIII сохта шудаанд, айният додааст.[5] Дар

[1] Ҳудуд-ул-олам». 40.
[2] Бичурин И.Я. (Якинф). «Собрание сведение по исторической географивосточный и Средней Азии» Чебоксары, 1960., II, с. 170.
[3] Боровкова А.А., 1989, с. 28-29
[4] Описание Западных земел Сюньцзана» (асри УП)
[5] – См.: Бичурин Н. Я., II, с. 260; ат-Табари, с. 483, 484; Бернштам А. Н., 1952, с. 238. «Мӯъҷам».

https://bikhon.tj

Туркистони шарқӣ сакҳо, тохариҳо ва хасҳо зиндагӣ мекарданд. Птоломей аз кӯҳҳои Коса ва Косгар (Қошғар) ёдоварӣ карда, Қошғарро Коса гуфтааст. Қошғар дар адабиёти қадим ба шаклҳои Коскар, Каскар ва ғ. низ омадааст. Муҳаққиқ А. Котелников косиҳо ва тапурҳоро аз тоифаҳое гуфтааст, ки ба муқобили Искандари Македонӣ ҷангида будаанд. «Вай инчунин бисёр косиҳо ва тапурҳоро овард: ба ӯ гуфтанд, ки аз қабилаҳои ҳамсарҳади Форс инҳо аз ҳама ҷанговартаранд».[1] Мутобиқи навиштаҳои муаррихон ва ҷуғрофияшиносон дар аҳди қадим кӯҳҳои Коса низ вуҷуд доштаанд. Е. Серика навиштааст, ки аз ҷануб бо ҳудудҳои Ҳинд дар ҳамҳудудии руди Гангес қисмати шарқии кӯҳҳои авзакҳо воқеъ гаштааст. Ҳудудҳои онҳо дар тӯли 149 ва арзи 165, 49 ва 55 ва қисмати кӯҳҳое воқеъ гаштаанд, ки Коса ном доранд.[2] Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки «Се шохоби руди Хутан бо Хутандарё дар миёни Ghaz**а**ва K.l.b**a**nk ҳамроҳ мешаванд.[3] Дар як рӯйхате, ки муғулҳо ҳангоми ҷангҳоя-шон номи мулкҳои тасхиркардаашонро навишта буданд, номи Космир, Кешимир ва коссҳо низ вуҷуд дорад. «Ин аст мулкҳое, (муғулҳо – М.Ҳ.) ишғол кардаанд: Хитой, Найман, Соланг, Қарахитой, Канона, Тумат... Кергис, Космир... Кассҳо, Аланҳо... Номи мулкҳое, ки ҷасорат нишон дода ҳанӯз тобеъ нашудаанд: Ҳинди бузург, Мангия, як вилояти Аланҳо як вилояти Хитой..., ...ва Субеети Баадурро ба шимол фиристода амр кард, ки ёздаҳ кишвар ва халқиятҳоро фатҳ намояд: Канлин, Кибчаут, Бачжигит, Дросу, Мачжарт, Асут, Сасут, Серкесут, Кешимир, Болар, Рорал (Лалат)...»[4] Ва ин мулкҳо аксаран дар шарқи Осиёи Миёна ва ғарби Ҷумҳурии Чин воқеъ будаанд. Космир ва Кешимир ҳеҷ гоҳ мулкҳои кунунии Кашмир буда наметавонистанд.

[1] Котельниов А.Л. «Загадки похода Александара Македонского».
[2] Е. Серика «Скифы за Имаем горами», гл. 15, кн. VI, стр. 126.
[3] «Ҳудуд-ул-олам», 21.23. § 6, 3.
[4] Юрченко Г. «Христианский мир и «Великая монгольская империя».

https://bikhon.tj

Тавре дида мешавад, дар рӯйхат ду номи ба ҳам наздик Космир ва Кешимир вуҷуд дорад. Ба ҳар эҳтимол аз ин ду яке Кашмири дохилӣ ва дигаре Кашмири берунӣ будааст. Вуҷуд доштани Кашмир дар маҳалле, ки мавриди назари мост, дар адабиёти чинӣ низ зикр гардидааст. Чинишиноси машҳур Бичурин Н.Я. дар мавриди мулкҳои ғарбии Хитой, аз ҷумла Кашмир навиштааст: «Гэшими ё Кашимило дар масофаи 500 ли дар шимоли Болюй воқеъ гаштааст. Заминҳояш 4 000 ли давра дошта, аз чаҳор ҷониб бо кӯҳҳо иҳота шудааст... Ҳокимаш дар шаҳри Болоулобуло ҷой дорад, ки аз ҷониби ғарб дар соҳили руди Минасӣ воқеъ гаштааст. Рудҳои калон зиёд дорад. Болор аз Яркан дар самти ҷануби ғарбӣ, аз Бадахшон дар самти шарқ воқеъ гаштааст. Болюй ё Буллу дар ҳамҳудудии ғарбии Тибет ва ҳамҷавории Болюйи хурд воқеъ гаштааст. Дар ғарб бо Ҳинди шимолӣ ва Учан ҳамҷавор буда, дар тобеияти Тибет қарор дорад. Болюи хурд аз самти ҷануби шарқӣ ба Болюйи бузург, дар ҷануб 500 ли то Гэшими (Кашмир – М.Ҳ.) ва Солэ – шаҳри Данхуми қарор дорад. Ҳокимаш дар шаҳри Йедо дар соҳили руди Сои менишинад. Дар самти ғарбии Йедо дар қуллаи кӯҳҳо шаҳри калоне воқеъ гаштааст, ки Габуло (Кобул – М.Ҳ.) ном дорад».[1] Дар иқтибоси зерин низ равшан аст, ки сухан дар бораи Кашмири Сарикӯл меравад, на Кашмири кунунӣ. Маълум мешавад, ки то асри УШ мелодӣ Кашмири Сарикӯл вуҷуд дошта будааст. Бичурин Н.Я. менависад: «Дар кишвари кӯҳии назди Помир чанд хонигарии хурду бузург, масалан Кашмир ва Тохаристон воқеъ гашта буданд. Дар оғози асри УШ онҳо аз ду ҷониб фишор меёфтанд. Аз шимол аз ҷониби тибетиҳо ва аз ғарб аз тарафи арабҳо. Ҳокимон, табиист, ки мустақилияти худро нигоҳ доштан мехостанд ва ба Империя умед мебастанд. Соли 710 ба Хитой аз Сие, хонигарии на чандон калон дар Ҳиндуку-

[1] Бичурин Н.Я., Отделение VI «Повествование о западном крае». Часть II.

https://bikhon.tj

ши ғарбӣ сафорат фиристода шуд. Аз баъди он соли 713 аз Кашмир сафорат омад, то ки бо Хитой ба муқобили Тибет муносиботи дипломатӣ барқарор намоянд. Шоҳи Кашмир пешниҳод намуд, ки ба кишвараш урдуи иловагӣ фиристода шавад. Баъд шоҳи Кашмир менависад, ки «дар кишвари ман се навъи урду вуҷуд дорад: пиёда, савора ва филсавор. Ман бо ҳокими Ҳинди миёна пеши панҷ роҳи калони тибетиҳоро банд мекунам ва дар ҷангҳо бо онҳо пирӯз мешавам...»[1] Дар яке аз дастнависҳои қадими санскритӣ омадааст, ки дар водии Кашмир кӯли калоне вуҷуд дошт. Аммо дар ҷойи ҳозираи Кашмир кӯл вуҷуд надорад. Аммо дар Сарикӯл кӯлҳо, аз ҷумла Қаракӯли хурд вуҷуд дорад. Яке аз олимони турки асри 11 Маҳмуди Қошғарӣ гуфтааст, ки Кашмир шаҳри туркон мебошад. Дар ин ҷо низ Кашмири ғарби кунунии Хитой дар назар аст, на Кашмири Ҳинд.

Яке аз рудҳое, ки дар «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» зиёд номбар гардидааст, дар иртиботи ин мавзӯъ Коса ва ё Косаруд ном дорад. Ба қавли Артур Кристенсен халиҷе, ки Афросиёб аз кӯли Чаечаст канда, онро ба Ворукаша пайваст намуд, Косауйя ном доштааст. «Метавон тасаввур кард, ки достони эҷоди халиҷи Вуурукаша – Косауйя (авастоӣ – Чаечаст), ки дар банди 56-64 Зомёдяшт омадааст, хотираи мубҳаме аз садҳои машҳури рудхонаи Окс (Ҳеродот 3, 117) боқӣ мондааст».[2] Тавре маълум мегардад, номҳои марбут ба коса аз минтақаи васеи шарқи Бадахшон то ҳудудҳои Хутан дида мешавад. Яке аз рудҳои сарчашмаи Панҷ воқеъ дар Бадахшон шояд Косаруд номида мешуд. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Косаруд ба оби Тӯсшаҳр биёяд, онро он ҷо Касафруд хонанд. Ин ҳамон руди Веҳ аст, ки он ҷо Коса хонанд, дар Синд низ Коса хонанд».[3] Ин ном дар «Ҳудуд-ул-олам» ба шакли Қасак низ зикр гардидааст.

[1] Бичурин Н.Я., ч. 2, с. 325.
[2] Кристенсен А. «Каёниён», с.129.
[3] «Бундаҳишн». Душанбе , «Эҷод». 2006, с.62.

https://bikhon.tj

«...Ва чун ин се руд ба ҳам оянд, Меҳрон хонанд. Ва гӯянд, ки аз сари кӯҳи Ях ва он кӯҳи Қасак аст, обе бардамад чун фаввора, ҳамчунон ба ду ним шавад. Нимае аз он сӯи шимол фуруд ояд ва он руди Харноб аст ва нимае ба сӯи ҷануб фурӯ шавад ва он Синдруд аст, он ки Меҳронруд гардад». Дар Роштқалъа маҳал ва руде бо номи Гоз вуҷуд дорад, ки ба эҳтимол ҳамон Кос аст, ки дар адабиёти асримиёнагӣ зикр шудааст.[1]

Аммо ба гумони қавӣ Косаруде, ки дар «Шоҳнома», «Форснома», «Таърихи Табарӣ» ва дигар асарҳо зикр гардидааст, руди воқеъ дар водии Сарикӯл Гёз-дарё мебошад. Гёз худ шакли Кос аст, бо таъсири талаффузи туркӣ ба шакли Кос-Гоз-Гёз баргаштааст. Ин руд ба хотири номи пешини Тошқӯрғон Кос – Кашмир чунин номида шудааст. Косаруд дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ чунин ёдоварӣ гардидааст: Вақте Фуруд ба дасти Тӯс кушта мешавад, Кай Хусрав ба Зарофа нома менависад, ки Тӯсро банду ғул карда бифирист. «Ӯ ҳамчунин кард ва Тӯсро фиристод ва хештан бо лашкар ба ҳам рӯди Косаруд убур карданд ва рӯй ба Туркистон ниҳоданд. Ва Афросиёб бародаронро бо лашкари бисёр бифиристод ва Пирон дар ҷумлаи эшон буд ва ҳар ду лашкар дар ҳам омехтанд ва дар ҷанг овехтанд. Ва чун ҷанги сахт шуд, Зарофа сустӣ кард ва бо алам бар ҳам бар сари кӯҳ шуд ва аз ин сабаб лашкар дилшикаста шуданд ва туркон даст бурданд ва халқеро бикуштанд ва ҳафтод писар аз они Гударз дар он ҷанг кушта шуданд ва Зарофа бо бақияти ҳазиматиён ба наздики Кай Хусрав омаданд ва чанд рӯз нону об нахӯрд аз ин ғам».[2] Мутобиқи маълумоти дигар адабиёт Гёз-Гоз шохоби ҷанубии дарёи Қошғар низ мебошад, ки аз тангно баромада, ба ҳамвории Туркистони шарқӣ ҷорӣ мешавад.

Тавре маълум аст, яке аз пойтахтҳои нахустини эрониён, маркази давлати Фаридун Тамеша ном дошт, ки бахше аз

[1] Дар Саксонияи Поён дар шаҳри Гослар, руди Гоза вуҷуд дорад.
[2] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш, 1989. с. 49.

https://bikhon.tj

Кӯс будааст. Вай пас аз саркӯб кардани Заҳҳок ин ҷойгоҳро маркази давлаташ қарор медиҳад. Гумон меравад, ин шаҳр Косон бошад, ки ҳоло бо ин ном дар водии Фарғона воқеъ гаштааст.[1]

Зи Омул гузар сӯи Тамеша кард,
Нишаст андар он номвар беша кард.
Куҷо к-аз ҷаҳон Кӯс хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин ном низаш надонӣ ҳаме.

Дар «Шоҳнома» аз Кашмир борҳо ёдоварӣ ба амал омадааст. Ин шаҳр бо Зобулу Систон наздик буд ва аз ҳамин ҷост, ки Рустамро борҳо дар Кашмир мебинем.

Дар ин ҷо Ҳинд ва Кашмир ҳамчун кишварҳои алоҳида номбар карда мешаванд, ки ба Ҳинд минтақаи ҷануби Бадахшон ва ба Кашмир – – Тошқӯрғон дар назар аст. Дар «Таърихи Систон» ва адабиётҳои дигар омадааст, ки Кашмирро Рустам бунёд кардааст. Ва Кашмир на Кашмири дар Ҳиндустони кунунӣ, балки шаҳре буд дар ҷои кунунии Тошқӯрғон, воқеъ дар ғарби Хитой, ки бо эҳтимоми Рустам обод шуда буд. Мавқеияти Кашмир дар Ҷамбу – Зобул дар чандин адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардидааст. Дар бораи мавқеияти Кашмир чунин омадааст: «Бҳума-сварга (ки ба ҳашт варшаи Ҷамбудвипа, ба ғайр аз Бҳарататварша мутобиқат менамояд) баъзан ҳамчун вилояти Бҳратаварша бо номи Кашмир тафсир мегардад».[2]

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо», чопи дуввум, Теҳрон, 1374. Дар бораи воқеъ будани Кӯс дар яке аз қисматҳои Эрон чунин навиштааст: «... Дар бахши пойтахтҳои орёиён номи Кӯс – пойтахти Фаридунро, ки ҳангоми се баҳра шудани орёиён аст, аз «Шоҳнома» баргирифтам ва ба дунболи ҷои он гаштам ва бо ковишҳо дар фарҳангҳои ҷуғрофиёӣ ду русто дар Нури Омул бо номҳои Кӯс – Кӯси Малла – Кӯси Маҳалла ва Кӯсаи Раз дар наздики якдигар ёфтам ва пешбинӣ кардам, ки ин ду русто мебояд ду бахше аз шаҳри бостонии Кӯс буда бошад, ки пас аз вайронӣ аз он шаҳрҳо бар ҷой мондаанд».

[2] «Астрономические сиддханты». SB 5.17.11р.

https://bikhon.tj

Кашмир дар бисёр мавридҳо ҳамчун сарзамини эронӣ тасвир карда мешавад, ки мавқеияти ӯ дар ҳамҷавории Систон (Бадахшон) ин ҳолро тақозо менамояд. Ҳангоме ки хабари кушта шудани Сиёвуш ба Эрон мерасад, ҳама ба фарёду фиғон меоянд. Баъди чанде сипоҳиён аз сарзаминҳои эронӣ ба назди Рустам ҷамъ меоянд, ки аҳли Кашмир низ дар миёни онҳост.

Сипаҳ сар ба сар бар дари пилтан,
Зи Кашмиру Кобул шуданд анҷуман.

Байти «Зи Кашмир то пеши дарёи Шаҳд, Дурафшу сипоҳ асту пилону маҳд» низ далолат менамояд, ки Кашмири Тошқӯрғон[1] дар назар бошад, зеро дарёи Шаҳд ва ё Оби Зиреҳ руд ва баҳри ҳоло хушкшудаи ҳавзаи дарёи кунунии Тарим мебошад.

Дар «Шоҳнома» Косаруд дар чанди лаҳзаҳои рӯйдодҳо миёни эрониён ва турониён зикр мегардад. Боре Кай Хусрав ҳангоми ҳадяи ганҷ ба паҳлавонон таъкид мекунад, ки Афросиёб дар назди Косаруд кӯҳи ҳезуме ғун кардааст ва касе бояд ки рафта он ҳезумро оташ занад, то ҳангоми ҷанг турониён аз он ҳезум истифода карда натавонанд.

Далере аз эдар бибояд шудан,
Ҳама Косарӯд оташ андарзадан.
Бад-он то дар он ҷо бувад размгоҳ,
Паси ҳезум андар намонад сипоҳ».
Ҳамон Гев гуфт: «Ин шикори ман аст,
Ҳамон сӯхтан кӯҳ кори ман аст.

[1] Кашмир, воқеъ дар Ҳинд яке аз он Кашмирҳост, баъди муҳоҷират дар дигар минтақаҳо номгузорӣ гардиданд. Ба сабаби нуфузи номҳои туркӣ дар Сарикӯл номи Кашмири нахустин аз ёдҳо фаромӯш шуд. Кашмир ҳамчунин ҳоло деҳаест воқеъ дар назди Нишопур.

https://bikhon.tj

Косаруд дар аксар маврид ҳамчун сарҳади шарқии миёни Эрону Турон зоҳир мегардад. Аксари ҷангҳо бо тороиён дар водии ин дарё сурат мегиранд. Дижи Фуруд – бародари модарҷудои Кай Хусрав низ дар ҳамин ҷой воқеъ буд, ки ӯ аз дасти Тӯс, паҳлавони эронӣ кушта шуд. Тӯс бори дигар ба Косаруд лашкар кашида Палошон – паҳлавони тороиро дар он ҷо аз пой меафканад.

Чу Туси сипаҳбад зи ҷанги Фуруд
Бипардахту омад аз он кӯҳ фуруд...
Ҳама марзҳо кард бетору пуд,
Ҳаме рафт аз ин гуна то Косарӯд...
Хабар шуд ба Турон, к-аз Эрон сипоҳ
Сӯи Косарӯд андаромад зи роҳ.

Яке аз ҷангҳои шадиди эроиён ва тороиён дар водии Косаруд – Сарикӯл ба вуқӯъ мепайвандад, ки эроиён дар он талафоти зиёд медиҳанд.

В-аз он пас хабар шуд ба Афросиёб,
Ки шуд марзи Турон чу дарёи об.
Суи Косарӯд андаромад сипоҳ,
Замин шуд зи кини Сиёвуш сиёҳ.
Ки «Эдар табаҳ шуд зи тангӣ сипоҳ,
Сазад, гар биронем аз эдар ба роҳ.
Мабодо, бар ин буму барҳо дуруд,
Калоту Сипадкӯҳ то Косарӯд».
Аз он гуна лашкар сӯи Косарӯд
Бирафтанд бемояву тору пуд.

Қобили зикр аст, ки аз гунаи кос дар дигар минтақаҳои Осиё ва Аврупо, ба эҳтимоли қавӣ ба сабаби муҳоҷират номҳои зиёда боқӣ мондаанд. Худ вожаи Қошғар дар адабиёти қадим ба шаклҳои Коскар, Каскар ва ғайра низ омада-

https://bikhon.tj

аст, ки баргаштест аз кос. Дар Покистон Читрал Қошғар ва дарёи он Қошғардарё низ номида мешавад.

Дар адабиёти ведоӣ низ, масалан дар «Рамаяна» ин ном ба шакли Косала ва Кошала ҳамчун номи руд ва маҳал зикр гардидааст. Яке аз 16 кишвари бузурги навиштаҷоти буддоӣ Кошала ном доштааст.[1]

Кашонӣ дар «Шоҳнома» номи маҳал аст ва Комуси Кашонӣ, паҳлавони туронӣ аз он ҷост. Ва Кошон метавонад, гунаи дигари Косон бошад. Номи қавмии казак низ имкон дорад аз косак – казак баргашт шуда бошад. Баъзе муҳаққини рус руди Гозан ва шаҳри Казанро бо Козон муқоиса кардаанд, ки ин вожа бо Косон татбиқ мегардад.

МУКРОН

Мукрон номи маҳаллест, ки дар «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» зикр гардидааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Меҳинруд, ки Чеҳрумеҳноб аст, ба Мукристон равад» ва «Пайдост, (ки) Меҳинруд, ки Чеҳрумеҳноб аст, ба Кангдиж аст». Тавре дар боби «Кангдиж» зикр шуд, бисёр эҳтимол аст, ки руди Меҳна бо сарзамини ҳаштуми Аҳуроофарида Меҳна ҳамном ва дар як мавқеият ҷой дошта бошад. Дар он сурат Меҳнруд яке аз рудҳо, бахусус, Маркансу ва ё Хосров мебошад, ки аз самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл

[1] Ба ҷуз аз Косаруд, дар ғарби Хитой боз чандин номи коса вуҷуд дорад. Коса – руд дар водии дарёи Ҳимолой, Коси – руд, аз Ҳимолой, аз ҳудуди Хитой ва Непал сарчашма гирифта, ба Ганг мерезад. Касон – назди Тибет, Кошанг – Қошғар дар ҳамин шуморанд. Инчунин Коса (дарё, вилояти Перм), номи маҳал Коса, Коса – шохоби Кама, Коса – ноҳияи Зуевский, Косва – шаҳри Кудымкар, Кос – рудхонаи Тарн дар Франсия, Косово – Македония, Коскон – назди Шероз, Косон – назди Бухоро, Кошон – Эрон, Косак – шаҳрест аз Аллон («Ҳудуд-ул-олам»), Кусон (Косон) – дар Мозандарон («Бурҳони қотеъ», 2,411), Куса – дар ас-Саводи Ироқ; Сун-Коси – Непал, Гоза – дарё Белоруссия, Гоза – дарё дар ноҳияҳои Островетского ва Сморогенский, Каскар – дар байни Васит ва Басра, Каскон – Нуробод, Касвон – рудест дар Ҳомоварон («Ҳудуд-ул-олам»), Касяни (Косонӣ?) –Украина ва ғ.

https://bikhon.tj

сарчашма мегиранд. Аз «Шоҳнома» маълум мегардад, ки Мукрон номи сарзаминест, дар ҳамҷавории Хуросон ва дар ғарби кунунии Хитой воқеъ гаштааст. Дар ин бора омадааст:

Хуросону Мукронзамин пеши туст,
Маро шодмонӣ ба кам – беши туст.

Тавре дар боби «Хуросон» гуфта шуд, ин сарзамин дар ду ҷониби қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл воқеъ гаштааст. Бо омӯзиши дигар мавқеиятҳои воқеъ дар ин минтақа дар самти ғарби ҷанубии Қошғар воқеъ будани ин сарзамин ошкор мешавад. Бо Турону Чин, Оби Зиреҳ, Кангдиж ҳамҷавор будани Мукронзамин ин назарро таъйид менамояд. Кай Хусрав пас аз кишваркушоии бузург дар Турон аз Мукронзамин ба воситаи убур намудани қаторкӯҳи Тяншан ба Чоч (Тошканд), Суғд (миёнаи водии Фарғона) ба Порсу Эрон ба назди Кай Ковус бармегардад.

Муаллифи «Таърихи Табарӣ» менависад, ки «Кай Хусрав баъди ғалаба бар Афросиёб Кирмон ва Мукронро ба амми хеш дод. Ва подшоҳии Исфаҳону Гургону Кӯҳистон ба Гударз дод».[1]

Кишвари воқеӣ ва таърихӣ будани Мукрон бо он собит мегардад, ки ин ном дар чандин маҳалҳои Аврупову Осиё баъдан номгузорӣ гардид. Мутаассифона, дар мавқеияти аслияш имрӯз ин ном пайдо нагардид. Дар Ҳинду Покистон ҳоло маҳалҳое бо номи Мукрон воқеъ ҳастанд. Кӯҳе дар қисмати шимоли ғарбии Ҳимолой Мукрон ном дорад. Шаҳри бандарие дар Германия бо номи Мукрон вуҷуд дорад. Мукристон дар Эрон, Мокрон – деҳа дар Брест (Белоруссия), Мукр – маҳал дар Қазоқистон, Мукр – маҳал дар Туркманистон, мукрҳо – тоифа дар Туркманистон ва Қазоқистон бо номи Мукрони таърихӣ иртибот дошта метавонанд.

[1] «Таърихи Табарӣ», ҷ.1, с.365.

https://bikhon.tj

СИНД

Дар «Бундаҳишн» тоифаҳо ба ҳафт гурӯҳ номбар гардидаанд, ки онҳо румиён, туркон, чиниён, гоиён, тозиён, синдиён ва эрониён будаанд[1]. Вале гумон меравад ин номҳо таҳрири баъдӣ буда, дар асл ба ҷои туркон тураниён (турон) ва ба ҷои чиниён (синиён – саена) дар назар будаанд. Тибқи таъйиди мақолаи «Устод Шенраб…» дар адабиёти тибетӣ низ роҷеъ ба сукунати ҳафт тоифа дар кишвари Тоҷик зикр рафтааст. Тоифаҳои мазкур дар нахуст дар ҳамҷавории ҳамдигар дар минтақаҳои шарқии Осиёи Миёна сукунат дошта, (агар ба назар бигирем, ки туркон тураниён ва чиниён синиён будаанд) ҳама дар шумори тоифаҳои ориёинажод ба шумор мерафтаанд. Румиён дар сарзаминҳои самти шимоли қаторкӯҳи Тяншан, тураниён – ғарби ҷанубии кунунии Хитой, яъне Хутан ва атрофи он, синиён – ғарби шимолии Хитои кунунӣ, тозиён – самти шарқии Фарғона ва атрофи қаторкӯҳҳои Фарғона, синдиён – мавқеияти кунунии Қошғар ва атрофи он, эрониён – миёни дарёҳои Ому ва Сир ва гоиён (суғдиён) дар шимоли ғарбии водии Фарғона сукунат доштаанд[2].

---

[1] Роҷеъ ба табдили овози «с» ба «х», «х», «ш» ва «ғ» мисолҳои фаровоне пайдо кардан мумкин аст. , Вожаи «су», «сва», «свас» низ мувофиқи қоидаи табдили овози с ба ҳ ба шаклҳои «ҳу», «ҳва», «хваш» ва «хвеш» баргашта, ҳамчун ҳиссачаҳои тасдиқии «ҳа», «ҳу», «ҳов», «ҳова» ва ҳамчун ҷонишинҳои «худ», «хеш», ҳамчунин сифати «хуш» вуҷуд доранд. Дар адабиёти ведоӣ сукарна (хушкор), дар «Авесто» Ҳукар (хушкор, кори нек), дар ведоҳо Сома (худои моҳ, инчунин нӯшобаи муқаддас), дар «Авесто» Ҳома (моҳ) ва Ҳаума (гиёҳи муқаддас) бо ҳамин сохтмон таркиб ёфтаанд. «Сура» ё «Свар» ба гунаи «Хвар» баргаштааст. Сапта Синдху дар замони орёиҳои авестоӣ ба шакли «Ҳапта Ҳинд» баргашт ва онро муҳаққиқини адабиёти авестоӣ ҳамчун яке аз шонздаҳ сарзамини Аҳуроофарида ба Ҳинд айният доданд. Вале дар асл ин сарзамин ба ноҳияи Тирмиз ва атрофи он айният мегирад.

[2] Баъди муҳоҷирати бузург тоифаҳои мазкур ба ақсои дунё пароканда шуданд. Аз ҷумла ҳоло гойиҳо номи мардумест, ки дар вилояти бостонии Гойя ва шаҳри ҳамноми он (ҳоло ноҳия ва шаҳри Гая ва шаҳри Шаҳибҳангӣ дар Биҳор) сукунат доранд.

https://bikhon.tj

Маънои Синд дарёст. Ҳама рудҳоро ориёҳиндуҳо Синд меномиданд. Шояд ин тоифа ба хотири он синд номида шудааст, ки дар соҳили руд сукунат дошта будаанд. Вақте ориёиҳо аз сарзаминҳои Осиёи Миёна аз тариқи кӯҳҳои Ҳиндукуш убур намуда, ба сарзаминҳои кунунии Ҳинд муҳоҷират намуданд, руди бузурги ин ҷойро низ Синд, яъне дарё гуфтанд. Баъдан водии ин дарё вилояти Синд номбар гардид. Сарзаминҳои ҷанубӣ дар муқобили ноҳияҳои шимолӣ – Ҳинд – Дакан, яъне ҷануб ном гирифтанд. Аслан Ҳиндро ҳиндуҳо Бҳарата мегӯянд, ки дар ин мавзӯъ сухан алоҳида буд. Ҳинд ё Ҳиндустон номест, ки бештар онро аз хориҷ ном бурдаанд. Вожаи «Синд» баъдан ба шакли «Ҳинд» баргашт[1].

Таҳлилоту баррасӣ нишон медиҳанд, ки дар минтақаҳои Бадахшони кунунӣ, шимоли Ҳиндустон ва ғарби кунунии Хитой чандин руд ва ноҳия Синд номида мешудааст. Бар илова аз ин эҳтимол аст, ки номи яке аз қавмҳо ва кишварҳои ориёӣ Саена ё Син ба шакли Синд ва Чин баргашта бошад. Аз ҷумла яке аз шохобҳои руди Панҷ, ба эҳтимоли қавӣ Ғунд дар даврони ориёҳиндӣ Синд ё Синдҳу ном дошта будааст. Бояд гуфт, баргашти забонии синд ба ғунд аз лиҳози забонӣ имкон пазир аст.[2] То кунун тамоми пажӯҳишгарон Синдро танҳо дар ҳудудҳои Ҳинди кунунӣ ва водии дарёи Синд воқеъ донистаанд. Вале тавре ошкор хоҳад шуд, Синд низ дар мавқеиятҳои дигаре, ки ҳоло дар бораи онҳо сухан хоҳад рафт, вуҷуд дошта будааст. Тавре дар «Бундаҳишн» дар бораи Веҳруд омадааст, ин руд «(Аз Албурз) ба Хуросон бигза-

[1] Далели вуҷуд доштани вожаи синд дар замони қабл аз муҳоҷирати ориёиҳо аз Осиёи Миёна он аст, ки тоифаҳое бо номи синд дар ҳазораи 1 то солшуморӣ дар нимҷазираи Таман, дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ сукунат доштаанд. Дар Эстония Синди, дар Нанай Синд, дар Сурия Синд, дар Осетияи шимолӣ Карман-Синд, дар Коми Синдор, дар вилояти Липетск Синд якино, дар Мордовия Синд рово, дар Молдова Букурия –Синд, дар Хитой Синд ном маҳалҳо вуҷуд доранд.

[2] Мисолҳо барои чунин баргаштҳо дар забон зиёданд: Сома-ҳома (ҳаума аз решаи ҳав) – ғавҷидан; ҳиндолу – ғандолу; меҳ – меғ ва ғайра.

https://bikhon.tj

рад, ба Синдбум шавад, ба Ҳиндугон ба дарё резад, ӯро он ҷо Меҳронруд хонанд, Ҳиндугонруд низ хонанд». Ҳамин иқтибос сабаб шудааст, ки Веҳруд ба руди Синд ва Синдбум ба Ҳинди кунунӣ айният дода шавад. Вале тавре дар боби «Веҳруд» гуфта шуд, ин руд яке аз шохобҳои руди Панҷ будааст. Дар «Бундаҳишн» дар бораи яке аз шохобҳои Веҳруд – Косаруд омадааст, ки «Ба оби Тӯсшаҳр биёяд, онро он ҷо Касафруд хонанд. Ин ҳамон руди Веҳ аст, ки он ҷо Коса хонанд, дар Синд низ Коса хонанд». Тавре дар боби «Косаруд» гуфта шуд, дар ноҳияи кунунии Роштқалъаи Бадахшон маҳал ва руде бо номи Каспар вуҷуд дорад, ки ба эҳтимол ҳамон Кос аст, ки дар адабиёти асримиёнагӣ зикр шудааст. Албатта, дар бораи руди Синд дар адабиёти асримиёнагӣ назарҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки онҳо руди кунунии Синдро дар назар доранд.[1]

Бояд гуфт, ки ҳангоми таҳлили рӯйдодҳо ва ҷуғрофиёи ориёиҳои бостон маълум мегардад, ки на як руди Синдҳу,

[1] Меҳрон дарёи ас-Синд, аз кӯҳҳои Шикинон ҷорӣ мешавад. Дарёи ас-Синд шохоби дарёи Ҷайҳун аст. Аз номи вай (номи) қисмати мулки ал-Ҳинд тасмия шудааст. Вай тавассути ал-Мансур (шояд ал-Майсур – М.Ҳ.) ҷорӣ гардида, ба баҳри Бузурги Шарқӣ мерезад, то он ки аз вай дарёҳои кишвари ал-Ҳинд сарчашма мегиранд». Бартолд дар ин хусус навиштааст: «Номи форсиқадимии Ому Веҳруд будааст; дар «Бундаҳишн» гуфта мешавад, ки ин дарё ба баҳри Ҳинд мерезад ва дар он ҷо Меҳрон ном дорад, яъне Ому бо Ҳинд махлут омехта шудааст». Назари ҳамчун ду шохоби як дарё будани дарёи Ҳинд ва Аму дар яке аз ҷуғрофидонони аввалини араб Ибни Хурдодбеҳ низ дида мешавад. «Ва дигар рудест, ки онро Синдруд хонанд. Ва аз Мағриби кӯҳи Қасак биравад ва ин кӯҳи Қасакро кӯҳи Ях хонанд. Ва ҳамеравад аз сӯи ҷануб ва ба ҳудуди Мултон андар равад ва андар руди Ламғон афтад аз сӯи Мағриб». («Ҳудуд-ул-олам») «Ва чун ин се руд ба ҳам оянд, Меҳрон хонанд. Ва гӯянд, ки аз сари Кӯҳи Ях ва он кӯҳи Қасак аст, обе бардамад чун фавора ҳамчунон ба ду ним шавад. Нимае аз он сӯи шимол фурӯд ояд ва он руди Харноб аст ва нимае ба сӯи ҷануб фурӯ шавад ва он Синдруд аст, он ки Меҳронруд гардад» . («Ҳудуд-ул-олам»). «(Ин одам ба ман) гуфт, ки Ҷайҳун худ ба худ ба ду шоха чудо мешавад. Сарчашмаи ин дарё дар кӯҳҳои ас-Син воқеъ гаштааст. ... яке аз шохаҳои он дарёи Синд ва шохаи дигараш дарёи Ҷайҳунро ташкил медиҳад. (Масолик-ал-мамолик)

https://bikhon.tj

балки якчандто вуҷуд дошта будааст. Ин ҳол табиист. Зеро руд синд ном дошт ва онҳо метавонистанд чандин рудро синд гӯянд. Аз ҳамин ҷост, ки дар адабиёти ориёҳиндӣ чандин рудҳоро дар чандин мавқеият бо номи Синдҳу дармеёбем. Масалан, дар «Ригведо» Синдҳу ҳамчун модари руди Сарасватӣ ном бурда шудааст ва тавре дар боби «Ҳарахватӣ» гуфта шуд, ин руд ба Торими кунунӣ айният мегирад. Дар адабиёти тибетӣ омадааст, ки дарёи Синдҳу аз ҷӯи харсанге, ки шакли шерро дорад, ба самти ҷануб ҷорӣ мешавад. Бо забони «Khriwerlhaskad» дар водии дарёи Синдҳу (Sindhu) дар ҷануб ҳарф мезананд. Дар яке аз асарҳои ориёҳиндии бахшида ба қитъаи «Ҷамбудвипа», яъне Помир чунин иқтибосотро дармеёбем:[1] «Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ноҳияи Бҳарата, ки дар ҷанубӣ Меру ҷой дорад, ду руди бузург – Ганг ва Синдҳу ҷорӣ мешаванд; Аз кӯли Падма (маънои ин вожа нилуфар аст, аммо баъдан кӯли мазкур номи Суманро гирифт – М.Ҳ.), ки дар кӯҳи Чуллахимаван, дар ҷанубӣ кӯҳи Мандара воқеъ гаштааст, се руди бузург сарчашма мегиранд: Ганг, Синдҳу ва Роҳитамша; Дар қитъаи Ҷамбудвипа, дар ҷанубӣ кӯҳи Мандара, шаш руди бузург ҷорӣ мешаванд: Ганг, Синдҳу, Роҳита, Роҳитанша, Ҳарита ва Ҳариканта...».[2]

Дар яке аз асарҳои таърихии Руси бостон дар бораи кишвари Синд ва шоҳ Канишка сухан рафтааст, ки он сарзамини Синд ба ҳар эҳтимол на Синди кунунист.[3]

Тавре маълум мегардад, Синди дар адабиёти ориёэронӣ зикргардида дар шимолу ғарби Туркистони Чин, дар домани ҷанубии қаторкӯҳи Тяншан воқеъ будааст. Ин ном – Синд

[1] «Стхананга-Сутра». Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷуми Шри Судҳарма Свама. 8.81;**2**.301; 3.339-344;6.89

[2] Ҳамон ҷо.

[3] А когда русами стал царь править, царь Канишка править, пошли русы, тохары-русы и кушаны-русы, в землю, в Синдскую землю, и развели там скота, вдоволь развели скота, и вдосталь имели, хлеба вдосталь имели. Довелесова книга. Древнейшие сказания Руси. Сказание о земле Ойразской, стр.24.

https://bikhon.tj

метавонад аз шакли Син ё Саена баргашт шуда бошад, ҳарчанд иштироки вожаи синд, яъне руд низ имконпазир аст. Синд бо сарзамине бо номи Хиргоҳ ҳамҷавор буд ва ба эҳтимоли қавӣ Хиргоҳ номи дигари сарзамини даҳуми шонздаҳгона Харах(вати) будааст. Дар ин пора аз «Шоҳнома» мавқеияти Синд равшан тасвир гардидааст:

Фаровон дигар марзи ҳамчун биҳишт,
Деҳистони бисёру пурбоғу кишт.
Ҷаҳонест аз хубӣ ороста,
Дар ӯ бекарон лашкару хоста.
Мар он марз Хиргоҳ хонад ба ном,
Ҷаҳондида деҳқони густурданом.
Зи як нима бар Синд дорад гузар,
Ба Қаннуҷу Кашмиру он буму бар.
Дигар нима роҳаш сӯи марзи Чин.
Бипайваст бо марзи туронзамин.

Бояд гуфт, ки ба назари мо дар «Шоҳнома» он гуна, ки кишвари Саена ё Син бо Чин яке дониста шудааст, дар баъзе ҳолатҳо Саена бо Синд низ ҳамчун як кишвар тасвир ёфтаанд. Тавре дар бобҳои гузашта, аз ҷумла «Систон» зикр гардид, Зол ва Рустам ҳокимони Нимрӯз – Бадахшону Хатлони кунунӣ будаанд, ки Зобулу Систон дар ин шумор қарор доштанд. Меҳробшоҳ шоҳи Кобулу Синд аст ва маълум мешавад, ки ин Синд Синди Бадахшон нест, зеро вай дар тобеияти Золу Рустам қарор надорад. Модари Рустам Рудоба духтари шоҳи Кобул ва Синд гуфта шудааст, ки дар ин ҷо Синд, Саена ва Син дар назар аст.

Рустам дар муколамааш бо Исфандиёр аз нажоди модариаш низ ёдовар шуда мегӯяд:

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К-аз ӯ кишвари Синд шодоб буд.

https://bikhon.tj

Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.
Нажоде аз ин номвартар кирост?
Хирадманд гардан напечад зи рост.

Номи дигари Рудоба Синдухт, на Синддухт аст, ки ин гуфтаро таъйид менамояд. Ба ин шакл Эрондухт, Турондухт – духтари кишвари эронӣ ё туронӣ вуҷуд дорад ва Синдухт низ духтари Син ё Саена маънӣ мешавад. Ва дар ин мавзӯъ дар боби «Саена» батафсил сухан рафтааст.

Аз рӯйдодҳои «Шоҳнома» ошкор мегардад, ки Синд дар нахуст ба сарзаминҳои эронӣ бахш гардида буд. Дар замони Ковус турониён онро тасаллут намуданд. Дар замони Кай Хусрав ин кишвар боз ба шумори сарзаминҳои эронӣ шомил гардид.

В-аз он пас Манучеҳр аҳде навишт,
Саросар ситоиш ба сони биҳишт.
Ҳама Кобулу Дамбару Мои Ҳинд,
Зи дарёи Чин то ба дарёи Синд.
Зи Зобулситон то ба дарёи Буст,
Ба оин набиштанд аҳде дуруст.

КАНГДИЖҲО

Кангдиж низ яке аз номҳоест, ки дар байни олимон ҷиҳати шинохти ҷойгоҳаш баҳсҳои зиёде барангехтааст. Канг, Канҳа ё Кангдиж исми як сохтмонест дар андаруни кӯҳе, ки онро Афросиёб ҳамчун қаср бунёд кардааст. Нахуст бояд гуфт, ки донишмандон аксаран дар бораи як Канг сухан мегӯянд, дар ҳоле ки тибқи омӯзиши рӯйдодҳои «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар адабиёт умуман аз панҷ Канг сухан ба миён меояд: 1. Канги Заҳҳок, ки

https://bikhon.tj

Биҳиштганг низ номида мешавад, воқеъ дар шаҳри Боб (водии Фарғона) 2. Канги Афросиёб дар самти шарқии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл. 3. Канги Афросиёб воқеъ шимоли шарқии шаҳри Чоч (Тошканд). 4. Канги Афросиёб дар Хутан. 5. Канги Сиёвуш ё Сиёвушгирд дар наздикии шаҳри Хутан. Бар илова аз ин як Канги дигар воқеъ дар Мозандарон номбар шудааст, ки он Канги девон буда, аз ҷониби Рустам фатҳ гардидааст. Вале дар адабиёти роҷеъ ба «Авесто»-ву «Шоҳнома» ва мавзӯоти ориёэронӣ роҷеъ ба шумораи кангдижҳо ҳеҷ гуна ишорат нарафтааст. Аммо дар бораи ҷойгоҳи Канги Афросиёб аз адабиёти гузашта баъзе лаҳзаҳоро пайдо кардан мумкин аст. Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ ҷойгоҳи қисмати зиёди номҳои ҷуғрофиёи «Шоҳнома», аз ҷумла, Кангдижро номаълум гуфтааст. «Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 325 номи ҷуғрофӣ ва номи сохтмон омадааст, ки бархе аз ин номҳо бисёр такрор шуда, монанди номи Эрон, Чин, Турон, Рум, Турк ва... ҳамчунин аз бархе аз ин номҳо имрӯза ҳеҷ гуна огоҳие дар даст нест ва наметавон ҷои дақиқи онро мушаххас кард. Монанди Алмосруд, Сагсор, Талимон, Кангдиж, Оби Маям, Кӯҳи Қалав, Мои Ҳинд ва…».[1]

Аз миёни кангҳо Канги Афросиёб овозадор буда, дар бораи он ривояту ҳикоятҳои бисёр вуҷуд дорад.Бояд гуфт, ки муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Муминҷонов дар бораи мавҷуд будани ду Канҳа – шаҳри Сиёвуш ва Канги Афросиёб изҳори назар кардааст.[2]

КАНГИ АФРОСИЁБ

Аммо аз ҷониби гузоришгарон на танҳо дар бораи ин кангҳо сухан алоҳида нарафтааст, балки Канги Сиёвуш ва

[1] Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ «Нақшаи ҷуғрофиёи Шоҳномаи Фирдавсӣ». Теҳрон, 1371, с. 5.
[2] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Д. 2004, с.97.

https://bikhon.tj

ҳама Кангҳои Афросиёб яке дониста шудаанд. Масалан, муаллифони «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» навиштаанд, ки: «Антара Канҳа – номи кӯҳе аст, ки дар болои он диже ба василаи Сиёвуш сохта шуда ва онро Гангдиз низ гуфтаанд».[1] Меҳрдоди Баҳор навиштааст, ки Кангдиж намунаи осмонии Сиёвушгард аст».[2] Ба қавли Ҳ. Муъминҷонов «Мину хирад» (ф. 27,б.55), «Динкарт» (7,ф.1, б,37) «Баҳманяшт» (ф.3,б.252-56) «Дотистон диник» (ф.90.б.5) Сиёвушро поягузор ва созандаи Канҳа ва Кангдиж медонанд».[3] Дар «Авесто» аз Канг чунин ёдҳо омадааст: «(Тӯс) аз вай хостор шуд: – Эй Ардвӣ Сура Аноҳито! Эй нек! Эй тавонотарин! Маро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар писарони далери хонадони Виса дар гузаргоҳи Хшатри Саук бар фарози Канги баланд ва ашаван пирӯз шавам; ки ман сарзаминҳои туроириро барандозам: панҷоҳҳо садҳо, садҳо ҳазорҳо, ҳазорҳо даҳ ҳазорҳо, даҳ ҳазорҳо садҳазорҳо».[4] Мутобиқи тасвироти бисёр адабиёт дар болои кӯҳе, ки Канг андаруни он сохта шудааст, дижи писарони Виса воқеъ гаштааст. «Писарони далери хонадони Виса дар гузаргоҳи Хшатра Саук бар фарози Канги баланд ва ашаван сад асп ва ҳазор гов, даҳ ҳазор гӯсфанд ӯро пешкаш оварданд».[5]

Сарфи назар аз ин дар бораи ҷойгоҳи ин қасри зеризаминӣ баъзе донишмандон ба воқеият наздик омадаанд. Масалан Артур Крестенсен гуфтааст: «Метавон ин сарзамин (Сакавастан)-ро дар самти шимол, дар сари роҳи Туркистон ба сӯи Чин донист, яъне ҳамон тараф, ки Кангдижро бояд ҷустуҷӯ кард».[6] Юсти низ онро ба ҷойгоҳи аслиаш хеле наздик зикр кардааст: «Ба назар мерасад, ин маҳал, ки чиниҳо низ онро таҳти исми Канг мешинохтанд ва як қисм

[1] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 57.
[2] «Шоҳномашиносӣ» ҷилди 1, «Кангдиж ва Сиёвушгард», с. 261-7.
[3] Мӯъминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ», с. 201.
[4] «Авесто». Кардаи 14 с. 307.
[5] «Авесто». Кардаи 14, с. 307.
[6] Крестенсен А. «Каёниён».

https://bikhon.tj

биҳишти рӯи замини маҳсуб мешудааст, ба воситаи як даста аз ориёиён дар васати хоки Турон дар тарафи шимоли Сирдарё барпо шуда буд».[1] Дар «Бундиҳишн» омада, ки ин кишвар дар тарафи шимол, дар сари роҳи Туркистон ва Чинистон воқеъ аст. Аммо ба қавли Давлатназар Х. Юстӣ ин кишварро Қошғар гуфтааст.[2] Дар «Ғиёс-ул-луғот» омада, ки «Гангдиж дар замини Чин аст».

Донишманди фақиди тоҷик Ҳамдам Мӯъминҷонов Конибодомро Канҳа ва Ҳайдарконро, ки маҳалҳое воқеъ дар ҷанубӣ ғарбии водии Фарғона мебошанд, Антара Канҳа гуфтааст.[3] Вале танҳо дар баробари шинохтани ҷойгоҳи Эронвиҷ, кишвари Хуросон, Хшатрасаука, дарёи Фарохкард ва дигар мавқеиятҳо муайян намудани ҷойгоҳи Кангдиж низ осон мегардад. Масалан дар «Бундаҳишн», боби 14 омадааст, ки Канг дар тарафи машриқ воқеъ аст. «Минуи хирад» боби 62, бандҳои 13,14 навиштааст, ки Кангдиж дар машриқ дар сарҳади Эронвиҷ аст. «Кангдиж ба ноҳияти Хуросон бар забари дарёи Фарохкард аст. Онро Афросиёби Тури ҷодугар дар зери замин ба ҷодуӣ кард. Ба-д-он ноҳият ба бас фарсанг, дашти Пишонса ба Кобулистон аст. Чунин гӯяд: пайдотарин баландӣ ба Кобулистон он ҷост, ки дашти Пишонса аст. Дар он ҷо кӯҳчоле ба боло баландтар нест».[4] «Кангдиж дар сарҳади Ориёвиҷ аст».[5] Гузаргоҳи Хшатрасаука, ки дар бораи он сухан рафт, дар болои Канг гуфта шудааст. Ба таъйиди Кристенсен қасри зеризаминии Афросиёб дар кӯҳи Бағгир воқеъ буда, ки номи дигараш кӯҳи Дорспед (кӯҳи дарахтони сафедор) аст.[6] Дар бораи мавқеияти Эронвиҷ, Хшатрасаука, дашти Пишонса дар бобҳои марбута сухан рафтааст, ки ҳоҷат ба такрор нест.

[1] Пури Довуд «Яштҳо», ҷ.1.
[2] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ».
[3] Мӯъминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с. 73.
[4] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 14.
[5] «Минуи хирад».
[6] Кристенсен А. «Каёниён», с. 131.

https://bikhon.tj

«Бундаҳишн» ҳамчунин мегӯяд: «Дар бораи хонаи Афросиёб гӯяд, ки зери замин ба ҷодуӣ сохта шудааст. Ба равшанӣ, хона (дар) шаб чун рӯз равшан буд. Чаҳор руд дар он метозад, яке об, яке май, яке ширу яке мости зада. (Бар сақфи он) гоҳ Хуршеду гоҳ Моҳ ба равшанӣ дар оростааст».[1] Мутобиқи навиштаҳои паҳлавӣ гӯё Канг ҳоло ҳам вуҷуд дошта, дар он мардум бо шодиву сурур ва диндорӣ ба сар мебаранд. Дар шарҳи «Бундаҳишн» бино ба навиштаи Меҳрдоди Баҳор омадааст, ки «Кангдиж намунаи осмонии Сиёвушгард аст, ки саранҷом тавассути Кай Хусрав фурӯд оварда мешавад ва бар Сиёвуш қарор мегирад; ва ин худ ишораи поёни ҷаҳон аст».[2]

Нисбати мавқеияти Канг ва ё Гангдиж низ миёни муҳаққиқини «Авесто» назари яксон вуҷуд надорад. Мисли дигар руду дарё ва кӯҳҳои авестоӣ Канг низ дар чандин маҳал суроғ шудаву айният ёфтааст. Роҷеъ ба мавқеияти ин кӯҳ «Бундиҳишн», «Минуи хирад» ва «Шоҳнома» хеле ишораҳои рушан ва қотеъ намудаанд. «Бундиҳишн» (бахши 29, банди 10) Гангдижро дар чандин фарсанги шарқи дарёи Ворукаша медонад ва ҳамчунин «Минуи хирад» Гангдижро дар ховар, дар сарҳади Эронвиҷ медонад.[3] Тавре боби «Ворукаша» гуфта шуд, дарёи Ворукаша дар замони ориёэрониҳо баҳри ва рудҳои Омуву Сирро дар бар мегирифт ва аз ин ҷост, ки Кангдиж дар чандфарсангии яке аз шохобҳои руди Вахш, ки Қизилсуи кунунист воқеъ буда, Эронвиҷ низ ҳамин мавқеиятро фаро мегирифт. Наздикии Эронвиҷ (водиҳои Олой ва Лахш) ба Кангдиж аст, ки «Кай Хусрав Афросиёбро кушт, худ ба Кангдиж шуду шоҳиро ба Луҳросп супурд».[4] Ҳоло дар системаи кӯҳҳои Каро Корум бо номи Канг зиёда аз бист қуллаи кӯҳ вуҷуд дорад, ки шояд бар

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 17.
[2] «Бундаҳишн», шарҳи бахши 17 бо ишора ба «Шоҳномашиносӣ» ҷилди 1, «Кангдиж ва Сиёвушгард»-и Меҳрдоди Баҳор, с. 261-7.
[3] Бахши 62, бандҳои 13-14.
[4] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 18.

https://bikhon.tj

асари номи Канги Афросиёб чунин номгузорӣ гардида бошанд. Масалан, Салторо Кангри (7742), Кангуртаг (7719), Сасир Кангри (7672), Скианг Кангри (7544), Сасир Кангри П (7513), Сасир Кангри Ш (7495) ва дигар кӯҳҳо дар ҳамин шуморанд.

Тибқи маълумоти Обоняшт, бандҳои 54, 57 гузаргоҳи Хаштрасаука дар болои Канҳа воқеъ будааст. Аз ин лиҳоз ҷойгоҳи Кангаро дар қаторкӯҳи Фарғона ба сӯи Чин бояд таъйин кард. Ин гузаргоҳ ягона роҳи убур аз кӯҳҳои баландро аз ғарб ба шарқ ташкил медиҳад. Дар миёни Қошғар ва Фарғона гузаргоҳи Терек-даван вуҷуд дорад, ки аз сатҳи баҳр 3871 метр баланд аст. Ба қавли Ҳ. Шарифов ин гузаргоҳ «Дарвоза» ном дорад.[1] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» низ дар бораи ин ҷойгоҳ навиштааст, ки «Хшатра Сука – номи Дарвозаи дижи рӯшиноси пешиниён ё номи банди рӯшиноси бостонӣ» аст.[2] Азбаски Канг дар ҷойгоҳи ҳамҳудуди Хуросон ва Хванирас воқеъ буд, онро баъзан дар Хуросон ва дар баъзе адабиёт воқеъ дар Хванирас гуфтаанд. Масалан, дар «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ омадааст: «Дар ин сарзамин (яъне Хванирас) навоҳии дигаре низ қарор гирифтааст, монанди Кангдиж, сарзамини Хшатрасаука (Саукистон), дашти Тозиён, дашти Пишонси, руди Новток, Ориёвиҷ, Варачамкард ва Кашмири андарунӣ». Аммо дар дигар бобҳои «Бундаҳишн» омадааст, ки: «Кангдиж ба ноҳияти Хуросон бар забари дарёи Фарохкард аст». Назар ба маълумоти аксари китобҳои динии зардуштӣ растохез дар Канҳа, Гупат, дашти Пишонса ва атрофи Новток оғоз мешавад. Мувофиқи ташхисоти мақолаҳои марбута мо ҷойгоҳи сарзамини Хшатрасаука, дашти Тозиён, дашти Пишонси, руди Новток, Ориёвиҷ, Вари Ҷамкард ва Кашмири андаруниро муайян кардаем, ки ин ҳама дар ҳамҷаворӣ воқеъ гаштаанд.

[1] Шарифов Ҳ.»Яъқуббеки Бадавлат» с. 39. «Тоҷикони бурунмарзӣ». Хуҷанд, 2005.
[2] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто».

https://bikhon.tj

Донишманди тоҷик Ҳ. Муминҷонов навиштааст, ки «Бино ба маълумоти «Бундаҳишн», (чопи Анклессария, с. 209, Динкарт, китоби 9 боби 33 банди 5, Мину хирад боби 77, банди 60, Аугамдаечо бандҳои 60-61) қасри зеризаминии Афросиёб аз оҳан пӯшида шуда, дар кӯҳи Бағгир, яъне кӯҳи худоён қарор дорад. Баландии сақфи он ба қади ҳазор одам расида, дорои сад сутун мебошад Дар он офтобу моҳи маснӯӣ мавҷуд буда, аз дохили он чаҳор руд мегузарад: об, шароб, шир, мост».[1] Ба ақидаи Артур Кристесен дижи Афросиёб дар зери кӯҳи Бағгир, ки номи дигари кӯҳи Дорспед (дорои сафедор ё ҷангали сафед) аст, сохта шудааст.[2] Антара Канҳа – кӯҳе будааст, ки дар болои Канҳа воқеъ аст.[3] Сичидава шуъбае аз кӯҳи Антара Канҳа аст.[4] «Дар асоси ривояти паҳлавӣ Канг ҳоло ҳам мавҷуд буда, мардуми он бо шодӣ, сарбаландӣ ва диндорию покӣ ба сар мебаранд ва ба Эрон барнагашта, интизори растохез ва охирзамон мебошанд».[5]

Бояд гуфт, ки дар миёни мардуми Сарикӯл то кунун хотироте аз Афросиёб ва Канги ӯ барҷой мондааст. Мутобиқи навиштаи донишманди фақид Шарифов Ҳ. «Дар машриқи Тошқӯрғон кӯҳи баланди Афросиёб қарор дорад, ки хушк ва бегиёҳ аст».[6] Дар охири асри 19 бисёр сайёҳони рус ба ин минтақа сафар намуда, дар бораи ин маҳал китобҳои хотира навиштаанд. Яке аз онҳо дар бораи баландтарин қуллаи ин маҳал Музтаг навиштааст: «Музтаг-ата, мисли пешпосбоне, ки роҳи сӯи Осиёи марказиро банд кардааст, яке аз баландтарин кӯҳҳои Помир ва дунё, ки 7800 м. баландӣ дошта, ҳамчун идомаи воқеии қаторкӯҳҳои Ҳимолой, Кунлун, Қарақорум, Ҳиндукуш, ки дар «Боми дунё» ҷамъ гардидаанд, зоҳир гардидааст».

[1] Мӯъминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с. 75.
[2] Кристенсен А., Каёниён с. 131
[3] Зомёдашт, банди 4.
[4] Зомёдашт, банди 5.
[5] Мӯъминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с. 97.
[6] ШарифовҲ. «Яъқуббеки Бадавлат», с. 431.

https://bikhon.tj

Музтаг-ата кӯҳи муқаддас ҳисоб мешавад. Қирғизҳо дар пеши кӯҳ ба зону нишаста дуо мекунанд. Дар он ҷо гӯё 72 валӣ хуфтааст. Бовар кунонданӣ мешаванд, ки ин кӯҳ мазори бузург аст ва дар қатори дигар валиҳо Мусо ва Алӣ хобидаанд. Гӯё ҳазрати Алӣ пеш аз маргаш гуфта будааст, ки вақте вай мемирад, аз осмон шутуре омада, ҷасади ӯро бардошта мебарад. Дарвоқеъ баъди маргаш шутури сафеде аз осмон омада, ӯро дар пушташ ба сӯи Музтаг-ата мебарад. Қирғизҳо баъзан ин кӯҳро кӯҳи ҳазрати Мӯсо меноманд».

«...Мустаг-ата мисли Дамованд ва дигар кӯҳҳои бузург бо абрҳои пурасрори ривояту қиссаҳои фантастикӣ печонда шудааст».

«Қирғизҳо ривоят мекунанд, ки дар қуллаи Музтаг-ата шаҳри қадими Ҷанайдар (эҳтимол Ҷиландар – М.Ҳ.» воқеъ гаштааст. Ин шаҳр он замоне бино шудааст, ки ҳама одамон поку беолоиш будаанд. Ва азбаски баъдҳо робитаи миёни он шаҳр ва дигар ҷойҳои замин канда шуд, одамони он шаҳр ҳанӯз ҳам поку беолоиш ҳастанд. Дар он ҷо боғҳое вуҷуд доранд, ки соли дароз меваҳои аҷоиб ба бор доранд, гулҳояш бехазонанд; занҳо пир намешаванд ва ҳамеша ҷавонанд. Тамоми неъматҳои зиндагӣ ҳамарӯза фаровон вуҷуд дорад. Марг, сардӣ ва торикӣ он ҷоро ҳамешагӣ тарк кардаанд.

Дар Субошӣ қирғизҳо нақл карданд, ки асрҳо пеш ба як эшони пир муяссар шуда буд, ки ба қуллаи он кӯҳ барояд. Вай дар он ҷо кӯлеро мебинад, ки дар соҳилаш шутури сафеде чаро карда мегаштааст. Дар он ҷо боғе вуҷуд дошт, ки дар он дарахтони олу пур аз мева будаанд ва одамон ҷомаҳои сафед дар бар доштаанд. Эшон аз дарахтони он ҷо мева чида мехӯрад. Яке аз одамони он ҷо ба вай мегӯяд, ки агар вай аз мева ҳазар мекард, мисли дигарон аз ин ҷо ба хонааш баргашта наметавонист. Баъд эшон аз он ҷо баргашта, он чиро ки дида буд, базӯр ба ёд меовард...»

Дар «Бундаҳишн» яке аз рудҳо дар Кангдиж гуфта шудааст, ки он ба сӯи Мукристон мерафтааст. «Пайдост, ки

https://bikhon.tj

Меҳнруд, ки Чеҳрумеҳноб аст, ба Кангдиж аст. Ба Мукристон равад». Ба эҳтимол ин руд Маркансу ё Қизилсуи кунунӣ бошад.

Дар «Шоҳнома», Канги Афросиёб ба шакли Ҳанг низ омадааст. Вай дар ин Ҳанг (Канг) ки ба кӯли Чайчаст (Қаракӯл) наздик будааст, ба дасти Ҳум гирифтор шуда, худро ба ин кӯл мезанад ва охир аз дасти Кай Хусрав кушта мешавад.

В-аз он пас чунон буд, ки Афросиёб,
Ҳаме гашт ҳар ҷой бехурду хоб...
Ба наздики Барда яке ғор дид,
Сари кӯҳи ғор аз ҷаҳон нопадид.
Надид аз бараш ҷои парвози боз,
На зераш паи шеру ҷои гуроз.
Зи ҳар шаҳр дуру ба наздики об,
Ки хонӣ ҳаме Ҳанги Афросиёб.

ТОЗИЁН

Тибқи маълумоти адабиёти тибетӣ, тавре зикр шуд, дар кишвари Олмо Лунг – Таҷиг ҳафт тоифаи шоҳӣ – тоифаҳои «Хос», «Шаг», «По», «Гйа», «То», «Нйан» зиндагӣ мекарданд ва тоифаи асосии он Му-шен ном дошт. Аммо аҳолии Таҷигро асосан тоифаи «sTag-qzig hos rigs», яъне тоифаи шоҳии (rgyal) «Хос» ташкил медодааст.» Агар ин номҳо бо сарчашмаҳои дигар муқоиса карда шаванд, чанде аз хусусиёташон равшан хоҳад шуд. Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» аз Маши ва Машёна ҳафт ҷуфт-ҷуфт нару мода зода шуданд. Ин ду ном ҳамчун номҳои зану шавҳар ифода шудаанд ва гумон меравад, ки номи қабилаи Му-шени дар адабиёти тибетӣ зикршуда (Машёна – Машен – Му-шен) айни ҳамин ном бошад. Дигар, аз Маши ва Машёна ҳафт ҷуфт

https://bikhon.tj

зода шуда буд ва номҳои тоифаҳои кишвари Олмо Лунг – Таҷиг низ ҳафтто будаанд. Албатта, шакли талаффузи тибетӣ ва хеле қадими наслҳои Маши ва Машёна шояд аз шакли асл тафовут намояд, аммо шабеҳияти чанде аз онҳо бо номҳои маҳалҳои ориёӣ эҳсос мегардад. Ғайр аз ин, дар аксари адабиёти марбут ба ориёиҳо сарзаминҳои сукунатгоҳи онҳо низ ҳафттоанд. Аз он миён яке аз сарзаминҳо дар «Маҳабҳарата» Сакала – Шакала ном дорад, решаи он сак – шак, яъне сокоӣ будааст, ки бо номи тоифаи Олмо – Иламии «Шаг» шояд айни ҳам бошанд. Ин ном дар «Шоҳнома» ба шакли «Сақило» ва Сақлоб вуҷуд дошт. Умуман номҳои топонимии марбут ба сокоиҳо хеле густурда аст.

Дар ин миён ҳамчунин тахмин кардан мумкин аст, ки шояд номи қабилаҳои «Тай» бо «То», «Гйа» бо сарзамини «Гой» аз «Бундаҳишн», ки ба тахмин суғдиёнанд, айни ҳам будаанд.

Ва номи таҷиг, тагзиг ва тазиг «sTag-qzig hos rigs» аксаран бо тоифаи «хос» (hos) ва мансубияти «шоҳӣ» (rgyal ё rigs) ҳамроҳ омадааст. Б. Шаҳсойлу, муҳаққиқи толишӣ баъзе вожаҳои марбут ба номҳои халқҳои ҳиндуаврупоиро, ки бо қисмати «та-» оғоз шудаанд, аз қисмати аввали вожаи ориёҳиндии «дайва», «деус» донистааст, ки дар забони ориёҳои қадим ба маънои худо меомад. Ин вожа ба шаклҳои гуногун баргаштааст: суриягиҳо онро «того» арабҳо «тиҷан» гӯянд. Дар сарчашмаҳои арманӣ «тоҷ» ба шакли «тагҳ» баргашт.» Ҳамчунин ӯ гуфтааст, ки дар забони талишӣ вожаи «таҷа» маънои «ҷойгоҳи Худо» ва «ҷига» маънои рамзи болои гулчанбарро дорад. Дар иртиботи ин маънӣ бояд зикр кард, ки вожаи «дяус», ки имрӯз дар шакли «дев» дар забони мо баргаштааст, ба ҷуз аз маънои «худо» маънои «осмон»-ро низ дошт. Ва тавре дар боло дидем, тоифаи шоҳони кишвари Таҷиг аз осмон омада буданд ва баъди реҳлат ба воситаи он тоҷи равшане, ки болои сар доштанд, боз ҳам ба осмон мерафтаанд. Ҳамин тариқ месазад,

https://bikhon.tj

ки вожаи «тоҷик» бо вожаҳои худо ва осмон низ муқоиса карда шавад.

Инак тавре дида мешавад, вожаи «тазиг» ва ё «таҷиг» бо ихтисори ҳарфи «г» имкон дорад ба шакли «тазӣ» ва «тозӣ» баргашт намояд. Ҳамин тариқ, вожаи «тозӣ» аслан шакли тағйирёфтаи номи қадимии тоҷик (таҷиг) будааст, ки бо далели мӯътамади сарчашмаҳои тибетӣ дар шакли мазкур вуҷуд доштааст.

Дар «Бундаҳишн» «Тоз» ҳамчун исми хос низ ва «Тозиён» ҳамчун номи ҷуғрофӣ зикр шудааст: «Аз он шаш гуна ҷуфте мард Тоз ва зан Гавозак ном буданд. Ишон (-ро нишемангоҳ) ба дашти Тозиён буд. Дашти Тозиёнро ном аз ӯст ва ба сабаби ӯ аст, ки чунин хонанд». Дар китоби мазкур сукунатгоҳи тозиён – Дашти Тозиён боз ҳам аниқтар нишон дода шудааст. Дар ин мавзӯъ омадааст: «Шонздаҳум, увдои Аранг беҳтарин сарзамин офарида шуд, (ки) увдои Тозиён аст. Увдойро патёра пеш ин омад, ки солорро ба солорӣ надоранд ва зимистон низ он ҷо гарон бувад. Дар он тозиён зист кунанд». Тибқи таҳқиқ ва айниятдиҳии мо, ки ки дар нисбати кишварҳои дар «Шоҳнома» анҷом додаем, атрофи қаторкӯҳи Фарғона, ки Сирдарё, яъне Аранг (Рангҳа, Арванд) аз он ҷо сарчашма мегирад, ба ҳайси сарзамини Тозиён таъйин шудааст. Вагарна зимистони сахту биёбони Араб?

Сарчашмаи дигаре, ки аз тозӣ ва тозиён зиёд ёдоварӣ намудааст, «Шоҳнома» аст. Мисли «Бундаҳишн» дар ин шоҳасар низ тозӣ ва Тозиён ба ду маънӣ – номи тоифа ва номи кишвар зикр гардидаанд. Имрӯз дар илм анъана шудааст, ки номи тозиро гунаи дигари номи араб бигӯянд. Аз ҳамин ҷост, ки дар чанде аз адабиёти қадим, тоҷикро низ аз қавми тай ва този араб ва Тозиёнро низ ба маънои сарзаминҳои араб донистаанд. Тибқи таҳлилоти ҷуғрофӣ ва муқоисаи сарзаминҳои «Шоҳнома» низ Тозиён ё Дашти Тозиён дар атрофи қаторкӯҳи Фарғона воқеъ аст. Дашти

https://bikhon.tj

Тозиён дар ҳамчавории Ориёно, ки мо онро бо водиҳои Лахшу Олой ва Сарикӯл айният дода будем, воқеъ будааст.

Нахуст ва дар асл номи тоифаи тозӣ ҳеҷ гоҳе марбути тоифаву қабилаҳои араб набуд. Тозӣ ҳамон аст, ки бо гунаҳои таҷиг ва тагзиг зикр гардид. Ин кишвар аз ғарбу шимоли фалоти Тибет оғоз мегардид. Дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» номи Тагзиг дар шакли «тазӣ» дар баъзе аз минтақаҳои шимолу шарқии Помир ва Фарғона боқӣ монда буд. Яке аз номҳои машҳури «Шоҳнома» Заҳҳок аз ҳамин тоифа буд. Ҷои тазаккур аст, тозӣ ва Тозиён аз нигоҳи Ҳаким Фирдавсӣ тоифаи араб ва кишвари арабҳо ва Заҳҳок низ аз ҷониби ӯ ҳамчун шоҳи араб тасвир шудааст. Тавре гуфта шуд, дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» Тозиён минтақае дар ҳамчавории водии Олойи кунунӣ буд, вале дар он замон водии Сарикӯл ва баъзе қисматҳои водии Фарғона низ сукунатгоҳи тозиён будааст. Ҳангоме ки мардум дар Эрон (Лахшу Олой) аз Ҷамшед рӯй мегардонанд, ба сӯи Тозиён, (атрофи қаторкӯҳи Фарғона) барои муроҷиат ба Заҳҳок, роҳ мегиранд. Водии Олой бо ин қаторкӯҳ ҳамчавор аст. Дар «Шоҳнома» аз Тозиён бори аввал дар ҳамин ҷо ёдоварӣ ба амал меояд.

Якояк аз Эрон баромад сипоҳ,
Сӯи Тозиён бар гирифтанд роҳ.

Заҳҳок низ даъвати эрониёнро пазируфта, ба тахти шоҳӣ менишинад.

Аз Эрону аз Тозиён лашкаре
Гузин кард гурдони ҳар кишваре.

Заҳҳок ҳамчун анъана шоҳи ҳафт кишвар будааст. Тибқи ҷуғрофияи адабиёти ориёҳиндӣ ва ориёэронӣ (бояд гуфт, ки истилоҳи ориёҳиндӣ ва ориёэронӣ шартӣ буда, чандон

https://bikhon.tj

ҷавобгӯи воқеият буда наметавонанд. Ба ҳар ҳол бояд зери ин мафҳум он ориёиҳоеро бояд фаҳмид, ки қабл аз муҳоҷираташаон дар ҳудудҳои кунунии Тоҷикистону Фарғона ва минтақаҳои атрофи он сукунат доштаанд – М.Ҳ.) ҳафт кишвар вуҷуд дошт, ҳарчанд ҷуғрофияи ҳафт кишвари ориёҳиндӣ аз ҳафт кишвари ориёэронӣ тафовут менамояд, вале ин ҳар ду ҳафт кишвар дар минтақаҳои Осиёи Миёна воқеъ будаанд. Дар ин мавзӯъ Арнавоз ба Заҳҳок мегӯяд:

Замин ҳафт кишвар ба шоҳӣ турост,
Сари моҳ то пушти моҳӣ турост.

Тавре маълум аст сарзаминҳои эронӣ миёни фарзандони Фаридун чунин тақсимот шудаанд:

Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин
Саввум Дашти гурдону Эронзамин.

Дашти Гурдон ё Дашти саворони найзагузор, ки ба Эраҷ дода шуда буд, дар замони Ҷамшед ба сарзамини Тозиён шомил будааст. Ва Заҳҳок:

Бар сар барниҳод афсари Тозиён,
Бар эшон бубахшуд суду зиён.

Фаридун барои сарнагун кардани Заҳҳок аз домани кӯҳи Албурз (қуллаи ба номи «Исмоли Сомонӣ) аз водии Лахш ва Олой ба востаи Дашти Тозиён ба сӯи маркази кишвари ӯ Боб (Поп) воқеъ дар самти шимоли Сирдарё ҳаракат мекунад:

Расиданд бар Тозиёни наванд,
Ба ҷое, ки яздонпарастон буданд.

https://bikhon.tj

Дар «Шоҳнома» омадааст, ки дар як ҷанг Афросиёб баъди шикаст аз Эрониён фирор намуда, «Бишуд Тозиён, то ба Халлух расид» – яъне пас аз гузаштани Дашти Тозиён ба Халлух расид. Аз адабиёти ҷуғрофии марбут ба таърихи Осиёи Миёна мавқеияти Халлух маълум аст. Агар мувофиқи тасаввуроте, ки имрӯз маълум аст, Тозиёнро дар Арабистон ва Халлухро минтақае дар шимоли қаторкӯҳи Фарғона таъйин намоем, дар ҳамҷаворӣ нишон додани Тозиён ва Халлух аз рӯи мантиқ нораво хоҳад буд. Мавқеияти ҷуғрофии ин ду кишварро низ Ҳаким Фирдавсӣ аз сарчашмаҳо айнан истифода кардааст. Вагарна дар замони ӯ Тозиён ҳамчун кишвари арабҳо машҳур буд. Агар дар нусхаҳои аслии маводи рӯйдодҳои «Шоҳнома» зикр намегардид, ки Афросиёб аз Тозиён гузашта, ба Халлух расид, на ровиёни баъдӣ ва на Ҳаким Фирдавсӣ чунин иборараз худ илова карда наметавонистанд, зеро он аз нигоҳи мавқеияти ҷуғрофии кишварҳо дар дар замони эҷоди «Шоҳнома» бемантиқ менамуд. Ин ҷузъиёт нишон медиҳад, ки Ҳаким Фирдавсӣ асли достонҳои ба дасташ расидаро чи гуна айнан бозгӯ кардааст.

Дар «Шоҳнома» яке аз кишварҳо Кобул (пушти қаторкӯҳи Фарғона) бо Тозиён ҳамҷаворӣ дошт ва ҳамин ҷиҳати ҳамҷавории ҷуғрофист, ки шоҳи Кобул Меҳробшоҳ хоҳарзодаи Заҳҳок будааст. Рустам, ки модараш духтари шоҳи Кобул Меҳробшоҳ аст, дар як муколамааш бо Исфандиёр аз нажоди модариаш низ ёдовар мешавад. Ӯ мегӯяд:

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К-аз ӯ кишвари Синд шодоб буд.
Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.
Нажоде аз ин номвартар кирост?
Хирадманд гардан напечад зи рост.

https://bikhon.tj

Ҳамин тозиён буданд, ки вақти тохт кардани Афросиёб ба Эрон, ҳангоме ки Ковус зиндонии шоҳи Ҳомоварон буд, қабл аз ҳама ба муқобили Афросиёб бархостанд. Ин ҷо низ агар андеша шавад, агар Ковус дар Ҳомоварон, ки тибқи анъана дар нимҷазираи Арабистон медонандаш, зиндонӣ бошад, чи гуна боз тозиён-арабҳо ба муқобили Афросиёб бармехостаанд. Яъне маълум мегардад, ки тозиён – тоҷикон ҷузъе аз Эрон ва бо онҳо ҳамсарнавишт будаанд. Вале онҳо дар ин ҷанг шикаст хӯрданд.

Бишуд тунд Афросиёб аз миён,
Баровехт бо лашкари тозиён…
Шикаст омад аз турк бар тозиён,
Зи чустӣ фузунӣ сар омад зиён.
Сипоҳ андар Эрон пароканда шуд,
Зану марду кӯдак ҳама банда шуд.

Агар мантиқан биандешем, Афросиёб аз ҳар минтақаи Турон ба Эрон ҳуҷум мекард ҳам, ҳеҷ гоҳ бо тозиёни нимқораи Арабистон рӯ ба рӯ омада наметавонист. Тозиён аз мардуми ориёӣ буданд. Сукунатгоҳи онҳо дар миёни водии Олой, водии Фарғона дар атрофи қаторкӯҳҳои Фарғона воқеъ буд. Ҳар гоҳ турониён ба Эрон ҳуҷум меоварданд, нахуст зарба ба Тозиён мерасид. Эрону Тозиён дар баъзе лаҳзаҳо ду кишвари амҷавор будааст. Афросиёб ба Эрон ҳуҷум карда, дар сари роҳаш кишвари Тозиёнро шикаст медиҳад. Ӯ лоф мезанад, ки:

Ҳама шаҳри Эрон сарои ман аст,
Ки Тури Фаридун ниёи ман аст.
Ва дигар ба бозуи шамшерзан
Тиҳӣ кардам аз тозиён анҷуман.

https://bikhon.tj

Афросиёбро, агар тозиён арабҳо ва кишвари онҳо дар назар аст, ҳеҷ зарурате набуд, ки барои ба Эрон ҳуҷум овардан нахуст дар сари роҳаш бо онҳо биҷангад ва чунин ҳол аз мантиқи ҷуғрофӣ низ орист. Ковус низ пас аз шунидани хабари ҳуҷуми Афросиёб ба ҷанги ӯ шитоб мекунад. Ковус: «Чу бишнид гуфтори ӯй… Зи Барбар биёмад сӯи Тозиён» – яъне сӯи Эрон, на сӯи кишвари арабҳо, тавре ки маъмулан чунин шарҳ медиҳанд. Агар Тозиёнро кишвари арабӣ бишумарем, пас чунин мебарояд, ки Ковус аз ҷанги Афросиёб фирор намуда будааст, ки дар асл чунин нест. Ин ҷо Ковус аз минтақаи поёноб ва ғарби Сурхондарё, ки Барбар ном дошт, ба қисмати шарқии Фарғона – Тозиён меояд. Ва Афросиёб ба ҷанги Ковус дар ҳамин Тозиён тайёрӣ мебинад. Тавре дида мешавад, Тозиён дар ин ҷо ҳамчун муродифи Эрон истифода шудааст, ки дар ҳамҷавории ин сарзамин қарор доштааст.

Тавре қаблан зикр гардид, рӯйдодҳои «Шоҳнома» асосан дар ду давра ва дар ду минтақаи ҷуғрофӣ рух додаанд. Нахуст, аз оғоз то подшоҳии Ҳумой, дуввум аз подшоҳии Дороб то охир. Мафҳум ва ҷуғрофияи истифодаи тозӣ ва Тозиён низ ба ду қисмат ҷудо мешавад. Дар қисмати нахусти ҷуғрофии «Шоҳнома» ҷуғрофияи ин вожаҳо дар минтақаҳои қисмати ғарбии кунунии Хитой ва водии Фарғона истифода шудааст. Аммо дар қисмати дуввуми «Шоҳнома» истифодаи вожаҳои тозӣ ва Тозиён дар нисбати арабҳо ба кор рафтааст.

Дар ин пора иқтибоси зер тозиён дар нисбати арабҳо истифода шудааст:

Чунон буд, ки аз тозиён сад ҳазор
Набарда саворони найзагузор
Бирафтанд, солори эшон Шуайб,
Яке номдор аз нажоди Қутайб.

https://bikhon.tj

Ва ҳам бори аввал дар ҳамин ҷо араб ҳамчун муродифи тозӣ истифода гардидааст.

Чаҳорум араб рӯй баргоштанд.
Ба шаб даштӣ пайкор бугзоштанд.

Он чи ки тозӣ нисбати яке аз тоифаҳои арабӣ истифода мешуд, дар илм маълум аст ва дар ин ҳол ҷои шубҳа нест. Ва инак маълум мешавад, ки истифодаи вожаи тозӣ дар ду минтақаи аз ҳамдигар хеле дур муравваҷ будааст. Пас ин ҳамномӣ аз куҷо метавонист ба миён биёяд? Ва назари мо сабаб он аст, ки номи тозӣ низ якҷоя бо номҳои Ирам, (Олмо, Элам) Яман, Боб(ул), Шумер, Миср-Гиптос (Египет), Иордан ва дигар номҳои ориёӣ аз минтақаҳои кунунии Тоҷикистону Фарғона ва ноҳияҳои атрофашон ба Осиёи Пеш муҳоҷират намуда, дар тайи садсолаҳо дар баробари минтақаи қабл аз муҳоҷиратиаш вуҷуд дошта будааст. Ҳамин тариқ, гумон меравад, фарқи номҳои тозӣ-тоҷик ва тозӣ-араб низ дар ҳамин ҷост. Тозиён-тоҷикон бо дигар ҳамтоифаҳои ориёии худ дар замонҳои хеле дури таърихӣ ба Осиёи Пеш муҳоҷират намуда, тамаддунҳои дар ҷаҳон овозадорро ба вуҷуд оварданд ва баъдан оҳиста-оҳиста бо халқиятҳои дигар омезиш ёфтаву маҳлул шуданд.

Азбаски дар тайи асрҳои аввали қабл аз солшуморӣ ва ҳамчунин садсолаҳои баъди мелод форсҳо бештар ба ғарб, ва хусусан бо кишварҳои араб равобити ҳамаҷониба доштанд, дар луғату қомусҳое, ки дар он даврон ва баъд мураттаб шудаанд, тозиро ҳамчун араб маънидод мекарданд. Гузашта аз ин, дар луғату қомусҳо вожаи «тозӣ» ба маъноҳои гуногуни манфӣ ташреҳ мешуд. Ва ин маъниҳо бешак, ба тозиёни араб мансуб буданд на ба тозиёни тоҷиконе, ки аз лиҳози дурӣ ва душвории ҷуғрофӣ имкон надоштанд, ки хусусиёти манфӣ ва мусбии худро барои форсҳои даврони асрҳои 5-10 ошкор намоянд. Ва номи

https://bikhon.tj

тозӣ-тоҷик дар ватани аслии худашон низ нуфузи аввалияи худро оҳиста-оҳиста аз даст дода, то оғози асри 20 дар ҳудудҳои Осиёи Миёна хеле ба таври пароканда боқӣ монд.

ЯМАН

Таҳқиқоту муқоисаҳои ҷуғрофиёи кишварҳои ориёӣ нишон медиҳад, ки водии Сарикӯл ба кишвари Яман айният мегирад. Ҳоло тамоми муҳаққиқони «Шоҳнома» ва дигар адабиёти ориёӣ назар бар он доранд, ки аз ҷумла Ямани дар ин асарҳо зикргардида Ямани кунунии арабист.

Дар «Шоҳнома» Яман ҳамчун қисмате аз кишвари тозиён муаррифӣ шудааст. Ҳамин чиз боис шудааст, ки муҳаққиқони бахш тозиёнро араб ва Яманро кишвари арабӣ бишиносанд. Масалан, дар лаҳзае, ки Фаридун Ҷандалро ба Яман ба хостгории духтарони шоҳи он кишвар барои писаронаш мефиристад, ин гуфта равшан зоҳир мегардад. Ҷандал ба шоҳи Яман мегӯяд:

Бидон, эй сари мояи Тозиён,
К-аз ахтар бувӣ ҷовидон безиён.

Ва низ:

Сари Тозиён – Сарв – шоҳи Яман
Май оварду майхора кард анҷуман.

Шоҳи Яман – Сарв (ҳатто номи Сарв – шоҳи Яман номи арабӣ нест – М.Ҳ.) дар ин ҷо ҳамчун подшоҳи Тозиён муаррифӣ шудааст. Тавре қаблан зикр гардид, баъдан Яман – Сарикӯл дар қатори сарзаминҳои эронӣ ба Эраҷ дода шуда буд. Дар ин ҷо ягонагии Эрон ва Тозиён бо он ки ҳар ду дар шумори сарзаминҳои Эраҷ қарор доранд, зоҳир мегардад. Эрону Дашти Ялону Яман (Дашти Найзаварон низ М.Ҳ.) – яъне водиҳои Фарғонаву Олой ва Сарикӯл дар минтақаҳои ҳамҷавор қарор доранд.

https://bikhon.tj

Тақсимоти сарзаминҳои эронӣ миёни фарзандони Фаридун чунин сурат гирифта буд:

Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин,
Саввум Дашти гурдону Эронзамин.

Салм дар мавриди Яман ва тақсимоти сарзаминҳо миёни ӯву бародаронаш Туру Эраҷ мегӯяд:

Чу Эрону Дашти Ялону Яман
Ба Эраҷ диҳад, Руму Ховар ба ман…

Дар асоси ин ташреҳот тақсимоти сарзаминҳоро муайян кардан имконпазир мегардад. Руму Ховар, яъне сарзаминҳои ҳамҷавори шимолу ғарбии қаторкӯҳи Тяншан, ғарби водии Фарғона ба Салм дода шуда буданд. Мулкҳои Тошканду Чимкенти кунунӣ сарзаминҳои кунунии ҷануби ғарбии Қазоқистону Қирғизистон низ ба қаламрави Салм шомил буданд. Ховар ва ё Ховарон дар баъзе маврид маънои васеътар дошта, ғарбро ифода мекард.

Ба Тур мулкҳои Турку Чин (Туру Саена, на Чин – М.Ҳ.) – сарзаминҳои шимоли шарқии пушти кӯҳҳои Тяншан ва ғарби Хитой бахшида шуда буданд.

Ва ба Эраҷ сарзаминҳои Эроншаҳр, ки дар «Авесто» бо номи Хванирас зикр гардидааст, инчунин Видадафшу ва Фрададафшу, яъне сарзаминҳои соҳили руди Панҷ дода шуданд. Ин мулкҳо дар шарқ атрофи водии Сарикӯли кунунӣ, ки дар он даврон Яман ном доштанд ва дар ғарб то водии Сурхандарёи кунуниро, ки Барбар номида мешуд, дар бар мегирифтанд.

Дар «Шоҳнома» Яман ҳамчун сарзамини эронӣ ва дар ҳамҷавории сарзаминҳои эронӣ қарор доштааст. Ямани арабӣ дар мавқеияти кунуниаш ҳеҷ гоҳе, ҳатто на дар қиссаву асотир ва на дар хаёли Ҳаким Фирдавсӣ ва дигар эҷод-

https://bikhon.tj

корон наметавонист бо Эрон ҳамҷаворӣ дошта бошад. Барои ҳеҷ як ровӣ ва ноқили достонҳои қадим зарурате надошт, ки шоҳи Ямани арабиро вазири шоҳони эронӣ қаламдод намоянд. Ва шоҳи Ямани арабӣ низ дар ҳеҷ сурат, бештар аз ҳама аз лиҳози масофат ва мавқияти ҷуғрофӣ, наметавонист, ҳангоми ҷанг бо Салму Тур дар ҷумлаи нахустинҳо дар паҳлуи Фаридун истода бошад. Ҳангоми ҷанг Фаридун бо итоб ба Салму Тур посух мегӯяд, ки Манучеҳр ба ҷанги онҳо хоҳад бархост ва Шоҳи Яман Сарв низ бо ӯ хоҳад буд. Сарв – шоҳи Яман дар он даврон вазири шоҳ Фаридун будааст.

Чу шоҳи Яман – Сарв –дастури шоҳ,
Чу пирӯз Гаршосп – ганҷури шоҳ.
Чу Саббоҳи фарзона – шоҳи Яман,
Дигар – шердил Эраҷи пилтан,
Ки бар шаҳри Кобул будӣ подшо,
Ҷаҳондору фарзонаву порсо.

Дар байти зер ин се кишвари зерин ҳеҷ кадоме дар мавқеиятҳои имрӯзиашон қарор надоштанд. Рум – шимолу шарқи водии Фарғона, Ҳиндустон – ҷанубу шарқии Бадахшон Яман бахши ҷанубии Сарикӯл дар ҳамҷаворӣ қарор доштанд ва ҳамин ҳол аст, ки онҳо якҷоя ба Исфандиёр нома навишта буданд.

Шаҳи Руму Ҳиндустону Яман
Ҳама нома карданд зӣ Пилтан

Ҷиҳати хоси дигаре, ки айнияти Яманро ба водии Сарикӯл таъйид менамояд, он аст, ки дар Ямани «Шоҳнома» кӯҳҳои баланд вуҷуд дошта, мавҷудияти барфу сармо имконпазир аст, дар сурате, ки чунин ҳол хоси Ямани арабӣ буда наметавонад.

https://bikhon.tj

Сари Тозиён, шоҳи афсунгарон
Яке чора андеша кард андар он.
Баровард сармову боди дамон,
Бад-он то сар орад бар эшон замон.

Сар баровардани хуршед аз паси теғаи кӯҳ низ ба минтақаи кӯҳистон будани Яман далолат менамояд, на ба биёбонҳои регии беканор.

Чу хуршед барзад сар аз теғи кӯҳ,
Биёмад сабук марди афсунпижӯҳ.

Яке аз шоҳони Яман – падари Заҳҳок аз лиҳози насаб ба Сиёмак ва Каюмарс мерасид.[1] Рустам дар муколамааш бо Исфандиёр аз нажоди модариаш низ ёдовар шуда, аз ҷумла мегӯяд:

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К-аз ӯ кишвари Синд шодоб буд.
Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.
Нажоде аз ин номвартар кирост?
Хирадманд гардан напечад зи рост.

Пойтахти ҷумҳурии Яман ҳоло Адан ном дорад, ки ин ном низ шояд ба хотири биҳишти ривоятии Адан номгузорӣ гардида бошад. Омӯзишу пажӯҳиши бисёр адабиёт далолат бар он менамоянд, ки Боғи Ирам, Биҳишти Адан (Адн) ва биҳишти ривоятии адабиёти халқҳои Аврупо Адам (Эдем) айниятӣ ҳамдигаранд. Дар «Ғиёс-ул-луғот» ҷазираи Адан дар Яман дониста шудааст. Аммо дар баъзе адабиёт боғи Аданро низ бо ҷазираи Сарандеп[2] яке гуфтаанд. Ишораи

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ. «Зиндагӣ ва муҳҷирати ориёиҳо», чопи дувум.Теҳрон, 1374, с.95.
[2] Тибқи маълумоти «Ҳудуд-ул-олам» воқеъ дар самти шарқии Помир.

https://bikhon.tj

«тарафи Машриқ» дар «Библия» биҳиштро дар самти шарқ донистааст.

Азбаски воқеияти Ирам дар минтақаҳои кунунии арабӣ набудааст, даҳсолаҳост, ки ҳафриётҳо дар суроғи Ирам дар он сарзаминҳо бенатиҷа мондаанд, агар айниятҳои тахминиро ба назар нагирем. Ирам ё биҳишти Адан номи соф арабӣ ва марбут ба минтақаҳои арабӣ набудааст. Тавре дидем, ин ном дар Индонезия ҳамчун номи маҳал ва дар кишварҳои Аврупо, ҳамчунин Россия яке аз номҳои хонаводагист. Як нуктаи ҷолиб он аст, ки биҳишти Ирам бо ғазаби Худо ба замин яксон шуда буд ва аз ин рӯ, вай бояд дар миёни мардуми тоҷик ва дар адабиёти тоҷику форс мавриди таън қарор мегирифт. Вале тавре маълум аст, Ирам дар миёни тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун «Боғи Ирам», «Гулистони Ирам» ва ғайра тавсиф меёбад. Вале ин сифатҳои Ирам дар «Қуръон» дида намешаванд. Ғайр аз ин ҳамчун биҳишти рӯи замин қабул шудани он дар миёни мардум далолат бар он менамояд, номи Ирам на аз тариқи «Қуръон», балки мустақиман аз зеҳн ба зеҳн ва аз даҳон ба даҳон дар ин минтақаҳо боқӣ мондааст. Мавҷудияти як силсила рубоиву таъбироти халқӣ, ки дар онҳо номи Яман зикр гардидааст ба ин гуфта далолат менамояд.

Бачазанаке, гузар дорӣ ба хирман,
Лахти ҷигарут бireза дар барфи Яман,
Яман, Яман, дил надодӣ бар ман,
Насибаи дигарӣ, баднумгит ба ман.

Маҳтобшаб асту гул миёни хирман,
Хуни ҷигарум бирехт дар барфи Яман.
Эй барфи Яман, ту дил надодӣ бар ман,
Сад кас ба ту хушдор асту баднумгит ба ман.

https://bikhon.tj

Як духтаре ман дорам,
Рӯ барфи Яман дора.
Бо қаддаки дилҷӯяш
Куртаи чакан дора.

Яман дар забонҳои туркӣ ба маънои бад ва хавфнок (ямон) аст. Аз ҳамин ҷост, ки аксари номҳои ба минтақаи Яман марбутбудаи муҳоҷиршударо ба маънои бад – ямони туркӣ донистаанд. Вале дар бисёр лаҳзаҳо равшан ошкор мегардад, ки Яман бо ямони туркӣ ҳеҷ иртиботе дошта наметавонад. Инак барои муқоиса чанд ном пешниҳод мегардад. Яман-Сор дар вилояти Уралск, дарёи Яман – Урали ҷанубӣ, ағбаи Яман – Кавказ, кӯҳи Яман – Украина, Яман – дарё, шоҳроҳи Москва – Сибир, деҳаи Яман – ноҳияи Крутинка, Ямана – номи қабила дар Америкаи ҷанубӣ, Яман – номи қабила дар Япония, Ямун – деҳа дар Фаластин. Дар ин қатор даҳҳо номҳои дигари Яманро илова кардан мумкин аст. Ҳамчунин яке аз онҳо номи аз ҳама машҳур – ҷумҳурии Ямани аст, ки дар забони арабӣ маънои равшане надорад. Номи ин кишвар бешубҳа, номи муҳоҷиршудаи Ямани даврони қабл аз ориёҳиндист. Яъне ин ном дар қатори номҳои Миср-Египет, Шумер, Аратта, Бобул, Асур ва ғайра тақрибан дар ҳазораҳои 7-6 то солшуморӣ ба Осиёи Пеш, дар ҳазораи 2 то солшуморӣ ба Ҳинд муҳоҷират намуда ва то замони рӯйдодҳои «Шоҳнома», яъне дар оғози ҳазораи 1 то солшуморӣ дар мавқеияти аслии худ – водии кунунии Сарикӯл низ боқӣ монда будааст.

Тавре гуфта шуд Яман (Йаман) ба шакли Самяман дар чандин адабиёти ориёҳиндӣ ба маънои мавқеияти ҷуғрофӣ мавриди тазаккур қарор гирифтааст. Ин ном дар адабиёти ориёҳиндӣ Самямани, – ҷойгоҳи Йамараҷа номида шуда дар самти ҷанубии кӯҳи Меру гуфта шудааст. Дар «Шримад Бҳагаватам» ин ҷойгоҳ Самяманӣ номида шудааст. Тибқи тазаккури адабиёти ориёҳиндӣ шаҳри Браҳма бо номи Ма-

https://bikhon.tj

новати машҳур буда, шаҳрҳои ёварони ӯ, мисли Индра ва Агни Амаравати, Таҷовати, Самямани, Кришнанга Шраддхавати, Гандҳавати, Кришнанга ном доштаанд.[1] Самямани нуқтаи ҷанубтарини кишварҳои ориёҳиндуӣ буд. Дар «Шримад Бҳагаватам» роҷеъ ба ҳамин мавзӯъ омадааст: «Дар кӯҳи Манасоттара, дар мустақиман дар шарқи кӯҳи Сумеру ҷое воқеъ гаштааст, ки бо номи Девадҳани мақари Индра маълум аст. Айнан ҳамин гуна дар ҷануб ҷое воқеъ гаштааст, ки Самямани ном дошта ҷойгоҳи Йамараҷа мебошад. Дар ғарб ҳамин гуна ҷой Нимлочани ном дошта, ҷойгоҳи Варуна ва дар шимол Вибҳавари – ҷойгоҳи эзади Моҳ мебошад».

ДАР БОРАИ КӮҲҲО

Зиндагии ориёиҳо бо ду воҳиди ҷуғрофӣ – кӯҳҳо ва рудҳо бештар иртибот дошта будааст. Аксарияти ниёиши онҳо дар домани кӯҳҳо ва соҳили рудҳо ба амал меомадааст. Дар аксар маврид кӯҳҳо сарҳади миёни кишвару сарзаминҳоро ташкил медоданд. Бовари ориёиҳо ба кӯҳҳо ҳамчун ҷойгоҳи муқаддас, наздиктарин ҷой ба сӯи осмону биҳишти ҷовидон зиёд буд.

Дар адабиёти ориёӣ кӯҳ воситаест, ки муътақид онро бо шаҳрҳои эзадӣ, бо дунёи минуӣ наздик месозад, руҳро бо биҳиштҳои осмонӣ ҳидоят менамояд. Ориёиҳо баландиҳои руҳи инсониро бо баландиҳои кӯҳҳояшон пайванд намуда, бештар ба фарозои осмонҳои пурасрор сар меафрохтаанд. Аз ин рӯ, онҳо кӯҳҳои диёрашонро дар муқобили кӯҳҳои кишварҳои рақибонашон беҳтару бештар ситоиш намуда, аксаран тавсифоти муболиғаомезеро истифода намудаанд. Масалан, кӯҳи Меру аз лиҳози баландӣ ва таркибаш аз

[1] Шримад-Бҳагаватам Кришна. Двайпайана Ведавяса

https://bikhon.tj

ҷинсҳои қиматбаҳо он қадар тавсифу муболиға карда шудааст, ки ногузир ба асотир будани он бовар меояд. Дар замони ориёэрониҳо кӯҳи Меру, ки Ҳара Баразайт номида мешуд, боз ҳам зиёдтар мавриди тавсифу таъриф қарор гирифт. Ҳамин ситоишҳои ориёӣ буд, ки халқиятҳои дигари ҳиндуаврупоӣ онро ба саросари дунё паҳн намуданд ва дар натиҷа истилоҳи «Кӯҳи ҷаҳонӣ» ба вуҷуд омад.

Дар аксарияти динҳо ва асотири халқҳои дунё қуллаи баландтарини кӯҳ мақоми ваҳй ва муколама бо Худованд буда, ҷойгоҳи муқаддас ба шумор рафтааст. Бар илова аз ин, кӯҳҳои дигаре низ буда, ки дар иртибот ба авлиё ва бузургон макони муқаддас ва зиёратгоҳ будаанд. Зевс ва Олимп, Зардушт ва Баразайтӣ, Мӯсо (а) ва Тури Синин ва ғайра чанд мисолест барои далел.

Абурайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» дар мавриди зуҳури паёмбарон ва асмои кӯҳҳое марбут ба зуҳури ишон аз «Таврот» пораеро чунин тафсир намудааст: «Худованд аз Тӯри Сино омад ва аз Соир ба мо нур афшонид ва аз кӯҳи Форон ошкор шуд. Ва бо ӯ дастае аз покон буданд, ки дар сӯи рости ӯ ҷо доштанд.

Ин калимот рамзӣ аст, чун далел исбот шудааст, ки ин қабил сифоти зоти худовандӣ нест ва ба сифоти ӯ ҳам наздик нест. Пас мурод аз омадани Ҳақ аз Тӯри Сино ин аст, ки Мӯсоро дар он ҷо муноҷот кард ва дурахшидани аз Соир зуҳури Исо аст ва ошкор гаштани ӯ аз Форон, ки маҳалли зисту рушди Исмоил аст ва дар он ҷо издивоҷ кард, зуҳури Муҳаммад аст, ки бар тамоми асҳоби адён бо гурӯҳе аз покон, ки аз осмон ба имдоди ӯ омаданд, ҳувайдо ва ошкоро гашт».[1] Тамоми динҳое, ки мазҳари Худовандро дар осмон донистаанд, ҷиҳати муноҷот ё муколама ва ё қабули ваҳйи худовандӣ ҳамеша аз кӯҳи баландтарини минтақаи хеш, ки маҳалли наздиктарин ба осмон аст, истифода намудаанд.

[1] Берунӣ. «Осор-ул-боқия» Душанбе, с. 34.

https://bikhon.tj

Мисли номҳои рудҳо ва кӯлҳо номи кӯҳҳо низ дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» аз ҳамдигар тафовут доранд. Мутаассифона, номҳои мушобеҳи кӯҳҳо дар се асари номбаршуда ҳамагӣ чандтоянд. Ягона кӯҳе, ки номаш дар се асар зикр гардидааст, Албурз (Ҳара Барзайт) аст. Аммо дар ҳеҷ яке аз ин асарҳо мавқеияти он мушаххас гуфта нашудааст. Аз дигар кӯҳҳо агарчи номи Сафедкӯҳ (дар «Авесто» Спитагауна) зикр шуда бошад ҳам, бинобар зиёд будани номи Сафедкӯҳ дар минтақаҳои гуногун мушаххас кардани ҷойи он мушкил мегардад. Кӯҳҳои дигар Вафрия – Барфманд – Ҳимован, Испандиёр – Спедодата, Раевант – Реванд, Бумйа – Бумкӯҳ ва чанд кӯҳи дигар дар ин асарҳо номҳои мушобеҳ доранд.

Дар «Авесто» тақрибан аз ҳафтод кӯҳ ном бурда мешавад, ки аксарашон инҳоянд: Албурз, Заредаза, Манӯшкӯҳ, Ушедам, Ушадарена, Ерезифя, Ерезура, Бумйа, Завдита, Мазишвант, Антарекангҳу, Ерезиша, Ваитигаеса, Одарана, Байана, Ишката – Упаири саена, ду риштакӯҳи Ҳаманкуна, ҳашт кӯҳи Вашан, ҳашт ситеғи Аурвант, чаҳор кӯҳи Видвана, Аезаха, Маенаха, Вахидрика, Асаба, Тудаска, Вишва, Дараушишванта, Соириванта, Нангҳушмант, Какаҳйу, Андарканҳа, Сичидава, Аҳурна, Раемана, Ашастимбана, Урунйуваидимидка, Аснавант, Ушаума, Уштахваран, Сиёмака, Вафрйа, Воуруша, Йаҳмйаҷтара, Адватава, Спедодата, Спитаваран, Кайориса, Барусарайан, Барана, Фаропайа, Удрйа, Раевант, Аирйохшута, Хвананд, Дорспед, Спитагауна, Вешав, Вишпата, Вишва, Вохедрика, Вауруша, Асайа, Алванд, Арванд, Ашастимбанда.

Дар «Бундаҳишн» шумораи кӯҳҳо 2244 кӯҳ гуфта шудааст. Кӯҳе, ки пеш аз дигар кӯҳҳо фароз рустааст, Албурз – Ҳара Баразайти будааст. Ҳамаи дигар кӯҳҳо аз Албурз рустаанд. Тавре аз боби «Албурз» бармеояд, ин кӯҳ тамоми сарзаминҳои шарқиву ғарбиро дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ аксари системаи кӯҳии Осиёи Миёна, хусусан Помиру Олой

https://bikhon.tj

ва Тяншан ба кӯҳҳои Албурз шомил будаанд. Мувофиқи таҳлилот кӯҳҳои дигар, аз ҷумла, Абарсин, Манӯш, Заредаза ҳарчанд бо номҳои дигар ёдоварӣ мегарданд, аммо дар маҷмӯъ ба кӯҳҳои Албурз шомил мешаванд, ки ин гуфта дар дохили мақолаҳо собит гардидааст.

Кӯҳҳои «Бундаҳишн», ки тақрибан 50-то мебошанд, асосан инҳоянд: Албурз, Ҳугар, Тираки Албурз, Чакоди Даити, Арзур Грева, Усиндомкӯҳ, Абарсин, Заредаз – Мануш, Ерез, Қоф (Капк), Ушдоштор, Арзур, Бумкӯҳ, Рӯишмандкӯҳ, Патешхоркӯҳ, (Маҳисти Фарахорикӯҳ) Реванд, Дороспанд, Багир, Басшигифт, Сиёҳманд (Сиёмака), Барфманд, Испандиёр, Кадарвасп, Аснванд, Куирос, Доб, Андаркандиз (Асониманд), Усиндкӯҳ (Аснунд), Бодғис, Гунобад, Аспрӯз, Паҳргар, Дамованд (Дунбованд) Роваг, Зарин, Дойбод, (Довод), Мизан, Марғ, Кумишу Гургон (Омадбафарёд), Гунобадкӯҳ, Ровагбашн, (ба Заровад аст, Калод низ хонанд), Беҳистун, Хурдакӯҳ.

Дар «Шоҳнома» шумораи кӯҳҳо камтар – тақрибан 30-то буда, онҳо дар муносибат ба рӯйдодҳои гуногун зикр гардидаанд. Кӯҳи Ганг, кӯҳи Бесутун, кӯҳи Дӯк, (қисмати шимоли ғарбии Помиру Олой), кӯҳи Сипад (Сафедкӯҳ), кӯҳи Қоран (аз пушти дараи Панҷшер, миёни Кобул ва Бадахшон) кӯҳи Ҳамован (яке аз шохаҳои марказии Тяншан), Бузгӯш (шимоли шарқии Афғонистон), Дамованд, Зовакӯҳ (Ромакӯҳ, шимоли ғарбии кӯҳи Исмоили Сомонӣ), Испирӯз, Калот, Қоф, Ҳафткӯҳ, кӯҳи Ҳинд (яке аз кӯҳҳои Бадахшон), кӯҳи Сурхон (ҳоло Сурхан-гав, яке аз шохаҳои Заалай), кӯҳи Сипанд, кӯҳи Қулу (кӯҳи Кула Кангри (7554 м. дар Хитой, сарҳади Ҳинд), кӯҳи Шаҳд (Яке аз шохаҳои Тяншан), кӯҳи Чин (шохаи шарқии Тяншан), кӯҳи Бесутун, кӯҳи Сиёҳ, кӯҳи Канобад, кӯҳи Райбад (ҳар се – кӯҳи Сиёҳкӯҳ дар Конибодом), Кӯҳи Сақило, кӯҳи Балуҷ.[1]

[1] «Шоҳнома» аз оғоз то подшоҳии Баҳман.

https://bikhon.tj

Аммо тавре гуфта шуд, мавқеияти аксари ин кӯҳҳо то кунун номаълум мондааст. Бояд гуфт, ки умуман дар бораи кӯҳҳо ва номи онҳо дар адабиёти гуногун, аз ҷумла «Ҳудуд-ул-олам», «Сурат-ул-арз», «Ҷаҳоннома» ва ғайра маълумоти нокифоя дода шудааст.

Муҳаққиқи адабиёти Хитой Бичурин Н.Я. дар бораи системаи кӯҳии Помиру Олой, ки Кӯҳҳои Пиёзӣ номида мешаванд, чунин навиштааст: «Кӯҳҳои Пиёзӣ, ба забони хитоӣ Тсун-лин. Аз хусуси ин кӯҳҳо дар ҷуғрофиёи кунунии хитоӣ чунин гуфта шудааст: Кӯҳҳои пиёзӣ дар ҷануби Қошғар воқеъ буда, идомаи Кӯҳҳои осмониро (яъне, Тяншан –М.Ҳ.) ташкил медиҳанд. Теппаҳои яклухт яке ба дигаре такя карда, ба масофаи чандсад ли қад мекашанд; баъзан оҳиста-оҳиста қомат меафрозанд, ё нопадид мешаванд ва баъзан якбора баланд баромада, ё занҷиросо тӯл мекашанд. Баландтарини онҳо аз хатти барфин боло мешаванд. Кӯҳҳои воқеъдар ғарби Қошғар ва Яркан ҳамаашон ба системаи кӯҳҳои Пиёзӣ шомил мебошанд. Онҳо номҳои гуногуни маҳаллӣ доранд, вале аз қадим номи хитоии онҳо Тсун-лин, Кӯҳҳои осмонӣ мебошад. Дар таърихи сулолаи Тхан, ҳангоми тасвироти вилоятҳои ғарбӣ дар асри УП роҷеъ ба кӯҳҳои ин маҳал гуфта шудааст: Кӯҳҳои пиёзӣ бо кӯҳҳои бузурги барфин (Ҳиндукуш) пайваста шуда, дар шимол то кӯли Балхаш идома меёбанд. Теғаҳои пур аз шахи онҳо ба садҳо ли қад мекашанд; Дар дараҳои кӯҳӣ барфу яхҳои ҳамешагӣ вуҷуд доранд. Дар кӯҳҳо пиёзи сангин зиёд аст ва номи кӯҳҳо низ аз ҳамин ҷост. Дар Аврупои ғарбӣ Кӯҳҳои пиёзӣ бо номи умумии Помир маълуманд. Тибқи нақшаҳои ҷуғрофии хитоӣ аз миёнаи Кӯҳҳои пиёзӣ дарёи Помир сарчашма гирифта аз самти шимолии кӯли Тузкӯл ба самти ғарб ҷорӣ мегардад. Магар номи кишвар аз номи ҳамин дарё нест?»[1] Ин муҳаққиқ дар бораи кӯҳҳои Тяншан – Кӯҳҳои

[1] Бичурин И.Я (Якинф) «Собрание сведение по исторической географии восточный и Средней Азии», Чебоксары, 1960, ҷ. Ш, с. 35.

https://bikhon.tj

осмонӣ овардааст: «Кӯҳҳои осмонӣ, ба хитоӣ – Тян-шан силсилаи кӯҳҳои баландтаринеро дар Туркистон ташкил медиҳанд, ки аз Кӯҳҳои Пиёзӣ дар шарқ то Хами қад мекашанд. Қаторкӯҳи кӯҳҳои Осмонӣ дар ноҳияи Қошғар аз Аргутаг оғоз шуда, ба самти шимолу шарқӣ то Қаракӯл мерасанд. Ин қаторкӯҳро хитоиҳо Бай-шан, Челоман-шан, Сафедкӯҳ, Кӯҳҳои барфии Сюе-шан ва ба забони қадими муғулӣ Чилян-гиан ҳам меноманд. Ҳамаи ин номҳоро таърихи хитоӣ ба кӯҳҳои Баркӯл низ додааст, ки дар 120 ли дар шимоли Хами воқеъ гаштаанд. Кӯҳҳои Баркӯл охири шарқии кӯҳҳои Осмониро ташкил медиҳанд».[1]

АЛБУРЗ – ҲАРА БАРАЗАЙТ

...Нахустин кӯҳе, ки дар ин сарзамин боло омад,
Ҳаротии баланд аст. (Авесто)

Дар адабиёти бостони кишварҳои машриқ ва хоса ориёинажод аз се кӯҳи бузург Меру, Қоф ва Албурз зиёд ёдоварӣ ба амал омадааст. Вале азбаски мавқеияти ҷуғрофии ҳар се кӯҳ шинохта нашудааст, аксаран олимон онҳоро афсонаву асотирӣ хондаанд. Аммо дар асл ин се кӯҳ кӯҳҳои воқеиву ҷуғрофӣ буда, Меру ба кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ, Албурз ба системаи кӯҳии Помиру Олой ва кӯҳи Қоф ба кӯҳҳои Тяншан айният мегиранд. Ҳара Баразайт ва ё Ҳара Баразаитӣ яке аз кӯҳҳои бузурги ориёӣ буда, дар паҳлавӣ ва «Шоҳнома» ба гунаи Албурз зикр шудааст. Дар бораи ин кӯҳ дар «Авесто» омадааст: «Нахустин кӯҳе, ки аз замин баркашида шуд, Албурзи баланд аст, ки ҳамаи сарзаминҳои бохтариву ховариро фаро гирифтааст».[2] Дар

[1] Бичурин И.Я (Якинф) «Собрание сведение по исторической географии восточный и Средней Азии». Чебоксары, 1960.
[2] «Зомёд-ашт», банди 1.

https://bikhon.tj

«Бундаҳишн» омадааст, ки «Дар адабиёти паҳлавӣ ин кӯҳ ба гирди ҷаҳон кашида шудааст. Аз матолиби «Шоҳнома» бармеояд, ки Албурз дар шарқи сарзаминҳои эронӣ қарор доштааст, ба вижа дар оғози достони Фаридун ва фиристода шудани ӯ ба Албурзкӯҳ». Дар асари мазкур ҳамчунин зикр шудааст, ки: «Чунин (гӯяд, ки) дигар кӯҳҳо аз Албурз фароз рустанд, ба шумори ду ҳазору дувисту чиҳили чаҳор кӯҳ, ки аст: Ҳугари баланд; Тираги Албурз, ки чакоди Даити (дар миёни он) аст...»[1]

Дар адабиёти гуногуни таърихӣ ва ҷуғрофии бостонӣ аз кадом як таркиши мудҳише, ки тақрибан 12 ҳазор сол пеш аз милод дар сайёраи замин ба вуҷуд омада, бар асари он гӯё қутбҳо ҷои худро тағйир дода ва кӯҳҳо аз замин дамида баромада будаанд, маълумот дода мешавад. Гӯё ба асари ин такон нимқораи Ҳинд аз қитъаи Африқо канда шуда, бо қитъаи Осиё бархӯрд карда будааст. Дар натиҷа системаи кӯҳҳои Ҳимолой, Ҳиндукуш ва Помиру Тяншан ба вуҷуд омада будаанд. Дар «Бундаҳишн» аз ин ларзиш ва дар натиҷаи он ба вуҷуд омадани кӯҳи Албурз чунин омадааст: «Дар ҳангоме ки Аҳриман битохт, замин биларзид. Аз он гавҳари кӯҳ, ки дар замин офарида шуда буд, бар асари ларзиши замин кӯҳ ба рӯиш истод: нахуст Албурзи эзадибахт (ба канори замин), сипас дигар кӯҳҳои миёнаи замин, зеро чун Албурз фароз руст, ҳамаи кӯҳҳо ба рӯиш истоданд, зеро ҳама аз решаи Албурз фароз рустанд ва бад-он замон аз замин бар омаданд чун он дарахтон, ки ток ба боло ва реша ба зер тозонанд. Эшонро реша яке ба дигаре он гуна гузаронда шуд. Ва ба ҳам пайваста бигашт, ки пас аз он заминро ба шигифтӣ ларзондан натавон».[2] «Дар дин гӯяд, ки нахустин кӯҳе, ки фароз руст, Албурзи эзадибахт буд. Аз он пас ҳама кӯҳҳои дигар ба ҳаждаҳ сол фароз рустанд. Албурз то ба сар расидан ҳаштсад сол меруст: дувист сол то ба ситорапоя,

[1] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.57.
[2] Ҳамон ҷо, с. 65.

https://bikhon.tj

дувист сол то ба моҳпоя, дувист сол то ба хуршедпоя, дувист сол то ба болои осмон. Чунин гӯяд, ки дигар кӯҳҳо аз Албурз фароз рустаанд ба шумори ду ҳазору дувист ва чиҳилу чаҳор кӯҳ…»[1]

Баррасии воҳидҳои ҷуғрофӣ ва рӯйдодҳои «Авесто», «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» далолат менамоянд, ки кӯҳҳои Ҳара Баразайт ё Албурз дар маҷмӯъ системаи кӯҳии Помиру Тяншан ва Ҳиндукушу Ҳимолой будаанд. Вале қисмати марказӣ ва асосии Албурзро кӯҳҳои Помир ташкил дода, қуллаи баландтарини он – Ҳукар қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ будааст. Тавре дар боби Тираки Албурз гуфта шуд, қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл Тираки Албурзро ташкил медодаанд. Дар миёни мардуми маҳали сокини атрофи ин кӯҳҳо то кунун номи Баразайт ба шаклҳои гуногун Бурз, Бозирак, Барзуятӣ ва ғайра боқӣ мондааст.

Сайёҳи рус В. И. Липский дар яке аз сафарҳояш соли 1898 аз домани қаторкӯҳи Петри Кабир бори нахуст қуллаи кӯҳеро дида, аз шаҳомату зебоии он дар ҳайрат мондааст. «Айнан аз самти шимолу шарқ дар паҳлуи яке аз қуллаҳо ва дар пайвастагӣ бо вай *суроби аҷиберо* (таъкид аз Липский – М.Ҳ.) мушоҳида намудам. Тасаввур мекунем, ки симчӯб ё ҳайкали одаме дар паҳлуи қуллаи кӯҳ ва дар баробари вай гузошта шудааст. Дар миёнаи қуллаҳои пирамидамонанд ин суроби нозук он қадар бо тариқи аҷибе тафовут дошт, ки ман борҳо ва гаштаву баргашта ба он менигаристам, зеро хавотир будам, ки мабодо ин манзара фиреби оптикӣ ё назарфиребӣ набошад. Вале ба зудӣ ман мутмаин шудам, ки ҳеҷ гуна фиреби оптикие вуҷуд надорад, бо вуҷуди ин ба худ ҳеҷ гуна шарҳе намеёфтам, ки чӣ гуна чунин суроби азиму баланд, бигузор аз чӣ гуна ҷинсе таркиб наёфта бошад, дуруст ва барҷо мондааст. Баъд маълум шуд, ки ин қуллаи машҳури Боролмаз будааст...»[2] Ин муҳаққиқ бори

[1] «Бундаҳишн». Душанбе , «Эҷод». 2006, с. 57.
[2] Липский В.И. «Горная Бухара» (Санкт-Петербург) 1902, с. 457.

https://bikhon.tj

нахуст баландии ин қулларо дар домани он истода, 25 000 фут (1 фут баробари 30, 48 см.) 7620 м. муайян кардааст, ки аз баландии аслии он – 7495 ҳамагӣ 125 метр тафовут дорад. Ҳангоми ташреҳи фарзияҳои худ ин муҳаққиқ Албурзро мисол овардааст. Агар руҳи кӯҳ ё қулла вуҷуд медошт, гуфтан мумкин буд, ки ба ин ташбеҳкунии ду қуллаи ҳамном ва ҳамтақдир олимро он руҳ водор намудааст.

Ва сайёҳ албатта пай бурда наметавонист, ки он қуллаи муҳташам ва дилфиреб, ки Боролмазаш гуфтанд, ҳамон Ҳара Баразайт аст. «Тавассути тарҷумон ман амр додам, ки маънои он мавзеъҳоро аз қирғизҳо бифаҳмад. Маънои «Боролмаз»-ро онҳо «бурӣ бормаз» – «гург нарафтааст» тарҷума карданд. Ба дурустии ин тарҷума кафил нестам, лекин дар гуфтугӯ ман равшан «Боролмаз» мешунидам».[1] Болотар аз пайраҳа дарёчае ҷорӣ буд, ки Бозирак ном дошт. «Атроф ҳама марғзорони сералаф, дар ҳоле ки касеву чизе даст назада. Сарфи назар аз он ки дар поён, дар водӣ галлаи аспон ва дар нишебиҳои кӯҳ ҷо-ҷо рамаи гӯсфандон дар чаро буданд, водӣ намуди тоза ва ибтидоии худро нигоҳ доштааст. Чунин манзара ғайриоддӣ гуворо буд. Дар ду соли сайру сайёҳатам ҳеҷ манзараеро бад-ин зебоӣ надида будам...»[2] Чунин ба назар мерасад, ки В. И. Липский ин пораро худ нанавишта, балки аз «Авесто» рӯбардор карда бошад. Баъд муаллиф дар мавриди номгузорӣ ба қуллаҳои кӯҳҳои ин мавзеъ роҷеъ ба қуллаи Боролмаз менависад: «Ба хотири он ки ин ном мансуби қуллаи фавқулодда пурҳашамат аст, ман қарор кардам, ки номашро ҳамин тавр монам».[3] Қуллаи Боролмаз андаке поёнтар ҳоло низ қуллаи Бозирак ном дорад. Ин вожа шакли ихтисоршуда ва тағйирёфтаи Баразайт будааст, зеро аз канори Боролмаз дарёчае бо номи Бозирак ҷорист. Чунон ки дар «Авесто» омада, Ҳара Бара-

[1] Липский В.И. «Горная Бухара» (Санкт-Петербург) 1902, с.488.
[2] Ҳамон ҷо, с. 488.
[3] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

зайт баландтарин кӯҳҳест, ки қуллаи аз ҳама баланди он Ҳукарё ном дорад. Боролмаз ва Бозирак як кӯҳ аст, ки чанде болотар, дар назди Лахш бо шакли қирғизӣ – Боролмаз ва поёнтар бо шакли тоҷикӣ – Бозирак боқӣ мондаанд. Кисляков низ аз кӯҳ ва ағбаи Бозирак ёд овардааст.[1] Ин кӯҳ дар байни мардум бо номи ба шакли аввалия наздик Бурс хонда мешавад. Муҳаққиқи тоҷик С. Ҳалимшо низ аз кӯҳи Барзуятӣ чунин ёд кардааст: «Кӯҳи Албурз дар «Авесто» дар «Зомёдяшт» бо номи Барзуятӣ ёд шудааст ва он дар ноҳияи Рушони Бадахшони Тоҷикистон воқеъ буда, аз сатҳи баҳр 5090 метр иртифоъ дорад».[2] Яъне ин ҷову он ҷо аз номи кӯҳи мазкур дар ҷойгоҳи аслиаш нишоние то кунун барҷой мондааст.

Авестошиноси машҳур, тарҷумони «Авесто» ба забони русӣ проф. И. М. Стеблин-Каменский дар шарҳи китоби «Авесто» Ҳара Баразайтро кӯҳҳои Помир тахмин кардааст: «Ҳара – кӯҳҳои устуравӣ, ки заминро иҳота намудаанд. Номи Ҳара Баразайт, ки маънои таҳтуллафзаш Кӯҳи Баланд мебошад, баъдҳо ба кӯҳҳои Албурз дар шимоли Эрон ва Албурз дар Қафқоз (номи ҳар ду авестоист) кӯчонда шудааст. Дар асоси тасаввурот дар бораи Ҳарои Баланд ё Ҳаротӣ эҳтимол аст, ёдоварие аз Помир ва Ҳиндукуш қарор гирифта бошад».[3]

Бояд гуфт, ки дар миёни пажӯҳишгарони адабиёти ориёӣ кӯшиши айният додани Албурз ба кӯҳҳои гуногун зиёд ба назар расидааст. Аксаран онҳо ин кӯҳро ба кӯҳҳои Қафқози кунунӣ айният додаанд. Аз ҷумла донишманди эронӣ Фаридуни Ҷунайдӣ дар ин бора чунин навиштааст: «...Бархе аз эроншиносон онро (Албурзро) риштакӯҳҳои Урупо аз Мун Баллон мегиранд то Ҳиндукуш. Дигар ин ки дар ривоёти мазҳабии эронӣ Албурз ба номи Ҳаро Баразаитӣ кӯҳи ба-

[1] Кисляков Н. А. «Очерки по истории Каратегина». Сталинабад, 1954.
[2] Ҳалимшо С., «Оби Шаҳд» с.13
[3] «Авесто». Душанбе, 1990. (нашри русӣ) шарҳ: «Ҳара».

https://bikhon.tj

ланди афсонавист, ки гирди ҷаҳон кашида шуда ва муъодили кӯҳе аст, ки дар афсонаҳои ин замон ба-д-он Қоф мегӯянд. Се дигар ҳамин Албурзкӯҳ воқеъ дар Эрон, чаҳорум Албурзе аст, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора аз он дар марзи Ҳиндустон ёд мешавад. Ва Рустам барои овардани Қубод ба Албурзкӯҳ меравад, ки дар «Шоҳнома» ҳамвора дар сӯи Ҳиндустон аст...»[1] Ҳамчунин тазаккур бояд дод, ки тибқи маълумоти Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ кӯҳҳои Албурз дар Рай ва Қафқоз хеле баъд номгузорӣ шудаанд. Муаллифи мазкур навиштааст: «Ҳамчунин аз бархе аз ин номҳо имрӯза ҳеҷ гуна огоҳие дар даст нест ва наметавон ҷои дақиқи онро мушаххас кард. Монанди Алмосруд, Сагсор, Талимон, Кангдиж, Оби Маям, Кӯҳи Қулу, Мои Ҳинд ва… ки дар нақшаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ин дафтар номе аз онҳо ба миён намондааст. Ё номҳое, ки дар бораи ҷойгоҳи он назароти гуногун иброз шудааст монанди кӯҳи Албурз ва Мозандарон».[2] Номгузории Албурз бар кӯҳҳои Рай ва Дамованд маълум нест, ки кай ба амал омадааст. Вале Албурз ном гузошта шудани кӯҳҳои шимолии Рай ва Мозандарон таърихи дусад ё сесадсола дорад. Аз ин лиҳоз ҷойгоҳи кӯҳи Албурзро дар нақша нишон надододаст.[3] Яъне тибқи достонҳои «Шоҳнома» ҷойгоҳи Албурзро муайян кардан барои муҳаққиқони ҷуғрофиёи ин асар муяссар нагаштааст.

Муаллифи мазкур навиштааст, ки дар номаи ҷуғрофиёии «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-Машриқ ила-л-Мағриб» (аз нависандаи ношинос) ва «Масолик-ал-мамолик»-и Истахрӣ аз кӯҳи Албурз ишорате нашудааст. Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Назҳат-ал-қулуб» кӯҳи Албурзро ҳамон кӯҳҳои Қафқоз ё кӯҳи Қоф дониста-

[1] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо»,Т.,1374, с. 181.
[2] Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ «Нақшаи ҷуғрофиёи Шоҳномаи Фирдавсӣ». Теҳрон, 1371, с. 5.
[3] Ҳамон ҷо.

https://bikhon.tj

аст. Баъзе муаллифон Албурзкӯҳро кӯҳе донистаанд, ки дар Ҳиндустон ҷой доштааст.

Ба қавли баъзе олимон дар матнҳои тафсирии «Библия» кӯҳе, ки ҳазрати Нӯҳ бо ҳамсафаронаш фуруд омада буд, Арарат будааст. Дар ин китоб омадааст: «Ва киштӣ дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи ҳабдаҳум дар кӯҳҳои Арарат қарор гирифт».[1] Тибқи маълумоти суриягӣ, юнонӣ ва яҳудӣ кӯҳе, ки ҳазрати Нӯҳ фуруд омада буд, «Барис» (Барз) ном доштааст. Дар «Қуръон» ин кӯҳ «Алҷуд» гуфта шудааст. Вале баъзе муфассирон ҳазрати Нӯҳро бо ҳазрати Ману яке донистаанд, ки саргузашти ҳарду ва шабеҳияти номи ҳар ду – Ману – Нӯҳ низ ба ин ҳол далолат менамояд. Инак номи Барис ё Барз далолат бар он менамояд, ки ин кӯҳ шояд кӯҳи Албурз буда бошад.

Тавре зикр гардид, Албурз ба шакли Ҳаро, Ҳаратӣ ва Ҳароитӣ низ зикр гардидааст. Муҳаққиқин роҷеъ ба Ҳаротӣ назари гуногунро иблоғ намудаанд. Қисме аз онон Ҳаротӣ ва Ҳаро Баразайтро айни як кӯҳ дониста ва қисме онҳоро ҷудо донистаанд. Х. Давлатназар муҳаққиқинеро, ки роҷеъ ба мавқеияти Ориёвиҷа изҳори назар кардаанд, ба се даста ҷудо намудааст.[2] Дастаи аввал мавқеи кӯҳҳои Ҳароитиро, ки аз чандин силсилакӯҳ ва ё риштакӯҳ иборатанд, дар ҷуғрофияи Эрони имрӯз маҳсуб медоранд. Дастаи дуввуми муҳаққиқин ин мавқеияти Ҳароитиро намепазиранд ва мавқеияти онро дар Афғонистони имрӯза қарор медиҳанд ва Албурзро дар шимоли ин кишвар ва Балх медонанд. Ниҳоят дастаи саввум ҳар ду ин мавқеиятро рад намуда, мавқеияти аслии Ҳаротиро дар кӯҳҳои Помир медонанд.

Ҳаротӣ дар «Авесто» на кӯҳи танҳо, балки аз силсилаи кӯҳҳо ё қаторкӯҳҳо иборат аст. Ва ин риштакӯҳҳо дар радифи ҳам ба самти шарқ кашида шудаанд. Ҳамчунин баъзе

[1] «Библия» Бытие 8:4.
[2] Давлатназар Х. «Шуғнон дар сарчашмаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ «

https://bikhon.tj

донишмандон кӯҳи Ҳаро Баразайтро ё Албурзро дар пайвастагӣ бо кӯҳҳои Ҳаротӣ дарёфтаанд.

Тавре дар боби «Ворукаша» зикр гардид, руди Панҷ қисмате аз ин дарёро ташкил медод ва аз ҳамин лиҳоз дар «Авесто» дар самти ҷанубии Албурз дониста шудааст.

Дар Зотспарам ва банди 20 «Бундаҳишн» сарчашмаи ду руди авестоӣ Аранг ва Веҳруд аз кӯҳҳои Албурз гуфта шудааст ва тавре маълум аст, ин ду руд аз кӯҳҳои Помиру Олой ва Тяншан сарчашма мегиранд. Ба қавли Ҳ. Муминҷонов дар боби 12 банди 2 «Бундаҳишн» омадааст: «Кӯҳи Заредаза, ки онро низ Манӯш гӯянд, аз силсилаи ҷиболи Хара Березайти аст».[1] Ҳ. Муминҷонов силсилаи кӯҳҳои Тяншан, Ҳимолой, Ҳиндукуш, Кунлун[2] ва Тибетро[3] Ҳара Баразайти донистааст. Яъне тавре дида мешавад, аксари кулли кӯҳҳои мазкур ба системаи кӯҳии Албурз шомил буда баъзе қисмати кӯҳҳо боз ҳам ба сари худ номи алоҳида дошта будаанд.

Роҷеъ ба ин гуфта далелҳои зиёде ёфтан мумкин аст. Масалан Ф.Ҷунайдӣ мегӯяд: «Ҳушанг ва Ҷамшед ва Таҳмурас ҳамвора дар кӯҳи Ҳаро ниёиш кардаанд ва Фаридун дар Варана...»[4]

Дар «Шоҳнома» низ дар иртибот ба саргузашти шоҳон ва паҳлавонони эронӣ аз кӯҳи Албурз дар чанд маврид ёдоварӣ ба амал омадааст. Бори нахуст аз ин кӯҳ дар мавриди саргузашти Фаридун ёд мешавад. Фаридуни хурдсолро модараш ба тарбияти гови Бармоя гузошта буд, аммо Заҳҳок лаҳзае аз ҷустуҷӯи ӯ фориғ намешуд. Фаронак – модари Фаридун аз хавфи Заҳҳок ногузир писарашро ба ин кӯҳ паноҳ медиҳад. Вай мегӯяд:

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с.98.
[2] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с.84.
[3] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с.84.
[4] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати орёиҳо»,Т.,1374, с. 125.

https://bikhon.tj

Бибуррам пай аз хоки ҷодуситон,
Шавам бо писар сӯи Ҳиндустон.
Шавам нопадид аз миёни гурӯҳ,
Мар инро барам то ба Албурзкӯҳ.

Фаридун то шонздаҳсолагӣ дар ҳамин кӯҳи Албурз пинҳон мешавад ва баъд аз он кӯҳ фуруд омада, барои саркӯб кардани Заҳҳок роҳ мегирад.

Чу бигзашт бар Офаридун ду ҳашт,
Зи Албурзкӯҳ андар омад ба дашт.

Албурз дар «Шоҳнома» дар иртибот ба саргузашти Сом – бобои Рустам мавриди тасвир қарор гирифтааст. Вақте Зол бо мӯи сафед таваллуд мешавад, падараш Сом аз зодани чунин фарзанд хиҷил шуда, мефармояд, то ӯро ба кӯҳи Албурз бурда партоянд.

Яке кӯҳ буд, номаш Албурзкӯҳ,
Бар хуршед наздику дур аз гурӯҳ.

Симурғ, ки дар он кӯҳ лона дошт, тифлро дида ӯро ба лонааш бурда тарбият мекунад.

Бибурдаш дамон то ба Албурзкӯҳ,
Ки будаш дар он ҷо куноми гурӯҳ.

Зол дар лонаи Симурғ ҳамроҳи симурғбачагон калон мешавад. Боре Сом – падараш ӯро дар хоб мебинад.

Чунон дид, к-аз кишвари Ҳиндувон
Яке асп бар аспи тозӣ давон,
Варо мужда додӣ зи фарзанди ӯй,
Аз он бурзшоҳи баруманди ӯй.

https://bikhon.tj

Сом аз ин хоб аз зинда будани фарзандаш огоҳӣ меёбад.

Бар он буд, ки рӯзи дигар паҳлавон,
Сӯи кӯҳи Албурз пӯяд навон.

Вай дар ҷустуҷӯи фарзандаш роҳи кӯҳи Албурзро пеш мегирад ва шаб бори дигар писарашро хоб мебинад.

Чу шаб тира шуд, рои хоб омадаш,
К-аз андешаи дил шитоб омадаш.
Чунон дид дар хоб к-аз кӯҳи Ҳинд,
Дурафше барафроштандӣ баланд.

Баъдҳо худ Зол дар ин бора мегӯяд, ки:

Падар буд дар он нозу ҳаззу паранд,
Маро бурда Симурғ то кӯҳи Ҳанд…
Ба паймон чунин гуфт пеши гурӯҳ,
Чу боз оваридам зи Албурзкӯҳ.
(В-аз он ҷо кашидам суи Зовакӯҳ.)

Ҳамчунин бо кадом сабабҳое, ки дар «Шоҳнома» зикр наёфтааст, Кай Қубод низ то замони дар тахти шоҳии Эрон нишастанаш дар кӯҳи Албурз сукунат доштааст. Ҳангоме, ки шоҳи Эрон Нӯзар аз дасти Афросиёб (дар дашти водии Фарғона-М.Ҳ.) кушта мешавад, Эрон бе-подшоҳ мемонад. Зол ба Рустам мефармояд, ки Кай Қубодро аз он кӯҳ биёварад.

Бирав тозиён то ба Албурзкӯҳ,
Гузин кун яке лашкари ҳамгурӯҳ.
Абар Кай Қубод офарин кун яке,
Макун пеши ӯ-дар диранг андаке.

https://bikhon.tj

Рустам ба сӯи Албурзкӯҳ барои овардани Кай Қубод ҳаракат карда, ӯро дар як мил раҳ то Албурз бо ҷамъе нишаста мебинад.

Зи як мил раҳ то ба Албурзкӯҳ
Яке ҷойгоҳ дид бас бошукӯҳ.

Ковус, ки пойтахти давалаташро дар Порс қарор дода буд, дар буни кӯҳи Албурз қасри боҳашамате бунёд мекунад. Дар ин маврид дар «Шоҳнома» омадааст: «Яке ҷой кард андар Албурзкӯҳ».

ҲУГАР, ҲУКАРЯ

Ҳугар қуллаи баландтарини Албурз аст, ки он ба қуллаи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад. Дар «Авесто» ба гунаи hu. kairya, зикр гардидааст ва маънояш кори хуб, амали хуб будааст. Дар «Авесто» манзараи кӯҳҳо чунин ба назар мерасад: Ҳаротӣ – силсилаи кӯҳҳои баланд ва дар ин силсила кӯҳи аз ҳама баланд Ҳара Баразайт буда, қуллаи ин кӯҳи баланд Ҳукарё ном доштааст. Дар ин бора гуфта шудааст: «Замину осмонро меситоем… Баландтарин қуллаи кӯҳи Ҳараитӣ-Баразайтро меситоем. Абрҳои боронзо ва панҷоҳ чашмаи (кӯҳи Ҳараитӣ)-ро меситоем. Абрҳои анбӯҳи вожгун бар дарёи Ворукашаро меситоем...[1] Дар шарҳи «Бундаҳишн» дар бораи Ҳукар омадааст: Бино ба банди 88 «Меҳр-ашт» Ҳукар дар риштаи Албурз баландтарин қулла аст. Ин кӯҳ саросар заррину дурахшон аст.[2] Ҳаум бар он кӯҳ маросими динро ба ҷой меоварад.[3] Баландии ин кӯҳ ҳазор баробари қади одамӣ аст ва (руди) Аредвисура Аноҳита аз

[1] «Авесто». Ясно, ҳоти 42.
[2] «Ром-ашт», банди 15.
[3] «Меҳр-ашт», бандҳои 88 ва 89.

https://bikhon.tj

фарози он ба дарёи Фарохкард фурӯ мерезад, ба бузургии ҳамаи обҳое, ки бар ин замин равон аст.[1] Ҷамшед бар фарози қуллаи Ҳукар сад асп, ҳазор гову даҳ ҳазор гӯсфанд курбонӣ мекунад, то орзуҳояш бароварда шавад.

Дар «Авесто» нишонии нахустин ва аз ҳама рушани кишвари Ориёно ин қуллаи баландтарин аст. Маҳз ҳамин қуллаи баландтарин мавриди ситоиш қарор ёфта, нишонаи аслӣ ва мояи ифтихори эрониён будааст. Кӯҳҳое, ки кишварҳои шарқиву ғарбиро иҳота карда буданд, Ҳаротӣ ном доштанд ва Ҳаротӣ (дар адабиёти ориёиҳиндӣ – Бҳарата – М.Ҳ.) кӯҳҳои баланд бисёр дошт, вале аз ҳама баландтарини онҳо яктост.

Дар «Авесто» борҳо дар бораи ин қулла – Ҳара Баразайт сухан меравад. «Аҳуро Маздо аз барои Меҳр бар он қуллаи баланд ва дурахшони Ҳараитӣ Баразайт зеботарин ҷойгоҳро сохтааст, ки Меҳр нозир ва нигарони мардум аст».[2]

Ҳукар дар мавридҳои алоҳида танҳо Ҳаро низ зикр гардидааст. И. Брагинский дар бораи тулӯъи хуршед аз китфи Ҳаро чунин навиштааст: «Митра ба Нур табдил ёфтааст, Нур ба категорияи эстетикии марказӣ табдил мешавад: «Эй офтоби сабуксайр тулӯъ кун, баланд шав бар қуллаи Ҳара (кӯҳи муқаддас чун Олимпи юнониён) ба тамоми мавҷудот нур пош! Тулӯъ кун, баланд шав, эй Моҳ, офарандаи Гов (яъне ҳар он чи дар рӯи замин мавҷуд аст) бар қуллаи Ҳара ба тамоми мавҷудот нур пош! Тулӯъ кунед, баланд шавед, эй ситорагон, офаринандагони Об (яъне аввалин шарти ҳаёт дар замин) ба қуллаи Ҳара, ба тамоми мавҷудот нур пошед!»[3] Оби Ардвисур аз ӯ фуруд ояд. Ҳугари баланд он аст, ки оби Ардвисур аз ӯ фуруд ояд як ҳазор мард боло...»[4]

Самюэл Нейберг, олими шведӣ дар бораи мавқеи Ҳукаря

[1] «Обон-ашт», банди 96.
[2] «Авесто». Теҳрон, 1984, с. 331.
[3] «Авесто». Вандидод, XX1, 5,9,13.
[4] «Бундаҳишн». Душанбе, «Эҷод». 2006, с.57.

https://bikhon.tj

менависад: «...пас Ҳукаряро набояд дар бахшҳои шимолии сарчашмаҳои воқеии ин рудхона, дар кӯҳистонҳои Тяншан ҷустуҷӯ кард, балки аз ҳама бештар таваҷҷуҳ ба кӯҳҳое дошт, ки ин рудхона аз миёни онҳо, пеш аз ҳама кӯҳҳои шарқи Хуҷанд – аз ҳавзаи Фарғона ба сӯи даштҳо сарозер мешаванд».[1] Ҳ. Муминҷонов яке аз қуллаҳои шимолии Тяншанро Ҳукаря донистааст.[2] Дар чандин маврид, дар асарҳои гуногун Албурз ва Ҳукар ҷойҳои ҳамдигарро иваз намудаанд.

Тавре дар мақолаҳои дигар зикр гардидааст, қуллаи Ҳукар, кӯли Урвиш, руди Ардвисура ва баҳри Ворукаш дар ҳамҷаворӣ ва иртибот воқеъ гашта будаанд, ки ба ин номҳо қуллаи Исмоили Сомонӣ, пиряхи Федченко, руди Ванҷ ва руди Панҷ, ки дар замонҳои авестоӣ хеле пуробу васеъ буд, айният мегиранд.

ТИРГ, ТИРАКИ АЛБУРЗ

Яке аз нишониҳои мавқеияти Эронвиҷ кӯҳи Албурз аст. Ин кӯҳ низ мисли аксар номҳои ҷуғрофӣ то ҳол аз ҷониби олимон шинохта нашудааст. Вале тибқи омӯзиш ва мукоисаи ҷуғрофиёи «Авесто», «Бундаҳишн» ва «Шоҳнома» маълум мегардад, ки ин кӯҳ дар маҷмӯъ системаи кӯҳии Осиёи Марказӣ буда, мушаххасан кӯҳҳои Помиру Олой ба шумор мераванд. Тирг ё Тираки Албурз бахше аз системаи кӯҳии Албурз буда, ҳамчун меҳвар ё тир зоҳир гардидааст.

Дар «Авесто» Тираг номи кӯҳест дар канори дигар кӯҳҳо ва аҳамияти он дар ин аст, ки гирдогирди он ситорагону Моҳу Хуршед давр мезананд («Рашн-яшт», банди 25). Ҳамин бардошт дар адабиёти паҳлавӣ такрор мешавад ва вуҷуди шабу рӯз ба ин қуллаи кӯҳ марбут мегардад».[3]

[1] Нейберг Г. «Динҳои Эрони бостон», с. 261.
[2] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ» с.84.
[3] «Бундаҳишн» Душанбе, «Эҷод». 2006, с. 150.

https://bikhon.tj

Дар шарҳи «Бундаҳишн» омадааст, ки ин ном дар «Авесто» ба шакли taera, паҳлавӣ terag омада, «Муҳтамилан ин риштакӯҳи афсонаӣ дар миёни ҷаҳон, дар Эронвиҷ қарор дорад ва дар миёни он қуллаест, ки бар сари қулла фурӯрафтагии амиқ вуҷуд дорад, ки дар буни он дарвозаи дӯзах аст. Пули Чинвад бар ду сари қуллаву бар фарози ин дарвоза аст».

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Гӯяд ба дин, ки чагоде (ҳаст) яксад мард болой, миёни ҷаҳон, ки чагоди Даити хонанд (он) юғи тарозуи Рашн эзад аст, теғае ба буни кӯҳи Албурз ба сӯи Абохтар ва теғае ба сари кӯҳи Албурз ба сӯи Нимрӯз (дорад); ба миёни он чагоди Даити истад». Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки кӯҳи Албурз дар шимол ва дар ҷанубӣ Эронвиҷ қарор дошта, ин кишвар дар миёни Албурзкӯҳ ҷойгир гаштааст. Воқеан ҳам водиҳои Олой ва Лахш дар миёни системаи кӯҳҳои Помиру Тяншан ҷой дошта, аз қаторкӯҳи Заалай шохаи Сари айғир ба сӯи Тяншан ва шохаи Зулумарт ба сӯи системаи кӯҳии Академияи Илмҳо қад кашидаанд. Дар бораи ба силсилаи кӯҳҳои Ҳара Баразайт шомил будани кӯҳҳои Тяншан мисолҳо зиёданд. Масалан, донишманди тоҷик Ҳамдам Мӯъминҷонов дар ин хусус навиштааст: «Ин сарчашма («Ҳудуд-ул-олам» – М.Ҳ.) яке аз қуллаҳои Тяншанро ба номи Мониш ё Монишо ёд мекунад, ки ҳамон кӯҳи Мануши «Авеста» аст. (Зомёдяшт, банди 1) Дар асоси маълумоти «Бундаҳишн» (боби 12, банди 10) Манучеҳр, подшоҳи пешдодӣ дар он ҷо таваллуд ёфтааст. Дар боби 12 банди 2 чунин омадааст: «Кӯҳи Заредаза, ки онро низ Манӯш гӯянд, аз силсилаи ҷиболи Ҳара Барезайти аст».[1]

Бояд гуфт, ки ҷаҳони ориёӣ бештар ба дарозои хатти ҳаракати офтоб таъйин мегардид, аз ин рӯ миёни ин ҷаҳон бештар миёни масофаи сарзаминҳои ориёӣ аз шарқ ба ғар-

[1] Мӯминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Душанбе, 2004.

https://bikhon.tj

бро дар назар дошт. Бо таъйин намудани яке аз нишониҳо – Тираг ё Доитӣ ва ё Эронвиҷ нишонии дигар ва миёни ҷаҳони ориёиро ошкор намудан муяссар мегардад. Нахуст, Тирак ё Тирг муайян карда шавад, ки яке аз қисматҳои кӯҳи Албурз дониста шудааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Кӯҳи Албурз перомуни ҷаҳон, кӯҳи Тирг (Тирак) низ миёни ҷаҳон аст».[1] «Кӯҳи Тирак номи риштакӯҳест, ки аз шимолшарқӣ ба ҷанубғарбии замин кашида шудааст».[2] «Тирги Албурз он аст, ки Хуршед, Моҳу ситорагони ман аз паси (ӯ) бозгарданд, зеро ба Албурз яксаду ҳаштод равзан аст ба Хуросону яксаду ҳаштод ба Ховарон».[3] Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар дин гӯяд, ки нахустин кӯҳе, ки фароз руст, Албурзи эзадибахт буд… Албурз перомуни ин замин ба осмон пайваста аст. Тираги Албурз он аст, ки ситора ва моҳ ва хуршед ба-д-ӯ фурӯ гарданд ва ба-д-ӯ бозоянд. Ҳугари баланд он аст, ки оби Ардвисур аз ӯ фуруд ояд як ҳазор мард боло…».[4] Аксар донишмандон Тирг ё Тиракро яке аз қуллаҳои баланд ва ё теғаҳои Албурз донистаанд. Вале дар асл Тирак ин қаторкӯҳи Сарикӯл ба пайваст бо қаторкӯҳи Фарғона мебошанд. Дар «Рамаяна» ва дигар адабиёти ориёҳиндӣ аз кӯҳе бо номи Сауманас ёд шудааст, ки аз он офтоб дар рӯзи дарозтарин сол баромада, ба кишвари Ҷамбудвипа аз сӯи шимол равшанӣ менамояд. Тибқи таҳлилоти мо кӯҳи Сауманас ба қуллаи кӯҳи Тяншан мувофиқ омадааст. Офтоб аз ҷануби Ҷамбудвипа ба шимол ҳаракат карда, ҳар субҳ аз пушти қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғона боло мешавад. Вай дар дарозтарин рӯз ба қуллаи Сауманас, яъне қуллаи Ғалаба мерасад ва аз он ҷо боз ба сӯи Ҷамбудвипа пас мегардад. Яъне офтоб яксаду ҳаштод (дар «Бундаҳишн» чунин зикр шудааст. –М.Ҳ.) хонаи худро дар Тираки Албурз

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, бахши 7.
[2] «Бундаҳишн» (ҳиндӣ).
[3] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, бахши 9.
[4] Ҳамон ҷо. бахши 9.

https://bikhon.tj

тай намуда, ба қуллаи Тяншан мерасад ва аз он ҷо бозпас мегардад.

Аксари кӯҳҳои Осиёи Миёна, ки ватани ориёиҳои аввалия дар ҳамин сарзамин воқеъ гаштааст, аз шарқ ба ғарб кашида шудаанд. Гоҳе ҳам воқеъ шудааст, ки баъзе риштакӯҳҳо аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ қад кашидаанд. Бузургтарин системаи кӯҳии Тяншан, Ҳимолой, Помиру Ҳиндукуш Алай (Олой) дар ҳамин шумор қарор доранд. Аксари онҳо аз шарқи мутамоил ба шимол ба ғарби мутамоил ба ҷануб қомат афрохтаанд. Дар боби «Албурз» роҷеъ ба чигунагии ин кӯҳ батафсил сухан рафтааст. Системаи кӯҳҳои Тяншан ва Ҳимолой низ тақрибан аз шарқ ба ғарб қад кашидаанд. Вале қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл аз шимол ба ҷануб ва ҷануби шарқӣ қад кашида, ин ду системаи бузурги кӯҳиро ба ҳам пайваст менамоянд, ки чунин пайвастшавӣ аз тамоми шарқ то ғарб танҳо дар ҳамин минтақа вуҷуд дорад. Ана ҳамин пайвастшавӣ ба воситаи ду қаторкӯҳ – Фарғона ва Сарикӯл Тирг ё Тираки Албурзро ташкил медиҳад. Тирак, албатта, дорои чанд маъно мебошад, ки яке аз онҳо меҳвар, тир мебошад. Масалан тири ароба ду чархи онро ба ҳам пайваст менамояд. Яъне, кӯҳи Тирг ё Тирак аз шимол ба ҷануб қад кашида, дар миёни ду системаи бузурги кӯҳӣ ҷой гирифтааст ва Хуршед, Моҳ ва ситорагон аз рӯи он гузашта ба ғуруб мераванд ва боз аз паси ин қаторкӯҳҳо боло мешаванд.

Агар масофаи ҷаҳони ориёиро аз шарқ – қисмати шарқии Хутан то баҳри Хазар, ки дар «Авесто» ва дигар адабиёти ориёӣ ҳамчун нуқтаҳои шарқтарин ва ғарбтарин тасвир шудаанд, таҳқиқ намоем, миёнаи он ҳамин қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл ба шумор мераванд. Аз қаторкӯҳи Фарғона ва Сарикӯл то баҳри Хазар – ғарбтарин нуқтаи ҷуғрофияи ориёиҳо ва Чахра (Чархлик) шарқтарин нуқтаи сукунати ориёиҳо (ҳоло воқеъ дар шарқи Хутан) тақрибан масофаи якхела вуҷуд дорад.

https://bikhon.tj

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Чун хуршед барояд, (ба) кишвари Сава, Фрадазафш ва Видазафш, ба ниме аз Хванирас тобад, ҳангоме ки ба он сӯи Тираг андар шавад, ба кишвари Аризаҳӣ Ваурубаршт ва Вауручарашт ва ниме аз Хванирас тобад. Ҳангоме ки ин ҷо рӯз аст, он ҷо шаб аст, зеро ба сабаби кӯҳи Тирг аст (ки) шаб пайдо шавад». Яъне вақте хуршед субҳгоҳ аз уфуқ барояд, танҳо ба қисмати шарқии қаторкӯҳҳои Фарғона ва Сарикӯл, ки Тираки Албурз ба шумор мераванд, метобад ва вақте ба ин сӯи Тираки Албурз гузашт, ба қисмати ғарбии он равшанӣ мекунад. Ва далели аз ҳама муҳим ва қотеъ он аст, ки чакоди Даити дар миёни Тираки Албурз воқеъ аст. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» зикр шудааст: «Чунин (гӯяд, ки) дигар кӯҳҳо аз Албурз фароз рустанд, ба шумори ду ҳазору дувисту чиҳили чаҳор кӯҳ, ки аст: Ҳугари баланд; Тираги Албурз, ки чакоди Даити (дар миёни он) аст...» Воқеан қаторкӯҳи Заалай дар миёни қаторкӯҳҳои Сарикӯл ва Фарғонаву Олой қарор дорад, ки ин қаторкӯҳҳо ҳамчун Тираки Албурз тавсиф ёфтаанд.

УСИНДОМКӮҲ

Усиндомкӯҳ дар адабиёти ориёӣ ба шаклҳои мухталиф зикр шудааст. Дар шарҳи «Бундаҳишн» омадааст, ки номи ин кӯҳ дар «Авесто («Тир-яшт», бандҳои 32-33) us. handava, дар паҳлавӣ ба шакли usindam омадааст. Кӯҳи мазкур дар миёни дарёи Фарохкард ҷой дорад ва аз ин кӯҳ аст, ки пас аз пирӯзии Тиштр бар Апаошдев, меҳу абр мехезаду бар ҳафт кишвар меборад». Гӯё ин кӯҳ «Аз хумоҳан аз гавҳари осмон миёни дарёи Фарохкард аст, ки об аз Ҳугар бар ӯ фурӯ резад».[1] Дар «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» дар ин боб омадааст, ки «Ҳиндава – кӯҳи Ус Ҳиндава, дар миёни дарёи Во-

[1] «Бундаҳишн», боби 9, саҳ 57.

https://bikhon.tj

рукаш аст». Зикри Ҳинд дар ин ном баъзе олимонро водор кардааст, ки ин кӯҳро дар Ҳиндустони кунунӣ суроғ карда, уқёнуси Ҳиндро ба дарёи Фарохкард (Ворукаш) айният бидиҳанд. Масалан, муҳаққиқи эронӣ Ҷалили Дӯстхоҳ дар бораи ин кӯҳ навиштааст: «Аммо М. Баҳор дар баррасии ҷуғрофиёи асотири Эрон пас аз баҳс ва пажӯҳиши дақиқе ин дарёро бо уқёнуси Ҳинд як мешуморад. Дар «Тиряшт» мехонем: «Он гоҳ меҳ аз он сӯи Ҳинд, аз кӯҳе, ки дар миёнаи дарёи Фарохкарт ҷой дорад, бархезад». Ва ин таъйиди ошкор аст, бар яке будани Фарохкарт ва уқёнуси Ҳинд».[1] Вале ҷуғрофияи ин номро низ мисли дигар номҳо дар сарзаминҳои мавриди таҳқиқи мо ҷустан ба воқеият наздик аст. Ин кӯҳ ва баҳри Ворукаш (уқёнуси Лаванода) дар адабиёти ориёҳиндӣ низ зикр гардидаанд, ки дар Ҷамбу – Зобул – Помир мавқеият доранд. Дар «Стҳананга-Сутра» омадааст, ки паҳнои уқёнуси Лаванода шакли мудаввар дошта, дар маркази он уқёнус баландии платформашакли баландиаш ду коса вуҷуд дорад. **(**2.328)

Тавре гуфта шуд, панҷ ном: Усиндом, руди Ардвисура, кӯли Урвиш, қуллаи Ҳугар, дарёи (баҳри Ворукаш) ба ҳам иртиботи ҷуғрофӣ доранд. Аз ин лиҳоз ин чаҳор номро дар як мавқеият бояд суроғ намуд. Азбаски қуллаи Ҳугар, руди Ардвисура, кӯҳи Урвиш ва баҳри Фарохкард маълум шудаанд, муайян намудани кӯҳи Усиндом низ муяссар мегардад. Ба ҳар эҳтимол ин кӯҳ яке аз кӯҳҳоест, ки дар ноҳияи ба руди Панҷ ҳамроҳ шудани Ванҷоб воқеъ гаштааст.

ЕРЕЗИФЯ

Дар Обон-яшт омадааст, ки «Ковуси тавоно дар пои кӯҳи Ерезифя сад аспу ҳазор гову даҳ ҳазор гӯсфанд ӯро пешкаш оварда...»[2] Муҳаққиқ Ҳ. Муминҷонов дар боби ин кӯҳ

[1] «Авесто» (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ) Теҳрон, 1375, с.1020.
[2] «Обон-яшт Ав. 221.

https://bikhon.tj

навиштааст, ки «Кӯҳи Эризифяро, ки «Кӯҳи уқобон» тарҷума мешавад, Самюэл Нейберг олими шведӣ яке аз кӯҳҳои ҷиболи Тяншан ё Туркистон медонад».[1] Ва муҳаққиқи дигар С. Ҳалимшо дар ин боб боз ҳам дақиқтар навиштааст, ки «Кӯҳи Эризифия бо номи авестоии худ дар ноҳияи Рӯшони водии Бартанг воқеъ аст. Ин кӯҳ аз сатҳи баҳр 5939 метр иртифоъ дорад».[2] Назари ин муҳаққиқро ба назари эътибор гирифтан қобили қабул аст.

УШДОШТОР

Ушдоштор, Ушадарена (Ушедам) номи кӯҳест дар Систон, ки ба навиштаи «Бундаҳишн» Зардушт бар фарози он паёми эзадиро дарёфт кард. Дар гузоришҳои паҳлавӣ Ушдаштор омада, ки маънои он Ҳушбахш аст[3]. Ин ном дар «Авесто» ба гунаи uši. darena Ушедарена ва дар паҳлавӣ ušdaštār ба маънои доранда ва нигоҳбони саҳар омадааст. Муфассирони «Бундаҳишн» навиштаанд, ки сифати ин кӯҳ дар «Авесто» Xvaθra-aša ба маънои дорандаи осоиш аст. Ҷои ин кӯҳро дар Систон донистаанд. Гунаи дигари номи он дар «Авесто» uši.dam Ушедам, аст. Дар Зомёд-яшт омада-аст, ки кӯҳҳои Ушедам, Ушедарена ва риштакӯҳи Ерезифйа аз кӯҳҳои Албурз ва Заредаза рустаанд. Аз ин лиҳоз ин кӯҳро низ дар силсилаи кӯҳҳои Бадахшони кунунӣ, ки Систони нахустин аст, суроғ бояд кард. Тавре пештар гуфта шуд, Ерезифя низ дар ҳамин минтақа воқеъ гаштааст.

БАҒГИР, ДОРСПЕД

Дар тавзеҳоти «Бундаҳишн» кӯҳи Багир bagīir/bakīr бо кӯҳи Дороспанд, Дорспед айни ҳам тахмин карда шудаанд.

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ», с. 221
[2] Ҳалимшо С., «Оби Шаҳд», с.9.
[3] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 715

https://bikhon.tj

Дар адабиёти марбут ба ин мавзӯъ омадааст, ки «Багир – Афросиёб ба бору дошт ва он хонаро даруни он сохта ва имрӯза дар он шаҳри Роми пирӯзу низ дах ҳазор шаҳристон бун афканда шудааст». Яъне кӯҳест, ки Афросиёб андаруни он қаср сохта буд ва шояд он бо кӯҳи Антаркангҳа яке бошад. Қасри зеризаминии Афросиёб дар кӯҳи Бағгир воқеъ аст, ки номи дигараш кӯҳи Дорспед (дорои дарахтон ё ҷангали сафедор) будааст. Кристенсен менависад, ки «...Кӯҳи Бағгир кӯҳест, ки Афросиёби туронӣ дижи худро дар он сохт. Дар оғози ин боб омадааст, ки Бағгир номи дигаре аз кӯҳи Дорспед аст».[1]

Маънои Бағгир «Кӯҳи Худо» мебошад ва дар мавқеияти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл воқеъ гаштааст. Ҳоло низ дар байни мардуми ин маҳал дар бораи кӯҳҳои марбут ба Афросиёб ва дигар шоҳон ривоятҳо боқӣ мондаанд. Масалан, Абу Саид Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» овардааст, ки «Роҳи сӯи вилояти ҷикилҳо ва тюргешҳо аз Невикат ба сӯи Панҷикет мегузарад... Дар назди он деҳаи Зекет воқеъ гаштааст... Дар тарафи чап... деҳаи Суяб... Баглил... Далуганҷ... дар назди кӯҳ ҷой дорад. Туркҳо бо дуову ибодат ба ин кӯҳ мегӯянд, ки «Ин хонаи Худост». – Наузанбиллоҳ! Агар аз ин ағба гузашта шавад, дар тарафи чап вилояти тюргешҳо, хусусан тахсийҳо пеш меояд...» Аз ин иқтибос номи деҳаи Баглил шояд дар асл Бағгир бошад, зеро ривояти сокинони он ҷо ба кӯҳи Бағгир будани он далолат менамояд.

Бисёр сайёҳони рус дар асрҳо 19 ва ибтидои асри бист ба минтақаҳои Помир ва қисмати ғарбии Хитой сафар карда, дар бораи кӯҳҳо ва мавзеъҳои ин ҷо ривоятҳоро рӯи коғаз овардаанд. Яке аз сайёҳон менависад: «Баъд қирғизҳо ба ман ҳикоят карданд, ки дар қуллаи Мустаг-ата шаҳри қадимаи Ҷанайдар воқеъ аст, ки ин шаҳр дар он замонҳое бунёд ёфтааст, ки дар он даврон ҳамаи одамони рӯи замин хуш-

[1] Кристенсен А. «Каёниён», с.131.

https://bikhon.tj

бахт буданд ва баъд ба сабаби он ки тамоми робита миёни он шаҳр ва дигар маҳалҳои замин қатъ гардид, бошандагони он шаҳр то кунун саодатманданд. Дар он ҷо боғҳое бунёд ёфтааст, ки чаҳор фасли сол меваҳои аҷоибу ғароиб ба бор меоваранд, гулҳояш ҳеҷ гоҳе хазон намешаванд. Занҳояш пир намешаванд, абадан ҷавонанд. Аз ҳама хушиҳои зиндагӣ ҳамарӯза саршоранд. Марг, сардӣ ва зулмат аз он ҷо вуҷуд надорад...»

Тавре дида мешавад ин ривоят ба шаҳри Индра – Амарватӣ ва номи Ҷанайдар ба пешвои асурҳо Ҷиландар аз «Маҳабҳарата» бисёр монанд аст.

АНДАРКАНДИЗ

Яке аз кӯҳҳоест, ки дар дохили он Канги Афросиёб вуҷуд дошта будааст. Тавре гуфта шуд, Афросиёб се Кангҳа дошт, вале ба эҳтимоли қавӣ дар ин ҷо Канги воқеъ дар шарқи қаторкӯҳи Сарикӯл дар назар аст. Дар тавзеҳоти «Авесто» омадааст, ки номи дигари Андаркангдиз, Асониманд буда, дар «Авесто» antarəkangha ва дар паҳлавӣ andar-kangdiz омадааст. Бисёр имкон дорад, ки кӯҳи Андаркангдиз бо кӯҳҳои Бағгир ва Дорспед айни ҳам бошанд.

САПЕДКӮҲ, СПИТАГАУНА

Дар бораи Спитагауна дар «Авесто» омадааст: «Ба маънии сапедгун ё сапедранг, номи яке аз кӯҳҳоест, ки гиёҳи ҳаома бар он мерӯяд».[1] Дар «Бундаҳишн» ин ном зикр нашудааст.

Дар «Шоҳнома» Сапедкӯҳ ба шакли Сипадкӯҳ низ зикр гардидааст. Сапедкӯҳ дар ин асар дар самти шимоли шарқии водии Сарикӯл тасвир ёфтааст.

[1] «Авесто» Ясно. 10. банди 11., «Авесто», нашри тоҷикӣ, с. 701.

https://bikhon.tj

Вақте Тус ба Туркистон лашкар мекашад, Кай Хусрав ӯро огоҳ мекунад, ки вай на аз роҳе, ки аз назди дижи бародари ӯ Фуруд мегузарад, балки аз роҳи дигар гузашта равад. Вале Тус аз роҳи дижи Фуруд рафта бо ӯ ҷанг мехӯрад. Фуруд пеш аз ҷанг баъзе колояшро ба сӯи Сапедкӯҳ мефиристад.

Ҳама пок сӯи Сипадкӯҳ бурд,
Ба банд-андарун сӯи анбӯҳ бурд.

Тавре дар боби Косаруд зикр гардид, ин руд яке аз шохобҳои Тарим Гёз-дарё (Коса-дарё) буда, Калоту Сипадкӯҳ ва Косарӯд дар ҳамҷавори он қарор доштабудаанд. Аз ин ҷост, ки вақте эрониён ба воситаи ин маҳалҳо ба Турон ҳуҷум мекунанд, Афросиёб мегӯяд:

Мабодо, бар ин буму барҳо дуруд,
Калоту Сипадкӯҳ то Косарӯд.

Сапедкӯҳ мутобиқи малумоти Бичурин Н. Я. дар шимоли Куча воқеъ будааст.[1] Дар Қошғар як гурӯҳи мардум Сапедкӯҳиён ном доштаанд. Идомаи шимолии Мустаг-ата Актау ном дорад, ки ҳамон Сапедкӯҳ аст. Ин кӯҳҳо дар адабиёти қадими хитоӣ Кӯҳҳои сафед ном дошта, ҳамчун бахши калони ҳамеша барфпӯши Кӯҳҳои Осмонӣ, дар масофаи 120 ли дар шимоли Хами воқеъ будаанд.[2]

АСНАВАНТ –АСНУНД

Дар «Бундаҳишн» мавқеияти Аснавант–Аснунд дар Озарбойҷон гуфта шудааст. Тибқи маълумоти дигар сарчашмаҳо «Кай Хусрав оташкадаи Озаргушаспро дар кӯҳи

[1] Бичурин И.Я. (Якинф). «Собрание сведения по исторической географии восточной и Средней Азии» (Чебоксары, 1960, П.153).
[2] Ҳамон ҷо. Инчунин «Бай-шан; Тхай-бо-шан ва Эшкэ-баш-таг».

https://bikhon.tj

Аснаванд бино ниҳод. Озаргушаспи пирӯз дар канори дарёи Чайчаст дар Озарбойҷон воқеъ аст... Менуи дарёҳо ва рудҳо ба Зардушт ба ҳампурсагӣ омад ва ба Аснавандкӯҳ Ҳурмузд дар бораи нигоҳдорӣ ва сипосдории обҳо сухан гуфт».

Ин ном дар «Авесто» ба шакли asnvant ва паҳлавӣ asnwand зикр ёфта, тахмин карда шудааст, ки дар давраи Сомониён номи ин кӯҳ Саханд будааст.

Аммо чун мавқеияти нахустини Отарподгон – Озарбойҷон дар атрофи Қаракӯл таъйин гардид, метавон гуфт, ки кӯҳи Аснавант низ яке аз кӯҳҳои соҳили ин кӯл мебошад.

КАДАРВАСП

«Бундаҳишн» навиштааст, ки «Кадарвасп кӯҳест ба Тӯсшаҳр, ки дарёчаи Субар бар сари он аст, дар Тӯс аст. Дар Систон аст. Бунчашмаи он ба Фарохкард пайваста аст».[1] Дар «Авесто» kadrvaaspa ва дар паҳлавӣ: kadrwasp ба маънои «дорои аспи каҳар» зикр шудааст.[2] Бо назардошти он ки кӯҳи мазкур дар Систон гуфта шудааст, онро дар Системи наахустин – Бадахшон бояд суроғ намуд. Дар ин ҷо Тӯсиён ном деҳаест, ки аз назди он руди Шохдара мегузарад. Дар ин минтақа мавзеъе бо номи Кадара вуҷуд дорад, ки эҳтимолан кӯҳи Кадарвасп ҳамин будааст. Бояд гуфт, ки Кадар ном шаҳре дар наздики Фороб ва Кадара ном деҳае дар Рашт вуҷуд дорад.

Мисли дигар номҳо Тӯс ва Кадарвасп ба ин минтақаҳо бегона набуда, зиёд ба назар мерасад. Шаҳри Тус – шаҳрак, Тусикас, Тус,[3] Кадар – шаҳре дар наздики Фороб, Кудара дар Бадахшон, Кадара – Рашт, Кадар[4] (назди Тошканд) дар ҳамин шуморанд.

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 9.
[2] «Бундаҳишн», тавзеҳот, с. 152.
[3] Ҳамон ҷо. [Бобоёров, 2005, с. 126], [ас-Сам'ани, т. 3, с. 102],
[4] «Сурат-ул-арз», с.179.

https://bikhon.tj

КУИРОС

Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» кӯҳи мазкур дар Эронвиҷ воқеъ гаштааст. Дар «Авесто» ба шакли kaoirisa ва дар паҳлавӣ – kōirās зикр шудааст.[1] Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки яке аз кӯҳҳои системаи кӯҳии Олой Куирос аст.

КАЛОТ, РОВАГБАШН, ЗАРОВАД

«Бундаҳишн» мегӯяд, ки «Ровагбашн ба Заровад аст. Он ҷойро бошад, ки Заровад бошад, ки Ровагбашн ва бошад, ки Калод хонанд. Аз ду сӯй кӯҳ ва роҳ миёни (дара) аст. Дижи Фуруд он ҷост. Ба сабаби диже, ки он ҷой сохта шудааст, он ҷойро Калоддиж хонанд. Тавре дар бахшҳои гузашта гуфта шуд, дижи Фуруд дар водии Сарикӯл воқеъ будааст ва Ровагбашн низ яке аз кӯҳҳои ин минтақа аст.

САБЛОН

Мувофиқи навиштаҷоти «Бундаҳишн» ва дигар асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда Саблон кӯҳест, ки Зардушт даҳ сол дар он ваҳйи Худованд мегирифт. Тавре дар мақолаи «Марв» ва «Эронвиҷ» гуфта шуд, мутобиқи бовари ориёиҳои бостон қаторкӯҳҳои Фарғона, Сарикӯл ва кӯҳҳои атрофи онҳо ҷойгоҳе будаанд, ки барои ваҳйи Худованд гирифтан муносиб дониста мешуданд. Бинобар ин бешубҳа кӯҳи Саблон ё Сиблон яке аз кӯҳҳоест, ки дар системаи кӯҳии Заалай ва ё қаторкӯҳи Фарғона воқеъ гаштааст. Ҳоло дар қаторкӯҳи Фарғона кӯҳ ва маҳалле бо номи Симгон вуҷуд дорад, ки шояд баргаште аз Саблон ё шояд Саблон баргаште аз Симгон будааст.

[1] «Бундаҳишн». Тавзеҳот, с. 152.

https://bikhon.tj

АҲУРНА

Аҳурна дар «Авесто» ба маънии Кӯҳи Худо омада, ҷойи он дар назди дарёчаи (кӯли) Ҳомун гуфта шудааст.[1] Яъне яке аз кӯҳҳоест, ки дар назди кӯли Суман (Яшикӯл) воқеъ мебошад.

РЕВАНД

Номи ин кӯҳ дар «Авесто» raēvant дар паҳлавӣ: rēwand омада, маънояш бошукӯҳ будааст. Мувофиқи маълумоти «Бундаҳишн» кӯҳи Реванд дар Хуросон воқеъ буда ва Озари Бурзинмеҳр бар он будааст.[2] Номи ин кӯҳ Роюманд низ гуфта шудааст. «Раевант – номи кӯҳест».[3] Ин ном дар форсӣ Реванд ва ҷои оташкадаи машҳури Озарбурзинмеҳр дар он будааст. Дар «Бундаҳишн» ҷои ин оташкада як бор кӯҳи Реванд ва як бор кӯҳи Гунованд (Гунобод) хонда шудааст».[4] Бо назардошти таъйини мавқеияти Реванд дар Хуросон ва ба Пуштаи Гуштоспон наздик будани он, тахмин кардан мумкин аст, ки ин кӯҳ яке аз шохаҳои қаторкӯҳи Сарикӯл дар наздикии Рангкӯли кунунӣ будааст.

Фаридуни Ҷунайдӣ дар бораи ин кӯҳ чунин навиштааст: «Раувант Raevanta авестоӣ ба маънои дорандаи ҷалол ва шукӯҳ, ки номи қадимии Нишопур ё Абаршаҳр будааст, ба Реванд табдил шуд, ки тамоми ҷуғрофинависон пас аз араб ба-д-он ишора кардаанд ва ҳанӯз низ номи бахше аз Нишопур аст».[5]

---

[1] Зомёд-ашт, банди 5.
[2] «Бундаҳишн». Тавзеҳот. «Дар ин замон низ кӯҳҳои шимолии Нишопур Реванд хонда мешаванд».
[3] Зомёд-ашт. банди 6.
[4] «Авесто». Душанбе, с. 690.
[5] Фаридуни Ҷунайдӣ, «Зиндагӣ ва муҳҷирати орёиҳо», чопи дувум, Теҳрон, 1374. с. 97

https://bikhon.tj

Ҳоло дар Бошқирдистон Ревандуз ном ноҳияе вуҷуд дорад, ки шояд бо Реванд ҳаммаъно будааст.

ГУНОБАДКӮҲ

Гунобадкӯҳ ба пуштаи Гуштоспон аст. Он ҷо ба Реванд, ки хонаи Озари Бурзинмеҳр аст, нуҳ фарсанг ба Ховаронсӯй (қарор) дорад. Дар иртибот ба он ки Гунобад бо Реванд наздик ва Реванд дар Хуросон гуфта шуда, инчунин Пуштаи Гуштоспон дар ин мавқеият будааст, тахмин кардан мумкин аст, ки ин кӯҳ яке аз шохаҳои қаторкӯҳи Сарикӯл дар наздикии Рангкӯли кунунӣ будааст. Гуштосп борҳо ба соҳили кӯҳи Фраздон – Ранкӯли кунунӣ омада буд. Шояд он тепа, ки Гуштосп ба ниёиш машғул буд, Пуштаи Гуштоспон ном гирифта будааст. Ҷанги Гуштосп ва Арҷосп низ дар соҳили кӯли Фраздон (Рангкӯл) ба амал омада будааст.

ИСПАНДИЁР

Испандиёр ба дарёчаи Реванд аст.[1] Азбаски ин кӯҳ ба дарёчаи Реванд наздик гуфта шудааст, онро низ дар самти ғарбии қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Сарикӯл бояд суроғ намуд. Ин ном дар «Авесто» ба шакли Спедодата зикр шудааст.

ДИГАР КӮҲҲО

– **Каҳкаҳйу.** Номи кӯҳест дар «Авесто».[2] Ба эҳтимоли қавӣ кӯҳ ва қалъаи Қаҳқаҳа аст дар Бадахшон.

– **Дойбод (Довод).** «Бундаҳишн» онро ҷое дар Порт ва ҷое дар Систон гуфтааст. Ин гуфтаро бо он муқоиса кардан мумкин аст, ки як қисмате аз Порт шомили Систон низ бу-

[1] «Авесто»: spəntō. data, паҳлавӣ: spandyār» – тавзеҳоти «Бундаҳишн».
[2] «Авесто». Зом.4.

https://bikhon.tj

дааст. Шояд яке аз кӯҳҳоест миёни водии Рашт ва Бадахшон.

– Паҳргар. Дар Хуросон гуфта шудааст. Яке аз кӯҳҳои системаи қаторкӯҳҳои Фарғонаву Сарикӯл.

– Марғ. Аз кӯҳи Абарсин ва Манӯш рустааст. Дар «Шоҳнома» Марғ дар паҳлуи Кобул ва Ҳинд ном бурда шудааст. Рустами Дастон боре: «Сӯи кишвари Ҳиндувон кард рой, Сӯи Кобулу Данбару Марғу Мой». Ин ҳам кӯҳест дар самти ҷанубии Тяншани марказӣ.

ДАР БОРАИ РУДҲО

Рудҳо низ дар «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар асарҳои ориёӣ ҷуғрофияи печидае доранд. Аксари онҳо дар ин се асар, ба эҳтимоли он ки айни ҳам бошанд, бо номҳои алоҳида тасвир шудаанд. Дар «Авесто» номи рудҳои Даити, Аранг, Дороҷаруд, Гавза, Ерези, Ҳуспа, Хвостра Аредви (Сура), Витангуҳаитӣ, Хварангҳаити, Фрадата, Уштаваитӣ, Урвада, Ерезӣ, Зарнумаитӣ, Ҳирманд, Авжданван ва ғайра зикр шудаанд. Дар «Бундаҳишн» аз рудҳои Арвандруд, Вехруд, Деглатруд, (Дегтал) Фуротруд, Даитируд, Даргомруд, Зиндаруд, Ҳарируд, Марврyд, Ҳилмандруд, Хоншерруд, Ватеанируд, Зиштмандруд, Хуҷандруд, Бухлруд, Меҳронруд, (Ҳиндугонруд), Сапедруд, Тартруд, (Кур), Авалруд, (Масргон), Ҳарозруд, Турмедруд, Пайдог-Ванешруд, Дороҷаруд, Косаруд, Шедруд, Меҳинруд, (Чеҳрумеҳноб) сухан рафтааст.

Дар «Шоҳнома» рудҳои Ҷайҳун (Омӯ), Оби Зиреҳ (Тарим, Сурхондарё), Алмосруд, Косаруд, Барак, Ганг, Даҷла, Дарёи Буст, Дарёи Порс, Дарёи Чин, Дарёи Синд, Дарёи Шаҳд, Дарёи Қулзум, Дарёи Каймок, Дарёи Ганг, Дарёи Гелон, Дарёи Нил, Дарёи Қор, Марврyд, Нил, Оби Зарқ, Кашаф, Синд, Шаҳд, Фурот, Ҳинд, Ҳирманд ва ғайра ном бурда шудаанд.

https://bikhon.tj

Бояд гуфт, ки агарчи маъмулан дар чанд адабиёт дарё ба маънои баҳр ё кӯл истифода шуда бошад ҳам, аммо дар «Шоҳнома» дарё ба маънои руд низ истифода шудааст, ки дарёи Шаҳд, дарёи Каймок, дарёи Ганг, дарёи Нил, дарёи Қор намунае барои ин гуфта шуда метавонад. Ҳамчунин дар «Бундаҳишн» дар бисёр маврид дарё ба маънои руд истифода шудааст. Бояд гуфт, ки номи ин рудҳо дар адабиёти ориёҳиндӣ низ тафовут дошта, танҳо номи чанд руди алоҳида бо каме тағйирот ба ҳам мушобеҳ ҳастанд. Дар «Авесто» тақрибан 20 ва дар «Бундаҳишн»-у «Шоҳнома» 27-30 руд номбар гардидааст.

Тавре дар пажӯҳишҳои бисёр олимон зикр шуда, рӯйдодҳои ин се асар дар як замону макон ба вуқӯъ пайвастаанд. Аммо шабеҳияти номҳои руду кӯҳҳо ва баҳру кӯлҳо хеле кам ба назар мерасад. Гуфтан душвор аст, ки чаро номҳои ин рудҳо дар чанд адабиёти вобаста ба як давру замон аз ҳам тафовут доранд.

То имрӯз рудҳо мисли кӯҳҳову кӯлҳо аз ҷониби олимону пажӯҳишгарон айниятиҳ воқеӣ нагирифтаанд. Дар ин миён танҳо ду руд – Аранг ва Веҳ бештар мавриди пажӯҳиш қарор ёфта, баъзе онро ба рудҳои Сир ва Омӯ баъзе ба Волгаву Дачла, Синду Аракс ва ғайра татбиқ намудаанд. Ба руди Даити низ рудҳои зиёде айният дода шудаанд. Сабаби чунин ҳол он аст, ки омили ҳалкунандаи зиндагии ориёиҳо – нахустмеҳан ва муҳоҷирати онҳо ба назари эътибор гирифта нашудааст. Сабаби дигар нишонии муайянкунада ва хос надоштани тамоми воҳидҳои ҷуғрофӣ дар «Бундаҳишн» ва дигар асарҳои ориёӣ мебошад. Ҳангоми муайян намудани мавқеияти рудҳое, ки дар «Бундаҳишн» ва дигар асарҳои ориёӣ зикр шудаанд, як далели қотеъро ба назар гирифтан хеле муҳим аст: аксари рудҳои дар ин асарҳо ёдшуда ба ду руд – Аранг ва Веҳруд, яъне Сир ва Омӯ мерезанд. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки ба рудҳои Веҳ ва Аранг 18 руди киштигард мерезанд.

https://bikhon.tj

ВЕҲРУД – ВЕҲ, МЕҲРОНРУД

Дар «Авесто» номи Веҳруд зикр нагардидааст. Бинобар ин баъзе олимон ҳамон Вангуҳи Даитиро Веҳруд номидаанд. Эҳтимол исми Вангуҳи, ки худ нек, беҳ тарҷума мешавад, ба ин андеша водор кардааст. Вале Веҳруд он будааст, ки бино ба навиштаи «Бундаҳишн» аз Хуросон сарчашма гирифта, ба баҳри Ворукаш мерезад. Ҳарчанд дар ҷое зикр нагардидааст, Вангуҳи Даити низ худ ба Веҳруд ҳамроҳ мешавад. Аз ин лиҳоз Веҳруд руди Панҷ – Омуи кунунӣ будааст. Он нишониҳои дақиқро, ки дар нисбати руди Аранг гуфта мешавад, нисбати Веҳруд дарёфт кардан душвор аст.

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «...ин ду рудро Ҳурмазд аз Абохтар нима, аз Албурз, фароз тозонид: яке ба Ховарон (шуд), ки Арванд ва яке ба Хуросон шуд, ки Веҳ хонанд...» «Яке ба ховарон шуд» – яъне Аранг ба сӯи мағриб ҷараён гирифт ва «яке ба Хуросон шуд» – чунин бармеояд, ки ба шарқ ҷараён гирифта бошад. Аммо Омӯ низ ба сӯи мағриб ҷорӣ мегардад. Эҳтимол ифодаи яке ба Хуросон шуд, ки Веҳ хонанд, ишора ба сарчашмаи Веҳруд – Танимас мебошад, ки аз доманаи кӯҳи Исмоили Сомонӣ ҷараён гирифта, нахуст ба сӯи шарқ – Хуросон ҷорӣ мешавад, пас аз он давр хурда, ба мағриб метозад. Тавре дар боби «Аранг» гуфта шуд, ифодаи «...ин ду рудро Ҳурмазд аз Абохтар нима, аз Албурз, фароз тозонид» чандон равшан нест. Эҳтимол ишора ба он бошад, ки як руд – Аранг аз Абохтар – шимол ва руди дигар – Веҳруд – Панҷ (Ому) аз Албурз сарчашма мегирад?

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Веҳруд ба Хуросон бигзарад, ба Синдбум шавад, ба Ҳиндугон ба дарё резад, ӯро он ҷо Мехронруд хонанд, Ҳиндугонруд низ хонанд». Ва ин ифода дар бораи айнияти Веҳруд ба Омӯ баҳсу андешаро барангехтааст. Аз ин ҷост, ки баъзе онро ба руди Синд, ки ба Ҳинд ҷорӣ мешавад, айният додаанд. Аммо дар ин ифода иштибоҳ нест, воқеият он аст, ки қисмате аз сарзамини Ба-

https://bikhon.tj

дахшон Синд номида мешуд ва ҷои ба ҳам пайвастани ҳафт руд мулкҳои атрофи Тирмиз ва атрофи он – ҷойгоҳи ба Ому ҳамроҳ шудани рудҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхандарё, Қундуздарё, Қашқадарё[1] ва руди Шеробод Ҳапта Ҳинд – Ҳиндугон номида мешуд, ки онро баъдан ба шакли Ҳафтруд тарҷума кардаанд. Академик Бартолд низ бо сабаби Ҳинд донистани Ҳиндугон назари «Бундаҳишн»-ро саҳв донистааст: «Номи форсиқадимии Ому Веҳруд будааст; дар «Бундаҳишн» гуфта мешавад, ки ин дарё ба баҳри Ҳинд мерезад ва дар он ҷо Меҳрон ном дорад, яъне Ому бо Ҳинд махлут омехта шудааст».[2]

Донишмандони асрҳои миёнаи исломӣ низ дар бораи руди Ҷайҳун изҳори назар карда, баъзе аз онҳо ин рудро Синд донистаанд. Назари ҳамчун ду шохоби як дарё будани дарёи Ҳинд ва Омуро Ибни Хурдодбеҳ таъйид кардааст. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» гуфтааст: «Ва дигар рудест, ки онро Синдруд хонанд. Ва аз мағриби кӯҳи Қасак биравад ва ин кӯҳи Қасакро кӯҳи Ях хонанд. Ва ҳамеравад аз сӯи ҷануб ва ба ҳудуди Мултон андар равад ва андар руди Ламғон афтад аз сӯи Мағриб». Ин муаллиф ҷое дигар мегӯяд: «...Ва чун ин се руд ба ҳам оянд, Меҳрон хонанд. Ва гӯянд, ки аз сари Кӯҳи Ях ва он кӯҳи Қасак аст, обе бардамад чун фаввора, ҳамчунон ба ду ним шавад. Нимае аз он сӯи шимол фуруд ояд ва он руди Харноб аст ва нимае ба сӯи ҷануб фуруд шавад ва он Синдруд аст, он ки Меҳронруд гардад». Муаллифи «Масолик-ул-мамолик» низ ин назарро таъйид намудааст: «(Ин одам ба ман) гуфт, ки Ҷайҳун худ ба худ ба ду шоха ҷудо мешавад. Сарчашмаи ин дарё дар кӯҳҳои ас-Син воқеъ гаштааст... яке аз шохаҳои он дарёи Синд ва шохаи дигараш дарёи Ҷайҳунро ташкил медиҳад. Як муаллифи дигари асримиёнагӣ дар ин бора гуфтааст: «Меҳрон дарёи ас-Синд, аз

[1] Қашқадарё ҳоло ба сабаби обёрии заминҳо ва ба обамбор ҷамъ шуданаш ба Амударё намерезад. (шарҳи муаллиф)
[2] Бартольд В.В. «Туркестан». II, стр. 221.

https://bikhon.tj

кӯҳҳои Шикинон ҷорӣ мешавад. Дарёи ас-Синд шохаоби дарёи Ҷайҳун аст. Аз номи вай (номи) қисмати мулки ал-Ҳинд тасмия шудааст. Вай тавассути ал-Мансур ҷорӣ гардида, ба баҳри Бузурги Шарқӣ мерезад, то он ки аз вай дарёҳои кишвари ал-Ҳинд сарчашма мегиранд». Тавре дида мешавад, дар номи руди Панҷ ва Синд ихтилофоти зиёде ба назар мерасад. Аммо саҳеҳ он аст, ки Веҳруд танҳо дар як минтақаи муайян Синд хонда мешуд ва дар дигар минтақаҳо номи дигар дошт. Аммо руди Синд аз оғоз чунин ном дошт.

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки: «Косаруд аз оби Тӯсшаҳр биёяд. Онро он ҷо Касафруд хонанд. Ин ҳамон Веҳ аст, (ки) он ҷо Коса хонанд, дар Синд низ Коса хонанд».[1] Яке аз шохобҳои руди Панҷ дар Бадахшон Коспар ном дорад ва шояд шакли дигар Косаи «Бундаҳишн» бошад. Ва шояд низ ибораи «Ҳудуд-ул-олам», ки кӯҳи Яхро кӯҳи Қасак – Косак хондааст, дар «Бундаҳишн» Коса омада бошад? Вале имкон дорад, ки яке аз шохобҳои ин руд, хусусан шохобе, ки аз кӯли Қаракӯл сарчашма мегирад, Коса номида мешуд. Кристенсен яке аз шохобҳоеро ки Қаракӯлро бо Ворукаша мепайваст, Косауйя номидааст. «Метавон тасаввур кард, ки достони эҷоди халиҷи Вуруркаша – Косауйя (ав. Чаечаст), ки дар банди 56-64 Зомёдяшт омадааст, хотираи мубҳаме аз саддҳои машҳури рудхонаи Окс (Ҳеродот 3, 117) боқӣ мондааст».[2]

Тавре дида мешавад дар ин ҷо низ Веҳруд боз аз Синд мегузарад. Абурайҳон Берунӣ дар бораи рудҳои Ҳинд маълумот дода, ибораеро овардааст, ки хеле муаммоангез аст: «Дар рудҳои Ҳинд мисли руди Нил тимсоҳ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ ал-Ҷаҳиз аз соддагӣ ва роҷеъ ба ҷараёни рудҳо ва мавқеияти кӯлҳо тасаввурот надоштанаш тахмин кардааст, ки дарёи Меҳрон шохоби Нил аст». Тавре дида мешавад Абурайҳон Берунӣ низ Меҳронро дар Ҳинд донистааст.

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 9.
[2] Кристенсен А. «Каёниён», с.129.

https://bikhon.tj

Муаллифони Юнони қадим дар бораи ин руд бисёр навишта, онро Оксус хондаанд. «Плиний дар асри 1 то мелоди Исои Масеҳ аз дарёи Оксус ёдоварӣ кардааст, ки аз кӯле бо ҳамин ном ҷорӣ гардида, ба Баҳри Каспӣ мерезад. Птоломей дар «Ҷуғрофия»-аш бар илова аз Оксус ва водии Комед (Комеда) дар бораи... қаторкӯҳи Имаус (Тсунми) зикр ба амал овардааст. Вай ҳатто нақшаи ин ҷойҳоро мураттаб намудааст, ки тибқи он Оксус саҳван аз арзе ҷараён мегирад, ки дар шимолтари мавқеияти кунуниаш воқеъ гаштааст».[1]

Роҷеъ ба дигар хусусиёти Веҳруд дар боби «Ворукаша» гуфта шудааст, зеро ин руд ба баҳри Ворукаш ё Фарохкард дар бисёр ҳолат айният меёбад. Яъне дар бисёр ҳолат Веҳруд ё руди Омӯ аз оғоз то баҳри Арал Фарохкард ё Ворукаша номида мешавад. Аз ҳамин ҷост, ки «Минуи Хирад» боби 62, бандҳои 13,14 навиштааст, ки «Кангдиж ба ноҳияти Хуросон бар забари дарёи Фарохкард аст».

Мутобиқи таҳлилоти руду дарёҳои адабиёти ориёҳиндӣ дар болооби ҳозираи руди Омӯ – Веҳруд уқёнуси Лавана тасвир шудааст. «Ҳафт руди бузург, ки қитъаи Ҷамбудвипаро аз самти ғарбӣ бурида мегузаранд, ҳамчунин ба уқёнуси Лавана мерезанд: Синдҳу, Рохитанша, Хариканта, Ситода, Нариканта, Рупякула ва Рактавати».[2] Дар «Бундаҳишн» низ омадааст, ки рудҳои Аранг ва Веҳруд (Ому ва Сир) дар нахуст ҷараён надоштаанд, яъне ба шакли баҳр вуҷуд доштаанд. Ва боз дар охир онҳо гӯё аз ҷараён бозмемондаанд: «Инро низ гӯяд, ки ба сабаби дӯстиву ёрии яке бо дигаре, минуи Арванд аз Ҳурмазд хоста, ки нахуст ҳама гуна хушнудиро, ки аз он Веҳрудро некист, биофарин, сипас, ба ман бемаргӣ бидеҳ; минуи Веҳруд низ аз Ҳурмазд ба ҳамон гуна барои Арванд дархост кард. (Ҳар ду руд) ба ҳамнеруӣ фароз тозиданд. Зеро пеш аз омадани Аҳриман бетозиш буданд.

[1] «Ежегодник Ферганской области». Т. 1, 1902, т.П.1903 г. стр.11.
[2] «Стхананга-Сутра».Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷум. 7,53.

https://bikhon.tj

Ҳангоме ки Дуручҷро нобуд кунанд, боз бетозиш гарданд».[1]

Ҷайҳун номи баъдии ин руд аст. Омӯ, Омун, Хироб, Харноб, Ҷароб низ номида мешавад. Номи Панҷ асосан маҳаллӣ ва баъдии он аст.

МАРВРУД

Тавре дар боби «Марв» гуфта шуд, ин руд ба руди Мурғоби кунунӣ, воқеъ дар ноҳияи Мурғоби Бадахшон айният мегирад. Нишонии «Марвруди фараҳманд ба Хуросон аз Абарсинкӯҳ битозад», ба ин мавқеият мутобиқат менамояд.

САПЕДРУД

«Бундаҳишн» мегӯяд: «Сапедруд ба Озарбойҷон аст, гӯянд, ки Заххок офт аз Аҳриману девон он ҷо хост». Тавре дар мақолаи «Озарбойҷон» омадааст, ин ном ба атрофи Қаракӯл айният мегирад. Ҳарчанд ки баъзе мавзеъҳои ҳамҳудуди он низ ба Отарподкон айният гирифта метавонанд. Аз ин лиҳоз яке аз рудҳои наздики Қаракӯл ва ё яке аз шохобҳои Муғсу – Муғоби кунунӣ метавонад Сапедруд бошад.

ЗАҲОБАК

«Бундаҳишн» навиштааст: «Заҳобак он руд аст, ки аз Озарбойҷон биёяд, ба Порс ба дарё резад». Ба эҳтимоли қавӣ Муғоб ё яке аз шохобҳои он аст, ки аз назди Қаракӯл сарчашма гирифта, дар водии Лахш ба Сурхоб ҳамроҳ мешавад.

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби нӯҳум.

https://bikhon.tj

ДОРОҶАРУД, ДАРЕҶА

Дороҷаруд дар Эронвиҷ воқеъ буда, номаш ба шаклҳои Дареҷа, Дреҷа низ омадааст. Ҳамчунин номи кӯҳе ё пуштаест, ки хонаи Пурушаспа – падари Зардушт бар каронаи он ҷой дошт ва гӯё Зардушт дар он ҷой зода шудааст. «Вандидод» хонаи падари Зардуштро дар канори руди боронии Дреҷо медонад[1]. Вале тавре аксар муҳаққиқон зикр кардаанд, Зардушт дар хонаи бобояш дар Роға таваллуд шудааст, на дар хонаи падараш дар Эронвиҷ. «Фарҳанги вожаҳои «Авесто» навиштааст, ки: «Дареҷа – номи рудхонае дар Раға (Рай), ки дар канори он руд хонаи Пурушасп – падари Ошу Зардушт барпо буд. Аз ин рӯ он рудхонаро руди Арванд гумон бурдаанд ва ситеғи Забора ё Заборро сарчашмаи ин руд донистаанд, ки ин руд аз ситеғ ва баландиҳои кӯҳи Забор равон мешавад».[2] Бояд гуфт, ки яке азшохобҳои Муғоб ё Муғсу дар назди деҳаи Хоҷатов ҳоло руди Дара ном дорад, ки аз қуллаи бо ном Шарқӣ баландиаш 4175 м. сарчашма мегирад. Сайёҳони рус яке аз кӯҳҳои силсилаи кӯҳҳои Заалайро Стена – Девор номидаанд, ки он бо ситеғи Забор, ки он ҳам ба маънои девор ифода мешавад, ҳамаъност.

Дар водии руди Қизилсу инчунин якчанд руд бо номҳои Дара, Дараут-қурган, Дарадек ва ғайра вуҷуд доранд. Ба эҳтимоли қавӣ шохоби руди Қизилсу – Алтин Дара бояд руди Дареҷо бошад, зеро дар наздики ин мавзеъ маҳалли Қарамиқ (Ҳара муғ – Кӯҳи муғ), Роҳи муғ, Ҷӯйбори муғ вуҷуд дорад, ки бояд бо номи Зардушт чунин номгузорӣ шуда бошанд.

Дар мавзеъи Лахш, дар пайвастагии водии Олой низ руди Дара, ағбаи Даранг ва дар Бадахшони Афғонистон деҳаҳои Дориҷ ва Дурож вуҷуд доранд. Ҳамчунин дар «Ҳудуд-ул-

[1] «Вандидод», фаргарди 19, банди 4,11. «Бундаҳишн», боби Х.
[2] «Фарҳанги вожаҳои «Авесто», с. 700.

https://bikhon.tj

олам» аз руди Дарёжа дар Бутамон ёд шудаст. Яъне ин ном дар чанд минтақаи дигари низ вуҷуд доштааст. Ҳамчунин дигар шохобҳои Даити – Айватак ва Овшанруд ном доранд ва азбаски ягон хусусиёти ин рудҳо зикр нагардидааст, айнияти онҳоро дарёфтан мушкил аст, зеро як худи Қизилсу дорои тақрибан панҷоҳ шохоб мебошад, ки Айлам, Тароша, Шива, Кулдук, Кантсу, Ғулома, Дорадек, Қизилсу, Сурхангов, Сатсу, Ширвоза чанде аз шохобҳои Қизилсу ва Муғсу дар ин шумор мебошанд.

ВАТАНГУҲАИТӢ

Ватангуҳаитӣ – ба маънии фарох, паҳн номи рудест, ки аз ҷои он огоҳӣ надорем.[1] «Манучеҳр се Писар дошт: Нузар, Зарасп ва Тус. Бино ба маълумоти Артяшт ватани онҳо соҳили руди Ватангуҳаити будааст.

ҲАШТ РУДЕ, КИ БА КӮЛИ ҲОМУН (СУМАН) МЕРЕЗАНД

Ҳашт руде, ки ба кӯли Ҳомун мерезанд, чунин ном доранд: 1. Хвостра. 2. Ҳуспа. 3. Фрадата. 4. Хварангҳаитии зебо. 5. Уштаваитии тавоно. 6. Урвадаи дорои чарогоҳҳои фаровон. 7. Ерезӣ. 8. Зарнумаитӣ. Дар «Авесто» омадааст: «Рудҳои Хвостра, Ҳуспа, Фрадата, Хварангҳаитии зебо, Уштаваитии тавоно, Урвадаи дорои чарогоҳҳои фаровон, Ерезӣ ва Зарнумаитӣ ба сӯи дарёчаи Каёнсийа равон шавад ва ба-д-он фурӯ резад».[2] Дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёт роҷеъ ба чанде аз рудҳое, ки ба Киёнса Ҳомун мерезанд, сифати мухтасар оварда шудааст. «Урвада номи рудест, ки чарогоҳҳои бисёр бар карона дорад ва ба дарёчаи

[1] «Авесто». Душанбе, с.618.
[2] Зомяшт – яшти 19.

https://bikhon.tj

Ҳомун мерезад.[1] (Ин назар тахминист)». Ерези – ба дарёчаи Ҳомун мерезад. «Хварангҳаити ба Ҳомун мерезад. Маънояш фаррaманду шукӯҳманд». Хвостра – рудхонаест, ки ба дарёчаи Ҳомун мерезад. Маънояш дорои чарогоҳҳои хуб». «Фрадата – (ба маънои афзоиш ва болишу рӯиш) номи рудест аз сӯи шимоли ховарӣ ба дарёчаи Ҳомун мерезад…». Инчунин роҷеъ ба Ҳирманд гуфта шудааст, ки: «Ҳирманди ройуманди фаррaманд, ба сӯи он равон шавад ва ба-д-ӯ фурӯ резад…».[2] Ҳилмандруд ба Систон аст. Ӯро сарчашма Абарсинкӯҳ аст. Ин ҷуз он аст, ки Афросиёб поймол кард. Дар шарҳи «Авесто» омадааст, ки «Заренумаити номи яке аз рудҳоест, ки ба дарёчаи Кийонсийа (Ҳомун) мерезад. Ин ном сохти модинаи (муаннаси) Заренумант (Зарманд ё дорои зар) аст. Дар «Бундаҳишн» (бахши 2, банди 34) Ҳирманд ва Зарман номи як рудхона хонда шуда, аммо дар «Зомёд-ашт» (банди 67) Заренумаити ва Ҳаетуманд (Ҳирманд) ҷудогона ёд шудааст».[3]

Бар илова аз ин рудҳо руди дигаре, ки Ватаенӣ номида шудааст, гӯё ба Киёнса – Ҳомун мерехтааст. «Руди Ватаенӣ бино ба «Бундаҳишн» номи руде аст дар Систон, ки ба дарёи Киёнса мерехтааст ва Афросиёб онро лагадкӯб карда, аз миён бурд. Ва дар даврони Увшидар аз нав ҷараён ёбад».[4] Аммо дар баъзе адабиёт омадааст, ки ин руд аз кӯли Киёнса берун шуда ҷараён мегирад: «Ватаенируд ба Систон асту сарчашма аз Киёнса буд».

Манучеҳр аз замини Падишхворгар то буни Гузак, ки Афросиёб гирифта буд, ба паймон аз Афросиёб боз ситонд... Ва афзудани кӯли Киёнса, ки Афросиёб онро поймол карда буд, обро аз он равона сохт.

[1] «Авесто», с.713.
[2] «Авесто», с. 340.
[3] «Авесто», с. 642.
[4] Мехрдоди Баҳор, «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 199.

https://bikhon.tj

НОВТОК

Канал ё руди сохтаи Афросиёб будааст. Гӯё растохез дар Канҳа, Гупат, дашти Пишонса ва атрофи Новток оғоз мешудааст. Новток ҳоло низ бо ҳамин ном дар масофаи 40 километрии ҷанубӣ ғарбии шаҳраки Мурғоб, дар даҳанаи Куртексой вуҷуд дорад.[1]

АРЕДВИ (СУРА)

Аредви Сура Аноҳито ё Ардвисура номи эзадбонуи обҳост, ки дар «Авесто» Обон яшт ба ситоишу ниёиши ӯ бахшида шудааст. Дар баробари ин Аредви номи руде низ мебошад, ки бо номи ин эзадбону тасмия шудааст. Ин руд «...ба андозаи ҳамаи рудҳои ҷаҳон, ки як ҷо ҷамъ шаванд, нируманд аст ва аз кӯҳи Ҳукарё ба дарёи Ворукаша мерезад...»[2] Баландии ин кӯҳ ҳазор баробари қади одамӣ аст ва Аредвисура Аноҳита аз фарози он ба дарёи Фарохкард фурӯ мерезад, ба бузургии ҳамаи обҳое, ки бар ин замин равон аст.[3] Вай аз қуллаи баландтарини кӯҳи Албурз Ҳукар сарчашма гирифта, тибқи маълумоти «Авесто» дар тарафи Нимрӯз (ҷануб) ба баҳр ё дарёи Ворукаш (Фарохкард) мерезад. Аредви Сура инчунин фариштаи руди Рангҳа (Сир) низ мебошад. Руди Аредвисура нахуст ба кӯли Урвиш ва баъдан ба дарёи Ворукаш (руди Панҷ) мерезад. Бо назардошти тамоми хусусиёти ин руд ва муқоиса бо нишониҳои дигар гуфтан мумкин аст, ки Ванҷоби кунунӣ руди Ардвисура будааст. Тавре дар боби «Урвиш» гуфта шуд, дар он ҷое, ки бояд кӯл бошад, ҳоло яхистон ё пиряхи мавсум ба номи Федченко вуҷуд дорад ва ба эҳтимоли қавӣ дар ҷои ин пирях он замон кӯле вуҷуд дошта будааст.

---

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области».
[2] 130. «Авесто». (Таҳияи Ҳ. Разӣ) Техрон, 1984, с. 258.
[3] «Обон-яшт», банди 96.

https://bikhon.tj

Дар «Авесто» ҳама ниёишҳои Зардушт ва шоҳону қаҳрамонҳои эронӣ дар соҳилҳои рудҳои Доитиё ва Ардвисура сурат гирифтаанд. Масалан, Тӯс, писари Нӯзар, аз Ардвисура Аноҳито чунин хостор мешавад: «Эй Ардвисура Аноҳито! Эй нек! Эй тавонотарин! Маро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар писарони далери хонадони Виса дар гузаргоҳи Хшатра Саук бар фарози Канги баланд ва ашаван пирӯз шавам; ки ман сарзаминҳои турониро барандозам: панҷоҳҳо садҳо, садҳо ҳазорҳо, ҳазорҳо даҳ ҳазорҳо, даҳ ҳазорҳо сад ҳазорҳо».[1]

Бояд гуфт, ки Ардвисура ба маҳалҳои мавриди таҳқиқ дар гузашта бегона набудааст. Солҳои 70-уми асри гузашта дар ҳудуди имрӯзаи минтақаи Лахш ҳафриёти бостоншиносӣ сурат гирифт ва дар натиҷаи ковишҳо чанд дахмае пайдо гардид, ки дар паҳлуи устухонҳои яке аз гӯршудаҳо ханҷари дарозе ва дар паҳлуи гӯршудаи дигар ороиши занона, аз ҷумла оинаи лавҳаш нигорин, сурмасанг ва сурмадоне ошкор гардид. Яке аз иштирокчиёни ин таҳқиқот, муҳаққиқи даврони бостон Ю. Ёқубов аз натиҷаҳои ин таҳқиқот мақолае ба табъ расонда, аз ҷумла чунин навишта буд: «Мо дар водии Сурхоб аз Комсомолобод (ҳоло Нуробод – М.Ҳ.) то Ҷиргатол зиёда аз 50 ёдгории даврони мухталифро кашф намудем, ки аҳамияти таърихӣ доранд... Як бозёфти нодиртарини мо ҷоми нуқра аст. Ҷом ҳамроҳи як шамшери дудама ва як садафи тилло аз гӯри ҷанговаре ёфт шуд. Ҷоми пури май ва дар сари дастархон як гӯсфанди пухтаро тӯшаи қиёмат гузошта буданд. Дар даруни ҷом дар доираи тиллогин манзараи ду токи пурбор ва гулҳои нилуфар кашида шудаанд. Миёни гулҳо ҷавонзани нимурёне акс ёфтааст. Вай дар пою даст ҳалқа, гӯшвор, дар гардан шадда дорад ва камарашро камарбанди шилшиладори заррин зинат медиҳад. Дар китфи зан рӯмоли шилшиладоре андохта

[1] Кирдаи 14, саҳ. 307.

https://bikhon.tj

шудааст. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ эрониён ангурро меваи муқаддас медонистанд ва он чун рустаниҳои бузург (ба монанди ҳома) худое дошт. Худои ангур, худои базми юнониён Дионис мард буд. Аммо мардуми эронӣ вайро ба сурати зани зебое тасаввур мекарданд...»[1]

Тавре маълум мегардад, бозёфтҳо, ки муҳаққиқон онҳоро ба замони 1У то милод мансуб донистаанд, ҳатман бо мазмунҳои авестоӣ иртибот мегиранд. Ҳатто аз рӯи нақл фаҳмидан душвор нест, ки акси зани нимурён дар лавҳи ҷом акси Ардви Сура Аноҳито мебошад.

Муҳаққиқи таърихи Қаротегин Кисляков Н. А. навиштааст, ки «Аз минтақаи Ҳоит ҳайкалчаи на чандон калони тилоии эзади бостонӣ, эҳтимол меравад – Анаҳито бошад, пайдо шуд. Ба наздикиҳо дар ин бора мақолае ба табъ хоҳад расид».[2] Баъдан Ю. Ёқубов роҷеъ ба ин бозёфтчунин маълумот додааст: «Яке аз ёдгориҳои қадимтарини ин диёр харобаи маркази подшоҳии Рашт дар назди деҳи Ҳоит қалъаи Ҳисорак аст. Қалъа дар зилзилаи соли 1947 (аниқаш 1949 – М.Ҳ.) хеле зарар дида бошад ҳам харобаи он то ба ҳол барҷост. Қалъа тамоми роҳи водиро назорат менамуд. Дар харобаи қалъа соли 1946 деҳқонон хазинаи афзорҳои симину заррин ёфтанд. Аз ин афзорҳо фақат як ҳайкалча бо кӯшиши академик Б. Ғафуров дастраси олимон мешавад, ки он ҳайкали илоҳае мебошад, ки гӯё ба даври Кушониёни Бузург нисбат дорад».[3]

МЕҲНРУД – ЧАҲРУМЕҲНОБ

«Бундаҳишн» дар боби ин руд гуфтааст, ки «Меҳинруд, ки Чеҳрумеҳноб аст, ба Мукристон равад» ва «Пайдост, (ки)

[1] Ёқубов Ю. «Рошт мамлакати қадимист». «Газетаи Муаллимон»
[2] Кисляков Н. А. «Очерки по истории Каратегина». Сталинабад, 1954. с. 42. (поварақ).
[3] Ёқубов Ю. «Рошт мамлакати қадимист» «Газетаи Муаллимон».

https://bikhon.tj

Меҳнруд, ки Чеҳрумеҳноб аст ба Кангдиж аст». Тавре дар боби «Кангдиж» омадааст, Афросиёб се Кангдиж дошт, ки ҷойҳои онҳо дар мақолаи мазкур таъйин гардидааст. Аммо дар кадом Кангдиж будани руди мазкур зикр нагардидааст. Бисёр эҳтимол аст, ки руди Меҳна бо сарзамини ҳаштуми Аҳуроофарида Меҳна ҳамном ва дар як мавқеият ҷой дошта бошад. Дар он сурат Меҳнруд яке аз рудҳо, бахусус Маркансу ва ё Хосров мебошад, ки аз самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл сарчашма мегиранд. Аз «Шоҳнома» маълум мегардад, ки Мукрон номи сарзаминест, дар ҳамҷавории Хуросон ва дар ғарби кунунии Хитой воқеъ гаштааст. Дар ин бора омадааст:

Хуросону Мукронзамин пеши туст,
Маро шодмонӣ ба кам – беши туст.

ДАР БОРАИ ДАРЁҲО (БАҲРҲО) ВА ДАРЁЧАҲО (КӮЛҲО)

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки Аҳуро Маздо шаш офаринишро офарид, ки дар он шумор нахуст Осмон ва дуввум Об аст. Об дар панҷоҳу панҷ рӯз офарида шуд. Аҳриман бар ҳама офаридаҳои Аҳуро Маздо, аз ҷумла бар об низ тозиш кард. Баъд абр пайдо шуду борон. Аз боронҳо дарёи (баҳри) Ворукаша пайдо шуд. Се дарёи (баҳри) бузургу сӣ дарёи хурд ба вуҷуд омаданд. Дар он шумор ду чашма-дарё, яъне кӯлҳое, ки аз онҳо рудҳо ҷорӣ мешаванд, низ вуҷуд доранд. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Пас бод он обро ба ҳамон оин то ба сар расидани се рӯз, ба сӯй-сӯи замин бознишонд. Се дарёи бузургу сӣ дарёи кӯчак аз он падид омад. Ду чашма-дарё низ аз ӯ ба пайдоӣ омад: яке Чайчаст, яке Сувар, ки эшонро (дарёҳои бузургу кӯчакро) сарчашма ба чашма-дарё пайваста аст». Дарёи (баҳри) Ворукаш ба ноҳияти Нимрӯз канораи Албурз аст. Се дарё (баҳр)-и бу-

https://bikhon.tj

зург – ба вуҷуд омад, ки яке Пудик – Каспӣ (Хазар) дигаре Камруд – Балхаш ва саввумӣ Сиёбун – Иссиққӯл будаанд. Ду чашма-дарё – Чайчаст (Қаракӯл) ва Сувар (?) ба шумор мераванд. Бояд гуфт, ки шояд ба сабаби он ки оби дарё-баҳри Ворукаш, шӯр набудааст, вай дар шумори ин се дарёи – баҳри обашон шӯр шомил нагаштааст.

Танҳо ҳамин ибораи се дарёи (баҳри) бузург ва сӣ дарёи хурд далели он аст, ки ориёиҳо роҷеъ ба як бахши алоҳидаи дунё сухан мегӯянд, на аз тамоми рӯи замин. Зеро баҳрҳову кӯлҳои дунё бешуморанд. Ва ҳам вақте ҳафт кишвари дунё мегӯянд, он ҳам марбути як минтақаи муайян аст. Ҳамин тавр, азбаски дунёи ориёӣ тақрибан аз самти шарқии Хутан оғоз гардида, то баҳри Хазар ва аз кӯли Балхаш то шимоли Афғонистонро дар бар мегирифт, тамоми баҳру дарё ва кӯҳу дашти дар навиштаҳои ориёӣ вуҷуддоштаро низ дар ҳамин минтақа ҷустан лозим аст. Албатта, аз даврони зиёда аз се ҳазор сол пеш манбаҳои равон ва истодаи об – кӯлу рудҳо то имрӯз мувоҷеҳи хеле тағйирот шудаанд. Оби бисёр рудҳо коста ва ҳатто хушк гардид, чандин кӯлҳо аз байн рафтанд, кӯлҳои дигаре (масалан Сарез) ба вуҷуд омаданд.

Дар навиштаҷоти даврони лашкаркашиҳои Искандари Македонӣ зикр гардида ва натиҷаи таҳқиқи соҳилҳои Яксарт нишон медиҳад, ки дар он даврон дар соҳили рости Сирдарё кӯли обаш талху намакини Шӯркул вуҷуд дошт, ки аз хусуси вай ҷанговарони лашкари Искандар огоҳӣ доштаанд. Муҳаққиқи рус Шишов А. дар асараш «Таджики» аз ҷумла менависад: «Ба қавли Мушкетов дар ҳудудҳои Осиёи Миёна баҳрҳо зиёд буд».[1] «Швартс дар баландии 6 000 м. баландӣ аз сатҳи баҳр укёнусро дарёфтааст».[2] Тавре Бичурин Н.Я. навиштааст, «Дар самти ғарбии Хутан дарёҳо ба самти ғарб ҷорӣ гардида, дар баҳри Ғарбӣ мерезанд. Дарёҳо самти шарқии Хутан ба шарқ ҷорӣ гардида, ба кӯли Шӯр

[1] Шишов А. «Таджики», с.37.
[2] Ҳамон ҷо, с. 38.

https://bikhon.tj

мерезанд, ки руди Зард аз ин кӯл сарчашма мегирад».[1]

Дар адабиёти ориёэронӣ чунин манбаъҳои калони об зикр гардидаанд: 1.Ворукаша (Фарохкарт). 2. Пудиг. 3. Камруд. 4. Сиёҳбун. 5. Садвис. 6. Обгир. 7. Киёнса (Ҳомун). 8. Чайчаст. 9. Субар (Сувар). 10. Дарёчаи Хоразм. 11. Фраздон. 12. Асуост. 13. Хусрав. 14. Зарувманд. 16. Урвиш. 17. Пишина. 19 Дарёи Гургон. 20. Реванд.

Мувофиқ ба муқоисаи дигар воҳидҳои ҷуғрофӣ ин манбаҳои об чунин татбиқ мегарданд: 1.Ворукаша (Фарохкарт) – Арал. 2. Пудиг – Каспӣ (Хазар). 3.Камруд – Балхаш. 4. Сиёҳбун – Исиққӯл. 5. Садвис – миёни Арал ва Каспӣ. 6. Обгир (?) дар Систон. 7. Киёнса (Ҳомун) – Яшилкӯл (Суман). 8. Чайчаст – Қаракӯл. 9. Субар (Сувар) – (?). 10. Дарёчаи Хоразм (?). 11. Фраздон – Рангкӯл. 12. Асуост – (?). 13. Хусрав – Чакирагилкӯл (дар Сарикӯл). 14. Зарувманд (ба Ҳамадон) – (?) 16. Урвиш (ба Ҳугари баланд аст) – ҳоло пиряхи Федченко. 17. Пишина – Чатиркӯл. 18. Серов (?). 19 Дарёи Гургон (?). 20. Реванд (Испандиёркӯҳ он ҷост).

Имрӯз дар ҳудудҳои Осиёи Миёна ва минтақаҳои атрофаш Қаракӯл, Яшилкӯл, Рангкӯл, Иссиққӯл, Балхаш, Чатиркӯл, Қаракӯли хурд, кӯли Шева, Зоркӯл, Искандаркӯл, Сауманкӯл, Ашакӯл (дар самти шарқии Тошканд) ва дигар кӯлҳо вуҷуд доранд, бешак қисмате аз кӯлҳои ориёиро ташкил медиҳанд.

ВОРУКАША (ФАРОХКАРД)

Ворукаша номи дарё ё баҳрест, ки дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти ориёӣ зикр шуда, аз тарафи муҳаққиқин айниятҳои зиёде дода шудааст. Ин ном дар «Авесто» ба шакли Ворукаша омадааст ва онро дар паҳлавӣ Фарохкарт – ба маънои «фарох бурида» номидаанд. Дар са-

[1] Бичурин И.Я (Якинф) «Собрание сведение по исторической географии. восточный и Средней Азии» Чебоксары, 1960, с. 177.

https://bikhon.tj

росари «Авесто» аз ин дарё ҳамчун дарёи бузург ва муқаддас ёд мешавад.

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар «Дин» гӯяд, ки дарёи Фарохкард ба ноҳияти Нимрӯз, канори Албурз аст, ки як саввуми ин заминро (дар бар) дорад. Аз он рӯ Фарохкард номида шуд, ки як ҳазор дарё дар ӯ дошта шудааст».[1] Дар тавзеҳоти «Авесто»-и Ҷалили Дӯстхоҳ омадааст, ки «Пури Довуд эҳтимол додааст, ки ин дарё бо дарёи Хазар яке бошад ва дар ин бардошт ба навиштаҳои матнҳои гуногун истинод кардааст.[2] Аммо Меҳрдоди Баҳор дар баррасии ҷуғрофиёи асотири Эрон пас аз баҳс ва пажӯҳиши зиёд ин баҳрро бо уқёнуси Ҳинд як мешуморад.[3] Аз он ҷумла ин навиштаи «Бундиҳишн», ки Гангдижро дар чандин фарсанги ховари дарёи Фарохкарт медонад[4] ва ин ёдоварии «Минуи хирад», ки Гангдижро дар ховар, дар сарҳади Эронвиҷ медонад.[5] Вай бештар ба пораи зерин такя кардааст, ки дар «Тиряшт» омадааст: «Он гоҳ меҳ аз он сӯи Ҳинд, аз кӯҳе, ки дар миёнаи дарёи Фарохкарт ҷой дорад, бархезад». Ва ин таъйиди ошкор аст, бар яке будани Фарохкарт ва уқёнуси Ҳинд».[6] Таҳқиқ нишон медиҳад, ки уқёнуси Лаван ё Лаванодаи адабиёти ориёҳиндӣ ба баҳри Ворукаши адабиёти ориёэронӣ айният гирифта, кӯҳи Усиндом, ки дар миёни он зикр гардидааст, ба баландии беноми дар миёни Лаванода воқеъбуда ишора гардидааст. Дар «Стҳананга-Сутра» бахши «Лаванасамудра» омадааст, ки уқёнуси Лаванода шакли мудаввар дошта, дар маркази он уқёнус баландии платформашакл воқеъ гаштааст. (2.328)

Тибқи муоинаи як акси қайҳонӣ маълум мегардад, ки уқёнуси Лаванода аз қисмати ҷануби шарқии қаторкӯҳи Са-

[1] «Бундаҳишн». Бахши нӯҳум. Дар бораи чигунагии дарёҳо.
[2] «Авесто» (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ) Теҳрон, 1375, с.1020.
[3] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с.719.
[4] «Бундиҳишн», бахши 29, банди 10.
[5] «Минуи хирад», бахши 62, бандҳои 13-14.
[6] «Авесто» (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ) Теҳрон, 1375, с.1020.

https://bikhon.tj

рикӯл оғоз гардида, аз самти шарқии ин қаторкӯҳ ва қаторкӯҳи Фарғона гузашта, аз дараи ҳоло ба истилоҳ «Дарвозаи Фарғона» тоб хӯрда, аз водиҳои Олой, Лахш, Рашт (рудҳои Қизилсу, Сурхоб), гузашта, аз тариқи водии руди Хингоб ба самти ҷануби шарқӣ убур менамояд ва ба садди кӯҳӣ – ағбаи Хобурубот бархӯрда, ба воситаи водии руди Панҷ ҳалқаи ягонаро ташкил медиҳад. Мулкҳои дохили ин ҳалқа сарзамини Ҷамбуро ташкил медиҳанд.

Сабаби чунин ҷараёни сусти обҳо дар он будааст, ки дар он даврон минтақаҳои Осиёи Миёна назар ба сатҳи имрӯза ашон аз сатҳи баҳр тақрибан 500-600 метр пасттар воқеъ будаанд.

Тибқи нақшае, ки дар китоби «История Таджикского народа» оварда шудааст, ҳамчунин баҳри Каспӣ дарёи Ворукаша дониста шудааст. «Бундиҳишн» Гангдижро дар чандин фарсанги шарқи дарёи Ворукаша медонад.[1] Дар «Гузидаҳои Зодспарам» омадааст: «Фарохкард дар сӯи Нимрӯз (самти ҷануб)-и Албурз қарор дорад ва Пудик ҳаммарзи он аст. Миёни ишон дарёи Садвис аст, ки банд (иртибот) ба (ситораи) Садвис, ки ноҳияи Нимрӯз (Ҷануб дар вазифаи ӯ(ст) дорад».[2] Аммо агар навиштаҳои «Авесто»-ро дар хусуси ин баҳр ва кӯҳи Ҳаро Баразайт, инчунин дигар ҳолатҳои тасвиршударо мавриди таҳлил қарор бидиҳем, Ворукаша ва ё Фарохкарт ба баҳри Арал ва руди Ому, инчунин руди Сир айният мегирад. Фарохкарт, яъне фарох бурида шуда ба ҳамин ду дарёи бузург нисбат доштааст. Дар адабиёти «авесто»-ӣ Фарохкарт – Ворукаша, ки руди Панҷ қисмате аз он аст, кӯҳи Албурз – қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ бо Нимрӯз дар ҳамҷаворӣ тасвир ёфтаанд, ки чунин тасвирот ба минтақаи мавриди таҳқиқи мо мувофиқ меояд. Далели дигар, ки уқёнуси Ҳинд ва ё баҳри Каспӣ будани Ворукашаро рад мекунад, ин аст, ки оби баҳр ва уқёнус бо

[1] «Бундиҳишн», (бахши 29, банди 10).
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 689.

https://bikhon.tj

шохобаҳо аз баландӣ сарозер намешавад, он гуна ки оби Ворукаша сарозер мешавад ва ба ҳафт иқлим мерасад. «Эй Спитамони Зардушт! Он гоҳ оби равони поккунанда ва дармонбахш аз дарёи Фарохкарт (Ворукаша) сарозер шавад. Ин обро Тиштраи тавоно ба кишварҳое бахш кунад, ки мардумони онҳо ӯро биситоянд ва гиромӣ бидоранд ва хушнуд кунанд ва хушомад гӯянд».[1] «Он ки (Тиштра – М.Ҳ.) ба пайкари асби сапеди зебои бо гӯшҳои заррин ва лагоми зарнишон ҳамаи шохобаҳо, ҳамаи ҷӯяҳои зебои дарёи Фарохкард (Ворукаша) он дарёи нируманди жарфи хушдидгоҳро, ки обаш замини паҳноварро фаро гирифтааст, – бинигарад».[2] «Он гоҳ Сатавис, ки ба подошбахшӣ даррасад, ин обро (оби Ворукашаро – М. Ҳ.) ба ҳафт кишвар расонад». «Эй Спитамони Зардушт! ҳангоме ки обҳо бо фарри Маздоофарида аз дарёи Фарохкарт сарозер мешаванд, фравашҳои тавонои поки ашаванон ба по хезанд: чандин чандин садҳо, чандин чандин ҳазорҳо, чандин чандин даҳ ҳазорҳо...»[3]

Баҳри Ворукаша тибқи навиштаҳои «Авесто» ва «Бундаҳишн» бо кӯлҳои Чайчаст (Қаракӯл), Фраздон (Рангкӯл), Киёнса – Ҳомун (Яшилкӯл –Суман) пайваст аст, ки воқеан чанде аз шохобҳои руди Панҷ аз ин кӯлҳо сарчашма мегиранд. Танҳо ҳоло бо сабаби камшавии обҳо пайвастшавии Рангкӯл аз байн рафтааст.

Руди Ардви Сура, ки яке аз шохобҳои руди Панҷ – Ванҷруд аст, аз кӯҳи Ҳукар (ба номи Исмоили Сомонӣ) ба баҳри Ворукаш (Панҷ-Ому) мерезад. Ин руд «...ба андозаи ҳамаи рудҳои ҷаҳон, ки як ҷо ҷамъ шаванд, нируманд аст ва аз кӯҳи Ҳукарё ба дарёи Ворукаша мерезад...»[4] Ҷанги Гуштосп ва Арҷосп низ дар соҳили кӯли Фраздон (Рангкӯл) ва руди Мурғоб, ки саргаҳи баҳри Ворукаша ба шумор ме-

[1] «Авесто». Тир Яшт, банди 47, с. 34.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] «Авесто». Тир Яшт, банди 65, саҳ. 419
[4] «Авесто». (Таҳияи Ҳ. Разӣ) Теҳрон, 1984, с. 258.

https://bikhon.tj

равад, ба амал омадааст: «Ӯро меситояд бо маросим сардори Туронӣ дар ҷанг бо Каи Гуштосп, ки Вандарманиш ном дорад, дар канори дарёи Ворукаша ба Каи Гуштосп ва Зарир пирӯз шавад ва сипоҳи ононро мағлуб намояд. Аммо эзадбону дархостро намепазирад ва комёб намешавад».[1]

Дар «Авесто» об ва рӯшноӣ аз як манбаъ сарчашма мегиранд. Хуршеду моҳ ва ситорагон аз шонаи Ҳаро Баразайт тулӯъ намуда, баъд аз ғуруб боз ба ҳамон ҷо бармегарданд. Инчунин обҳо низ, ки аз домани ин кӯҳ ба сӯи ҳафт кишвар ҷорӣ мегарданд, боз ба ҷои аввали худ бармегарданд. Чунин мавқеиятро кӯҳҳои Ҳаро Баразайт силсилаи кӯҳҳои Помиру Тяншан доранду халос. Самти ҳаракати рушноӣ – Хуршеду Моҳ ва ситорагон бо самти ҳаракати Об – рудҳои Панҷу Вахш – Омӯ ва Сир, ки дар маҷмӯъ баҳри Ворукашаро ташкил медиҳанд, дар «Авесто» дар мавқеияте, ки зикраш рафт, низ мувофиқ меафтад. «Эй Хуршеди тезасб! Бар ой! Аз фарози Албурз бар ой ва дар дарознои осмон ба чархиш дарой ва бар ҷаҳон фурӯғ бияфшон! Дар дарознои роҳи маздоофарида, дар дарознои роҳе, ки эзадон сохтаанд, роҳи обӣ, (роҳи абру борон) ки онон кушудаанд».[2] «Эй абр! Дарёи Фарохкарт (Ворукаша) ҷои гирд омадани ҳамаи обҳост! Ту низ бар ой ва ба роҳи ҳавоӣ фароз рав ва ба замин фурӯд ой ва ба роҳи ҳавоӣ фароз рав!»[3] Роҷеъ ба ақидаи эрониёни бостон аз хусуси об ва рушноӣ Ҷалили Дӯстхоҳ дар поварақ шарҳе оварда, ки назари моро хеле тақвият медиҳад: «Эрониён бар ин бовар буданд, ки об ва рушноӣ аз як чашмаанд ва дар як бистар равон мешаванд, ҳамчунон ки рушноӣ аз Албурз бар меояд, обҳо низ аз ҳамон ҷо меҷӯшанд ва ба ҳамон ҷо бозмегарданд. Ҳар рӯз хуршеду моҳ ва ситорагон аз Албурз бар меоянд ва ҳар рӯз ҳамаи обҳои рӯи замин бо ҳам ба дарёи Фарохкарт бозмегарданд, дар он ҷо фароҳам

[1] «Авесто». Кардаи 27.
[2] «Авесто», фаргарди 21, банди 5.
[3] «Авесто», фаргарди 21, саҳ, 880.

https://bikhon.tj

меоянд, то бори дигар аз фарозиҳои Албурз ба замин фурӯ резанд. Аз он ҷо ки рушноӣ аз се сарчашма (хуршед, моҳ ва ситорагон) падид меояд, обҳоро се бор меситоянд – як бор бо хуршед, бори дигар бо моҳ ва саранҷом бо ситорагон; чунон ки гӯӣ борон се хостгоҳ дорад, ки бо се сарчашмаи рушноӣ пайваста аст. Гуфтанӣ аст, ки то кунун низ мардум дар таъбири руъё обро нишоне аз рушноӣ медонанд».[1] Ситораҳо низ аз ин мавқеият (аз ҷануб – М.Ҳ.) бармеоянд: «Аз ин пас дигарбора Тиштраи роюманди фараманд аз дарёи Фарохкарт фароз ояд. Сатависи роюманди фараманд низ аз дарёи Фарохкарт барояд...»[2] Ҳазор дарё дар ӯ дошта шудааст. Чашмагони Ардвесур ба сӯи Нимрӯзу кӯҳи Албурз метозанд. Он об ба гармии табиӣ ба Ҳугари баланд бар шавад. Бар болои кӯҳ дарёчаест, дар он дарёча резад пок шавад. Аз он ҷо ба кӯҳи Усиндом ҷаҳад, ки миёни дарёи Фарохкард аст».

Дар «Бундиҳишн» аз ҷазирае дар миёнаи дарёи Ворукаша ёд шудааст, ки дар он дарахте мерӯяд. Дар тавзеҳоти оқои Ҷалили Дӯстхоҳ дар маврид омадааст: «Гавкирина – дар паҳлавӣ Гавкирин, эҳтимолан ба маънои «говшох» номи дарахте аст асотирӣ, ки «ҳуми сафед» низ хонда шавад ва ба навиштаи «Бундиҳишн» дар миёни дарёи Фарохкарт рӯида ва моҳии Кара дар баробари газандрасонии Аҳриман ва офаридагони аҳриманӣ нигаҳбон аст.

Дар «Бундиҳишн» (бахши 18) омадааст, ки вазаъ ё қурбоққа яке аз зишттарин офаридагони Аҳриман аст ва дар дарёи Фарохкарт бар гирди дарахти ҳуми сафед шино мекунад, то онро бичавад; аммо моҳии худогунаи Кара ҳар ҷо, ки вазаъ билағзад, аз он дарахт нигаҳбонӣ мекунад. Нирӯи биноии моҳии Кара дар «Авесто» намуна ва мисол аст».[3] Дар ин дарё бо номи Васӣ моҳиест, ки агар тундрав марде аз

[1] «Авесто», (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ), Теҳрон, 1375, с. 880.
[2] «Авесто». Тиряшт, банди 32.
[3] «Авесто». (таҳияи Ҷ. Дӯстхоҳ) сах, 1030.

https://bikhon.tj

субҳ то шом шитобон биравад, ба дарозии он расида наметавонад. Дар «Маҳабҳарата» Ворукаша бо номи Лаванода ва уқёнуси Ҷаҳонӣ номбар шуда, моҳии Васӣ бо номи мори Васук зикр гардидааст.

Дар «Авесто» роҷеъ ба пайдоиши шохобҳои дарёи Ворукаша – чанд банд оварда шудааст. Дар онҳо гуфта мешавад, ки Афросиёби туронӣ барои ба даст овардани фарри каёнӣ, ки ҷойгоҳи он обҳои дарёи Ворукаша будааст, ҳар бор худро ба об мезанад, вале фарро ба даст оварда наметавонад. Ва дар натиҷа ҳар дафъа шохобае пайдо мегардад. Ва яке аз ин шохобаҳо «Хусрав» ном дорад. Фарр тохтан гирифт ва (аз дастраси ӯ) бадар рафт. Аз он ҷост, ки шохобе ба номи дарёчаи Хусрав падид омад».[1] Афросиёб чанд бори дигар ба дарёи Фарохкард барои ба даст овардани фарр худро мезанад, вале онро ба даст оварда наметавонад. Вақте дуввум бор фарро ба даст оварда наметавонад, шохобаи «Вангҳаздоҳ» пайдо мегардад. Дафъаи саввум шохобаи «Авждонван» ҷорӣ мешавад. Ин далелҳо собит менамоянд, ки Ворукаша ё Фарохарт баҳр-дарё буда, аз атрофи Помири то баҳри Арал ба шумули рудҳои Ому ва Сирро дар бар мегирифтааст.

КИЁНСА – ҲОМУН (СУМАН – ЯШИЛКЎЛ)

Тавре гуфта шуд, Систон нахуст дар минтақаи Бадахшони кунунӣ воқеъ буд. Ва аммо ҳоло роҷеъ ба кӯли Киёнса сухан хоҳад рафт. Номи дигари кӯл ё дарёчаи Ҳомун дар Систон Киёнса аст, ки дар «Авесто» Кансаавайа ё Кансу буда, ва дар паҳлавӣ ва Позанд Киёнсийа ё Киёниса ё Консйа... омадааст. Нахуст нишонии ин кӯл он аст, ки ба он ҳашт руд мерезанд, ки чунин ном доранд: 1. Хвостра. 2. Ҳуспа. 3. Фрадата. 4. Хварангҳаитии зебо. 5. Уштаваитии

[1] «Авесто», кирдаи 8, банди 56.

https://bikhon.tj

тавоно. 6. Урвадаи дорои чарогоҳҳои фаровон. 7. Ерезӣ. 8. Зарнумаитӣ. Дар «Авесто» омадааст: «Рудҳои Хвостра, Ҳуспа, Фрадата, Хварангҳаитии зебо, Уштаваитии тавоно, Урвадаи дорои чарогоҳҳои фаровон, Ерезӣ ва Зарнумаитӣ ба сӯи дарёчаи Каёнсийа равон шавад ва ба-д-он фурӯ резад».[1] Дар «Авесто», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёт роҷеъ ба чанде аз рудҳое, ки ба Киёнса – Ҳомун мерезанд, сифати мухтасар оварда шудааст. «Урвада номи рудест, ки чарогоҳҳои бисёр бар карона дорад ва ба дарёчаи Ҳомун мерезад.[2] (ин назар тахминист)». Ерези – ба дарёчаи Ҳомун мерезад. «Хварангҳаити ба Ҳомун мерезад. Маънояш фарраманду шукӯҳманд». Хвостра – рудхонаест, ки ба дарёчаи Ҳомун мерезад. Маънояш дорои чарогоҳҳои хуб». «Фрадата – (ба маънои афзоиш ва болишу рӯиш) номи рудест аз сӯи шимоли ховарӣ ба дарёчаи Ҳомун мерезад ва акнун Фараҳруд хонда мешавад».[3] Инчунин роҷеъ ба Ҳирманд гуфта шудааст, ки: «Ҳирманди ройуманди фараманд, ба сӯи он равон шавад ва ба-д-ӯфурӯ резад…».[4] Бар илова аз ин рудҳо руди дигаре, ки Ватаенӣ номида шудааст, гӯё ба Киёнса – Ҳомун мерехтааст. «Руди Ватаенӣ бино ба «Бундаҳишн» номи руде аст дар Систон, ки ба дарёи Киёнса мерехтааст ва Афросиёб онро лагадкӯб карда, аз миён бурд. Ва дар даврони Увшидар аз нав ҷараён ёбад».[5] Аммо дар баъзе адабиёт омадааст, ки ин руд аз кӯли Киёнса ҷараён мегирад: «Ватаенируд ба Систон асту сарчашма аз Киёнса буд». Ҳамчунин «Дар бораи Афросиёб гӯяд, ки дар дарёи Киёнса як ҳазор чашмаи обро, чи бузургу чи кӯчак ба баландии асб, ба баландии шутур, ба баландии гов ва ба баландии ҳазор... поймол карду дар ҳамон дарё, чашмаи Заровмандро, ки (ҷуз) Ҳилманд руди Тафт аст, поймол кард. Дигар Ватаени-

[1] Зомяшт – яшти 19.
[2] «Авесто», с.713.
[3] «Авесто», с. 723.
[4] «Авесто», с. 340.
[5] Мехрдоди Баҳор, «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 199.

https://bikhon.tj

руду шаш оби Ноурурo дар ҳамон дарё поймол кард ва мардуми нишондаро берун кард».

Дар бораи Кансаой ё Ҳомун бештар дар Зомяшт маълумот дода шудааст. «Зом-Зам-Замин. Онро Каёняшт низ номанд ва он ба муносибати фарри каёнист ва дар бораи он сухан бисёр рафтааст.[1] Ҳашими Разӣ гӯяд: «Ҳудуди ҷуғрофии яшт дар шарқ қарор дорад. Дар яшт аз дарёчаи Кансаой ё Ҳомун, ки руди Ҳайтумант ё Ҳирманд дар он мерезад, сухан рафтааст. Сарзаминҳои атрофи ин дарёча хеле муқаддас будаанд. Нутфаи Зардушт дар ин дарё нигоҳдорӣ мешудааст, 99999 фравашҳо онро нигоҳбонӣ мекунанд. Ин яшт нишон медиҳад, ки ойини зардуштӣ дар ин минтақа бисёр нуфуз дошта будааст». Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар бораи ин се писари Зардушт, ки Ушедар, Ушедармоҳ ва Саошйантанд, гӯяд, ки пеш аз он ки Зардушт ҷуфте ёбад, он гоҳ ишон (эзадон) фарраи Зардуштро андар дарёчаи Кайёнсия барои нигоҳдорӣ ба Обонфарра, ки изади Ноҳид аст, супурданд. Акнун низ гӯянд, ки се чароғ андар буни дарё бидурахшад, ба шаб (онҳоро) ҳамебинанд. Якеяке эшонро замони худ расад, чунин шавад, ки канизаке барои сар шустан ба-д-он оби Киёнисйа шавад ва ӯро Фарра андар тан омезад, обистан шавад. Эшон яке-яке ба замони худ чунин зода шаванд».[2] Он се дӯшиза гӯё аз нутфаи Зардушт бордор мешудаанд, ки номашон Ередат Федрӣ, Шрутан Федрӣ ва Ваегҳудрӣ будаанд. Аз он ҷиҳат, ки 99999 фравашҳо дарёи Ворукашро нигоҳбонӣ мекунанд, гумон меравад, ки нутфаи Зардушт низ дар нахуст дар дарёи Ворукаша, дар сарзамини Ориёвиҷа нигоҳдорӣ мешуд. «Ба-д-ин сон бояд ба-д-ин андеша буд, ки дар оғоз нутфаи Зардушт дар дарёчаи Ворукаша дар сарзамини Ориёвиҷ ба василаи фравашҳо нигоҳбонӣ мешуда, аммо ҳангоме ки дини зардуштӣ дар перомуни дарёчаи Ҳомун, ки руди Ҳирманд

[1] Зомяшт – яшти 19.
[2] «Авесто». Душанбе, нашри тоҷикӣ, с.2001, с. 655.

https://bikhon.tj

ба-д-он мерезад ва ин хварна дар он ҷой шоеъ буда, ки зери нуфузи бисёр тунди ойини Меҳр қарор доштааст, шоеъ мешавад. Гаравандагони тоза ҷиҳати ибрози алоқаи тақдиси сарзамини худ дар яшти 19 маҳали нигоҳбонии нутфаи Зардуштро аз дарёчаи Ворукаша ба дарёчаи Кансаойа – Ҳомун мунтақил мекунанд. Дар оғози яшт кӯҳи Ушедара ситоиш ёфтааст».[1]

Тавре дида мешавад, хусусиёте ки нисбати кӯли Киёнса зикр гардидаанд, онҳоро нисбати Ҳомуни кунунӣ татбиқ кардан имкон надорад. Нахуст ин ки шумори рудҳое, ки ба кӯли кунунии Ҳомун мерезанд ҳаштто нест. Дигар ин ки кӯли Ҳомун бо ҳеҷ баҳре пайвандӣ надорад. Аммо сабаби Ҳомун ном гирифтани ин кӯл низ далели равшан дошта, иддаои моро равшан месозад. Ҳадаф он аст, ки кӯли кунунии Суман – Яшилкӯл воқеъ дар Бадахшони кунунӣ кӯли Каёнсаи «Авесто»-ист. Ба ин кӯл ҳашт руд мерезад. Оби ин кӯл ба дарёи Панҷ – Омӯ, ки дар маҷмӯъ баҳри Ворукашаро ташкил медиҳанд, мерезад. Ин хусусиёт ба нишониҳои Каёнса мувофиқат менамоянд. Ва аз ҳама муҳим Яшилкӯл ҳоло низ бо номи пешини худ Суман ифода мешавад. Ва тавре дар як силсила мақолаҳои мо зикр гардидааст, дар аксар вожаҳои пешин овози с ба ҳ баргашта ва овозҳои аввали вожаҳо низ аксаран ихтисор гардидаанд. Аз ин лиҳоз номи Суман ба Ҳуман[2] баргашта бо табдили садонокҳо ба ба шакли Ҳомун ифода гардид. Ин вожа дар Систони кунунӣ ба шакли аввал боқӣ монда, дар Осиёи Миёна бо тахфифи

[1] «Авесто», таҳияи Ҳошим Разӣ. Созмони Фраваҳар, Теҳрон, 1984.

[2] Дар забонҳои гуногун як силсила вожаҳое вуҷуд доранд, ки ду шакл, яъне шакли пурра ва бо ихтисори овози аввал ифода гардидаанд. Масалан вожаҳои русии осемь – восемь, осударь – государь (Даль), осподин – господин (Даль), уголь – зуғол, арбуз –тарбуз, вожаҳои тоҷикии Ҳомун-Омун (Ому, Омуя, Омуй), ҳамён-амён, ҳангом-ангом, (Бурҳон) ва ғайра дар ҳамин шуморанд. Баргашти овозии с, з ба ҳ ва х аз сершумортарин баргашҳои овозии забонӣ мебошад. Вожаҳои зов, звать (русӣ) – ҳу, ҳов, ҳова (тоҷикӣ), мес(яц) моҳ; тибқи қоидаҳои мазкур ба баргашти овозҳо мувоҷеҳ гаштаанд.

https://bikhon.tj

овозҳои аввалу охир ба шакли Ому баргашт. Пайдоиши номи кӯли Суман ба даврони сукунати ориёҳиндуҳо иритибот мегирад. Мувофиқи ташреҳоти адабиёти дини ҷайнӣ дунёи Мадхялока (миёна) шакли мудаввар дошта, қитъаи (ҷазираи) Ҷамбудвипа низ дар маркази он ба шакли доирашакл ҷойгир шудааст.[1] Кӯҳи Меру онро ҳамчун меҳвар бурида гузаштааст. Дар буни ин кӯҳ дараҳои биҳиштосои Бҳадаршала, Нандан ва Сауманас (Суман – Яшилкул – М.Ҳ.) дар миёни кӯлҳо ва қасрҳои эзадони Шакра ва Ишана воқеъ гаштаанд. Ҳамчунин дар ин маҳал беша, марғзор ва қуллаи кӯҳе бо номи Сауманас ҷойгир гаштаанд. Дар маркази Сауманас қасре воқеъ гашта буд, ки ба Ишон – Шива таалуқ дошт. Кӯле ҳоло дар Бадахшони Афғонистони бо номи Шива вуҷуд дорад, ки далели воқеияти чунин тасвирот аст.

Номи Ҳомун дар минтақаҳои дигари ориёинишин низ нуфуз намуда, ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Дар вилояти Новгород, тибқи шаҳодати санадҳои ёфтшуда[2] дар ҳамҷавории кӯли Селигар номҳои Хъмун – Хомун – Хомуна зикр гардидаанд. Дар қисмати шарқии Муғулистон руди Суман вуҷуд дорад.

ЧАЙЧАСТ (ҚАРАКӮЛ)

Чайчаст ё Чаечаст яке аз кӯлҳо (дарёчаҳо)-ест, ки дар бораи мавқеияти он баҳсҳои мухталиф барангехта шудааст. Аксари донишмандон онро ба кӯли Урмия, воқеъ дар Озарбойҷони Эрон ва баъзе ба кӯли Ҳомун, воқеъ дар ҷануби ғарбии Афғонистон, айният додаанд. Дар адабиёти ориёӣ кӯли Чайчаст дар Озарбойҷон гуфта шудааст. Вале тавре дар боби «Озарбойҷон» зикр гардид, ин маҳал нахуст ҳамчун атрофи кӯли Қаракӯли Помир дар назар будааст. Бояд гуфт, ки тамоми хусусиёти Қаракӯл ва дигар маҳалҳо ба

[1] «Мифи народов мира», т.II, стр. 326.
[2] «Древная Русь и славяне». М., «Наука». 1978.

https://bikhon.tj

тасвироти «Авесто» ва «Бундаҳишн» мувофиқат мекунад. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар «Дин» гӯяд, ки ин чанд чашмаи обҳо ба пайдоӣ (омаданд), ки дарёча хонда шавад. Ҳамонанди чашми мардумон, инҳо чашмаи обҳоянд, монанди дарёчаи Чайчаст, дарёчаи Субар, дарёчаи Хоразму дарёчаи Фраздон ва дарёчаи Асуост, дарёчаи Хусрав, дарёчаи Садвису дарёчаи Урвиш. Тафсили эшонро гӯям: дарёчаи Чайчаст ба Озарбойҷон аст. Намакин оби бе зиндагӣ, ки дар ӯ хеҷ ҷонманде нест ва буни ӯ ба дарёи Фарохкард пайваста аст... «.[1] Оби Қаракӯл воқеан шӯр буда, дар он моҳӣ ва дигар ҷонзоди обӣ вуҷуд надорад. Ин кӯл бо руди Кокуйбел, ки сарчашмаи руди Панҷ – Омӯ, ҷузъе аз баҳри Фарохкардро ташкил медиҳад, пайваст будааст. Самюэл Нейберг олими шведӣ ба воқеият наздик омада, мавқеияти кӯли Чайчастро дар наздикии Сайҳун донистааст: «Ин кӯл бояд дар сарзамине қарор гирифта бошад, ки рудхонаи Сайҳун аз он мегузарад, зеро Ардвисура Анаҳито пайвастагии вижае ба ин рудхона дорад».[2] Муҳаққиқ Ҳ. Муминҷонов кӯли Чайчастро ба Иссиққӯл ва Байкал айният додааст.[3] Вай менависад: «Чаечаст ватани Афросиёб низ будааст. Дар асоси маълумоти «Додситон диник» боби 70 банди 3 вай ба кӯли муқаддас 7 каналҳои бузург ҷорӣ кард ва бори нахуст дар таърихи давлатдории ориёӣ мардумонро аз дигар маҳалҳои Эроншаҳр кӯч дода, ба атрофи кӯли Чаечаст сукунат бахшид. Яке аз канал ё руде, ки Афросиёб ба кӯли Чаечаст гузаронид, бино ба маълумоти «Бундаҳишн» боби 21 банди 6 (чопи Анклессария), Новток ном дорад».[4] Ин муҳаққиқ хулосаҳояшро дар бораи дастгир шудани Афросиёб ва мавқеияти Чайчаст чунин ҷамъбаст намудааст: «1.Маҳалли дастгир шудани Афросиёб на Эрон, на Афғонистон ва на

[1] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378. боби 9.
[2] Нейберг Г.С. «Динҳои Эрони бостон», с. 257.
[3] МуминҷоновҲ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». 2004, с.74 – 86.
[4] МуминҷоновҲ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». 2004, с. 86.

https://bikhon.tj

Озарбойҷон, балки минтақаи гирду атрофи кӯли муқаддаси Чаечаст аст ва ӯ (Афросиёб – М.Ҳ.) дар ғори яке аз кӯҳҳои ҳаволии он пинҳон шудааст. 2. Оташкадаи Озаргушнасп, ки дар бостон оташкадаи подшоҳон ҳисоб гардида, оташкадаи асосии дин будааст, дар наздикии кӯли муқаддаси Чаечаст қарор доштааст. 3. Кӯли Чаечаст ва оташкадаи Озаргушнасп дар маркази сарзамини Турон қарор дошта, гирду атрофи он на танҳо маҳалли валодати Зардушт, балки ватани Афросиёб шумурда шуда, аз ҷиҳати мазҳаб маҳалли муқаддаси ҳар ду халқ будааст. Ҳангоми тасарруфи Турон ва кушта шудани Афросиёб Кай Ковус ҳанӯз зинда буда, дар оташкада машғули ибодат будааст».[1]

Дар «Гузидаҳои Зодспарам» омадааст, ки «Озаргушаспи пирӯзгар дар канори кӯли Чаечаст аст».[2] Дар банди 9 «Сирӯзаи бузург» зикр шудааст, ки «Озаргушасп дар кӯҳи Аснаванд дар Отурпоткон аст». Дар боби 6 банди 22 Зотспарам чунин омадааст: «Пас ду чашма – дарё бар замин кушуда шуданд, ки (чунин) хонда шаванд: Чайчаст – кӯли жарфе, ки дар он боди сард нест ва дар канори он оташкадаи Озаргушаспи пирӯзманд воқеъ аст».[3]

Бояд гуфт, ки бунёди оташкадаҳо – Отарпоткон дар канори кӯли Чаечаст бесабаб нест. Тавре дар бобҳои «Эронвиҷ», «Марв», «Ҷамбу» ва ғайра зикр гардидааст, мутобиқи бовар ва тасаввури он даврон биҳишт гӯё дар болои кӯҳҳои осмони ин минтақа вуҷуд доштааст ва оташгоҳҳо ҷонҳоро аз шарри девон эмин дошта, роҳи онҳоро ба сӯи биҳишт равшан менамудаанд. Бинобар ин дар дигар маҳал суроғ намудани Отарподгон – Озарбойҷон муносиби мантиқ наменамояд.

Кай Хусрав дар назди кӯли Чайчаст ба фариштаи Друваспқурбонӣ пешкаш карда, тақозо мекунад, ки Афро-

[1] МуминҷоновҲ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». 2004, с. 118.
[2] «Гузидаҳои Зодспарам» фасли 6, банди 22.
[3] Меҳрдоди Баҳор. «Пажӯҳише дар асотири Эрон», с. 85.

https://bikhon.tj

сиёбро ба қатл расонад. Дар «Шоҳнома», Канги Афросиёб ба шакли Ҳанг низ омадааст. Афросиёб дар наздикиҳои ин кӯл дар кӯҳи Барта пинҳон шуда буд. Вай дар ин Ҳанг (Канг) ки ба кӯли Чайчаст (Қаракӯл) наздик будааст, ба дасти Ҳум гирифтор шуда, худро ба ин кӯл мезанад ва охир аз дасти Кай Хусрав кушта мешавад.

В-аз он пас чунон буд, ки Афросиёб,
Ҳаме гашт ҳар ҷой бехурду хоб...
Ба наздики Барда яке ғор дид,
Сари кӯҳи ғор аз ҷаҳон нопадид.
Надид аз бараш ҷои парвози боз,
На зераш паи шеру ҷои гуроз.
Зи ҳар шаҳр дуру ба наздики об,
Ки хонӣ ҳаме Ҳанги Афросиёб.

Зоҳиран як чиз муаммо менамояд, ки Афросиёб, ки дар ҷангҳо шикаст хӯрда, бекасу танҳо монда буд, чаро ба наздикии кӯли Чайчаст, ки ҳамеша сарзамини эрониён буд, паноҳ оварда? Чаро ӯ Кангашро дар чанд фарсахии шарқии ин кӯл сохта буд? Ҷавоб боз ҳам ҳамон аст, тавре дар боби «Ориёно-Эронвиҷ» гуфта шуд, яъне минтақаҳои атрофи кӯли Чайчаст – Қаракӯл ҷойгоҳе буд, ки мутобиқи бовари он даврон ба биҳишт наздик буд ва аз ин рӯ, аксаран дар он ҷойгоҳ маросими ибодат бар ҷой меоварданд. Аз ҳамин ҷост, ки Кай Хусрав оташкадаи Озаргушаспи пирӯзро дар кӯҳи Аснаванд, дар канори дарёи Чайчаст дар Озарбойҷон бино ниҳод. Дар «Зародуштнома» омадааст:

Биёранд Озаргушаспи гузин
Ба Чайчасти гармоб мардони дин.

«Бундаҳишн» дар ин бора мегӯяд: «Озаргушнасп то подшоҳии Кай Хусрав ба-д-он оин посбонии ҷаҳон мекард.

https://bikhon.tj

Чун Кай Хусрав буткадаи (канори дарёи Чайчаст)-ро ҳамеканд, бар ёли аспи (Кай Хусрав) нишасту тирагиву торикиро аз миён бурд ва (ҷаҳонро) равшан бикард. То буткада вайрон шуд[1], ба ҳамон ҷой, бар фарози Аснаванд(кӯҳ) оташгоҳе шинонда шуд. Ба-д-он сабаб (онро) Гушнасп хонанд, ки бар ёли асп нишонда шуд».[2] Оташи Озарбарзинмоҳ (дорандаи меҳри баланд) низ дар Хуросон – яке аз кӯҳҳои соҳили кӯли Чайчаст – Қаракӯл воқеъ будааст. «Ҷолиб он аст, ки, – менависад муҳаққиқ Муминҷонов, – «Авеста», сарчашмаҳои паҳлавӣ ва суннатии Маздоясна Кай Хусравро паҳлавон ва муттаҳидкунандаи сарзаминҳои ориёӣ хитоб карда, ӯро дар соҳили кӯли Чаечаст ҳамроҳи падараш (бобояш –М.Ҳ.) Кай Ковус дар ҳоле мегузоранд, ки подшоҳи соҳибқудрати саросари Осиёи Марказӣ буда, дигар рақибу душмане надорад».[3]

Муҳаққиқ Э. Раҳмон кӯли Чайчастро яке аз ҷойгоҳи муқаддаси ориёиҳо шуморидааст. «Кӯли муқаддаси Чаечаст, дарёи неки Даития, шаҳр ё зистгоҳи бунёдкардаи Ҷамшед бо номи Варачамкард, канал ё руди сохтаи Афросиёб – Новток зодгоҳи Зардушт тахмин мешавад».[4] Тибқи навиштаи «Додистон диник» (боби 70, банди 3) Афросиёб ба кӯли Чаечаст 7 канали бузургро ҷорӣ намуд. Яке аз он каналҳо бино ба маълумоти «Бундаҳишн» (боби 21 банди 6, чопи Анклессария) Новток ном доштааст. Бояд гуфт, ки ба кӯли Қаракӯл тақрибан ҳафт рӯд мерезад, ки ба шумори каналҳои Афросиёб мутобиқат менамоянд. А. Кристенсен менависад: «Метавон тасаввур кард, ки достони эҷоди халиҷи Вуурукаша – Косауйя (авестоӣ – Чаечаст), ки дар банди 56-64 Зомёдяшт омадааст, хотираи мубҳаме аз саддҳои машҳу-

[1] Таваҷҷӯҳ шавад ба адабиёти орёҳиндӣ, ки мавҷудияти бутхона бо 108 бут дар Аряварта зикр мешавад
[2] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378. боби 9.
[3] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Д. 2004, с.119.
[4] Э. Раҳмон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». “Ирфон”, Д. 2006.

https://bikhon.tj

ри рудхонаи Окс (Ҳеродот 3, 117) боқӣ мондааст».[1] Бояд гуфт, ки албатта саддҳо ё дарғотҳои ишоракардаи Ҳеродот ва халиҷи Чайчаст ду мавзӯи аз ҳамдигар ҷудоянд. Бар илова аз ин руди Новток низ аз кӯли Чайчаст – Қаракӯл дар масофаи дуртаре воқеъ будааст. Бино ба маълумоти «Бундаҳишн», боби 20, банди 44 (нашри Вест ва Анклессария) Новток рудест, ки Афросиёб – подшоҳи Турон самти ҷараёни онро тағйир дода, ба кӯли муқаддаси Чаечаст пайваст кард. Тавре қаблан гуфта шуд, Канҳа воқеъ дар самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл, дашти Пишонса – қисмати домани қаторкӯҳи Фарғона, руди Новток – шохоби дарёи Мурғоб – 40 км. ҷануби ғарбии шаҳраки Мурғоб дар даҳанаи Куртексой[2] ва кишвари Гупат дар қисмати болооби руди Қизилсу дар водии Олой ҷой доштаанд. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Дарёчаи Хусрав ба чаҳорфарсангии Чайчаст аст».[3] Ҳоло дар самти шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл, дар на чандон дур аз Қаракӯл руде бо номи Хусрав боқист, ки шояд кӯле низ ҳамноми вуҷуд дошта буд ва ё бошад. Дар адабиёти чинӣ ин кӯл Тузкӯл гуфта шудааст: «Кӯҳҳои Пиёзӣ бо номи Помир машҳуранд. Тибқи нақшаҳои хитоӣ аз миёнаи кӯҳҳои Пиёзӣ дарёи Помир ҷорӣ гардида, аз самти шимолии кӯли Тузкӯл ба самти ғарб ҷараён мегирад. Оё ин кишвар номи худро аз ҳамин дарё нагирифтааст?» [4]

Тавре дар бобҳои дигар гуфта шуд, паллаи ҷанубии тарозуи Рашн, ки ҷонҳо аз болои он сӯи биҳишт мераванд, яъне қаторкӯҳи Зулумарт дар самти ғарбии Қаракӯл воқеъ аст. Ҷиҳати он ки ҷонҳо ё равонҳо бадкории девон ва ҳамкорони онҳо эмин бошанд, дар болои ҳамин қаторкӯҳ оташкадаҳо

[1] Кристенсен А. «Каёниён», с.129.
[2] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 76.
[3] «Бундаҳишн», боби 9 с.64.
[4] Бичурин И.Я. (Якинф). «Собрание сведение по исторической географии. восточный и Средней Азии» Чебоксары, 1960, с. 177. ҷилди Ш, с. 35.

https://bikhon.tj

сохта мешуд. Аз ин рӯ ин ҷой Отарподкон ном гирифт. Шояд кӯҳи Аснаванд низ ҳамин қаторкӯҳи Зулумарт бошад. Дар шохаи ҷанубии қаторкӯҳи Заалай ашёҳои даврони куҳан зиёд ёфт шудаанд, ки шояд онҳо нишониҳои Отарподгон будаанд. Дар ин бора муаллифони таърихи Бадахшон менависанд: «Сукунатгоҳи Ошхона дар 12-километрии охири пиряхи Уйсу... дар гӯшаи рости водии Уйсу дар он ҷое, ки дарёи Ошхоначилга ба ин водӣ мебарояд, воқеъ гаштааст. Мавқеияти ҷуғрофии сукунатгоҳро нодир шумурдан мумкин аст.

Сукунатгоҳ аз сатҳи баҳр дар баландии тақрибан 4200 м., дар ҷанубӣ қаторкӯҳи Заалай, дар ҳудуди 25 км. шимоли Қаракӯл воқеъ гаштааст».[1] «Колексияи Ошхона бештар аз 10 ҳазор артефакт, аз ҷумла 5810 нусха аз ҳафриёт ва дигар мавод будааст».[2] Билкул имкон дорад, ки ин ашёи пайдошуда ашёи дохили оташгоҳҳо буда бошанд.

Дар самти шарқии Қаракӯл як силсила сукунатгоҳҳои даврони санг ва баъд ёфт шудаанд, ки Маркансу 1, Маркансу 2, Ошхона, шаҳраки Қаракӯл, Қараарт, соҳили Қаракӯл, Қаракӯл, Қарачилга ва ғайра буда, дар атрофи Қаракӯл воқеъ гаштаанд.[3]

ФРАЗДОН, ФАРАЗДАНУ (РАНГКӮЛ)

Яке аз кӯлҳое, ки мавқеияташ дар Систон қаламдод шудааст, Фраздон ном дорад. Фраздон низ мисли Чайчаст яке аз ҷойгоҳи муқаддаси ориёиён будааст ва Виштоспшоҳ барои ибодат ба соҳилҳои он мерафтааст. Дар «Шаҳристонҳои Эрон» зикр шудааст, ки «Шаҳристони Бустро Баствари Зарирон кард, ба-д-он гоҳ, ки Виштоспшоҳ дар

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области».
[2] Ҳамон ҷо, с. 70.
[3] Ҳамон ҷо. с. 50 ба баъд.

https://bikhon.tj

парастиши дин дар Фраздон буд».[1] Фаридун духтари Эраҷро аз хавфи Салму Тур ба соҳили дарёчаи Фраздон бурд, дар он ҷо аз он духтар писаре зода шуд, ки ӯ Манучеҳршоҳ буд.

Дар «Бундаҳишн» дар мавзӯи Фраздон омадааст. «Дарёчаи (кӯли М.Ҳ.) Фраздон дар Систон аст. Гӯянд, ки марди парҳезгор, ки чизе ба-д-ӯ афканад, бипазирад. Агар парҳезгор нест, боз ба берун афканад. Сарчашмаи он ба Фарохкард пайваста аст».[2] Дар «Бундаҳишн» (бахши 22,банди 5) низ омадааст, ки Фараздон дар Систон ҷой дорад. Фраздон (паҳлавӣ – Фараздон) номи дарёчаест (кӯлест – М.Ҳ), ки Гаршосп дар канори он аз эзадбону Аредвисура Аноҳито хостори пирӯзӣ мешавад.

Донишмандон аксаран кӯли Фраздонро дар Систони кунунӣ гуфтаанд. Вале бо он ки Бадахшон бо Систон айният мегирад, Фраздон низ яке аз кӯлҳоест, ки дар Бадахшони кунунӣ мавқеият доранд. Дарёчаи (кӯли) Фраздон дар Систони кунунӣ ба дарёи Фарохкард – Ворукаша, руди Панҷ пайваст буда наметавонист. Вале Фраздони воқеъ дар минтақаи Бадахшон бешак метавонист бо Фарохкард – Панҷи кунунӣ пайваст бошад. Мушоҳидаҳо тасдиқ мекунанд, ки дар замонҳои пеш, ки оби кӯл хеле зиёд будааст, имкони пайваст будани Рангкӯл бо руди Мурғоб вуҷуд доштааст.

Ҷангҳои мудҳиши эрониёну турониён, аз ҷумла мувофиқи маълумоти «Ёдгори Зарирон» ҷанги Гуштосп бо Арҷосп дар соҳили кӯли Фраздон (Фрездону) ба амал омада будааст. Тибқи навиштаи Ҳ. Муминҷонов Зарир – бародари Кай Гуштосп Арҷоспро ба ҷанги сеюм[3] ба майдони Хутос

[1] Саймиддинов Д. «Шаҳристонҳои Эрон». Душанбе, 2003, с. 79.
[2] «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378, боби 9.
[3] Мутобиқи навиштаҳо ҷанги якум дар Кумиш, самти шарқии Тошканди кунунӣ ҷанги сеюм дар майдони Хутос, соҳили кӯи Фраздон, ҷанги чорум дар Балх ва Эронвиҷ ба вуқӯъ пайваста будааст. Ҷои ҷанги дуюм номаълум аст. (М.Ҳ.)

https://bikhon.tj

ва Марви Зардуштон ба соҳили кӯли Фраздона даъват намуд. Дар асоси ин маъхаз лашкари Гуштосп аз Балх хориҷ шуда, то маҳалли муҳориба 50 рӯз ҳаракат кард».[1] Ҷараёни ин ҷанг дар «Ёдгори зарирон» батафсил дода шудааст.

ХУСРАВ

Хусрав – номи шохобе аз дарёи Фарохкарт аст, ки ҳангоми гурехтани фарр аз чанги Афросиёб падид меояд. Афросиёби туронӣ барои ба даст овардани фарри каёнӣ, ки ҷойгоҳи он обҳои дарёи Ворукаша будааст, ҳар бор худро ба об мезанад, вале фарро ба даст оварда наметавонад. Дар натиҷа ҳар дафъа шохобае пайдо мегардад. Ва яке аз ин шохобҳо Хусрав ном дорад. «Фарр тохтан гирифт ва (аз дастраси ӯ) бадар рафт. Аз он ҷост, ки шохобе ба номи дарёчаи Хусрав падид омад».[2] Вале дар «Бундаҳишн» Хусрав ҳамчун кӯл – дарёча зикр шуда, гуфта шудааст, ки «Дарёчаи Хусрав ба чаҳорфарсангии Чайчаст аст».[3] Азбаски мавқеияти Чайчаст (Қаракӯл) маълум гардид, кӯли Хусравро низ суроғ кардан мумкин хоҳад шуд. Вале чи гуна бояд дақиқкард, ки ин ном руди Хусрав аст ё кӯли Хусрав? Дар самти шимоли Қаракӯл (Чайчаст) руде ба самти шарқ ҷорӣ мешавад. Ҳарчанд мавқеияти ин кӯл равшан нишон дода шудааст, аммо дар ҷое, ки бояд ин кӯл бошад, ҳоло руде бо номи Хусрав (Хосроб) вуҷуд дораду бас. Дар Сарикӯл, дар он ҷо ки дарёи Хусрав ҷорист, Қаракӯли хурд воқеъ аст, ки шояд Хусрав ҳамон будааст. Ва ё шояд Чакирагилкӯл воқеъ дар Сарикӯл кӯли Хусрав бошад?

[1] Муминҷонов Ҳ. «Турон гаҳвораи тамаддуни орёӣ». Д. 2004, с.51.
[2] «Авесто», кирдаи 8, банди 56.
[3] «Бундаҳишн», боби 9.

https://bikhon.tj

СУБАР

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Дарёчаи Субар ба Абаршаҳрбум бар сари кӯҳи Тӯс аст; чунон гӯяд, ки суд ба ҳар некхоҳиву беҳӣ, баракату родӣ аз ӯ биёфарида шудааст».[1]

Дар боби кӯҳҳои ин асар мавқеияти Субар боз ҳам дақиқтар зикр гардидааст: «Кӯҳи Кадарвасп кӯҳест ба Тӯсшаҳр, ки дарёчаи Субар бар сари он аст».[2] Тавре дар «Бундаҳишн»омадааст: «Дар Систон аст. Бунчашмаи он ба Фарохкард пайваста аст». «Ду чашма-дарё низ аз ӯ ба пайдоӣ омад: яке Чайчаст, яке Сувар, ки эшонро (дарёҳои бузургу кӯчакро) сарчашма ба чашма-дарё пайваста аст». Муҳаққиқ Волинетс В.Ю. Субарро бо истинод ба «Авесто» Судбар гуфта, вақте Тиштар бо Апоаша дар набард буд, ин кӯл ба вуҷуд омадааст.[3]

Тӯсиён ном деҳа дар Бадахшон аст, ки аз назди он руди Шохдара мегузарад. Дар болооби Шохдара кӯле бо номи Дирумкӯл воқеъ аст, ки ба эҳтимоли қавӣ Субар ҳамин кӯл аст.

Аз ин кӯл яке аз шохобҳои Шохдара (Панҷ) ҷорӣ мегардад. Яъне ин кӯл ба дарёи Фарохкард – Ворукаша – Панҷ пайваст аст. Тавре дар боби рудҳо гуфта шуд, чанд руди Косаруд вуҷуд доштааст, ки яке аз онҳо Шохдара будааст.

Дар боби рудҳо омадааст, ки: «Косаруд ба оби Тӯсшаҳр биёяд, онро он ҷо Касафруд хонанд. Ин ҳамон руди Веҳ аст, ки он ҷо Коса хонанд, дар Синд низ Коса хонанд».[4] Яке аз шохобҳои Шохдара Коспар ном дорад, ки шояд Косаруди «Бундаҳишн» ҳамон бошад.

Дар ин ҷо кӯҳе низ Кудара ном дорад. Эделман (1975, с.

[1] «Бундаҳишн», боби 9.
[2] «Бундаҳишн», боби 9.
[3] Волинетс В.Ю. «Мир Ведизма».
[4] «Бундаҳишн». Боби 9, саҳ 62.

https://bikhon.tj

47) дар шумори Қаракӯл, Рангкӯл, Зоркӯл, Шоркӯл, Яшилкӯл, ва ғайра яке аз кӯлҳои Помирро Газкӯл гуфтааст[1], ки ба эҳтимол аз номи Коса тасмия шуда бошад.

УРВИШ

Дар «Бундаҳишн» зикр гардидааст, ки «Дарёчаи Урвиш ба Ҳугари баланд аст».[2] Тибқи айниятҳои ҷуғрофиёи «Авесто» Ҳугар ба қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад. Аз самти ҷанубии ин кӯҳ тавре гуфта шуд, руди Ардвисура ҷорӣ гардида, ба кӯли Урвиш ва аз он ҷо ба дарёи Ворукаш (Панҷ) мерезад. Дар он ҷое, ки бояд кӯл бошад, ҳоло яхистон ё пиряхи мавсум ба номи Федченко вуҷуд дорад. Оё имкон надошт, ки дар ҷои ин пирях он замон кӯле вуҷуд дошта бошад? Тавре маълум аст, кӯҳи адабиёти ориёҳиндӣ – Меру ба кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ татбиқ шудааст. Дар ин адабиёт низ дар назди кӯҳи Меру мавҷудияти кӯле зикр гардидааст: «Дар Ҷамбудвипа кӯҳи Сумеру вуҷуд дорад. Сумеруро чаҳор кӯҳи дигар иҳота кардаанд: Мандара, Мерумандара, Супаршва ва Кусуда... Дар он ҷо кӯлест, ки обаш тоза аст».[3]

Нависанда ва мутахассиси яхшинос Александр Яблоков санаи ин пиряхро тибқи таҳқиқоти яхшиносӣ (глятсиологӣ) ёздаҳ ҳазор медонад.[4] Дар бораи 10 ҳазор сол пеш дар ҷои ин пирях вуҷуд доштани кӯл далелҳои дигаре низ ёфтан мумкин аст. Масалан, муаллифони «История Горно Бадахшанской Автономной области» навиштаанд, ки «Тибқи назари дигар олимон дар голотсени нахустин Помири Шарқӣ аз сатҳи кунунӣ поёнтар воқеъ гашта буд, аз ин ҷиҳат шароити иқлими он даврон сабуктар иқлими ин ҷой

[1] Камолиддин Ш.С. «Древнетюркская топонимия Средней Азии». Ташкент, «Шарк». 2006.
[2] «Бундаҳишн», боби 9.
[3] «Стҳананга-сутра. Анга-агамаи сеюми ганадҳараи панҷум.
[4] Дар сӯҳбат бо ин муаллиф.

https://bikhon.tj

нармтар буд. Дар асоси ҳафриёти истгоҳи Ошхона Л. Ф. Сидоров чунин мешуморад, ки табиати Помири шарқӣ 10 000 сол пеш, дар даврони голотсен аз шароити кунунӣ бисёр тафовут дошт. Дар даврони голотсени аввалия маҷрои дарёҳои асосӣ дар сатҳи кунунии баландкӯҳ воқеъ набуда, дар масофаи 600-700 метр аз нишонии кунуниашон поёнтар қарор доштанд. Он замон дар водии дарёҳо туғайзор, дар нишебиҳо арчазор ва дар дашту теппаҳо марғзору алафзор мерӯид».[1] Яъне имкондошт, ки пиряхи Федченко дар он даврон ҳанӯз пирях набуда, дар ҷояш кӯле вуҷуд дошта будааст.

Сокини водии Лахш, яке аз муаллифони китоби «Диёри қуллаҳо»[2] Низом Абдуҷалилов дар суҳбат бо ин муаллиф изҳор дошт, ки баъзе солҳои гарм, ки яхҳои домани пиряхи Федченко зиёдтар об мешаванд, аз замини зери ях нақши роҳе падидор мегардад, ки ба роҳи аробагард монандӣ дорад. Эҳтимол дар зери масоҳати пирях, ки тақрибан 75 км. дарозӣ дорад, бисёр асрор нуҳуфта бошад?

Баъзе донишмандон номи сарзамини ҳаштум Урва, номи руд Урвада ва номи кӯл Урвишро айни ҳам донистаанд. Вале ин се ном номи маҳалҳои алоҳида буда, шояд ба хотири наздикии маъно чунин номида шудаанд. Масалан, Урва ба хотири шаҳрбандӣ чунин ном гирифтааст. Шояд Урвиш низ ба сабаби яхбандие, ки дар он даврон оғоз меёфт чунин ном гирифтааст. Деҳае дар Македония Урвич ном дорад, ки шояд ба Урвиш ҳаммаъно бошад.

ЛАХШ БАХШЕ АЗ ПОМИР АСТ

Агар системаи кӯҳистони Помиру Олойро муоина намоем, дар маркази он кӯҳҳои воқеъ дар болооби дарёи Вахш

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005. с. 54.
[2] Ризвонов А., Абдуҷалилов Н. “Диёри қуллаҳо”, Душанбе, 1991.

https://bikhon.tj

қарор доранд. Хусусан водии дарёи Муғсу бо балантарин қуллаҳо ва бузургтарин пиряхҳояш маркази кӯҳистони Помирро ташкил медиҳад. Дар тасаввуроти сайёҳони асрҳои гузашта низ зери мафҳуми Помир ҳамин болооби дарёи Сурхоб, ноҳияҳои Мурғоб ва атрофи Қаракӯл дар назар буд. Масалан, сайёҳ ва олими асри 10 Ибни Руста навиштааст: «Вахшоб... аз арозии Фомир (Помир), Рашт ва Кумиз (Kumedh) мегузашт». Баъдҳо ба сабаби ба водии дарёи Вахш нисбат гирифтани Қаротегин ва ба водии дарёи Панҷ нисбат ёфтани Помир чунин таъиноти ҷуғрофӣ дар тасаввуротҳо нақш баст. Қаротегину Дарвоз ва дигар ноҳияҳои атроф бо истилоҳи Наздипомир ифода шуданд. Обҳои домани баландтарин қуллаҳо – – қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ ва қуллаи ба номи Ленин ба ҳамин рудҳо мерезанд. Муҳаққиқон ва сайёҳон аз водиҳои Олой ва Лахш ба ин қуллаҳо ва пиряхҳои Федченко, Фортамбек ва ғайра роҳ пеш мегиранд. Яъне бузургтарин қулла ва пиряхҳо аз домани ин водӣ оғоз мегарданд. Бар илова аз ин, силсилакӯҳҳои Пётри I, Дарвоз, Ванҷ, Язгулом, Рӯшон ва чанде дигар кӯҳҳо аз самти ғарби ҷанубӣ ва ҷануб ба самти шарқ кашида шуда, дар қаторкӯҳҳои Академия Илмҳо, дар самти ҷанубии водии Лахш ба ҳам мепайванданд. Агар ба таърихи таҳқиқи табиату ҷуғрофияи ин маҳал аз ҷониби донишмандон ва олимони рус назар афканем, маълум мешавад, ки нахустин сафарҳои экспедитсионӣ ва таҳқиқотӣ низ аз ҳамин водӣ оғоз гардидаанд.

Тавре нависанда Н. Леонов дар китобаш «Бори нахуст дар Олой» зикр намудааст, нахустин муҳаққиқи водии Қаротегин Федченко соли 1871 аз тариқи водии Фарғона ва Олой ба ин водӣ омада, дар соҳили яке аз шохобҳои дарёи Сурхоб – – Қизилсу ба таҳқиқоти табиат ва набототи ин маҳал машғул шуда буд. Соли 1876 экспедитсияи низомии генерал М. Д. Скобелев ба ҳудудҳои Олой ва Лахш ворид гардид. Бо ин амал Александрии II мехост ба вассали худ –

https://bikhon.tj

– амири Бухоро исбот намояд, ки ба ҳокимияти Россия гӯшаҳои дуртарин низ дастрас аст. Дар ҳайати экспедитсия подполковник Л. Ф. Костенко ва топографи ҳарбӣ Жилин низ буданд, ки ба шарофати нақшаву навиштаҷоти онҳо роҷеъ ба Қаротегин ва кӯҳҳои ин водӣ маълумоти ҷолибе рӯи коғаз омад. Онҳо дар ҳайати отряди на чандон калон ба воситаи ағбаи Терсагар қаторкӯҳи Паси Олойро гузашта, дар ҷануб се қуллаи бузургро диданд, ки Л. Ф. Костенко онҳоро Гов ном ниҳод. Дар поёни ин қуллаҳо дарёи гилолуди Муғсу ҷараён дошт. Жилин нақшаи схематики ин маҳалро мураттаб намуда, се шохоби дарёи Муғсу – Сауксой, Қаиндӣ ва Селсойро тасвир менамояд. Баъди ду сол ба ин ҷойҳо экспедитсияи наве меояд, ки ба он геолог И. В. Мушкетов роҳбарӣ менамуд. Вай аз ағба поён нафуромада, манзараро аз болои он тасвир мекунад ва баландии қуллаи дар соҳили муқобили Муғсу воқеъбударо 5800 метр таъин менамояд. Громбчевский Бронислав Людвигович, афсари низомии Россия, яке аз муҳаққиқони кӯҳҳои Помиру Тёншон, Ҳиндукуш ва дигар минтақаҳои дунёст. Соли 1889 Громбчевский Қаротегину Дарвоз, Помир, Вахон ва ноҳияҳои атрофро таҳқиқ мекунад.

Яке аз муаллифони дигари маҷаллаи «Известия русского географического общества» барориши 1, соли 1881 Ошанин низ роҷеъ ба Қаротегин очерке нашр кунондааст. Муаллиф аз табиати сеҳрангези Лахш мафтун шуда менависад: «Дар назди Алтинмазор се дарё – Соуқсу, Каиндӣ ва Селсу ба ҳам омезиш меёбанд. Муғсу аз омезиши ин се дарё ташкил ёфта, бо чанд шоха дар водӣ ҷараён мегирад, ки қаъраш яксара шағалзор аст. Водӣ тақрибан ду верст паҳно дорад. Аз ҷануб вай бо қаторкӯҳи баланде иҳота гардида, бидуни ҳеҷ як пешкӯҳ дар водӣ болотар аз хатти барфӣ воқеъ гаштааст. Рӯ ба рӯ дар муқобили Алтинмазор дар ин қаторкӯҳ се қулла – – Шилбелӣ, Сандал ва Музҷилга қад афрохтаанд... Ҳар чи набошад, ин се қулла бешубҳа, аз ҷиҳати шукӯҳу шаҳо-

https://bikhon.tj

мати худ ба ҳайати қуллаҳои аввалиндараҷаи Осиёи Миёна шомил мешаванд. Манзараи онҳо аз Алтинмазор ва ағбаи Тергасар олиҷаноб аст. Байни чашми бинанда ва қуллаҳои онҳо чизе ба назар намерасад ва ба туфайли дар масофати наздик қарор доштанашон чунин менамояд, ки рост ба осмон баромадаанд. Ба ман муяссар шудааст, ки кӯҳҳои зиёдеро дар Алп, Кавказ ва дар Осиёи Миёна бинам, вале ҳеҷ яке аз онҳо бо шаҳомати шаддиди худ маро чунин мафтун накарда буд... «

Дар китоби Г. Калинин «Фортамбек ва қуллаҳои он», ки соли 1983 дар Тошканд нашр ёфтааст, роҷеъ ба таҳқиқоти кӯҳҳо ва пиряхҳои Помир аз ҷониби водии Лахш ва фатҳи баландтарин қуллаи минтақа – – қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ маълумоти арзишманде оварда шудааст. Ҳоло бозгӯи қисмате аз ин китоб ба таври мухтасар пешниҳод карда мешавад. «Соли 1878 В. Ф. Ошанин нахустин экспедитсияи давлати Россияро ба водии Қаротегин амалӣ менамояд. Вай соли 1876 сарчашмаи дарёи Сурхоб – Қизилсуро аз тариқи водии Олой омада мушоҳида намуда буд. Вале ин дафъа аз ҷониби ғарб ба Қаротегин омада, дарёи аз Қизилсу чандин маротиба калонтареро мебинад. Экспедитсияи ин муҳаққиқ ҳар рӯз аз ҳисоби набототу табиати ин ҷо ғанитар мегардид. В . Ф. Ошанин коллексияи ҳашарот, М. Н. Невесский гербарии набототро ҷамъоварӣ мекарданд, Г. Е. Родионов нақшаи топографии маҳалро мураттаб мекард. Экспедитсия таҳқиқоташро то саргаҳи Сурхоб идома дод. Онҳо аз Қизилсу гузашта, ба баландие мебароянд, ки аз он ҷо пеши назарашон манзараи бузурги қисмати шарқии қаторкӯҳи Пётри Кабир намудор мегардад. В. Ф. Ошанин ин манзараро дар очерки «Қаротегин ва Дарвоз» роҷеъ ба ин экспедитсия чунин тасвир намудааст: « ... дар ин ҷо (яъне дар қисмати шарқии қаторкӯҳ – – муаллиф) як гурӯҳ иборат аз чаҳор қулла ҷой гирифтаанд. Намуди онҳо хусусан аз Ҷаилган хеле шаҳоматнок аст. Ман чунин мешуморам, ки қуллаи

https://bikhon.tj

шарқӣ то 25 000 (7 500 м. – муаллиф) фут баландӣ дорад... « «Қуллаи шарқӣ... « Баъзе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки В. Ф. Ошанин қуллаи асосии қаторкӯҳи Пётри Кабирро, ки ҳоло дар харитаҳо қуллаи Коммунизм (Исмоили Сомонӣ – М.Ҳ.) ном дорад, кашф кардааст. Экспедитсияи В. Ф. Ошанин кӯшиш намуд, ки аз водии дарёи Муғсу боло равад, вале ин роҳ барои отряди аспсавор имкони ҳаракат кардан надод. Аз ин сабаб отряд аз водии Қизилсу тоб мехӯрад ва қаторкӯҳи Паси Алайро аз самти ғарбиаш ба воситаи ағбаи Тергасар гузашта, ба болооби Муғсу мебарояд. Дар ҳамин ҷо бори нахуст дар навиштаҷоти Ошанин номҳои се қулла Музҷилга, Сандал ва Шилба пайдо мешаванд.

Баъди шаш соли экспедитсияи В. Ф. Ошанин аз поёноби Муғсу геолог ва мардумшинос Г. Е. Грум-Гржимайло дидан мекунад. Вай низ натавонист, ки бо водии дарёи Муғсу боло равад, вале вай аз ин ҷо ба водии Дарвоз гузашта, бори аввал тахминеро пешниҳод намуд, ки дар қисмати «шимолии кӯҳҳои Помир бузургтарин баландие воқеъ гаштааст, ки аз он қаторкӯҳҳои дарозиашон нобаробар қад кашидаанд. « Албатта ин баландии зикршуда ба кӯҳҳои атрофии қуллаи Исмоили Сомонӣ мансуб буданд. Солҳои 1881-1883 олими ботаник А. Э. Регел ва топограф П. Е. Косяков низ аз минтақаҳои атрофи қаторкӯҳи Пётри Кабир таҳқиқот гузаронданд.

Соли 1897 қисмати ғарбии қаторкӯҳи Пётри Кабирро се маротиба В. И. Липский таҳқиқ менамояд. Ин муҳаққиқ бисёр номҳои ҷуғрофии маҳалро дар шакли асл ёддошт намудааст, ки он номҳо дар навиштаҳои муҳақиқони баъдӣ тағйир ёфтаанд. Масалан номҳои Шегазӣ, Кашмук, Иргат, Суғрон, Фортамук, Бозирак дар ҳамин шуморанд. Соли 1899 В. И. Липский аз тариқи водии Вахё ба саргаҳи дарёи Муғсу бори дигар сафар мекунад. Ин сайёҳ ва олим дар асари сеҷилдаи худ «Бухорои кӯҳӣ», ки дар Санкт-Петербург солҳои 1902-1905 нашр шудааст, роҷеъ ба кӯҳҳо, пиряхҳо,

https://bikhon.tj

дарёҳо ва дигар мавзеъҳои водии Лахш маълумоти қиммат-баҳое дарҷ намудааст. Соли 1903 подполковники штаби генералии Россия В. Ф. Новитский ба Қаротегин ва Дарвоз сафар намуда, бисёр қитъаҳои қаторкӯҳҳои Пётри Кабирро таҳқиқ менамояд. Вале ба В. Ф. Ошанин, Г. Е. Грум-Гржимайло, В. И. Липский, В. Ф. Новитский, Б. А. Федченко ва Майтов (соли 1904) муяссар намегардад, ки барои таҳқиқ намудани ҷараёни миёнаи Муғсу қад-қади ин дарё боло бираванд. Геолог Д. Л. Иванов низ соли 1889 кӯшиш намуда буд, ки ҷараёни миёнаи ин рудро аз тарафи болооби он таҳқиқ наимояд, вале ин кор ба вай низ муяссар нагашта буд. Бори аввал Н. Л. Корженевский муяссар мегардад, ки ҷараёни миёнаи Муғсуро таҳқиқ намояд. Вай 19. 06. 1904 аз Ош баромада, баъди дах рӯзи гузаштани қаторкӯҳҳои Алай, водии Алай, ағбаи Тергасар ба пояи қуллаҳои Музҷилга, Сандал ва Шилба мерасад. Қирғизҳои Алтин Мазор сайёҳи русро самимона пешвоз мегиранд, вале ӯро барои аз водӣ поён рафтан манъ мекунанд. Зеро дарё хеле сероб ва хавфнок буда, сангҳои калонро ғелонда мебурд. Садояш ончунон баланд буд, ки кас овози худро низ намешунид. Як қирғиз бо номи Тохтурбой ӯро маслиҳат дод, ки беҳтараш ба ин ҷо тирамоҳ биёяд, зеро дар фасли тирамоҳ оби дарё кам шуда, онро бо асп гузаштан осон мешавад. Тохтурбой гуфт, ки вақте бача буд, ҳамроҳи падараш аз ин роҳ рафта буд ва ваъда дод, ки тирамоҳ сайёҳро ҳамроҳӣ хоҳад кард. 16 сентябр Н. Л. Корженевский боз ба ҳамон ҷой бармегардад, ки Тохтурбой аз ин кори ӯ дар шигифт мемонад. Вале баҳонаҷӯии қирғизи мӯйсафед кор намеояд ва онҳо рӯзи дигар савора ба роҳ мебароянд. Тафсилоти ин сафар аз Алтинмазор то деҳаи Иргай аз тарафи Н. Л. Корженевский дар очерки «Аз соҳилҳои Муғсу» дар солномаи Ҷамъияти Русии Кӯҳшиносӣ (ҷ. У, 1906) дарҷ гардидааст.

Нақшакашии қаторкӯҳҳои Пётри Кабир соли 1906 аз ҷониби экспедитсияи ҷуғрофишинос ва куҳнаварди немис

https://bikhon.tj

Вильям Рикмер-Рикмерс оғоз гардид. Дар ҷараёни экспедитсия қуллаҳои Лулихарф ва Ачики калон кашф карда шуданд. Ин кашфиёт воқеан ҳам нахустин кашфиётҳо дар қаторкӯҳҳои Пётри Кабир ва зоҳиран дар Помир ба шумор мерафтанд.

Соли 1910 Н. Л. Корженевский сайёҳати наверо анҷом дод. Таваҷҷуҳи ин муҳаққиқро низ кӯҳҳои номаълуми дар ҷанубӣ Муғсу қадкашида ба худ ҷалб менамуданд. Вай дарёи пурталотумро кӯшиш мекунад, ки убур намуда, саргаҳи дарароро, ки шаш сол қабл ҳамроҳи Тохтурбой гузашта буд, таҳқиқ намояд. Вале кӯшиш гузаштан аз руди пурталотум қариб ӯро аз ҷон маҳрум намуда, ӯро имкони гузаштан намедиҳад. Вай ба пиряхҳои бузург аз соҳили муқобил наззора намуда, мавқеияти онҳоро таҳқиқ менамояд. Ҳамин тариқ қуллаи аз лиҳози баландӣ сеюми Помир – – қуллаи ба номи Евгения Корженевская кашф мегардад. Н. Л. Корженевский баъдтар наишта буд: «Ин қуллаи боҳашаматро ман ба номи Евгения Сергеевна Корженевская номгузорӣ менамоям, ки изҳори миннатдории амиқи ман ҷиҳати иштирокаш дар сайёҳатҳоям бо номаш пайванд гардидааст».

Соли 1913 ба ин минтақа бори дигар муҳаққиқони немис меоянд. Онҳо нақшакашии ноҳияи қаторкӯҳи ба номи Пётри 1-ро идома медиҳанд. Натиҷаи ин таҳқиқот дар китоби «Муқаддимаи геологии Туркистони ғарбӣ», ки соли 1922 дар Инсбург нашр шуда буд, ҷамъбаст гардидааст. Нақшаҳои ин китоб таҳқиқоти «даҳверста»-и олимони русро пурра гардонд. Дар китоб нақши сарварӣ дар ноҳияи Помир ва болооби пиряхи Гармо ба қуллаи Сандал ҷудо карда шудааст, ки баландиаш 7050 муайян гардидааст. Сайёҳони немис мисли сафари гузаштаашон якчанд қулларо фатҳ намуданд. Қуллаи Сагунак ва як қуллаи беноми панҷҳазорметра, ки дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Пётри 1 воқеъанд, бори аввал фатҳ карда шуданд. В. Рикмер-Рикмерс ва В. Даймлер бори аввал сурати қаторкӯҳҳои Пёт-

https://bikhon.tj

ри як, аз ҷумла қуллаи Москва, инчунин қуллаи баландтарини Помир – қуллаи ба номи Исмоили Сомониро мегиранд. Сурати гирифтаи В. Даймлер нахустин сурати ин қулла ба шумор меравад. Аз мактубҳои роҳбари экспедитсия В. Рикмер-Рикмерс ба Ҷамъияти ҷуғрофии Россия, ки соли 1913 навишта шудаанд, маълум мегардад, ки сайёҳони немис баъди расидан ба пиряхи Гармо ба натиҷае омадаанд, ки саргаҳи он ба нишебиҳои ҷанубии қуллае мерасад, ки вай дар болои Муғсу дар ноҳияи Алтинмазор қомат афрохтааст. Соли 1916 водии Гарморо астроном Я. И. Беляев ва ҷуғрофишинос П. И. Беседин таҳқиқ мекунанд. Ҳар ду муҳаққиқ очеркҳои алоҳидаи худро дар як шумораи «Ахбори Ҷамъияти ҷуғрофии Россия», нашр намудаанд. П. И. Беседин ин қулларо «Тоҷи Пётри Бузург» номидааст. Тавре Г. Е. Грум-Гржимайло тасдиқ менамояд, қаторкӯҳи Пётри дар шарқ «ба як барҷастагии бузург, ба марказ» такя менамояд, ки Селтов ном дорад. П. И. Кузнетсов тасдиқ менамояд, ки дар ин ҷо Куи Лозар воқеъ гаштааст. Нуқтаи баландтарини ин марказ тибқи навиштаи Грум-Гржимайло Узтарга ва тибқи назари Я. И. Беляев, П. И. Беседин, Р. Клебелсберг, қуллаи дигари марбут ба баландиҳои Алтинмазор будааст. Н. Корженевский соли 1925 нақшаи харитавии мавқеияти пиряхҳо ва қаторкӯҳҳои ноҳияҳои шимоли ғарбии Помирро тартиб медиҳад. Вай соли 1927 таҳқиқоти навашро бо номи «Муғсу ва пиряхҳои он» нашр менамояд, ки дар он аз ҷумла менависад: «Саргаҳи пиряхи Мушкетов дар як доираи бузурги мураккабе воқеъ гаштааст, ки вай аз пайвастшавии қисмати шарқии қаторкӯҳи Пётри Кабир ва қаторкӯҳи Академия ташкил ёфтааст. Аз ҷануб ба ин қисмати кӯҳҳо дастаи шимолии пиряхи Гармо пайваст гардидааст». Ҳанӯз то интишори ин мақола вай шакли нави нақшаи худро тарҳрезӣ менамояд, ки дар он ба ҷои ба ҷойи пайвастагии қаторкӯҳҳо як қаторкӯҳи арзӣ (меридианӣ) ишора гардидааст, вай дар маҷлиси умумии шӯъбаи Осиёимиёнагии Ҷамъияти ҷуғро-

https://bikhon.tj

фии Россия (25.02.1927) пешниҳод менамояд, ки «Қаторкӯҳи Академия ба ифтихори Академияи Илмҳои СССР» номида шавад. Ин ном ба қаторкӯҳи Селтов тааллуқ дошт.

Дар ҷаласаи ботантана ба ифтихори 200-солагии ҷашни Академияи Илмҳо олими немис, муҳаққиқи кӯҳҳои Кавказ ва Помир профессори донишгоҳи Вена Вилям Рикмер-Рикмерс ҷиҳати таҳқиқоти ниҳоии кӯҳҳои Помир пешниҳод намуд, ки экспедитсияи якҷояи шӯравиву германӣ созмон дода шавад. Экспедитсия соли 1928 амалӣ гардонда шуд.

Ба ҳайати экспедитсия олимони машҳури шӯравӣ ва германӣ шомил буданд. Онҳо дар самти шимоли ғарбии Помир як қатор таҳқиқот гузаронда, қуллаи баландиаш 7495 метрро саҳван «қуллаи Гармо» мепиндоранд.

Соли оянда гурӯҳи Н. В. Криленко бори дигар ба суроғи қулла аз ҷониби ғарб машғӯл мешавад. Н. В. Крыленко мисли экспедитсияи гузашта боз ҳам дар саргаҳи пиряхи Гармо ба ҷустуҷуи қуллаи Гармо – – бюаландиаш 7495 м. машғул мешавад. Хулосаи хаёлии «асрори банди Гармо»-ро роҳбари экспедитсияи тоҷикистонии соли 1932 Н. П. Горбунов ҷамъбаст менамояд: «Дар маркази ин банд, дар нуқтаи бархӯрди қуллаи Пётри Кабир ва қаторкӯҳи Академияи Илмҳо қуллаи дастнораси баландтарини Иттиҳоди мо дар баландии аз сатҳи баҳр 7500 метр қад афрохтааст. Ин қулларо саҳван қуллаи Гармо пиндоштаанд. «

Отряди А. В. Москвин дар таркиби экспедитсияи тоҷикистонии соли 1932 дар пиряхҳои шохобҳои ҷанубии дарёи Муғсу, аз ҷумла дар пиряхи Фортамбек таҳқиқот мегузаронд. Таҳқиқоти отряди А. В. Москвин дар кашфиётҳои экспедитсияҳои шӯравӣ дар Помир мақоми хоса дорад.

Гурӯҳи Н. В. Криленко дар таҳқиқоти соли 1932 ба ду отряд ҷудо шуда буд. Ба отряди якум худи Н. В. Крыленко роҳбарӣ мекард, ки ба водии дарёи Гармо раҳсупор гардид ва ба отряди дуюм, ки отряди геологии шимолӣ номида

https://bikhon.tj

шуд, А. В. Москвин роҳбарӣ менамуд ва ҳадафи он таҳқиқи тамоми дараҳои соҳили чапи руди Муғсу ва таҳияи нақшаи геологии ин ноҳия буд. Майдони бузургеро, ки таҳқиқоташ ба дӯши отряди Москвин афтода буд, воқеан ҳам «доғи сафед»-и ҷуғрофие буд, ки дар бораи он ҳеҷ гуна маълумоте вуҷуд надошт. Яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти отряд муоинаи пиряхи Фортамбек буд. Аммо барои ба ин пирях расидан аз лиҳози бероҳӣ мушкилоти зиёде пеш меомад. Бо пешниҳоди сокинони деҳаи Депшар (дар матн Девсияр – – М. Ҳ.) отряд аз тариқи дараи Шеғозӣ ба роҳ баромаданд. Аъзои отряд топографҳо Ю. В. Валтер ва Траубе тамоми мавқеи мазкурро нақшакашӣ намуданд. Водиҳои Шеғазӣ, Тошлиқ, Иргат, Суғрон, бо пиряххои паҳлугии Бурс ва Шини-Бинӣ билкул мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Дар Суғрон муҳаққиқон бори аввал ба домани қаторкӯҳи Петри 1 пой гузоштанд ва шаҳомату бузургии Помир гӯё дар қуллаҳои ҳамешабарфи Суғрон мутамарказ гардида буд. Оё пешоҳангони ин ноҳия фикр доштанд, ки баъди чанд рӯз ба дили қаҳратуни Помир қадам хоҳанд гузошт? Баъди таҳқиқи Суғрон отряд ба ду қисм ҷудо шуда, як қисми он барои ба пиряхи Фортамбек расидан аз дараи пиряхи Мушкетов ва Аю Ҷилга роҳ мегирад. Қисмати асосии отряд, дараҳои Иргай ва Ходурширо таҳқиқ намуда, 19 сентябр ба водии дарёи Фортамбек, ба резишгоҳи вай ба дарёи Муғсу мерасанд. Онҳо ба воситаи як ду ғуллачӯбе, ки солҳо пеш сокинони деҳоти поён ба ҷои пул гузошта ва ҳоло он ғуллачӯбҳо фарсудаву бекувват шуда буданд, бо мушкилоти зиёд гузашта, пиряхи Фортамбек ва мавзеъҳои гирду атрофи онро таҳқиқ намуда буданд. Аъзои отряд дар бораи шукӯҳу шаҳомати манзараҳои ин гӯша бо ҳайрату ифтихор сухан гуфтаанд. Соли 1933 соли баанҷомрасии корҳои экспедитсияи Помир – – Фортамбек ва марҳалаи муҳими таърихии алпинистии шӯравӣ ба шумор мерафт. 3. 09. 1933 ҳокими Помир – – қуллае ки ҳоло Коммунизм (Исмоили Сомонӣ – –

https://bikhon.tj

М. Ҳ.) ном дорад, фатҳ карда шуд. Роҳ ба сӯи ин қулла аз ҷониби шарқӣ гузошта шуд. Як қисми самти ҳаракат, аз баландии 7300 м. бо ҳавзаи Фортамбек ҳамҳудуд буд.

3. 09. 1933 дар рӯйдодҳои отряди № 33 экспедитсияи Помирӣ-Тоҷикистонӣ, ки вазифааш баромадан ба баландии «7495» буд, воқеаи муҳимтаринеро ба вуҷуд овард. Сарфи назар аз вуҷуд надоштани таҷрибаи баромадан ба ин қулла, номусоидии боду ҳаво, танқисии техникӣ ва ғайра куҳнавардон ин қуллаи баландтарини кишварро фатҳ намуданд. Чанде аз куҳнавардон дар баландиҳои гуногуни роҳи қулла ҳаракати худро идома дода натавониста пас гаштанд. Куҳнавард Николаев ва борбардор Ҷамбай Ирал ҳалок шуданд. Ба қулла танҳо ду нафар куҳнаварди ҷавон Евгений Абалаков ва роҳбари отряд Николай Петрович Горбунов баромаданд. Муаллиф ин лаҳзаи кашфи қулларо чунин тасвир намудааст:

«Дар пеш дусад метри охирин. Горбунов тамоман бемадор мешавад. Вай қувваи охиринашро ба кор даровардан мешавад, аммо танҳо даҳ қадам пеш рафта метавонаду халос. Вай болои барф нишаста, ба Абалаков, ки пештар ҳаракат мекард, бо азоб ишора мекунад. Вай чанд дақиқа дудила мешавад: Баргардем? Қулла чӣ? – – Мана вай тамоман дар наздикист!. . ва рафиқи дар болои барф беҳолшуда... Аммо Горбунов боз бо даст ишора мекунад: Рав, пеш рав! Ва Абалаков ба сӯи қулла боз қадам мегузорад. Қабати сахтшудаи болои барф дар зери қадамҳои ӯ мешиканад. Абалаков қадамҳояшро тезтар мекунад, вале якбора дар ҷояш меистад, таъсири баландӣ ба чаккаҳояш мезанад, нафасаш мегирад. Вале ӯ боз қадам мегузорад ва боз, ин кӯталро гӯё ҳеҷ охир нест... Инак тахтасанги сахра. Наход ба қулла расидааст ӯ? Абалаков рӯи сангҳои андаке гарми муъҷизаосо дароз мекашад. Помир – – кишвари кӯҳҳо, пиряхҳо ва афсонаҳо зери қадами ӯст, зери қудуми инсонест, ки бори аввал ба баландтарин қуллаи Помир боло шудааст!»

https://bikhon.tj

РУСТАМИ ДАСТОН ВА МЕҲАНИ Ӯ[1]

Тавре дар аксар мақолаҳои ин муаллиф зикр гардидааст, рӯйдодҳои «Шоҳнома» ба ду бахш тақсим мешаванд, ки бахши аввал аз Каюмарс то подшоҳии Ҳумой – духтари Баҳман – набераи Исфандиёр ва бахши дуюм аз саргузашт ва подшоҳии Дороб то Яздигирдро фаро гирифтааст. Мутобиқи пажӯҳиши мо рӯйдодҳои қисмати якуми «Шоҳнома» дар минтақаҳои шарқи Осиёи Миёна – сарзаминҳои кунунии Тоҷикистону минтақаҳои ҳамҳудуди он ва қисмати дуюми он дар сарзаминҳои кунунии Эрон ва минтақаҳои ҳамҷавораш ба вуқӯъ пайвастаанд. То кунун баррасӣ нагаштани рӯйдодҳои ин шоҳасар аз чунин дидгоҳ имкон надодааст, ки воқеияти таърихии, махсусан, қисмати аввали «Шоҳнома» ошкор карда шавад. Дар он шумор воқеияти шахси таърихӣ будани Рустами Дастон низ аз назарҳо дур монд. Танҳо ошкор гардидани мавқеияти ҷуғрофии аслии рӯйдодҳои қисмати аввали «Шоҳнома» имкон медиҳад, ки Рустами Дастон ва бисёр шахсиятҳову кишварҳои ин минтақа дар бомдоди таърих аз коми афсонаву асотир раҳо карда шаванд. Масъаларо он чиз мушкил намуд, ки аксари номҳои кишварҳои дар шарқи Осиёи Миёна мавҷудбуда дуввумбора дар минтақаҳои баъдимуҳоҷиратии ориёиҳо – Эрони кунунӣ ва атрофи он номгузорӣ гардида, мавқеияти аввалаи онҳо аз ёдҳо фаромӯш гардид.

Яке аз он кишварҳои қисмати аввали «Шоҳнома» Зобул – Систон – Ҳирманд ном дошт, ки зодгоҳу ҷойгоҳи Рустами Дастони таърихӣ буд. Дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» номи қитъа-ҷазираи Ҷамбуи ориёиҳиндӣ Помири кунунӣ бо таҳаввулоти овозии Замбу-Замбул (Замбул-инг)-Зомбул ба шакли Зобул баргашт ва Зобули нахустини таърихӣ, ки дар

[1] Баъзе бахшҳои ин рисола дар бобҳои «Зобул», «Систон», «Ҳирманд» ва ғайра зикр шудаанд, аммо ба хотири пуррагии манзараи зиндагии Рустам такрори онҳоро ҷиз донистем. (Муалиф)

https://bikhon.tj

рӯйдодҳои «Шоҳнома» иштирок дорад, ҳамин минтақа буд. Систон ва Ҳирманд низ дар нисбати Помир ва Нимрӯз дар нисбати мулкҳои қад-қади дарёи Панҷ аз Бадахшон то ҳудудҳои Хатлону Тирмиз низ истифода шудааст. Дар «Шоҳнома» аксаран Зобул – Систон – Нимрӯз ва Ҳирманд дар нисбати як мавқеияти ҷуғрофӣ ифода гардидаанд.

Аксар донишмандон иддао доранд, ки Систон ихтисоршудаи Сакастон будааст, ки аз решаи сака-соко таркиб ёфтааст. Вале ин назар ба воқеияти таърихӣ чандон дуруст намеояд. Зеро дар замони худ ҷазира-қитъаи Ҷамбу (Зобул) ва ҷазира-қитъаи Сакала ду сарзамини алоҳида буданд. Тибқи қоидаи тақсимоти ҳудудии ҷазираҳои ориёҳиндӣ мавҷудияти номи марбут ба сокоиҳо дар дохили дигар ҷазираҳо, аз ҷумла ҷазираи Ҷамбу имконнопазир аст. Хусусан дар замони Рустам, ки Зобул марбути сарзаминҳои эронӣ ва Сақлоб (кишвари сокоиҳо) марбути сарзаминҳои туронӣ буд. Дигар ин ки дар «Шоҳнома» ва дигар асарҳои марбути даврони рӯйдодҳои «Шоҳнома» ифодаи Сакастон дида намешавад. Тибқи назари баъзе донишмандон тоифаҳои сокоӣ дар асрҳои 2 то солшуморӣ дар минтақаҳои кунунии Систон сокин шуда, онро Сакастон номида буданд. Агар чунин аст, пас Систон ва Сакастон дар асл ду номи кишварҳои алоҳида буда, Систон на ихтисоршудаи Сакастон, балки номи алоҳида будааст. Далели ин гуфта боз он аст, дар Бадахшон, яъне Зобули таърихи маҳалле бо номи Сист вуҷуд дорад, ки бешак Систон аз ҳамин ном шакл гирифтаааст. Агар чизе мушобеҳи номи Сакастон вуҷуд дошта бошад, ин Саукавастон аст, ки қисмати шарқии водии Олойро фаро гирифта, ба Сакастон иртибот надорад.

Далели дигаре иртиботи Ҷамшед ба Систон ва Нимрӯз он аст, ки баъди муҳоҷирати ориёиҳо, сокинони Систон, ки ин ном дар қисмати шарқии Эрони кунунӣ дубора номгузорӣ шуда буд, то замонҳои мо худро ҷамшедӣ меномиданд. Хаников гуфтааст, ки «Тавре ривоёти ҷамшедиҳо ҳокист, онҳо

https://bikhon.tj

Систонро дар замони Кайониҳо, яъне то аз ин сарзамин рафтани зуриҳо тарк карда будаанд, аммо аз умумияти қавмӣ бо онҳо ҳанӯз ҳам огоҳӣ доранд. Ҷамшедиҳо тоҷиконро сокинони аслии ин сарзамин мешуморанд, ки онҳо соҳибони мулкҳое мебошанд, ки ҳоло ҷамшедиҳо дар он сукунат доранд». Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки систониҳо ҳарчанд муҳоҷират ва Систони нахустинро аз ёд бурда бошанд, ҳам муносибати қавмии худро бо Ҷамшед то кунун дар ёд доштаанд. Номи қавми дигари ин минтақа «зӯрӣ»-ҳо низ, ба гумони ин муаллиф, аз номи тоифаи ориёҳиндӣ «сур»-ҳо (муқобилони «асур»-ҳо) баргашт шуда, аз қадимият ва мансубияти минтақавӣ-осиёимиёнагии ин номҳо дарак медиҳад.

Систон дар адабиёти «Авесто»-ӣ зиёд мавриди ёдоварӣ қарор гирифтааст. Ин ёдовариҳо ҳангоми таъйини номҳои кӯҳу дарёҳо бештар ба назар расидааст. Қабл аз он ки дар ин боб сухан равад, бояд зикр кард, ки ориёириониҳо ҳангоми муҳоҷират аз нахустмеҳанашон ба минтақаҳои кунунии Афғонистон, Эрон ва Озарбойҷон ва минтақаҳои ҳамҷавор «Авесто», «Бундаҳишн», «Ёдгори Зарирон» ва дигар адабиёти, ба истилоҳ, «Авесто»-иро низ ҳамроҳ ба худ ба он манотиқ бурданд. Нахустмеҳани онҳо аз ҷониби турониён – мухолифони ашаддии ойини зардуштӣ тасаллут шуд. Турониён номҳои муқаддаси марбут ба ойини зардуштиро дар қаламрави тасаллутнамудаашон бо номҳои дигар иваз намуданд. Ҳамин тариқ, оҳиста-оҳиста дар ин минтақаҳо номҳои ҷуғрофии дар «Авесто» ва дигар адабиёти марбути ойини зардуштӣ зикршуда фаромӯш шуд. Сарзамини аслӣ ва нахустмеҳани ориёириониҳо бо номи кишварҳои Турон муаррифӣ шуд. Вале дар ёди мардум инҷову он ҷо номи рӯде ё кӯҳе ба шакли асл боқӣ монд.

Ҳангоме Доро ойини зардуштиро дубора дар нахустмеҳани ориёириониҳо ва минтақаҳои бештари ҳамҷавори он, яъне Осиёи Миёна густариш дод, тамоми шонздаҳ сарзами-

https://bikhon.tj

ни дар «Авесто» зикршуда, ҳамчунин Аирйана Ваеҷа, кӯҳи Ҳара Баразайт, дарёи Ворукаша ва дигар кӯҳу дарёҳо, ҳафт кишвар, аз ҷумла Хуросон ва дигар номҳо, ки ҳама дар миёнаи рудҳои Сир ва Ому воқеъ буданд, аз ёдҳо рафта, он мавқеиятҳо бо номи сарзамини Турон муаррифӣ шуданд. Инак тақрибан се ҳазор сол аст, ки меҳани аслии «Авесто»-ӣ аз ёд рафта, роҷеъ ба вуҷудияти он ҳамагӣ якчанд ишораҳои умумӣ вуҷуд дораду халос.

Ва аммо баъди фосилаи тӯлонии номуайянӣ, пас аз муҳоҷирати ориёириониҳо ба минтақаҳои нав ойини зардуштӣ дубора ойини шоҳӣ-давлатӣ гардид ва, хусусан, Доро онро дар минтақаҳои васеътаре густариш дод. Ва аз даврони Доро ба баъд шоҳон, хусусан шоҳони сосонӣ аз муғону мубадон тақозо менамуданд, ки айниятҳои номҳои дар «Авесто» ва дигар адабиёти «Авесто»-ӣ зикргардидаро барояшон муайян намоянд. Ҳамин чиз буд, ки ҳар кӯҳу дарёе, ки агар ба ҷуғрофияи «Авесто», «Бундаҳишн» ва ғайра андаке шабеҳият дошт, ба номҳои «Авесто»-ӣ айният дода шуд. Ҷуғрофияи борабту низоми «Авесто» ва «Бундаҳишн» дар сарзаминҳои кунунии Ирону Афғонистон, Озарбойҷон ва баъзе кишварҳои ҳамҷавор пароканда гардид. Ва баъдҳо чун маълум шуд, ки чунин айниятдиҳиҳо бо «Авесто»-ву «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти таърихии ориёинонӣ мувофиқат намекунанд, ба ин китобҳо чанде таҳрирот низ ворид гардид. Ҳамин тариқ, дар китобҳои мазкур роҷеъ ба ҷуғрофияи сукунатгоҳи ориёириониҳо тасвироти ғайриаслие ба вуҷуд омад.

Баъди муҳоҷирати ориёириониҳо даҳҳо номҳои минтақаҳои томуҳоҷиратӣ дар минтақаҳои баъдимуҳоҷиратӣ дубора номгузорӣ гардидаанд. Ҳамин тариқ, сарзаминҳои Зобул-Систон-Нимрӯз-Ҳирманд низ аслан дар як минтақа – минтақаи соҳилҳои руди кунуни Панҷ, хоса Бадахшон воқеъ буданд, вале баъди муҳоҷират дар ҳудудҳои кунунии Афғонистон ва Эрон ба ҳар яке аз ин номҳо минтақаи алоҳидае номгузорӣ гардид.

https://bikhon.tj

Дар «Авесто» Ҳирманди сарзамини ёздаҳумин номида шуда дар Систон гуфта шудааст. Дар «Бундаҳшин» яке аз рудҳои ин сарзамин Заренумантӣ номида шудааст, ки маънои он – Заренумаитӣ – Заренумант (Зарманд) – дорои зар аст.

Дар адабиёти гуногуни марбут ба рӯйдодҳои даврони «Авесто» мушоҳида мегардад, хусусан, дар «Шоҳнома» Зобул – Систон – Нимрӯз ва Ҳирманд ҳамчун як мавқеияти ҷуғрофӣ ифода гардидаанд.

Тавре зикр гардид, дар «Бундаҳишн» мавқеияти Ҳирманд дар Систон дониста шудааст. Ҳамин аст, ки аксари донишмандон ин сарзаминро бо Системи кунунӣ, воқеъ дар ҷануби ғарбии Афғонистон яке донистаанд. Аммо тавре гуфта шуд, Системе, ки дар «Бундаҳишн» ва «Авесто» тасвир ёфтаанд, дар Бадахшони кунунӣ мавқеият дошта, баъди аз ин минтақа муҳоҷират намудани ориёиён номи маҳалҳо низ аксаран фаромӯш шуданд. Тавре ҳафриёти бостоншиносӣ собит намудааст, минтақаи мавриди назари мо аз даврони хеле қадим сукунатгоҳи инсон будааст. Дар ин бора муаллифони таърихҳои гуногуни Бадахшон борҳо маълумоти муфид пешниҳод намудаанд. «Маданияти неолити баъдӣ тавассути маводе, ки дар ҳудуди ноҳияи Яшилкӯл кашф гардидаанд, дастрас шудааст... Санаи эҳтимолии он – ҳазораи 3 то солшуморӣ мебошад».[1]

Ҳоло дар Системи кунунӣ кӯле ё дарёчае бо номи Ҳомун вуҷуд дорад, ки аксари кулли пажӯҳишгарон онро бо Ҳомун ва ё Киёниса айни ҳам донистаанд. Вале нишониҳои Ҳомуни кунунии воқеъ дар ҷануби ғарбии Афғонистон ба Ҳомуни дар «Авесто» тасвирёфта ва ҳашт руде, ки ба он мерезанд, мувофиқат намекунанд.

Таҳлилу муқоисаи рӯйдодҳои адабиёти ориёӣ, аз ҷумла «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва ғайра собит мена-

[1] Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». Душанбе, 2005, с.56.

https://bikhon.tj

мояд, ки сарзамини Ҳирманд дар Бадахшони кунунӣ дар поёноби руди Аличур воқеъ буда, руди Ҳирманд руди Аличур будааст. Ҳамчунин тавре дар боби кӯли Киёнса зикр шудааст, кӯли Ҳомун ин кӯли кунунии Яшилкӯл аст, ки номи дигари он дар байни мардуми таҳҷоӣ Суман мебошад. Тибқи қоидаи баргашти овоӣ Суман ба Ҳуман – Ҳомун баргашт намудааст. Ҳафт руди дигаре, ки ба Ҳомун (Суман – Яшилкӯл) мерезанд, имрӯз низ вуҷуд дошта, мутаассифона, номҳояшон дастрас нагардид. Эҳтимол номҳои пешини онҳо фаромӯш шуда бошанд.

Дар адабиёти ориёҳиндӣ ва ҷайнӣ кӯли Сауманас (Суман – Яшилкӯл – М.Ҳ.) зикр шудааст. Ва тавре аз баррасии баъзе номҳо ва ҳолатҳои дигар маълум мегардад, номи кӯли Ҳомун бо баргашт ва ихтисори овозҳо ба шакли Ому баргашааст. Дар аҳди қадим номи Ому ба қисматҳои миёнаи руди Панҷ низ нуфуз дошт. Вале назари мо он аст, ки Ому ихтисоршудаи Ҳомун (Ҳомун-Омун-Ому) будааст. Дар Фарҳанги Онандраҷ, фарҳанги Нафисӣ, «Фарҳанги анҷумонорои Носирӣ» ва дигар фарҳангҳо номи ин руд ба шакли «Омун» зикр шудааст. Мувофиқи навиштаҳои адабиёти «авесто»-ӣ ва бисёр муҳаққиқон Нимрӯз ҷойгоҳи зуҳури кайониёни нахустин будааст.

Дар «Шоҳнома» Ҳирманд ҳамчун руде номбар карда шуда, ки дар муносибат бо Рустам, Зол борҳо мавриди ёдоварӣ қарор гирифтааст:

Чу Рустам бирафт аз лаби Ҳирманд,
Пурандеша шуд номдори баланд.

Дар боби «Тохт кардани Шамосос ва Хазарвон ба Зобулистон» ҳуҷум аз сӯи Армон – Ирмон – Арман ба Зобулистон – Бадахшон сурат гирифтааст. Яъне Ҳирманд як қисмати сарзамини Зобулистон ва ё Нимрӯз аст:

https://bikhon.tj

Сипоҳе, ки аз шаҳри Армон шуданд,
Ба кина сӯи Зобулистон шуданд.
Бирафтанд бедор то Ҳирманд
Або теғу бо гурзу бахти баланд.
Зи баҳри падар Зол бо сӯгу дард,
Ба Гӯроба – андар ҳаме дахма кард.

Тавре қаблан зикр гардид, ориёҳиндуҳо минтақаи Шимол – Уттараро дар муқобили ҷануб (Нимрӯз) сарзамини эзадӣ, саодат ва биҳиштӣ қаламдод намуда, баръакс сарзаминҳои ҷанубро ҳамчун сарзамини ғайрихудоён тасвир менамуданд. Аммо дар замони ойини зардуштӣ сарзаминҳои Шимол – Апохтар (Уттара) сарзаминҳои аҳриманӣ ва куноми девон хонда шуда, Нимрӯз мавриди ситоишу ниёиш қарор гирифт. Дар шарҳи «Авесто» Ҷалили Дӯстхоҳ гуфтааст: Дар асотири Ирон Нимрӯз (Ҷануб) ҷои фурӯғу фирдавси изадӣ аст. («Авесто» с.355) Яке аз яштҳои «Авесто» Зомяшт (Яшти 19) ба қавли Ҳашими Разӣ ба сарзаминҳои Нимрӯз бахшида шудааст. «Зом-Зам-Замин. Онро аз номи эзади Зомёд низ гуфтаанд. Онро Каёняшт низ номанд ва он ба муносибати фарри каёнист ва дар дар бораи он сухан бисёр рафтааст. (Зомяшт – яшти 19) Ҳашими Разӣ гӯяд: «Ҳудуди ҷуғрофии яшт дар шарқ қарор дорад. Дар яшт аз дарёчаи Кансаой ё Ҳомун, ки руди Ҳайтумант ё Ҳирманд дар он мерезад, сухан рафтааст. Сарзаминҳои атрофи ин дарёча хеле муқаддас будаанд. Нутфаи Зардушт дар ин дарё нигоҳдорӣ мешудааст, 99999 фравашҳо онро нигоҳбонӣ мекунанд. Ин яшт нишон медиҳад, ки ойини зардуштӣ дар ин минтақа бисёр нуфуз дошта будааст». Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: «Дар бораи ин се писари Зардушт, ки Ушедар, Ушедармоҳ ва Саошйантанд, гӯяд, ки пеш аз он ки Зардушт ҷуфте ёбад, он гоҳ ишон (эзадон) фарраи Зардуштро андар дарёчаи Кайёнсия барои нигоҳдорӣ ба Обонфарра, ки изади Ноҳид аст, супурданд. Акнун низ гӯянд, ки се чароғ андар

https://bikhon.tj

буни дарё бидурахшад, ба шаб (онҳоро) ҳамебинанд. Яке-яке эшонро замони худ расад, чунин шавад, ки канизаке барои сар шустан ба-д-он оби Киёнисйа шавад ва ӯро Фарра андар тан омезад, обистан шавад. Эшон яке-яке ба замони худ чунин зода шаванд». («Бундаҳишн» саҳ. 655) Се дӯшиза гӯё аз нутфаи Зардушт бордор мешудаанд, ки номашон Ередат Федрӣ, Шрутан Федрӣ ва Ваегҳудрӣ будаанд. Аз он ҷиҳат, ки 99999 фравашҳо дарёи Ворукашро нигоҳбонӣ мекунанд, гумон меравад, ки нутфаи Зардушт низ дар нахуст дар дарёи Ворукаша, дар сарзамини Ориёвиҷа нигоҳдорӣ мешуд. «Ба-д-ин сон бояд ба-д-ин андеша буд, ки дар оғоз нутфаи Зардушт дар оғоз дар дарёчаи Ворукаша дар сарзамини Ориёвиҷ ба василаи фравашҳо нигоҳбонӣ мешуда, аммо ҳангоме ки дини зардуштӣ дар перомуни дарёчаи Ҳомун, ки руди Ҳирманд ба-д-он мерезад ва ин хварна дар он ҷой шоеъ буда, ки зери нуфузи бисёр тунди ойини Меҳр қарор доштааст, шоеъ мешавад. Гаравандагони тоза ҷиҳати ибрози алоқаи тақдиси сарзамини худ дар яшти 19 маҳали нигоҳбонии нутфаи Зардуштро аз дарёчаи Ворукаша ба дарёчаи Кансаойа – Ҳомун мунтақил мекунанд. Дар оғози яшт кӯҳи Ушедара ситоиш ёфтааст». («Авесто», Ҳашим Разӣ)

Нимрӯз дар «Авесто» сарзамини хосаи эзадӣ ва хостаи Зардушт будааст. Шояд ҳамин чиз аст, ки нутфаи ӯ, ки дар як шохаи дарёи Варокуша – Вахш дар Иронвиҷ нигоҳбонӣ мешуд, ба шохаи дигари Ворукуша – Ҳомун (Суман – Яшилкӯл) интиқол дода шуд. Инак мебинем, ки дар ин мавқеият имкони интиқоли нутфаи Зардушт аз Иронвиҷ ба Нимрӯз аз роҳи обӣ вуҷуд дорад. Дар ҳоле, ки чунин амал дар Нимрӯз ва ё Систони кунунӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ба хотири хосагии сарзамини Нимрӯз аст, ки писаре, ки аз нутфаи Зардушт дар ин сарзамин ба дунё меояд, бадиро аз байн бурда, некиро пирӯз мегардонад.

Худ аз худ равшан аст, ки зери мафҳуми ҷануб ё Нимрӯз

https://bikhon.tj

бояд як минтақаи калоне бо нишониҳои махсус ва ё ҳудудҳои муайяни ҷуғрофӣ дар назар бошад. Аммо Нимрӯзи Афғонистони кунунӣ аз чунин нишониву аломатҳо орист. Баръакс Нимрӯзи аслӣ ва аввалӣ – минтақаи соҳилҳои руди Панҷ ҳанӯз дар замони томуҳоҷиратии ориёҳиндуҳо дар нисбати Уттара – Шимол – водии Фарғона Дакшина – Ҷануб – Нимрӯз дониста мешуд.

Ду номи дигари машҳури «Авесто»-ӣ – кӯҳи Ҳара Баразайт ва дарёи Ворукаша низ, ки дар иртибот ба Нимрӯз борҳо ёд шудааст. Дар «Гузидаҳои Зодспарам» омадааст: «Фарохкард дар сӯи Нимрӯз (самти ҷануб)-и Албурз қарор дорад ва Пуидик ҳаммарзи он аст» («Авесто» с. 689.)

Дар адабиёти «Авесто»-ӣ дарёи Фарохкарт – Ворукаша, ки дарёи Панҷ қисмате аз он аст, қуллаи кӯҳи Албуруз – қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ бо минтақаи Нимрӯз дар ҳамҷаворӣ тасвир ёфтаанд, ки чунин тасвирот ба минтақаи мавриди таҳқиқи мо мувофиқ меояд. Дар ин бора дар «Бундаҳишн» омадааст: **«Дар дин гӯяд, ки дарёи Фарохкард ба ноҳияти Нимрӯз канораи Албурз аст, ки як саввуми ин заминро дар бар дорад…»**

Мувофиқи навиштаҳои адабиёти «Авесто»-ӣ ва бисёр муҳаққиқон Нимрӯз ҷойгоҳи зуҳури кайониёни нахустин будааст. Дар китоби «История таджикского народа» (с. 242) дар ин боб омадааст: «Нисбати зуҳури кавиҳои нахустин дар «Авесто» шаҳодати мустақим оварда шудааст: Онҳо аз он минтақае зуҳур намудаанд, ки дар он ҷо дарёчаи Каёнса воқеъ гаштааст…»

Дар «Шоҳнома» Зобул, Систон, Нимрӯз, ҳамчунин Ҳирманд бо имтиёз ва маънои баробар, нисбати як минтақа истифода шудаанд. Ба қавли аксари донишмандони бахши ориёшиносӣ ҳама қиссаву ривоятҳои марбут ба таърихи ориёиҳо, аз ҷумла «Шоҳнома» эҷоди қавму қабилаҳои Помир ва минтақаҳои атрофи он буданд. Ин воқеият ҳангоми мутолиаи қисмати аввали «Шоҳнома» аз оғоз то подшоҳии

https://bikhon.tj

Баҳман ва Ҳумой баръало зоҳир мегардад. Зобул, Систон, Нимрӯз, ҳамчунин Ҳирманд дар қисмати аввали «Шоҳнома» даҳҳо маротиба истифода шуда, ҷойгоҳи бисёр рӯйдодҳои муҳим будаанд. Ин номҳо дар қисмати дуввуми «Шоҳнома», ки давраи баъдимуҳоҷиратиро фаро мегирад, билкул (ба истиснои ду-се дафъа) аз истифода мондаанд.

Ориёириониҳо ба минтақаҳои кунунии Афғонистон, Ирон, Озарбойҷон, Туркманистон, Хоразм муҳоҷират карда, ба зудӣ ба дарбор ё ҳукумати он кишварҳо роҳ ёфта наметавонистанд. Шояд барои амалӣ шудани чунин ҳол даҳсолаҳову садсолаҳо лозим буд... Ҳамчунин барои он ки номҳои ҷуғрофии меҳани аслӣ дубора дар минтақаҳои баъдимуҳоҷиратӣ номгузорӣ шуда, он шаҳрҳо обод гарданд, фурсатҳои зиёд лозим буд…

Мавқеияти ҷуғрофии аслии номҳои ориёӣ оҳиста-оҳиста аз ёдҳо фаромӯш мешуд. Вақте Балхи баъдимуҳоҷиратӣ дар асри V то солшуморӣ бунёд ва номгузорӣ гардид, шояд мавқеияти аслии он шаҳр мисли аксари дигар номҳои маҳалҳои томуҳоҷиратӣ фаромӯш шуда буд. Албатта, мавқеияти номгузориҳои дуввум аксаран тасодуфӣ ва бо назардошти ҷойгиршавии тахминии номҳои ҷуғрофии нахустин ба амал меомад. Баъзе номҳои маҳалле, ки дар қисмати ҷанубии ғарбии Ориёно ҷой доштанд, дар қисмати шарқии Эрони баъдӣ ва баъзе номҳо баръакс, дар дигар самт номгузорӣ гардиданд. Ҷуғрофия ё харитаи номҳои минтақаҳои баъдимуҳоҷиратӣ ба харитаи номҳои томуҳоҷиратӣ мувофиқат намекард. Баъди гузашти шояд чанд садсола баъзе муғону мубадон ба мақсади «ислоҳи» чунин «номувофиқӣ» ба «Авесто» ва дигар адабиёти марбут ба он таҳрирот ворид намуданд. Вале чунин таҳрирот низ воқеияти ҷуғрофии адабиёти «Авесто»-иро дар сарзаминҳои баъдимуҳоҷиратӣ пурра таҷассум карда наметавонист. Ҳамин ҳол сабаб шуд, ки аксаран кишварҳои воқеиро, ки дар минтақаҳои баъдимуҳоҷиратӣ вуҷуд доштанд, «ки-

https://bikhon.tj

шварҳои ривоятӣ», «афсонавӣ» ва ғайра қаламдод намоянд.

Чанде аз муҳаққиқини ҷуғрофияи ориёириониҳо як қисмати маҳдуди болооби байни дарёҳои Сир ва Панҷро ба ҷуғрофияи сартосари Осиё кашида, воқеияти ориёириониро боз ҳам печ дар печ карданд. Чунин печдарпечӣ ва мубҳамиҳо на танҳо ҷуғрофияи ориёиро ба коми асотиру ривоят ҳавола намуд, балки чанде аз шахсони воқеии таърихии ориёиро низ ба ҳамин ҳол гирифтор кард. Яке аз онҳо Рустам аст.

Рустами Дастон – бузургтарин қаҳрамони шукӯҳманд, появу девори марзбум ва ҳувияти ориёист, ки агар басо душманон ва девону ҷодувонро аз пой афканда буд, баъдҳо аждаҳои устура ӯро ба коми худ фурӯ бурд. Пури Дастон бар ҳама душманону бадхоҳонаш ва ҳама ононе, ки шарофату шаҳомати ориёиро заррае костан мехостанд, мубориза кард ва ҳамеша дастболо шуд. Ҷисми ӯро агар бародари ноҷавонмардаш Шағод ба чоҳи пур аз найзаву шамшер афканд, баъдҳо қаламбадастоне шағодона номашро ба чоҳи сиёҳи бетаги афсонаву устура афкандаанд.

Нахустин шахсе, ки бар дифои воқеияти таърихии Рустам қотеъона бар ҷой истод ва барои чунин амалаш ҳаёти худро дар хатару саргардониҳои зиёде гузошт, Ҳаким Фирдавсӣ буд. Фирдавсӣ на танҳо бузургтарин худованди сухан, балки бузургтарин донишманд ва муҳаққиқи таърихи ориёиҳо низ буд. Бешубҳа, ӯ барои эҷоди «Шоҳнома» даҳҳо маъхазу сарчашмаҳоро омӯхта, тамоми нақлу достонҳои дар замонаш вуҷуддоштаро баррасӣ намуда буд. Дар «Таърихи Систон» омадааст: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Булқосим Фирдавсӣ ба шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳамебархонд. Маҳмуд гуфт: – Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст. Булқосим гуфт: – Зиндагонии ху-

https://bikhon.tj

дованд дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки худои таоло хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид. Ин бигуфт ва замин бӯса кард ва бирафт. Малик Маҳмуд вазирро гуфт: – Ин мардак маро ба таъриз дурӯғзан хонд. Вазираш гуфт: – Бибояд кушт. Ҳарчанд талаб карданд, наёфтанд. Чун бигуфт, ранҷи хеш зоеъ кард ва бирафт. Ҳеҷ ато наёфта, то ба ғурбат фармон ёфта».

Агар Фирдавсӣ ба воқеияти таърихии Рустам амиқан бовар намедошт, барои ҳимояти шахсияти ӯ чунин ҷони худро дар хатар намегузошт. Бовари Фирдавсӣ ба воқеияти шахсияти Рустам ҳамчунин дар самимияту муҳаббати Фирдавсӣ ҳангоми тасвири образи Таҳамтан зоҳир мегардад. Чунин самимияту муҳаббат ва чунин эҳтирому арҷро Ҳаким Фирдавсӣ ҳаргиз нисори шахсияти бофтаву хаёлӣ карда наметавонист. Таъкиди Ҳаким Фирдавсӣ:

Ту инро дурӯғу фасона махон,
Ба як сон равиш дар замона мадон,

бар воқеияти шахсияти Рустам низ мансубият мегирад. Воқеияти шахсияти Рустам ҳангоми баррасии рӯйдодҳои «Шоҳнома» бештар зоҳир мегардад. Тавре қаблан зикр гардид, Ҳаким Фирдавсӣ ҳангоми эҷоди «Шоҳнома» аз маводе истифода намудааст, ки шояд дар замони ӯ вуҷуд дошта, баъдҳо аз байн рафтаанд.

Сухан гуфта шуд, гуфтанӣ ҳам намонд,
Ман аз гуфта хоҳам яке бо ту ронд.
Сухан ҳар чи гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳама рӯфтаанд.
Ту инро дурӯғу фасона махон,
Ба як сон равиш дар замона мадон,

https://bikhon.tj

Аз ӯ ҳарчӣ андар хурад бо хирад,
Дигар бо раҳи рамз маънӣ барад.
Яке нома буд, аз гаҳи бостон,
Фаровон ба-д-ӯ андарун достон…
Пажуҳандаи рӯзгори нахуст
Гузашта суханҳо ҳама бозҷуст.
Зи ҳар кишваре мӯбаде солхвард,
Биёвард, к-ин номаро гирд кард.

Баъд Дақиқӣ «Ба назм орам ин номаро –гуфт, – ман», вале «Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд». Ва аз Ҳаким Фирдавсӣ як дӯсташ хоҳиш мекунад, ки:

Набишта ман ин номаи паҳлавӣ,
Ба пеши ту орам, магар нағнавӣ.
Ту ин номаи хусравон боз гӯй,
Ба-д-ин ҷӯй назди меҳон обрӯй.

Ва Ҳаким Фирдавсӣ аз қавли «Пажӯҳандаи номаи бостон» «Шоҳнома»-ро ба назм даровардааст. Ҳоло, албатта, гуфтан душвор аст, ки агар Дақиқӣ «Шоҳнома»-ашро ба итмом мерасонд, он чи гуна буд, вале бо итминон гуфтан мумкин аст, ки аксари рӯйдодҳои он низ ҳамон гуна мебуд, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» овардааст. Зеро ҳар ду муаллиф дар замони худ аз «достонҳои куҳан» қариб як хел мавод дар даст доштанд. Аммо Ҳаким Фирдавсӣ на танҳо баназмдароварандаи достонҳои насрии «Шоҳнома» буд, балки муҳаққиқи таъриху ҷуғрофияи ориёниҳо, аз ҷумла муҳаққиқи зиндагиномаи Рустам ва аҷдоди ӯ будааст. Ӯ борҳо ба шарқи Хуросон ва дигар минтақаҳо сафар карда, бо шахсиятҳое, ки дар бораи Рустам қиссаву достоне дар даст доштанд ва ё дар бораи ӯ чизе медонистанд, мулоқот намуда будааст. Озодсарви марвӣ низ яке аз чунин шахсиятҳо будааст.

https://bikhon.tj

Яке пир буд, номаш Озодсарв,
Ки бо Аҳмади Саҳл будӣ ба Марв.
Куҷо номаи Хусравон доштӣ,
Тану пайкари паҳлавон доштӣ.
Диле пур зи дониш, саре пур сухан,
Забон пур зи гуфторҳои куҳан.
Ба Соми Наримон кашидаш нажод,
Басе доштӣ разми Рустам ба ёд.
Бигӯям сухан, он чи з-ӯ ёфтам,
Суханро як андар дигар бофтам.

Ҳаким Фирдавсӣ ба пири Озодсарв ва ба нажоди Соми Наримон кашидани ӯ бовар дошт. Ҳар ки аз ҳувият ва табоеъи зотии шарқиён, хоса ориёиён ва хоса дар асрҳои 10 огоҳие мебарад, медонад, ки Озодсарв ва аҷдоди ӯ низ наметавонистанд, кашидани нажодашонро ба Соми Наримон ва Рустам худ бибофанд, агар он воқеияти аслӣ намедошт.

Дар як муколама бо Исфандиёр Рустам гуфтааст:

Ҷаҳондор донад, ки Дастони Сом
Бузург асту бо донишу некном.
Ҳам он Сом пури Наримон будаст,
Наримони гурд аз Каримон будаст.
Чунон то ба Гаршосп доранд зод,
Ба Ҷамшед оранд яксар нажод.

Дар ин банд нуктаи муҳим он аст, ки Рустам нажоди худро аз Ҷамшед гуфтааст. Инак дурустии он ки Йамуна шоҳ ва эзади адабиёти ориёҳиндӣ соҳиби мулкҳои ҷанубӣ – сарзаминҳои водии дарёи Панҷи кунунӣ ва шоҳ Ҷамшед – дар «Авесто» дар замони худ ба сӯи сарзаминҳои Нимрӯз, яъне минтақаи соҳилҳои руди Панҷи кунунӣ ҳаракат намуда будааст, собит мегардад. Номҳои Ҷамак, Йамчун, Дашти

https://bikhon.tj

Ҷам ва номи тоифаи ҷамшедӣ (дар Систони баъди муҳоҷиратӣ) низ ба таъйиди ҳамин андешаанд. Ба нажоди Ҷамшед кашидани Рустамро тасодуф ва ё эҷоди достоннависони баъдӣ гуфтан наметавон. Ин ҷо чанд далел пушти ҳам меояд, ки воқеияти аслӣ будани ин гуфтаро таъйид менамоянд. Ҳамчунин ин лаҳза на танҳо ба воқеияти Рустам, балки ба воқеияти шахсияти таърихӣ доштани Ҷамшед низ далолат менамояд. Ҳаким Фирдавсӣ низ аз номи худ дар ин мавзӯъ гуфтааст:

Або номдорони лашкар ба ҳам,
Ҷу Соми Наремону Гаршоспи Ҷам.

Тавре худи Ҳаким Фирдавсӣ изҳор доштааст, ӯ «Шоҳнома»-ро дар асоси як дастнависи куҳнаи насрӣ, ки дар миёни қиссаҳояш ҳеҷ гуна рабту пайванд вуҷуд надошт, эҷод намудааст. Аз ҳамин лиҳоз, худ шоир гусастагиҳои қиссаҳоро пайванд намудааст.

Яке нома дидам пур аз достон,
Суханҳои он пурманиш ростон.
Фасона куҳан буду мансур буд,
Табоеъ зи пайванди ӯ дур буд.
Набурдӣ ба пайванди ӯ кас гумон,
Пурандеша гашт ин дили шодмон.
Гузашта бар ӯ солиён ду ҳазор,
Гар эдун ки бартар наёяд шумор.
Гирифтам ба гӯянда бар офарин,
Ки пайвандро роҳ дод андарин.
Агарчи напайваст ҷуз андаке,
Зи базму зи разм аз ҳазорон яке.
Ҳам ӯ буд гӯяндаро роҳбар,
Ки шохе нишонид бар гоҳ бар.

https://bikhon.tj

Инак мебинем, ки он чи ки донишмандони таърихи ориёӣ дар мавриди замону зиндагии ориёиҳо ибрози назар кардаанд, ҳама дар доираи ин гуфтаи назари Ҳаким Фирдавсист. Дар замони Фирдавсӣ «гузашта бар ӯ солиён ду ҳазор», ки ин ҳамон охири ҳазораи П ва оғози ҳазораи 1 то солшуморист. Шоир ин санаро камаш ду ҳазор гуфтааст, ки имрӯз низ назари аксари олимон ҳамин аст.

Ҳаким Фирдавсӣ таъкид кардааст, ки аз достонҳои дар даст доштааш дар «Шоҳнома» «як пашиз» кам накардааст. Аз ин рӯ, агар ин ҷову он ҷо агар кандагие эҳсос гардад, шояд дар нусхаи асл ба ҳамон шакл омада будааст.

Гар аз достон як сухан кам будӣ,
Равони маро ҷои мотам будӣ.

Инак ин байт барои як ҳарф кам накардани достонҳои бостон савганди Ҳаким Фирдавсист.

Шояд барои муаллифи «Шоҳнома» низ аҷиб буд, ки ҷуғрофияи адабиёти марбут ба таърихи ориёиҳо ба ҷуғрофияи воқеии замони ӯ мувофиқат намекард. Ҳоло гуфтан душвор аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ аз нахустмеҳани ориёиҳо ва муҳоҷирати онҳо ба минтақаҳои баъдӣ огоҳӣ дошт ё не. Вале на Ҳаким Фирдавсӣ, на муғону мубадони замони сосониён манфиатдор набуданд, ки меҳани аслии ориёиҳоро дар кадом як минтақаи дури номаълуми ҳамсарҳади Чину Тибет муаррифӣ кунанд. Хоса, вақте ҳадафи аслии Ҳаким Фирдавсӣ эҷоди як шоҳасаре буд, ки шаҳомати таърихии шоҳон ва миллати ориёӣ ба риштаи назм бикашад. Барои нигорандаи «Шоҳнома» низ ҳангоми тасвирот ҷойгоҳи аслии Эрон ва Албурз маълум набуд. Мозандарон, ки бояд дар кадом ҷое аз кишвари тураниён воқеъ бошад, дар даврони Фирдавсӣ дар ҳудуди Форс қарор дошт ва ғайра. Ӯ ҷуғрофияи қиссаву ривоятҳои ориёиро, чи тавре, ки дар асл вуҷуд доштанд, нигоҳ доштааст, ҳарчанд ки дар баъзе лаҳзаҳо

https://bikhon.tj

тағйироти худро низ ворид намудааст. Дар бисёр лаҳзаҳои рӯйдодҳои марбут ба Рустам ва дигар рӯйдодҳо возеҳан айён мегардад, ки чунин лаҳзаро худ Фирдавсӣ эҷод карда наметавонист, дар онҳо нақши аслии қиссаҳо боқӣ мондааст. Чунин лаҳзаҳое, ки онҳоро ғайр аз минтақаи шарқи Осиёи Марказӣ дар дигар маҳал айният додан душвор аст, дар «Шоҳнома» зиёданд. Баъд дар мавриди рӯйдодҳо дар нисбати Рустам низ чунин далелҳо фаровон пешниҳод хоҳад шуд.

Дар «Таърихи Систон» омадааст, ки «чун Гаршосп ба худойпарастӣ машғул гашт, ҷаҳонпаҳлавониро ба набераи худ – Наримон, ки писари Куранг буд, супурд». Ва Афредун то ба рӯзгори Манучеҳр Манучеҳрро ба Наремон супурд, то бирафт, то хуни падараш Эраҷ бозовард…

Ва ба рӯзгори Нӯзар ҳам ҷаҳонпаҳлавон Соми Наремон буд ва фарёдраси ӯ буд ва ҷаҳонро ӯ софӣ кард. То боз ки Афросиёб ба дувоздаҳ сол шаҳри Ирон бигирифта буд. Наремон ва писараш Сом бар ӯ тохтанҳо ҳамекарданд, то Эроншаҳр яла карду бирафт, ба аҷз боз ба Туркистон шуд. Ва ба рӯзгори Таҳмосп ҷаҳонпаҳлавон Сом буд ва писараш Дастон олам ба мардӣ обод дошт, то боз Афросиёб берун омад ва Эрон бигирифт ва мардуми Эрон ба зинҳори Дастон омаданд, то Дастон бирафт. Ва Рустам чаҳордаҳсола буд ва Кай Қубодро биёвард ва миёнаи лашкари Тӯрон рафт ва бозомад ба мардиҳо ва Афросиёбро битохтанд ва ҷаҳон бе ором кард. То ба рӯзгори Кай Ковус боз ҳам Рустам ба Туркистон шуд ва кини Сиёвахш боз оварда. То боз ки бо Кай Хусрав бирафт ва ҳарбҳо кард, то як роҳ, ки Афросиёбро ба даст оварду бикушт. Ва боз аз паси вай Фаромарз буд ва ахбори Фаромарз ҷудогона дувоздаҳ муҷаллад аст ва ахбори Наримон ва Сом ва Достон худ ба «Шоҳнома» бигӯяд, ки ба такрор ҳоҷат наёяд». Дар ин иқтибос, ки хеле воқеӣ менамояд, шаҷараи Рустам чунин аст. Гаршосп – Куранг – Каримон – Наримон – Сом – Дастон (Зол) – Рустам – Фаро-

https://bikhon.tj

марз. Дар «Бундаҳшин» низ Сому Рустам борҳо зикр гардидаанд. «Сомро гӯяд, ки бемарг бувад[1]. «Яке, ки ӯро Зингов хонанд, заҳр ба чашм дошт, аз тозиён ба шоҳии ирониён омад. Ба ҳар ки ба бадчашмӣ нигарист, кушта шуд. Эрониён Афросиёбро ба хоҳиш хостанд. То (боз) гашт ва он Зинговро кушт, ва (худ) шоҳии Эроншаҳр кард. Пас мардумро аз Эроншаҳр бурд ба Туркистон нишонд, Эроншаҳрро вайрон кард ва биёшуфт то Рустам аз Систон (сипоҳ) орост ва ҳомовариониёнро гирифт. Ковус ва дигар эрониёнро аз банд кушуд. Бо Афросиёб дар Авла, рудборе, ки Сипоҳон (Испанон – водии Фарғона – М.Ҳ.) хонанд, корзоре нав кард[2]«. «Гаршосп ва наберагони ӯ Фаромарз бинни Рустам ҳама бар он тариқат буданд, ки … дуздӣ ва хуни ноҳақ миёнашон ҳаром буд».[3]

Аммо дар «Авесто» аз Рустам ҳеҷ гуна ёдоварӣ дида намешавад. Масалан, роҷеъ ба бобоёни Рустам дар «Авесто» «Ясно, ҳоти 9, банди 10» омадааст, ки севвумин бор Атрат – тавонотарин марди хонадони Сом аз ҳаум нӯшоба мегирад ва барои ин ӯро ду – писар Увахшайа ва Гаршосп зода мешаванд. «Фравашҳои неки тавонои поки ашаванонро меситоем, ки 99999-то аз онон пайкари Сими Гаршоспи гесувар ва гурзбардорро посбонӣ мекунанд[4]«. Яъне дар мавриди шахсиятҳои таърихӣ будани чанд тан бобоёни Рустам ҳеҷ кас ба далели тазаккури номашон дар «Авесто» шубҳа накардааст. Ҳамин тариқ, дар шаҷараи Рустам номи Атрат низ зикр мегардад. Вале аз Рустам дар «Авесто» зикре ба назар намерасад. Ҳамин ҳол сабаб шуда, ки аксар муҳаққиқон шахси воқеӣ-таърихӣ будани Рустамро инкор карда, ӯро ривоят ва бофтаву эҷоди госанҳо – гӯяндагони даврони сосониҳо гуфтаанд. Вале ин госанҳо гӯяндагон ба

[1] «Бундаҳшин» с.128
[2] ҳамон ҷо
[3] ҳамон ҷо
[4] «Авесто», с.293

https://bikhon.tj

чанд далеле, ки баъдан зикр хоҳад шуд, худ Рустамро эҷод карда наметавонистанд.

Тавре иддаи зиёде аз донишмандони таърихи ориёиҳо изҳор намудаанд, то ривоҷи ойини зардуштӣ дар Эрони бостон ориёиҳо ба мазҳабҳои гуногун ва бештар ба ойини меҳрпарастӣ бовар доштанд. Ҳамин ҳол аст, ки дар аксар мавриди Меҳр дар забони ирониёни то замони зардуштӣ зиёд истифода мешавад. Вале баъди нуфузи ойини маздоӣ, хусусан дар «Шоҳнома» аз номи шоҳону паҳлавонон Худованди якто ёд карда мешавад. Вале тавре дар «Таърихи Систон» ва дигар таърихҳо зикр шудааст, Рустам ойини зардуштиро напазируфта, муътақиди ҳамон ойини меҳрпарастӣ боқӣ мондааст. Рустам дар ҳангоми ҷавонӣ чун қалъаи Сипандро ба даст овард, ба Зол фирӯзномае навишт, ки чунин шурӯъ шудааст:

Нахуст офарин бар худованди Ҳур,
Худованди марзу худованди мӯр.
Худованди Ноҳиду Баҳрому Меҳр,
Худованди ин баркашида сипеҳр.

Дар ҷои дигар аз номи Зол низ омадааст:

Бад-ӯ гуфт Зол: эй Худованди Меҳр,
Чу акнун намудӣ ба мо пок чеҳр.

Ҳангоми як гуфтушунид бо Пирон:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки эй паҳлавон,
Дурудат зи хуршеди равшанравон.

Рустам дар нахустин ҷанг бо Афросиёб дар пеши Зол савганд мехӯрад, ки ӯро гирифтор хоҳад кард:

https://bikhon.tj

Агар ёр бошад маро Меҳру Моҳ
Кашонаш биёрам ба наздики шоҳ.

Ҳамчунин дар ҷое аз «Шоҳнома» омадааст, ки:

Шунидам, ки Дастони ҷодупараст,
Ба ҳар кор ёзад ба хуршед даст.

Вале дар як лаҳзаи ҷанги Рустам бо Исфандиёр Таҳамтан ба додори Зардушт ва «Авесто»-ву «Занд» савганд хӯрдааст:

Чунин гуфт Рустам ба Исфандиёр,
Ки, эй сер ногашта аз корзор,
Битарс аз ҷаҳондор Яздони пок,
Хирадро макун бо дил-андар мағок.
Ман имрӯз не баҳри ҷанг омадам,
Пайи пӯзишу ному нанг омадам.
Ба додори Зардушту дини беҳӣ,
Ба Нӯшозару Озару Фарраҳӣ,
Ба Хуршеду Моҳу ба Устову Занд,
Ки дилро бирониӣ зи роҳи газанд.

Фаридуни Ҷунайдӣ дар «Зиндагӣ ва муҳоҷирати Ориён» Симурғи парварандаи Золро Саенмурғ – мурғи оҳанин ва кадом як киштии кайҳонӣ номида, меҳрпарастии Зол ва Рустамро ба ҳамон киштӣ марбут медонад. Дар «Шоҳнома» зикр шудааст, ки Гуштосп дар меҳмонии Рустам дар Систон ду сол мемонад ва ҳадафи ин меҳмонии тӯлонӣ гӯё он будааст, ки Рустамро ба ойини нав бовар кунонад. Баъди аз меҳмонӣ баргаштани Гуштосп дар муносибати Рустам ва шоҳони ironӣ як сардие эҳсос мегардад. Ҳангоме Арҷоспи Туронӣ ба Балх ҳуҷум мекунад, дигар Рустам ба ёрии эрониён ҳозир намешавад. Шояд Рустам бо вуҷуди он ки Гуштоспро ду сол меҳмонӣ кард, ойини ӯро напазируфта

https://bikhon.tj

буд? Шояд баҳонаи он ки Гуштосп Исфандиёрро ба қасди ҷони Рустам мефиристад, ҳамин ҳол сабаб бошад?

Дар «Шоҳнома» дар ин маврид ҳарчанд чизе равшан зикр нагардидааст, аммо аз байтҳои зерин маълум мешавад, ки Золу Рустам бо омӯзгории Гуштосп ба омӯзиши «Авесто» чанде машғул шуда будаанд. Дар ин маврид омадааст, ки:

Ба Зобул-ш бурданд, меҳмони хеш,
Ҳама бандавор истоданд пеш.
Аз ӯ Занду Усто биёмӯхтанд,
Нишасатанду оташ барафрӯхтанд.
Баромад ба-д-ин меҳмонӣ ду сол,
Ҳаме хӯрд Гуштосп бо пури Зол.

Дар «Авесто» ба ҷуз аз Рустам ва падараш – Зол ҳама аҷдоди дигари ӯ зикр шудаанд. Шояд Рустам бо маслиҳати падараш Зол ба ойини нав нагаравид ва ҳар ду аз «Авесто» берун монданд? Вале паҳлавони баъди Рустам машҳуртарини иронӣ Гударз низ чаро дар «Авесто» зикр нагардидааст?

Ба Эрон пас аз Рустами номдор
Набудӣ чу Гударз дигар савор. 5-35

Гударзро дар ҷанги муқобили турониён 70 набераву писараш кушта мешаванд.

Наберу писар буд ҳафтоду ҳашт,
Кунун монд аз он ҳашту дигар гузашт.

Як қисмати қаҳрамонони машҳури иронӣ Гаршосп, Таҳмосп, Зав, Зарир, Исфандиёр, Тус, Ҷомосп, Сом ва чанде дигарон дар «Авесто» зикр ёфта, қисми дигари онон Гударз, Гев, Бежан, Гургин дар ин китоб зикр нашудаанд. Рустам низ. Дар «Шоҳнома» ва баъзе дигар асарҳои таърихии ориё-

https://bikhon.tj

иронӣ ин ду гурӯҳ паҳлавонон ҳамзамону ҳаммайдонанд ва аксаран бар дифои ному номуси якдигар ба майдони ҷанг мебароянд.

Чаро чандин донишмандон иддао доранд, ки Рустам шахсияти воқеӣ набудааст? Нахуст, он ки дар «Авесто» зикр нашудааст. Дуввум, дар пайкорҳо ҳамеша ғолибу болодаст буда, боре ҳам шикаст нахӯрдааст. Сеюм, дар даврони подшоҳии чандин шоҳон аз Манучеҳр то даврони Гуштосп муддати хеле мадид корнамоӣ кардааст. Ва дар ин миён сабаби аслӣ дар «Авесто» зикр нагардидани ӯро медонанд. Тавре маълум аст, бар асари ҳодисаҳои рӯзгор тақрибан аз чаҳор се ҳиссаи «Авесто» аз байн рафтааст. Бешак имкон дошт, ки дар он қисматҳои гумшудаи «Авесто» суруди алоҳидае, ё ёдкарде барои Рустам ва дигар паҳлавонони иронӣ низ ҷой дошта буд.

Ҳамчунин оё баъди кушта шудани Исфандиёр бо дасти Рустам имкон надошт, ки бо фармони Гуштосп номи Рустаму Зол аз «Авесто» бардошта шавад? Агар Ҷамшед, Фаридун, Ковус ва чанд тани дигар, бо кадом ҷурме аз биҳишт маҳрум шуда бошанд[1], пас имкон дорад, ки Рустам низ барои ин «ҷурмаш» аз «Авесто» хориҷ гардад.

Ҷангҳои байниқабилавии ориёиҳо даҳсолаву садсолаҳо давом мекарданд. Дар ҷангҳои миёни ирониёну тӯрониён туркҳову хитоиҳо низ ба ҷонибдории тороиҳо иштирок намуда буданд. Дар он даврон он гуна буд, ки ду лашкар дар ду ҷониб саф мекашид. Аз ду ҷониб ду паҳлавон ба силоҳҳои гуногун – шамшер, гурз, найза, каманд, купол ва ғайра мубориза мекарданд. Ҳарби гӯштингирӣ низ роиҷ буд. Баъдан паҳлавонҳо соатҳо ё рӯзҳо ҳарбузарб мекарданд. Тарзи дигари ҷанг – ҷанги лашкар ба лашкар буд. Ҷанги шабохун задан низ вуҷуд дошт. Кӯдакон аз хурдӣ тарбияи ҷангӣ мегирифтанд. Табиист, ки аз ҷонибҳо садҳо

[1] ниг. Д. Саймиддинов «Менуи хирад» – Адабиёти паҳлавӣ с. 217.

https://bikhon.tj

паҳлавонони ҷасуру шуҷоъ ба воя мерасиданд. Ситоиши паҳлавонони ғолиб ва бахшидани ҳадя аз ҷониби шоҳ хеле мураввақ буд. Ситоиш барои паҳлавонон аз ҷониби мубадон аксаран дар шакли шеъру тарона амалӣ мегардид. Ҳамин таронаҳои ситоишӣ асоси он достонҳои таърихиеро ташкил додаанд, ки мо онҳоро беэътиноёна афсонаву асотир меномем. Дуруст аст, ки ин достонҳои таърихӣ бо таҳрироти баъзе муаллифон хосияти муболиғавӣ гирифта, аз ҷониби гӯяндагони баъдӣ таҳриру иловаҳои боз ҳам муболиғаомезтар гирифтанд. Оё даҳҳо, садҳо паҳлавонони ориёӣ, ки қисме аз онҳо дар майдони ҷанг кушта шуда, аксаран дасти душманро аз кишвари ориёиҳо кӯтоҳ карда буданд, қобили ситоишу тавсиф набуданд, ки гӯяндагон аз пеши худ паҳлавонони хаёлӣ бояд бофта мебаровардand? Овозаҳо дар бораи паҳлавонони воқеӣ дар саросари кишвар ва ҳатто ба сарзаминҳои тӯронӣ ҳам зуд паҳн мешуд. Ҳадафи тарғиби корномаҳои муболиғаомез дар бораи масалан, «кушта ни аждаҳои ҳафтсар», «ҷанг бо ғӯли биёбон», «силоҳи оташофарин», ки аксаран худ гӯяндагон илова мекарданд, ба дили душманон воҳима ангехтан буд.

Саҳнаи гуфтугузори ду паҳлавони тарафҳои муқобил пеш аз оғози ҳарбу зарб дар майдони ҷанг низ яке аз саҳнаҳои ҷолиб ва воқеист, ки дар «Шоҳнома» қариб ҳамеша миёни ду паҳлавон оварда шудааст. Чунин гуфтугӯҳо аксаран аз таърифи қуввату тавоноии худ, тамасхур кардани насаб ва наҳ задани рақиб ва ғайра иборат аст. Чунин муколамаҳоро ровиён ҳамеша дар майдони ҷанг дар зеҳн гирифта, баъдан интишор медоданд. Масалан, муколамаи Гев бо Пирон ҷиҳати бештар нишон додани тавон ва обрӯ, ҳатто масъалаҳои оилавиро низ дар бар гирифтааст. Гев дар ҷанг ба Пирон мегӯяд, ки ҳама талабгори духтари Рустам буданд. Ҳама ноумед шуданд. Рустам ӯро ҳатто ба Тус надод, вале ба Гев дод.

https://bikhon.tj

Маҳиндухти Бонугушаспи савор
Ба ман дод гарданкаши номдор.
Зи чандин бузургон маро баргузид,
Сарамро ба чархи барин баркашид.
Супурдам ба Рустам ҳаме хоҳарам,
Меҳи бонувон Шаҳрбонуирам.

Ҳамин тариқ, як силсила қаҳрамонони иронӣ дар «Авесто», «Шоҳнома» ва дигар асарҳои ориёӣ зуҳур менамоянд, ки аксаран мавриди ситоиш қарор ёфтаанд. Аз ин рӯ, чӣ лозим буд, ки агар Рустами воқеӣ вуҷуд надошт, бофтаву сохта шавад?

Дар «Шоҳнома» бисёр лаҳзаҳое ба назар мерасанд, ки агар Рустам шахсияти бофтаву ривоятӣ мебуд, иштирокаш дар он лаҳзаҳо шарту зарурат надошт. Бегонагии шахсияти сохта дар миёни шахсиятҳои воқеии «Шоҳнома» ҳатман эҳсос мегардид. Вале воқеияти Рустам дар «Шоҳнома» аз шахсияти шоҳон ва паҳлавонони таърихӣ воқеъитар аст. (Яке аз чунин ҳолатҳо дар лаҳзаи «Ба занӣ хостани Фарибурз Фарангис – модари Кайхусравро» равшан ба назар мерасад.)

Баъди муҳоҷирати ориёириҳо аз замони Доробу Доро қиссаву достонҳои ориёӣ низ даврони наве оғоз мегардад. Агар Рустам барои шоҳони ашконӣ ё сосонӣ лозим мебуд, онҳо ӯро дар иртибот ба даврони худ, ки пур аз рӯйдод ва ҷангҳои шадид, буд, «эҷод» мекарданд. Агар Рустам дар қиссаҳои аслии «Шоҳнома» вуҷуд намедошт, баъд ба он ворид намудани чунин як персонажи хеле муҳим аз лиҳози эҷоди бадеӣ номумкин буд. Ҳоло низ ҳеҷ шоиру эҷодкоре наметавонад, ки як персонажро бо даҳяки шаҳомати Рустам ба «Шоҳнома» ворид намояд. Ва дигар, агар Рустамро «сохтанд», чаро ӯро Зобуливу Систонӣ сохтанд, иронӣ насохтанд? Чаро ӯро ғайюру саркаш, ҳатто бо шоҳони иронӣ ситезакор сохтанд.

https://bikhon.tj

Аз ҳеҷ дидгоҳ ба даврони баъд ва хоса ба даврони баъд аз ҳахоманишиҳо кашондани Рустам созгор намеояд. Ва агар ӯ аз достонҳои аз ин замон қадимтаре расидааст, воқеияти таърихии ӯ боз ҳам рушантар мегардад. Ҳар каси дар даврони баъди Доро Рустамро «эҷодкарда» саргузашти ӯро он тавре ки дар «Шоҳнома» омадааст, сохта наметавонист. Рустами «сохташуда» номи маҳалҳои маҳдудеро мисли Данбар, Мой, Шукнӣ, Шуғнон, Ғунд, Шунгон (Шанг-Шунг, номҳои кишварҳо дар самти шимолу ғарбии Тибет, ки то асрҳои 6-7 мелодӣ вуҷуд доштанд – М.Ҳ.) зарурате надошт, ки ном бубарад ва ё шояд дар он даврон барои Ирони кунунӣ гӯшаҳои номаълум буданд. Ва ё ба Кашмир, Мукрон, Ҳинд кашондани Рустами дар даврони баъди ҳахоманишҳо «сохташуда» ҳеҷ зарурате надошт. Ҳарчанд, ки Кашмир, Мукрон, Ҳинд тавре қаблан зикр гардид дар минтақаи Бадахшон ва ғарби Хитой воқеъ буданд. Бигӯем, ки Рустам бо Рум – Руме, ки ҳоло дар назар аст, метавонист сару кор дошта бошад, аммо Рустам ба Сақлобе, ки акнун донишмандан онро ба кишвари Руси кунунӣ айният медиҳанд, ҳеҷ гуна муносибат дошта наметавонист, бигузор эҷодкорон ҳар гуна хаёлбофӣ карда бошанд ҳам. Танҳо эътирофи мавқеияти ҷуғрофии кишварҳои «Авесто» ва «Шоҳнома» дар минтақаҳои Осиёи Миёна ва хоса сарзаминҳои байни Сирдарё ва Амударё ҳам Ориёнову Рустам, ҳам таърихи ориёиро аз чанголи асотир наҷот дода метавонаду бас. Завора бародари дигари Рустам аст, ки дар чандин маврид ҳамроҳ бо паҳлавонони ironӣ ба муқобили туроniён меҷангад. Завора низ далели воқеияти таърихии Рустам аст. Агар Рустам сохта мебуд, пас бародараш Завора низ сохта мебуд. Ва агар барои Рустам бародаре сохтан мисли Завора бисёр зарур мебуд, пас ӯро барои кадом муносибате, барои кадом корнамоие бояд месохтанд. Ҳол он ки Завора мисли дигар паҳлавонони ironӣ қаторӣ буда, чандон ба назар намоён нест. Яъне агар Завора воқеият намебуд, бофта баровардани ӯ ҳеҷ зарурат надошт.

https://bikhon.tj

Далели дигаре, ки барои воқеияти шахсияти Рустам хеле муътамад аст, дар миёни мардуми тоҷик вуҷуд доштани қиссаҳои зиёди маҳаллӣ дар бораи Рустам аст. Онҳо дар китоби «Қиссаҳо перомуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» гирдоварӣ шудаанд, ки ҳоҷати такрорашон нест[1]. Ин қиссаву ривоятҳои мардуми тоҷик ду ҷиҳати масъаларо равшан мекунанд. Нахуст – воқеӣ будани Рустам. Зеро аз тамоми шахсиятҳои машҳури адабиёти Машриқзамин дар миёни мардуми тоҷик танҳо Рустам чунин мақоми хос дорад. Дар бораи Лайливу Маҷнун, Фарҳоду Ширин, Ҳотами Той, бо вуҷуди он ки дар миёни мардуми тоҷик хеле машҳуранд, ҳеҷ гуна қиссаву ривояти мардумӣ дар нисбати маҳалҳои Тоҷикистон вуҷуд надорад. Ҳатто дар бораи шахсиятҳои машҳури дини ислом низ қиссаву ривояти марбут ба маҳал пайдо кардан душвор аст. «Пайи пои аспи ҳазрати Алӣ – Дулдул» – ин таъсири қиссаҳои тоисломист, ки ҷомеаи нав пӯшонда шудааст. Дигар он ки дар қиссаву ривоятҳои мардуми тоҷик иртиботи Рустам бо мавзеъу маҳалҳои мушаххас хоса ба он ҷойҳое, ки воқеан низ қадамҷои ӯ буда метавонистанд, нишон дода шудааст. Тибқи айниятдиҳии қаблии мо Рустам бо меҳанаш Зобул (Помир) Эрон (асосан ҷануби водии Фарғона), зодгоҳи бобоияш – Кобул (самти шарқи қаторкӯҳи Фарғона) дар иртибот буд.

Ҳоло қиссаву ривоятҳо дар бораи Рустам гӯё ки ӯ дар соҳилҳои дарёи Сурхоб (Кӯлоб) сайругашт карда[2] дар дашти Лахш Рахшро ба чаро гузошта, худ ба хоби паҳлавонӣ мерафтааст [3]ва ғайра зиёд аст

Баъдан бо номи «Турон» мавсуф шудани минтақаҳои аслии ironӣ – сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва шимолу шарқи он – ва бақои номи Рустам дар ин минтақаҳо ба ҳам созиш дошта наметавонистанд. Бо вуҷуди ин нуфузи номи

[1] Таҳияи Баҳроми Шермуҳаммадиён ва Додоҷон Обидзода, Душанбе, 1996.
[2] ниг. А. Девонақулов «Асрори номҳои кишвар».
[3] ниг. «Қиссаҳо перомуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома».

https://bikhon.tj

Рустам дар ин минтақа то имрӯз боқӣ мондааст. Тасарруфи сарзаминҳои иронии воқеъ дар минтақаи кунунии Тоҷикистон аз ҷониби Турони аслӣ – Апохтариён (Бохтариён), Кӯшониён, Ҳайтолиён, Хиёниён, Чағониён, Сокоиён (ҳаракати даври дигари сокоиҳо) ва тоифаҳои дигар, ки ҳама аз ҷониби ғарби Хитой ва шимолу шарқии Фарғона ҳаракат намуда ва наслҳои ононе буданд, ки «маншури шамшери Рустам»-ро хонда буданд, бояд сабабе мешуд, ки номи Рустамро аз ин минтақа зудуда мекард. Вале решаи аслии воқеияти Рустам имкон надод, ки чунин ҳол ба амал ояд. Аз ёдҳо фаромӯш шудани воқеияти ҷуғрофии рӯйдодҳои «Шоҳнома» ва кишварҳои «Авесто»-ӣ аз минтақаҳои аслии ба истилоҳ Помиру Фарғона ва атрофашон, ки баъдҳо зери тасарруфи турониён монданд, ба манфиати ориёириониҳои муҳоҷиршуда низ буд. Ба хотири пойдории давлат ва динашон бояд ҷойҳои муқаддаси ба тассаруфи турониён даромада фаромӯш мешуданд ва бар иваз ҷойгоҳҳои муқаддаси наве ба ҳамон номҳои пешин зҷод мешуд. Саъю кӯшиши муғону мубадон ба ҳамин ҷиҳат нигаронида шуда буд. Ба ҳамин хотир ориёириониҳо сукунатгоҳҳои навашонро ба ёди номҳои маҳалҳои аҷдодӣ Балх, Ҳирот, Исфаҳон, Гелон, Зобулу Систон ва ғайра ном монданд. Тахти Ҷамшед ва ё Балх ва оташкадаи он чунон сохта шуда, ки баъдҳо ҳеҷ кас, ки ба нишастгоҳи аслии Ҷамшед ва он пойтахти шоҳони кайонӣ будани онҳо шубҳа накард. Тахти Рустам низ дар Самангон сохта шуд. Самангон, ки дар асл кишвари туронӣ буд, баъди кушта шудани Суҳроби паҳлавонаш аз ҷониби Рустам барои ӯ тобут метарошиданд, на тахт. Самангон дар шумори камтарин номҳоест, ки то имрӯз бар ҷой боқӣ монд.

Қалъаҳои Золи Зар дар Фархор, Данғара, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ низ аз номҳоест, ки аз даврони рӯйдодҳои «Шоҳнома» боқӣ мондааст. Танҳо Золи Зари таърихӣ-воқеӣ метавонист барои худ қалъае бино кунад. Вайронаҳои ин қалъа дар ноҳияи Фархор ва мавҷудияти найзорҳои калон

https://bikhon.tj

дар соҳили ин дарё, ки, ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ, Сиёвуш «Гаҳе дар шикори найистон будӣ» имтиёзи қаламрави давлати Зол будани ин ноҳияҳоро бештар доро мешавад. Ҳамчунин қалъаи дигаре ба номи қалъаи Золи Зар дар ҳудуди кунунии Афғонистон воқеъ аст, ки гумон меравад, мулкҳои соҳили чапи Хироб-Панҷ низ дар ҳисоби кишвари Зол қарор дошта будаанд. Мавзеи дигаре бо номи Қалъаи Золи Зар дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ вуҷуд дорад, ки он низ ёдгори Рустам ва Золи Зар аст.

Мувофиқи маълумоти баъзе адабиёт харобаҳои қалъаи Золи Зар дар ноҳияи Данғара низ вуҷуд дорад. Дар китоби «Қиссаҳо перомуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» мақолаи М. Ғоибов перомуни корезҳои ноҳияи Данғара аз маҷаллаи «Машъал» шумораи 6, соли 1989 оварда шудааст: «Данғара як замон як мамлакати обод буд. Шаҳристон ва қалъааш обод буд. Қалъаи калонашро Қалъаи Золи Зар мегуфтанд. Имрӯз ҳам дар ноҳияи Данғара боқимондаи деворҳои Қалъаи Золи Зар ба чашм мерасанд. Подшоҳи ин қалъа Золи Зар падари Рустами Достон буд[1]«. Албатта, имкон дошт, ки Золи Зар дар чандин минтақаи кишвараш дар Фархори кунунӣ, Данғара ва дигар шаҳрҳои он замонаш қалъа карда бошад.

Роҷеъ ба Рустам дар китоби «Қиссаҳо перомуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» омадааст, ки сокинони водии Лахш чунин мешуморанд, ки номи водии онҳо асосан аз номи аспи Рустам Рахш ба Лахш баргаштааст. Гӯё боре Рустам аспашро дар марғзорҳои ин водӣ ба чаро сар дода, худ ба хоби паҳлавонӣ рафта будааст. Баъди бедор шудан аспашро бо овози баланд «Рахш!» гӯён садо мекардааст. Ана аз ҳамон вақт инҷрниб гӯё ин водӣ номи Рахш-Лахшро гирифта будааст.[2]

[1] Таҳияи Баҳроми Шермуҳаммадиён ва Додоҷон Обидзода, Душанбе, 1996, с.31.
[2] Ҳамон ҷо саҳ. 52.

https://bikhon.tj

* * *

Дар «Таърихи Систон»[1] шаҷараи яке аз шоҳони даврони сосонии Систон, ки нажодаш ба Рустам мекашидааст, чунин оварда шудааст: «Бахтёр ибни Шоҳ Фирӯз ибни Бурузфарӣ ибни Шеравжан ибни Худойгон ибни Фаррухбеҳ ибни Моҳхудой ибни Фирӯз ибни Гурдофарид ибни Паҳлавон ибни Испаҳбад ибни Рустам ибни Меҳрозод ибни Рустам ибни Пулодгон ибни ибни Озодмард ибни ибни Рустам ибни Чеҳрозод ибни Нерусанҷ ибни Фаррухбеҳ ибни Додофарин ибни Сом ибни Беҳофарид ибни Ҳушанг ибни Фаромарз ибни Рустам Улокбар(?) ибни Достон ибни ибни Сом ибни Наримон ибни Куранг ибни Гаршосп».

Агар ба маънои номҳои чанде аз шаҷараи Рустам мутаваҷҷеҳ шавем, аз лиҳози забон ҳама марбути забони ориёҳиндианд – забоне, ки дар ҳудудҳои Помиру Фарғона роиҷ будааст.

– Атрад (Атри) – аз номи яке аз ҳакимони ориёҳиндист, ки дар «Маҳабҳарата» зикр шудааст. Яке аз қаҳрамонони асотири Юнони қадим Атрей ва писари ӯ Атрид шабеҳаи ҳамин номанд.

– Гаршосп – лоғарасп (дорандаи аспи лоғар).

– Куранг – аз решаи «Куру»-номи тоифаи маскун дар замони ориёҳиндуҳо дар ҳудудҳои кунунии Тоҷикистон, Фарғона, Ғарби Хитой. Куруҳои Шимолӣ дар водии Фарғона то соҳилҳои Иссиққӯл иқомат доштанд. Куранг аз решаи Куру ва пасванди –анг, ки ба маънои мансубияти насаб ва шабеҳият сохта шудааст.

– Каримон – кара-мон. Ин вожа аз ду қисмат «кара», яъне кор ва «мон», яъне мард таркиб ёфта, маънояш марди кор, коргар аст, ки ҳоло ба шакли «қаҳрамон» роиҷ аст.

– Наримон – ба маънои марди нар – пурзӯр омадааст. Ин вожа аз лақаби эзади Вишну-Нараян, ки дар болои уқёнуси

[1] «Таърихи Систон», саҳ 7.

https://bikhon.tj

Шир (Сирдарё) тафреҳгоҳ доштааст, тасмия шудааст. Номи чанд маҳал Нарён буда, ҳамчунин яке аз номи славяниҳо «нарҳо» аст, ки бо ҳамин вожа иртибот доранд. Ин ном бештар дар қисматҳои шарқии водии Фарғона роиҷ будааст.

– Сом – номи яке аз эзадони ориёҳиндӣ. Эзади Моҳ. Ба назар мерасад, ки худ моҳ ба гунаи «ҳом» – «моҳ» аз Сом баргаштааст. Тибқи ривояти ориёҳиндӣ эзади Сом моҳтобро аз нӯшобаи сома (дар адабиёти ориёиронӣ ҳум – ҳаума) оҳиста-оҳиста дар муддати ду ҳафта пур карда, дигар эзадонро аз он нӯшоба зиёфат намудааст. Таъбири «Моҳ шом хӯрд» ба ҳамин матн иртибот дорад. Яъне моҳро худи Сом хӯрд. Эзади Сома муваккали самти шарқи шимолӣ дар нисбати кӯҳи Меру (Исмоили Сомонӣ) будааст.

– Золи Зар – Достон. Роҷеъ ба маънои Зол дар «Шоҳнома» чизе наомадааст. Аммо аз он ки ҳоло дар гӯишаҳо «зол» ба маънои пир – Масалан, пиразол роиҷ аст, гумон меравад, ба сабаби сафедии мӯ дар тифлӣ ӯро «Зол» номида бошанд. Дар таърихи Систон гуфта шудааст, ки «…ӯро мардумони Систон Заруранг хонандӣ зеро, ки мӯе ӯрост, ба зари кашида монастӣ». Дар «Шоҳнома» Сом:

Ҳаме пурро Золи Зар хонд ном,
Чу Дастон варо кард Симурғ ном.

Ва Симурғ дар лонааш ба ӯ гуфта буд, ки:

Ниҳодам туро ном Дастони Занд,
Ки бо ту падар кард дастону банд.

Симурғ Золро ба лонаи худ воқеъ дар Албурзкӯҳ бурда буд. Боре Зол гуфта буд, ки «Маро бурда Симурғ то кӯҳи Ҳинд». Тавре дар мақолаи «Ҳинд» зикр шуд, Бадахшони кунунӣ дар замони воқеаҳои «Шоҳнома» Ҳинд ном дошт ва Албурз кӯҳи кунунии ба номи Исмоили Сомонӣ ба шумор

https://bikhon.tj

мерафт. Инак Албурз ва кӯҳи Ҳинд айни як кӯҳ буда, дар адабиёти бостон дар як мавқеият нишон дода шудаанд.

Вақте Сом писараш Золро дар хоб мебинад, Ҳинд ва Албурз дар хоби ӯ дар як мавқеият қарор доранд:

Чунон дид, к-аз кишвари Ҳиндувон
Яке мард бар тозӣ аспе давон…
Бар он буд, ки рӯзи дигар паҳлавон
Сӯи кӯҳи Албурз пӯяд навон.

Яъне, Ҳинд – Бадахшон, Албурз – кӯҳи Исмоили Сомонӣ, Зобул – Бадахшон ҷуғрофияи воқеианд, ки дар ҳамҷаворӣ воқеъ гаштаанд.

Баъди қиссаи Золи Зар бори аввал дар «Шоҳнома» аз Зобул – кишвари Сом ёдоварӣ мешавад. Манучеҳр писарашро барои табрики Сом ба муносибати пайдо шудани Зол ба Зобул мефиристад.

Чу Нузар бари Соми Найрам расид,
Яке навҷавон паҳлавонро бидид.
Фурӯд омад аз асп Соми савор,
Гирифтанд мар якдигарро канор.

Ва Сом пештар дар замони подшоҳии бобои Манучеҳр – Фаридун аз Ҳиндустон (ҷануби Бадахшон – М.Ҳ.) омада буд. Фаридун набераш Манучеҳрро ба тарбияти Сом во гузошт.

Вале нисбати зодани Достон дар «Бундаҳишн» [1]омадааст: «Ин шаш фарзанд низ аз Сом зода шуданд – ҷуфт-ҷуфт – нару мода. Яке аз ишонро ном Дастон буд. Аз ишон ӯро фарозтар дошт ва подшоҳии Сакоён ва ноҳияти Нимрӯзро ба-д-ӯ дод. Кадхудоии Абаршаҳрро ӯ шукӯҳ бахшид. Абар-

[1] «Бундаҳишн», с. 151.

https://bikhon.tj

шаҳрро чунин гӯяд, ки Абрангшаҳр аст. Сурӯш ва Урду-биҳишт офарин ба пайванди ишон карданд. Ба-д-ин рӯй асбдорӣ, зин-оварӣ (силоҳдорӣ) ва ситабркамонӣ, покизагӣ ва пайдоӣ (ашрофият) ва ромиш ва хунёгарӣ ва баландовозагӣ бар ишон бештар аст».

Муносибати байни Зобул ва Ирон, Сом ва Нузар аз лаҳзаи ба назди Сом оварда шудани Зол равшан зоҳир мегардад. Баъд Сом ба Зобул пас меояд. Дар «Шоҳнома» дар ҳамин лаҳза Зобул, Нимрӯз ва Систон – ҳар се ҳамчун номи як кишвар дониста шуданд. Сом Золро ба подшоҳии Зобул – Нимрӯз – Систон таъйин мекунад.

Тавре қаблан зикр шуд, ки мулкҳои шарқи қаторкӯҳи Фарғона, ки Капила ном доштанд, ба шакли Кобул баргаштанд. Ҳамин тариқ, Рустам аз муҳаббати Зол бо духтари шоҳи Кобул Меҳроб ба дунё меояд. Меҳроб аз хешовандони дури Заҳҳоки тозӣ буд. Ва инак пайванди қавмии тозӣ дар иртибот бо минтақае дар шарқи қаторкӯҳи Фарғона зуд-зуд ёдоварӣ мегардад ва ин ҳол шоҳиди он аст, ки қавми тозӣ на қавми араб, балки шакли тағйирёфтаи номи тагзиг – тоҷиг, яъне тоҷик аст, ки дар мақолаи ин муаллиф «Тозӣ – Тоҷик» зикр гардида буд. Дар ҳамин мавқеияти кишвари Тоҷиг-Тазиг баъзе лаҳзаҳои саргузашти Рустам ва падару бобои ӯро низ равшан кардан муяссар аст. Аз ҷумла дар иртибот бо ин гуфта воқеияти мавқеияти кишварҳои Зобул, Кобул, Гургсорон, Мозандарон дар лаҳзаи зерин низ ошкор мегардад. Сом подшоҳии Зобулро ба Зол дода, бо амри шоҳи Эрон ба Гургсорон ва Мозандарон меравад. Зол бо нияти тақвияи мулкдориаш:

Сӯи кишвари Ҳиндувон кард рой –
Сӯи Кобулу Дамбару Марғу Мой.
Зи Зобул ба Кобул расид он замон,
Гурозону хандондилу шодмон.

https://bikhon.tj

Зол дар Кобул бо духтари Меҳробшоҳ ошиқ шуда, аз аҳволи худ ба Сом, ки дар Гургсорон буд, нома менависад. Сом ба Кобул, ба назди Зол меояд. Вай аз кори писараш дар шигифт монда, барои маслиҳат ба Ирон ба назди Манучеҳр меояд.

Пас аз мувофиқаи никоҳи Зол ва Рудоба Сом ба Систон меояд. Як ҳафта баъд Золу Рудоба ва Меҳроб бо ҳамсараш Синдухт низ ба Систон меоянд. Сом подшоҳии Систонро ба Зол супурда, ба Гургсорону Бохтар меравад. Манучеҳр ин мулкҳоро ба Сом дода буд. Ӯ аз «ошӯби бадгавҳарон, Ба вижа, зи девони Мозандарон» бим дошт. Бояд рафта он ҷойҳоро ором мекард. Ин ҷуғрофия низ ба ҷуғрофияи ҳоло тасаввур шаванда мувофиқат намекунад. Бохтар, Кобул, Гургсорон, Мозандарон, Сақлоб, Рум, Ховар дар «Шоҳнома» дар ҳамҷаворӣ ва дар паҳлуи Турону Чин воқеъ гаштаанд, ки ба чунин мавқеият Фарғона ва атрофи он мувофиқат менамоянд. Қисмате аз ин сарзаминҳо борҳо зери тасарруфи Эрону Турон даромадаанд. Қисми зиёди ин сарзаминҳоро шоҳони эронӣ ба Золу Сом ва Рустам маншур намуда буданд. Аз ин рӯ, онҳо сари ҳар чанд вақт ба саёҳати мулкҳои худ баромада, боҷу андозро назорат менамоянд.

Ин ҷуғрофия бо номҳои имрӯзӣ чунин аст: Сом аз минтақаи Бадахшону Кӯлоб (Зобул-Систон-Нимрӯз) ба қисматҳои шимоли ғарбии Хитой (Гургсорон, Мозандарон) меравад. Зол ба Бадахшон (Ҳиндувон), минтақае дар ҷануби шарқии Сарикӯл (Кобулу Дамбару Марғу Мой) равон мешавад. Аз он ҷо Зол ба Гургсорон ва Мозандарон қосид мефиристад. Сом бо даъвати Зол ба Кобул омада, аз он ҷо ба назди Манучеҳр ба Эрон – шарқу ҷануби водии Фарғона меояд.

Ҳамин тариқ, аз хонадоршавии Зол ва Рудоба дар Зобул-Систон-Нимрӯз – Ҳирманд – минтақае, ки бо чаҳор ном ёд мешавад, тифле ба дунё меояд, ки номашро Рустам мегузоранд. То кунун дар бораи маънои номи Рустам дар адабиёт

https://bikhon.tj

чизе возеҳ ба назар нарасидааст. Худ Ҳаким Фирдавсӣ аз номи Рудоба сабаби номи Рустамро чунин овардааст:

Бигуфто, бирустам, ғам омад ба сар.
Ниҳоданд Рустам-ш номи писар.

Яъне Рустам аз «растан» ба маънои халос шудан гӯё таркиб ёфтааст. Вале дар ин байт маънои номи Рустам ба хотири бозии сухан омадааст.

Ба қавли И. Пьянков (Помир, 7-8, 1992) дар баъзе сарчашмаҳои қадим номи Рустам ба гунаи Родастаҳм омада, боз ҳам маънои пурнеруро (силу в росту имеющий) дорад. Меҳрдоди Баҳор маънои Рустамро аз Rodestahm Rautah.ustaxman «руде, ки ба берун ҷорӣ аст» гуфтааст.[1]

Дар «Шоҳнома» дар ҷое омадааст, ки Кай Ковус боре бесаброна чашм ба роҳи Рустам буд ва ҳамин вақт Рустам аз дур пайдо мешавад. Гев дар мушоаяти Рустам буд ва:

Равам, – гуфт, – огаҳ кунам шоҳро,
Ки паймуд Рахши Таҳам роҳро.

Дорои маънои мушаххас будани Таҳам – Паҳлавон тақозо менамояд, ки қисмати аввали ин вожа «рус» низ бояд дорои маъно бошад. Дар «Шоҳнома» Рустам ба чандин гуна лақаб ва номҳо зикр гардидааст, ки Ҷаҳонпаҳлавон яке аз онҳост. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» Ҷаҳонпаҳлавон ҳамчун лақаби Рустам шарҳ ёфта, бо чунин мисол аз «Равзат-ус-сафо» тақвият дода шудааст: «Мо (Кай Хусрав) ӯро (Рустамро) Ҷаҳонпаҳлавон ва Таҳамтан лақаб додем».

Ҳоло дар забони тоҷикиву русӣ ва дигар забонҳо як силсила вожаҳо вуҷуд доранд, ки нахустманшаи онҳо Рта – Арта – Ростӣ мебошад. Номи Рустам аз ду қисмат – Рус ва

[1] ниг. Меҳрдоди Баҳор «Пажӯҳише дар асотири Эрон» саҳ.194.

https://bikhon.tj

Там таркиб ёфтааст. Там ихтисоршудаи Таҳамтан, (Таҳам, Таҳм) яъне Паҳлавон буда, Рус тибқи қоидаи мазкур аз Арта (Ростӣ) баргашт шудааст. Дар «Шоҳнома» бо чунин таркиб номҳои Таҳмурас, Густаҳам, Гаждаҳам (Гажтаҳам) ва ғайра вомехӯранд, ки ҳар яке ба сари худ маъное дорад. Рустам, яъне Артатаҳам-Арсатам-Арастам-(Родастаҳам)-Рустам. Яке аз паҳлавонони тӯронӣ Рус (ниг. «Бурҳони қотеъ») ном дошт, ки он низ аз ҳамин реша сабзидааст. Шакли Рус аз тариқи Рта-Род (родмард)-Рос-Рус баргашт шуда, лақаби Рустам – сагзӣ баргашт ва ихтисори яке аз гунаҳои номи тоҷик ва сокоӣ (стак-сак) – Артакзик буда, баъдан ба шакли стакзи ва ниҳоят сагзӣ зоҳир гардидааст.

Арта яке аз номҳои машҳури хеле қадим ва яке аз гунаҳои номи вожаи «тоҷик» rta-mjug, rtag-gzigs будааст, ки ин вожа дар даврони қадим ҳамчун номи кишварҳо дар шаклҳои Арта Арса, Арсания, Артаба, Аратта, Арарат ва ғайра, ҳамчунин яке аз гунаҳои баргашти вожаи «рус» дониста шудааст. Аз вожаи Арта ҳоло дар Тоҷикистон номҳои маҳал Уратеппа (Артаба) ва Артуч боқӣ мондаанд. Дар сарчашмаҳои қадим дар Истаравшан номи Арсанич зикр шудааст, ки он низ аз ҳамин вожа аст. Вожаи «арта» тибқи қоидаи маъмули баргашти овози т ба с ба «арса» ва баъдан ба «рус» имкони баргашт дорад. Муҳаққиқони рус як тахмини баргашти вожаи «рус»-ро аз Арта медонанд. Дар ҳар сурат «рус» дар вожаи Рустам ва халқияти рус аз як реша ва ба як мафҳум омадааст.

Дар мақолаҳои қаблии ин муаллиф роҷеъ ба айниятҳои номҳои кишварҳое, ки дар «Авесто», «Бундаҳишн», «Шоҳнома» ва дигар асарҳои таърихии ориёӣ дар минтақаҳои Осиёи Миёна ишораҳо рафта буд. Ва ҳоло низ ба такрор аз чанде аз он номҳо боз ҳам чанд иловае илова хоҳад шуд. Ба Ирон ё Ориёно водии Лахш, Олой, қисмати ҷанубии водии Фарғона шомил буданд. Яман – қисмати ҷанубии водии Сарикӯл, Кобул – воқеъ дар шарқи

https://bikhon.tj

қаторкӯҳҳои Фарғона, Сақлоб, Мозандарон, Рум, Сагсор, Гургсор, дар қисматҳои шимолии қаторкӯҳҳои Тяншан воқеъ будаанд. Ҳинд – Бадахшон ва қисматҳои ғарбии Хитой, Кашмир – ҳоло шаҳри Тошқурғон дар ғарби Хитой, дар ғарби Хитой, Тозиён – қисмати ғарби ҷанубии кӯҳҳои Тяншан, Мой – номи маҳале дар Бадахшон. Тавре дида мешавад, қисми назарраси ин номҳо то ҳанӯз ошкор нашудаанд. Хусусан ҷойгоҳи Иронро на аз «Шоҳнома» на аз дигар адабиёт таъйин кардан имкон надорад. Воқеияти шахси Рустам танҳо дар натиҷаи дуруст таъйин намудани мавқеияти ҷуғрофии кишварҳои ориёинӣ, ҳамчунин ташхиси хатти сафарҳои паҳлавонону шоҳон муяссар мегардад.

Дар «Шоҳнома» нисбати ҷойгоҳи Албурзкӯҳ, Эрон, Зобул таъйиноти аниқе дода намешавад. Ҳаким Фирдавсӣ мабнӣ бар сарчашмаҳои қадим Албурз, Ҳинд, ҳамчунин Зобул, Систон ва Нимрӯзро дар мавқеиятҳои ҳамҷавор тасвир менамояд. Зобул дар «Шоҳнома» бори нахуст он гоҳ зикр мешавад, ки Сом Манучеҳрро аз пайдо кардани Сом писараш Золи Зар огоҳӣ медиҳад. «Зи Зобул ба шоҳ омад ин огоҳӣ» – ва дигар тафсилоте вуҷуд надорад. Шоҳ Манучеҳр писараш Нузарро барои табрики Сом ба Зобул мефиристад. Сом ва Зол ҳамроҳи шоҳ Нузар ба дидори Манучеҳр меоянд. Вале боз ҳам роҷеъ ба мавқеияти Зобул ва ҷойгоҳи Манучеҳр чизе гуфта намешавад. Ҳангоми бозгашт Сом ва Зол ба сарзамине бармегарданд, ки бо се ном Зобул – Нимрӯз – Систон ёд мешавад.

Сӯи Зобулистон ниҳоданд рӯй,
Назора бар ӯ бар ҳама шаҳру кӯй.
Чу омад ба наздикии Нимрӯз,
Хабар шуд зи солори гетифурӯз.
Биёроста Систон чун биҳишт,
Гилаш мушки соро буду зар-ш хишт.

https://bikhon.tj

Аксар вақт шоҳони иронӣ Сом, Зол ва Рустамро ду манзил, ки тақрибан 80 километр дар шумор аст, гусел менамуданд. Боре ҳангоме, ки Сом Золро ба подшоҳии Зобул гузошта, худ азми Гургсорону Мозандарон мекунад, Зол низ бо ӯ ду манзил – тақрибан 60-80 км. ба гусел мебарояд.

Бишуд Зол бо ӯ ду манзил ба роҳ,
Ба-д-он то падар чун гузорад сипоҳ.

Вақте Гев ва Рустам аз Зобул бо даъвати Кай Хусрав сӯи Эрон меоянд, аз миёни роҳ Гев пештар ҳаракат карда, шоҳро аз омадани Рустам огоҳ месозад. Вай ба назди шоҳ омада мегӯяд:

Ки ман омадам аз ду манзил ба пеш,
Ба огоҳ кардан сӯи шоҳи хеш.

Миёни Зобул (Систон, Нимрӯз) ва Эрон ҳафтрӯза яъне 280-300 километр аст. Боре ҳангоме, ки Кай Хусрав мехост тарки дунё кунад, эрониён ба назди Золу Рустам рафта, хоҳиш мекунад, ки онҳо шоҳро аз ин нияташ гардонанд. Золу Рустам бо шитоб дар шаш рӯз аз Зобул ба Эрон мерасанд.

Шашум ҳафтаро Золу Рустам ба ҳам
Расиданд бе кому дил пур зи ғам.
Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Ҳама доғдил пеш биштофтанд.

Ин масофа нисбати айнияти Эрон – ба Лахшу Олой ё ҷануби водии Фарғона ва Зобул-Бадахшон ё Кӯлоб мувофиқ меояд, ки тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад. Хеле имкон дорад, ки ин масофа дар нусхаҳои асли қиссаву ривоятҳо ҳамчун масофаи миёни Эрону Зобул зикр гардида, дар

https://bikhon.tj

«Шоҳнома» нусхабардорӣ гардидааст. Масофаи миёни минтақаҳои Эрон ва Систон-Зобул-Нимрӯз аз роҳҳои кӯҳии мустақим тақрибан 300 километрро ташкил медиҳад.

Ҳангоми меҳмонии Гуштосп дар Зобул Арҷосп ба Балх ҳуҷум мекунад. Ҳамсари Гуштосп либоси туркӣ ба бар карда, савори асп тозон роҳи Систонро пеш мегирад.

Аз охур чамон борае бар нишаст,
Ба кирдори туркон миёнро бубаст.
Аз айвон раҳи Систон баргирифт,
В-аз он корҳо монда андар шигифт.
Нахуфтӣ ба манзил чу бардоштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ.

Дар ин пора иқтибос низ тахминан масофаи миёни Эрон ва Систон-Зобул таъйин гашта, масофаи зикршударо тасдиқ менамояд.

Дар як ҷанги эрониён ва турониён, ки шикасти ирониён наздик аст, лашкариёни ironӣ ба афсӯс мегӯянд:

Таҳамтан ба Зобулситон асту Зол
Шавад шаҳри Эрон кунун толу мол.

Яъне масофаи миёни Эрон ва Зобул тавре гуфта шуд, як ҳафтаина роҳ буд ва рафту омад ду ҳафтаро дар бар мегирифт ва аз ин рӯ ташвиши ирониёнро фаҳмидан мумкин аст. Тавре дар мақолаи «Канобад (Конибодом) ва Райбад (Работ) дар «Шоҳнома» зикр шуда буд, аз Канобад – Конибодом ба самти шарқии Фарғона дар масофаи ҳафтрӯза роҳи савораи асп пойтахти Эрон воқеъ шуда буд, ки Кай Хусрав дар он шаҳр менишаст. Инак аз минтақаи Кӯлоб ё Бадахшон дар масофаи ҳафтрӯза роҳи савори асп ҳаракатро таъйин карда, дар нуқтаи бархӯрди ин ду масофа пойтахти шоҳнишини Эронро дарёфтан мумкин аст.

https://bikhon.tj

Ҳумон яке аз паҳлавонони туронӣ, ки ба назараш ғалаба наздик расидааст, лоф мезанад, ки сипоҳашро ба се гурӯҳ тақсим карда, чаҳор мулки асосии ирониён – Балх (воқеъ дар ғарби ҷанубии водии Фарғона), Кобул (шарқи қаторкӯҳи Фарғона), Зобул (воқеъ дар соҳилҳои руди Панҷ) ва Эронро (водиҳои Фарғонаву Олой) ба замин яксон мекунад:

Ба се баҳра ронам аз он пас сипоҳ,
Кунам рӯз бар шоҳи Эрон сиёҳ.
Яке баҳра з-эшон фиристам ба Балх,
Бар эрониён – бар кунам рӯз талх.
Дигар баҳра – бар сӯи Кобулситон,
Ба Кобул кашам хоки Зобулситон.
Саввум баҳра бар сӯи Эрон барам,
Зи туркон бузургону шерон барам.

Ҳангоме Бежан ба дасти Турониён ба асорат меафтад, боз ҳам Рустам бо даъвати шоҳи Эрон барои озод кардани ӯ ба Турон мешитобад. Рустам, ки ба сифати бозаргон тағйири либос карда буд, ба Манижа мегӯяд, ки ба Бежан бирасон, ки ӯ (яъне Рустам):

Зи Зобул ба Эрон, зи Эрон ба Тур
Зи баҳри ту паймуд ин роҳи дур. (ҷ.4 с.380)

Ин хатти ҳаракати Рустам ба шакли зайл сурат мегирад: Зобул (минтақаи Бадахшон) – Эрон (Лахшу Олой) – Турон (қисмати ғарбии Хитой). Ин хати ҳаракат як хати ҳаракати росту мустақим аст. Онро дар дигар маҳал татбиқ намудан имкон надорад. Агар ин ҳаракати Рустам аз Зобули кунунӣ дар Афғонистон ба Эрон ва баъд ба Турон сурат гирад, бояд роҳи давродавр тай карда шавад. Ин хати ҳаракатро низ худи Ҳаким Фирдавсӣ эҷод карда наметавонист, зеро тавре ки

https://bikhon.tj

қаблан гуфта шуд, ӯ аз мавқеияти аслии Эрон огоҳӣ надошт. Ва агар ӯ Эрони кунуниро дар назар медошт, хати ҳаракати Рустамро аз Зобули кунунӣ ба самти ғарб ва аз он ҷо дубора ба самти шарқ тасвир намекард. Вале азбаски дар сарчашмаҳои бостон ҳамин хати ҳаракат нишон дода шуда буд, ӯ низ онро бетағйир истифода намудааст.

Воқеияти шахсияти Рустам дар баробари он ки дар ҳодисаҳои муҳими миёни Эрону Турон ва дар таъйини мавқеияти ҷуғрофии кишварҳои «гумшуда» зоҳир мегардад, ҳамчунин дар ҷузъиёти зиндагии ӯ ва хусусиёти хоси маҳали Зобул – Нимрӯз – Систон тақвият меёбад. Яке аз чунин ҷузъиётҳо аз ҷониби Рустам фатҳ шудани диж дар кӯҳи Сипанд аст. Барои чунин амал Зол Рустамро мефармояд, ки худро ҳамчун бозаргон биорояд ва корвонеро бо бори намак ба сӯи дижи Сипанд бикашад.

Ба пушти шутур-бар намак дору бас,
Чунон рав, ки нашносат ҳеҷ кас,
Ки бори намак ҳаст он ҷо азиз,
Ба қиммат аз он беҳ надоранд чиз.

Рустам низ:

Ба бори намак-дар ниҳон кард гурз,
Барафрохта паҳлавон ёлу бурз,

ба роҳ мебарояд. Рустам бо корвони намак дохили диж рафта, шабона бо ҳарбе дижро тасарруф менамояд. Ин лаҳза агар решаи воқеӣ намедошт, Ҳаким Фирдавсӣ на бори намак, балки шояд бори дебои румӣ, ё дигар молро тасвир мекард. Намаки кӯҳи Хоҷа Муъмин, ки дар минтақаи Кӯлоб воқеъ аст, имкон дошт дар замони Рустам низ ба кишварҳои ҳамсоя бароварда мешуд. Яке аз ҷузъиётҳои дигар он аст, ки вақте Рустам Сиёвушро барои тарбия ба Зобул мебарад, Сиёвуш:

https://bikhon.tj

Гаҳе шод бар тахти Дастон будӣ,
Гаҳе дар шикори найистон будӣ.

Яъне Сиёвуши навҷавон гоҳе рӯи тахти Рустам мебаромад ва гоҳе ба шикори найзор мерафт. Ин ҷо низ агар асл ва воқеан найистон зикр намегардид, Ҳаким Фирдавсӣ ва муаллифони дигар асарҳо шояд барои шикор Сиёвушро ба дашт ва ё кӯҳ «мебурданд». Тавре маълум аст, имрӯз низ дар соҳилҳои дарёи Панҷ минтақаи Фархор ва ё минтақаи Колхозобод (Бешаи Палангон), ки дар соҳилҳои ин дарёҳо харобаҳои қалъаи Золи Зар боқӣ мондаанд, найистонҳои шикоргоҳе вуҷуд доранд.

Ҳамчунин дар таъйини мавқеияти Систон-Зобул-Нимрӯз ва тасдиқи шахсияти воқеӣ-таърихии Рустам муайян намудани ду кишвари ба ин минтақа ҳамҷавор – Ҳинд ва Ҳомоварон нақши равшан мебозад. Тавре тазаккур рафт, Ҳинд – Бҳаратаи замони ориёҳиндуҳо ва ориёирониҳо қисматҳои ҷанубии Бадахшони кунунӣ будааст.

Мувофиқи тазаккуроти «Шоҳнома» Ҳинд ҳангоми тақсимоти сарзаминҳо миёни писарони Фаридун ба Тур дода шуда буд. Аммо дар «Таърихи Систон» омадааст, ки Ҳинд ба Эраҷ дода шуда буд, ки ин гуфта бояд дуруст бошад. Зеро сарзаминҳои Тур аз минтақаи кунунии Тошканд (Чоч) оғоз мешуданд. Дар ҳар сурат Ҳинд дар «Шоҳнома», «Таърихи Систон» ва дигар асарҳои марбут ба таърихи ориёирониҳо ҳамин Бадахшони кунунист. Ҳинд (Бадахшон) ва Зобул-Систон-Нимрӯз (минтақаи Кӯлобу Бадахшон)-ро дар ҳамҷаворӣ гузошта, бисёр лаҳзаҳои норавшани адабиёти ориёҳиндиро ҳал кардан муяссар мегардад. Масалан, дар «Авесто» ин кишвар чунин ёдоварӣ гардидааст: «Он гоҳ меҳ аз он сӯи Ҳинд, аз кӯҳе, ки дар миёни дарёи Фарохкарт ҷой дорад, бархезад».[1] Ҳамчунин дар

[1] «Авесто», Душанбе, 2002, саҳ. 241.

https://bikhon.tj

«Бундаҳишн» омадааст. «Дар дин гӯяд, ки дарёи Фарохкард ба ноҳияти Нимрӯз канораи Албурз аст, ки як саввуми ин заминро дар бар дорад…» Агар тибқи мисолҳои болоӣ ва мувофиқи ҷуғрофияи имрӯза кишвари Ҳиндустон, дарёи Фарохкарт, кӯҳи Албурз ва ноҳияти Нимрӯзро дар ҳамҷаворӣ биҷӯем, аз пайдо кардани чунин ҷуғрофия ноумед шуда, онро ҳамчун «тасаввуроти ориёириониҳо» ё «номҳои асотирӣ» маънидод мекунем. Вале агар Ҳиндро дар Бадахшон, Албурзро кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ, қисмате аз дарёи Фарохкартро дарёи Панҷ ва Нимрӯзро ҳамчун минтақаи Бадахшону Кӯлоби кунунӣ бишиносем, воқеияти иқтибосот аз «Авесто» ва «Бундаҳишн» ошкор мегардад.

Дар «Таърихи Систон» омадааст, – «Афросиёб гурез гирифт ва ба сӯи Чин шуд ва аз он ҷо ба Ҳиндустон омад ва аз он ҷо ба Систон омад…» Дар ин мисол низ хати гурези Афросиёб – Чин (ғарби Хитой)-Ҳиндустон (ҷануби Бадахшон) – Систон (Бадахшон) воқеӣ ва имконпазир хоҳад буд.

Мутаассифона, ҷуғрофияи рӯйдодҳо ва кишварҳои «Шоҳнома» ва дигар адабиёти ориёиронӣ то кунун саҳеҳ омӯхта нашудааст ва он чи ки дар ин боб чанде донишмандон изҳори назар кардаанд, на ҳамеша ба воқеият баробар меояд. Онҳо аксаран Туронро дар сарзаминҳои соҳилҳои рости Амударё ва Иронро дар соҳилҳои чапи ин руд гуфтаанд. Инак дар силсиламақолаҳои ин муаллиф бори нахуст ҳам сарзаминҳои ironӣ ҳам сарзаминҳои тӯронӣ дар мавқеияти нав – минтақаҳои кунунии Тоҷикистон, водии Фарғона, ғарби Хитой, соҳилҳои кӯлҳои Иссиққӯл ва самти шимолии он таъйин мегарданд.

Қабули он ки Зобул-Систон-Нимрӯз ва аксари номҳои минтақаҳои Эрону Афғонистон ва Озарбойҷон дар нахуст дар минтақаҳои кунунии Тоҷикистон ва шимолу шарқии он воқеъ буданд, душвор, вале воқеият аст. Ҳамчунин қабули шахсияти воқеӣ – таърихӣ будани Рустам низ. Вале воқеият

https://bikhon.tj

ҳамин аст, ки дар «Шоҳнома» чунин ҳол дар ҳар лаҳзаи рӯйдодҳо дар нисбати Рустам эҳсос мегардад. Баъзан байтҳое, ки дар онҳо номҳои кишварҳо оварда шудаанд, бидуни огоҳӣ аз ҷуғрофияи аслиашон ба назар беробт менамоянд. Масалан:

Ба Ҳиндустон андар оташ фурӯз,
Ҳама кохи Меҳроби Кобул бисӯз.
Ба роҳе, ки шуд Рустами шермард,
Баромад зи Ҳинду зи Кашмир гард.

Кобул қисмати шарқу шимоли Бадахшон ва Ҳинд – қисмати ҷанубии он будаанд. Дар байти дуввум ҳаракат аз Барбар (сарзаминҳои резишгоҳи Сурхондарёи кунунӣ) ба сӯи қаторкӯҳҳои воқеъ дар шимоли Фарғона дар назар аст. Ҳинд ва Кашмир низ дар алоҳидагӣ номбар карда мешаванд, ки ба Ҳинд Бадахшон ва ба Кашмир дар Тошқӯрғони кунунӣ дар назар аст. Воқеан, дар «Таърихи Систон» ва адабиётҳои дигар омадааст, ки Кашмирро Рустам бунёд кардааст. Ва Кашмир на Кашмири дар Ҳиндустони кунунӣ, балки нахустин дар назар аст, ки шояд бо эҳтимоми Рустам обод шуда бошад.

Кишваре, ки дар мақолаи «Устод Шенраб…» бо номи Шанг-Шунг дар шарқу шимоли Тибет зикр гардида буд, дар «Шоҳнома» Шангон гуфта шудааст. Ин Шанг-Шунг низ як қисмати кишвари Таҷиг – Тагзиг – Тозиён буд. Вале баъдҳо вай ба тасарруфи туроиён даромад. Ҳангоми як ҷанг бо тӯроиён Рустам ба Руххом мегӯяд:

Ҳама покашон пеши Хусрав барем,
Зи Шангону Чин ҳадяи нав барем.

Агар худ Рустами воқеӣ-таърихӣ номи ин кишварро зикр намекард ва ин маънӣ тавассути қиссаву ривоятҳои

https://bikhon.tj

ориёиронӣ то замони муаллифи «Шоҳнома» намерасид, баъдҳо дар хаёли ҳеҷ як ровӣ намеомад, ки Шунгон, яъне Шанг-Шунг – ин кишвари дури фаромӯшшударо аз забони Рустам муаррифӣ намояд. Баъди як ғалаба дар ҷанги Тураниён Рустам

В-аз он ҷойгоҳ низ лашкар биронд,
Биёмад ба Суғду ду ҳафта бимонд
Ба нахчиру гуру ба май даст бурд,
Аз ин гуна якчанд хурду шумурд.

Ин ҷо низ агар воқеияти таърихӣ вуҷуд намедошт, зарурате набуд, ки гӯяндагон Рустамро барои шикори оҳу ба Суғд биёваранд. Хоса вақте ки дар замони рӯйдодҳои «Шоҳнома» Суғд низ на дар мавқеияти кунунияш, балки дар водии Фарғона, дар шимоли дарёи Сир, дар мавқеияти кунунии Ғовасой (аслан Гава-сой) воқеъ гаштааст. Ҳамин аст, ки ба навиштаи «Бундаҳишн» (ниг.) Арангруд, яъне Сирдарё аз канори Суғд низ мегузаштааст.

Яке аз ҳолатҳои дигар бандӣ шудани Ковус ба дасти шоҳи Ҳомоварон ва ӯро озод кардани Рустам мебошад. Боре Ковус ба нияти боҷ гирифтан аз кишварҳои тобеаш ба сафари ҳарбӣ мебарояд. Ӯ нахуст бо лашкараш:

Аз Эрон бишуд то ба Турону Чин,
Гузар кард аз он пас ба Мукронзамин.

Баъд:

Чунин ҳам гурозон ба Барбар шуданд,
Ҷаҳонҷӯй бо тоҷу афсар шуданд…
Чу омад-ш аз шаҳри Барбар гузар,
Суи кӯҳи Қоф омаду Бохтар…

Сипас:

Сипаҳро сӯи Зобулистон кашид,
Бе меҳмонии пури Дастон кашид.

https://bikhon.tj

Баъди чанде шоҳони Барбар, Миср ва Ҳомоварон ба муқобили Ковус меошӯбанд. Баъд шоҳи Ҳомоварон тобеияташро ба Ковус изҳор намуда, вайро дар пойтахти худ шаҳри Шоҳа меҳмонӣ ӯ мекунад. Ҳангоми шаб шоҳонии кишварҳои Барбар, Миср ва Шом ба Шоҳа ҳамла оварда Ковус ва дигар паҳлавонони ирониро ғафлатгир намуда, ба зиндон меандозад. Афросиёб аз ин хабар огоҳ шуда, ба Ирон ҳамла меоварад. Ӯ нахуст дар сари роҳаш кишвари Тозиёнро шикаст дода, вориди Эрони бесипоҳу лашкар мегардад. Рустам аз бандӣ шудани Ковус ва ҳуҷуми Афросиёб огоҳ мешавад. Ӯ нахуст дар Ҳомоварон бо муқобили се лашкар – Барбар, Миср ва Ҳомоварон ҷангида, Ковусро озод мекунад. Баъд ба Ковус ва гурдони эронӣ ба Эрон рафта, Афросиёбро шикаст медиҳад.

Аксари муҳаққиқин ҷуғрофияи ин рӯйдодҳоро чунин тасвир кардаанд: Ҳомоварон – дар қисмати шимолии Яман; Миср – Мисри кунунӣ; Барбар – Эфиопия (Ҳабашистон); Шом – Сурия; Зобулистон – минтақае дар Афғонистон; Эрон – Эрони кунунӣ; Турон – Мовароуннаҳр. Воқеан чунин парокандагии ҷуғрофӣ ҳар як шахсро ба ғайривоқеӣ будани он рӯйдодҳо бовар мекунонад. Хоса вақте Рустам аз Зобул ба воситаи Эроне, ки Афросиёб ишғол намудааст, гузашта, барои аз банд халос кардани Ковус ба Ҳомоварон – ин минтақаи Араб меояд, гумони хонанда бар асотир будани рӯйдодҳо ғолиб мешавад. Вале агар ин рӯйдодҳоро ба ҷуғрофияи аслиашон, ба мавқеиятҳое, ки мавриди назари мост, биёварем, воқеият равшан мешавад. Эрон: Лахш – Олой – ҷануби водии Фарғона; Зобул – Помир; Ҳомоварон – Ҳисор; Барбар – минтақае дар соҳилҳои руди Сурхондарё; Миср – номи шаҳре ё кишваре тақрибан дар ҷойи Самарқанди кунунӣ; Турон – самти шимоли минтақаи Тошканд; Бохтар – шарқи Фарғона; Қоф – қаторкӯҳи Тяншан, ки аз шимоли Фарғона қад кашидаанд.

https://bikhon.tj

Самти ҳаракат, мавқеият лашкари Мисру Барбар ба сӯи Ҳомоварон ба ҷанги Ковус чунин тасвир шудааст:

Яке бо гуҳар буду бо ганҷу ком,
Дурахше барафрохт аз Мисру Шом.
Ба дасти чапаш Мисру Барбар ба рост,
Зи роҳ дар миёна бар он сӯ ки хост.
Ба пеш андарун шаҳри Ҳомоварон,
Ба ҳар кишваре-дар сипоҳи гарон.

Яъне аз самти ғарб агар ба сӯи Ҳомоварон (водии Ҳисор) ҳаракат карда шавад, аз дасти чап Миср ва аз дасти рост Барбар (Сурхондарё) воқеъ хоҳад буд.

Оре, ҳангоме тасаввур мешавад, ки Рустам аз Зобул ҳаракат намуда, бо Барбар ва Миср, ки дар шимоли Африка, Ҳомоварон, ки дар даштҳои Арабистон воқеъ буданд, ҷангида, дар муддати кӯтоҳе ба Чин – Хитой расида, бо Афросиёб меҷангад, осонтарин роҳ он аст, ки ин ҳамаро афсона бишумарем. Охир ба ин хатти ҳаракат имрӯз тайёраҳои ҷангӣ низ расидагирӣ карда наметавонанд. Чунин ҷуғрофия Рустамро низ фасона месозад. Вале дар ҷуғрофияи воқеии ин рӯйдодҳо, ки манзур шуд, ҳам рӯйдодҳои «Шоҳнома» ва ҳам шахсияти Рустам ба воқеияти худ мерасанд.

Воқеияти Рустам ҳамчунин дар бисёр лаҳзаҳои рӯзгори писаронаш Суҳроб, Фаромарз низ эҳсос мегардад. Тавре маълум аст, Самангон дар шумори кишварҳои туронӣ воқеъ буд.

Вақте Рустам ба кини Сиёвуш лашкар мекашад, лашкари ӯ ба сарварии писараш Фаромарз ба сӯи Турон ҳаракат мекунад.

Ҳамерафт, то марзи Турон расид,
Ки аз дидагоҳ дидбонаш бидид.
Варозод шоҳи Сапеҷоб буд,
Миёни гавон дурри хушоб буд.

https://bikhon.tj

Инак марзи Турон дар ин ду байт саҳеҳ зикр гардидааст. Испеҷоб яке аз шаҳрҳоест, ки воқеъ дар шимолии Чимкенти кунунӣ буда, ҳоло Сайрам ном дорад. Дар иқтибоси болоӣ марзи Эрону Турон дар наздики Тошканди кунунӣ воқеъ гаштааст.

Яъне ба Сапеҷоб лашкар кашидани Фаромарз низ бояд воқеияти таърихӣ бошад, агар ин ҳол бофтаи ровиён буд, онҳо барои писари Рустами Дастон бояд як минтақаи овозадореро «пешниҳод» мекарданд. Баъди аз дасти турониён озод намудани Ҳиндустон (ҷанубӣ Бадахшон) Кай Хусрав ин сарзаминҳоро ба дасти писари Рустам Фаромарз медиҳад.

Дар боби «Фиристодани Кай Хусрав Рустамро ба замини Ҳинд» мавқеияти ҷуғрофии Ҳинд ва Зобул – Систон боз ҳам дақиқ рушан мегардад. Тавре маълум аст, ҳеҷ гоҳе Ҳиндустон ва Системи кунунӣ ҳамҷавор набуданд. Чунин ҳол барои Ҳаким Фирдавсӣ низ ошкор буд. Вале бо вуҷуди ин ӯ дар асоси достонҳои аслии ба дасташ расида, – Зобул-Систонро бо Ҳинд дар ҳамҷаворӣ ва ҳамчун сарзамини туронӣ қаламдод намудааст. Дар иқтибоси зер возеҳан ошкор мегардад, ки ин Ҳинд ҳеҷ гоҳ Ҳинди нимқора буда наметавонад:

Чунин гуфт Рустам ба шоҳи замин,
Ки: «Эй номбардори боофарин,
Бари Зобулистон яке шаҳр буд,
Ки он буму бар Тӯрро баҳр буд.
Манучеҳр кард он зи туркон тиҳӣ,
Яке хуб ҷоест бо фарраҳӣ.
Чу Ковус шуд бедилу пирсар,
Бияфтод аз ӯ ному фарру ҳунар.
Гирифтанд он шаҳр тӯрониён,
Пас он ҷо намонданд ирониён.
Кунун божу соваш ба Тӯрон баранд,
Суи шоҳи Эрон ҳаме нангаранд.

https://bikhon.tj

Фаровон дар он марз пил асту ганҷ,
Тани бегуноҳон аз ишон ба ранҷ.
Зи бас ғорату куштану тохтан,
Сар аз боди Тӯрон барафрохтан…
Чу он марз яксар ба даст оварем,
Ба Тӯронзамин мо шикаст оварем…»

Маълум мешавад, ҳангоми тақсимоти мулкҳо миёни писарони Фаридун Ҳинд – як қисмати Бадахшони кунунӣ дар қатори сарзаминҳои шарқии ин минтақа ба Тӯр дода шуда будаанд ва тавре ки аз забони Рустам изҳор мешавад, дар замони Кай Ковус ба дасти тӯрониён гузашта будааст. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин байн ин мулкро Манучеҳр боз ба Эрон ҳамроҳ намуда будааст. Дар посухи Кай Хусрав ба Рустам ишора шудааст, ки акнун Ҳинд-Бадахшон дар тобеияти Рустам қарор дорад:

Замине, ки пайвастаи марзи туст,
Баҳои замин дархӯри арзи туст.

Баъдан Ҳинд (ҷанубӣ Бадахшон)-ро Фаромарз – писари Рустам бо ҳидояти Кай Хусрав аз тӯрониён озод менамояд. Ҳамин тариқ, Ҳинд-Бадахшон (истилоҳи шартии мост – М.Ҳ.) бо мулкҳои Систон пайваст мешаванд. Кай Хусрав ба Фаромарз мегӯяд:

Ту фарзанди бедордил Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.
Кунун марзи Ҳиндустон мар турост,
Зи Қаннуҷ то Систон мар турост.

Инак баъди парокандагиҳои зиёде бо саъйи Рустам ва писараш боз ҳам кишварҳои эронӣ-туронӣ ба ҳам муттаҳид карда мешаванд. Дар ҳамин даврон буд, ки Рустам аз

https://bikhon.tj

соҳилҳои шимолии Сирдарё то соҳилҳои кӯли Балхаш ба Чину Мочину Хитой ҳафт сол подшоҳӣ мекунад. Дар ин миён вақте Рустам аз Турон ба Зобулистон меояд, Афросиёб ба гӯшаҳои дуртарин паноҳ бурда буд, сипоҳиёни парокандаашро ҷамъ оварида дар пайи ҳуҷум ба Эрон мешавад[1].

Аз рӯи ҳамин принсип аксари номҳои дар «Шоҳнома» фаромӯшшударо низ ошкор кардан муяссар аст. Тибқи ҳамин принсип маълум мегардад, ки «Сӯи Кобулу Дамбару Марғу Мой» рафтани Рустам низ аз рӯйдодҳое будааст, ки агар воқеяти таърихии он ошкор мегардад. Акнун ки мавқеияти нави (нахустини) ҷуғрофии Кобул таъйин гардид, Дамбару Марғу Мойро низ дар атрофи он бояд ҷуст. Марғ ба назар мерасад, ки номе дар шарқи Бадахшон бояд буда бошад. Ҳоло низ дар шарқу шимоли Бадахшон номи туркиолуди дарё – Маркансу дар ҳамон мавқеияте боқист, ки тахмини мавқеияти Марғу Дамбар ҳамон ҷост. Аз Дамбар то кунун нишоние дар ин ҷойгоҳ пайдо нагардид. Аммо аз он ки номи Дамбар дар нуқтаҳои дигари ҷуғрофӣ вуҷуд

[1] Тавре зикр шуда буд, муҳоҷирати ориёиҳо аз минтақаи Помиру Фарғона ва атрофи он ба самтҳои гуногун сурат гирифта буд ва аксари номҳои мушобеҳ дар дигар минтақаҳои Осиёву Аврупо ва ғайра аз ҳамин ҷойгоҳ кӯч карда буданд. Ва агар як ном дар Осиёи Пеш, Аврупо, Шимоли Осиё бо номе бо минтақаҳои Ирону Афғонистон мушобеҳ бошад, асли онро дар минтақаҳои Помиру Фарғона ва атрофи онҳо бояд суроғ кард. Зеро баъди муҳоҷирати ориёиронӣ минтақаҳои кунунии Ирону Афғонистон, Озарбойҷон ва Туркманистон нуқтаҳои охирини ин муҳоҷират буданд ва аз ин рӯ, номҳои маҳал ва ғайра аз ин манотиқ ба дигар ҷойҳо паҳн шуда наметавонист. Аз ин рӯ, ҳамчунин ду номе, ки аз онҳо сухан рафт, яъне Кобул ва Зобул агар дар кадом минтақаи дигари дунё ба назар расад, он ҳатман асари муҳоҷирати ориёӣ аз Помиру Фарғона аст, на аз Афғонистон. Ва дар «Библия» шаҳре бо номи «Ковул» (ба забони яҳудӣ – замини хушк) ва қавме бо номи «Зовулон» – «Зобул» («зобал» ба забони яҳудӣ – маъбад, ҷойгоҳ, ҳамчунин номи яке аз писарони Йаков) ба назар мерасад, ки чунин шабеҳияти номҳоро ҳоло ташхис кардан таҳқиқ мехоҳад. Вале маънои ориёӣ доштани аксари номҳои шаҳрҳои дар «Библия» воридшуда, тақозо менамояд, ки ин ду ном низ бо Кобул ва Зобул муқоиса карда шавад. Дар вилояти Омск низ маҳале бо номи Кавул ва дар уезди Вельский дарё ва маҳале бо номи Кубала боқист.

https://bikhon.tj

дорад, ки аз воқеияти ин номи ҷуғрофӣ дарак медиҳад. Масалан, маҳале то кунун дар Намангон бо номи Дамбар боқист. Ин ном метавонад ба гунаи Тамбар низ баргашт кунад, ки Тамбар дар вилояти Кемерево аз ҳамон шумор аст. Дар Бадахшон деҳаҳое бо номи Май ва Мой вуҷуд доранд. Кишвари дигари «Шоҳнома» Тамеша ҳоло низ бо номи Тамоша дар қисмати фарғонагии ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон ва Норван бо номи Норин дар ҷумҳурии мазкур боқист. Чунин номҳоро на ровиён, на госанҳо ва на Ҳаким Фирдасӣ ба достонҳои қадими ориёӣ илова карда наметавонистанд. Ин номҳо воқеияти таърихие буданд, ки шахсияти таърихии Рустам бо онҳо бархурд намуда буд.

Дар «Шоҳнома» дар мавқеияте, ки Зобул-Систон-Нимрӯз-Ҳирманд зикр гардидааст, як ҷойгоҳе бо номи Гуроба низ вуҷуд доштааст. Гуроба – ин дахмаест, ки, тибқи тавзеҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оромгоҳи падару бобоёни Рустам будааст.

Дар як ҷанги Эрону Турон лашкари эрониён шикаст хӯрда, шоҳ Нӯзар аз дасти Афросиёб дар Даҳистон – қисмати ҷанубии водии Фарғона ба асорати Афросиёб афтода, баъдан кушта мешавад. Ҳангоме Шаммосос ва Хазарвони туронӣ аз водии Фарғона ба воситаи Порс – водии Қаротегини кунунӣ ба Зобул – Бадахшон ҳамла меоваранд, падарарӯси Зол Меҳроб бо сипоҳи андаке, ки дошт наметавонист ба муқобили онҳо бичангад. Ӯ бо баҳонае онҳоро андармон карда, пинҳонӣ ба назди Зол, ки дар Гуроба[1] ба-

[1] Таҳлилу татбиқ ва муқоиса нишон медиҳад, ки Гуроба ҳамин Кулоби кунунист. Таҳқиқ ва омӯзиши номҳои зиёд собит менамоянд, ки вожаҳои Кулоб (Хатлон), Кулоба (Қаротегин), Кулоба – қӯрғони скифҳои асри IV дар Қрим, Куляба, Кулябино, Кулябовка дар Россия... бо баргашти овозии «г» ба «к» ва «р» ба «л» аз вожаи Гуроба шакл гирифтаанд. Кулоб ва Кулобаро дар бештар маврид бо манбаи обҳои истода – кӯл иртибот медиҳанд. Вале тавре аз номҳои кӯлҳои воқеӣ маълум мегардад, онҳо хусусиёти ҳолат ва исмҳои хосро муайян намудаанд, ки Искандаркӯл, Шӯркӯл, Қаракӯл, Кӯли Калон, Кӯлчашма ва ғайра дар ҳамин шуморанд. Таҳлили мушаххасоти номҳои аз кӯл ва об сохташуда

https://bikhon.tj

рои падараш Сом дахма месохт, қосид мефиристад.

Зи баҳри падар Зол бо сӯгу дард
Ба Гуроба андар ҳаме дахма кард.

Гуроба дар мавқеияте ҷой гирифта буд, ки аз маркази кишвари Зол ва Рустам дар фосила қарор дошт. Зол баъди чанде ба кӯмаки Меҳроб расида, ҳамроҳ бо Қорани эронӣ душманонро аз Зобул ва Порс дур мекунанд.

нишон медиҳад, ки онҳо ҳеҷ гоҳе дар иртиботи манбаи обҳои истода сохта нашудаанд. Нахуст, худи кӯл маънои манбаи оби истодаро дорад ва ба ҳамроҳ намудани «-об» дар он ниёзе нест ва ифодаи «кӯли об» мисли ифодаи дарёи об ва ё укёнуси об ғалати маҳз мебуд. Дуввум, масалан, дар деҳаи Кулоба ҳеҷ гоҳ кӯле вуҷуд надошт ва дошта наметавонист, зеро мавқеияташ ба чунин ҳол созгор нест. Сеюм, дар гӯишҳои мардумии маҳалҳое, ки ин номҳо вуҷуд доранд, об ба гунаи «ов» талаффуз мешавад ва дар он сурат бояд он номҳо Кулова ва Кулов номида мешуданд. Чаҳорум, скифҳои асри IV пеш аз милод дар Қрим қӯрғоншаҳри худро ҳеҷ гоҳе Кулоба номида наметавонистанд, зеро хусусиёти забонӣ, замонӣ ва макон ба ин чиз имкон намедод. Ва дар охир, дар Россия низ номҳои Куляба (Новосибирск ва Кыштовский) Кулябино (Удмуртия) ва Кулябовка (Тамбов ва Мучкапск) вуҷуд доранд, ки яқин ин вожаҳо аз «Гуроба» баргашт шудаанд. Ин вожа дар шакли Гуроб ва Гуроба ҳамчун номи яке аз шаҳрҳои машҳури Мисри қадим маълум аст. Ин шаҳр дар назди пирамидаҳои (аҳромҳои) Файюм воқеъ гашта будааст. Шаҳри Гуроба дар Мисри қадим бо тамаддуни инкишофёфтаи худ машҳур будааст. Дар папирусҳои сулолаи ХП Кахуна навиштаҷоте пайдо шудаанд, ки дар онҳо матнҳои тиббӣ, гимн дар васфи яке аз шоҳони он кишвар Сезостриси Ш, ки дар асри Х1Х то солшуморӣ ҳукумат доштааст, сабт гардидаанд. Яъне Гуробаи Миср низ ҳамчун оромгоҳи шоҳони он кишвар вуҷуд доштааст. Агар онро ба назар бигирем, ки тибқи таъйиди чанде аз олимони ориёишинос ориёиҳо дар ҳазораи 13 то солшуморӣ ба Миср муҳоҷират карда, шаҳр ва дахмаҳои худро шурӯъ аз ҳамон даврон эъмор намуда будаанд, пас чи гуна қадимият доштани вожаи Гуроба – Кулоб зоҳир мегардад. Дар қӯрғони скифҳои асри 1У то солшуморӣ дар Қрим низ дахмаи шоҳони скифӣ пайдо гардидааст. Скифҳо ҳамроҳ бо ҷасади шоҳонашон дар дахмаҳо силоҳи ҷангӣ, зару зевар ва то биступанҷ аспро кушта барои савории шоҳонашон дар он дунё мегузоштаанд. Инак аз тариқи вожаи «Гуроба» низ назари аз як макони таърихӣ ҳаракат намудани ориёӣ-сокоиҳо ба сарзаминҳои назди Баҳри Сиёҳ, Осиёи Пеш, Миср ва ғайра тақвият меёбад. Дар «Вис ва Ромин» низ аз шаҳрои Гуроба ёдоварӣ шудааст, ки тақрибан дар ҳамин ҷои Кӯлоби кунунист.

https://bikhon.tj

Дар «Шоҳнома» Рустами Дастон дар баробари ному насабаш бо тахаллусҳо низ ном бурда шудааст, ки яке аз онҳо Сагзӣ буда, аксаран аз ҷониби рақибонаш ба забон оварда шудааст. Масалан, қабл аз яке набардҳои бузург миёни ирониён ва тураниён паҳлавони туронӣ Комуси Кашонӣ мегӯяд:

Ҳамоно, ки он сагзии ҷангҷӯй,
Ки чандон ҳаме баршумурдӣ ту з-ӯй,
Пиёда ба-ин размгаҳ омадаст,
Ба ёрии эронсипаҳ омадаст.

Ҳамчунин ин ном аксаран бо тобиши маънои манфие зоҳир гардидааст. Ва дар чанд лаҳза Рустам низ аз сагзӣ гуфтани рақибонаш ошуфта гардидааст.

Маро ном Рустам кунад Золи Зар,
Ту Сагзӣ чаро хонӣ, эй бадгуҳар?

Ин мухотаб, яъне Сагзӣ, аз ҷониби Ҳаким Фирдавсӣ дар баробари дигар тахаллусҳои Рустам – Таҳамтан, Ҷаҳонпаҳлавон, пури Дастон ва ғайра истифода шудааст, масалан дар ин байтҳо:

Барошуфт бо Сагзӣ он номдор,
Забонро ба дашном бикшод хор.

ё

Ҳамон Рустами сагзии шердил
Ки аз теғи ӯ гашт гардун хиҷил.

Аксар донишмандон маънои вожаи сагзиро сокини кишвари Сакастон гуфтаанд, ки воқеият надорад. Агар Сакастон дар даврони рӯйдодҳои марбут ба Рустам вуҷуд надошт, пас сагзӣ низ имкони иртибот бо Сакастонро

https://bikhon.tj

надошт. Ин вожа бо калими «саг» низ ҳеҷ гуна иртиботе дошта наметавонист ва барои он ҳеҷ гуна ваҷҳи тасмияе вуҷуд надорад[1]. Пас чаро Рустами Сагзӣ? Барои ба ин савол посух додан ба замони чанде пештар ба даврони ориёҳиндуҳо, ки худ сокинони водии Фарғона ва минтақаҳои ҳамҷавор буданд, бояд рӯ оварад шавад. Дар даврони ориёҳиндуҳо аксаран дар баробари бо насаби падарӣ хондани фарзандон бо насаби модарӣ низ ном бурда мешуданд. Дар ин омил олимон мавҷудияти нишониҳои даврони модаршоҳиро мушоҳида намудаанд. Ориёэрониҳои даврони Рустам дар ҳамон минтақаҳое сукунат доштанд, ки ориёҳиндуҳои даврони Куру ва Панду мезистанд ва аз ин лиҳоз бисёр хусусиёт ва маросими ориёиҳои аввалӣ ба ориёиҳои баъдӣ нагузашта наметавонист. Ҳамин тариқ, Рустам низ дар баробари бо насаби падарӣ – Рустами Зол ва ё Рустами Дастон хонда шудан имкон дошт бо насаби қавмии

[1] Аммо барои муқоиса дар ин мавзӯъ шарҳи луғоти «Шоҳнома»-ро дар Интишороти «Беҳзод тасҳеҳи Жюл Мол, Теҳрон, 1375. пешниҳод менамоем: «Сагзӣ – Бумиёни Систон, ки якдаста аз гурӯҳи доҳ буданд. Доҳ гурӯҳе буданд аз орин, ки дар дашти Хоразм ҷой гирифтанд ва пас аз он дар канори ҷанубии дарёи Хазар ҷойгир шуданд, аз шарорати онон мардуми он бум ба сутӯҳ омада. Подшоҳи Эрон гурӯҳи даҳро пароканда сохта, як сад аз ононро ба Зобулистон кӯчонид ва ононро сагзӣ хонданд, яъне зисткунандагони монанди саг ва он заминро ки сагзиён сокин шуданд, Сагистон номиданд, ки мурраби он Саҷистон аст. Ва дашти Хоразм Доҳистон номида шуд, ки мухаффафи он Даҳистон ва акнун ба Даҳистон маъруф аст. Ва якдаста аз гурӯҳи даҳро дар замин ҷой доданд дар Табаристон ва он заминро Гург ва Гургсорон номиданд, яъне замине, ки сокинони он монанди Гург ҳастанд дар шарорат. Ва якдаста гурӯҳи даҳро аз руди Омӯй гузаронда дар Тоҳористон ҷой доранд ва он заминро Турон номиданд, яъне замини шағолон, чи дар порсӣ шағолро тура номанд ва Тур писари Афридун чун фармонфармоии он заминро дошт, ӯро Тур гуфтанд, яъне Туршоҳ чунон ки гӯянд Шервоноҳ, яъне шоҳи Шервон, Туршоҳ низ яъне шоҳи Тур ва якдаста гурӯҳи даҳро кӯчониданд ба пушти кӯҳи Қоф ва ононро низ Сагистон номиданд, ки ҳанӯз дар буми Урупо ба ҳамин ном зист кунанд. Аммо Рустам ва ниёконаш чун аз гурӯҳи Даҳ набуданд, сагзӣ ба шумор намерафтанд ва касе эшонро ба ин ном ёд намекард, магар дар ҳангоми дашном ва накӯҳиш. Ва ин хонаводаро бад меомад аз ин нисбат.

https://bikhon.tj

модарӣ низ хонда шавад. Вале тавре маълум аст, модари Рустам Рудоба ном дошт ва ӯ бо сагзӣ бояд иртибот дошта бошад. Барои равшан намудани ин масъала низ ба даврони боз ҳам қадимтар, ба даврони кишвари Тағиг (ниг. мақолаи «Кишвари Тоғиг») руҷӯъ менамоем. Сарчашмаҳои тибетӣ роҷеъ ба мавҷудияти Тағиг (Тоғик) ном кишвар дар ҳудуди ҳаждаҳ ҳазор сол пеш аз ин тазаккур намудаанд. Олмо Лунгринг як қисмати сарзаминеро бо номи Тағиг ташкил дода, дар Ҷамбудвипа воқеъ будааст. Ҳамин тариқ, тасвироти Олмо Лунгринг ва Ҷамбудвипа далолат бар он менамоянд, ки ҳар ду ин мулкҳо дар як мавқеияти ҷуғрофӣ воқеъ будаанд.

Тавре дар мақолаи мазкур зикр шуда буд, мавқеияти сукунати тозиён асосан қисмати шарқии қатокӯҳии Фарғона, ҳамчунин қисмати ғарбии кунунии Хитой, инчунин водии Сарикӯли кунунӣ, ки дар даврони ориёиҳои аввалия Яман номида мешуд, ба шумор мерафт. Аниқтараш нуфузи номи тозӣ – тагзӣ – тоҷик дар даврони рӯйдодҳои «Шоҳнома» дар ҳамин минтақаҳо бештар боқӣ монда буд. Тавре қаблан зикр шуда буд, зодгоҳи Ҷамшед водии Фарғона, яъне он ҷо ки сукунатгоҳи асосии тозиён – тагзигон будааст. Ва дар муколама бо Исфандиёр Рустам ба Ҷамшед кашидани Дастон, Сом, Наримон, Каримон, Гаршоспро дар ҳамин иртибот зоҳир намудааст. Рустам дар идомати муколамааш бо Исфандиёр аз нажоди модариаш низ ёдовар мешавад. Ӯ мегӯяд:

Ҳамон модарам духти Меҳроб буд,
К-аз ӯ кишвари Синд шодоб буд.
Ки Заҳҳок будаш ба панҷум падар,
Зи шоҳони гетӣ бароварда сар.
Нажоде аз ин номвартар кирост?
Хирадманд гардан напечад зи рост.

https://bikhon.tj

Мувофиқи тасаввурот аз замони Ҳаким Фирдавсӣ то кунун зери мафҳуми «тозӣ» қавми араб дар назар аст ва Заҳҳок низ аз қавми араб дониста шудааст. Модари Рустам – Рудоба духтари шоҳи Кобул ва Синд буд. Дар иқтибоси болоӣ ӯ шоҳи Синд низ гуфта шудааст, ки кишварҳои Кобул ва Синд ба мафҳумҳои мавқеияти имрӯзаашон чандон ба рӯйдоди воқеӣ мувофиқ намеоянд. Заҳҳок низ танҳо дар сурате метавонад аҷдоди панҷуми Меҳроб бошад, ки агар ӯ араб ва зодаи минтақаҳои арабӣ набошад. Вале агар кишвари Тозиён (шарқи водии Фарғона), Кобул, Синд (шарқии қаторкӯҳи Сарикӯл) дар ҳамҷаворӣ айният бидиҳем, Заҳҳокро на аз тоифаи араб, балки аз тоифаи ориёии кишвари Тозиён – Тагзиг – Таҷиг (Тазиг), инчунин Меҳробро низ аз ҳамин тоифа бидонем, воқеияти ҳол равшан мешавад. Акнун мебинем, ки Рустам аз ҷониби модарӣ хешованди Заҳҳоки тозӣ – тагзӣ ва Меҳробшоҳ, шоҳи Кобул (сарзамине дар шимолу шарқии пушти қаторкӯҳҳои Фарғона) ва Синд будааст. Яъне Заҳҳок ва Рустам шоҳони он минтақаҳое будаанд, ки қисматҳои асосии кишвари Таҷиг – Тагзикро ташкил медодаанд. Бегумон, дар даврони худ Заҳҳок ва Меҳроб тозӣ ё тагзиг номида мешудаанд. Вале оё тагзиг ё тозӣ бо сагзӣ иртиботе дошта метавонад? Ва асли гап низ дар ҳамин ҷост. Нахуст ин ки вожаи сагзӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ дар ду шакл – сагзӣ ва сагзик ифода шудааст. Дигар ин ки агар модари Рустам Рудоба, духтари Меҳроби тозӣ – тагзик аст, пас Рудоба низ тагзик аст ва Рустам тибқи анъанаи даврони ориёиҳои ҳиндӣ дар баробари насаби падарӣ – Рустами Дастон бо насаби модарӣ, ҳарчанд ки ин на мансубияти хонаводагӣ, балки мансубияти қавмист, – Рустами тагзиг ё тагзӣ бояд ном бурда мешуд. Дар адабиёти гуногуни ориёӣ роҷеъ ба шакли вожаи «тагзӣ» чандин мисолҳое пайдо кардан мумкин аст. Масалан, дар яке аз чунин навиштаҳо омадааст: «Писари Ҳушанг Таҳмурас 30 сол ҳукмронӣ кард. Девҳо ба ӯ хатти паҳлавӣ, форсӣ,

https://bikhon.tj

румӣ ва тагзиро ёд доданд». Роҷеъ ба кишвари Тоҷиг, тагзиг дар адабиёти тибетӣ на танҳо маълумоти фаровон боқӣ мондааст, балки яке аз вилоятҳои Тибет ҳоло низ Тагзӣ ном дорад. Бояд гуфт, ки дар бисёр мавридҳо дар вожаҳои гурӯҳи забонҳои ориёҳиндӣ чандин ҳарфҳо ба ҳам табдил мешаванд, ки дар он миён овози «с» ба «ҳ» ва «т» (ва д) ба «с» (з, ш) будааст[1]. Тибқи ин қоида вожаи «тагзӣ» ба «сагзӣ» баргашта, дар чанд маврид шакли аслиашро ба гунаи тазик – таҷик – тоҷик нигоҳ доштааст.

Ҳарчанд ҳадафи ин рисола дар оғоз матраҳ гардида буд, боз ҳам мухтасаран бояд ёдовар гардид, ки иддао он аст, ки рӯйдодҳои «Шоҳнома» дар иртибот ба даврони Пешдодиён ва Каёниён дар мавқеияти Помиру Фарғона ва минтақаҳои атрофашон собит гардад. Дар ҳамин замина воқеияти таърихии Рустами Достон ва аҷдоди ӯ, инчунин воқеияти аслии меҳани ӯ, ки як ҷузъи меҳани ориёӣ буд, бунёд меёбад…

[1] Дар боби табдили т (ва д) ба с (з ва ш) мисолҳо хеле фаровонанд, вале ин чанд намуна аз он миён интихоб карда мешавад, ки дар забонҳои санскрит, тоҷикӣ, паштунӣ, шуғнӣ ва чанде забонҳои дигари гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ вуҷуд доранд. Каюмар**т**ан – Каюмар**с,** **н**ипо**т**а – нува**с**а (набера), три – **с**ри (се), тевана – севана – (сӯзан), Нуа**т**ра – Нӯ**з**ар (яке аз шоҳони ирониӣ), Пор**т** – Пор**с,** Ар**т**а – Ар**с**а, Ар**с**ания (номи кишвар), Хванира**т** – Хванира**с** (Хунира**с**, Хуро**с**), го**т** – го**с**а, о**т**ар – о**з**ар, на**т**арван – на**ст**аран, да**т**(ра) – до**с**(**т**) дар ҳамин шуморанд.

https://bikhon.tj

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдул Ғафур. «Маҳди Ориян», маҷалла, Кобул, 1316, № 8.
2. Аркин Я.Г. «Пик Ленина».
3. «Асотири Чини бостон». М. 1987.
4. «Асрори кӯлҳои гумшудаи Муғулистон», (қисми 2).
5. «Астрономические сиддханты». SB 5.17.11р.
6. Браун Э. «Таърихи адабиёти Эрон» Теҳрон Т. 1335 ҷ. 1.
7. Бҳагавата-пуран
8. Бартольд В. «Сведения об Аральском море и низовьях Амударьи с древнейших времён до ХУП века». Сочинения, т. У, М. 1968, с. 24.
9. Берунӣ А. «Ҳинд».боби ХХУ.
10. Беруни А. «Индия». М.: Ладомир, 1995 г., 186.
11. Берунӣ А. «Осор-ул-бақия». Душанбе, 1973.
12. Безант Анни. «Ҳикмати бостон», Новосибирск, 1994.
13. Бичурин Н.Я., Отделение VI «Повествование о западном крае». Часть II.
14. Бичурин И.Я (Якинф) «Собрание сведение по исторической географии восточный и Средней Азии», Чебоксары, 1960, т. Ш.
15. Борисенко Е. П., Пасецкий В. М. «Тысячелетняя летопись необычайных явлений природы». М. 1988.
16. «Бундаҳишн». Теҳрон, 1378,бахши нуҳум.
17. Бюллетенҳои Бонпои П.
18. «В предгорьях Ферганского и Алайского хребтов». (witaim. ru› 2011 /12/v-predgorjah-hrebtov-1.html) интернет)

https://bikhon.tj

19. «Ваҳдат», ҳафтавор № 2, с. 2000.
20. «Велесова книга», дощечка 7 г.
21. Волков С. «Миф о Шанбале».
22. Ғафуров Б. «Тоҷикон». Душанбе, 1998.
23. «Древная Русь и славяне». М., «Наука». 1978.
24. Елизаренко Т. «Ригведо» – великое начало индийской литературы и культуры». М. 1989.
25. Ермакова Т.В…
26. «Зайн-ул-ахбор».
27. Замаровский В.0, «Пирамидаҳои пуршукӯҳ» М.1981.
28. «История государства Вэй, Тоба Вэй» – 386-534 гг.
29. Известия древних писателей греческих и латинских о Скифии и Кавказе, изд. В. В. Латышев, «Вестник древней истории». 1947—49.
30. Камолиддин Ш.С. «Древнетюркская топонимия Средней Азии». Т.: «Шарк». 2006 .
31. Камолиддин Ш. «Историческая география Согда и Тохаристана».
32. «Карнапарва».
33. Ковалёв Г.Ф. «История этнических русских названия».
34. Коллектив. «История Горно-Бадахшанской Автономной области». тт1,2.
35. Коллектив. «История таджикского народа». Душанбе, 1999.
36. Котельников А.Л. «Загадки похода Александара Македонского».
37. Коллектив. «Этнография».
38. Куечӣ Ҷ.С. «Ойин ва афсонаҳои Эрон ва Чини бостон».
39. Лавров М.В. «Туркистан, География и История края». М. 1914.

https://bikhon.tj

40. Липский В.И. «Горная Бухара» (Санкт-Петербург) 1902.
41. Марко Поло. «Книга о разнообразие мира» – боби L.
42. «Масолик-ал-мамолик».
43. «Маҳабҳарата», китоби панҷум. Удйогапарва.
44. «Мифи народов мира», т.I., т.II
45. Мурзаев Э.М. «География в названиях». – М., 1979, 1984.
46. Невелова С.Л. «Мифы древнего индийского эпоса».
47. Неъматов Н., «Давлати Сомониён».
48. Носирова Ф.Ю. «Бизнес и политика», газета, 30 авг. 2001 г.
49. Описание Западных земел Сюньцзана» (асри УП).
50. «Ош и Фергана в исторической перспективе», Бишкек, 2000.
51. «По Великому Шелковому пути» Алмаато, 1992,
52. Попов Б. «Сварга и Гиперборея».
53. Пьянков И.В. «Осиёи Миёна дар номаҳои бостон». 1991.
54. «Рамаяна».
55. «Ригведо», 1 33,7
56. Раҳмон Э. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орёӣ». «Ирфон», Д. 2006.
57. Ризвонов А., Абдуҷалилов Н. «Диёри қуллаҳо», 1991.
58. «Русский антропологический журнал». 1900, № 4.
59. «Русь: дорога из глубины тысячелетий».
60. Рерих Ю. Н. «Калачакра».
61. Садгуру Свами Вишнудевананда Гири (Свами Вишну Дэв) «Небесная Дивья Лока – Чистая страна».
62. Серика Е. «Скифы за Имаем горами», гл. 15, кн. VI.
63. Сикстель Т.А. и др. Стратиграфия континентальных отложений верхней перми и триаса Средней Азии. Тр. Ташкент. ГУ, нов.серия, вып.176, 1960;

https://bikhon.tj

64. Сикстель Т.А. О континентальных отложениях перми в Средней Азии. В кн. «Сборник научных трудов (к XXII сессии МКГ)», вып.4, Изд-во «Наука» УзССР, Ташкент, 1964;
65. Сочава А. В. Литология, стратиграфия и условия образования красноцветной формации мела Ферганы. Меловые континентальные отложения Ферганы. М.. Наука, 1965, с. 5-100.
66. «Страны и народы». 1990, с. 7.
67. «Стҳананга-Сутра». Анга-агамаи сеюм, ганадҳараи панҷум.
68. «Сурат-ул-арз».
69. «Тайна легендарной Гипербореи».
70. «Таърихи Табарӣ». Теҳрон – 1380/2001, с. 62.
71. Терентьев А.А. «Қомуси Бузурги Шӯравӣ».
72. Титов А. «Сибирь в XVIII веке». М., 1890.
73. Тилак Б.Г. «Арктическая родина в Ведах».
74. Толстов С.П. «Аз паи тамаддуни Хоразми қадим».1948.
75. «Тоҷикон дар қаламрави Орёно», пажӯҳиш ва таҳияи М.Шукурзода, «Деваштич». 2010.
76. Федоренко В.. «Арийские истоки».
77. Федорович Б. А. Некоторые основные положения о генезисе и развитии рельефа песков. «Изв. АН СССР», 1940, № 6.
78. Флорио Беневени. «Посланник Петра I на Востоке». М. Наука, 1986.
79. Фрай Ричард. «Мероси Осиёи Марказӣ».
80. Ҳамад С. «Бурхи Валӣ – дӯсти Худо», Душанбе, 2013.
81. Ҳеродот. «Таърих» 7, 61. М. «Ладомир».
82. «Ҳикмати бостон». Новосибирск, 1994.
83. Ҳотам М. «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012

https://bikhon.tj

84. Ҳотам М. «Орётоҷикон: 18 ҳазор сол пеш…». Деваштич, 2004.
85. Ҳотам М. «Эрони гумшуда», Душанбе, 2012.
86. Ҳотам М. «Ҳинди гумшуда», Душанбе, 2013.
87. Ҳотам М. «Ҳисор дар бомдоди таърих», Душанбе, 2013.
88. «Энсиклопедияи Советии Тоҷик», ҷилдҳои 1-8.
89. Чайковский А. П.. «Родина народов арийской расы».
90. «Чашми сеюм», София, 2000.
91. Шарифов Ҳ. «Тоҷикони бурунмарзӣ». Хуҷанд, 2005.
92. Шри Ауробиндо. «Тайна Веды». Перевод М.Л.Салганик В кн.: Шри Ауробиндо. Собр. соч., Т. 2., СПб.: «Адити». 2004.
93. Шри Вяса Двайпяна. «Шримад Бҳагаватам», китоби 5.
94. Шримад-Бҳагаватам Кришна.

https://bikhon.tj

СУРАТ ВА НАҚШАҲО



Сарзаминҳои Ҷамбу – Помир дар адабиёти ориёиҳиндӣ



Қаторкӯҳҳо Помирро ба 9 қисмат ҷудо кардаанд

https://bikhon.tj



Ҳудудҳои табии Помир ва баҳри хушкшуда (Лаванода – Оби шӯр) дар атрофи Ҷамбу – Зобул (Помир). Дар акси кайҳонии Помир барҷастагии мизмонанд бо қаторкӯҳҳои барфпӯш намоён аст. Ҳудудҳои табии Помир аз кайҳон ба хубӣ намудоранд. Дар акс ин минтақа яклухт метобад.

https://bikhon.tj

Кӯҳи Меру (Исмоили Сомонӣ) ва Ҷамбудвипа (Помир)
дар тасаввури ориёҳиндуҳо

https://bikhon.tj



Ҳаракати офтоб ҳангоми тулӯъ аз ҷануб ба шимол дар 6 моҳ ва аз шимол ба ҷануб дар 6 моҳ. Аз 21 март то 21 сентябр офтоб тарафи шимолии кӯҳи Меру ва аз 22 сентябр то 21 март паҳлуи ҷанубии ин кӯҳро равшанӣ мекунад. Офтоб 21 март ва 21 сентябр дар ростои қулаи Меру – Исмоили Сомонӣ қарор мегирад.



Пурвавидеҳа – кишвари нахустини ориёҳиндӣ, ки мутобиқи навиштаи адабиёти ориёӣ шакли парандаро дорад – Помир ва кӯҳҳои Ҳимолойи кунунӣ (расми кайҳонӣ)

https://bikhon.tj



Нақши баҳри хушкшуда (баҳри Шарқӣ) дар ҷои биёбони Такла макон, ки дарёи Сарасвати (Торим) ба он мерехт (акси кайҳонӣ). Ин баҳр дар «Шоҳнома» бо номҳои Оби Зиреҳ, Оби Шаҳд зикр шудааст. Кайхусрав ба таъқиби Афросиёб аз ҳамин баҳр гузашта буд.

Сарзаминҳои таърихӣ-ривоятии Помир

https://bikhon.tj

Қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ; Меруи «Маҳабҳарата» ва Албурз – Ҳукари «Авесто». Дар болои ин қулла Биҳишти Браҳма ва шаҳри Индраи ориёиҳиндуҳо воқеъ гардидааст; дар оини аҳуроӣ роҳ ба сӯи биҳишт аз ин ҷо оғоз гардида, як нӯги Чинводпул дар болои ин қулла гузошта шудааст. (нӯги дигари ин пул дар болои қуллаи Арзур Грева – ба номи Сино қарор дорад).

Арзур Грева қуллаи Ибни Сино
(«мисли шамшери мутамоил» – «Бундаҳишн»)

https://bikhon.tj

Қуллаи Ибни Сино – чакоди Арзур Грева – Доитиё – «мисли шамшери мутамоил» (Бундаҳишн): дар бовари ориёиҳо як нӯги Чинводпул ба ин қулла гузошта шуда, роҳ ба сӯи биҳишт аз он ҷо оғоз мешудааст..

Қуллаи Исмоили Сомонӣ. Намуд аз қаторкӯҳи Заалай. Дар бовари ориёиҳо Чинводпул миёни қуллаи Арзур Грева (қаторкӯҳи Заалай, қуллаи Ибни Сино) ва Ҳугари Албурз (Исмоили Сомонӣ) воқеъ гаштааст…

https://bikhon.tj

Қаторкӯҳи Заалай (Чакоди Даити. Тири тарозуи Рашн)
Қуллаи Ибни Сино. (Арзур Грева)

Водии Олой – Эронвиҷ

https://bikhon.tj



16 кишвари Аҳуроофарида ва баъзе кишварҳои дигар, ки дар «Шоҳнома» зикр шудаанд.



Ҳафт кишвари ориёэронӣ 1. Хуросон (Аризаҳи). 2. Ховар – Шом (Саваҳӣ). 3-4. Руму Бохтар (Воврубарашт, Вовруҷарашт). 5-6. Нимрӯз (Видадафшу, Фрададфшу) 7. Эроншаҳр (Хунирас)

https://bikhon.tj



Нақшаи ҳаракати Фаридун аз Албурз чиҳати саркӯб кардани Заҳҳок, бандӣ кардан ӯро дар Дамбованд ва омадан ба пойтахти наваш Ирон Таҳмеша
(Дар ҳамсойа нишон макарҳо ба шаҳри вирӯзшаҳри имрӯзаи ноҳияти пудааст)



Гардиши Кайковус дар қаламрави кишвараш; ҳуҷуми шоҳони Барбар, Миср ва Шом; бандӣ шудани Кайковус дар Ҳомоварон; ҳуҷуми Афросиёб ба Эрон; озод намудани Рустам Кайковусро аз зиндони Ҳомоварон; шикаст додани Рустам Афросиёбро дар Эрон.

https://bikhon.tj

МУНДАРИҶА

Бадахшон ... 3
Оре, таърихи гумшуда! ... 4
Помир Нахустмеҳани башарият ... 11
Биҳишти гумшуда ... 19
Чаҳор дарё ... 27
Аз «Ригведо» то «Авесто» ... 30
Ривояти офариниш ... 38
Баҳру кӯлҳои гумшуда ... 43
Уқёнуси Лаванода – Оби шӯр ... 51
Уқёнуси Бузург (Ҷаҳонӣ) ... 54
Уқёнуси ҷанубӣ ... 57
Уқёнусҳо, ҷазираҳо ... 59
Меру-Упа-Меру, Помир ... 60
Се дунё. Дунёи миёна ... 69
Миёни ҷаҳон ... 71
Нофи замин ... 72
Қутб. Ситораи қутбӣ. Маркази дунё ... 76
Кишвари Тоҷик ... 78
Ҳинд ... 102
Пурвавидеҳа ... 104
Ҷамбудвипа (Помир) ... 107
Мулкҳои Ҷамбудвипа ... 116
Бҳарата ... 117
Кимпуруша ... 123
Ҳариварша ... 124
Илаврита ... 124
Рамяка ва Хиранмая ... 125
Кетумалаварша ... 126
Бҳадарварша ... 127
Ариварта ... 128
Шаҷараи шоҳони сулолаи қамарӣ ... 132
Манасоттара – Сауманас – Мануш ... 134

https://bikhon.tj

Кӯҳҳои Ҷамбудвипа 141
Қӯҳҳои Помир бо қуллаҳои баландтаринашон 143
Руди Ганг 146
Стҳананга-Сутра 158
Сарасвати 183
Йама – Ҷамшед 190
Мулкҳои Индра 192
Ману 195
Сарандеб 198
Мандара 201
Шамбала 204
Бурхи Валӣ 226
Карон 232
Тамисра 235
Помир дар сарчашмаҳои ориёнӣ 239
Шонздаь кишвари Аҳуроофарида 239
Ҳафт кишвари ориёнӣ 239
Ҳафт кишвар 240
Аризаҳӣ 242
Хуросон 243
Хунирас – Хванирас – Эроншаҳр 247
Саваҳӣ 251
Ховар 252
Шом 253
Воврубарашт, Вовруҷарашт – Рум 254
Бохтар 257
Видадафш, Фрададафш – Нимрӯз 259
Нимрӯз 260
Ориёно – Эронвиҷ 265
Эронвиҷ ва Айравата-Аряварта 277
Эронвиҷ сарзамини воқеӣ 282
Эронвиҷ дар миёни ҷаҳон аст 284
Чаро Даити? 286
Чакоди Даити қаторкӯҳи Заалай аст 289

https://bikhon.tj

Даитйа Вангаҳу руди Қизилсу 291
Албурз, Тираки Албурз ва Эронвиҷ 296
Гупатшоҳ ва Эронвиҷ 301
Каюмарс ва Эронвиҷ 305
Замони Эронвиҷ 306
Дигар хусусиёти Эронвиҷ 311
Эронвиҷ дар «Шоҳнома» 315
Мауру – Марғ (Мӯру) 321
Ваюкерета 331
Урва 336
Ҳарахватии зебо 339
Ҳаетумант – Ҳирманд – Ҳилманд – Ҳендманд 350
Роға – Зодгоҳи Зардушт 355
Систон 366
Зобул, Зобулистон 374
Ҳинд дар «Шоҳнома» 380
Отарподгон 395
Кашмир 399
Мукрон 409
Синд 411
Кангдижҳо 416
Канги Афросиёб 417
Тозиён 424
Яман 433
Дар бораи кӯҳҳо 439
Албурз – Ҳара Баразайт 444
Ҳугар, Ҳукаря 454
Тирг, Тираки Албурз 456
Усиндомкӯҳ 460
Ерезифя 461
Ушдоштор 462
Бағгир, Дорспед 462
Андаркандиз 464
Сапедкӯҳ – Спитагауна 464

https://bikhon.tj

Аснавант –Аснунд 465
Кадарвасп 466
Куирос 467
Калот, Ровагбашн, Заровад 467
Саблон 467
Аҳурна 468
Реванд 468
Гунобадкӯҳ 469
Испандиёр 469
Дигар кӯҳҳо 469
Дар бораи рудҳо 470
Веҳруд – Веҳ, Меҳронруд 472
Марврyд 476
Сапедруд 476
Заҳобак 476
Дороҷаруд, Дареҷа 477
Ватангуҳаитӣ 478
Ҳашт руде, ки ба кӯли Суман мерезанд 478
Новток 480
Аредви (Сура) 480
Меҳнруд-Чаҳрумеҳноб 482
Дар бораи дарёҳо 483
Ворукаша (Фарохкард) 485
Киёнса – Ҳомун (Суман – Яшилкӯл) 491
Чайчаст (Қаракӯл) 495
Фраздон, Фарaздану (Рангкӯл) 501
Хусрав 503
Субар 504
Урвиш 505
Лахш бахше аз Помир аст 506
Рустами Достон ва меҳани ӯ 517
Адабиёти истифодашуда 573
Сурат ва нақшаҳо 578

https://bikhon.tj

Бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.

Муҳтарам Ҳотам

ПОМИР: ТАЪРИХИ ГУМШУДА

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири сафҳабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчин *Шаҳина Давлатова*
Нақшаҳо аз муаллиф

Ба матбаа 02.01.2018 супурда шуд.
Чопаш 09.01.2018 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16
Ҷузъи чопӣ 37,0. Адади нашр 220 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи «Нашри Мубориз» чоп шудааст.

https://bikhon.tj